Т. Н. ЗИЁЗОДА

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Нашри 2-юм**

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст

«Комбинати полиграфии ш. Душанбе»
2013

ББК 63.3 (0) 5 Я 72
З-57

**Зиёзода Т. Н.** Таърихи умумӣ. Давраи 2-юм: синфи 8.- Душанбе: Комбинати полиграфӣ, 2013.-336 саҳ.

**Муҳаррири масъул:** Сайфуллоҳ Маҳкамов

Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**Омӯзгорони муҳтарам!**

**Хоҳишмандем, фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе: кӯчаи Айнӣ, 45, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ирсол намоед.**

**ISBN 978-99947-944-0-9**

**© «Комбинати полиграфӣ», 2013**

лию озодихоҳӣ вусъат ёфта, онҳоро сол то сол заифтар мегардониданд.

Дар марҳалаи нави таърихӣ давлатҳои империалистӣ дар сиёсати хориҷиашон якка-якка ба мақсадҳои империи худ ноил шуда наметавонистанд. Аз ҳамин сабаб, гурӯҳбандиҳои ҳарбию сиёсии «Антанта» ва «Иттифоқи Сегона» ташкил меёбанд. Мақсади онҳо аз нав тақсим кардани ҷаҳони аллакай тақсимкардашуда буд. Солҳои 1914-1918 ҷанги байни ин ду паймон ба амал омада, талафоти бузурги то ҳол диданашудаи ҷонию молӣ ба бор овард.

Дар давраи дуюми таърихи нав тараққиёти мамлакатҳои ҷаҳон як хел сурат нагирифт. Нисбат ба давлатҳои дигар давлатҳои Аврупо хеле пеш рафта буданд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико низ ба онҳо расида гирифта буд. Лекин давлатҳои Осиё ва Африқо ҳанӯз марҳалаи тосармоядориро аз сар мегузарониданд. Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ бошанд, акнун ба давраи сармоядорӣ ворид мешуданд. Тобеият ба мамлакатҳои абарқудрат имконият намедод, ки мамлакатҳои Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ тезтар тараққӣ карда, ба мамлакатҳои пешқадами Аврупо ва ИМА расида гиранд.

Империяҳои мустамликавӣ дар мустамликаҳои худ сиёсати горатгаронаро амалӣ мекарданд. Зарурат ба даромад давлатҳои мустамликадорро водор менамуд, ки дар мустамликаҳояшон корхонаҳои саноатию роҳҳои оҳан сохта, муносибатҳои пулию молии онҳоро ба нафъи худ ба роҳ монанд. Пешрафти сармоядорӣ дар мустамликаҳо ва тарзи идоракунии онҳо ба эҳтиёҷоти соҳибони мустамликаҳо мувофиқ кунонида шуда буданд.

Дар ин китоби дарсӣ мавзӯъҳои дар боло зикрёфта ва масъалаҳои дигари марбути таърихи нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX ба таваҷҷуҳи хонандагони синфи 8-ум пешниҳод карда мешаванд.

# БОБИ I
# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## §1. МАМЛАКАТҲОИ ИМПЕРИАЛИСТӢ ДАР РОҲИ АЗ НАВ ТАҚСИМ КАРДАНИ ҶАҲОН

**Шиддат ёфтани зиддиятхо дар байни мамлакатҳои империалистӣ.** Империализм зиддиятҳоеро, ки пештар дар байни мамлакатҳои пурқуввати ҷаҳон мавҷуд буданд, бартараф накард. Баръакс, дар ин давра онҳо боз ҳам тезу тундтар шуданд. Ба сиёсати хориҷии мамлакатҳои сармоядорӣ ширкатҳои инҳисории пуриқтидор таъсири калон мерасониданд. Давлатҳои империалистӣ супориши онҳоро иҷро мекарданд. Ҳар яке аз ин мамлакатҳо кӯшиш ба харҷ медод, ки мамлакатҳои бештарро ба мустамлика табдил дода, бо ҳамин таъсири худро дар ҷаҳон мустаҳкамтар кунад.

Барои он ки чунин сиёсат аз тарафи халқ дастгирӣ шавад, доираҳои ҳукмрон мақсадҳои сармоядоронро умумимиллӣ эълон мекарданд. Дар зери шиори пойдор гардонидани истиқлолияти миллӣ миллатчигиро авҷ медоданд. Дар қалби мардум нисбат ба халқҳои дигар кинаю адоват мепарвариданд. Миллати худро нажоди баландтар ҳисобида, мегуфтанд, ки онҳо ҳуқуқи маънавӣ доранд мамлакатҳои ақибмондаро ба мустамликаҳои худ табдил дода, аз болои онҳо ҳукм ронанд.

Сармоядорон аз ҳисоби горат кардани мустамликаҳо даромади калони бедардимиён ба даст медароварданд. Барои ба тарафи худ кашидани мардум баъзан қисми даромадро ба онҳо ҳам медоданд. Ин системаи гумроҳкунии омма ба сармоядорон имконият медод, ки халқро ҳамчун олоти сиёсати горатгаронаи хориҷии худ истифода баранд.

Давлатҳои империалистии Олмон, ИМА, Англия, Фаронса, Русия ва Ҷопон ба тобеъ кунонидани мамлакатҳои сусттараққикарда қонеъ нашуда, ба тақсимоти мустамликаҳои мамлакатҳои дигар муваффақ шудан мехостанд. Империяҳои мустамликавии дерина бошанд, ҳеҷ гоҳ розӣ шуда наметавонистанд, ки мустамликаҳои як вақтҳо ба даст даровардаашонро акнун мамлакатҳои пурзӯри замон кашида гиранд.

Мамлакатҳои империалистӣ ҷидду ҷаҳд мекарданд, ки сармояи бо роҳи ғорат кардани дигар мамлакатҳо ба даст даровардаашонро боз ҳам афзунтар гардонанд. Бо ҳамин сабабҳо, онҳо ба тақсими нави ҷаҳон сар карданд. Ин иқдом ба муборизаи шадиди байниҳамдигарии мамлакатҳои империалистӣ оварда расонд.

**Шиддат ёфтани муносибатҳо дар байни Англия ва Олмон.**

Империализми Англия дар нимаи дуюми асри XIX ҳис кард, ки аз мамлакатҳои дигари сармоядорӣ ақиб мондааст. Ба ҳар ҳол, тамоми қуввaю воситаҳоро ба кор мебурд, то ки дар ҷаҳон мавқеи пештараашро аз даст надиҳад. Вале ин кор барои Англия сол то сол мушкилтар мегардид.

Сармоядорони Англия, ки дар истеҳсолоти саноатӣ дар ҷаҳон ҳукмронии худро аллакай аз даст дода буданд, мехостанд, ки қусури ин бохтро аз ҳисоби мустамликаҳо бароранд. Вале ин кори осон набуд. Ба империализми Англия мамлакатҳои дигари пешқадами сармоядорӣ, пеш аз ҳама Олмон, сахт рақобат мекарданд.

Дар миёнаи солҳои 90-ум зиддиятҳои байни Англия ва Олмон бо тезӣ шиддат меёфтанд. Дар ҳама ҷо ва бо ҳар роҳу восита



**Харитаи сиёсии ҷаҳон дар охири асри XIX-аввали асри XX**

Олмон ба сиёсати мустамликазабткунии Англия халал мерасонд. Яке аз минтақаҳои зиддияти Англия ва Олмон Африқои Ҷанубӣ гардид. Дар ин ҷо Олмон ба он муваффақ шудан мехост, ки Англия мамлакати Бурҳоро ба зери дасти худ даровардан натавонад, лекин ин кор ба ӯ муяссар нашуд.

Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна ҳам дар доираи зиддиятҳои ин ду давлати империалистӣ буданд. Соли 1898 шоҳи Олмон Вилгелми II ба Константинопол ташриф овард. Султони Туркия ба меҳмони худ ваъда дод, ки бо сармоядорони Олмон барои сохтани роҳи оҳани Багдод конгрессия медиҳад. Воридшавии Олмонро ба Туркия Англия ҳамчун хавф ба манфиатҳои хеш дар мамлакатҳои Шарқ ҳисобид. Бо ҳамин сабаб, худи ҳамон сол Олмон барои ташкил карданы флоти пурзӯри ҳарбии баҳрии худ шурӯъ кард. Дере нагузашта, дар ин бобат Олмон аз Англия пеш гузашт. Баъди ин, зиддиятҳои байни Англияю Олмон боз ҳам оштинопазиртар гардиданд. Вале дар чунин шароити номусоид Англия наметавонист, ки бо Олмон ҷанг сар кунад. Мубориза бар зидди Русия дар Шарқи Дур ва бо Фаронса дар Африқо вайро аз ин роҳ бозмедошт. Бо Олмон то вақти муайяне муросо кардан лозим меомад, зеро ин вақт муқобили Бурҳо қувваи зиёди ҳарбии Англия андармон шуда буд. Барои ҳамин, вақте ки Русия Порт-Артурро аз Чин иҷора гирифт, вазири мустамликаҳои Англия Ҷозеф Чемберлен ҳатто ба дипломатҳои Олмон сохтакорона ҳам бошад, дар бораи иттифоқи англоолмонии зидди Русия гуфтушунид карда буд.

Ҳукуматдорони Олмон соли 1905 бо сардории садри Ситоди кулли нерӯҳои мусаллаҳи мамлакат А. Шлиффен нақшаи ҷангро кашиданд. Ин ҷанг бояд дар ду ҷабҳа сурат мегирифт – дар Ғарб бар зидди Фаронса ва дар Шарқ бар зидди Русия.

**Забткориҳои империализми Фаронса.** Империализми Фаронса мехост, ки ҳам аз Олмон қасди дар ҷанги солҳои 1870-1871 шикастхӯрдаашро бигирад ва ҳам ин рақиби асосии худро заиф гардонад.

Ба Фаронса муяссар гардид, ки тавассути силоҳ Тунис, қисми Африқои Шимолу Ғарбӣ, Мадагаскар, қисми Сомалӣ ва Ҳиндучинро забт кунад. Дар нимаи дуюми солҳои 90-уми асри XIX ва ибтидои асри XX Фаронса дар забткориҳои африқоии

худ ба муқобилияти сахти Англия дучор гардид. Камқувватии худро ҳис намуда, империализми Фаронса ҳаракат мекард, ки муносибатҳояшро бо ин мамлакат тезутунд накунад. Фаронса Олмонро душмани рақами яки худ меҳисобид. Агар муносибатҳояшро бо Англия вайрон мекард, пас бар зидди Олмон мубориза бурда наметавонист. Ин аст, ки Фаронса дар мустамликазабткунӣ муносибатҳои худро бо Англия ба чавкоти муросо даровард. Аз ҳамин сабаб, Фаронса дар Африқо ба он борҳо гузашт карда буд. Ба Фаронса муяссар гардид, ки бо ҳамин роҳ Марокашро забт кунад. Ин восита ба Фаронса барои ба даст даровардани Камбоҷа, Лаос, Ветнам (Тонкин ва Аннам) ва ҷазираҳои зиёди укёнуси Ором ҳам хизмат кард.

**Ду ҷанги Русия бар зидди Туркия.** Ҷанги солҳои 1853-1856 дар байни Русия ва Туркия «Ҷанги Крим» ном гирифтааст. Русия дар зарфи садҳо сол мақсад дошт, ки нимҷазираи Қрим ва баҳри Сиёҳро ба даст дарорад. Вале дар ин ҷанг Туркия бо ёрии Англия ва Фаронса бар Русия галаба кард ва моҳҳои феврал-марти соли 1856 барои бастани Созишномаи сулҳ дар байни ин ду давлат дар шаҳри Париж конгресси дипломатӣ баргузор гардид. Мувофиқи шартҳои аҳдномаи сулҳи Париж Русия аз баҳри даъвоҳои худ гузашт. Туркия бошад, мавқеи худро дар соҳилҳои шимолӣ ва шарқии баҳри  Сиёҳ боз ҳам мустаҳкамтар кард.

Моҳи апрели соли 1877 ҷанги нави Русияю Туркия огоз ёфт. Амалиётҳои ҳарбӣ дар ду ҷабҳа – дар Балкан ва Қафқоз ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар баҳри Сиёҳ сурат гирифтанд. Русия бо баҳонаи ёрӣ ба муборизаи озодихоҳонаи славянҳои нимҷазираи Балкан хост, ки мавқеи худро дар ин ҷо мустаҳкам карда, ба рақиби деринаи худ – Туркия шикаст диҳад.

Дар ин ҷанг русҳо дастболо шуданд ва 3 марти соли 1878 дар маҳаллаи Сан-Стефанои наздикии Константинопол дар байни Туркия ва Русия шартномаи сулҳ ба имзо расид. Мувофиқи он Сербия ва Руминия истиқлолият ба даст даровbooked.

Сан-Стефано баргузор гардид, аксарияти музаффариятҳои Русияро барбод дод.

**Балкан-минтақаи муқовимати давлатҳои империалистӣ.**

Қисми зиёди нимҷазираи Балкан дар дасти Туркияи феодалӣ буд. Австро-Венгрия ҳам ният дошт, ки ба ин нимҷазира сар дарорад. Халқҳои Балкан барои истиқлолияти худ мубориза мебурданд. Лекин ба онҳо на танҳо Туркия, балки Олмон ва Австро-Венгрия ҳам монеъ мешуданд.

Сармоядорони Олмон аз сулолаи Габбсбургҳо, ки ҳукмрони Австро-Венгрия буданд, талаб мекарданд, ки дар Балкан сиёсати забткорӣ пеш бурда шавад. Соли 1908 Австро-Венгрия Салоникаро забт карда, барои худ ба Баҳри Эгей роҳ кушод.

Қаблан шоҳи Сербия ҷонибдори Австро-Венгрия буд, вале баъди он, ки соли 1903 дар мамлакати славянии Балкан табаддулоти давлатӣ ба амал омад, вазъият тағйир ёфт. Сербия ба дӯстӣ бо Русия майл кард. Халқи серб барои аз зери ҳукмронии иқтисодии Австро-Венгрия озод шудани ватани худ муборизаи озодихоҳонаро пеш гирифт.

Баъди забти Салоника Австро-Венгрия мавқеи худро дар Балкан боз ҳам мустаҳкамтар карданӣ буд. Он рӯирост ба забти мамлакатҳои Балкан сар кард. Австро-Венгрия соли 1909 аз Сербия Босния ва Ҳерсоговинаро кашида гирифт. Олмон бошад, ба Балкан сар даровардани иттифоқчии худро дастгирӣ намуд. Вай инро воситаи дар Балкан сустгардонии мавқеи Туркия ҳам меҳисобид. Русия бошад, муборизаи озодихоҳонаи славянҳои ҷанубиро дастгирӣ кард. Вай муқобили дар Балкан мустаҳкам гардидани мавқеи Австро-Венгрия ва Олмон буд. Италия ҳам дар ин ҷо манфиатҳои худро дошт. Соли 1900 ин давлат ҳатто бо роҳи ҳарбӣ Триполитанияро аз Туркия кашида гирифт. Соли 1912 Туркия хост, ки бо роҳи зӯрӣ онро аз Италия баргардонида гирад, вале шикаст хӯрда, маҷбур шуд, ки Триполитанияро ба Италия вогузорад.

Сербия, Булгория ва Черногория «Иттифоқи Балкан»-ро ташкил карда, соли 1912 бар зидди Туркия ҷанг сар карданд. Русия нисбат ба ин иттифоқ ҳайрхоҳ буд. Моҳи октябри ҳамон сол онҳо Туркияро торумор карданд. Дар таърих ин ҷанг **Ҷанги якуми Балкан** ном гирифтааст. Ин ҷанг ва Ҷанги дуюми Балкан, ки он соли

1913 ба амал омада буд, ҳамаи масъалаҳои давлатҳои ин нимҷазираро ҳал карда натавонистанд. Балкан минтақае гардид, ки мамлакатҳои империалистии Аврупо онро дар байни худ аз нав тақсим карданӣ буданд, лекин на ба таври мусоламатомез.

**Мустамликазабткунии империализми ИМА.** ИМА баъди аз Русия харидани Аляска ба масъалаҳои дохилии худ бештар машғул шуда, ба забткунии мустамликаҳо дертар шурӯъ кард. Он ба ин кор, асосан, дар солҳои 90-уми асри XIX оғоз намуд. Империализми ИМА диққати асосии худро ба ҳавзаҳои баҳри Кариб ва уқёнуси Ором нигаронид. Аввалин мустамликаи забткардаи ИМА ҷазираҳои Гавай буданд. Вай ин галлаҷазираҳоро аз соли 1893 то соли 1898 пурра азхуд кард. Баъди ин империализми Амрико ба мустамликаҳои Испания рӯ овард. Соли 1898 ИМА бар зидди ин давлат ҷанг эълон кард. Испанияи феодалӣ баъди се моҳи муқовимат шикаст хӯрд. Дар натиҷаи ин, ҷазираи Пуэрто-Рикои испанӣ ба ИМА гузашт. Вай Кубаро ҳам бо роҳи зӯрӣ ба худ тобеъ кунонид.

Баъди ғалаба бар Испания, ИМА забткориҳои худро ба дигар нуқтаҳои кураи Замин паҳн кардан гирифт. Дар уқёнуси Ором ҷазираи Гуам ва галлаҷазираҳои Филиппинро забт кард. ИМА онҳоро барои ба давлатҳои Шарқи Дур сар даровардан ҳамчун такягоҳ истифода бурд. Ба вай муяссар шуд, ки соли 1899 барои ҳамаи давлатҳои ҷаҳон нисбати Чин сиёсати «дарҳои кушод»-ро эълон кунад. ИМА боварӣ дошт, ки тавассути афзалияти иқтисодии худ аз ин давлат давлатҳои дигарро фишор дода мебарорад. Барои ҳамин, фаъолияти трестҳоро дар Чин харҷониба истифода мебурд. Бо ҳамин, он дар ибтидои асри XX давлатҳои Америкаи Лотиниро ба маҷрои сиёсати хориҷии худ дохил кард. Чунин сиёсатро барои аз худ кардани канали Панама бар зидди Колумбия истифода бурда буд. Ин канал соли 1914 ба истифода дода шуд. Вақте ки давлати Панама ташкил ёфт, ИМА онро маҷбур кард, ки канали Панамаро ба вай ба муҳлати 100 сол ба иҷора бидиҳад. Ҳамин тариқ, ин канали навбунёд дар амал аз ИМА шуд.

Сармояи ИМА бо тезӣ ба иқтисодиёти мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ворид гашта, аз он ҷо сармояи мамлакатҳои Аврупоро фишор дода мебаровард. Ҳамин тариқ, ИМА дар Нимкураи ғарбӣ ҳукмрони ягона гардид. Бо вуҷуди ин, ИМА бо мамлакатҳои дигаре, ки тақсимоти ҷаҳонро дар байни худ давом доданӣ буданд, рақобат мекард.

**Забткориҳои Ҷопон.** Мустамликаҳои аввалини Ҷопон ҷазираҳои Рюкю ва Тайван буданд. Онҳоро соли 1872 ишгол карда буд. Ҷопон сипас Кореяро ба зери таъсири худ даровaрда, дар он ҷо ба корҳои саноатию тиҷоратӣ машғул шуд.

Ҳолати ниммустамликавии Корея ба империализми Ҷопон маъқул нашуд. Барои ҳамин, соли 1894 бо қувваи калони ҳарбӣ ба Сеул ҳамла карда, қасри шоҳи Кореяро ишғол намуд. Ҳамин тариқ, ин ҷанг оғоз ёфт. Сипас лашкари Ҷопон ба қисмҳои ҳарбии чиноии дар Корея буда ҳуҷум кард. Бо ин ҷанги Ҷопону Чин сар мешавад. Нисбат ба Чин лашкару флоти Ҷопон пурзӯртар буданд. Ба ҳамин сабаб, дар ин ҷанг Чин шикаст хӯрда, аз Ҷопон сулҳ талабид. Мувофиқи ин Созишномаи сулҳ Ҷопон аз Чин товони калони ҷанг гирифт ва инчунин ҳуқуқ пайдо кард, ки дар қаламрави Чин корхонаҳои саноатии худро бисозад.

Оид ба масъалаи Корея ва Манҷурия Ҷопон бо Русия рақобат дошт. Ҷопонро ИМА ва Англия бар зидди Русия ҷанг андохтанд. Барои ин кор вайро бо маблағи зарурӣ ҳам таъмин менамуданд. Ин давлатҳо намехостанд, ки мавқеи русҳо дар Шарқи Дур ва ҳавзаи укёнуси Ором мустаҳкам шавад. Солҳои 1904-1905 дар байни Ҷопон ва Русия ҷанг ба амал омад, ки дар он Русия шармандавор шикаст хӯрд. Ба Ҷопон муяссар шуд, ки Русияро ҳам аз Порт-Артур маҳрум кунад ва ҳам қисми ҷанубии ҷазираи Сахалинро аз ӯ кашида гирад. Баъди ин ғалаба мавқеи Ҷопон дар Шарқи Дур ва ҳавзаи укёнуси Ором ниҳоят пурзӯр шуд. Дар чунин шароит Корея дигар худро аз Ҷопон муҳофизат карда наметавонист. Ба ҳамин сабаб, соли 1910 императори Корея «бо ихтиёри худ» ҳокимияти давлатиро «абадӣ» ба Ҷопон супорид. Ҷопон Кореяро ба генерал-губернатории худ табдил дод.

Империализми Ҷопон ба воқеаҳои Аврупо ва ҷойҳои дигари ҷаҳон бо чашмони ҳарисонаи империалистии худ нигоҳ мекард ва тайёр буд, ки дар тақсимоти минбаъдаи ҷаҳон фаъолона иштирок кунад.

**Ташкилёбии паймонҳои ҳарбӣ.** Тунисро ишғол кардани Фаронса Италияро водор намуд, ки сарфи назар аз мухолифатҳои

дар байни Италия ва мутлақияти Габбсбургҳо ҷойдошта ба Олмон наздик шавад. 20 майи соли 1882 Италия, Олмон ва Австро-Венгрия дар байни худ Созишномаи ҳарбӣ бастанд, ки он дар таърих «Иттифоқи Сегона» ном гирифтааст. Мувофиқи шартномаи ин паймони ҳарбӣ дар сурати ба Италия ҳамла кардани Фаронса ду иштирокчии дигари паймон, яъне Олмон ва Австро-Венгрия, ба вай ёрии ҳарбӣ мерасониданд. Чунин ӯҳдадориро Италия низ ба дӯши худ гирифта буд, яъне дар сурати ба Олмон ҳамла кардани Фаронса, Италия ба вай дасти ёрӣ дароз мекард. Лекин Австро-Венгрия дар назди Олмон чунин ӯҳдадорӣ надошт. Сарфи назар аз ин, ҳар се ширкаткунандаи паймон бо ҳамдигар ёрии ҳарбӣ ваъда карда буданд. Онҳо ӯҳдадор шуданд, ки дар сурати оғози ҷанги яке аз онҳо бар зидди ягон давлат ду давлати дигари аъзои паймон мавқеи бетарафиро ихтиёр мекунанд. Танҳо ҷанги яке аз давлатҳои Иттифоқи Сегона бар зидди Фаронса истисно буд. Дар ин сурат ду давлати дигари паймон ба давлати зидди Фаронса ҷангсаркарда ёрӣ мерасониданд. Ҳамин тариқ, Иттифоқи Сегона ташкил ёфт.

Ба империализми англис империализми ҷавони Олмон, ки акнун аз Англия пеш гузашта буд, сахт рақобат мекард. Молҳои дар Олмон истеҳсолкардашуда дар бозорҳои ҷаҳонӣ бо молҳои англисӣ бомуваффақият рақобат мекарданд. Дар ин бобат Олмон Англияро аз баъзе мамлакатҳо фишор дода баровард.

Як вақтҳо Англия шоҳи баҳру укёнусҳои ҷаҳон буд. Акнун дар он ҷо ҳам мавқеи Олмон торафт пурзӯртар шудан гирифт. Вай флоти ҳарбӣ ва тиҷоратии пуриқтидор ташкил кард. Аслиҳа ва сипоҳаш аз Англия беҳтар буд. Империализми Олмон мақсад дошт, ки ҷаҳони тақсимшударо ба фоидаи худ аз нав тақсим кунад ва ҳатто ҳукмрони ҷаҳон шавад. Олмон, пеш аз ҳама, ба Англия қасд дошт. Империализми Англия ҳам мақсади Олмонро фаҳмида, ба ҷанг тайёрӣ медид. Лекин аз қувваи Олмон метарсид. Аз ҳамин сабаб, яккаву танҳо бар зидди он ҷанг карданӣ набуд. Ба Англия иттифоқчӣ лозим буд. Империалистони Фаронса ва Русия низ мехостанд, ки мавқеи ба даст даровардаи худро аз даст надода, аз тақсимоти нави ҷаҳон ҳиссаи худро бигиранд ва нагузоранд, ки Олмон ҳукмрони ҷаҳон шавад. Чунин мақсадҳо ин се давлатро бо ҳам наздик карданд.

Соли 1904 аввал Англия бо ҳамроҳии Фаронса бо номи «Антанта» (ваҳдат, ризоият) паймони ҳарбӣ баст. Тавассути ин созиш онҳо ҷанҷолҳои байниҳамдигариашонро ҳам ҳал карданд. Фаронса ҳукмронии Англияро дар Миср эътироф кард. Англия бошад, ба Фаронса имконият дод, ки Марокашро забт кунад.

Соли 1907 Англияю Русия ҳам бо ҳамдигар созишнома бастанд. Ин давлатҳо ҳам аз созишнома истифода бурда, ҷанҷолҳои байниҳамдигарии худро оид ба Тибет ва Эрон маслиҳатомезона ҳал карданд. Онҳо Эронро ба «минтақаҳои манфиати» худ тақсим карданд: ҷануби Эрон минтақаи манфиати Англия ва шимоли он минтақаи манфиати Русия шуд. Ҳамон сол дар байни Англия, Фаронса ва Русия паймони ҳарбӣ баста шуд, яъне Русия ба «Антанта» дохил шуд.

* * *

**Сиёсати империалистии мамлакатҳои бузургтарини сармоядорӣ Ҷанги якуми ҷаҳониро ба ду ҷабҳа-ба ду паймони ҳарбӣ тақсим кард: «Иттифоқи Сегона» ва «Антанта». Онҳо гунаҳгорони асосии доир гардидани ин ҷанги аз ҳар ду тараф ҳам беадолат гардиданд. Вале минбаъд аввал таърихи рушди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакатҳои ҷаҳони нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX мавриди омӯзиш қарор мегирад.**

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1.АЗ ШАРТНОМАИ ОЛМОНУ АВСТРИЯ, КИ 7 ОКТЯБРИ СОЛИ 1879 ДАР ВЕНА БА ИМЗО РАСИДААСТ

Аълоҳазратҳо… императори Олмон ва императори Австрия қарор доданд, ки бо тантана Созишномаи сулҳ ва ёрии байниҳамдигарӣ мебинанд ва дар баробари ин ба ҳамдигар ваъда медиҳанд, ки ҳаргиз ва дар ҳеҷ самт ба Созишномаи соф мудофиавии худ тамоюли таҷовузкорона намедиҳанд.

*Моддаи 1.* Дар сурате ки агар ба яке аз тарафҳои олии аҳду паймонкарда…аз ҷониби Русия таҷовуз карда шуд, пас ҳар ду тарафи олии аҳду паймонкарда вазифадоранд, ки бо тамоми нерӯҳои ҳарбии худ ба ёрии ҳамдигар биёянд ва ҳам бо ин давлат танҳо бо ризояти ҳамдигар сулҳ банданд.

*Моддаи 2.* Агар бар зидди яке аз тарфҳои олии аҳду паймонкарда аз ҷониби ягон давлат ҳамла карда шавад, пас тарафи дигари олии аҳду паймонкарда уҳдадор мешавад, ки ба давлати хуҷумкунанда …ёрӣ нарасонад, ақаллан нисбат ба иттифоқчии худ бетарафиро ихтиёр кунад. Вале агар тарафи ҳуҷумкунанда аз Русия ёрӣ гирад ва хоҳ дар шакли ҳамкории фаъолона ва ё ки бо роҳи чорабиниҳои ҳарбӣ бошад, пас шартҳои моддаи 1 дар бораи уҳдадории ёрии байниҳамдигарии ҳарбӣ ва пуррагӣ ба кор медароянд ва дар он вақт аз пеш бурда-

ни ҷанг аз тарафҳои олии аҳду паймонкарда сар карда, то якҷоя бастани Созишномаи сулҳ амалҳо муштарак мешаванд…

*Моддаи 4.* Ин шартнома, мувофиқи тамоюли сулҳхоҳонаи худ ва бо мақсади бартараф кардани ҳар гуна шарҳи бардурӯғ аз ҷониби ҳар ду тарафи олии аҳду паймонкарда махфӣ нигоҳ дошта, дар бораи он ба ягон давлати сеюм танҳо бо ризоияти ҳар ду тараф хабар дода мешавад.

## ИТТИФОҚИ СЕГОНА

### 2. АЗ ШАРТНОМАИ ИТТИФОҚӢ ДАР БАЙНИ АВСТРО-ВЕНГРИЯ, ОЛМОН ВА ИТАЛИЯ, КИ ДАР ВЕНА 2 МАЙИ СОЛИ 1882 БА ИМЗО РАСИДААСТ

Аълоҳазратҳо - императори Австрия, императори Олмон…, шоҳи Италия аз афзунии кафолати сулҳи умум рӯҳбаланд шуда, барои мустаҳкамии принсипи мутлақияг ва бо ҳамин дар давлатҳои онҳо таъмин гардидани дахлнопазирии сохти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ аҳду паймон карда, шартномаеро ба имзо мерасонанд, ки бо шарофати табиати дифоии моҳияти худ танҳо мақсад дорад онҳоро аз таҳдиде ҳифз кунад, ки дар натиҷаи он бехатарии давлатҳои онҳо ва оромӣ дар Аврупо таъмин карда шавад.

*Моддаи 1.* Тарафҳои олии аҳду паймонкарда ба ҳамдигар сулҳ ва дӯстӣ ваъда медиҳанд ва ба ягон иттифоқи дигар, ки бар зидди яке аз ин давлатҳо нигаронида шудааст, дохил намешаванд.

Онҳо уҳдадор мешаванд, ки оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодии моҳияти умумидошта ба он мубодилаи афкоре шурӯъ мекунанд, ки доир ба онҳо ба миён хоҳанд омад ва ғайр аз ин ваъда медиҳанд, ки дар ҳудудҳои манфиатҳои худ ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд.

*Моддаи 2.* Дар сурате ки агар Италия… бо ягон сабаб ба ҳамла гирифтор шавад, ҳар ду тарафи олии дигари аҳду паймонкарда вазифадоранд, тавассути тамоми воситаҳои худ ба ёрии ӯ биёянд.

Дар сурати ҳуҷуми Фаронса ба Германия ҳам ҳамин вазифа ба уҳдаи Италия вогузор карда мешавад.

*Моддаи 3.* Агар як ва ё ду тарафи олии аҳду паймонкарда ба ҳамла гирифтор шаванд ва ба ҷанги зидди ду ва ё якчанд давлати бузург дохил шуда бошанд, ки иштирокчии шартномаи мазкур нестанд, пас «казус фоедерис» (воқеае, ки истифодаи амалии шартномаи иттифоқиро тақозо мекунад) якбора барои ҳама тарафҳои олии аҳду паймонкарда ба миён меояд.

*Моддаи 4.* Ҳангоме ки ягон давлати бузурги иштирокчии шартномаи мазкур набуда ба амнияти қаламрави яке аз тарафҳои аҳду паймонкарда таҳдид кунад, тарафи таҳдидшуда маҷбур мешавад, ки ба таҳдидкунанда ҷанг эълон кунад, дар ин сурат, ду давлати дигар уҳдадоранд, ки нисбати иттифоқчии худ бетарафии хайрхоҳона эълон кунанд. Дар чунин ҳолат, ҳар кадом барои худ имконият ба даст медароранд, ки барои ширкат дар кори умумии иттифоқ дар вақти барои худ қулай ба ҷанг дароянд.

*Моддаи 5.* Агар барои осоиштагии яке аз тарафҳои олии аҳду паймонкарда хатаре ба миёнояд, ки дар моддаҳои қаблӣ дар назар дошта шудаанд, пас тарафҳои олии аҳду паймонкарда оид ба чораҳои ҳарбии якҷоя амал кардан маслиҳат мекунанд.

Онҳо уҳдадор мешаванд, ки дар ҳар мавриди ширкат дар ҷанг бе ризоияти байниҳамдигарӣ оташбас эълон намекунанд, сулҳ ва ё шартнома намебанданд.

*Моддаи 6.* Тарафҳои олии аҳду паймонкунанда ба ҳамдигар ваъда медиҳанд, ки мазмун ва мавҷудияти шартномаи мазкурро махфӣ нигоҳ медоранд.

### 3. ҚАРОРИ МАҶЛИСИ КУМИТАИ МУДОФИАВИИ ИМПЕРИЯИ БРИТАНИЯИ КАБИР АЗ 22 МАРТИ СОЛИ 1905

1.Таъсири моро дар Теҳрон бояд нигоҳ дошт ва агар имкон бошад, онро (яъне Теҳронро) вазифадор кардан зарур аст, то мо битавонем сохтмони роҳи оҳанро дар Эрон назорат кунем, зеро он дар оянда аз ҷиҳати стратегӣ, инчунин тиҷоратӣ, омили муҳим хоҳад шуд.

2. Мақсади мо ҳам аз ҷиҳати тиҷоратӣ ва ҳам аз ҷиҳати стратегӣ нигоҳ доштани вазъияти мавҷудаи Эрон аст.

3. Талаби асосии моро дар соҳили халиҷи Форс қатъиян ҳимоя кардан лозим аст…

### 4. АЗ СОЗИШНОМАИ БАЙНИ ИМА ВА ҶУМҲУРИИ ДОМИНИКАН АЗ 8 АПРЕЛИ СОЛИ 1907

II. Ҳукумати Ҷумҳурии Доминикан дар асоси қонун ба ҷамъоварандаи кулл ва ёрдамчиёни ӯ додани ҳаққи гумрукиро таъмин мекунад ва ба онҳо ҳама гуна ёрию мадади зарурӣ мерасонад ва ба тавассути ҳокимияташ пурра ҳимоя мекунад. Ҳукумати ИМА ба ҷамъовари кулл ва ёрдамчии ӯ ҳама гуна ёрие, ки барои иҷрои вазифаҳои онҳо лозим мешавад, мерасонад.

III. То вақте ки Ҷумҳурии Доминикан қарзҳои худро аз рӯйи уҳдадорӣ адо накунад, қарзи давлатии он бе розигии пешакии байни ҳукумати Ҷумҳурии Доминикан ва Иёлоти Муттаҳида зиёд карда намешавад. Чунин созишнома барои тағйир додани боҷҳои молҳои воридотӣ низ зарур аст.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1853 - 1856** – ҷанги Қрим
**1877 - 1878** – ҷанги Русияю Туркия
**3. III. 1878** – дар Сан - Стефано баста шудани Созишномаи сулҳ дар байни Русия ва Туркия
**июни с. 1878** – Конгресси Берлин барои аз нав дида баромадани Созишномаи сулҳи Сан-Стефано
**1872** – ҷазираҳои Рюкю ва Тайванро ишғол кардани Ҷопон
**1882** – ташкил ёфтани «Иттифоқи Сегона»
**1893-1898** – ҷазираҳои Гавайро забт кардани ИМА
**1894** – ба Сеул ҳуҷум кардани сипоҳиёни Ҷопон
**1898** – Пуэрто-Рикоро ишғол кардани ИМА
**1900** – Триполитанияро аз Туркия кашида гирифтани Италия
**1904-1905** – ҷанги Русия ва Ҷопон

| | |
|---|---|
| **1870-1871 –** | ҷанги Фаронсаю Пруссия |
| **1908 –** | Салоникаро забт кардани Австро-Венгрия, аз Ҳерсоговина |
| **1910 –** | ба генерал-губернатории Ҷопон табдил ёфтани Корея |
| **1914 –** | мавриди истифода қарор гирифтани Канали Панама |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.**Чаро муносибатҳои байни мамлакатҳои империалистӣ тезу тунд шуданд? **2.** Сармоядорон барои ба тарафи худ кашидани халқ кадом роҳу воситаҳоро истифода мебурданд? **3.** Зиддиятҳои байни Англия ва Олмон дар чӣ ифода ёфта буданд? **4.** Дар бораи забткориҳои империализми Фаронса мисолҳо биёред. **5.** «Иттифоқи Сегона» ва «Антанта» кай ва чӣ тавр ташкил ёфтаанд? **6.** Дар бораи ду ҷанги Русия бар зидди Туркия маълумот диҳед. **7.** Чаро империализми Фаронса бо Англия муросо мекард? **8.** Дар бораи сиёсати мамлакатҳои империалистии Аврупо дар нимҷазираи Балкан нақл кунед. **9.** Дар бораи оғози мустамликазабткунии ИМА чиҳо медонед? **10.** Сиёсати «дарҳои кушод», ки нисбати Чин эълон карда шуда буд, чӣ маъно дорад? **11.** «Дипломатияи доллар» ва «дарраи калон»-и ИМА чиро ифода мекунад? **12.** Дар бораи ҷанги Ҷопон бо Чин ва Корея иттилоъ диҳед. **13.** Кадом давлатҳои империалистӣ гунаҳгорони асосии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ мебошанд? **14.** Санадҳои мавзӯъро омӯхта, мазмуни онҳоро шарҳ диҳед. Оё ин санадҳо дар бораи сиёсати истилогаронаи хориҷии давлатҳои империалистӣ маълумот медиҳанд? **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ II
# МАМЛАКАТҲОИ АВРУПО ВА АМЕРИКА

## § 2. АНГЛИЯ ДАР СОЛҲОИ 50-60-УМИ АСРИ XIX

**Болоравии саноат ва тиҷорат.** Дар саноат ва тиҷорати солҳои 50-60-уми асри XIX Англия мавқеи ҳукмронро ишғол кард. Он ба табаддулоти саноатии дар Англия баамаломада ва ғоратгарии бераҳмонаи мустамликаҳо вобастагӣ дошт. Яке аз сабабҳои дигари муҳиме, ки болоравии босуръати саноати Англияро таъмин кард, барҳамдиҳии усули фармонфармоию манъкунӣ ва ба ивази он ҷорӣ намудани тиҷорати озод мебошад. Бекор кардани қонун дар бораи нони соли 1846 ва боҷ ба молҳои ба Англия воридшаванда, исботи ин суханҳо мебошанд. Аз чунин кор саноат ва соҳибкорони Англия бурд карданд. Онҳо дар бозорҳои худ аз рақобати рақибони хориҷӣ наметарсиданд, чунки сифати молҳои англисӣ баланд буд. Дар солҳои 60-ум саноатчиёни Англия тавонистанд, ки бо Фаронса, Белгия, Италия, Австрия ва давлатҳои Олмон якчанд шартномаҳои нафъовари тиҷоратӣ банданд.

Сармоядорони Англия бозорҳои ҷаҳонро бо ёрии тиҷорати озод аз мол пур карда, бо ин роҳ ба дастгирии сармоядорони як қатор мамлакатҳои ҷаҳон ноил шуданд. Онҳо дар мамлакатҳои худ тоҷирони Англияро дастгирӣ мекарданд. Дар навбати худ, сармоядорон ва тоҷирони он мамлакатҳо бозорҳои Англияро аз маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда, аз он ҷо молҳои саноатии нисбат ба мамлакатҳои худ арзонтару баландсифаттарро харида мебурданд ва бо ин роҳ даромади калон мегирифтанд.





Конвертори Бессмер

**Англия – «устохонаи ҷаҳон».** Дар солҳои 50-60-уми асри XIX Англия ба «устохонаи ҷаҳон» табдил ёфт. Дар ин мамлакат роҳи оҳан бар дигар намудҳои нақлиёт голиб баромад, киштиҳои бугӣ киштиҳои бодбондорро аз истифода танг карда баровcovered. Дар натиҷаи ин, аз як ҷо ба ҷойи дигар бурдани борҳо тезтар ва арзонтар гардид. Дар Англия ин навгонӣ ба ривоҷу равнақи тиҷорату соҳибкорӣ кӯмак расонид.

Солҳои 1857 ва 1866 иқтисодиёти Англияро буҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ фаро гирифт, вале он дар ин мамлакат тамоюли рӯ ба тараққии пуравҷи сармоядориро боздошта натавонист. Барои исботи ин хулоса чанд мисол меорем. Дар охири солҳои 60-ум дар Англия истеҳсоли ангишт нисбат ба Олмон 5 маротиба ва нисбат ба ИМА 4 баробар афзуд. Он нисфи чӯяни ҷаҳониро истеҳсол мекард. Муваффақияти Англия махсусан дар саноати бофандагӣ беназир буд. Солҳои 60-ум вай дар саноати худ нахи пахтаро баробари ҷамъи ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон истифода мекард.

Дар миёнаҳои асри XIX дар корхонаҳои бофандагии Англия 21 млн дӯки механикӣ истифода бурда мешуд. Соли 1870 бошад, он ба 35 млн адад расид. Иқтидори ҳаракатдиҳандаҳои дарунсӯзи дар саноат ва нақлиёт маъмулбуда дар соли 1870 ба 4,5 млн қувваи асп расид. Дар ин соҳа Англия аз Олмон 1,5 баробар ва аз Фаронса 2 баробар пеш гузашт.

**Сохти сиёсии Англия.** Англия на танҳо дар саноат ва тиҷорат бо суръат пеш рафт, балки дар тарзи идоракунии давлат низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал овард. Дар ин давра дар Англия ҳукмронии сиёсии буржуазияи саноатӣ муқаррар гардид. Сохти парламентии идоракунии Англия мустаҳкам шуд. Ҳанӯз соли 1832 палатаи ҷамоаҳо ташкил ёфта буд. Дар солҳои 50-60-ум ин палата палатаи лордҳоро фишор дода, ба неруи дуюмдараҷа табдил дод. Ин кор таъсири сиёсии ҳокимияти маликаро хеле паст фаровард. Малика Виктория ва ҳамсари ӯ шоҳзода Алберт Саксен-Кабургӣ ҳамеша ба корҳои парламент дахолат мекарданд. Онҳо мисли пештара ҳокимиятро ба нафъи ашрофони феодалӣ ва руҳониён истифода бурданӣ буданд. Дигар ба малика муяссар намешуд, ки ба татбиқи қонунҳои қабулкардаи парламенти мамлакат халал расонад.

Он вақт дар Англия ҳамагӣ 2 ҳизб мавҷуд буд – консерваторон (тори) ва либералҳо (виги). Аз соли 1832 сар карда, дар мамлакат, асосан, либералҳо ҳукмронӣ мекарданд, вале онҳо қонунҳо ва урфу одатҳои асримиёнагиро бекор накарданд. Додхоҳҳо дар додгоҳҳои Англия мисли пештара мурофиаи додгоҳиро бо либоси мантия ва мӯйсари сунъӣ доир мекарданд. Донишгоҳҳои Оксфорд ва Кембриҷ сохти табақавию ашрофии идора ва таълимро нигоҳ медоштанд.

Дар ҳукмронии Англия ҳизбҳои консервативӣ ва либералӣ бо ҳамдигар рақобат мекарданд. Гоҳ яке ва гоҳ дигаре ба сари ҳокимият меомад. Ба либералҳо муяссар шуд, ки муддати дуру дароз консерваторонро аз ҳокимият дур кунанд. Дар зарфи солҳои 1846-1868 ториҳо ҳамагӣ 3 сол дар сари қудрат буданду халос, 17 соли дигари ин муддат либералҳо дар сари ҳокимият меистоданд. Онҳоро аксарияти гурӯҳҳои сиёсии ба ториҳо зидбуда дастгирӣ менамуданд, зеро тарзи ҳукмронии ин ҳизбро хуб меписандиданд.

Дар интихоботи парламентӣ ҳамон ҳизбе голиб мебаромад, ки ба ҷонибдории он зиёда аз нисфи интихобкунандагон овоз диҳанд. Ҳамон ҳизбе галаба карда метавонист, ки ба аксарияти оммаи халқ – соҳибкорон, сармоядорон, тоҷирон, кишоварзон ва зиёиён нафъ оварда тавонад. Сиёсати иқтисодии либералҳо ба тараққиёти саноату тиҷорат ва ба ҳаёти ҷамъиятии Англия бештар ворид шудани арзишҳои демократӣ шароити мусоид фароҳам меовард.

**Ба империяи мустамликавӣ табдил ёфтани Англия.** Англияи сармоядорӣ кайҳо ба сиёсати истилогаронаи фаъолона шурӯъ карда буд. Дар солҳои 50-60-уми асри XIX бошад, баъди дар Ҷанги Қрим шикаст хӯрдани Русия суръати ҷангҳои истилогаронаи Англия боз ҳам афзуд. Аз дараҷаи баланди тараққиёти иқтисодиёт ва флот истифода бурда, ҳукумати Англия бо ҳар роҳ рақибони худро аз бозорҳои ҷаҳон фишор дода мебаровард. Сиёсати хориҷии Англияро манфиатҳои сармоядорон ва вазифаҳои истилогаронаи британӣ муайян мекарданд. Агар манфиати сармоядорони Англия талаб мекард, ки дар ягон давлат нерӯе дастгирӣ карда шавад, ҳукумат ба ин кор мусоидат мекард. Роҳбари ҳамонвақтаи либералҳо Палмерстон, ки сарвазири Англия ҳам шуда буд, боре иброз дошт: «Британия иттифоқчиё-

ни доимӣ надорад. Он танҳо манфиатҳои доимӣ дорад». Ба ин нигоҳ накарда, барои руйпӯш кардани мақсадҳои аслии сиёсати хориҷии мамлакат, дипломатҳои англис ҳамеша ва дар ҳама ҷо дар бораи хоҳони сулҳ будани Британияи Кабир бардурӯг лоф мезаданд. Барои ба даст даровардани мустамликаҳо ва ё таҳти таъсири худ даровардани ин ва ё он давлат сиёсатмадорони англис аз ҳар гуна баҳона истифода мебурданд. Масалан, Англия дар Шарқи Наздик тарафи Туркияро бо он сабаб гирифт, ки гӯё онро аз таҷовузи Русияи подшоҳӣ дифоъ мекарда бошад. Дар амал вай дар ин ҷо сиёсати истилогаронаи худро татбиқ намуда, Туркияи заифшударо вассали худ гардониданӣ буд.

Англия халқи мустамликаҳои худро бераҳмона истисмор мекард. Ин давлат дар миёнаҳои асри XIX мустамликаҳояшро ба манбаи ашёи хом ва бозори молфурӯшӣ табдил дод. Соли 1860 Англия дар Ҳиндустон нисбат ба тамоми давлатҳои Аврупо ва ИМА 2 маротиба зиёдтар газвор фурӯхтааст. Дар худи ҳамин давра ҳаҷми молҳое, ки аз Англия барои фурӯш ба мамлакатҳои Шарқи Дур (Чин, Ҷопон, Корея ва г.) бурдааст, нисбат ба молҳое, ки дар мамлакатҳои Аврупо фурӯхта буд, якуним баробар зиёд аст. Аз се як ҳиссаи тиҷорати хориҷии Англия ба мустамликаҳо рост меомад.

Чунин тиҷорат ба хазинаи Англия ҳар сол садҳо миллион фунт-стерлинг даромад меовард. Соҳибкорони англис аз мустамликаҳо сарватҳои афсонавӣ ғун мекарданд. Ҳамаи ин Англияро водор мекард, ки сиёсати истилогаронаи хориҷии худро давом бидиҳад. Масоҳати мустамликаҳои Англия қаламрави бузургро ташкил мекард. Аҳолии онҳо зиёда аз 200 миллион нафарро ташкил медод.

Дар солҳои 1856-1858 Англия, Фаронса ва Русия аз мушкилиҳои сулолаи Син истифода бурда (шӯриши тайпинҳо ба амал омада буд), ба гардани Чин Созишномаи сулҳи Тянсзин (соли 1858)-ро бор карданд. Мувофиқи он Чин маҷбур шуд, ки бандарҳои худро барои тиҷорати хориҷӣ кушояд ва ба хориҷиён иҷозат диҳад, ки ба дохили мамлакат даромада, молҳои худро бе пардохти боҷ фурӯшанд. Ғайр аз ин, Чин бояд ба ғолибон товони ҷанг ҳам медод. Соли 1860 Англия бо ҳамроҳии Фаронса ба Чин таҷовузи нав ташкил карда, шаҳри Пекинро ишғол намуда, қасрҳои императорро горат

ва бомбаборон кард. Бо ин роҳ онҳо Чинро маҷбур карданд, ки ба шартномаи сулҳи боз ҳам асоратовартар имзо гузорад.

Дар солҳои 50-ум Англия ва ИМА ба дӯши Ҷопон низ шартномаи асоратоварро бор карданд. Дар солҳои 1856-1857 Англия бар зидди Эрон ҷанг карда, ба гардани ин давлат ҳам шартномаи беадолати сулҳро бор кард. Соли 1849 бошад, шӯриши сикхҳоро дар музофоти Панҷоби Ҳиндустон пахш карда, истилои ин давлатро ба охир расонид. Дар натиҷаи ин, мамлакати бузурги дорои 170-190 миллион нафар аҳолӣ дошта ба ихтиёри ширкати бузурги Вест-Индия гузашт.

Дар охири солҳои 60-ум Англия бар зидди Ҳабашистон ҷангида, онро тобеи худ гардонид. Дар солҳои 50-60-уми асри XIX Англия дар минтақаҳои дигари кураи Замин низ сиёсати забткоронаи худро давом дод. Ҳамин тариқ, Британияи Кабир ба империяи бузурги мустамликавӣ табдил ёфт.

**Ҳаракати иҷтимоӣ.** Дар натиҷаи тараққиёти саноати фабрикӣ ва дар онҳо ба таври васеъ истифода бурда шудани мошинҳо, меҳнат шиддатноку пурмаҳсултар гардид. Бо ҳамин роҳ, соҳибкорон қусури то 10 соат кам кардани рӯзи кориро баровmarданд. Муҳоҷират аз Англия ба ИМА, Канада ва Австралия дар солҳои 50-ум ва 60-ум ниҳоят зиёд шуд. Англияро зиёда аз 3 миллион нафар одамон тарк карданд. Барои ҳамин дар саноат қувваи коргарӣ намерасид. Аз ин сабаб, музди меҳнати коргарон афзуда, ба пастшавии ҳаракати чартистӣ оварда расонид. Ин ҳолат, дар навбати худ, обрӯю эътибори буржуазияро дар байни меҳнаткашон зиёд кард.

Ҳаракати коргарӣ, асосан, моҳияти иқтисодӣ дошт. Коргарон тез-тез корпартоӣ мекарданд, то ки соҳибкорон музди меҳнати онҳоро зиёд кунанд. Авҷи баланди ҳаракати корпартоӣ ба солҳои 1857-1860 рост омад. Аксарияти корпартоиҳо дар он давра барои коргарон бо муваффақият анҷом меёфтанд. Соҳибкорон тавассути гузашткуниҳои худ ба коргарон ва табақаҳои дигари меҳнаткашон исбот намуданд, ки дар байни табақаҳои иҷтимоӣ муросо мумкин аст.

Иттифоқҳои касабаро дар Англия «тред-юнионҳо» меномиданд. Дар аввал тред-юнионҳо дар мавқеи аз корпартоӣ даст кашидан ва бо соҳибкорон бо роҳи «дипломатияи саноатӣ» ҳал кардани мухолифатҳои меҳнатӣ буданд.

Ин вакт дар Англия то 1600 тред-юнионҳо мавҷуд буданд. Онҳо олоти хуби ҳимояи манфиатҳои аъзоёни он гардиданд.

Хазинаи тред-юнионҳо сол то сол аз маблағ пуртар мешуд.

Дорои маблағи калон будан ва ба соҳибкорон гуфтушунид карда тавонистан аз кормандони иттифоқҳои касаба донишҳои баландро тақозо мекард. Котибҳои интихобии пештара, ки бепул кор мекарданд, оҳиста-оҳиста бо кормандони маошхӯри баландмаълумоти касабавӣ иваз карда шуданд.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. ДАР БОРАИ РУШДИ МУСТАМЛИКАҲОИ МУҲОҶИРИНИ БРИТАНӢ (ИҚТИБОСҲО)

Баъди аз даст додани мустамликаҳои Америка, Англия забткунии мустамликаҳоро дар дигар қисмҳои ҷаҳон огоз кард...Ҳамин тариқ, вай аз голландиҳо Сейлон (дар соли 1796), Гвиана (дар соли 1803) ва Димоғаи Умед (дар соли 1806)-ро ба даст даровард, айнан ҳамин тавр Тринидади Испания ишғол карда шуд (дар соли 1807), ҷазираи Маврикия (дар соли 1810) ва ҷазираҳои дигари Вест-Индияро Англия аз Фаронса кашида гирифт. Англия ҳукмронии худро дар соҳилҳои гарбии Африқо ва Ҳиндустон ҳам таъмин намуд. Ғайр аз ин, дар Австралия ва Канада мустамликакунии типи тамоман дигар ҷорӣ гардид. Ҳамин тариқ, дар паҳнкунии мустамликагардонии англисӣ мо чор самти асосиро мебинем, аниқтараш: 1) дар Вест-Индия; 2) дар Канада; 3) дар Австралия ва 4) дар Африқо.

**Вест-Индия.** Дар ин мустамликаҳо манфиати асосии Англия мутамарказонида шуд. Онҳо дар як муддати кӯтоҳ сарчашмаи афзоиши босуръати бойигарӣ гардиданд ва дар охири садсолаи гузашта (асри XVII) тиҷорати вестиндӣ дар доираҳои бозоргонии Лондон ва Бристон эътибори калон пайдо намуданд ...

**Мустамликаҳои австралиягӣ...** Аз ҷиҳати хусусияти худ онҳо ба мустамликаҳои вестиндӣ монанд нестанд. Ин мустамликаҳо барои садҳо ҳазор муҳоҷирони англис ватанҳои нав мебошанд, ки ба он тарафи уқёнус барои ташкил кардани давлати нав ҳаракат карданд. Онҳо бо якҷоягии Канада бештар аз дигар мустамликаҳои англисӣ бо маънои пурраи худ *Британияи Кабиру Калон*-ро ташкил мекунанд, ки имрӯз дар бораи он ин қадар бисёр сухан мекунанд...

**Канада.** Хушбахтона, Англия дар баробари аз даст додани сездаҳ мустамликаи Америка, мулкҳои ба наздикӣ аз Фаронса зада гирифтаи худро аз даст надод. Нюфаундлен, Шотландияи Нав ва Браунщвейги Нав ба вай содиқ монданд, мчунин музофоти Квебек. Соли 1867 ҳамаи ин музофотҳо ба мулки ягона- Канада (доминиони Канада) муттаҳид карда шуданд... Ба ин мустамликаҳо ҳам, чун дар Австралия, мо муттасил кӯчида омадани муҳоҷирони англисро мебинем, ки онҳо ҳам мақсади саноатӣ доранд...

**Мулкҳои Африқой.** Қисми бештари мустамликаи англисӣ дар Африқо натиҷаи забткуниҳо мебошанд. Англисҳо соли 1795 Каплендро забт карданд, баъд онро соли 1803 ба Ҳолландия дода, соли 1806 баргардонида гирифтанд...

### 2. АЗ ҚОНУН ДАР БОРАИ ИСЛОҲОТИ СОЛИ 1867

**2.** Қарори мазкур ба Шотландия ва Ирландия марбут нест ва ҳам ба низоми мавҷудаи интихоби аъзои парламент аз донишгоҳҳои Оксфорд ва Кембриҷ ягон зарра дахл надорад.

**Қисми 1. ҲУҚУҚИ ИНТИХОБОТ**

**3.** Аз соли 1868 сар карда, минбаъд ҳар як марди калонсол ҳуқуқ дорад ҳамчун интихобкунанда аз қайд гузарад ва баъди аз қайд гузаштан ба номзад ва ё номзадҳо ба парламент аз ҳавзаи интихоботи шаҳрии мазкур овоз бидиҳад, ба шарте ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- агар ба балоғат расида (яъне 21-сола бошад) ва доғи судӣ надошта бошад;
- ба рӯйихати соҳибони хонаҳо ва иҷорагирандаҳои хонаҳои истиқоматӣ дохил карда шуда, ба фоидаи камбағалон андоз пардохта бошад…
- илова бар ин, ягон нафар набояд ҳамчун интихобкунанда ба қайд гирифта шавад, агар ӯ танҳо иҷорагири бинои истиқоматӣ бошад.

**4.** Аз соли 1868 сар карда, минбаъд ҳар як марди калонсол ҳуқуқ дорад ҳамчун интихобкунанда аз қайд гузарад ва ҳамчун шахси аз қайд гузашта ба номзад ва ё номзадҳо аз ҳавзаи интихоботи шаҳрии мазкур овоз бидиҳад, ба шарте ки ӯ ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- агар ба балоғат расида ва доғи судӣ надошта бошад;
- агар дар ҳамин ҳавзаи интихоботӣ дар давоми сол – пеш аз рӯзи охирини июл бо даромади солонаи 10 фунт-стерлинг ва зиёда аз ин дар манзиле иҷоранишин аст…

**Қисми II. ТАҚСИМОТИ ҶОЙҲО**

**17.** Минбаъд ҳамаи ҳавзаҳои интихоботии аҳолиашон камтар аз 10 ҳазор нафар аз рӯйи баҳисобгирии соли 1861 танҳо якнафарӣ узви парламентро интихоб мекунанд…

**18.** Минбаъд дар шаҳри Манчестер ва ҳавзаҳои интихоботии Ливерпул, Бирмингем ва Лидс мувофиқан 3-нафарӣ аъзои парламентро интихоб менамоянд.

**19.** Дар ҳамаи парламентҳои оянда як намоянда аз Донишгоҳи Лондон интихоб карда мешавад…

## САНАҲОИ МУҲИМ

1832 – ташкилёбии палатаи ҷамоаҳо
1837-1901 – солҳои ҳаёти малика Виктория
1859-1867 – солҳои ҳукмронии ҳизби либералҳо
1857-1866 – солҳои буҳрони иқтисодии барзиёд-истеҳсолкунӣ дар Англия
1856 -1857 – ҷанги Англия бар зидди Эрон

**1858** – аз тарафи Англия, Фаронса ва Русия бо Чин бастани Созишномаи асоратовари Тянсзин
**1860** – гаҷовузи Англия ва Фаронса бар зидди Чин

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1.Чаро дар Англия солҳои 50-уми асри XIX саноат ва тиҷорат тараққӣ карданд? **2.** Исбот кунед, ки солҳои 50-ум ва 60-уми асри XIX Англия ба «устохонаи ҷаҳон» табдил ёфт. **3.** Сохти давлатии Англияро шарҳ диҳед. **4.** Он вакт дар Англия кадом ҳизбҳо фаъолият мекарданд? **5.** Сиёсати хориҷии Англия дар солҳои 50-ум ва 60-уми асри XIX ба кадом мақсадҳо хизмат мекард? **6.** Англия чӣ тавр ба империяи мустамликавӣ табдил ёфт? **7.** Аз ҳуҷҷати якуми мавзӯъ дар бораи самтҳои мустамликазабткунии Англия маълумот диҳед. Гӯед, ки он дар куҷо, кай ва кадом мамлакатҳоро ба даст даровард. **8.** Оё шумо дар бораи ширкати «Вест-Индия» маълумот дода метавонед? **9.** Дар бораи ҳаракати иҷтимоии Англияи солҳои 50-ум ва 60-уми асри XIX далелҳо биёред. **10.** Ҳуҷҷати 2-юмро мутолиа карда, оид ба ислоҳоти соли 1867-и Англия фикри худро баён кунед. **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 3. АНГЛИЯ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

**Мавқеи аввалро дар саноат аз даст додани Англия.** Солҳои 50-ум ва 60-уми асри XIX Англия давлати аз ҳама калонтарини саноатии ҷаҳон буд. Маҳз дар он ҷо аввалин шуда табаддулоти саноатӣ огоз ёфт. Мошинҳои сермаҳсули англисӣ меҳнати ҳазорон одамонро сабук мекарданд. Фабрика ва заводҳои аввалин ҳам дар Англия сохта шуданд. Баъди Англия табаддулоти саноатӣ дар мамлакатҳои дигари тараққикардаи ҷаҳон ба амал омадан гирифт.

ИМА ва Олмон дар даҳсолаҳои охири асри XIX оҳиста-оҳиста ва бемайлон дар истеҳсоли маҳсулоти маъданӣ, химиявӣ ва электротехникӣ аз «муаллими худ» - Англия пеш гузаштанд. Ҳиссаи ҷаҳонии Англия дар истеҳсолоти саноатӣ муттасил кам мешуд.

Дар солҳои 60-ум Англия нисфи чӯяни ҷаҳониро истеҳсол мекард, вале соли 1890 ҳамагӣ 28,7 фоиз ва соли 1913 13,2 фоизи онро истеҳсол мекардагӣ шуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дигари саноатӣ ва инчунин кишоварзӣ низ паст шудан гирифт.

Ба ин ҳолат бухрони иқтисодие, ки Англияро аз огози солҳои 70-ум то аввали солҳои 90-ум фаро гирифта буд, низ сабаб шуд. Таҷҳизоти техникии корхонаҳои саноатии Англия куҳна шуд. Мамлакатҳои дигар бошанд, аз сабаби он ки тараққиёти саноатии онҳо дертар оғоз ёфта буд, имконият доштанд, ки дар истеҳсолот таҷҳизоти ҳозиразамони нисбат ба Англия сермаҳсултарро ба кор баранд. Аз сабаби ҷангҳои дуру дарози истилогаронааш Англия маҷбур шуд, ки бештар барои заруратти ҷанг маҳсулот барорад. Чунин давлат дер ё зуд дар рақобат бо давлатҳои дигар шикаст мехӯрад. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX мақоми «устохонаи ҷаҳон» аз Англия ба ИМА ва Олмон гузашт. Ин давлатҳо дар ҷаҳон мувофиқан ба ҷойҳои якуму дуюм баромада, Англияро ба ҷойи сеюм фаровараданд.

**Дар Англия ҳукмрон гардидани олигархияи молиявӣ.** Бухрони иқтисодии охири асри XIX ба рафти тараққиёти Англия таъсир расонид. Дар он ҷо марказонидани сармоя ба амал омад. Иттиҳодияҳои аввалини инҳисорӣ дар саноати химия, собунпазӣ, калобаресӣ, истеҳсоли тамоку ва ғайра ташкил ёфтанд. Дохилшавии Англия ба давраи империализм ба пурзӯршавии ширкатҳои инҳисорӣ сабаб шуд. Ин раванд дар фаъолияти бонкҳо бештар дида мешуд. Дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ 12 бонки англисӣ то 70 фоизи сармояи бонкиро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Маҳз онҳо дар иқтисодиёт ва молияи мамлакат мақоми фармонфарморо соҳиб буданд.

Дар саноат ҳам иттиҳодияҳои гуногуни инҳисорӣ ба вуҷуд меомаданд. Яке аз хусусиятҳои сармоядории инҳисории англис аз он иборат буд, ки дар саноати сабук нисбат ба саноати вазнин ширкатҳои инҳисорӣ зиёдтар буданд. Ширкати «Каутс» дар соҳаи истеҳсоли калоба инҳисор шуда буд, ширкати «Дорнан-Лонг» дар соҳаи истеҳсоли киштӣ, ширкати «Армстронг-Уитворс» бошад, дар истеҳсоли лавозимоти ҳарбӣ ҳукмрон буд.

Баъзе инҳисориҳо дар мустамликаҳо барои истеҳсол кардани ашёи хом махсус гардонида шуда буданд. Дар ҳамин қатор яке аз инҳисорҳои калонтарини Англия «Ширкати Африқои Ҷанубӣ» меистод. Он ба истеҳсоли тиллои заминҳои нопайдоканори Африқои Ҷанубӣ машғул буд. Сармоядорони англис сарвати худро, асосан, дар бонкҳо нигоҳ медоштанд.

Ин ҳолат имконият намедод, ки саноати мамлакат бо суръати тез тараққӣ кунад.

Ягон давлати дигари ҷаҳон мисли Англия дар ихтиёри бонкҳо ин қадар пули зиёд надошт. Соҳибкорони англис сармояи худро бештар ба мустамликаҳо мебаровtriданд. Баровардани сармоя ба мамлакатҳои дигари Аврупо, ИМА, Америкаи Лотинӣ дар ҷойи дуюм меистод.

Дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX якшавии сармояи саноатӣ ва сармояи бонкии Англия ба амал омад. Дар натиҷа дар мамлакат олигархияи молиявӣ ҳукмрон гардид.

**Системаи сиёсии Англия дар охири асри XIX – аввали асри XX.** Сохти сиёсии Англия дар рафти инқилоби буржуазӣ ва баъди он ба вуҷуд омада, дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX такмил ёфтааст. Англия давлати мутлақияти парламентӣ гардид. Ҳокимияти мутлақи шоҳӣ (ё худ малика) тавассути конститутсия ва парламент маҳдуд карда шуд. Ин вақт, мисли асарҳои миёна, шоҳ дар мамлакат мақоми баланд надошт. Кабинети вазирон тамоми корҳои амрдиҳию иҷроияро дар ихтиёри худ дошт.

Дар Англия системаи дуҳизбии ҳокимият ба ҳукми анъана даромад. Либералҳо (виги) ва консерваторҳо (тори) мисли пештара бо навбат (кадомашро, ки интихобкунандагон интихоб кунанд) ба сари ҳокимият меомаданд. Системаи дуҳизбӣ манфиати аксарияти аҳолии мамлакатро ифода мекард.

Вақте ки яке аз ин ҳизбҳо дар сари ҳокимият мешуд, ҳизби дигари дар опозитсиямонда ба фаъолияти ҳизби ҳукмрон назорат мекард. Барои сиёсати давлатии гӯё нодурусташ ҳизби оппозитсионӣ ҳизби ҳукмронро ба зери танқиди сахт мегирифт. Дар баробари ин, вай ба интихобкунандагон ваъдаҳои бисёр медод, ки агар дар сари ҳокимият мебуд, дар сиёсати дохилию хориҷӣ чӣ тавр рафтор мекард. Вакилони ҳизби оппозитсионӣ барои ин мақсад минбари парламентро ҳам самаранок истифода мебурданд. Бо ҳамин роҳ, ҳизби оппозитсионӣ то интихоботи оянда диққати интихобкунандагонро ба тарафи худ мекашид. Дар интихоботи парламентӣ кадом ҳизбе, ки ғолиб мебаромад, кабинети вазиронро ташкил мекард ва намояндаи он сарвазир таъин карда мешуд. Ҳамин тариқ, аз соли 1868 сар

карда, то саршавии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳамдигарро иваз намуда, намояндагони ин ҳизбҳо – гоҳ Гладстону Дизраелӣ ва гоҳ Чемберлену Солсбери ба ҳукумати Англия роҳбарӣ карданд. Яке ба заҳматкашон гузашт мекард, дигараш ба инҳисорҳо, яке дар сиёсати хориҷӣ муваффақият ба даст меоварду дигараш дар сиёсати дохилӣ. Баъзан ҳукмронии ин ва ё он ҳизби сиёсӣ дар ҳамаи ин самтҳо бомуваффақият сурат мегирифт. Дар ин маврид интихобкунандагон ҳамон ҳукумат, дурусттараш ҳамон ҳизби ҳукмронро аз нав интихоб менамуданд.

Системаи дуҳизбӣ моҳияти системаи демократии Англияи онвақтаро ифода мекард.

**Моҳияти империализми англис.** Кабинети Гладстон, ки соли 1868 ба сари ҳокимият омад, ба сиёсати дохилӣ бештар аҳамият дод. Аз он ҷумла, он дар интихобот ба парламент овоздиҳии пинҳонии интихобкунандагонро ҷорӣ намуд, тред-юнионҳоро қонунӣ гардонид. Ин ҳукумат ислоҳоти додгоҳиро ба амал баровард, хариду фурӯши мансабҳои ҳарбиро манъ кард, барои хизматчиёни давлатӣ имтиҳон ҷорӣ намуд. Ин қонунҳо хуб буданд. Вале қонун дар бораи дар назди корхонаҳо манъ карда шудани ташкили гирдиҳамоиҳо бар зидди меҳнаткашон буд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар интихоботи соли 1876 ҳизби либералӣ шикаст хӯрд. Солҳои 1876 - 1880 ба кабинети вазирон консерватор Дизраелӣ роҳбарӣ кард.

Консерваторҳо бештар ба сиёсати истилогаронаи хориҷӣ машғул шуданд. Дизраелӣ боре изҳор карда буд, ки Англия «аз ислоҳот монда шудааст». Барои ҳамин вай бояд «дам гирад».

Соли 1875 Дизраелӣ бо ҳилаю найранг аз хидеви Миср саҳмияҳои зиёди Канали Суэтсро харида гирифта, Англияро шарики сохтмони ин канал гардонид. Соли 1876 Дизраелӣ малика Викторияро «Императорбонуи Ҳиндустон» эълон кард. Малика бошад, барои дар мустамликазабткунии Англия корнамоӣ кардан, ба Дизраелӣ унвонҳои фахрӣ граф Биконсфилд ва лордро туҳфа кард.

Кабинети консерваторҳо дар Шарқи Наздику Миёна ва дар Африқои Ҷанубӣ сиёсати истилогаронаро пеш гирифт. Дар сиёсати шарқии худ империализми Англия бо Туркияи феодалӣ такя мекард. Туркия барои вай ҳам бозори мувофиқи

молфурӯшиию сармоягузорӣ ва ҳам барои давом додани истилои Балкану Шарқи Наздик такягоҳи боэътимод буд. Соли 1878 Англия ба ивази дастгирии Туркия дар ҷанги солҳои 1877 – 1878 бар зидди Русия аз Туркия ҷазираи Кипрро гасб кард.

Англия нисбати Эрону Афгонистон ҳам сиёсати забткоронаро пеш гирифт. Дизраелӣ баҳона кард, ки гӯё Англия ин мамлакатҳоро аз тобеияти Русия наҷот медода бошад.

Соли 1879 Англия бо «ташрифи махсус» ба Афгонистон дастаи калони ҳарбӣ фиристод, лекин афгонҳо онро ба хоки давлати худ дохил шудан намонданд. Ин амал барои бар зидди Афғонистони соҳибихтиёр сар кардани амалиётҳои ҳарбии Англия баҳона шуд. Ба Англия муяссар шуд, ки муваққатан дар ин ҷо ба муваффақият ноил шавад. Афғонистон ба Англия тобеъ шуд.

Империализми Англия дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX ҳам сиёсати истилогаронаи худро идома дод. Лекин акнун ин сиёсат дигар ба он вобастагӣ надошт, ки ҳокимияти сиёсӣ дар дасти консерваторҳо аст ва ё дар дасти либералҳо. Дар ин давра Англия ба империяи бузурги мустамликавӣ табдил ёфт. Аз ин рӯ, империализми англис мустамликавӣ буд.

**Ҷанги Англия бо Бурҳо.** Дар баробари соли 1898 ишғол кардани Миср ва Судони Шарқӣ ва аз он ҷо фишор дода баровардани сипоҳи Фаронса, империализми англис аз нав ба истилои Африқо даст зад. Вакте ки дар Трансваал конҳои тилло ёфт шуданд, соҳибкорони англис истилои он ҷоро тезониданд. Онҳо Трансваалро забт намуда, ба истеҳсоли тилло шурӯъ намуданд. Бурҳо, ки аслан зурётҳои голландиҳои дар асри XVII дар Африқои сокиншуда буданд, ба истилогариҳои англисҳо дар Африқои Ҷанубӣ муқобилияти сахт нишон доданд. Моҳи октябри соли 1899 Англия ба Ҷумҳурии Дарёи Норинҷӣ ва Трансваал ҳуҷум кард. Бо ҳамин, ҷанги Англия ва Бурҳо оғоз ёфт. Бурҳо бар зидди империалистони англис шуҷоатмандона муқобилият нишон медоданд. Ин ҷанг зиёда аз ду сол давом кард. Дар ҷанги зидди Англия аҳолии муқимии ин ҷо – сиёҳпӯстон бурҳоро дастгирӣ накарданд, чунки бурҳо нисбати онҳо муносибати душманона доштанд. Оҳиста-оҳиста бурҳо дар ҷанг шикаст хӯрданд ва соли 1902 маҷбур шуданд, ки ба Созишномаи сулҳ бо Англия имзо гузоранд. Мувофиқи он Трансваал ва Ҷумҳурии Дарёи Норинҷӣ ба мулкҳои англисӣ табдил ёфтанд. Дар баробари ин, Англия ухдадор шуд, ки ба ин давлатҳо истиқлолият

медиҳад. Соли 1910 Трансваал ва Ҷумҳурии Дарёи Норинҷӣ бо ҳамроҳии мулкҳои дигари англисии Африқои Ҷанубӣ – Кап ва Натал дар федератсия муттаҳид карда шуда, «Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ» номгузорӣ шуданд. Баъд Англия ин иттифоқро ба доминиони худ табдил дод.

Дар Африқои Ҷанубӣ ҳам империализми Англия супориши сармоядоронро иҷро кард. Марзҳои империя аз ҳисоби давлатҳои ин қитъа боз ҳам васеътер карда шуданд. Истилогариҳои империализми Англия бо ҷангҳои вай дар Африқо ба охир нарасиданд.

**Ҳаракати касабавӣ. Ташкилёбии ҳизби лейбористӣ.** Дар мубoризаи худ меҳнаткашони англис воситаи хуб доштанд. Тавассути тред-юнионҳо ба мошинсозҳо муяссар шуд, ки дарозии ҳафтаи кориро то ба 54 соат кам кунанд. Тред-юнионҳо тавонистанд, ки дар интихоботи соли 1874 ду номзади худро ба вакилии парламент гузаронанд.

Дар солҳои 80-ум буҳрони иқтисодии пурзӯре ба амал омад. Натиҷаи ҳамин буд, ки дар Лондон ва дар шаҳрҳои дигари мамлакат гирдиҳамоиҳои оммавӣ барпо гардиданд.

13 ноябри соли 1887 барои пароканда кардани гирдиҳамоие, ки дар майдони Трафалгари Лондон барпо шуда буд, политсия ба кор бурда шуд. Киштисозҳо ва коргарони заводҳои газ корпартоӣ карданд. Ба онҳо муяссар шуд, ки ба иҷрои баъзе талабҳои худ ноил шаванд. Соҳибкорон рӯзи кории газистеҳсолкунандагонро то ба 8 соат кам карданд. Коргарон дар ин солҳо чандин созмонҳои худро ташкил намуданд, ба монанди «Лигаи намояндагии коргарӣ», «Кумитаи кооперативии миллӣ» ва «Тред-юнионҳо». Онҳо баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои коргарон фаъолият мекарданд.

Дар аввали асри XX аҳволи иҷтимоии коргарон ва табақаҳои дигари меҳнаткашон бадтар шуд. Нархи наво муттасил баланд мешуд. Қурби фунт-стерлинг то ба 19 фоиз поён фаромад. Аҳволи коргаронро бекорӣ боз ҳам вазнинтар кард. Дар байни коргарони баландихтисос бекорон 4,9 фоизро ташкил мекарданд.

Барои паст гардидани шиддати ҳаракати корпартоӣ сармоядорон ҳаракат мекарданд, ки чораҳои таъсирбахш ёбанд. Чунин лаҳза барои онҳо фаро расид. Дар Уэлси Ҷанубӣ ширкати роҳи оҳан тавассути додгоҳ аз тред-юнионҳо талаб кард, ки зарари аз корпартоии

коргарон дидаи ширкатро ҷуброн кунанд. Додгоҳ талаби ин ширкатро қонеъ гардонид. Тред-юнионҳо ба парламент муроҷиат карданд, вале дар он ҷо ҳам масъала ба фоидаи соҳибони ширкати роҳи охан ҳал гардид. Хазинаи иттифоқҳои касаба холӣ шуд. Минбаъд бар зидди соҳибкорон тавассути тред-юнионҳо мубориза бурдан амри маҳол шуд, чунки баъди ҳар корпартоӣ соҳибкорон аз онҳо ҷарима меруёниданд.

Соли 1900 конференсияи махсуси тред-юнионҳо қарор қабул кард, ки Кумитаи намояндагии коргарӣ ташкил карда шавад. Ба он тред-юнионҳо, ҳизби озоди коргарӣ, федератсияи сотсиал-демократӣ ва созмонҳои дигари меҳнаткашон дохил шуданд. Соли 1905 Кумита номи Ҳизби Лейбористиро гирифт. Ин ҳизб дар байни меҳнаткашон бо тезӣ обруйи калон пайдо кард. Натиҷаи ҳаман буд, ки дар интихоботи соли 1906 ба ин ҳизб муяссар шуд, ки 29 номзади худро соҳиби ваколатномаҳои вакилии парламент гардонад. Бо ҳамин, фаъолияти ҳизби нави сиёсии Англия сар шуд. Акнун дар Англия барои ҳокимияти давлатӣ се ҳизби сиёсӣ мубориза мебурд – ҳизби консерваторӣ, ҳизби либералӣ ва ҳизби лейбористӣ.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. ИСТЕҲСОЛИ ЧЎЯН, ПЎЛОД ВА АНГИШТ

(Ба ҳисоби млн тонна)

| СОЛҲО | ЧЎЯН | ПЎЛОД | АНГИШТ |
|---|---|---|---|
| 1900 | 9,0 | 4,9 | 225 |
| 1905 | 9,6 | 5,8 | 236 |
| 1906 | 10,2 | 8,5 | 251 |
| 1910 | 10,0 | 6,4 | 264 |
| 1913 | 10,3 | 7,7 | 287 |

### 2. КОРКАРДИ ПАХТА

Ба ҳисоби млн сентнер)

Соли 1900 – 15,4
Соли 1904 – 17,0
Соли 1905 – 19,2
Соли 1910 – 17,2
Соли 1913 – 19,2

### 3. ТИҶОРАТИ ХОРИҶӢ
(Ба ҳисоби млн ф.-ст. )

| СОЛҲО | СОДИРОТ | ВОРИДОТ |
|---|---|---|
| 1900 | 291,2 | 459,9 |
| 1905 | 329,8 | 487,2 |
| 1910 | 430,4 | 574,5 |
| 1912 | 487,2 | 632,9 |

### 4. БА ХОРИҶА БАРОВАРДАНИ САРМОЯ
(Ба ҳисоби млн ф.-ст.)

Соли **1900 – 21,5**
Соли **1905 – 97,6**
Соли **1910 – 207,1**

### 5. ВАЗЪИ ҚАШШОҚОНАИ ҶУМҲУРИЯҲОИ БУРҲО ДАР СОЛИ 1901

Аз хотираҳои роҳбари либералҳои Англия Компбел Баннерман дар бораи «усулҳои вахшиёна»-и пешбурди ҷанг аз тарафи англисҳо.

Тамоми маҳалҳои ҳар ду мамлакати бурҳо, аз шаҳрҳои кӯҳии саноатӣ, биёбони холи ғамангезро мемонанд. Фермаҳо сӯзонида ва мамлакат ғорат карда шудааст. Рамаҳои чорвои калон ва майда ё нест карда ва ё рабуда шудаанд, устухонаҳо вайрон, асбобу анҷоми кишоварзӣ ва рӯзгор шикаста шудаанд. Ин кирдорро усули вахшӣ меномем...

### 6. АЗ ШАРТНОМАИ СУЛҲИ БАЙНИ БРИТАНИЯИ КАБИР ВА ҶУМҲУРИИ АФРИҚОИ ҶАНУБӢ, ДАВЛАТИ ОЗОДИ НОРИНҶӢ, КИ ДАР ПРЕТОРИЯ 31 МАЙИ СОЛИ 1902 БАСТА ШУДААСТ.

*Моддаи 1.* Нерӯҳои саҳроии бурҳо бетаъхир силоҳҳои худро ба Замин мегузоранд, ҳамин тӯпҳо, милтиқҳо ва лавозимоти ҳарбиеро, ки дар қаламрави онҳо мавҷуданд, ё ки дар зери назорати онҳо мебошанд, месупоранд ва аз ҳар гуна муқовимат бар зидди ҳукумати аълоҳазрат шоҳ Эдуарди VII даст кашида, ӯро ҳамчун ҳокими қонунии худ эътироф мекунанд.

*Моддаи 2.* Бурҳои дар прерияҳо (даштҳо) берун аз ҳудудҳои Трансваал ва мустамликаи Дарёи Норинҷибуда ва ҳамаи бурҳои асири ҷанги мазкур баъди изҳороти дахлдор ва қабули раияти аълоҳазрат шоҳ Эдуарди VII тадриҷан ба хонаҳояшон баргардонида мешаванд...

*Моддаи 3.* Бурҳое, ки ҳамин тавр таслим мешаванд ва ё ки бармегарданд, аз озодии шахсӣ ва ё моликият маҳрум карда намешаванд...

*Моддаи 7.* Идораи ҳарбӣ дар Трансваал ва дар мустамликаи Дарёи Норинҷӣ бо фароҳам омадани имконият ба идораи шаҳрвандӣ иваз карда мешавад, муассисаҳои намояндагие таъсис карда мешаванд, ки ба сӯйи худидоракунӣ мебаранд.

## САНАҲОИ МУҲИМ

| | |
|---|---|
| 1875 – | дар сохтмони Канали Суэтс соҳиби саҳмияҳо шудани Англия |
| 1878 – | Кипрро аз Туркия ғасб кардани Англия |
| 1879 – | «ташрифи махсус»-и дастаи калони ҳарбии Англия ба Афғонистон ва ноком шудани он |
| 1898 – | Миср ва Судони Шарқиро забт кардани Англия |
| 1899 – | ба Ҷумҳурии Дарёи Норинҷӣ ҳуҷум кардани Англия |
| 1902 – | ба мулкҳои Англия табдил дода шудани Трансваал ва Ҷумҳурии Дарёи Норинҷӣ |
| 1905 – | Ҳизби Лейбористӣ ном гирифтани Кумитаи намояндагони коргарӣ |
| 1910 – | бо номи «Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ» дар як федератсия муттаҳид карда шудани Трансваал, Ҷумҳурии Дарёи Норинҷӣ, Кап ва Натал |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Бо кадом сабабҳо Англия дар охирҳои асри XIX дар саноат, дар ҷаҳон, мавқеи авваларо аз даст дод? **2.** Ба давраи империализм дохил шудани Англия чӣ тавр ба амал омад? **3.** Дар бораи фаъолияти ширкатҳои инҳисорӣ ва бонкҳои Англия маълумот диҳед. **4.** Сохти давлатии Англияи нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX - ро шарҳ диҳед. **5.** Дар бораи системаи дуҳизбии идоракунии индавраинаи Англия чиҳо медонед? **6.** Дар бораи ҷанги Англия бо бурҳо нақл кунед. Чаро сиёҳпӯстон дар мубориза бар зидди Англия бурҳоро дастгирӣ накарданд? **7.** Ҳаракати касабавӣ дар Англия охирҳои асри XIX – аввали асри XX чӣ хел сурат мегирифт? **8.** Ҳизби Лейбористии Англия кай ва чӣ тавр ташкил ёфт? **9.** Аз ҳуҷҷатҳои 1, 2, 3 ва 4 хулоса бароред, ки дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX саноат ва молияи Англия дар кадом ҳолат қарор дошт? **10.** Ҳуҷҷатҳои 5 ва 6 дар бораи чӣ шаҳодат медиҳанд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 4. МУТТАҲИДШАВИИ ИТАЛИЯ

**Италия баъд аз инқилоби буржуазӣ.** Баъди шикаст хӯрдани инқилоби буржуазӣ, Италия мисли пештара пароканда мондан гирифт. Ҳокимияти Габбсбургҳо дар вилояти Лонбардияю Венетсия аз нав барқарор карда шуд. Таъсири Австрия ба Модену Парма ва Тоскана аз нав пурзӯр гардид.

Бо ёрии Австрия мутлақиятҳои сарнагумшуда – сулолаи Габбсбургҳо боз ба ин ҷойҳо баргаштанд. Барои таъмини амнияташон ба пойтахтҳои онҳо сипоҳи Австрия дароварда шуд. Дар Рим бошад, аз соли 1849 сар карда, гарнизони Фаронса мустақар буд. Дар шоҳигарии ҳар ду Ситсилия «шоҳ-бомба» - Фердинанди II бар халқи худ бедодгариро давом медод. Ҳарчанд ӯ расман конститутсияро бекор накарда бошад ҳам, дар амал режими мутлақи террористиро аз нав барқарор кард. Баъди соли 1849 танҳо дар Пъемонт сохти конститутсионӣ боқӣ монд. Мардуми ин ҷо аз баъзе озодиҳои демократӣ истифода мебурданд. Шоҳ Виктор – Эммануили II шахси озондандешу демократмиҷоз буд. Ӯ ҳатто ба ватандӯстони аз дасти шоҳҳои дигар гурехта паноҳгоҳи сиёсӣ медод.

Сарфи назар аз мавҷудияти иртиҷои сиёсӣ, дар Италия ҳаракати миллию озодихоҳӣ қатъ нагардид. Буржуазия ва аҳли меҳнат ба хӯҷаинии аҷнабиён дар Италияи Шимолӣ ва ҷойҳои дигари он оштинопазир буданд. Баъд аз инқилоб ва қатъ гардидани буҳрони иқтисодии солҳои 1847 – 1848 давраи болоравии нави иқтисодиёт оғоз ёфт. Он хусусан дар Пъемонт ба назар мерасид. Дар ин ҷо истеҳсолоти калони соҳибкорӣ ба вуҷуд меомад. Фабрикаю заводҳои нав сохта мешуданд. Сохтмони роҳи оҳан идома меёфт. То соли 1859 дар Италия аллакай 1700 километр роҳҳои оҳан сохта шуд. Аз он ҷумла, дар Пъемонт – 850 километр. Дар баробари болоравии саноат тиҷорат ҳам пеш мерафт. Бандари Генуя дар Баҳри Миёназамин мавқеи худро аз нав барқарор кард. Ин ҳама буржуазияро барои озодии миллии Италия ба мубориза тела медод.



Камилло Кавур.

**Дар роҳи муттаҳидшавӣ.** Яке аз шахсони маъруфи буржуазияи Италия, ҷонибдори сохти парламентии идоракунии давлат Камилло Кавур буд. Барои аз зери истилои Австрия озод кардани Италия ӯ ҷидду ҷаҳди зиёде кардааст. Соли 1852 баъд аз ишғол кардани мансаби сарвазирии Сардиния, Камилло Кавур бо Англия ва Фаронса созишномаҳои тиҷоратие баст, ки дар натиҷа дар Италия суръати табаддулоти саноатии оғозёфта боз ҳам босуръаттар шуд.

Сиёсати иқтисодии Камилло Кавур барои бо тезӣ паҳн гардидани тартиботи нави сармоядорӣ кӯмак расонид.

Дар сиёсати хориҷӣ Кавур дар назди худ аввал мақсадҳои наонқадар калонро гузошт. Ӯ ният дошт, ки вилоятҳои Ломбардияю Венетсия ва ҳерсогиҳои Италияи Марказиро, ки дар онҳо Австрия хӯҷаинӣ мекард, ба Пъемонт ҳамроҳ кунад. Вале Кавур ин корро «аз боло», бо роҳи ҳилаю найрангҳои дипломатӣ иҷро карданӣ буд.

Ватандӯстони дигари Италия ҳам мехостанд истилогаронро аз ватанашон пеш карда, онро муттаҳид созанд. Вале Фаронса ба ин кор бо ҳар роҳ халал мерасонд. Ф. Орсини ном ватандӯсти италиявӣ соли 1858 бар зидди императори Фаронса Наполеони III сӯйиқасд кард, вале дастгир шуда, дар Гилотин қатл гардид.

Камилло Кавур роҳи дипломатиро хеле самаранок истифода бурд. Ба ӯ муяссар шуд, ки тобистони соли 1858 дар Пломбер бо Наполеони III пинҳонӣ мулоқот намояд. Кавур ба императори Фаронса ваъда дод, ки агар ӯ дар муборизаи Италия бар зидди Австрия ёрӣ расонад, тайёр аст Савойя ва Нитсаро ба Фаронса гузашт кунад.

Пеш аз саршавии ҷанг, Наполеони III пинҳонӣ бо Русия шартномаи дӯстӣ баст. Шоҳи Русия Александри II ба Наполеони III ваъда дод, ки дар ҷанги Фаронсаю Италия алайҳи Австрия мавқеи бетарафиро ишғол мекунад. Дар натиҷаи ин, дар ҷанги оянда Австрия яккаю танҳо монд.

**Оғози ҷанги Италия бар зидди Австрия.** Ҷанги зидди Австрия моҳи апрели соли 1859 оғоз ёфт. Тобистони ҳамон сол лашкари Фаронса ва Сардиния ба сипоҳи Австрия шикаст дода, Ломбардияро ба даст даровард. Ин ғалаба авҷи ҳаракати халқи инқилобиро дар Италия аз нав ба вуҷуд овард. Дар як қатор давлатҳои хурду калони он инқилоб ба амал омад. Инқилоб қариб ҳамаи мулкҳои Папаро ҳам фаро гирифт.

Мардум талаб мекард, ки давлатҳои Италия дар давлати ягонаи миллӣ муттаҳид карда шаванд.

Дар Флоренсия (пойтахти Тоскана) шӯриш ба амал омад. Он герсоги маҳаллиро маҷбур кард, ки ба Венетсия гурезад. Чунин воқеа дар Модена ва Парма ҳам ба амал омад.

**Нокомиҳо дар роҳи муттаҳидкунӣ.** Ба муборизаи зидди истилогарони австриягӣ Ҷузеппа Гарибалдӣ низ ҳамроҳ шуд. Ӯ бо дастаҳои худ ба лашкари Пъемонт дохил шуда, дар рутбаи генералӣ ба ихтиёриён фармондеҳӣ мекард. Ин иқдоми ватандӯстонаи Гарибалдӣ ба болоравии рӯҳияи инқилобии мардум сабабгор шуд. Ӯ бо ҳамроҳии баҳодурони худ ба Ламбардия зада даромад. Вайро аҳолии ин ҷо ба хурсандии бепоён пешвоз гирифт. Гарибалдӣ ба австриягиҳо шикаст дод.

Мардум боварии комил дошт, ки акнун ғалаба бар Австрия таъмин мегардад, вале Наполеони III Камилло Кавурро фиреб дод. Ӯ 11 августи соли 1859 бо императори Австрия Франс-Иосиф дар шаҳри Виллефранк вохӯрда, гайричашмдошти италиявиҳо бо ӯ оштӣ шуд ва бо Австрия Созишномаи сулҳро имзо кард. Мувофиқи созишнома, ба Пъемонт танҳо Ломбардия гузашт, вилояти Венетсия дар ихтиёри Австрия монд. Ҳокимияти олӣ дар нимҷазираи Апенин ба Виктор-Эммануили II нею ба дасти душмани муттаҳидшавии Италия – Папаи Рим Пийи IX супурда шуд. Ба Моден, Парма ва Тоскана Габбсбургҳои аз он ҷойҳо пешкардашуда баргаштанд.

Чаро Наполеони III ин корро кард? Ӯ намехост, ки дар ҳавзаи Бахри Миёназамин Италияи муттаҳид ҳукмрон гардад. Барои Фаронса Италияи пароканда фоиданоктар буд.

Шартҳои Созишномаи сулҳи Виллефранк қаҳру газаби халқи Италияро ба вуҷуд оварданд. Созиши императори Фаронса-Наполеони III бо Австралия ва бор кардани идораи худ бар шоҳҳои Италия боварии мардумро ба ҳукумати Виктор-Эммануили II хеле паст кард.

Дасисаҳои Наполеони III, оҷизии шоҳҳои Италия ва хиёнати Папаи Рим – Пийи IX муборизаи озодихоҳонаи халқро боз ҳам баландтар кард. Акнун муттаҳид кардани Италия «аз поён», яъне бо роҳи инқилобӣ ба ҳамла омада метавонист.

Моҳи апрели соли 1860 дар Палермо шӯриш ба амал омад, вале лашкари шоҳ онро зуд пахш кард. Баъди ин демократи ҷумҳурияхои Шимол Мадзини ва ҳамсафони ӯ қарор доданд, ки ба ҷанубиҳо ёрӣ расонанд.

**Ҷузеппа Гарибалдӣ.** Аз шаҳри Генуя, ки он дар шимоли Италия воқеъ аст, бо сардории Ҷузеппа Гарибалдӣ дар 2 киштии калон дастаи бузурги ихтиёроне, ки дар тан либоси сурх доштанд ва онҳоро «куртасурхҳо» меномиданд, ба ҷониби Ситсилия раҳсипор шуданд.

Дастаи Гарибалдӣ ба соҳили ҷазираи Ситсилия бомуваффақият лангар партофта, ба амалиётҳои ҳарбӣ шурӯъ кард. Ба дастаи ӯ гурӯҳ-гурӯҳ деҳқонони ҷазира дохил мешуданд. Дастаи «куртасурхҳо» дар муддати кӯтоҳтарин сершумору пурзӯр гардид. Ин имконият дод, ки дар наздикии Калатафимӣ ба лашкари бар зидди Гарибалдӣ равонкардаи шоҳ голиб барояд. Ҷангҳои вазнин ҳангоми бадастдарории пойтахти ҷазира-шаҳри Палерморо ба амал омаданд. Хушбахтона, ин дам шаҳриҳо шӯриш бардошта. ба тарафи Гарибалдӣ гузашта, ба ӯ барои тезтар ба даст даровардани шаҳр ёрӣ расониданд.

Моҳи августи соли 1860 «куртасурхҳо» ба Калабрия ворид шуданд ва лашкаркашии афсонавии қаҳрамононаи худро ба Неапол оғоз карданд. 7 сентябр Гарибалдӣ бо сипоҳи худ ботантана ба пойтахти шоҳигарии ҳар ду Ситсилия ворид гашт. Аз он ҷо шоҳ Франсискои II базӯр гурехта тавонист. Ба ин нигоҳ накарда, нерӯҳои шоҳ ҳанӯз пурқувват буданд. Вале 1 октябри соли 1860 лашкари халқӣ онро дар наздикии дарёи Волтурно торумор кард.



Ҷузеппа Гарибалдӣ дар рафти лашкаркашиаш имтиёзҳои зиёди дворянҳо, рӯҳониён ва андозҳои вазнини кишоварзонро бекор кард. Барои ин халқи одӣ дар ҳама ҷо «куртасурхҳо»-ро чун ёру бародарони худ пешвоз мегирифт.

**Ҷузеппа Гарибалдӣ**

**Анчомёбии муттаҳидшавии Италия.** Заминдорони калон аз обрӯи беандоза бузурги Гарибалдӣ дар ташвиш монда буданд. Аз ҳамин сабаб, онҳо барои ёрӣ ба Виктор-Эммануили Ш ва Камилло Кавур мурочиат карданд. Гарибалдӣ чораҳаеро амалӣ мекард, ки ба фоидаи аҳли заҳматкашон буданд. Барои ҳамин ҳам ба ӯ бар зидди ҳокимони мутлақи Италия мубориза бурдан кори осон буд.

Баъд аз озод кардани Чануб, Гарибалдӣ ният дошт, ки ба тарафи Рим ҳаракат кунад. Виктор – Эммануили II ғалабаҳои Гарибалдиро барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ истифода бурданӣ буд. Ӯ мехост, ки ба вилояти Папа аз Гарибалдӣ пештар омада расад ва ташаббусро ба дасти худ бигирад. Ин масъала ва масъалаҳои дигарро Камилло Кавур ба сафири ба Турин фиристодаи Наполеони III муҳокима кард. Нақшаи забт кардани вилояти Папа ҳам мавриди муҳокима қарор гирифт. Аз ин бармеояд, ки огози муттаҳидшавии Италия «аз поён» императори Фаронсаро ҳам ба ташвиш овардааст.

Виктор – Эммануили II тамоми чораҳоро андешиданӣ буд, то ки мавчи инқилоб ба Рим дохил нагардад.

1 октябри соли 1860 дастаи 20-ҳазорнафараи лашкари Пъемонт ба шоҳигарии Неапол даромад. Ӯро ашрофон бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд, чунки аз Гарибалдӣ сахт тарсида буданд.



**Гарибалдичиён ҳангоми чанг дар кучаҳои Палермо соли 1860**

Гарибалдӣ мақсадҳои наҷиб дошт. Ӯ ба ғояҳои истиқлолияти миллӣ содиқ буд. Бинобар ин, алайҳи лашкари Сардиния муқобилияте нишон надода, бе мубориза ҳокимияти ин ҷоро ба шоҳ Виктор-Эммануили II супорид. Баъди ин либералҳо барои бо Шимол муттаҳид сохтани Ҷануб раъйпурсӣ гузаронида, ба мақсадашон расиданд.

Акнун муттаҳид кардани Италия «аз поён» ба охир расид. Идомаи он «аз боло» сурат гирифт.

Баъди ба Шимол муттаҳид кардани Ҷануб, Конститутсияи нави Италия ҷорӣ карда шуд, ки он ба Конститутсияе, ки соли 1848 дар Пъемонт ҷорӣ карда шуда буд, монандӣ дошт. Дар Италия парламенти дупалатадор-сенат ва палатаи вакилон ташкил карда шуд. Он барои интихобот ба парламент меъёри баланди молумулкӣ дошт. Барои ҳамин, дар аввал танҳо 2,5 фоизи аҳолӣ ҳуқуқи интихоботӣ гирифту халос. Шоҳ бо монархи конститутсионӣ муттаҳид шуд.

Муттаҳидшавии Италия дар ин вақт ҳанӯз ба охир нарасида буд. Дар вилояти Венетсия мисли пештара австриягиҳо хӯҷаин буданд. Дар Рим бошад, Папа Пийи IX ҳукмрон буд. Муттаҳидшавии пурраи Италия «аз боло» дар зери роҳбарии виктор-Эммануили II ба амал омад. Ӯ дар муддати дуру дароз барои ин кор бар зидди душманони муттаҳидшавии Италия мубориза бурд ва ниҳоят баъд аз ишғол карда шудани «шаҳри абадӣ»-Рим муттаҳидкунии мамлакатро ба охир расонид. Италия бо ҳамин ба давлати муттаҳиди ягона табдил ёфт.



Виктор Эммануили II.

## ҲУҶҶАТҲО

### 1.МАДЗИНӢ ДАР БОРАИ ЛАШКАРКАШӢ БА СИТСИЛИЯ (СОЛИ 1860)

...Ҷонибдорони Ҳукумат корро аз таъназании «иқдоми беақлона»-и Гарибалдӣ огоз намуданд. Италиявиҳоро ба бефаъолиятӣ даъват менамуданд. Вақте ки дар бораи Калатафимӣ фаҳмиданд, ба ваҷд омаданд, лекин дастгирӣ накарданд; вақте ки дар бораи Палермо фаҳмиданд, усули ба ихтиёри худ даровардани ин ҳаракатро омӯхтанд...Мо бе ягон таърих амал кардем, то ки Гарибалдӣ ва хэудиҳоро пурзӯр намоем...Мо барои ба Ситсилия равон кардан лавозимоти зиёди ҷангӣ, киштиҳо ва зиёда аз 20 ҳазор ихтиёриёнро ҷамъ кардем. Баъд Гарибалдӣ ва ҳамсинфони кумитаҳои таъминотро ҳамчун саҳифаҳои нисбатан пуршарафтарини ду соли охир ба таърихи Италия дохил намудем. Аксариятро дар байни ин кумитаҳо одамони мо ташкил намуданд...дар байни ихтиёриён аксарияти одамон бо мо ҳамақида буданд. Онҳо дар майдони набард бо мамнуният бо Гарибалдӣ пайвастанд...

Ташаббус аз майдони император – шоҳҳо ба майдони халқ ва миллат кӯчид ва онро танҳо бо роҳи ҷангҳои муттасил боздоштан мумкин буд.

Дар Италия мафтуншавӣ ба мутлақият. ба фикри ман, яке аз нишонаҳои аҷоиби замон мебошад. Аз як тараф, тамоми халқ, мутаассифона, бовар кард, ки мутлақият робитаи ягонагист; аз тарафи дигар, шахси бузурги дорои обрӯйи шоиста, аз рӯйи ақоиди худ, ҷумҳуриятхоҳе, ки бегуфтугӯ шахси бовиҷдон ва хайрхоҳ ҳисобида мешавад, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳар як ваҷаби заминҳои Италияро паси ҳам барои шоҳе ба даст дарорад... Қисми беҳтарини ҷавонони ҷумҳуриятхоҳ мубориза мебаранд, то ки пирӯз шаванд ва ё қаҳрамонона ҳалок гарданд. Мо тайёрем, ки талафоти қимат диҳем, то ки ба муттаҳидсозӣ ноил гардем...

... Аз ин шарҳи мухтасари далелҳо бармеояд, ки муттаҳидсозии музофотҳои марказӣ, озодкунии заминҳои Ситсилия ва Неаполитания ба воситаи хурӯҷи дурусти мамлакат ба даст оварда шуда буд ва тавассути одамоне, ки бо ҳукумат ягон робита надоштанд ба воситаи Гарибалдӣ ба ҳаракат ягонагӣ, шуурнокӣ, самт ва ташаббус бахшиданд... Ҷумҳуриятхоҳон...сарфи назар аз туҳмат, таассуф ва ношукрӣ дар бораи боодобона иҷро кардани хоҳиши аксарияти миллат ба ягонагии Ватан ба қавли худ вафо карданд, то ки мутлақият аз парчами муқаддас дур нашавад...

### 2. МУРОҶИАТНОМАИ ГАРИБАЛДӢ БА СОКИНОНИ СИТСИЛИЯ

Ситсилиягиҳо! Ман бо ёрии шумо дастаи шерамардонро овардам...садои қаҳрамононаи ситсилиягиҳо ба гӯшамон расид ва инак дар байни шумоем. Мо танҳо як чиз-озодии ватанро мехоҳем. Агар аз як гиребон сар барорем, кор осон мешавад. Аслиҳа ба даст гиред! Касе силоҳ ба даст нагирад, тарсончак аст, ё хоин! Аз нарасидани силоҳ натарсед! Барои шахси далер ҳар гуна силоҳ хуб аст. Шӯроҳои шаҳрӣ дар ҳаққи занон, кӯдакон ва мӯйсафедон ғамхорӣ мекунанд. Ҳамин тавр, силоҳ ба даст гиред! Бигузор, Ситсилия боз як бори дигар ба оламиён намоиш диҳад, ки чӣ сон халқи шуҷоъ аз золимони хеш озод мешавад!

## САНАҲОИ МУҲИМ

| | |
|---|---|
| **То соли 1859 –** | дар Италия сохта шудани 1700 км роҳи оҳан |
| **1852 –** | бо Англия ва Фаронса созишномаҳои тиҷоратӣ бастани Камилло Кавур, сарвазири Сариндия |
| **1858 –** | сӯйиқасди бебарори Ф. Орсинӣ ба ҷони Наполеони III, императори Фаронса |
| **1858 –** | вохӯрии пинҳонии Камилло Кавур бо Наполеони III дар Пломбер |
| **VIII. 1860 –** | ба Ситсилия даромадани сипоҳи Гарибалдӣ |
| **IV.1860 –** | ғалабаи Гарибалдӣ бар лашкари шоҳ, дар наздикии Калатафими |
| **1.X.1860 –** | дар наздикии дарёи Волтурно аз тарафи Гарибалдӣ торумор карда шудани лашкари шоҳ Франсискои II |
| **1859 - 1860 –** | дар як давлат муттаҳид карда шудани зиёда аз нисфи Италия |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Баъд аз шикасти инқилоби буржуазии солҳои 1848 – 1849 дар Италия чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд? **2.** Камилло Кавур кӣ буд ва ӯ дар роҳи муттаҳидкунии Италия чӣ корҳоро иҷро кард? **3.** Ҷанги зидди Австрия кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **4.** Ба мубориза зидди австриягиҳо ҳамроҳ шудани Ҷузеппа Гарибалдӣ ба италиявиҳо чӣ муваффақият овард? **5.** Дар бораи лашкаркашии Ҷузеппа Гарибалдӣ ба ҷануби нимҷазираи Апенин нақл кунед. **6.** Ба саволҳои омӯзгор ва ҳамдарсонатон аз рӯйи харитаи Италия ҷавоб диҳед. **7.** Оё солҳои 1859-1860 Италия муттаҳид гардид? **8.** Саҳми Виктор – Эммануили II-ро дар муттаҳидкунии Италия баён намоед. **9.** Императори Фаронса Наполеони III чӣ тавр ба муттаҳидшавии Италия монеъ мешуд? Чаро? **10.** Муттаҳидшавии пурраи Италия чӣ қадар тӯл кашид? Кӣ ва чӣ тавр муттаҳидкунии Италияро ба анҷом расонид? **11.** Мазмуни мурочиатномаи Гарибалдиро шарҳ диҳед. **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 5. ҶАНГИ ФАРОНСА ВА ПРУССИЯ

**Сабабҳо ва мақсадҳои ҷанг.** Баъди дар соли 1866 дар ҳайати 22 давлати олмонӣ ташкил ёфтани иттифоқи давлатҳои Олмони Шимолӣ, муносибатҳои байни Фаронса ва Олмон тезу тунд шудан гирифтанд.

Дар охирҳои солҳои 60-ум режими напалеонии Фаронсаро бухрон фаро гирифт. Империяи Дуюм дигар дар байни оммаи халқ такягоҳи боэътимод надошт. Мардум аз он норозӣ буд. Ин режим танҳо тавассути ҷанг мустақар мемонд. Рақиби ҷангии Фаронса пешакӣ маълум буд. Ҷанг бояд бар зидди Пруссия оғоз меёфт. Наполеони III дар назди худ мақсад гузошт, ки бо як зарбаи ҳалокатовар ин давлатро шикаст дода, иттифоқи давлатҳои Олмони Шимолиро барҳам занад. Бо ин роҳ имконият надиҳад, ки Олмони ягонаи пурзӯр ташкил карда шавад.

Чанд сол қабл дар ҷанҷолҳои байни давлатҳои Олмон Фаронса мақоми ҳакамро иҷро мекард. Вале, вақте ки Пруссия дар ҷанги зидди Австрия ғолиб баромад, вазъият тағйир ёфт. Пруссия боварӣ ҳосил кард, ки акнун қудрат дорад давлатҳои Олмонро «аз боло» тавассути қувва муттаҳид созад. Фаронса бошад, мехост, ки мақоми ҳакамии худро бар давлатҳои олмонӣ боз аз нав барқарор кунад. Фаронса душмани ашаддии муттаҳидкунии давлатҳои олмонӣ буд. Агар пешистода бар Фаронса ғолиб баромада метавонистанд, пас, бемамониат, дар давлати ягонаи миллӣ муттаҳидшавии давлатҳои Олмон ба амал омада метавонист. Аз ин рӯ, ҳар ду тараф ҳам ба ҷанги дар пешистода манфиатдор буданд.



Седани дар муҳосирамонда.

**Шикасти Фаронса дар оғози ҷанг.** 19 июли соли 1870 Наполеони III бо Пруссия ҷанг эълон кард. Дар ин ҷанг фаронсавиҳо ба ғалабаи осон умед мебастанд. Вале лашкари муттаҳидаи давлатҳои олмонӣ ба ҷанг тайёрии пухта дида буд. Ҳанӯз дар муҳобираҳои наздисарҳадӣ Фаронса ташаббусро аз даст дод. Аз аввали ҷанг ташаббусро Олмон ба даст гирифт. Як қисм лашкари Фаронса аз сабаби беҳунарии лашкаркашон дар қалъаи Метс, ки он дар сарҳади шарқӣ буд, ба муҳосираи лашкари Олмон афтода, торумор гардид. Қисми дигари сипоҳи Фаронса, ки Наполеони III ҳамроҳи он буд, ба ёрии лашкари дар қалъаи Метси бамуҳосираафтода шитофт. Ин нерӯҳоро лашкари Олмон дар пастхамии Седан «пешвоз» гирифт. Дар ин ҷо муҳорибаи шадиде ба амал омад, ки дар натиҷаи он лашкари Фаронса шармандавор шикаст хӯрд. 2 сентябри соли 1870 Наполеони III фармуд, ки барои таслим шудан парчами сафед бардошта шавад. Ғайр аз ҳазорон нафари куштаю ярадоршуда, 80 ҳазор афсару аксарони Фаронса ба душман асир афтоданд.

Дар назди Седан шармандавор шикаст хӯрдани лашкари Фаронса аз пӯсида рафтани Империяи Дуюми Фаронса дарак медод.

**Инқилоби 4 сентябри соли 1870.** Дере нагузашта, хабари шикаст хӯрдани лашкари Фаронса ба Париж расида, қаҳру ғазаби бепоёни мардуми одиро ба вуҷуд овард. 4 сентябр мардуми пойтахт ба кӯчаҳои шаҳр баромада, аз нав барқарор кардани ҷумҳурӣ ва муҳофизати Ватанро тақозо кард. Онҳо дар якчанд соат аввал бинои Иморати Қонунбарор ва Ратушаи шаҳрӣ ва баъд тамоми шаҳрро ба даст даровар данд. Он рӯз халқ бар ҳокимияти император Наполеони III ғалаба кард. Фаронса ҷумҳурӣ эълон карда шуд.

Инқилоби 4 сентябри соли 1870 дар таърихи Фаронса инқилоби чорумин буд. Ҳарчанд дар он мардуми одӣ ғалаба карда бошад ҳам, буржуазияи дар ин кор таҷрибадори Фаронса аз он истифода бурда, аз рӯзи аввали инқилоб ҳокимиятро ба даст гирифт ва ҳукумати муваққатиро ташкил намуд.

**Ҳукумати хиёнати миллӣ.** Ҳукумати муваққатии буржуазие, ки ташкил ёфт, кайфияти ватандӯстонаи мардумро ба ҳисоб нагирифта наметавонист. Барои ҳамин, худро ҳукумати «Наҷоти Миллӣ» номид.

Вазири корҳои хориҷӣ Жюл Фарв ба халқи башӯромада эълон кард, ки ҳаргиз ягон ваҷаб Замин ва ягон санги қалъаҳоро нахоҳад дод. Ин суханҳо гапфурӯшии авомфиребонаи рӯйрост буданд. Барои муҳофизати Париж сокинони онро мусаллаҳ кардан лозим меомад. Вале ин кор ба ақидаи ҳукумат маънии мусаллаҳ кардани инқилобро дошт. Ҳукумати муваққатӣ аз ин иқдом метарсид. Вай намехост, ки халқи мусаллашуда ба муборизаи зидди истилогарон бархезад. Ин қувва метавонист дар қатори истилогарони Пруссия ҳукумати муваққатиро ҳам рӯфта партояд. Аз ҳамин сабаб, ҳукумати муваққатӣ мехост, ки тезтар бо Пруссия забон як кунад. 27 сентябр лашкаре, ки ба он дар Метс генерал Базен фармондеҳӣ мекард, ба душман таслим шуд. Дар натиҷа 173 ҳазор нафар афсару аскарони Фаронса асир афтоданд. Пруссиягиҳо инчунин лавозимоти ҳарбии зиёде ғанимат гирифтанд. Баъди ин лашкари 230 ҳазорнафараи Пруссия беягон мушкилии ҷиддие ба тарафи Париж ҳаракат карда, онро муҳосира намуд. Ҳукумат бошад, барои муҳофизат кардани шаҳр чорае надид.

18 – 20 сентябри соли 1870 Ҳукумати муваққатӣ пинҳонӣ бо сарвазири Пруссия Бисмарк вохӯрд, пешакӣ дар бораи сулҳ аҳду паймон кард. Баъд бо Пруссия Созишномаи сулҳи таслимшавӣ ҳам баст. Дере нагузашта, ин хиёнат ба халқ маълум гардид. Омма ҳукумати «наҷоти миллӣ»-ро ҳукумати «хиёнати миллӣ» номид.

**Муқовимати халқ бар зидди истилогарон.** Он ҷанговароне, ки ба душман таслим нашуда ҷон ба саломат бурда буданд, ба сафҳои дастаҳои «франтиреро» («тирандозони озод») дохил шуда, бар зидди истилогарон қаҳрамонона меҷангиданд. Дар ақибгоҳи душман дастаҳои чирикҳо ташкил карда шуданд. Онҳо ба ситодҳои душман ҳуҷум мекарданд. Аз дасти ин



Халқ дар назди толори Маҷлиси Қонунбарор. 4 сентябри соли 1870.

чирикҳо ҳар рӯз садҳо душманон кушта мешуданд. Истилогарони Пруссия шаҳру деҳотро оташ зада, ба хок яксон мекарданд.

Аҳволи Париж ниҳоят вазнин буд. Мардуми дар муҳосирамонда баҳодурона муқобилият нишон медод. Дар шаҳр гуруснагӣ ҳукмрон буд. Одамон маҷбур мешуданд, ки сагу муш ва зоғу гурбаҳоро хӯрда, аз мурдан раҳо ёбанд.

Ҳазорон нафар парижиҳо ба Горди Миллӣ дохил мешуданд. Моҳи октябри соли 1870 шумораи он ба 250 ҳазор нафар расид.

Ҳукумати муваққатӣ ҳамоно хиёнати худро ба халқи Фаронса идома медод. Вай охири моҳи январи соли 1871 бо Олмон сулҳи муваққатӣ баст. Баъде чанде дар шаҳри Франкфурти лаби Майн Созишномаи сулҳи Фаронсаю Олмон ба имзо расид. Ҳукумати Фаронса розӣ шуд, ки музофотҳои Элзес ва Лотарингияро ба Пруссия диҳад. Бисмарк акнун намояндаи тамоми Олмон шуд, чунки давлатҳои Олмон воқеан муттаҳид шуданд. Дар ин бора ӯ ба оламиён эълон намуд.

Аъзои ҳукумати Фаронса дар ғами мансабҳои худ буданд. Барои дар сари ҳокимият мондан, саросемавор, дар Маҷлиси Миллӣ интихобот гузарониданд. Буржуазия кишоварзон ва як қисми табақаҳои дигари аҳолиро, ки аз мақсаду маккориҳои ҳукумат хуб огаҳӣ надоштанд ва ҳам шоҳпараст буданд, истифода бурда, дар интихобот ғолиб баромад. Маҷлиси Миллии навинтихобшуда бо сардории Тиер ҳукумати зиддихалқиро ташкил намуд. Ҳукуматдорони Олмон аз натиҷаи интихоботи Фаронса қаноатманд буданд. Онҳо ӯҳдадор шуданд, ки ҳукумати Тиерро дар Париж муҳофизат мекунанд, ва намегузоранд, ки дар ин шаҳр аз нав инқилоб сар занад.

**Ташкилёбии Коммунаи Париж.** Муқобилият бар зидди истилогарони Олмон ва душманони дохилиро Горди Миллӣ ба ӯҳда дошт. Ҷанговарони он аз байни худашон КМ Горди Миллиро интихоб карданд. Ба Горди Миллӣ ҳукумати Тиер ягон хел ёрие намерасонид. Вай ҳатто ба гордчиён



Коммунарҳои Париж.

маош ҳам намедод. Гузашта аз ин, Тиер фармуд, ки Горди Миллӣ бесилоҳ карда шавад.

Гордчиён дар баландии Монмартра ҷой гирифтанд. 18 марти соли 1871 аскарони ҳукуматӣ ба онҳо ҳамла карданд. Бонги изтироб зада шуд. Мардуми Париж ба по хест. Дастаҳои Горди Миллӣ ба нерӯҳои ҳукуматӣ зарбаи ҳалокатовар заданд. То зуҳр дар Париж ҳокимият ба дасти Горди Миллӣ гузашт. Шӯриши халқӣ ғалаба кард. КМ горди Миллӣ ба ҳукумати инқилобии мардуми меҳнаткаши Париж табдил дода шуд. Ҳукумати Тиер ба Версал гурехт. КМ Горди Миллӣ ба таври фаврӣ ба Коммунаи Париж интихобот гузаронид. Дар он меҳнаткашон ғолиб баромаданд.

Коммунаи Париж дар муддати кӯтоҳи мавҷудияти худ ба манфиати мардум чораҳои зиёдеро ба амал баровард. Дар байни онҳо барҳам додани лашкари кӯҳна ва ташкили лашкари нав, моликияти ҷамъиятӣ эълон кардани воситаҳои истеҳсолот, манъи ҷаримаю фоизситонӣ аз маош, манъи меҳнати шабонаи нонвойҳо, муқаррар кардани маоши ҳадди ақал, мусодираи корхонаҳои душманони Коммуна ва ба ихтиёри кооперативҳои коргарӣ додани онҳо ва ғайра. Шӯрои Коммуна қарор кард, ки дар мактаб барои талабагон таълими ҳатмӣ бепул мебошад.

**Шикаст хӯрдани Коммуна.** Ҳукумати Тиер ба ҳукуматдорони Олмон дар бораи торумори Коммунаи Париж забон як кард. Барои ҳамин, Бисмарк фармуд, ки асирони ҳарбӣ ба ихтиёри Тиер баргардонида шаванд. Ба Тиер муяссар шуд, ки сипоҳашро то ба 130 ҳазор нафар расонад. Душманони коммунарҳо дар Версал бар зидди Коммунаи Париж ҳаматарафа тайёрӣ медиданд. Шӯрои Коммунаи Париж ба мусаллаҳ кардани нерӯҳои худ машғул буд. Вале барои зидди версалчиён пурра ба ҷанг тайёр кардани онҳо муваффақ нашуд.

Версалчиён ба Париж 2 апрели соли 1871 ҳуҷум карданд. Зану мард ва хурду калон ба мудофиаи шаҳр бархостанд. Коммунарҳо шуҷоатмандона меҷангиданд, вале қувваҳо баробар набуданд. Ба душманони инқилоби халқӣ муяссар гардид, ки даромадгоҳҳои шаҳрро ба даст дароранд. Баъди ин ҳуҷуми аксулинқилобчиён ба шаҳр аз се самт сурат гирифт.

Аҳволи коммунарҳо аз он сабаб вазнин мешуд, ки фармондеҳии нерӯҳои мусаллаҳи Олмон аз тарафи шарқии шаҳр ба версалчиён роҳ кушод. 21 май ба версалчиён муяссар шуд, ки

тавассути дарвозаи Сен-Клу ба шаҳр зада дароянд ва кӯчаю маҳаллаҳоро паси ҳам ба даст дароранд. Аъзои Шӯрои Коммунаи Париж ҳам дар сангарҳо бар зидди версалчиён қаҳрамонона меҷангиданд. Дар ин маврид зану фарзандонашон ҳам ба онҳо ёрӣ мерасониданд. Ҷангҳои аз ҳама хунин аз 21 то 28 май ба амал омаданд. Он рӯзҳо номи «ҳафтаи хунин»-ро гирифтанд.

Версалчиён коммунарҳои охиринро рӯзи 28 май дар назди девори қабристони Пъер-Лошез тирборон карданд. Бо ҳамин, Коммунаи Париж шикаст хӯрд. Он ҳамагӣ 72 рӯз давом кард.

**Сабабҳои шикаст хӯрдани Коммунаи Париж.** Версалчиён тамоми хатоҳои коммунарҳоро моҳирона истифода бурданд. Онҳо дар байни халқ зидди коммунарҳо корҳои таблиготӣ бурданд. Версалчиён коммунарҳоро муфтхӯру ғоратгир меномиданд. Моликиятдорони майдаро аз он метарсониданд, ки гӯё Коммунаи Париж моликияти онҳоро мусодира мекарда бошад. Версалчиён бар зидди коммунарҳо лашкари Олмонро истифода бурданд. Душманон дар Париж ҷосусони зиёде доштанд, ки онҳо ба зарари коммунарҳо кор мекарданд. Аксулинқилобчиён имконият доштанд, ки аз Бонки Париж бе мамониат маблағ бигиранд. Коммунарҳо баъди дар Париж ғалаба кардан, ба Версал ҳуҷум накарданд. Бо ин онҳо ба муттаҳидшавии аксулинқилобчиён ва тайёрии ҳуҷуми онҳо ба Париж имконият доданд. Коммунарҳо маблағҳои бонкро барои пойдории инқилоб истифода набурданд. Онҳо ба аксулинқилобчиён раҳмдилона рафтор карданд. Инчунин нерӯҳои ҳарбии тарафҳои муқобил баробар набуданд. Бартарӣ ба фоидаи версалчиён буд. Инқилоби халқӣ, асосан, дар Париж ғалаба кард. Он дар тамоми Фаронса паҳн нагардид. Ҳамаи инҳо сабаҳои нокомии Коммунаи Париж гардиданд.

### МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

#### 1. БАСТА ШУДАНИ СОЗИШНОМАИ ПЕШАКИИ СУЛҲ ДАР БАЙНИ ФАРОНСА ВА ОЛМОН (26 ФЕВРАЛИ СОЛИ 1871)

*Моддаи 1.* Фаронса ба фоидаи империяи Олмон аз ҳуқуқ ва даъвоҳои худ оид ба заминҳои шарқии наздисарҳадӣ даст мекашад. (Баъд сарҳадҳои шарқии Элзас ва Лотарингия шарҳ дода шудаанд)...

*Моддаи 2.* Фаронса ба аълоҳазрат императори Олмон панҷ миллиард франк, дар тӯли соли 1871 ақаллан як миллиард ва боқимондаашро бошад, дар зарфи се соли баъд аз рӯзи тасдиқи шартномаи мазкур мепардозад.

*Моддаи 3.* Кӯчонидан аз қаламрави Фаронса, ки лашкариёни Олмон ишғол карданд, баъди аз тарафи Маҷлиси Миллии дар Бордобуда тасдиқ кардани шартномаи мазкур оғоз меёбад… баъди ин тасдиқ лашкариёни Олмон таъҷилан шаҳри Парижро тарк мекунанд… Сипоҳиёни Фаронса дар як вақт ба он тарафи Луар мегузаранд ва то ба таври ниҳоӣ ба имзо расидани шартномаи мазкур ба ин соҳил баргашта наметавонанд… Аз тарафи сипоҳиёни Фаронса кӯчонидани департаментҳое, ки дар байни соҳили рости Сена ва сарҳади шарқӣ воқеанд, баъди пардохт шудани … як миллиард товони ҷанг амалӣ мегардад… Баъди пардохтани ду миллиард, ишғоли Олмон танҳо дар се департаменти шарқӣ, ки … гаравгони се миллиарди боқимонда мешаванд, боқӣ мемонад. Дар ин ҷо теъдоди лашкари Олмон на зиёдтар аз 50000 нафар мешавад. Аълоҳазрат император ҷонибдори он аст, ки кафолати қаламрав… бо кафолати молиявӣ иваз карда шавад, ба шарте ки чунин таклифро тарафи Фаронса пешниҳод намояд…

*Моддаи 8.* Баъди ба имзо расидани… шартномаи сулҳи ниҳоӣ, идораи он департаментҳое, ки сипоҳиёни Олмон ишғол кардаанд, ба ҳукуматдорони Фаронса супорида мешавад, вале номбурдагони охир вазифадоранд, ки фармонҳои фармондеҳи лашкари Олмонро, ки барои манфиати амният, таъминот ва тақсимот заруранд, ба роҳбарӣ гиранд…

## 2. ДЕКРЕТ ДАР БОРАИ ДАЪВАТИ РЕКРУТӢ ВА БО ХАЛҚИ МУСАЛЛАҲ ИВАЗ НАМУДАНИ ЛАШКАРИ ДОИМӢ

**Коммунаи Париж қарор мекунад:**

**1.** Даъвати рекрутӣ бекор карда шавад.

**2.** Дар Париж, ғайр аз Горди Миллӣ, ҳеҷ як нерӯе ташкил ва ё ба он дохил карда намешавад.

**3.** Ҳамаи шаҳрвандони қобили хизмат ба сафҳои Горди Миллӣ дохил мешаванд.

**Ратуша, 29 марти с. 1871.** ***Коммунаи Париж***

## 3. ДЕКРЕТ ДАР БОРАИ БЕКОР КАРДАНИ МАОШИ БАЛАНДИ АМАЛДОРОН

**Коммунаи Париж қарор мекунад:**

Моддаи ягона: маоши баландтарини амалдорони муассисаҳои гуногуни коммуналӣ дар як сол ба маблағи шаш ҳазор франк муқаррар карда шавад.

***Ратуша, 2 апрели с. 1871.*** ***Коммунаи Париж***

## 4.ДЕКРЕТИ КОММУНА ДАР БОРАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МУЗДИ МЕҲНАТИ ОМӮЗГОРОН ВА ДАР БОРАИ БАРОБАР КАРДАНИ МАОШИ ЗАНҲО БО МАОШИ МАРДОН

**Коммунаи Париж (Комиссия оид ба маорифи халқ) он чизро ба назар мегирад, ки моҳонаи омӯзгорон то инқилоби 18 март то ҳадди хандаовар кам буд, биноан, дар маҷлиси худ рӯзи ҷумъаи 20 май қарор кард:**

**1.** Ҳадди ақалли маоши омӯзгорон 1500 франк муқаррар карда шавад.

**2.** Барои директорон – 2000 франк.

Бо назардошти он ки талаботи ҳаёти занон мисли мардон бузург ва дар кори таълим меҳнати занон бо меҳнати мардон баробар буданро ба назар гирифта, Коммунаи Париж қарор мекунад:

Маоши омӯзгорзанҳо ба маоши омӯзгормардҳо баробар – 1500 франк ва директорзанҳо – 2000 франк муқаррар карда шавад.

**4. ДЕКРЕТ АЗ 16 АПРЕЛИ СОЛИ 1871**

**Коммунаи Париж.**

Дар назар бояд дошт, ки бисёр корхонаҳоро соҳибон ба ҳоли худ монда гурехтанд...

Дар натиҷаи фирори буздилонаи соҳибони корхонаҳо, бисёр корхонаҳои барои мардуми шаҳр муҳим аз кор мондаанд, ки ин ба осудаҳолии коргарон зарар меоваранд ва Коммуна қарор мекунад:

2... Фавран ин корхонаҳо ба кор бипардозанд, вале акнун на ба соҳибони гурезаашон, балки бо қувваи кооперативҳое, ки он ҷо коргарон кор мекунанд.

3. Додгоҳи ҳакамӣ таъсис карда шавад ва дар сурати баргаштани соҳибонашон додгоҳ вазифадор аст, ки шартҳои қатъии ба коргарон гардонда додани ин устохонаҳоро муқаррар кунад...

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1866** – дар ҳайати 22 давлати немисӣ ташкил ёфтани иттифоқи давлатҳои Олмони Шимолӣ

**1866** – дар ҷанги зидди Австрия ғолиб баромадани Пруссия

**19.VII.1870** – бо Пруссияи ҷанг эълон кардани Наполеони III, иператори Фаронса

**2.IX.1870** – бо фармони Наполеон дар назди Седан ба Пруссия таслим шудани дастаи калони сипоҳиёни Фаронса

**4.IX.1870** – ғалабаи инқилоби халқӣ дар Париж, ба дасти буржуазия гузаштани ҳокимият

**27.IX.1870** – дар Метс ба пруссиягиҳо таслим шудани лашкари ба муҳосираафтодаи фаронсавиҳо

**I.1871** – бо Олмон сулҳи муваққатӣ бастани ҳукумати муваққатии Фаронса

**18.III.1871** – ба дасти Коммунаи Париж гузаштани ҳокимият

**28.V.1871** – барҳам хӯрдани Коммунаи Париж, дар назди девори қабристони Пъер-Лашез торумор карда шудани коммунарҳои охирин

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Сабабҳо ва мақсадҳои ҷанги Фаронсаю Пруссияро шарҳ диҳед. **2.** Чаро Фаронса дар оғози ҷанг шикаст хӯрд? **3.** Кай ва барои чӣ дар Париж инқилоби халқӣ ба амал омад? **4.** Чаро халқ ҳукумати «наҷоти миллӣ»-ро ҳукумати «хиёнати миллӣ» номид? **5.** Халқи Па-

риж бар зидди истилогарон чӣ тавр мубориза мебурд? **6.** Горди Миллӣ дар мудофиаи Париж чӣ хел шуҷоатмандӣ нишон медод? **7.** Чаро ҳукумати муваққатӣ ба парижиҳо ёрӣ намерасонид? **8.** Кай дар Париж ҳокимият ба дасти Коммунаи Париж гузашт? Кадом воқеа парижиҳоро ба ин иқдом маҷбур кард? **9.** Коммунаи Париж ба манфиати мардуми заҳматкаш чӣ корҳо мекард? **10.** Коммунаи Париж чӣ тавр шикаст хӯрд? **11.** Сабабҳои шикаст хӯрдани Коммунаи Парижро муайян кунед. **12.** Ҳукумати Пруссия оё ба шикаст хӯрдани Коммунаи Париж саҳм гузошта буд? **13.** Мазмуни ҳуҷҷатҳоро шарҳ диҳед. **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 6. ФАРОНСА ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

**Вазъи баъдиҷангии иқтисодиёти Фаронса.** Ҷанг бо Пруссия барои Фаронса ниҳоят гарон афтод. Мамлакат хароб шуд. Садҳо шаҳру деҳот, корхонаҳои саноатӣ, бандарҳо муассисаҳои маданӣ ва ғайра ба хок яксон шуд. Истеҳсоли мол чандин маротиба кам шуд. Зарари умумии иқтисодии ҷанг зиёда аз 15 млрд франкро ташкил кард. Ба замми ин, мамлакат бояд ба Пруссия ба маблағи 5 млрд франк товони ҷанг медод. Ин маблағро давлат маҷбур буд, ки аз халқ тавассути вомбарг қарз бигирад.

Пруссия аз Фаронса вилоятҳои аз маъдану ангишт бойи шарқӣ – Элзас ва Лотарингияро кашида гирифт. Ин кор яку якбора Фаронсаро ба мамлакати ашёи ками табиидошта табдил дод. Вай маҷбур шуд, ки ангиштро аз давлатҳои дигар харида, худро таъмин кунад. Дар аввали ҳамин давра ба Фаронса лозим омад, ки оҳанро ҳам аз хориҷ бихарад.

Дар масълаи манбаи энергетикӣ аҳволи Фаронса бад буд. Бе он иқтисодиёти мамлакат тараққӣ карда наметавонист. Давлатҳои дигари сармоядорӣ дар ин бобат аз Фаронса хеле пеш гузашта буданд.

Соҳибкорони Фаронса, асосан, корхонаҳои хурди миёна месохтанд. Барои ҳамин, моли истеҳсолкардаи онҳо қиммат меафтид. Ба чунин мол Фаронса дигар бо мамлакатҳои пурқуввати саноатӣ рақобат карда наметавонист. Фаронса мавқеашро дар миёнаи асри XIX оҳиста-оҳиста аз даст дод. Он вақт аз рӯйи истеҳсолоти саноатӣ Фаронса, баъд аз

Англия, дар ҷойи дуюм меистод, вале то охири асри XIX ба ҷойи чорум фаромад.

**Ба вуҷуд омадани инҳисорҳо.** Аз миёни солҳои 90-ум сар карда, болоравии саноатии Фаронса аз нав оғоз ёфт. Дар солҳои 1900-ум истеҳсоли маъдани оҳан 5,4 миллион тоннаро ташкил кард, соли 1913 бошад, истеҳсоли он то ба 22 миллион тонна расид. Соҳаҳои дигари саноат ҳам рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Саноати электротехникӣ, автомобилӣ, химиявӣ ва таҷҳизоти кинематографӣ ба муваффақияти калон ноил шуд. Аз рӯйи истеҳсоли автомобил Фаронса дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм баромад.

Сарфи назар аз нотавонии саноат, рафти марказонидани истеҳсолот ва ташкилёбии иттиҳодияҳои инҳисории Фаронса вусъат меёбад. Ин раванд, пеш аз ҳама, дар он соҳаҳое, ки дар ин вақт рӯ ба тараққӣ буданд, ба назар мерасид. Соҳаҳои алоҳида қариб бо пурраги дар дасти ин ва ё он инҳисор буданд. Саноати маъданкоркунӣ, асосан, дар дасти ду инҳисори пуриқтидор буд – «Комите деforж» ва «Шнейдер-Крезе». Дар саноати ангишт консернҳои «Кюлман» ва «Сен-Гобен», дар саноати автомобилбарорӣ ширкатҳои «Рено» ва «Пежо», дар кинематография – «Пате – Синема» ва ғайраҳо ҳукмронӣ мекарданд.

Дар Фаронса инҳисорҳои калон бе бонкҳо вуҷуд дошта наметавонистанд ва баръакс. Бинобар ин, дар байни онҳо аллакай ҳамкорӣ барқарор гардид.



Заводи тӯпбарории Крезо

Ба марказонидани истеҳсолот ва ба вуҷуд омадани ширкатҳои инҳисорӣ нигоҳ накарда, Фаронса аз давлатҳои пуриқтидори сармоядорӣ хеле ақиб мемонд. Мо инро дар содироти моли он ҳам дида метавонем. Дар ин бобат, дар ҷойи якум пашм, дар ҷойи дуюм ғазвор, дар ҷойи сеюм абрешим, дар ҷойи чорум шароб, дар ҷойи ҳаштум маснуоти химиявӣ ва танҳо дар ҷойи даҳум автомобил меистод. Аз рӯйи суръати марказонидани истеҳсолот Фаронса аз ИМА, Олмон ва Англия ақиб мемонд.

**Моҳияти империализми Фаронса.** Соҳибкорони Фаронса сармояи бонкиро дар саноат нагузошта, бештар ба хориҷи кишвар мебароварданд. Давлатҳои дигари империалистӣ, аз он ҷумла, Англия, ИМА ва Олмон бошанд, ба хориҷа ҳам мол мебароваранду ҳам сармоя. Ин мамлакатҳо ба хориҷа пулро бештар барои он мебароварданд, ки корхонаҳоро дар наздикии бозорҳо сохта, аз истеҳсоли моли онҳо даромади бештар бигиранд. Фаронса бошад, дар тиҷорати хориҷӣ бештар ба судхӯрӣ машғул буд. Сармоядорони Фаронса ва худи давлат ҳам ба давлатҳои хориҷӣ пул қарз дода, аз онҳо фоизи баланд меситониданд. Бо ҳамин мақсад, маблаги умумии сармояи ба хориҷа баровардаи Фаронса то соли 1914 зиёда аз 60 млрд франкро ташкил кард. Ин маблағ нисбат ба соли 1890 қариб се баробар зиёд аст.

Барои даромади калон гирифтан, Англия сармояашро, асосан, ба мустамликаҳояш мебаровард. Вале Фаронса бошад, ба мустамликаҳои худ ниҳоят кам пул сарф мекард. Дар ибтидои асри XX аз 35 млрд франки содиркардааш танҳо 3 миллиардашро дар мустамликаҳо маблағгузорӣ карда буд, ки он аз 10 фоизи ин маблаг камтар аст.

Фаронса сармояро ба хориҷа дар шакли вомбарги давлатӣ ҳам мебаровард, ки он фоизи калони даромади судхӯрӣ медод. Дар солҳои 1909 – 1913 сармояи судхӯрии солонаи Фаронса тахминан 1 млрду 800 млн франкро ташкил кардааст.

Судхӯрӣ ба сармоядорон даромади калон медод, вале барои давлати Фаронса он дар роҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат монеаи бузург буд. Судхӯрӣ Фаронсаро дар ҳолати нимсаноатию нимкишоварзӣ нигоҳ медошт.

**Сохти сиёсии Фаронса.** Баъди шикасти Коммунаи Париж, Маҷлиси Миллӣ худро Маҷлиси Муассисон номида, фаъолия-

ташро давом дод. Тарафдорони сохти шоҳии мамлакат тавассути парламент дар Фаронса мутлақиятро барқарор карданӣ буданд, вале ба онҳо ин кор муяссар нашуд. Сарвазир Тиер нағз мефаҳмид, ки барқарор кардани ҳокимияти мутлақ норозигии мардумро ба вуҷуд хоҳад овард. Барои ҳамин, дар мавқеи маҳфуз доштани сохти ҷумҳуриятӣ истод, ҳарчанд дар сохти ҷумҳуриятӣ на ҳама тарафҳояш ба ӯ маъқул буд. Маҳз бо ҳамин сабаб, Тиер озодии матбуотро маҳдуд кард ва Горди Миллиро барҳам дод.

Дар интихоботи иловагии солҳои 1872 – 1873 ҷумҳуриятхоҳон ғалаба карданд. Онҳо аз 150 ваколатномаи вакилӣ 128-тояшро ба даст дароварданд.

Мутлақиятхоҳони Фаронса бо роҳи осоишта орзуи худро амалӣ карда натавонистанд. Барои ҳамин, ба табаддулоти давлатӣ тайёрӣ диданд. Онҳо ният доштанд, ки ба тахти шоҳии Фаронса граф Шамборро бо унвони Генрихи V шинонида, граф Парижскийро меросхӯри тоҷу тахти шоҳ эълон кунанд. Моҳи октябри соли 1873 бо сардории граф Шамбор бояд табаддулоти давлатӣ ба амал меомад, вале аз он аҳли ҷомеаи ҷумҳуриятхоҳ бохабар шуда, пеши роҳашро гирифт. Табаддулотчиён аз халқ сахт тарсиданд. Граф Шамбор аз роҳбарии табаддулот даст кашид.

Ҳайати Маҷлиси Миллӣ, ки қисми зиёдаш мутлақиятхоҳ буд, мутлақиятро дар Фаронса аз нав барқарор карда натавонист. Барои ҳамин, маҷбур шуд, ки ба ҷонибдории ҷумҳурӣ овоз диҳад. Ҳамин тариқ, 30 январи сроли 1875 Фаронса ҷумҳурӣ эълон гардид. Худи ҳамон сол Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса қабул карда шуд. Дар аввали сохти ҷумҳуриятӣ Фаронса маҳдудиятҳои зиёд дошт. Вале оҳиста-оҳиста дар онҳо системаи сиёсии бисёрҳизбӣ ташаккул ёфт ва ин давлат то аввали асри XX пурра бо роҳи ҷумҳуриятӣ дохил гардид.

**Сиёсати хориҷии Фаронса.** Сарфи назар аз камқувватии худ, империализми Фаронса барои забт кардани мустамликаҳо нерӯманд буд. Ҷангҳои мустамликазабткунии Фаронса, ки дар зарфи зиёда аз 20 сол кам шуда буданд, аз огози солҳои 90-ум аз нав қувват гирифтанд. Ин вақт Фаронса аввал Гвинеяю Дагомея ва баъд Саҳрои Кабири Тимбуктуро забт кард. Дар ин давра Фаронса протекторати худро бар Ҷанубу Шарқии Осиё ҳам ҷорӣ намуд.

Соли 1898 дар ҷанг бо Судон Фаронса ба рақобати сахти Англия дучор шуд. Ин рақобат қариб буд, ки ба ҷанги байни онҳо оварда расонад.

Моҳи апрели соли 1904 Фаронса бо Англия Созишномаи «Антанта»-ро имзо гузошт. Баъди ин он бар зидди Олмону Италия ва Австро-Венгрия ба ҷанг тайёрӣ дидан гирифт. Дар доираи ин паймон Фаронса бо Русия низ созишнома баст. «Антанта» ба Фаронса имконият дод, ки Марокашро забт кунад, яъне Англия ба Фаронса дар кори ишғол кардани ин давлат монеъ нашуд.

Соли 1910 ҳукумати Фаронса барномаи бузурги сохтмони флоти ҳарбӣ-баҳрии худро қабул кард. Барои хубтар амалӣ кардани ин барнома ба вазифаи вазири флоти баҳрӣ Дилкассе таъин гардид. Ин адмирал бо сиёсати зиддиолмонии худ машҳур буд ва кори ҳарбии баҳриро хеле хуб медонист. Бо иштироки фаъолонаи ӯ дар лашкар ислоҳот ҳам гузаронида шуд.

То ин вакт Фаронса яке аз мамлакатҳои калонтарини мустамликадори ҷаҳон буд. Вай на танҳо мустамликаҳояшро аз даст додан намехост, балки ният дошт, аз ҳисоби ишгол кардани мустамликаҳои нав, ҳудудҳои империяи Фаронсаро боз ҳам васеътар кунад. Барои пиёда намудани ҳамин ният, Фаронса ба ҷанги дар пешистода босуръат тайёрӣ медид.

---

### ҲУҶҶАТҲО

#### 1. АЗ НУТҚИ САРДОРИ ҲУКУМАТИ ФАРОНСА Ж. ФЕРРИ ДАР ПАЛАТАИ ДЕПУТАТҲО, СОЛИ 1885

Барои мамлакати бой мустамликаҳо манбаи фоидаовари маблаггузорӣ мебошанд... Ман боварӣ дорам, ки Фаронса ҳамеша сармояи зиёд дошт ва ба хориҷа маблағи зиёд мебаровард. Охир сармояе, ки мамлакати бузурги мо содир мекунад, миллиардҳо франкро ташкил медиҳад. Ман боварӣ дорам, ки Фаронса ниҳоят бой буда, ба мустамлика доштан ҳавасманд аст...

...Ҷанобон! Вақти бо овози баланд ҳақиқатро гуфтан расидааст! Вақти он расидааст, ки кушоду равшан бигӯем, ки нажодҳои бузург нисбат ба нажодҳои паст ҳуқуқи хосса доранд...

#### 2. МУНОСИБАТИ ЗОЛИМОНАИ ҲУКУМАТДОРОНИ МУСТАМЛИКАВИИ ФАРОНСА БО АҲОЛИИ МАҲАЛЛИИ МУСТАМЛИКАҲО

19 марти соли1906 рӯзномаи сотсиалистии «Юманите» дар зери сарлавҳаи «Мустамликадории ваҳшиёна» мактуби Этен Курсел, омӯзгори мактаби фаронсавии Гвинея ба вазири мустамликаҳо – Климантелро чоп карда, золимии

маъмурияти мустамликавиро фош менамояд. Дар поён аз ин ҳуччат порчаҳо оварда мешаванд:

«...Аз шумо хоҳиш мекунам, ки тафтиши кирдорҳои махсусан чиддие, ки афкори чамъиятии Гвинея масъулияти онҳоро ба дӯши баъзе амалдорон вогузор мекунад, огоз карда шавад. То ҳол ба чазо гирифтор нашудани онҳо ба шарофати пуштибонии барои мо нофаҳмо ба амал омдааст, ки онро фош намудан лозим аст.

Ин далелҳоро ба тафтиши судӣ пешниҳод намуда, ман мехоҳам исбот созам, ки аз вақти дар Гвенея муқаррар гардидани ҳукмронии мо ин мустамлика қурбони дастаи муташаккили ҳақиқие шудааст ва губернаторҳо Гвинеяро аз ин даста муҳофизат карда наметавонанд.

Чаноби вазир, набояд роҳ дод, ки ин ҳолат идома ёбад. Баҳри ҳифзи шаъну шарафи Фаронса ин гуна чиноятҳо набояд бечазо монанд.

**Алҳол ман бо талабҳои зерин маҳдуд мешавам:**

**1.**Тафтиши амалиёти як нафар амалдори баландмартабаи Гвинея, ки бо фишороварихои гуногун нисбат ба мардуми маҳаллии вилояти Тимбо дар тӯли якчанд сол рӯйдода гунаҳгор дониста мешавад...

**2.** Ман тафтиши додгоҳиро аз болои Огюст Лескюр, амалдори дарачаи якуми муассисаи мустамликавии бо номи Курса-Бо маълум бударо талаб мекунам: ӯ бо номи «ваҳшӣ» дар тамоми Гвинея ва ҳатто метавонам бигӯям, ки дар саросари Африқои Ғарбӣ ва Конго ном баровардааст.

Лескюр махсусан дар округи Фаранах (собиқ Судон) ба бадкирдориҳои зиёд роҳ дод; ман баъди ӯ дар он чо дар тӯли ҳашт моҳ зиндагонӣ кардаам.

Боре ӯ дар Фаранах оқсақоли яке аз деҳкадаҳо – мӯйсафеди 70-соларо ба назди худ хонда, мачбур кард, ки бо бори гароне дар гардан пиёда роҳ гардад. Аз ин роҳпаймоӣ, ки дар зери Офтоби сӯзон ва бо шаттакориҳои политсия ба амал омад, мӯйсафеди бечораи аз азобу машаққат беҳолу бемадоргардида шабро дар маҳбас дар ҳолати урён рӯз кард; рӯзи дигар ӯро боз ҳам бараҳна дар гармии Офтоб мачбур карданд, ки якчанд соат рост биистад. Ин воқеа бо он анчом ёфт, ки мӯйсафед нисфирӯзӣ чон дод...

Дар ин округ сиёҳпӯстони зиёди дигар ҳам ба чазои сад зарбаи арғамчин гирифтор карда мешаванд; арғамчинкорӣ чораи маъмули чазодиҳие буд, ки бо фармони Лескюр ба кор бурда мешуд ва маъмулан дар ҳузури худи ӯ.

Ҳафт нафари ин бадбахтон дар маҳбас аз ин зарбаҳо вафот карданд...

**3.** Ман аз ёрдамчӣ оид ба корҳои халқҳои маҳаллӣ Гебхарт, ки ҳангоми сардори ситоди Фригаиагбе будан дар рафти истинтоқ сиёҳпӯсти 20-солаеро, ки Алӣ Фетунту ном дошт ва ба дуздӣ муттаҳам карда мешуд, тавассути арғамчинкорӣ чазо дод, шикоят дорам. Чазое, ки ин шахси маҳаллӣ ба он гирифтор карда шуд, чунон ваҳшиёна буд, ки вай шаби 10 августи соли 1900 вафот кард...

**4.** Ман талаб мекунам, тафтише, ки ба муқобили амалдор Юбер огоз шудааст, дуздии ӯро низ дар бар гирад. Ин амалдор бар зарари давлат бо ёрдамчии худ Гебхарт забон як карда, даст ба дуздӣ задааст. Ман дақиқтарашро мегӯям. Дар зарфи якчанд моҳ ба маблаги 1500 франк захираи хӯрокворӣ аз анбори Тимбо гайб зад... Он чиз яқин аст, ки ин дуздӣ ба меъёри хӯроки бе ин ҳам ночизе, ки маҳбусон мегирифтанд, таъсир расонид.

... Даҳ нафари ин бадбахтон дар маҳбасҳои Тимбо бо сабаби камии хӯрок ва аз муомилаи бад ҳалок гардиданд. ...Ман шахсан ҳангоми бо поезд аз Тимбо

гузашта рафтанам муайян намудам, ки дар он ҷо маҳбусон дар завлонаҳои вазнин нигоҳ дошта шудаанд...»

## САНАҲОИ МУҲИМ

1872-1873 – дар интихоботи иловагӣ ғалаба кардани ҷумҳуриятхоҳон
1875 – ҷумҳурӣ эълон шудани Фаронса
IV. 1904 – Фаронса ва Англия паймони ҳарбии «Антанта»-ро созмон доданд
1910 – ҳукумати Фаронса барномаи сохтмони флоти пурзӯри ҳарбии баҳрии мамлакатро таҳия кард

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Баъди ҷанг бо Пруссия вазъи иқтисодии Фаронса дар кадом ҳолат буд? **2.** Кадом инҳисорҳои Фаронсаро медонед? **3.** Чаро империализми Фаронсаро судхӯр меноманд? **4.** Чаро Фаронса ба хориҷа ва алахусус ба мустамликаҳо кам сармоя мебаровард? **6.** Мамлакатҳои дигари империалистӣ чӣ? **6.** Чаро Тиер тарафдори ҷумҳурӣ мондани Фаронса шуд? **7.** Дар бораи табаддулоти баамалнаомадаи мутлақиятхоҳони Фаронса нақл кунед. **8.** Кай Фаронса ҷумҳурӣ эълон карда шуд? **9.** Дар бораи сиёсати хориҷии империалистии Фаронса чиҳоро медонед? **10.** Мазмуни ҳуҷҷатҳоро шарҳ диҳед. Онҳо дар бораи чӣ шаҳодат медиҳанд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 7. ОЛМОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

**Анҷомёбии муттаҳидшавии Олмон.** Моҳи январи соли 1871, вақте ки сипоҳиёни Олмон шаҳри Парижро муҳосира карда буданд, шоҳони давлатҳои олмонӣ дар шаҳри Версали Фаронса ҷамъ омада, масъалаи муттаҳид кардани давлатҳои худро муҳокима карданд. Нишасти шоҳҳои давлатҳои олмонӣ дар шаҳри Версал шоҳи Пруссия Вилгелми I-ро императори тамоми Олмон эълон карда, бо ҳамин, аз баҳри истиқлолият гузаштанд. Моҳи апрели ҳамон сол Рейхстаги Муассисон Конститутсияи умумиолмониро қабул кард. Мувофиқи он, империяи Олмон давлати иттифоқӣ гардид. Ба он 22 ҳокими

мутлақ бо шоҳигарӣ ва ҳокимии хурд ва 3 шаҳри озод – Любек, Бремен ва Гамбург дохил шуданд. Элзас ва Лотарингия ба ҳайати Олмон ҳамчун «музофотҳои империӣ» ҳамроҳ гардиданд. Онҳоро ноиб аз номи император «штатгалтер» идома мекард. Баъзе давлатҳои ба ҳайати империя дохилгардида Конститутсия ва муассисаҳои намояндагии давлатҳои худро нигоҳ доштанд.

**Сохти сиёсии Олмон.** Мувофиқи Конститутсия, ҳокимият дар империя дар дасти император ва канслер буд. Мақоми олии намояндагии империя Шӯрои иттифоқ ва Рейхстаг буданд. Конститутсияи империя тавре тартиб дода шуда буд, ки он ҳокимиятро амалан ба дасти Пруссия медод. Танҳо шоҳи Пруссия метавонист императори Олмон бошад. Император ба қувваҳои мусаллаҳи империя сарфармондеҳ буд, аз номи империя ҷанг эълон мекард, сулҳ мебаст, дар арсаи байналхалқӣ аз номи империя намояндагӣ мекард. Ӯ метавонист шӯрои иттифоқ ва рейхстагро даъват ва ё пароканда кунад.

Иттифоқ танҳо як вазир дошт – канслер. Ӯ фақат ба император итоат мекард. Император канслерро таъин ва аз вазифааш сабукдӯш менамуд. Канслер дар назди рейх масъул набуд.

Канслери аввалини империяи Олмон Отто Бисмарк буд. Дар зарфи 20 сол – аз соли 1871 то соли 1890 – ӯ мамлакатро идора мекард. Бисмарк сиёсатмадори барҷаста буд. Император Вилгелм, ки он қадар ҳавсала ва қобилияти идоракунии давлатро надошт, ҳамеша ба фикру ақида ва хулосаҳои Бисмарк розӣ мешуд. Ба рейхстаг, ки он мақоми намояндагии умумиолмонӣ буд, вакилон ба муҳлати 5 сол интихоб карда мешуданд. Конститутсия ҳуқуқи интихоботиро ба мардҳои аз 25-сола боло дод.



Отто Бисмарк

Шӯрои иттифоқ-палатаи болоии парламент ба ҳисоб мерафт. Онро интихоб намекарданд. Ин шӯро аз намояндагони собиқ шоҳигарию ҳокимии тамоми Олмон иборат буд. Аз 58 ваколатномаи шӯро 17-тояш аз Пруссия буд. Ин ҳолат имконият медод, ки қонуну қарорҳое, ки ба табъи вакилони Пруссия мувофиқ набуданд, нагузоранд, ки қабул шаванд. Раиси шӯрои иттифоқ канслер буд.

Империяи Олмон давлати политсиявию ниммутлақияту нимдемократӣ буд. Ҳукуматдорони пруссиявӣ расму ойинҳо ва одатҳои ин музофотро дар тамоми империя паҳн мекарданд. Мардум дар рӯҳияи бар дигар халқҳо афзалият доштани халқи немис ва ҷангҷӯйӣ тарбия карда мешуд.

**Пешравии саноати Олмон.** Баъд аз муттаҳидшавӣ, империяи Олмон тез тараққӣ мекард. Дар як муддати кӯтоҳ он аз Англия ва Фаронса пеш гузашт. Соли 1912 дар Олмон истеҳсоли чӯян нисбат ба Фаронса 5 маротиба зиёд шуд. Сохтмони роҳҳои оҳан аз 21471 километри соли 1871 дар соли 1900 ба 49878 километр расид.

Заводҳои химиявии Олмон аз се ду ҳиссаи рангҳои ҷаҳониро истеҳсол мекарданд. Дар ин давра тамоми саноати бофандагии ҷаҳонӣ газворро бо рангҳои дар Олмон истеҳсолкарда рангубор мекард.

Дар натиҷаи марказонидани саноат молҳои саноатӣ бештар дар фабрикаҳои калон истеҳсол карда мешуданд. Дар



Толори мошинҳои стансияи барқии марказӣ дар Берлин. Соли 1890

байни онҳо заводҳои пӯлодгудозӣ ва аслиҳасозии Крупп мавқеи намоёнро ишғол карданд. Соли 1875 дар корхонаҳои ин соҳибкори калон ҳамагӣ 122 нафар коргарону мутахассисон кор мекарданд, лекин дар охири аср 45 ҳазор нафар ва дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бошад, зиёда аз 80 ҳазор нафар коргарону механикҳо ва муҳандисон кор мекарданд.

Солҳои 1871 – 1873 дар империяи Олмон системаи ягонаи пулӣ – маркаи тиллоӣ ҷорӣ карда шуд. Соли 1875 бонки Пруссия ба бонки Империя мубаддал гардид. Он ба тараққиёти босуръати иқтисодии Олмон кӯмак расонид.

Аз Фаронса кашида гирифтани музофотҳои бойи Элзас ва Лотарингия ва товони 5-миллиард франки ҷангӣ аз ин давлат ситонидашуда низ ба нафъи тараққиёти саноати Олмон кор фармуда шуданд. Табаддулоти саноатие, ки дар солҳои 90-ум ба охир расид, Олмонро дар Аврупо ба ҷойи аввал ва дар ҷаҳон баъд аз ИМА ба ҷойи дуюм баровард.

**Ба вуҷуд омадани инҳисорҳо.** Дар асоси марказонидани истеҳсолот, шумораи иттиҳодияҳои инҳисорӣ мунтазам зиёд мешуд. Дар Олмон шакли аз ҳама маъмули инҳисорҳо картелҳо ва синдикатҳо буданд. Ин инҳисорҳо иттифоқи корхонаҳое буданд, ки соҳибони онҳо бо роҳи созиши якҷоя нарху навои молҳои истеҳсолкардаи худро дар дараҷаи муайян нигоҳ медоштанд, ҳаҷми истеҳсоли молро муайян менамуданд, бозори молфурӯширо дар байни худ тақсим мекарданд ва ғайра. Баъзеи онҳо ниҳоят калон шуда буданд. Масалан, синдикати ангиштистеҳсолкунии Рейн-Вестфалия дар соли 1910 ба 95,4 фоизи истеҳсоли умумии ангишти музофот назорат мекард. Дар саноати маъданкоркунӣ синдикате ба вуҷуд омад,



Вилгелми II



Яке аз заводҳои Крупп.

ки ҳамаи заводҳои пӯлодгудозиро муттаҳид намуд. Саноати вазнини мамлакат дар дасти 30 инҳисори пурқувват буд: консернҳои Крупп, Тиссен, Стиннес ва дигарон. Саноати электротехникӣ аз тарафи ду ширкати калонтарин назорат карда мешуд: «Симменс-Галске» ва «АЗГ». Дар саноати химиявӣ ду гурӯҳи инҳисор ташаккул ёфтанд. Дар киштисозӣ ду ширкат инҳисор буданд: «Ллойди Олмони Шимолӣ» ва «Гамбург-Америка».

Картелҳо ва синдикатҳо бо бонкҳо сахт алоқаманд буданд. Соли 1899 нуҳ бонк то 83 фоизи сармояи бонки Олмонро дар ихтиёри худ доштанд. Соҳибони корхонаҳои саноатӣ маъмулан аъзои раёсати бонкҳо буданд. Бонкчиён бошанд, дар идораи корхонаҳо вазифаҳои маъмуриро ба уҳда доштанд. Як бонки Олмон, ки 3 млрд марка сармоя дошт, дар 200 корхонаи саноатӣ саҳмдор буд, яъне бонкҳои Олмон дар сохтани корхонаҳои саноатӣ фаъолона иштирок мекарданд.



Киштии калони ҳарбии немисии "Вестфалия", ки ибтидои асри XX сохта шудааст.

Дар охири асри XIX – аввали асри XX ба хорича баровардани сармоя барои Олмон аҳамияти калон пайдо кард. Сармоядорон маблағҳои худро ба иқтисодиёти Аврупои Ҷанубу Ғарбӣ, Шарқи Наздик ва Америкаи Ҷанубӣ мебароварданд. Сармояи ба хориҷа содиркардаи Олмон дар соли 1912 ба 12,5 млрд ва дар соли 1914 бошад, ба 44 млрд марка расид. Сармоядорони олмонӣ аз содироти сармоя даромади бузург ба даст медароварданд.

**Вазъи кишоварзии Олмон.** Дар Пруссияи Шарқӣ заминҳои помешикҳо (заминдор) майдони сеяки тамоми киштзорҳоро дар бар мегирифтанд, дар Померания бошад, қариб нисфи онро. Хоҷагии помешикии сармоядории пруссиявӣ боқимондаҳои зиёди крепостнойиро нигоҳ медошт. Помешикҳои Олмон дар хоҷагиҳои худ меҳнати кирояро истифода мебурданд.

Батракҳо (коргарони кироя) аз помешикҳо қитъаи заминро иҷора гирифта, ба ивази он вазифадор буданд, ки ҳангоми киштукору ҷамъоварии галладона бо ҳамроҳии аҳли оилаашон дар замини помешик кор кунанд.

Дар ғарбтари дарёи Элба помешикон камтар ва хоҷагиҳои майдаю миёнаи деҳқонӣ зиёдтар буданд. Дар деҳоти ин ҷо гроссбаурҳо, яъне помешикҳои калон ҳукмронӣ мекарданд.

Дар Олмони Ҷанубӣ – Баден, Бавария, Вюртемберг ҳам хоҷагиҳои деҳқонии миёнаю хурд аз хоҷагиҳои калон бисёртар буданд.



Яке аз корхонаҳои ширкати байналмилалии киштисозии "Гамбург-Америко"

Ин вақт дар тамоми Олмон то 3 миллион нафар деҳқонони камзамин буданд, ки ҳар кадоми онҳо то 2 га Замин доштанд. Ингуна хоҷагиҳо нисфи умумии хоҷагиҳои деҳқонии Олмони ҳамонвақтаро ташкил мекарданд. Соҳибони асосии Замин ва ҳокимият юнкёрҳо ва гроссбауэрҳо (деҳқонони бадавлат, ки дар заминҳояшон батракҳоро кор мефармуданд) буданд.

**Сиёсати таҷовузкоронаи хориҷии Олмон.** Империализми ҷавони Олмон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ баромад. Дар охири асри XIX – аввали асри XX мубориза барои бозорҳо ва тайёрӣ барои бо зӯрӣ аз нав тақсим кардани ҷаҳон мақсади асосии сиёсати хориҷии ин империя гардид.

Бисмарк дар назди худ вазифа гузошт, ки мавқеи байналхалқии Олмонро пурзӯр кунад. Барои ҳамин, соли 1873 бо Русия ва Австро-Венгрия шартнома баст. Дере нагузашта, Фаронса лашкари хуб мусаллаҳшуда ташкил намуд. Бисмарк фикр кард, ки Фаронса барои Элзас ва Лотарингия аз Олмон қасос гирифтанӣ аст. Канслер ният дошт, ки Олмон бар зидди Фаронса ҷанг сар кунад. Вале ба ин кор Англия ва Русия монеъ шуданд. Онҳо аз ҳад зиёд пурзӯршавии Олмонро намехостанд. Олмон ҳам ба Русия халал мерасонд, вале аз ҷанги зидди вай метарсид. Баъд аз ғалаба бар Туркия, дар ҷанги солҳои 1877–1878, маҳз Бисмарк нагузошт, ки Русия аз



Аввалин қаламраве, ки дар Африқои Ғарбӣ солҳои 1883-1884 тоҷири шаҳри Бремен Людеритс забт карда буд.

самараи ғалабааш бар Туркия истифода барад. Конференсияи байналхалқии соли 1878-и Берлин маҳз бо «ёрии» ӯ ба музаффариятҳои Русия бар Туркия хати батлон кашид. Баъди ин муносибатҳои байни Олмон ва Русия боз ҳам тезу тундтар шуданд. Сиёсати хориҷии Олмон сол то сол хусусияти таҷовузкорона мегирифт.

Тараққиёти сармоядории инҳисорӣ Олмонро водор мекард, ки ба аз нав тақсим кардани ҷаҳон тезтар шурӯъ кунад. Ба вай дар ин ҷанг иттифоқчиён даркор буданд. Соли 1879 ба Олмон муяссар шуд, ки ба Австро-Венгрия иттифоқи ҳарбӣ бандад. Соли 1882 ба ин иттифоқ Италия ҳам дохил гардид. (Дар хусуси ташкилёбии ин паймони ҳарбӣ, ки он «Иттифоқи Сегона» ном дорад, дар параграфҳои 1 ва 2 муфассал сухан ронда шудааст).

**Забткориҳои аввалини империяи Олмон.** То миёнаҳои солҳои 80-ум Олмон дар Аврупо сиёсати континенталиро пеш мебурд. Моҳияти он дар ин қитъа мустаҳкам кардани мавқеи Олмон буд.

Соли 1884 Олмон дар Африқо ба амалиёти фаъолона шурӯъ кард. Моҳи апрели ҳамон сол тоҷири бременӣ Людеритс димоғаи Ангоа-Пекинро, ки дар соҳилҳои ҷанубу ғарбии Африқо аст, ба зери итоати Олмон даровард. Худи ҳамон сол Олмон Того, Камерун, қисми шимолии Гвинея ва ҷазираҳои назди Гвинеяро забт намуд. Соли 1885 дар шарқии Африқо Заминеро ҳамроҳи ҷазираи Занзибар ишғол кард, ки он баъдтар «Африқои Шарқии Олмон» ном гирифт. Баъди забти мустамликаҳо, ҳукумати Олмон қарор дод, ки флоти пурзӯри тиҷоратӣ ва ҳарбӣ бунёд созад. Барои ин Рейхстаг маблағи зарурӣ ҳам ҷудо кард. Олмон ба ҷангҳои нави истилогарона тайёрӣ медид.

Дар солҳои 90-ум сармоядорони калонтарин ва юнкёрҳо нақшаи ҳукмрони ҷаҳон шудани Олмонро тартиб доданд. Онҳо мақсад доштанд, ки империяи бузурги мустамликадории Олмонро ташкил намоянд. Княз фон Бюлов, ки баъд аз Отто Бисмарк канслер таъин шуда буд, боре рӯйрост изҳор кард: «Акнун он давраҳое, ки халқҳои дигар Замину обро дар байни худ тақсим мекарданду мо танҳо ба Осмони кабуд қаноат мекардем, гузашта рафтанд... Мо ҳам барои худ дар зери Офтоб ҷой талаб мекунем».

Олмони империалистӣ ин гуфтаҳои канслер Бюловро татбиқ мекард. Дар охири солҳои 90-ум немисҳо нимҷазираи Шандуни Чинро забт карда, дар ин ҷо барои худ пойгоҳи ҳарбӣ сохтанд. Дар Уқёнуси Ором галлаҷазираҳои Маршалл, Королин ва Марианро ба даст даровrouted. Дар соли 1900 бошад, лашкари Олмон бо ҳамроҳии сипоҳиёни давлатҳои дигари империалистӣ дар ҷазодиҳиҳои ваҳшиёнаи мардуми Чин иштирок карданд.

Баъди Шарқи Дур диққати империалистони Олмон боз ба Африқо ҷалб шуд. Онҳо Марокаш ва Гибралтарро забт карда, дар он ҷойҳо бар зидди рақиби асосии худ – Англия пойгоҳҳои ҳарбӣ сохтанд.

Империалистони Олмон ба Шарқи Наздик ҳам бо чашмони ҳарисона менигаристанд. Ин ҷоро ҳам ба даст даровардани буданд. Барои ин кор императори Олмон Вилгелми II соли 1898 бо баҳонаи зиёрати «тобути Худо» ба Фаластин сафар кард. Дар роҳ ӯ бо султони Туркия вохӯрда, дар барои сохтани роҳи оҳане, ки бояд аз Босфор огоз ёфта, ба воситаи Осиёи Хурд ба Багдод ва то ба халиҷи Форс мерасид, гуфтушунид карда, розигии ӯро гирифт. Ин роҳи оҳан Олмонро бо Осиё мепайваст.

---

**ҲУҶҶАТ**

**КОНСТИТУТСИЯИ ИМПЕРИЯИ ОЛМОН**
(Рейхстаги Муассисони империяи Олмон
16 апрели соли 1871 қабул кардааст)

**I. КАЛАМРАВИ ИТТИФОҚ**

***Моддаи 1.*** Қаламрави иттифоқ аз давлатҳои зерин иборат аст:

Пруссия бо ҳамроҳии Лаунберг, Бавария, Саксония, Вюртембург, Баден, Гессен, Макленбург – Шверин, Саксен – Веймер, Макленбург – Стрелитс, Олденбург, Брауншвейг, Саксен – Майнинген, Саксен – Алтенбург, Саксен – Кобург – Гота, Ангалта, Шварсбург – Рудолфштадт, Шварсбург – Зондерсгаузен, Валдак, Шаумбург – Литсе, Липпе, Любек ва Гамбург.

**II. ҚОНУНГУЗОРИИ ИМПЕРИЯ**

***Моддаи 2.*** Империя дар қаламрави иттифоқӣ дар асоси Конститутсияи мазкур ҳуқуқи қонунгузорӣ дошта, қонунҳои империявӣ нисбат ба қонунҳои ҳар як давлат волоият доранд…

***Моддаи 4.*** Назорат аз тарафи империя ва қонунгузории вай корҳои зеринро дар бар мегиранд.

1) қарорҳои марбут ба озодии ҳаракат... ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, шиносномаҳо, политсия барои хориҷиён, ба косибӣ шуғл варзидан...

2) қонунгузории гумруку тиҷорат ва қонунгузорӣ дар бораи андозҳо, ки барои зарурати империя истифода бурда мешаванд;

3) муайян намудани системаи ченакҳо: дарозӣ, тангаҳо ва вазнҳо...

7) ташкили ҳифзи умумии тиҷорати Олмон дар хориҷа, баҳрнавардии олмонӣ, парчами баҳрии он ва сохти умумии намояндагии консулие, ки аз ҳисоби маблаҷи империя таъмин карда мешавад;

8) кори роҳи оҳан...

10) кори почта ва телеграф..

13) қонунгузории умумӣ оид ба ҳамаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҷиноӣ...

14) лашкар ва флоти ҳарбии империя...

*Моддаи 5.* Қонунгузории империявӣ аз ҷониби Шӯрои иттифоқ ва Рейхстаг ба амал баровaрда мешавад. Барои қонуни империявӣ ризоияти аксарияти одии ҳар ду маҷлис кифоя аст.

## III. ШӮРОИ ИТТИФОҚ

*Моддаи 6.* Шӯрои иттифоқ аз намояндагони аъзои иттифоқ иборат мебошад; овозҳо дар байни онҳо чунин тақсим мегарданд, ки Пруссия бо якҷоягии овозҳои собиқи Ганновер, Кургессен, Голштейн, Нассау ва

Франкфурт .......................17 овоз
Бавария ..........................6 овоз
Саксония ..........................4 овоз
Вюртембург .......................4 овоз
Бадан ..............................3 овоз
Гессен .............................3 овоз
Макленбург-Шверин ..........2 овоз
Брауншвейг ......................2 овоз дорад...

**(аъзои дигари иттифоқ дар Шӯрои иттифоқ яковозӣ гирифтанд. Шӯрои иттифоқ аз 58 намояндаи аъзои иттифоқ иборат аст. Шарҳи Т.З.)**

Ҳар як узви иттифоқ метавонад ба Шӯрои иттифоқ ҳамон қадар вакил таъин кунад, ки чӣ андоза овоз дорад, лекин ҳамаи намояндагони як давлат метавонанд (дар шӯрои иттифоқ) якҷоя намояндагӣ кунанд.

Эзоҳ: дар ин ҷумла калимаҳои дар қавсайнбударо котиб барои равонтару фаҳмотар баромадани ҷумла дохил кардааст.

## IV. РАИСИКУНАНДА

*Моддаи 11.* Раисӣ дар Иттифоқ ба шоҳи Пруссия тааллуқ дорад, ки мартабааш императори Олмон мебошад. Император дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун намояндаи империя баромад намуда, аз номи империя ҷанг эълон мекунад, сулҳ мебандад, ба иттифоқҳои дигар дохил мешавад...

Барои эълони ҷанг аз номи империя ризоияти зарурии Шӯрои иттифоқ зарур аст, ба шарте ки ҳуҷум ба қаламрави иттифоқ ва ё соҳили он ба амал наомада бошад...

***Моддаи 12.*** Ҳуқуқи Шӯрои иттифоқ ва Рейхстагро даъват намудан, кушода эълон кардан, мавқуф гузоштан ва пӯшидан эълон кардан ба император тааллуқ дорад.

***Моддаи 15.*** Раисӣ дар Шӯрои иттифоқ ва роҳбарӣ ба корҳои он ба канслери иттифоқӣ, ки шоҳ таъин мекунад, тааллуқ дорад.

***Моддаи 17.*** Ҳуқуқи тайёр кардан ва эълон намудани қонунҳои империявӣ ва назорат аз болои иҷрои онҳо ба император тааллуқ дорад.

***Моддаи 18.*** Император амалдоронро таъин мекунад, барои садоқат ба империя савганд ёд кардани онҳоро таъмин менамояд ва дар сурати зарурӣ истеъфояшонро эълон мекунад.

***Моддаи 20.*** Рейхстаг тавассути интихоботи умумӣ ва бевосита бо овозҳои пинҳонӣ интихоб карда мешавад...

***Моддаи 32.*** Аъзои Рейхстаг моҳона ва ё музди дигар намегиранд.

## IX. СИПОҲИ ИМПЕРИЯ

***Моддаи 61.*** Баъди эълони Конститутсияи мазкур дар тамоми империя бояд таъҷилан бо пуррагӣ қонунгузории ҳарбии пруссиявӣ ҷорӣ карда шавад...

***Моддаи 63.*** Ҳамаи нерӯҳои ҳарбии империя сипоҳи ягонаро ташкил мекунанд, ки ҳам дар шароити осоишта ва ҳам дар шароити ҷанг дар зери фармондеҳии император мебошанд...

***Моддаи 68.*** Дар мавридҳое, ки дар қаламрави иттифоқ ба амнияти ҷамъиятӣ хатар таҳдид мекунад, император ҳар як қисмати онро дар ҳолати ҳарбӣ эълон карда метавонад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**I.1871** – 22 давлат ва 3 шаҳри озоди олмонӣ дар шаҳри Версал ҷамъ омада, қарор қабул карданд, ки дар як мамлакат муттаҳид мешаванд

**16.IV.1871** – Рейхстаги Муассисон Конститутсияи умумиолмониро қабул кард, ки мувофиқи он ин давлат империяи Олмон ном гирифт

**1871-1873** – дар империяи Олмон ҷорӣ карда шудани системеи ягонаи пулӣ – марка

**1878** – Конференсияи байналхалқии Берлин барои аз нав дида баромадани шартномаи сулҳи Сан-Стефано аз тарафи Олмон, Италия ва Австро-Венгрия; созмон дода шудани паймони ҳарбии «Иттифоқи Сегона»

**1884** – дар Африқо ба амалиёти фаъолона гузаштани империяи Олмон

**1885** – Занзибар ва баъзе ҷойҳои дигари Африқоро забт кардани империяи Олмон
**1898** – ба Фаластин сафар кардани императори Олмон Вилгелми II, аз султони Туркия оид ба сохтани роҳи оҳани Багдод иҷозат гирифтани ӯ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Муттаҳидшавии давлатҳои Олмон чӣ тавр ба амал омад? **2.** Баъди муттаҳидшавӣ, Олмон чӣ хел давлат шуд? **3.** Дар бораи Шӯрои иттифоқ ва Рейхстаги империявии Олмон маълумот диҳед. **4.** Дар бораи пешравии саноати Олмон мисолҳо биёред. **5.** Дар Олмон кадом хел инҳисорҳо ба вуҷуд омаданд? Номи чанд инҳисорро гӯед ва онҳоро шарҳ диҳед. **6.** Вазъи кишоварзӣ дар Олмон дар кадом ҳолат буд? **7.** Чаро дар охирҳои асри XIX Олмон сиёсати таҷовузкоронаи хориҷиро пеш гирифт? **8.** Кай Конститутсияи давлатҳои олмонии дар як иттифоқ муттаҳидшуда қабул карда шуд? **9.** Дар бораи канслери нахустини империяи Олмон – Отто Бисмарк маълумот диҳед. **10.** Дар даҳсолаҳои охирини асри XIX империяи Олмон куҷоҳоро ишғол карда, ба мустамликаи худ табдил дод? 11. Аз рӯйи фаҳмиш, ба саволҳои зерин ҷавоб гардонед: а) мувофиқи Конститутсияи империявии Олмон, ин давлат аз кадом давлату шаҳрҳо ташкил ёфт? б) қонунгузории империявӣ чӣ тавр буд? в) Шӯрои иттифоқ чӣ тавр ташкил меёфт? г) вазифаҳои раиси Шӯрои иттифоқ ва Рейхстагро муайян кунед. 12. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 8. РУСИЯ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Сохти иқтисодии Русия.** Шикаст дар ҷанги Қрими солҳои 1853 – 1856 нишон дод, ки Русияи як вақтҳо жандарми Аврупо буда, ба давлати ақибмонда табдил ёфтааст. Ба ин, пеш аз ҳама, мавҷудияти тартиботи крепостнойии Русия сабабгор буд. Инро шоҳи нави Русия – Александр II, ки соли 1855 ба тахт нишаст, хуб мефаҳмид. Бинобар ин, 19 феврали соли 1861 тартиботи крепостнойиро «аз боло» бекор кард. Баъди ин Русия ба роҳи сармоядорӣ даромад. Деҳқонони аз асорати крепостнойӣ озодгардида барои пешравии саноат манбаи арзони меҳнати кироя гардиданд.

Сармоядорон ва соҳибкорони Русия бештар корхонаҳои калони саноатӣ мехостанд. Дар ибтидои асри XX корхонаҳое,

ки коргарони онҳо зиёда аз 500 нафар буданд, 50 фоизи коргарони Русияро ташкил мекарданд. Аз рӯйи марказонидани истеҳсолот Русия дар Аврупо ба ҷойи аввал баромад. Вале аз рӯйи дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аз мамлакатҳои мутараққӣ хеле ақиб мемонд.

Дар Русия аввалин инҳисорҳои сармоядорӣ дар охирҳои асри XIX ба вуҷуд омадаанд. Дар натиҷаи суръати тези марказонида шудани саноат иттиҳодияҳои инҳисорчиён ба вуҷуд омаданд. Шакли маъмули иттиҳодияҳои инҳисории Русия синдикатҳо буданд. Соли 1902 синдикат оид ба фурӯши маҳсулоти маъданкоркунӣ – «Продамет» ва «Продвагон» ба фаъолият сар карданд. Онҳо қариб дар тамоми Русия ба истеҳсол ва фурӯши маъдану маснуоти маъданӣ, ангишт ва вагон назорат мекарданд.

Дар Русия дар ин давра мақоми бонкҳо баланд шуд. Онҳо барои сохтани корхонаҳои нав ва васеъ кардани истеҳсолот ба соҳибкорон пул қарз медоданд. Худашон ҳам ба саноат маблаг мегузоштанд. Марказонидани сармояи бонкӣ ба амал меомад. Ду бонки калонтарин – Бонки Байналхалқии Петербург ва Бонки Русияю Осиё ва баъзе бонкҳои дигар дар тараққиёти саноату тиҷорат саҳми калон гузошта, онҳоро ба зери назорати худ дароварда буданд. Инҳисорҳои саноатӣ ҳам кӯшиш мекарданд, ки дар сармоядории бонкӣ саҳмдор бошанд. Ҳамин тариқ, омезиши ду намуди сармоя – саноатӣ ва бонкӣ ба амал меомад.

Русия тавассути сармояи худ саноати пешқадами мамлакатро бунёд карда метавонист. Барои ҳамин ба воридшавии сармояи хориҷӣ эҳтиёҷи зиёд надошт.

Дар кишоварзӣ маъмулан тартиботи феодалию крепостнойӣ вуҷуд дошт. Сарфи назар аз ин, дар ин соҳа ҳам баъди 19 феврали соли 1861 оҳиста-оҳиста муносибатҳои сармоядорию соҳибкорӣ ба вуҷуд меомаданд. Фаъолияти хоҷагии кулакҳо дар ин бора далолат мекунанд.

**Сохти сиёсии Русия.** Дар Русия дар сари ҳокимият подшоҳ ва помешикҳо меистоданд. Дар идоракунии давлат ҳарбиён ҳам мақоми баланд доштанд. Сохти сиёсии давлат мутлақияти подшоҳӣ буд. Ягон мақомоте набуд, ки ҳокимияти подшоҳро маҳдуд карда тавонад.

Ислоҳоти буржуазии солҳои 60-ум – 70-уми асри XIX ба ҳокимияти марказии Русия тамоман дахл накард. Халқ мисли пештара аз ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳрум буд.

Подшоҳ – Николайи II, ки соли 1894 ба ҷойи Александри III ба тахти подшоҳии Русия нишаст, шоҳи помешикон буд. Ӯ мамлакатро бештар ба нафъи онҳо идора мекард.

Буржуазияи пешқадами Русия ба ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ мухолиф буд, вале аз сабаби камшуморӣ, надоштани эътимоди баланд дар байни омма, надоштани таҷрибаи муборизаи сиёсӣ ва номуташаккилӣ алайҳи ҳокимияти мутлақи подшоҳӣ мубориза бурда наметавонист. Вай аз гузашткуниҳои ночизи подшоҳ марбут ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа ҳам розӣ буд.

**Сиёсати хориҷии Русия.** Дар нимаи дуюми асри XIX сиёсати хориҷии Русияи подшоҳӣ чун дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX самтҳои муайян дошт. Дар ин давра он, асосан, бар зидди Туркия ва Эрон нигаронида шуда буд. Аз ҳамин сабаб, дар зарфи каме зиёдтар аз 50 сол Русия бар зидди ин давлатҳо чандин маротиба ҷанг эълон кардааст. Русияи подшоҳӣ мехост, ки Қафқозро ба даст дарорад, Қримро аз они худ кунад, Баҳри Сиёҳро аз Туркия кашида гирифта, барои худ ба Баҳри Миёназамин роҳи обӣ кушояд ва дар нимҷазираи Балкан мавқеи стратегӣ пайдо намояд. Натиҷаи ҳамин сиёсат буд, ки Русия Қафқозро ба мустамликаи худ табдил дод. Агар Русияи подшоҳӣ дар самти Қафқоз мавқеи худро мустаҳкам карда бошад, дар Қрим мавқеи ночизе, ки қаблан дошт, дар натиҷаи дар Ҷанги Қрими солҳои 1853 – 1856 аз Туркия сахт шикаст хӯрдан, онро пурра аз даст дод.

Англия ва Фаронса намехостанд, ки дар шахси Русия рақиби пурзӯри зафарманде дошта бошанд. Барои ҳамин, дар ҷанги Қрим онҳо ба Туркия дасти ёрӣ дароз карданд ва имконият фароҳам оварданд, ки Русия шикаст хӯрад.

Дар нимаи дуюми асри XIX Русияи подшоҳӣ сиёсати хориҷии худро, асосан, ба Қрим, Балкан, Чин ва Осиёи Марказӣ ҷалб намуд. Вай мисли пештара ният дошт, ки Қримро аз Туркия кашида гирад, мавқеи худро дар нимҷазираи Балкан мустаҳкам кунад. Инчунин, Осиёи Марказиро ишғол кунад ва дар наздикии Ҷопон барои сипоҳи худ пойгоҳҳои ҳарбӣ созад,

то ки баъд забткориҳои худро аз он ҷо дар Шарқи Дур огоз намояд. Аз ин рӯ, аз Чин барои аз болои хоки он то нимҷазираи Ляодун сохтани роҳи оҳани УКВЖД, ки аз ин давлат иҷора гирифта буд, иҷозат мегирад.

Аз соли 1847 сар карда, Русия ба забти Осиёи Марказӣ даст зада, гурӯҳи калони лашкарашро ба самти баҳри Арал фиристод. Лашкари дигари Русия соли 1853 қалъаи Оқмасҷид (Қизил Ӯрдаи ҳозира)-ро ишғол намуд. Вале Ҷанги Қрим самти сиёсати хориҷии ҳукумати подшоҳиро тағйир дод. Бинoaн, то соли 1864 Осиёи Марказиро ба ҳоли худ гузошт.

Аз соли 1864 сар карда, то соли 1895 Русияи подшоҳӣ паси ҳам қаламрави хонигариҳои Қӯқанду Хева ва Аморати Бухороро забт намуда, ба мустамликаҳои худ табдил дод.

Ҳанӯз амалиёти ҷангӣ дар Осиёи Марказӣ ба анҷом нарасида буд, ки таваҷҷуҳи сиёсати хориҷии Русия аз нав ба Балкан ҷалб шуд. Дар ин ҷо халқҳои славянӣ ва халқҳои дигари сокини ин нимҷазира ба муборизаи миллию озодихоҳии зидди туркҳо бархостанд. Моҳи апрели соли 1877 сипоҳиёни Русия ба ёрии онҳо шитофта, дар аввали соли 1878 дар ин ҷо бар лашкари Туркия дастболо шуданд ва 3 марти соли 1878 дар маҳаллаи Сан-Стефанои наздикии шаҳри Константинопол Созишномаи сулҳро ба имзо расониданд. Вале худи ҳамон сол Конгресси Байналхалқии Берлин бо ташаббуси Олмон, Англия ва Фаронса барпо гардида, музаффариятҳои Русияро дар нимҷазираи Балкан ва Баҳри Сиёҳ ба нестӣ расонид.

Баъди ҳалли «масъалаи Осиёи Марказӣ» дар охири асри XIX – аввали асри XX диққати сиёсати хориҷии Русия бештар ба Шарқи Дур ҷалб шуд. Ин вақт Русия дар нимҷазираи Ляодун шаҳр- истеҳкоми ҳарбии Порт – Артурро бо суръати том месохт ва ният дошт, ки аз ин ҷо сиёсати истилогаронаи хешро дар Шарқи Дур тезтар пиёда кунад. Ҳамин буд, ки вай бо Ҷопони империалисти ҷавон рӯ ба рӯ шуд. Дар натиҷа, ҷанги солҳои 1904 – 1905-и Русия ваҶопон ба амал омад.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### АЗ ҚАРОРДОДЕ, КИ ДАР БАЙНИ РУСИЯ ВА ЧИН 15(27) МАРТИ СОЛИ 1898 МАРБУТ БА НИМҶАЗИРАИ ЛЯОДУН БАСТА ШУДААСТ

*Моддаи 1.* Барои нерӯҳои ҳарбии баҳрии русҳо дар соҳили Чини Шимолӣ таъмин намудани такягоҳи боэътимод аълоҳазрат императори Чин розӣ аст, ки бандарҳои Артур (Люодун-коу) ва Та-лян-ван (Далний – Т. 3.) бо ҳамроҳии соҳилҳои дар наздикии ин бандарбуда барои истифодаи иҷоравӣ ба ҳукумати Русия дода шаванд. Вале бо ин иҷора ҳаргиз ҳуқуқи олии аълоҳазрат императори Чин ба қаламрави номбурда вайрон карда намешавад.

*Моддаи 2.* Сарҳади қитъаи ба истифодаи иҷоравӣ додашуда шимолтар аз халиҷи Та-лян-ван дар масофае мегузарад, ки барои ҳимояи қитъаи Замин аз тарафи хушкӣ зарур аст.

*Моддаи 3.* Муҳлати иҷора аз рӯзи ба имзо расидани қарордоди мазкур 25 сол муқаррар карда мешавад ва баъд мумкин аст бо ризоияти тарафайн аз тариқи қарордоди ҳар ду ҳукумат дароз карда шавад.

*Моддаи 4.* Дар тӯли муҳлати муайянкардашуда дар қаламрави аз тарафи русҳо баиҷорагирифташуда ва обҳои назди он фармондеҳии нерӯҳои хушкигарду баҳрӣ ва ҳам идораи олии шаҳрвандӣ пурра ба ҳукуматдорони русҳо дода мешавад... Ҳеҷ гуна нерӯҳои ҳарбии хушкигард ба қаламрави ба истифодаи иҷоравӣ додашуда роҳ дода намешавад...

*Моддаи 5.* Ҳарду ҳукумат розианд, ки Порт- Артур ҳамчун бандари ҳарбӣ барои киштиҳои русҳо ва чиноиҳо дода шавад. Барои киштиҳои ҳарбӣ ва тиҷоратии давлатҳои дигар он бастааст. Та-лян-ван бошад, ғайр аз як халиҷи дохилии он, ки чун Порт- Артур танҳо барои зарурати флоти русҳо ва чиноиҳо муайян карда шавад, қаламрави боқимондаи он бандар барои тиҷорати хориҷӣ кушода ҳисобида шуда, ба он озодона даромадани киштиҳои ҳамаи миллатҳо иҷозат дода мешаванд...

## САНАҲОИ МУҲИМ

1853 – 1858 – ҷанги Қрим

1847– 1853 – оғози истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ

1855 – ба тахти подшоҳии Русия нишастани Александри II

19. II. 1861 – дар Русия барҳам дода шудани ҳуқуқи крепостнойӣ

1864 – оғози марҳалаи нави аз тарафи Русия забт карда шудани давлатҳои Осиёи Марказӣ

3. III. 1878 – дар маҳаллаи Сан-Стефано дар байни Туркия ва Русия баста шудани Созишномаи сулҳ

1878 – доир гардидани Конгресси байналхалқии Берлин барои аз нав дида баромадани Созишномаи сулҳи Сан-Стефано

1895 – Аз тарафи Русия забт карда шудани давлатҳои Осиёи Марказӣ: хонигариҳои Қӯқанд, Хева ва Аморати Бухоро

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Вазъи иқтисодии нимаи дуюми асри XIX-и Русияро муайян кунед. Дар он ҷо аз кай муносибатҳои сармоядорӣ ба густариш оғоз карданд? Оё барҳам додани ҳуқуқи крепостнойии 19 феврали соли 1861 ба ин иқдом ягон муносибат дорад? **2.** Дар Русия кадом инҳисорҳои аввалин ба вуҷуд омаданд? Онҳоро номбар кунед. **3.** Кадом бонкҳои аввалин ва калонтарини Русияро медонед? Чаро сармояи саноатию бонкии Русия бо ҳамдигар омезиш мeёфт? Оё ин раванд ба иқтисодиёти мамлакат ягон фоида мебахшид? **4.** Кишоварзии Русия дар кадом ҳолат қарор дошт? **5.** Дар бораи сохти сиёсии Русияи нимаи дуюми асри XIX чиҳо гуфта метавонед? **6.** Николайи II кай ба ҷойи Александри III ба тахти подшоҳии Русия нишаст? Оё ӯ ба системаи сиёсии мамлакт ягон дигаргуние ворид сохт? **7.** Фаъолияти буржуазияи ҷавони озодихоҳи Русия ин вақт дар кадом ҳолат буд? **8.** Самтҳои сиёсати хориҷии Русияро дар нимаи дуюми асри XIX муайян кунед. Онҳо чӣ мақсад доштанд? – а) дар Балкан; б) дар Қрим ва ҳавзаи Баҳри Сиёҳ; в) дар Қафқоз; г) дар Осиёи Марказӣ ва д) Шарқи Дур.

## § 9. РУСИЯ ДАР ИБТИДОИ АСРИ XX

**Ҷанги Русияю Ҷопон.** Ба давраи сармоядории инҳисорӣ дохил гардидани Русия ба вақте рост омад, ки дар байни мамлакатҳои калонтарини сармоядорӣ барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон зиддиятҳо тезу тунд мешуданд. Русия ҳам дар ин қатор меистод. Вай дар Шарқи Дур ва ҳавзаи Уқёнуси Ором манфиатҳои худро дошт. Лекин ба он Ҷопони ҷавони империалистӣ халал мерасонид. Ин вақт дар мамлакат буҳрони инқилобӣ ҳам пухта мерасид. Барои баромадан аз ин буҳрон, ба мутлақияти рус як ҷанги зафаровар лозим буд, то ки баъди он ба нерӯҳои инқилобии мамлакат зарба занад.

Ҷопон ба ҷанги зидди Русия ҳанӯз аз солҳои 90-ум тайёрӣ медид. Вай ният дошт, ки ин давлатро аз ҳавзаи Уқёнуси Ором дур партояд ва бо ҳамин дар Шимоли Чин мавқеи худро мустаҳкам кунад. Ғайр аз ин, Ҷопон мехост, ки Корея ва Манчурияро низ ба даст дарорад.

Вале Русия ба ҷанги дар пешистода онқадар тайёр набуд. Сохтмони роҳи оҳани Транссибир, истеҳкомҳои Порт-Артур, ки онро Русия дар нимҷазираи Ляодуни аз Чин ба иҷораги-рифта месохт, ҳанӯз ба охир нарасида буданд. Сохтмони ин иншоот бояд соли 1909 анҷом меёфт.

Дар ҳамин вазъият, ҷанг 27 январи соли 1904 бо ҳамлаи эс-кадраи Ҷопон ба дастаи киштиҳои флоти рус, ки ин вақт дар бандари Чемулпои Корея буд, оғоз ёфт. Дар ин муҳориба крейсери номии Русия «Варяг» ва канонеркаи «Корея» зарари калон дида, дере нагузашта ғарқ шуданд. Дар яке аз муҳори-баҳои сахти баҳрӣ сарфармондеҳи флоти Уқёнуси Ороми рус адмирал С. О. Макаров ҳалок гардид.

Моҳҳои май – августи соли 1904 дар Порт-Артур ва Ляолян муҳорибаҳои калон ба амал омада, ба фоидаи ҷопо-ниҳо анҷом ёфтанд. Аз моҳи май то моҳи декабри соли 1904 Порт-Артур дар муҳосира буд. Муҳофизатгарони он баъд аз мудофиаи дуру дароз ва талафоти зиёд маҷбур шуданд, ки ба Ҷопон таслим шаванд.




Харитаи Русия дар ибтидои асри XX.

Моҳи феврали соли 1905, баъди дар Мукден шикаст хӯрдани русҳо, Николайи II аз ҳисоби киштиҳои флоти Балтика эскадраи ҷадиди киштиҳоро ороста, бар зидди ҷопонҳо фиристод, вале флоти Ҷопон онро моҳи майи соли 1905 дар наздикии Сусима торумор кард. Аз ин эскадра танҳо 3 киштӣ тавонист, ки аз муҳосираи ҷопониҳо халос шуда, то ба шаҳри русии Владивосток рафта расад. Дар ин муҳориба Русия талафоти калони ҷонӣ ҳам дод. Инчунин, ҳазорҳо нафар баҳрнавардон ба асорат афтоданд.

Дар ҷанги зидди Ҷопон Русия шикаст хӯрд ва маҷбур шуд, ки моҳи августи соли 1905 тавассути миёнаравии ИМА дар шаҳри Портсмути ин мамлакат ба Созишномаи сулҳи таслимшавӣ имзо гузорад.

Ҷопон дар натиҷаи ғалаба бар Русия ба мақсади худ расид. Русия аз Порт-Артур ва қисми ҷанубии ҷазираи Сахалин маҳрум гардид.

Шикаст дар ҷанги зидди Ҷопон бӯҳрони инқилобиро дар Русия боз ҳам шадидтар гардонид.

**Сабаб ва мақсадҳои инқилоби якуми буржуазӣ-демократии солҳои 1905-1907.** Ислоҳоти солҳои 60-ум – 70-уми асри XIX ҳарчанд Русияро ба роҳи сармоядорӣ даровард, лекин зиддиятҳои сершумори ҷомеаро бартараф карда натавонист.



Муҳорибаи Тсусима дар соли 1905. Ҷопон ғолиб баромад.

Боқимондаҳои феодалӣ ҳанӯз ҳам дар мамлакат ҳукмрон буданд ва ислоҳот масъалаи аграриро то охир ва одилона ҳал карда натавонист. Яке аз монеаҳои асосии пешравии Русия дар деҳоти рус мавҷуд будани ҷамоаи деҳқонӣ ба шумор мерафт. Ҷамоаро тарк карда рафтани деҳқонон мумкин набуд. Аз ин рӯ, онҳо барои барҳам додани он мубориза мебурданд.

Буҳрони иқтисодии солҳои 1900-1903 заҳматкашони Русияро боз ҳам қашшоқтар кард. Ҳазорон-ҳазор коргарон ва табақаҳои дигари меҳнаткашон бекор монданд. Ин буҳрон вазъи сиёсию иҷтимоии мамлакатро низ беандоза тезу тунд гардонид.

Империяи Русия давлати сермиллат буд. Дар он даҳҳо миллату халқиятҳои гуногун сокин буданд ва аз тарафи великоросҳо сахт истисмор карда мешуданд. Биноан, халқҳои мазлуми империяи Русияи подшоҳӣ барои озодии худ мубориза мебурданд. Инқилоби дар пешистода дар ин империя занҷири зулми мустамликавиро ҳам шикаста метавонист.

Дар ҷанги зидди Ҷопон шикаст хӯрдани Русия саршавии инқилобро тезонид. Мардум нагз фаҳмид, ки гунаҳгорони асосии ин фалокат мутлақият ва дастгоҳи беҳунари давлатию ҳарбии он мебошанд.

Масъалаи аз ҳама асоситарини инқилоб барҳамзании мутлақияти подшоҳӣ ва соҳиби Замин шудани деҳқонони безамин ва камзамин буд.

**Оғози инқилоб. Якшанбеи хунин.** Аксарияти коргарони фабрикаю заводи онвақтаи Русия он деҳқононе буданд, ки бо сабаби барҳам хӯрдани ҳуқуқи крепостнойӣ кори кишоварзиро партофта, ба шаҳрҳо рафта, издиҳоми бузурги меҳнати кирояро ташкил карда буданд.



Якшанбеи хунин.

Вале онҳо ҳанӯз аз рӯҳияи деҳқонӣ орӣ набуданд ва ба «шоҳ-падарҷон»-ашон боварӣ доштанд. Жандармерия аз ин истифода бурда, бо ёрии гумоштаи махфии худ-поп Гапон созмони «Маҷлиси коргарони руси фабрикаву заводҳои шаҳри Санкт-Петербург»-ро ташкил кард, то ки ба фаъолияти ин табақаи меҳнаткашон таъсир расонад ва нагузорад, ки вай ба сохти сиёсии мавҷуда зиён оварад.

Мувофиқи маслиҳати поп Гапон, пагоҳии барвақти якшанбеи 9 январи соли 1905 ҳазорон нафар петербургиҳо дар тан либоси идона, бо зану фарзандҳояшон суратҳои Николайи II ва Худову фариштаҳо дар даст дуохонон аз дунболи поп Гапон ба сӯйи Қасри Зимистона раҳсипор шуданд. Ҳукуматдорон барои «пешвоз» гирифтани издиҳом тайёрии пухта дида буданд. Ҳамин ки мардум ба майдони назди қаср ворид гардид, сарбозон ба сӯйи онҳо оташ кушоданд. Дар натиҷа, зиёда аз 500 нафар одам куштаю ярадор шуданд. Якшанбеи хунин огози Инқилоби буржуазии рус буд.

**Рафти инқилоб дар нимаи аввали соли 1905.** Баъди якшанбеи хунин мамлакатро мавҷи намоишҳои эътирозии мардуми башӯромада фаро гирифт. Дар моҳи январ зиёда аз 400 ҳазор



Порт-Артури дар муҳосираафтодаро гирборон кардани Артиши Ҷопон

нафар одамон корпартоӣ карданд. То аввали баҳор дар корпартоиҳо то 800 ҳазор нафар ширкат варзид. Ҷунбишҳои миллию озодихоҳона дар гӯшаю канорҳои миллии империя низ ба амал омаданд.

Ҳукумат вазъи Петербургро ниҳоят хавфнок дониста, ба он генерал Треповро бо ваколатҳои фавқулодда ҳоким таъин кард. Дар айни замон дар Петербург ва шаҳрҳои дигари мамлакат ҳабскунии оммавии иштирокчиёни инқилоб огоз ёфт, вале ин ҳам ҳаракати инқилобиро паст карда натавонист. Аз ҳамин сабаб, ҳукумати подшоҳӣ ваъдаҳо медод. Подшоҳ Николайи II кайфиати мардум ва вазъи иқтисодию иҷтимоии феълии мамлакатро ба ҳисоб нагирифта наметавонист.

Моҳи май мавҷи корпартоиҳо боз ҳам зиёд шуд. I май намоишҳои сершумори меҳнаткашон ва буржуазия дар зери шиорҳои сиёсӣ гузаштанд. Корпартоии аз ҳама калон ва дуру дароз, ки он 72 рӯз давом кард, дар корхонаҳои бофандагии Иваново-Вознесенск ба амал омад. Дар он то 70 ҳазор кормандони соҳа иштирок карданд. Корпартофтагон Шӯрои вакилони худро интихоб карданд, ки вай аз 151 кас иборат буд. Шӯро ваколатдор шуд, ки бо соҳибони фабрикаҳо гуфтушунид карда, ба иҷрои талабҳои заҳматкашон муваффақ шавад. 14 июни соли 1905 баҳрнавардони киштии флоти Баҳри Сиёҳ «Княз Потёмкин Таврический» шӯриш бардоштанд. Ба он матрос Григорий Вакуленчук роҳбарӣ мекард. Ӯ аз тарафи афсари сияҳкоре парронда шуд. Баъди ин роҳбарии шӯришро Афанасий Матюшенко ба уҳда гирифт. Ба ин киштӣ танҳо як киштии дигари флоти Баҳри Сиёҳ «Георгий Победоносетс» ҳамроҳ шуду халос. Баъди сарсонию



**Никлай II.**

саргардониҳои чандинрӯза «Потёмкин»-и исёнгар 18 июн маҷбур шуд, ки ба соҳилҳои Руминия рафта, ба ҳукумати ин мамлакат таслим шавад.

Шӯриши «Княз Потёмкин Таврический» ва ошӯбҳо дар артиш нишон доданд, ки лашкар ва флоти ҳарбии баҳрӣ ба ҳукумати подшоҳӣ содиқ намебошанд. Таъхир кардан мумкин набуд, вагарна вазъияти мамлакат боз ҳам вазнинтар мешуд. Инро подшоҳ Николайи II хуб дарк карда буд.

**Манифести 17 октябр.** Тирамоҳи соли 1905 дар корпартоии умумирусиягӣ зиёда аз 2 миллион нафар одамон иштирок карданд. Он шаҳрҳои Санкт-Петербург, Москва, Киев ва шаҳрҳои дигари Русияю музофотҳои мустамликавии вайро фаро гирифт. Дар ин вазъият подшоҳ гайр аз гузашт кардан илоҷи дигар надошт. Николайи II маҷбур шуд, ки ба «Эъломия» («Манифест») 17 октябр имзо гузорад. Дар он даъват карда шудани Думаи давлатӣ, озодиҳои демократӣ: озодии сухан, матбуот, маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, ташкилотҳо ва озодии виҷдон ваъда карда шуда буданд. Ин озодиҳо дар натиҷаи муборизаи оммавии ҳамаи қувваҳои инқилобӣ ба даст дароварда шуданд.

Дар арафаи инқилоб ва баъди баромадани «Эъломия»-и шоҳ, нерӯҳои нави сиёсӣ ташкил ёфтанд. Соли 1902 Ҳизби Сотсиалистии Инқилобӣ (СР, бо ифодаи «эсер» ном бурда мешуд), соли 1903 Ҳизби Сотсиал-Демократии коргарони Русия» (РСДРП), соли 1904 Демократҳои Конститутсионӣ (КД-бо ифодаи «кадет» ном бурда мешуд) ва моҳи



Пётр Аркадьевич Столыпин

октябри соли 1905 Ҳизби Октябрчиён бо номи «Иттифоқи 17-уми Октябр» ба фаъолият шурӯъ мекунанд. Аз «Эъломия»-и 17 октябри подшоҳӣ 3 ҳизб – эсерҳо, кадетҳо ва октябристҳо қаноатманд буданд. Ин ҳизбҳо барҳам хӯрдани ҳокимияти подшоҳиро шарт ва зарур намешумориданд. Қисми зиёди аҳли меҳнат низ аз «Эъломия» розӣ буд. РСДРП бошад, тарафдори то барҳамхӯрии мутлақият давом додани мубориза буд. Сарфи назар аз мақеи РСДРП, аксарияти аҳолии мамлакат «Эъломия»-и Николайи II-ро хуб истиқбол карданд. Аз ин рӯ, баъди эълон гардидани он инқилоб рӯ ба ташаккул ниҳод.

**Думаҳои I ва II давлатӣ.** Дар охирҳои моҳи апрели соли 1906 Думаи I давлатӣ даъват карда шуд. Қонуни интихоботӣ интихоботро барои деҳқонон-чорзинагӣ, барои коргарон-сезинагӣ ва барои дворянҳою буржуазия-дузинагӣ, яъне нобаробар муайян карда буд. Қоидаҳои намояндагӣ низ барои табақаҳои гуногун як хел набуданд. Дворянҳо метавонистанд аз деҳқонон аз ҳар 2 ҳазор кас, буржуазия аз ҳар 4 ҳазор кас, деҳқонон аз ҳар 30 ҳазор кас ва коргарон аз ҳар 90 ҳазор кас I вакил интихоб кунанд. Инчунин, ин қонун маҳдудиятҳои молумулкӣ ва синнусолӣ ҳам дошт. Аз ин рӯ, на ҳамаи одамон ҳуқуқи интихоботӣ гирифтанд.

Шӯрои давлатӣ ҳуқуқи палатаи Олии Думаро гирифт. Нисфи аъзои онро худи подшоҳ таъин мекард. Лоиҳаи қонунҳо танҳо баъди тасдиқи подшоҳ ҳуқуқи қонунро мегирифтанд. Бинобар ин, баъди даъвати Думаи I ҳам Русия давлати ҳокимияти мутлақдор мондан гирифт. Лекин он аз тарафи Думаи давлатӣ то як дараҷа маҳдуд карда шуд.

Думаи I давлатӣ барои подшоҳ ва ҷонибдорони ӯ гапнодаро баромад, чунки фраксияи трудовикҳо бар хилофи манфиатҳои помешикҳо масъалаи ҳалли Заминро ба муҳокима пешниҳод кард. Бинобар ин, Николайи II, ҳамчун сарвари давлати феодалӣ, онро «балвогар» номида, моҳи июни соли 1906 пароканда кард.

Ибтидои соли 1907 Думаи II давлатӣ карда шуд. Вале он аз Думаи I ҳам гапнодаротар буд. Ин дума дар даврае даъват карда шуд, ки инқилоб аллакай ба шикаст дучор гардида буд.

Барои ҳамин, мутлақият бе ягона тарсу ҳарос 30-юми июни соли 1907 Думаи II-ро ҳам барҳам зад.

Инқилоб ва фаъолияти ду думаи давлатӣ нишон доданд, ки дар мамлакат ислоҳот гузаронидан лозим аст, ки яке аз ҷузъҳои муҳимтарини он масъалаи Замин мебошад.

**Ислоҳоти аграрии Столипин.** То соли 1905 мутлақият ҷамоаи деҳотии русро бо ҳар роҳ муҳофизат мекард. Он барои ситонидани андоз, сафарбарӣ ва сарбозӣ ва аз тарафи помешикон истисмор кардани деҳқонон воситаи хеле қулай буд. Вале инқилоб нишон дод, ки минбаъд нигоҳ доштани ҷамоаи деҳқонӣ барои мутлақияти Русия хавфи калон дорад. Доираҳои пешқадами мамлакат сохти ҷамоавию патриархалӣ (падаршоҳӣ)-и Русияро ҳамчун яке аз монеаҳои асосии пешравии мамлакат медонистанд. Барои ҳамин, аз ҳукумати подшоҳӣ барҳам додани онро талаб мекарданд.

Дар зери сарпарастии яке аз шахсони мансабдори калони давлатӣ лоиҳаи ислоҳоти аграрӣ пешниҳод карда шуд ва 9 ноябри соли 1906 Николайи II ба зери амр дар бораи ислоҳоти аграрӣ имзо гузошт. Баъдтар Шӯрои давлатӣ дар ин бора қонун ҳам баровард. Ин ислоҳот мувофиқи санаи аз тарафи подшоҳ тасдиққарда «Қонуни 14 июни соли 1910» номида шудааст.

Бо ҳамин, ҷамоаи деҳқонони рус барҳам хӯрд. Деҳқонон тавассути ҷамоаи озодгардида соҳиби Замин шуданд. Ислоҳоти аграрӣ аз қисмати аврупоии мамлакат ба гӯшаю канорҳои дурдаст, аз он ҷумла, ба мустамликаҳо муҳоҷир кардани деҳқононро дар назар дошт. Ин қонун бояд дар зарфи 10 сол амалӣ мегардид.

Ислоҳоти аграрии Столипин кишоварзиро ҳам ба роҳи сармоядорӣ даровард. Вай барои камол ёфтани соҳибкорӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ дар шаҳру деҳоти Русия шароити мусоид муҳайё менамуд. Сарфи назар аз ин, сӯйиқасди душманони ислоҳот ба ҷони сарвари ислоҳоти аграрӣ Столипин, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва ниҳоят табаддулоти болшевикии моҳи октябри соли 1917 барои пурра ба амал баровардани ислоҳоти аграрии соли 1906 эълонкардаи Николайи II халал расониданд.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. АЗ СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ БАЙНИ РУСИЯ ВА ҶОПОН, КИ ДАР ПОРТСМУТ 23 АВГУСТИ (5 СЕНТЯБРИ) СОЛИ 1905 БА ИМЗО РАСИДААСТ

*Моддаи 2.* Русия ва Ҷопон уҳдадор мешаванд, ки:

1) аз Манчурия пурра дар як вақт кӯчонида шаванд, ғайр аз қаламраве, ки ба нимҷазираи Ляодуни иҷоравӣ дохил намешавад.

2) ҳамаи қисматҳои Манҷурия, ки феълан дар ишғоли русҳо ва ҷопонҳо ва ё дар зери назорати онҳо мебошанд, ба пуррагӣ ба Чин баргардонида шаванд…

*Моддаи 4.* Ҳукумати императории Русия уҳдадор мешавад, ки бе пардохти ягон хел музд бо розигии ҳукумати Чин роҳи оҳани байни Чан-чун (Куан-чен-ози) ва Порт-Артурро ба Ҷопон медиҳад...

*Моддаи 5.* Ҳукумати императории Русия қисмати ҷанубии Сахалин ва ҷазираҳои дар назди он буда, ҳамаи иншоотҳои ҷамъиятӣ ва ашёеро, ки дар ҳамон ҷо ҳастанд, ба ихтиёри пурра ва абадии Ҷопон гузашт мекунад. Мадори панҷоҳуми арзи шимолӣ ҳадди охирини қаламрави гузашткардашуда ҳисобида мешавад…

### 2. ИҚТИБОСҲО АЗ ЭЪЛОМИЯ «ДАР БОРАИ ТАКМИЛИ ТАРТИБОТИ ДАВЛАТӢ» (17 ОКТЯБРИ СОЛИ 1905)

Мо бечуну чаро майлу хоҳиши худро ба зиммаи ҳукумат во-гузор мекунем.

**1.** Ба аҳолӣ асосҳои устувори ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар заминаи дахлнопазирии ҳуқуқии шахс, озодии виҷдон, сухан, маҷлисҳо ва иттиҳодҳо эҳдо карда шавад.

**2.** Инқилоби ба Думаи давлатӣ таъинкардаро боз надошта, мувофиқи муҳлатҳои маҳдуди то даъвати Дума боқимонда ҳатталимкон барои дар Дума ширкат варзидани ҳамаи синфҳои аҳолӣ ҷалб карда шаванд, ки феълан аз ҳуқуқҳои интихоботӣ маҳруманд ва бо ҳамин густариши минбаъдаи ҳуқуқи интихоботии аз тариқи қонунгузории муқарраргардида таъмин карда шавад.

**3.** Ҳамчунин қоидаи тағйирнопазире муқаррар карда шавад, ки ҳеҷ гуна қонун бе тасдиқи Думаи давлатӣ эътибор надошта бошад ва ҳам ба интихобшудагон имконият дода шавад, ки ба таври ҳаққонӣ дар назорати сурат гирифтани амали ҳокимияти муқарраргардида ширкат варзанд.

*Думаи давлатӣ. Маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо ва мадракҳо. М., 1957 (ба заб. русӣ)*

### 3. ИҚТИБОСҲО АЗ АМРИ НИКОЛАЙИ II АЗ 9 НОЯБРИ СОЛИ 1906 ДАР БОРАИ ИСЛОҲОТИ АГРАРӢ

**Ҳар як соҳиби хонае, ки дар асоси ҳуқуқи ҷамоавӣ пораи Замин дорад, ҳар вақте ки хоҳад, метавонад талаб кунад, ки ҳамон ҳиссаи Замини ӯ ҳамчун моликияти шахсии вай муқаррар шавад.**

**2.** Дар ҷамоаҳое, ки дар тӯли 24 соли қабл дар бораи аз заминдории ҷамоавӣ ба заминдории шахсӣ гузаштан тақсимот гузаронида нашудааст, ба ҳар як соҳиби хона, ба замми замини наздиҳавлигӣ, ҳамаи қитъаҳои заминҳои ҷамоавие, ки дар ихтиёри доимӣ (ва иҷоравӣ)-и ӯ буданд, ҳамчун моликияти шахсии вай дода мешаванд...

**3.** Ҳар як соҳиби хонае, ки ба ӯ пораҳои замин дода шудааст, тибқи тақозои моддаҳои 1-2-и қоидаҳои мазкур ҳуқуқ дорад, ҳар вақте ки хоҳад, талаб кунад, ки ҷамоа ба ӯ бе ивази он пораҳо қитъаи мувофиқе ҳатталимкон дар як ҷой ҷудо карда бидиҳад.

***Куллиёти қонунгузории империяи Русия. Маҷмӯаи 3. ҶXXVI. рақ.28539 (ба заб. русӣ)***

## САНАҲОИ МУҲИМ

| | |
|---|---|
| 1904 -1905 – | ҷанги Русияю Ҷопон |
| V.1905 – | дар наздикии ҷазираи Сусима торумор гардидани эскадраи Русия |
| 9.1.1905 – | Якшанбеи хунин. Оғози Инқилоби якуми буржуазӣ-демократии Русия |
| 14 V11905 – | дар флоти Баҳри Сиёҳ шӯриш бардоштани баҳрнавардони киштии зиреҳпӯши «Княз Потёмкин Таврический» |
| 23.VIII.1905 – | дар ш. Портсмути ИМА баста шудани Созишномаи сулҳи байни Русия ва Ҷопон |
| IV 1906 – | даъват шудани Думаи 1 давлатӣ |
| VIII.1906 – | даъват кардани Думаи II давлатӣ |
| 9.X.I.1906 – | эълон кардани ислоҳоти аграрии Столипин |
| 14.VI 1910 – | қабули «Қонуни 14 июни соли 1910» (қонуни ислоҳоти аграрии Столипин) |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар бораи сабабҳои ҷанги Русияю Ҷопон чиҳо медонед? **2.** Ҷанги Русияю Ҷопон кай ва чӣ тавр оғоз ёфта, кай ва чӣ тавр ба охир расидааст? **3.** Созишномаи сулҳи Портсмутро аз рӯйи ҳуҷҷати 1-ум шарҳ диҳед. **4.** Сабаб ва мақсадҳои инқилоби якуми буржуазию демократии Русияро муайян кунед. **5.** Инқилоб бар зидди кӣ ва кадом тартиботи мавҷудаи Русия нигаронида шуда буд? **6.** Чаро ин инқилоб буржуазию демократӣ ном гирифтааст? **7.** Инқилоби буржуазию демократии якуми рус кай ва чӣ тавр оғоз ёфтааст? **8.** Воқеаҳои фоҷиавии Якшанбеи хунинро шарҳ диҳед. **9.** Дар бораи воқеаҳои инқилобии нимаи аввали соли 1905 далелҳо биёред. **10.**

Воқеаҳои инқилобии соли 1905 ба чӣ далолат мекарданд? **11.** Солҳои 1902-1905 дар Русия кадом ҳизбҳои сиёсӣ ташкил ёфтанд? **12.** Барои пешгирӣ кардани болоравии ҳаракати инқилобӣ подшоҳи Русия чӣ чора ҷуст? **13.** Думаи I давлатӣ кай даъват карда шуд? Ин Дума кай ва барои чӣ пароканда карда шуд? **14.** Думаи II давлатӣ кай даъват карда шуд? Ин дума кай ва барои чӣ пароканда карда шуд? **15.** Ислоҳоти аграрии Столипин кай эълон карда шуд? **16.** Оё ислоҳоти аграрии Столипин иҷро гардид? **17.** Мазмуни ҳуҷҷатҳои 2 ва 3-ро баён кунед. **18.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 10. ИМПЕРИЯИ АВСТРО-ВЕНГРИЯ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

**Дар империя ба миён омадани иртиҷои сиёсӣ.** Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, инқилоби буржуазии солҳои 1848 – 1849 дар империяи Австрия шикаст хӯрд. Аз ҳамин сабаб, дар он ҷо иртиҷои сахттарини сиёсӣ ҳукмрон гардид. Ҳукумати Бах (1852 - 1860) бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳӣ бераҳмона мубориза мебурд. Матбуот ба зери назорати сахт гирифта шуд. Бе иҷозати махсус ва бе иштироки политсия доир гардонидани гирдиҳамоиҳо манъ карда шуд. Ҳар гуна созмону ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ки барои фаъолият аз ҷониби ҳукумат иҷозатнома надоштанд, пароканда карда шуданд. Мамлакат ба 15 мулк тақсим карда шуд, ки ба ҳар кадоми онҳо генералҳои австриягӣ ҳукмронӣ мекарданд.

Идораи иртиҷоии Австрия махсусан дар Венгрия бедодгарӣ мекард. Хорватия, Словония, заминҳои Сербия ва Руминия аз Венгрия ҷудо карда, ба музофотҳои Австрия табдил дода шуданд. Хорватия бошад, бевосита ба ш. Вена тобеъ карда шуд. Трансилвания худмухтор эълон гардид. Қисмати боқимондаи Венгрия ба 5 мулк тақсим карда шуд. Дар Венгрия ҳокимияти олӣ ба ихтиёри генерал-губернатори Австрия гузашт.

Чехия низ ба доми бедодгарӣ ва таъқиботи оммавӣ гирифтор шуд. Хабарнигори маъруфи чех Карел Гавличек, ки бар зидди мутлақият мубориза мебурд, бадарға карда шуд. Дар Донишгоҳи Прага лексия хондани ислоҳотхоҳ Ф. Л. Риген манъ карда шуд.

Дар ин давра сиёсати немисикунонии ақалиятҳои миллии империя пурзӯр шуд. Забони немисӣ дар тамоми қаламрави

империя давлатӣ эълон гардид. Коргузории маъмурӣ, судӣ ва ҳатто маорифи халқ дар ҳама ҷо бояд бо забони немисӣ сурат мегирифт.

**Вазъи иқтисодии империя дар солҳои 50 – 60 асри XIX.** Дар оғози ин давра дар империя суръати ба амал омадани табаддулоти саноат ба тезӣ тараққӣ кард, махсусан, баъзе соҳаҳои саноати вазнин ва сохтани роҳҳои оҳан. Соли 1869 истеҳсоли ангишт 3,5 млн тонна, оҳан 0,7 млн тонна ва чӯян 0,25 млн тоннаро ташкил намуд. Бекор карда шудани сарҳадҳои дохилии гумрукӣ имконият дод, ки дар Австрия тиҷорат ҳам тараққӣ кунад. Ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ низ афзуд. Агар дар соли 1950 он 187 млн гулденро ташкил карда бошад, пас соли 1860 ба 293 млн гулден расид. Моли асосии содироти империяи Австрияро ғалла, чӯб ва газвору моҳут ташкил медод.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки суръати тараққиёти сармоядорӣ дар қисматҳои алоҳидаи Австрия як хел набуд. Ағар саноати Чехия ва Моравия тараққӣ карда бошад, пас дар Венгрия, Галитсия, Хорватия, Словения ва дигар гӯшаю канорҳои империя рушди он хеле суст сурат мегирифт. Онҳо мисли забони қаблӣ, асосан, мулкҳои кишоварзии Австрия буданд. Худи империяи Австрия воқеан давлати кишоварзӣ буд.

Вазъи молиявии империяи Австрия вазнин буд. Дар буҷаи он хароҷот нисбат ба даромад маблаги ниҳоят калонро ташкил менамуд. Аз ҳамин сабаб, қурби арзи австриягӣ сол то сол пасттар мефаромад.



**Ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Венгрия ва Чехия дар солҳои 50 ва 60-и асри X1X.** Яке аз роҳбарони ҳаракати миллию озодихоҳии халқи маҷор, яъне венгерҳо, М.Ткач буд. Ӯ маҷорҳо ва халқҳои дигари мазлуми империяи Австрияро даъват менамуд, ки ба муқоболи истилогарон ба мубориза бархезанд. Барои фаъолияти инқилобиаш Ткач аз тарафи ҳукуматдорони Австрия ба маҳбас партофта шуд. Баъди дар натиҷаи авф аз ҳабс озод шудан, ӯ фаъолияти муборизаи озодихоҳонаи инқилобии худро давом дод. Дар қатори Ткач даҳҳо шахсиятҳои миллии дигари Венгрия ба муборизаи миллию озодихоҳӣ бархостанд. Онҳо дар қаламрави Венгрия созмони миллию сиёсии зиёд ташкил намуданд. Барои паст намудани шиддати вазъияти муборизаи миллию озодихоҳӣ дар Венгрия маъмурияти австриягии империя ҳар гуна чораҳо меандешид. Масалан, иҷозат дод, ки дар Венгрия ба сейм интихобот гузаронида шавад. Баъди интихобот маълум гардид, ки сейми мазкур барои маъмурияти империявӣ гапдаро нест. Аз ҳамин сабаб, он пароканда карда шуд.

Дар Чехия низ муборизаи миллию озодихоҳона суръат мегирифт. Дар ин ҷо ҳам ҳукумати Австрия барои паст гардонидани шиддати вазъият чораҳо андешид. Ҳукумат соли 1860 ба сейми Чехия ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дод. Вале мисли пештара забони немисӣ забони давлатӣ мондан гирифт. Ин чораи ҷузъӣ ва барои халқи чех беаҳамият ҳаракати миллию озодихоҳиро дар Чехия паст карда натавонист. Чунин ҳолати ҷамъиятию сиёсӣ дар қаламрави сукунати тамоми халқҳои дигари ғайриавстриягӣ ҳам ба назар мерасид. Дар ин ҳолат ҳукумати Австрия мамлакатро ба тарзи кухна идора карда наметавонист. Барои ҳамин хукумати нав бо сардории Шмерлинг (1861-1865) хост, ки немисгардонии халқҳои ғайринемисро бо усули конститутсионӣ иҷро намояд. Ин буд, ки соли 1861 бо номи «Патенти Феврал» Конститутсияи умумиимперии Австрия қабул карда шуд. Он ба парламенти дупалатагӣ ҳокимияти қонунгузорӣ дод. Конститутсия интихоботро аз рӯйи молу мулк нобаробар ва дузинагӣ эълон намуд. Ин Конститутсия ба буржуазия ва ашрофони заминдори Австрия имконият медод, ки дар империя ҳокимияти қонунгузорро дар зери назорати худ дошта

бошанд. Аз Конститутсияи мазкур халкҳои гайринемис норозӣ буданд. Аз ин рӯ, сиёсати марказонидани ҳокимияти давлатӣ ва немисгардонии халкҳои империя комилан шикаст хӯрд.

Дар чунин шароит вазъияти хориҷии империяи Австрия суст шудан гирифт. Соли 1866 Австрия дар ҷанги зидди Пруссия ба шикаст дучор шуд. Ин ҷанг ҳаракати миллию озодихоҳонаи халкҳои империя ва махсусан халқи Венгрияро боз ҳам пурзӯртар кард. Хавфи барҳам хӯрдани империяи Габбсбургҳои Австрия ба миён омад. Барои ҳамин, ҳукумати империявӣ маҷбур шуд, ки гузашт кунад. Ин ҳукумат соли 1867 бо Венгрия қарордодеро ба имзо расонид, ки мувофиқи он империяи Австрия номи дугона - Австро-Венгрияро гирифт. Худи ҳамон сол Конститутсияи нав қабул карда шуд. Ин Конститутсия сохти давлатии ҳар ду қисми ин мамлакатро муқаррар намуд.

Австро-Венгрия давлати истибдодӣ буд. Онро императори Австрия идора мекард. Дар як вакт ӯ шоҳиди Венгрия низ ба ҳисоб мерафт. Конститутсия ба император ҳуқуқҳои номаҳдуд дод. Император аъзои палатаҳои болоии парламент (рейхсрат ва сейм)-ро таъин мекард, дар байни маҷлисҳои парламент қарору амрҳоро интишор менамуд, ки ҳуқуқи қонунро доштанд. Конститутсия дар назар дошт, ки се вазорат – ҳарбӣ, хориҷӣ ва молия барои ҳар ду қисматҳои империя – Австрия ва Венгрия умумӣ мебошанд.

Чӣ тавре ки мушоҳида намудед, Конститутсияи соли 1867-и Империяи Австро-Венгрия зиддихалқӣ ва истибдодӣ буда, сохти мутлақиятро дар империя нигоҳ медошт. Дар натиҷаи татбиқи ин Конститутсия халқҳои ин империя аз зери зулми мустамликавӣ озод нашуданд. Аз ҳамин сабаб, ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои мазлуми империяи Австро-Венгрия дар даҳсолаҳои охири асри Х1Х ва оғози асри ХХ ҳам давом кард.

**Вазъи иқтисодии Австро-Венгрия дар даҳсолаҳои охирини асри Х1Х.** Тараққиёти сармоядорӣ дар қисматҳои гуногуни мамлакат нобаробар буд. Аз ин ҷиҳати саноат қисмати нисбатан тараққикардатарини империя Чехия ба ҳисоб мерафт. Австрияи Шимолӣ ва Ҷанубӣ низ аз ин ҷиҳат ба Чехия қариб баробар буд. Дар тараққиёти саноат Галитсия, Буковина ва як қатор вилоятҳои дигар аз онҳо хеле ақиб монда буданд. Дар

солҳои 70-90 Чехия дар саноати чӯянгудозӣ мақоми асосиро ишғол намуд. Дар ин ҷо он вақт 86 фоизи чӯяни империя истеҳсол карда мешуд. Сохтмони роҳҳои оҳан низ суръат гирифт. Саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳам пеш рафт. Истеҳсоли қанд, шароб ва пиво мақоми бештар пайдо намуд. Чехия ба маркази асосии саноати бофандагии империя табдил ёфт. Аз 137 корхонаи бофандагии империя 67-тояш дар Чехия сохта шуда буд.

Созишномаи Австро-Венгрияи соли 1867 то дараҷае сабабгори рушди иқтисодии Венгрия гардид. Дар ин ҷо ба истеҳсоли маҳсулоти филизӣ ва коркарди он қадамҳои аввалин гузошта шуданд. Ба ин кор истеҳсоли ангишт дар Чехия мусоидат мекард. Вале соҳаи асосии саноати Венгрия хӯрокворӣ буд. Соли 1898 маҳсулоти галладона, шароб, қанд ва соҳаҳои дигари хӯрокворӣ 47,3 фоизи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣи империяро ташкил менамуд.

**Сиёсати хориҷии Австро-Венгрия дар сеяки охирини асри XIX.** Австрия бисёр мехост, ки интиқоми шикаст дар ҷанги соли 1866-ро аз Пруссия бигирад. Вале бо вуҷуди ин аз Русия тарсида, дар ҷанги дар пешистодаи Пруссия бар зидди Фаронса мавқеи бетарафиро ихтиёр кард. Соли 1873 Австро-Венгрия бо ҳамроҳии Олмон ва Русия бо номи «Иттифоқи се император» қарордод ба имзо расонданд. Соли 1876 бошад, бо Русия Созишномаи «Рейх-штат»-ро имзо кард. Он ба Русия имконият медод, ки бе дахолати Австро-Венгрия бо Туркия ҷанг кунад. Барои ҷуброни ин бетарафӣ Австро-Венгрия бояд қисми Хорватия ва баъзе навоҳии наздисарҳадии Боснияро ба даст медаровард. Дар Конгресси байналхалқии Берлин соли 1878 ба Австро-Венгрия иҷозат дода шуд, ки Босния ва Ҳерсоговинаро истило кунад. Аз ин рӯ, муносибат дар байни Австро-Венгрия ва Русия бад шуд. Ин ҳолат Австро-Венгрияро маҷбур сохт, ки бо Олмон наздик шавад. 7 октябри соли 1879 дар байни Австро-Венгрия ва Олмон Созишномаи махфие ба имзо расид, ки он бар зидди Русия нигаронида шуда буд.

Дар ин давра дар масъалаи Тунис муносибатҳои байни Италия ва Фаронса тезутунд шуданд. Аз ин рӯ, ба иттифоқи Австро-Венгрия ва Олмон Италия низ дохил шуд, ки бо ҳамин он ба иттифоқи Сегона табдил ёфт.

**Рушди иқтисодии Австро-Венгрия дар ибтидои асри XX.** Дар ин давра рушди иқтисодии Австро-Венгрия ҳанӯз аз давлатҳои пешқадами сармоядорӣ ақиб монда буд. Сарфи назар аз ин, дар навоҳии саноатии мамлакат ва пеш аз ҳама, дар Австрияи Ҷанубӣ ва Чехия истеҳсолоти саноатӣ бо суръати тез марказонида шуда, ширкатҳои инҳисорӣ ба вуҷуд меомаданд. Шумораи корхонаҳои калон зиёда аз ним баробар афзуд, шумораи корхонаҳои саҳҳомӣ бошад, аз 380 то ба 587 адад расид. Сармояи ин корхонаҳо афзуд. Чунин раванд махсусан дар саноати кӯҳӣ ба назар мерасид.

Истеҳсоли оҳан ва пӯлод, асосан, дар дасти 6 иттиҳодияи инҳисорӣ марказонида шуд. Консерни маъдани ҷамъияти «Шкода» дар Плзни Чехия ба яке аз корхонаҳои калонтарини саноатии Аврупо табдил ёфт. Дигар соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ ҳам зуд тараққӣ мекарданд ва марказонида мешуданд.

Марказонида шудани сармояи бонкӣ низ ба амал меомад. Дар огози асри XX сармояи қарзӣ, асосан, дар якчанд бонки калони Вена марказонида шуда буд: «Бонки миллӣ», «Кредитанштадт» ва «Иттиҳоди бонкҳои Вена». Бонкҳои бузурги Вена на танҳо саноат, балки кишоварзиро низ ба зери назорати худ даровարда буданд.

Австро-Венгрия ба марҳалаи империализми худ расида, беш аз пеш ба сармояи хориҷӣ тобеъ мешуд. Бонкҳои Фаронса, Белгия ва Олмон дар шакли вомбарг (заём) ва ё маблағгузорӣ қариб тамоми мамлакатро фаро гирифта буданд. Вале дар байни ин бонкҳо, бонкҳои Олмон Австро-Венгрияро бештар қарздор карда буданд. Ин раванд баъди ба итмом расидани ҷанги Фаронсаю Пруссия суръати зиёдтарро касб намуд.

Ба иқтисодиёти Австро-Венгрия сармояи Фаронса низ таъсири калон дошт. Қисме аз роҳҳои оҳан, конҳои ангишт, корхонаҳои чӯянгудозӣ ва заводҳои «Шкода» ба сармоядорони Фаронса тааллуқ доштанд.

Вале вобастагии Австро-Венгрия ба сармояи хориҷӣ ба сармоядорони ин мамлакат дар кори сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни саноат, аз он ҷумла, ба саноати минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ суст тараққикарда–Галитсия, Хорватия, Словения, Босния ва Херсоговина халал расонда наметавонист.

**Пурзӯршавиии муборизаи миллию озодихиҳӣ дар империяи Австро-Венгрия дар охири асри XIX – аввали асри XX.** Дар ин давра ҳам муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои ғайри немисии империяи Австро-Венгрия идома дошт. Ин мубориза, пеш аз ҳама, дар минтақаҳои славянинишин бештар ба назар мерасид. Бо сабаби боловии муборизаи озодихоҳона дар Чехия, ҳукумат маҷбур шуд, ки баъзе гузаштҳо кунад. Соли 1880 ҳукумати Австро-Венгрия бо номи «Муросои Вена» қарордодеро ба имзо расонид. Мувофиқи он ҳукумати Бадени (1895 – 1897) маҷбур шуд, ки аз моҳи апрели соли 1897 дар Чехия забонҳои немисӣ ва чехиро баробарҳуқуқ эълон намояд. Ин чора дар қисмати немисии парламенти империя эътирози бузургро ба миён овард. Вакилони мардумӣ аз ин қисмати парламент талаб карданд, ки Бадени ба истифода равад. Ба ҳукумати нав Гауч (1897 - 1900) роҳбарӣ карда, маҷбур шуд, ки қонуни забонро дар Чехия барҳам диҳад. Акнун дар парламенти Австро - Венгрия қисмати чехи вакилони мардумӣ эътироз баён мекарданд, ки дар натиаҷа парламент ба як мақоми ҳокимияти воқеан корношоям табдил ёфт. Ҳукумати нав бо сардории Карбер (1900 - 1904) ташкил ёфт. Ба ӯ ҳам муяссар нашуд, ки мухолифатҳои зиддиҳукуматиро дар Чехия бартараф намояд.

Ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар мулкҳои дигари сукунати ақаллиятҳои миллии мамлакат ҳам давом меёфт, хусусан дар минтақаҳои славянинишини империя.

Маркази сафарбаркунӣ ва муттаҳидсозии ҳамаи славянҳои ҷанубӣ Сербия буд. Дар ҳаракати миллию озодихоҳии худ халқҳои Хорватия, Босния ва Ҳерсоговина ба Сербия ҳамчун ба ташаббускори ташкил намудани давлати ягонаи славянҳои ҷанубӣ нигоҳ мекарданд. Дар Трансилвания ҳаракати озодихоҳӣ ривоҷу равнақ ёфт. Ин мубориза бар зидди шляхтҳои лаҳӣ ва ҳукумати Габбусбургҳо, дар Украинаи Закарпат ба муқобили ашрофони маҷор ва зулми миллӣ равона карда шуда буд.

Словакия ва Украинаи Закарпат гӯё мустамликаи кишоварзии Венгрия буданд. Доираҳои васеи аҳолии ин қисмати славянҳои ҷанубӣ барои он мекӯшиданд, ки дар муборизаи якҷояи зидди табақаҳои ҳукмрони Австро-Венгрия ба халқи чех наздик шаванд.

Дар Хорватия, ки дар дохили шоҳигарии Венгрия баъзе мухториятҳо дошт, буржуазия васеъ намудани мухторияти Хорватия, маҳдуд кардани ҳудуди заминдории помешикӣ ва ба ҳамаи соҳибони Замин додани ҳуқуқи интихоботиро талаб менамуд. Як қисми буржуазияи Хорватия барои ба Сербия наздик шудан ва ташкил кардани давлати ягонаи славянҳои ҷанубӣ баромад мекард.

Тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии сарзамини Полша нобаробар сурат мегирифт. Як қисми он дар якҷоягӣ бо заминҳои Украинаи Ғарбӣ музофоти Олмони империяи Австрияро ташкил медод. Галитсия мухторият дошт ва соҳиби сейми худ ҳам буд. Мардуми поляк ва Укринаи Ғарбӣ аз ҷониби ҳукумати империяи Австро-Венгрия бераҳмона зулм карда мешуд.

Дар қисмати дигари заминҳои Полша, ки дар ихтиёри Олмон буд, заминдорон ва муҳоҷирони немис деҳқонони полякро аз заминҳояшон маҳрум месохтанд. Саноати вазнини ин минтақа ва махсусан саноати Силезия мутааллиқи сармоядорони немис буд.

Қисми тараққикардаи заминҳои Полша бо номи Шоҳигарии Полша дар зери ҳокимияти Русия буд. Саноати калони Варшава, Лола, ҳавзаи Домбровский ва инчунин сармояи калони Полша дар рушди иқтисодии Русия мақоми калон пайдо намуд. Буржуазияи Шоҳигарии Полша ба бозори Русия эҳтиёҷ дошт. Буржуазия ва заминдорони Полша ба фишори Русия нигоҳ накарда, дар симои он иттифоқчии муборизаи зидди халқи полякро медиданд. Онҳо барои барқарор намудани истиқлолияти мамлакат ва муттаҳидкунии заминҳои Полша кӯшиш намекарданд. Танҳо барои мухторияти Шоҳигарии Полша ҷидду ҷаҳд ба харҷ медоданду бас.

**Сиёсати хориҷии империяи Австро-Венгрия дар ибтидои асри XX.** Сиёсати хориҷии Австро-Венгрия дар ибтидои асри XX сол то сол иртиҷоитар мегардид. Самти асосии сиёсати хориҷиаш дар он давра ба Балкан нигаронида шуда буд. Ба ақидаи доираҳои ҳукмрони мамлакат, пеши роҳи ҳаракати миллию озодихоҳӣ ва барҳам хӯрдани империяи Австро-Венгрияро маҳз ҳамин сиёсат гирифта метавонист.

Иқдоми калони империяи Австро-Венгрия барои ишғол кардани Балкан, 5 октябри соли 1908, забт намудани Босния ва Херсоговина буд. Ин иқдом муносибати тезу тунди иттифоқи Русияю Сербияро ба муқобили Австро-Венгрия ба вуҷуд овард. Мубориза дар байни Австро-Венгрия ва Сербия ба ҷанг тайёрӣ дидан буд. Лекин ин ҷанг ба амал наомад – Австро-Венгрия аз он худдорӣ кард. Дар ин сурат, зарур мешуд, ки бо Русия рӯ ба рӯ шавад. Бо сабаби ба муқобили славянҳои ҷанубӣ нигаронида шудани сиёсати балкании Австро-Венгрия, муносибати ин давлат бо Русия тезу тунд гардид.

**Империяи Австро-Венгрия дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ.** Дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар империяи сермиллати Австро-Венгрия муборизаи миллию озодихоҳонаи халқҳои тобеъ қатъ нагардид. Ин мубориза баъди ба Австро-Венгрия ҳамроҳ карда шудани Босния ва Ҳерсоговина ва пурзӯршавии зулми австриягӣ боз ҳам пурзӯртар шуд. Дар ин мубориза славянҳо нисбат ба дигар халқҳо фаъолтар буданд.

Соли 1912 дар империяи Австро-Венгрия бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ба амал омад. Корхонаҳои зиёди калони саноатӣ ва муассисаҳои тиҷоратӣ хонахароб шуданд. Дар баъзе соҳаҳои саноат истеҳсол маҳдуд гардид. Ҷангҳои Балкан бӯҳрони иқтисодиро дар Австро-Венгрия боз ҳам шадидтар гардониданд. Бӯҳрон сатҳи зиндагии мардумро паст кард. Натиҷаи ҳамин буд, ки корпартоии оммавии коргарон ва сафи бекорон афзуд.

Доираҳои ҳукмрони он дар сиёсати таҷовузкоронаи Австрия фаъолона ширкат меварзиданд. Қисмати дигари аҳолӣ зидди чунин сиёсати зиддихалқии ашрофони ҳукмрони Венгрия буд. Ин буд, ки дар солҳои 1911-1913 дар Будапешт ва шаҳру мамлакатҳои дигари Венгрия ҳаракатҳои оммавии эътирозии мардум ба амал омаданд.

Сиёсати хориҷии Австро-Венгрия, ки аз бисёр ҷиҳат ба Олмон вобаста буд, беш аз пеш таҷовузкортар мегардид. Роҳбарони Ситоди кулли лашкари Австрия барои хароҷоти ҳарбӣ маблағи калонро тақозо мекарданд.

Империяи Австро-Венгрия дар қатори давлатҳои дигари ду иттифоқи ҳарбӣ ҳамаҷониба ба ҷанг тайёрӣ медид. Тирамоҳи

соли 1913 дар ин мамлакат, бо ризоияти Берлин, ба арзиш сафарбаркунии ҷузъӣ амалӣ шуд. Моҳи марти соли 1914 ҳукумати Штюрг ҷавобан ба болоравии ҳаракати зиддиҳукуматии коргарӣ ва опозитсия рейхсро пароканда намуд. Дар чунин шароити тезу тунд 28 июни соли 1914 дар шаҳри Сараево вориси тахту тоҷи Австро-Венгрия Франс-Фердинанд дар сӯйиқасд кушта шуд, ки ин ҳодиса ҳамчун баҳона барои огози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ истифода бурда шуд.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1848 – 1849 – инқилоби буржуазӣ дар империяи Австрия
1861 – қабули Конститутсияи империи Австрия («Патенти Феврал»)
1867 – ташкил ёфтани империяи Австро-Венгрия
1873 – «Иттифоқи се император»-ро ташкил кардани Австро-Венгрия, Олмон ва Русия
1878 – Конгресси байналхалқии Берлин
1897 – дар Чехия баробарҳуқуқ эълон карда шудани забонҳои немисӣ ва чехӣ
05.10.1908 – аз тарафи Австро-Венгрия забт карда шудани Босния ва Ҳерсоговина
28.06.1914 – дар ш. Сараево дар сӯйиқасд ба қатл расонида шудани вориси тахту тоҷи империяи Австро-Венгрия Франс-Фердинанд

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Муайян кунед, ки чаро дар империяи Австрия баъди шикасти инқилоби буржуазии солҳои 1848 – 1849 сиёсати иртиҷоии ҳукумат ба миён омад ва он дар чӣ ифода ёфтааст? **2.** Вазъи иқтисодии империяи Австрия баъд аз инқилоби буржуазӣ чӣ тавр буд? **3.** Ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар солҳои 50 ва 60 асри Х1Х дар Венгрия ва Чехия дар кадом ҳолат қарор дошт? **4.** Барои гирифтани пеши роҳи болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар империя ҳукумати Австрия чӣ чораҳо меҷуст? **5.** Моҳияти Конститутсияи соли 1861-и империяи Австрияро шарҳу эзоҳ диҳед. Оё он ба аққалиятҳои миллии империя ягон чиз дод? **6.** Империяи Австро-Венгрия кай ташкил ёфтааст? 7. Моҳияти Конститутсияи соли 1867-и империяи Австро-Венгрияро баён кунед. **8.** Дар бораи вазъи иқтисодии империяи

Австро-Венгрияи даҳсолаҳои охирини асри X1X чиҳо медонед? Австро-Венгрия дар ин давра аз ҷиҳати иқтисодӣ бештар ба кадом давлат тобеъ буд? Чаро? **9.** Сиёсати хориҷии Австро-Венгрияи сеяки охирини асри XIX-ро муайян кунед. **10.** Дар солҳои 70 асри X1X дар байни давлатҳои абарқудрати Аврупо кадом созишномаҳо ба имзо расиданд ва онҳо кадом мақсадҳоро пиёда мекарданд? **11.** Вазъи иқтисодии империяи Австро-Венгрияи ибтидои асри XX-ро чӣ тавр шарҳ медиҳед? **12.** Дар бораи саноат ва молияи Австро-Венгрияи ибтидои асри XX маълумоти мушаххас диҳед. Чаро ин вақт иқтисодиёт ва молияи Австро-Венгрия ба давлатҳои хориҷӣ тобеъ буданд? **13.** Дар бораи ҳаракати миллию озодихоҳии ибтидои асри XX халқҳои империяи Австро-Венгрия маълумот диҳед. **14.** Дар бораи сиёсати хориҷии Австро-Венгрияи ибтидои асри XX чиҳо гуфта метавонед? **15.** Империяи Австро-Венгрия дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар кадом ҳолат қарор дошт? **16.** Баҳонаи оғози ҷанги якуми ҷаҳониро баён кунед.

## § 11. ИСПАНИЯ ДАР АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX

**Вазъияти Испания дар нимаи аввали асри X1X**. Муборизаи миллию озодихоҳии мустамликаҳои испании Америкаи Лотинӣ вазъияти сиёсиро дар Испания тағйир дод. Шоҳ маҷбур шуд, ки соли 1812 дар мамлакат Конститутсияро ҷорӣ намояд. Мувофиқи он ба кортесҳо (парламенти мамлакат) интихобот гузаронида шуд. Вале худи шоҳ Фердинанди VII ҷонибдори мутлақияти шоҳӣ буд. Аз ин рӯ, ҳаракат мекард, ки мамлакатро бе Конститутсия ва кортесҳо идора намояд. Ҳамин буд, ки дере нагузашта ин Конститутсия бекор карда шуд.

Вале замона дигар шуда буд. Дар мамлакат муносибатҳои сармоядорӣ сол то сол ташаккул меёфтанд. Табақаи нави доро – буржуазия ба воя мерасид. Он ба ҳокимияти шоҳӣ фишор меовард ва бар зидди ӯ мубориза ҳам мебурд. Ҳамин тариқ, дар Испания моҳҳои январ – марти соли 1820 инқилоби нави буржуазӣ ба амал омад. 9 марти соли 1820 шоҳ маҷбур шуд, ки Конститутсияи соли 1812-ро аз нав барқарор кунад. Дар асоси он ба кортесҳо интихобот баргузор гардид. Дар он неруҳои аксулмутлақа муваққатан ғолиб баромада, ҳокимияти қонунгузорро ба даст дароварда, чандин чораҳои инқилобии муътадили иқтисодиро амалӣ намуданд, ба хусус оид ба кишоварзӣ.

Аз сиёсати дохилии шоҳ нерӯҳои инқилобӣ норозӣ буданд. Барои ҳамин кӯшиш менамуданд, ки шоҳ Фердинанди VII-ро бо бародари ӯ Дон Карлос, ки қатъиян зидди ҳокимияти мутлақи шоҳ буд, иваз намоянд.

Соли 1823 «Иттифоқи Муқаддас» бар зидди Испания таҷовузи аксулинқилобӣ кард. Моҳи апрел лашкари 100-ҳазорнафараи Фаронса ба Испания зада даромад. Дар натиҷа, ин инқилоби Испания шикаст хӯрд. Фердинанди VII Конститутсияи мамлакатро бекор карда, иштирокчиёни инқилобро шадидан таъқиб мекард. Бо ҳамин, дар мамлакат иртиҷоъ ҳукмрон гардид.

Мутлақиятхоҳони ашаддӣ дар атрофи бародари хурдии Фердинанди VII Дон Карлос муттаҳтид шуданд. Дар таърих ин ашхос карлчиён (аз номи Дон Карлос) номгузорӣ шудаанд.

Соли 1833 шоҳ вафот кард. Духтари хурдсоли ӯ Изабелла шоҳи Испания эълон карда шуд. Маҷлиси махсуси кортесҳо, ки бо ҳамин мақсад даъват карда шуда буд, ба Изабелла савганд ёд кард. Малика Кристина (ҳамсари Фердинанди VII) пуштибони Изабеллаи хурдсол эълон гардид. Карлчиён бошанд, баъди ин Дон Карлосро шоҳи қонунӣ эълон намуданд ва ба ҷанги ифротӣ даст заданд, ки он то соли 1840 идома ёфт.

**Диктатураи Навраэс (1843-1851).** Дар зарфи 8 сол сарвари ҳукумати Испания генерали карлчиён Навраэс буд. Ӯ дар мамлакат диктатураи шахсии худро ҷорӣ намуд. Бо фармони Навраэс танҳо соли 1844 214 нафар одам қатл карда шуд. Ӯ аз кортесҳо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро гирифт. Навраэс қатлкуниро воситаи ягонаи мубориза бар зидди рақибони сиёсии худ медонист. Сарфи назар аз ин, вазъияти ҳокимияти ӯ он қадар мустаҳкам набуд. Аз ин рӯ, оқибат маҷбур шуд, ки соли 1851 ба истеъфо равад. Ҳукумати нав бошад, кортесҳоро тамоман пароканда кард.

**Инқилоби солҳои 1854-1856.** Мамлакатро бе кортесҳо идора кардан, надоштани хоҳиш барои ба амал баровардани ислоҳоти нави иқтисодӣ ва идораи давлатӣ, ришватхӯрию бадахлоқӣ дар дарбор қаҳру газаби оммаҳои васеи аҳолии Испанияро ба вуҷуд оварданд, ки дар байни онҳо заминдорони озодандеш ва буржуазия низ буданд. Вақте ки фармони ҳукумат дар бораи 6 моҳ пешакӣ пардохтани андоз интишор гардид, генерали озодандеш О. Доннел моҳи июни соли 1854 дар ш. Мадрид

шӯриш бардошт. Ӯ бо ҳамроҳии ҳамсафонаш ба халқ муроҷиатнома қабул кард. Дар он тақозо карда мешуд, ки «шулдук»-ҳои дарборӣ аз ҳокимият-дур, қонунҳо-риоя ва андозҳо кам карда шаванд. Дар муроҷиатнома фикр дар бораи ташкил намудани политсия низ зикр ёфта буд.

Шӯриш, дере нагузашта, шаҳрҳои калонтарини мамлакатро фаро гирифт. Дар ҳама ҷо дастаҳои политсия ва хунтаҳои инқилобӣ ташкил карда мешуданд. Қисме аз инқилобчиён барои Испания ҷумҳурӣ талаб мекард. Барои паст гардонидани шиддати инқилоб шоҳ (малика) генерал Эспертереро, ки қаблан сардори ҳукумат буд, аз нав ба ин вазифа таъин кард. Вале ӯ чун пештара аз ҷорӣ намудани ислоҳоти қатъии демократӣ дар мамлакат даст кашид.

Инқилоб ҳамоно давом мекард. Соли 1855 дар Каталония коргарон корпартоии умумӣ карда, то якдараҷа ба мақсадҳои худ ноил шуданд. Соли 1856 генерал О. Доннел ба он муваффақ шуд, ки Эспертере ба истеъфо биравад. Вале Эспертере ҳокимиятро гасб намуда, мамлакатро дар ҳолати ҳарбӣ эълон кард. Ҷавобан ба табаддулоти аксулинқилобӣ, дар Мадрид ва шаҳрҳои дигари Испания шӯришҳо сар заданд. Лекин баъди ҷангҳои начандон калону тӯлонӣ онҳо аз тарафи ҳукумати Эспертере пахш карда шуданд. Ҳамин тариқ, инқилоби солҳои 1854 – 1856 шикаст хӯрд. Дар мамлакат аз нав иртиҷоъ ва таъқибот ҳукмрон гардиданд.

**Инқилоби солҳои 1868-1874.** Шӯриши 18 сентябри соли 1868 дар флоти дар Кадис мустақарбуда оғози инқилоби нави Испания гардид. Он дар мамлакат чунон босуръат паҳн шуд, ки баъди 2 рӯз Изабелла, маликаи Испания, маҷбур шуд, ки ба Фаронса фирор кунад. Хукумати Испания аз ҳисоби муътадилон ва озодандешони чап ташкил дода шуд ва моҳи июни соли 1869 кортесҳо Конститутсияи нави Испанияро эълон карданд. Моддаҳои дахлдори он ҷорӣ намудани ҳуқуқи интихоботи умумӣ (барои зану мард), озодии виҷдон, созмон ва маҷлисҳоро эълон доштанд. Конститутсия дар мамлакат никоҳи шаҳрвандиро иҷозат дод. Мутлақияти меросӣ нигоҳ дошта шуд, буржуазияи озодандешу мутлақиятхоҳ ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ дошт.

Конститутсияи мутлақамаоб эътирози оппозитсияи инқилобию демократиро ба вуҷуд овард. Шӯришҳои демокра-

тию ҷумҳурихоҳӣ дар Сарагоса, Валенсия ва маҳалҳои дигари мамлакат ба амал омаданд. Барои ҳамин, кортесҳо саросема буданд. Онҳо мехостанд, ки тезтар ҳокимияти шоҳро мустаҳкам созанд ва худашон дар сари ҳокимияти Испания монанд. Барои ҳамин, кортесҳо саросемавор шоҳзодаи италиявӣ Амадеи Савоиро шоҳи Испания интихоб намуданд. Ӯ соли 1870 ба тахти шоҳӣ нишаст, лекин руҳониён ва ашрофон Амадеи Савоиро душманона истиқбол намуданд. Артиш ва вазирон ҳам Амадеи Савоиро хуб дастгирӣ накарданд. Аз ин рӯ, ӯ маҷбур шуд, ки моҳи феврали соли 1873 аз тахту тоҷи шоҳии Испания даст кашад. Дар шароити баамаломада кортесҳо маҷбур шуданд, ки Испанияро ҷумҳурӣ эълон намоянд. Вале душманони ҷумҳурӣ дар мамлакат ниҳоят бисёр буданд. Онҳо обрӯю эътибори ҷумҳуриро бо ҳар роҳу восита мерезониданд. Заминдорон ва буржуазия бошанд, аз шӯришҳо сахт тарсида буданд. Бинобар ин, барои эҳё намудани ҳокимияти Бурбонҳо даст заданд ва 24 январи соли 1874 кортесҳо ба тахти шоҳии Испания писари Изабелла - Алфонси XII-ро шинонданд.

Бесалоҳиятӣ ва дар татбиқи мақсадҳои худ қатъӣ набудани ҷумҳурихоҳон ба он оварда расонид, ки инқилоби солҳои 1868 – 1874 ҳам оқибат шикаст хӯрд. Дар Испания ҳокимияти мутлақи дворянӣ мондан гирифт, ки акнун ба он сулолаи Бурбонҳо ҳукмронӣ мекард.

**Вазъияти сиёсии Испания баъд аз инқилоби солҳои 1868 – 1874.** Моҳи декабри соли 1874, баъди табаддулоти ҳарбии давлатӣ, ки ба инқилоби буржуазӣ хотима гузошт, дар Испания мутлақият аз нав барқарор карда шуд. Сохти давлатии Испания аз тарафи Конститутсияе, ки соли 1876 қабул карда шуда буд, муқаррар карда шуд. Ин Конститутсия бе ягон тағйироти ҷиддӣ то соли 1931 кор кард. Конститутсияи соли 1876 Испанияро мутлақияти конститутсионӣ ва Алфонси XII Бурбонро шоҳи қонунӣ номид. Ба шоҳ ҳокимияти иҷроия дода шуд. Ӯ ҳақ дошт вазиронро таъин ва ё ба истеъфо гусел кунонад, кортесҳоро даъват ва ё пароканда намояд. Дар баробари ин, ӯ вазифадор буд, ки дар зарфи 3 моҳи баъди пароканда карда шудани кортесҳо ба он интихоботи навро доир гардонад. Шоҳ қонунҳои қабулкардаи кортесҳоро тасдиқ мекард ва ба артишу флот сарфармондеҳи олӣ буд.

Ҳокимияти қонунгузор ба кортесҳо тааллуқ дошт, ки он аз ду палатаи баробарҳуқуқ – сенат ва палатаи вакилон иборат буд. Дар сенат аъзои сулолаи ҳукмрон ва олимартабагони Испания ҷамъ омада буданд: онҳое, ки дар як сол на камтар аз 60 то 1000 песет даромад доштанд, патриарх, архиепископҳо, дорандагони рутбаҳои баланди ҳарбии артиш, сенаторҳое, ки шоҳи якумра таъин мекард ва ғайра. Дар моддаи 13 Конститутсия ба ҳамаи шаҳрвандон озодии сухан, матбуот, ташкил намудани созмонҳо ва доир намудани маҷлисҳо кафолат дода мешуд. Лекин мувофиқи моддаи 17-и он ҳукумат метавонист ҳамин озодиҳои демократиро бекор кунад.

**Вазъияти кишоварзии Испания дар нимаи дуюми асри XIX**. Испания дар нимаи дуюми асри XIX мисли пештара давлати кишоварзӣ буд, ҳарчанд дар асри XIX дар ин мамлакат муносибатҳои сармоядорӣ ташаккул ёфтанд ва 5 маротиба инқилобҳои буржуазӣ ба амал омаданд. Лекин дар натиҷаи онҳо симои деҳоти Испания он қадар тағйир наёфт. Ислоҳоти куллии кишоварзӣ ба амал бароварда нашуд. Тақсимоти Замин ба гурӯҳҳои аҳолии кишоварз куллӣ нобаробар буд. 2 фоизи мулкдорон 67 фоизи заминҳои киштбобро соҳибӣ мекарданд. 82 фоизи мулкдорони дигари деҳот бошанд, танҳо 15 фоизи Замин, 39 фоизи кишоварзон ҳамагӣ 1 гектарӣ Замин доштанд, ки ин 1,1 фоизи ҳамаи заминҳои киштбоби мамлакатро ташкил менамуд.

Заминдорони калон дар марказ ва ҷануби мамлакат заминҳоро бо тарзи нимфеодалӣ истифода мебурданд, тахминан 48 фоизи Замин умуман кишт карда намешуд.

То соли 1890 Испания умуман мошинҳои кишоварзиро намедонист. Заминдорон аз нуриҳои сунъӣ низ истифода намебурданд. Аз рӯйи ҳисоботи омории соли 1881, 47 фоизи деҳқонони испанӣ иҷоракор буданд. Ба ин адад иҷоракорони дарозмуддат дохил нашудаанд. Аз ин рӯ, дар амал иҷоракорон хеле зиёд буданд.

Рушди сармоядорӣ дар кишоварзӣ, дар ҳолати суръати ниҳоят сусти тараққиёти саноат, сабабгори асосии ба вуҷуд омадани табақаи коргарони деҳот шуд. Дар айни замон, заминдорони калон дар заминҳои худ зироатҳои техникиро парвариш намуда, корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ сохта, ба соҳибкорон

мубаддал мегардиданд. Соли 1900 дар Испания 45 заводи қанд мавҷуд буд, ки аксарияти онҳо ба заминдорон тааллуқ доштанд. Баъзе заминдорони калон ба сохтмони роҳҳои оҳан ва баровардани вомбаргҳо маблағгузорӣ мекарданд. Ҳамин тариқ, деҳоти феодалии (заминдор) Испания сол то сол бо унсурҳои сармоядорӣ омезиш меёфт.

Табақаи ҳукмрони Испания то охирҳои асри XIX маблағгузориро нисбат ба саноат, ба коғазҳои қиматнок ва вомбарги давлатӣ афзалтар медонист. Қарзи давлатии Испания то соли 1881 қариб ба 11 млрд песета расид.

**Тарақиёти саноат ва савдои Испания дар охирҳои асри XIX.** Суръати пешрафти саноати Испания дар чоряки чоруми асри XIX низ ниҳоят паст буд. Дар ин мамлакат чунин соҳаҳои саноат ба монанди химия ва электротехника қариб тамоман вуҷуд надошт. Асосан, саноати кӯҳӣ пеш мерафт. Истеҳсоли оҳан, мис ва ангишт дар солҳои 1882 – 1900 ба ҳисоби миёна ду баробар афзуд, вале қисми зиёди маъдани истеҳсолкардашуда – то 90 фоиз ба хориҷи кишвар содир карда мешуд ва пеш аз ҳама, ба Англия ва Олмон.

Сарфи назар аз ин, саноат ташаккул меёфт. То охири асри XIX домнаҳои маъдангудозӣ аз нав сохта такмил дода шуданд. Ин буд, ки Испания соли 1900 нисбат ба Фаронса қариб якуним баробар зиёдтар чӯян гудохт, вале 17 баробар камтар пӯлод ва 9 баробар камтар маъдани дигар истеҳсол кард. Ақибмонии Испания аз мамлакатҳои пешқадами сармоядорӣ ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ бештар ба чашм мерасид. Аз рӯйи ин ҳисоб, нисбат ба Испания Англия 15 баробар, Олмон 13 баробар ва Фаронса 8 баробар пештар меистоданд.

Дар Испания дарозии роҳҳои оҳан аз соли 1870 то соли 1896 ду баробар афзуда, аз чор як ҳиссаи роҳҳои оҳани Олмонро ташкил дод. Сарфи назар аз ин, дар Испания марказонидани истеҳсолот ва сармоя торафт суръати бештар касб мекард. Соли 1886 қариб 60 фоизи роҳҳои оҳани сохташуда ба се ширкати калонтарини зерин тааллуқ доштанд: «Порте», «Мадрид-Сарагоса-Аликанте» ва «Андалуса». Теъдоди ҷамъиятҳои саҳҳомии тиҷоратӣ бемайлон меафзуд. Сармояи онҳо аз соли 1884 то соли 1900 қариб 4 баробар афзуд. Дар натиҷаи қонуни маҷбуркунии соли 1892 корхонаҳои начандон зиёди саноатие

ба вуҷуд омаданд, ки сармояи хориҷӣ дар сохтмони онҳо ширкат варзид.

Саноати бофандагӣ, асосан, дар Каталония тараққӣ ва марказонида мешуд. То соли 1897 қариб 15 фоизи маҳсулоти ин қабил корхонаҳои саноатӣ ба хориҷи кишвар, аз он ҷумла ба мустамликаҳо содир карда мешуд ва пеш аз ҳама, ба Куба, Филиппин ва Пуэрто-Рико.

Дарҳои саноати Испания барои воридшавии сармояи хориҷӣ кушода буданд. Вале таваҷҷуҳи сармояи хориҷиро дар Испания бештар конҳои оҳан, мис, сурб, қӯрғошим ва ғайра ҷалб мекарданд. Барои истеҳсоли ин маъданҳо дар даҳсолаҳои охири асри XIX дар Испания корхонаҳои калони хориҷӣ ва омехта сохта шуданд. Сармояи хориҷӣ ва пеш аз ҳама, сармояи Фаронса ва Белгия, асосан, ба сохтмони роҳҳои оҳан ва корхонаҳои коммуналӣ ворид мешуданд. Сармояи хориҷӣ ашёи хоми Испанияро ба хориҷа содир намуда, ба пешрафти саноати ин мамлакат халал мерасонд. Испанияро ба бозори молфурӯшии давлатҳои хориҷӣ табдил медод.

**Ҳукуматҳои консерватор ва либералҳо.** Баъд аз шикасти инқилоби солҳои 1868 – 1876, сарвари Ҳизби консерваторон Кановас дел Кастилио ҳукуматеро ташкил кард, ки он ҳамаи амру қонунҳои замони ҷумҳуриро бекор намуд. Фаъолияти созмонҳои коргариро манъ ва шӯриши карлчиёнро дар Шимол пахш кард. Танҳо баъд аз ин интихоботро ба кортесҳо таъин намуд. Сарфи назар аз ин, ҳукумати консерваторон дар тӯли даҳсолаи аввал баъди эҳёи мутлақият мустаҳкам набуд. Сиёсати ҳукумат дар Куба норозигии калони мардумро ба вуҷуд овард. Дар он ҷо соли 1868 ба муқобили ҳукмронии Испания шӯриш халқӣ сар зад. Генерал Мартинес Кампос, ки яке аз маҳвкунандагони халқи Куба буд, маҷбур шуд изҳор намояд, ки барои мавҷудияти ҳокимияти Испания дар мустамликаҳо ва идораи онҳо ислоҳот зарур аст. Аз ин рӯ, соли 1878 бо шӯришчиёни Куба Созишномаи сулҳи Санхон ба имзо расонда шуд. Моҳи январи соли 1880 оқибат қонун дар бораи барҳамзании ғуломдорӣ дар Куба қабул гардид.

Моҳи феврали соли 1881 бо сардории Сагасте ҳукумати Ҳизби либералӣ ташкил карда шуд. Ин ҳукумат дар мамлакат баъзе ислоҳотҳои демократӣ гузаронд. Вай озодии матбуот, созмонҳо ва гайраро эълон намуд.

Ба нафъи буржуазияи тиҷоратию молиявӣ барои молҳои ба мамлакат воридшаванда нархномаҳои гумрукӣ кам карда шуданд. Соли1882 Созишномаи тиҷоратии Испанияю Фаронса ба имзо расид, ки дар натиҷаи татбиқи он ба Испания сели молҳои бофандагии Фаронса зада даромад. Инчунин, андоз ба корхонаҳои саноатӣ зиёд карда шуд. Ин чорабиниҳо норозигии буржуазияи саноатии Испанияро ба вуҷуд оварданд. Соли 1883 ҳатто дар якчанд гарнизонҳои артиш шӯришҳо ба амал омаданд. Вале бо сабаби он ки онҳо ба оммаи васеи халқ такя намекарданд, ногузир ба шикаст анҷом ёфтанд.

Соли 1885 шоҳ Алфонси XII вафот кард. Регенти (пуштибони) тахти шоҳӣ завҷаи ӯ Мария Кристина эълон гардид. Ин замон дар байни сарварони ҳизбҳои консерваторҳо ва либералҳо – Кановас ва Сагасте созише ба даст омад, ки мувофиқи он онҳо уҳдадор шуданд, ки мутлақиятро дастгирӣ мекунанд. Ин қарордод номи «пакти эл Парде» (аз номи «қасри эл Пардо»-шоҳ, ки дар он ҷо гуфтушунид ва қабули қарордоди мазкур доир гардидааст)-ро гирифтааст. Дар баробари ин, ҳар ду ҳизб ба қарор омаданд, ки бо навбат ба ҳокимият соҳиб мешаванд, то ки режими мавҷударо мустаҳкам намоянд. Ин маънои онро дорад, ки Испания акнун ба тӯъмаи ду ҳизби сиёсӣ табдил ёфт. Кадоме аз ин ҳизбҳо дар сари ҳокимият бошад, дар мамлакат ақибмонӣ, хазинадуздӣ, порахӯрӣ, сӯйистеъмол аз вазифа ва зуҳуроти дигари манфӣ ҳукмрон буданд. Ҳар яке аз ин ҳизбҳо, ки ба сари қудрат меомаданд, кортесҳоро пароканда намуда, интихоботи нави онро ташкил мекарданд. Дар рафти интихобот ҳизби ҳукмрон тамоми имкониятҳои ҳокимияти давлатиро ба кор мебурд, то ки дар кортесҳо аксариятро барои худ таъмин намояд. Барои ҳамин, бисёр вақт оммаи аҳолӣ аз интихобот сар метофт.

**Ҳаракатҳои миллӣ дар охири асри XIX.** Рушди иқтисодӣ дар Испания масъалаи миллиро тезу тунд кард. То охирҳои асри XIX рафти ташаккулёбии миллати баскҳо ва галисиҳо, асосан, анҷом ёфт. Бо ҳамин сабаб, шумораи ҳаракатҳои миллӣ дар се вилояти мамлакат – Каталония, Баскония ва Галитсия афзуд. Бо сабаби он ки дар Каталония ва Баскония муносибатҳои сармоядорӣ афзуда, табақаҳои пролетариат ва бур-

жуазияро ташаккул доданд, дар байни онҳо мубориза вусъат ёфт. Дар охирҳои асри XIX дар тамоми Испания дар саноат ҳамагӣ 243867 нафар коргарону хизматчиён кор мекарданд, ки қариб нисфи онҳо аз Каталония ва Баскония буданд.

Соли 1892 намояндагони буржуазияи миллии Каталония дар Манрес дар ассамблея ҷамъ омада, барномаи ҳаракати миллии Каталонияро кор карда баромаданд, ки он «Асосҳои Манрес» номида шудааст. Буржуазияи Каталония кортесҳои мухторе-ро, ки дар соҳаҳои андозситонӣ, маориф, қонунгузории шаҳрвандӣ, ҷиноӣ ва тиҷоратӣ ҳокимияти қонунгузориро доранд, талаб мекарданд.

Буржуазияи калони баск дар сари ҳаракати миллии Баскония истода, Ҳизби миллии баскҳоро ташкил намуд. Ба ин ҳизб муяссар шуд, ки табақаҳои васеи аҳолиро ба зери таъсири худ дарорад. Бо сабаби он ки дар саноати кӯҳии маъданкоркунии Баскония маблаггузории Англия калон буд, буржуазияи ин минтақаи Испания то як дараҷа ба империализми англис тобеъ гардид.

**Ҷангҳои Испания дар мустамликаҳо.** Баъд аз шикаст хӯрдани инқилоби солҳои 1854 – 1856-и Испания, ҳукумати ин давлат сиёсати мустамликазабткуниро идома дод. Он дар таҷовузи Фаронса ба муқобили Ветнам фаъолона ширкат варзид. Инчунин, ба Мексика лашкар кашид. Лекин ҳардуи ин иқдоми иртиҷоӣ, дар сиёсати хориҷӣ, ба Испания он қадар шуҳрат наовард. Он танҳо як қисми Марокашро забт намуд. Ҷумҳурии Доминикан аз тарафи артиши Испания маҷбур шуд, ки таслим гардад. Испанияи заифшуда барои ишголи мустамликаҳои калон қувваи ҳарбии зарурӣ надошт. Дар мустамликаҳои куҳнаи он ва махсусан дар Куба ҳаракати озодихоҳӣ меафзуд. Вазъияти дохилии Испания низ хуб набуд. Соли 1857 дар Андалузия шӯриши кишоварзон ва солҳои 1861–1862 дар музофотҳои дигари мамлакат ҳам шӯришҳо ба амал омаданд. Онҳо дар ин марҳала сиёсати хориҷии Испанияро заиф гардониданд.

Дар охирҳои асри XIX Испания маҷбур буд, ки барои дар дасти худ нигоҳ доштани мустамликаҳо дар он ҷойҳо бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳӣ мубориза барад, аз он ҷумла, дар Куба, Филиппин ва Пуэрто-Рико. Ҷангҳои Испания махсусан дар Куба ва Филиппин ба иқтисодиёти Испания зарбаи

сахт заданд. дар каталония фабрикаҳо баста мешуданд, ё ки вақти маҳдуд кор мекарданд. Ҷанг маблағҳои калонро тақозо мекард ва шумораи зиёди одамонро ба доми худ мекашид. То соли 1897 Испания ба Куба наздики 200000 нафар, ба Филиппин 25000 нафар ва ба Пуэтро-Рико – 4480 нафар одамонро равон кардааст.

Дар охирҳои асри XIX сари роҳи сиёсати хориҷии Испанияро ИМА гирифт. Он акнун ба мустамликаҳои испанӣ дастдарозӣ мекард. Истилои ИМА ба Куба, Пуэрто-Рико, Гуам ва ҷазираҳои Филиппин паҳн шудан гирифт. Моҳи январи соли 1898 ИМА ба Испания пешниҳод кард. ки Кубаро ба маблағи 300 млн доллар ба вай бифурӯшад, вале Испания ин савдоро рад кард. Барои ҳамин, дере нагузашта ИМА бар зидди Испания ҷангида, лашкари онро торумор кард. Мувофиқи Созишномаи сулҳе, ки 10 декабри соли 1898 дар Париж ба имзо расид, Испания аз истиқлолияти худ бар Куба даст кашид ва инчунин Пуэрто-Рико ва Гуамро ба ИМА во гузошт. Филиппинро бошад, ба маблаги 20 млн доллар ба ИМА фурӯхт.

Испания дигар аз уҳдаи идора кардани мустамликаҳои худ баромада наметавонист. Аз ҳамин сабаб, моҳи феврали соли 1899 мустамликаҳои дурдасти худро дар Уқёнуси Ором (ҷазираҳои Королин ва Мариан) ба Олмон фурӯхт. Мустамликаҳои охирини он тарафи уқёнусро аз даст додан маънои шикасти сиёсати мустамликадории Испания дар охири асри XIX ҳисоб меёфт. Сабаби асосии ин шикаст ақибмонии сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии Испания буд.

**Вазъияти иқтисодии Испания дар оғози асри XX.** Дар оғози асри XX, сарфи назар аз ақибмонии иқтисодӣ, дар Испания соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва пеш аз ҳама, саноат, роҳҳои оҳан ва муносибатҳои молию пулӣ як қадар пеш рафтанд. Мисли давлатҳои пешқадами Аврупо дар Испания низ инҳисорҳо тавлид меёфтанд, ба монанди «Ҷамъияти металлургии Дуро-Фелгера», «Ҷамъияти Алтос-Орнос» ва «Ҷамъияти мошинсозӣ ва металлургияи Арагон». Соли 1907 оид ба сохтани флоти ҳарбию баҳрӣ инҳисори «Ҷамъияти киштисозии Испания» ташкил карда шуд. Дар саноати металлургӣ ҳам болоравии ҷузъӣ мушоҳида карда шуд. Солҳои 1900 – 1909 гу-

дозиши пӯлод қариб ду баробар, чӯян 4,5 баробар, истеҳсоли семент 2,5 баробар, дар солҳои 1900 – 1913 истеҳсоли ангишт зиёда аз 1.5 баробар афзуд.

Дар саноати сабук ҳам пешравӣ ба назар мерасид. Дар ин намуди саноат низ марказонидани истеҳсолот ба амал меомад. Корхонаҳои хурд ва миёнаи саноати сабук ба корхонаҳои калон муттаҳид шуда, картелҳоро ташкил менамуданд.

**Вазъияти дохилии Испания дар аввали асри XX.** Шикасти Испания дар ҷанги зидди ИМА ва ҷангҳо дар мустамликаҳо вазъи дохилии мамлакатро боз ҳам мушкилтар гардониданд. Доираҳои васеи аҳолӣ ислоҳоти иқтисодиро тақозо менамуданд. Масъалаи муҳимтарин барои ҷамъияти Испания масъалаи молия буд. Қарзи давлатии Куба мувофиқи Созишномаи сулҳи Париж аз эътибор соқит карда нашуд. Ин қариб 3 млрд песетаро ташкил мекард, ки он, асосан, пули саҳмияҳои харидаи хориҷиён буд. Ин қарз ба гардани Испания зам карда шуд.

Калисои католикӣ яке аз моликиятдорони калонтарини Испания буд, вале он ба давлат андоз намесупорид, чунки аз пардохти андоз озод карда шуда буд. Ин норозигии аҳли ҷамъияти мамлакатро ба вуҷуд овард. Дар оғози асри XX дар Испания 3253 дайр мавҷуд буд, ки дар онҳо 50600 нафар мардҳо ва занҳои роҳиб зиндагӣ мекарданд.

Моҳи феврали соли 1901 ба сари ҳокимият либералҳо омаданд. Онҳо маҷбур шуданд, ки баъзе ислоҳотҳо гузаронанд. Соли 1902 қонун дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқи муассисаҳои динӣ дар кори таълим қабул карда шуд. Худи ҳамон сол ҳуқуқи коргарон барои корпартоӣ эътироф гардид. Вале ин чораҳо ҳаракати иҷтимоиро дар мамлакат паст карда натавонистанд. Бо ҳамин сабаб, моҳи декабри соли 1902 ҳукумати либералҳо ба истеъфо рафт.

Режими мутлақият дар Испания аз буҳрони дарозмуддат халос намешуд. Аз ин тез-тез ивазшавии ҳукумат низ шаҳодат медиҳад. Дар зарфи солҳои 1903 – 1907 ивазшавии ҳукумат дар Испания 9 маротиба ба амал омадааст. Дар худи ҳамин давра ба ҷони шоҳ Алфонси XII (1903 - 1931) 4 маротиба сӯиқасд ташкил карда шуд. На Ҳизби консерваторҳо ва на Ҳизби либералҳо роҳҳои аз буҳрон баровардани Испанияро намедонистанд. Лекин ҳардуи онҳо ҳам дар бораи бо роҳи ислоҳот аз

бухрон баровардани мамлакат авомфиребона лоф мезаданд, лекин натиҷаи ин лофзаниҳо ҳеҷ буд.

Дар давраи то оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ вазъи дохилии ҷамъиятию сиёсии Испания муътадил набуд. Ба ҳар ҳол, дар он давра дар мамлакат ислоҳоти ҷузъии иқтисодӣ ба амал бароварда шуд, лекин он тамоми системаи иқтисодию молиявии мамлакатро фаро нагирифт. Аз ин рӯ, ин ислоҳот натиҷаи дилхоҳ надод ва дода ҳам наметавонист.

**Ҳаракати миллӣ дар Испания дар оғози асри XX.** Аз даст додани мустамликаҳои Америка зарбае буд бар буржуазияи Каталония ва Баскониян Испания. Дар баробари тараққиёти саноатии Каталония ва Баскония буржуазияи миллии онҳо ба мақсади ҳифзи манфиатҳои худ ислоҳоти маъмурӣ, нархнома (тариф)-ҳои имтиёзнок ва ҳуқуқҳои сиёсиро талаб мекарданд. Соли 1901 аз якчанд гурӯҳҳои буржуазияи миллии Каталония бо номи «Лигаи минтақавӣ» ҳизб ташкил карда шуд. Ин ҳизб зиёда аз ду даҳсола ҳаракати миллии Каталонияро тақозо менамуд. Соли 1906 «Лигаи минтақавӣ» бо ҳамроҳии ҳизбҳои дигари буржуазияи миллӣ блоки пешазинтихоботиеро бо номи «Якдилии Каталония» ташкил намуд. Дар натиҷаи ин, «Якдилии Каталония» 44 ваколатномаи намояндагии Каталонияро дар кортесҳо соҳиб шуд.

Ҳамин тариқ, ҳаракати миллӣ дар Испанияи сермиллат моҳияти сиёсию иҷтимоӣ дошт. Он дар шароити сол то сол ташаккулёбии бедорӣ ва худшиносии миллии халқҳои Испания сурат мегирифт. Дар он на танҳо халқи Каталония, балки халқҳои Баскония, Кастилия ва ғайра ширкат меварзиданд. То Ҷанги якуми ҷаҳонӣ масъалаи худмухторияти халқҳои Испания, ки чунин иттиҳоди давлати федеративиро сохтанӣ буданд, ҳал нашуд.

**Сиёсати хориҷии Испания дар оғози асри XX.** Империализми Испания дар оғози асри XX талаб мекард, ки ҳукумат дар сиёсати хориҷии худ мавкеи фаъолтарро ишғол намояд. Мустамликаю бозорҳо, манбаъҳои нави ашёи хому соҳаҳои муҳими сармоягузориро ба даст дарорад. Минтақаи асосии истилои империализми Испания қисмати шимолии Марокаш буд, он вилояте, ки аз маъдани оҳан, мис, сурб, қӯрғошим, графит, ангиштсанг ва заминҳои ҳосилхез бой буд. Аз ҷиҳати

стратегӣ шимоли Марокаш калиде буд барои мавқеи ҳукмронӣ дар Баҳри Миёназамин. Аз ҳамин сабаб, Марокаш объекти муборизаи чандин мамлакати империалистӣ гардида буд.

Ҳукумати Испания аз зиддиятҳои байни Англия, Фаронса ва Олмон истифода бурда, соли 1904 бо Фаронса қарордоди пинҳониеро барои тақсими шимолии Марокаш ба имзо расонид ва дар кори ба Испания дода шудани Марокаши Шимолӣ ва қабул карда шудани қарори Конференсияи Алхесираси соли 1906 муваффақ шуд. Сарфи назар аз ин, тақсимоти Марокаш чунин маъно надошт, ки гӯё Испания онро ба худ тобеъ карда бошад. Боз дар тӯли ду даҳсолаи оянда Испанияи империалистӣ ба муқобили халқи озодихоҳи риффҳо мубориза бурд. Ин мубориза барои Испания хеле гарон афтид – ҳазорҳо қурбонӣ ва маблаги зиёдро талаб намуд.

Дар давраи бухрони дуюми Марокаш (соли 1911) империализми Испания кӯшиш ба харҷ дод, ки боз ҳам аз зиддиятҳои байни Англияву Фаронса ва Олмон фоида бардорад. Моҳи июли соли 1911 бо дастгирии дипломатии Олмон Испания бар зидди Марокаш ҷанг сар карда, Лариш ва эл-Ксароро дар шимолии он забт намуд. Вале ба артиши Испания муяссар нашуд, ки ба дарунтари Марокаш ворид шавад. 27 ноябри соли 1912 дар байни Фаронса ва Испания Созишномае ба имзо расид, ки мувофиқи он Марокаши Шимолӣ се тақсим карда шуд. Фаронса 572 км мураббаъ ва Испания 28 ҳазор км мураббаъ заминҳои ин минтақаи Марокашро ба зери назорати худ дароварданд. 600 км мураббаъ Замини боқимондаи Марокаши Шимолӣ бошад, минтақаи байналхалқии Танжер эълон карда шуд.

Ҳамин тариқ, чӣ тавре ки дидем, дар ибтидои асри XX Испания дар сиёсати хориҷии худ, асосан, ба Марокаш банд буд ва ба ҷанги дарпешистодаи якуми ҷаҳонӣ тайёрӣ ҳам намедид, ҳарчанд блокҳои ҳарбӣ ва давлатҳои асосии ҷангкунандаи онҳо аллакай маълум буданд. Ин вақт империализми Испания на қудрати ҳарбӣ, на қудрати иқтисодӣ, на қудрати сиёсӣ ва на майли аз нав тақсим кардани ҷаҳони аллакай тақсимкардашударо дошт.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1812 – қабули Конститутсияи Испания
1812 – интихоботи кортесҳои Испания
1. III.1820 – инқилоби буржуазии Испания
9. III.1820 – аз нав ҷорӣ шудани Конститутсияи соли 1812
1823 – ҷанги «Иттифоқи муқаддас» бар зидди Испания
04. 1823 – аз тарафи шоҳ Фердинанди VII бекор карда шудани Конститутсия
1833 – вафоти шоҳ Фердинанди VII ва ба тахти шоҳии Испания нишастани Изабелла
1843-1851 – солҳои диктатураи Нарваэс
06. 1854 – шӯриш дар Мадрид бо сардории генерал О' Доннел
1856 – ба истеъфо рафтани Эспартере
1868-1874 – инқилоби буржуазии Испания
1869 – ҷорӣ карда шудани Конститутсияи нави Испания
1870 – ба тахти шоҳӣ нишастани шоҳзодаи италиявӣ - Амадеи Савой
12.01.1874 – ба тахти шоҳии Испания нишастани Алфонси XII
12.1874 – табаддулоти ҳарбӣ дар Испания
1876 – ҷорӣ карда шудани Конститутсияи нави Испания
1880 – барҳам дода шудани сохти ғуломдорӣ дар Куба
1898 – ҷанги ИМА бар зидди Испания
1904 – байни Испания ва Фаронса дар масъалаи тақсим кардани Марокаш баста шудани Созишномаи махфӣ
07.1911 – ҷанги Испания бар зидди Марокаш
27.11.1912 – байни Испания ва Фаронса бастани Созишнома дар бобати тақсим карда шудани Марокаши Шимолӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар бораи вазъи дохилии Испанияи нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед. Чаро шоҳи Испания - Фердинанди VII дар мамлакат Конститутсияро ҷорӣ намуд? 2. Дар бораи инқилоби буржуазии соли 1820 чӣ медонед? 3. Кай ва чаро "Иттифоқи муқаддас" бар зидди Испанияи инқилобӣ таҷовуз ташкил намуд? 4. Инқилоби солҳои 1854 – 1856 дар Испания чӣ тавр сурат гирифт? 5. Инқилоби солҳои 1868 – 1874 ба халқи Испания чӣ дод? 6. Дар бораи моҳияти Конститутсияи соли 1869-и Испания маълумот диҳед. 7. Кортесҳои Испания кай Алфонси XII-ро ба тахти шоҳии Испания шинониданд? 8. Чаро инқилоби солҳои 1868–1874 шикаст хӯрд? 9. Иқтисодиёти Испания, бахусус саноат дар охирҳои асри XIX чӣ тавр тараққӣ мекард? Дар ин бора далел биёред. 10. Дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX дар Испания ҳукмронии ду ҳизб – консерваторҳо ва либералҳо чӣ тавр сурат мегирифт? Дар байни онҳо кадом Созишнома мавҷуд буд? 11. Дар бораи сиёсати хориҷии Испанияи чоряки охири асри XIX нақл кунед. Чаро Испания аз мустамликаҳои худ маҳрум мешуд? 12. Дар оғози асри XX – то саршавии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ – вазъияти дохилии Испания чӣ тавр буд? 13. Аҳволи Испания дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ чӣ тавр буд? 14. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §12. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО АЗ ОҒОЗИ АСРИ XIX ТО АНҶОМ ЁФТАНИ ҶАНГИ МУЛКӢ

**Вазъи ИМА дар нимаи аввали асри XIX.** ИМА дар аввали асри XIX давраи тараққиёти пуравҷи иқтисодиро аз сар мегузаронид. Дар Шимолу Шарқии мамлакат саноати фабрикавӣ ва хоҷагиҳои сармоядориву фермерӣ густариш меёфтанд. Дар қисмати Ғарбӣ бошад, фермерҳои сершумор ва ҳунармандони мустақил машғули касбу кори худ буданд. Дар қисми Шимолу Ғарбӣ низ муносибатҳои соҳибкорӣ босуръат пеш мерафтанд. Дар иқтисодиёти Ҷануб ғуломдории плантатсионӣ ҳукмрон буд. Фарқияти роҳҳои тараққиёти Шимол ва Ҷануб ба рафти ояндаи тараққиёти таърихии ИМА таъсир расонд.

Дар ин давра густариши соҳибкорӣ аз ҳисоби заминҳои нав "ба бар" ба амал меомад. Дар охирҳои асри XVIII-нимаи аввали асри XIX ИМА заминҳои зиёдеро забт кард. Масоҳати

умумии ИМА дар соли 1790 ҳамагӣ 888,6 ҳазор км мил буд. Баъди ба он ҳамроҳ карда шудани Луизиана ва ҷанги истилогарона бар зидди ҳиндуҳо, Мексика ва мустамликагардонии заминҳои нави он то ба 3027,8 ҳазор км мил расид. Паҳншавии корчалонию сармоядории “ба бар” имконият дод, ки аввалан, заминҳои нав ба даст даровардa шаванд. Дуюм, заминҳои нав шароити мусоид фароҳам оварданд, ки аз Аврупо ба ИМА шумораи зиёди муҳоҷирон биёянд. Дар байни онҳо мутахассисони муҳандисию техникӣ ва коргарони баландихтисос бисёр буданд. Муҳоҷирон шумораи аҳолии мамлакатро зуд зиёд мекарданд. Соли 1800 аҳолии ИМА ҳамагӣ 5,3 млн нафар буд. Вале соли 1850 он ба 23,2 миллион расид. Аз сабаби бисёр будани заминҳои холии Ғарб дар ИМА нисбат ба Аврупо талабот ба неруи корӣ хеле зиёд шуд, лекин он намерасид. Аз ҳамин сабаб, дар Шимоли мамлакат истифодаи мошинҳо хеле барвақт оғоз ёфт. Дар Ҷануб бошад, истифодаи меҳнати ғуломон васеъ паҳн гардида буд.

Пешрафти соҳибкорӣ дар ИМА дар қатори ҷиҳатҳои мусбати худ ҷиҳатҳои манфӣ ҳам дошт. Аз он ҷумла, бухронҳои иқтисодии барзиёдистеҳсолкунӣ ба амал омаданд.

Яке аз роҳҳои манфии тараққиёти иқтисодӣ дар ИМА зӯран ба Ғарб муҳоҷир кардани ҳиндуён буд. Барои зиндагонӣ кардан ба




**Маркаб - рамзи Ҳизби Демократии ИМА**



**Фил - рамзи Ҳизби Ҷумҳурияхоҳони Амрико**

ҳиндуҳо ҷойҳои махсус резерватсияҳо"-ро медоданд. Ҳукумат бар зидди ҳиндуҳое, ки ба ин қарордод муқобилият нишон медоданд, дастаҳои мусаллаҳро ба кор мебурд. Бо баҳонаи таъқиби ҳиндуҳо, лашкари ИМА ба забткунии заминҳои давлатҳои ҳамсоя низ даст мезад. Бо ҳамин роҳ, лашкари ИМА Флоридаи Шарқиро аз Испания кашида гирифт.

Дар қисмати ғарбии Ҷорҷия қабилаҳои чирокҳо сокин баданд. Вақте ки дар он ҷо конҳои тилло кашф карда шуданд, ҳукумат аз созишномаҳои бо ҳиндуҳои ин ҷо дар бораи Замин бастааш даст кашида, ин заминҳоро "ҷамъиятӣ" эълон кард. Барои зиндагонии ин қабилаҳо ҳам резерватсияҳои махсус муайян намуда, онҳоро аз заминҳои аҷдодиашон зӯран пеш карданд.

**Шӯришҳои ғуломон бо сардории Н. Тернер ва Ҷ. Браун.** Дар солҳои 30-юми асри XIX масъалаи ғуломдорӣ дар ҳаёти ҷамъиятии ИМА яке аз масъалаҳои ҷиддие гардид, ки ҳалли онро рафти тараққиёти ин мамлакат тақозо мекард.

Ғуломон дар ИМА борҳо шӯриш бардоштаанд. Яке аз шӯриши калонтарини ғуломон дар соли 1831 бо сардории ғулом Ната Тернер дар иёлоти Вирҷиния ба амал омадааст. Ғуломони шӯришбардошта бо досту табар мусаллаҳ шуда, ба плантаторҳо ҳамла мекарданд. Ҳукуматдорон бар зидди ин шӯришгарон сипоҳиён фиристоданд. Дар натиҷаи ҷанги нобаробар бо сарбозони ҳукуматӣ шӯришгарон шикаст хӯрданд. Ҳукуматдорони ИМА роҳбари шӯришчиён Н. Тернер ва боз 17 нафар иштирокчиёни дигари фаъоли шӯришро ба қатл расонданд.

Аз солҳои 30-юм сар карда, ҳаракат барои озод кардани ғуломон дар ИМА хеле пурзӯр шуд. Ин ҳаракат бо номи "аболитсионизм" ("озодкунӣ") машҳур шуд. Собиқ ғулом Ф. Дуглас, ки озодии худро харида буд ва У. Ғаррисон арбобони машҳури ин ҳаракат буданд. Онҳо тамоми умр ҳаёти худро барои озод кардани ғуломон бахшидаанд.Гаррисон соли 1832 ҳатто "Ҷамъияти нави Англия барои мубориза бар зидди ғуломдорӣ"-ро ташкил кард ва инчунин маҷаллаи "Либрейтер" ("Озодкунанда")-ро чоп мекард. Он солҳо ҳазорон нафар мубориз монда нашуда кор мебурданд, то ки дар ИМА ғуломдорӣ барҳам дода шавад. Вале дар ин мамлакат муқобилони барҳамдиҳии ғуломдорӣ низ кам набуданд.

Ғуломон дигар орому хотирҷамъ наменишастанд. Онҳо ҳам ба мубориза бархостанд. Соли 1859 бо сардории Ҷон Браун шӯриши калони дигари ғуломон ба амал омад.

Ҷон Браун соли 1800 дар оилаи фермере, ки дар ҷанги истиқлолиятхоҳӣ ҳалок гардида буд, таваллуд шудааст. Ӯ чорводор буд. Ҳанӯз дар овони кӯдакӣ бо чашмони худ дида буд, ки ғуломдор чӣ тавр ғуломбачаеро то мурданаш зада буд. Вақте ки Ҷон Браун ба воя расид, ба ҳаракати аболитсионистҳо дохил гардид. Бо ҳамроҳии писаронаш дар ҷанги мулкии дар Канзас баамаломада иштирок кардааст. Ҷон Браун борҳо зангиҳои гурезаро ба Шимол гуселонида, бо ҳамин роҳ онҳоро аз ғуломӣ озод кардааст.

Ҷон Браун дастаи начандон калонеро иборат аз 32 нафар ташкил кард. Дар ҳайати он се писараш ҳам буд. 17 октябри соли 1859 ин даста дар шаҳрчаи Харпес-Феррии иёлоти Вирҷиния ба анбори калони силоҳ ҳуҷум карда, онро бе хунрезӣ ишғол намуд. Ҷон Браун бовар дошт, ки шӯришро мардум дастгирӣ хоҳад кард. Вале хаёли ӯ рост набаромад. Дере нагузашта, анборро лашкари ҳукуматӣ муҳосира кард. Ҳарчанд дастаи Браун алайҳи неруи давлатӣ муқобилияти сахт нишон дод, оқибат шикаст хӯрд. Қариб ҳамаи шӯришчиён ҳалок гардиданд. Брауни захмдори дар занбар хунолудхобидаро додгоҳ ба қатл (тариқи ба дор овехтан) ҳукм кард. Ҷ.Браун дар хатчаи пеш аз маргаш навишта буд: “Ман, Ҷон Браун, акнун пурра боварӣ ҳосил кардам, ки танҳо хун қодир аст ҷинояти бузурги ин мамлакати пургуноҳро шӯяд. Ба хаёлам, худро беҳуда тасалло медодам, ки гӯё ин корро бе хунрезии зиёдатӣ ҳам ба ҷо овардан мумкин аст”.

Шӯриши Ҷон Браун мардумро ба шӯриши нави зидди ғуломдорон тела медод. Аз қатли Ҷон Браун миллионҳо америкоиҳо, бахусус ғуломони ҳиндуҳо ва аболитсионистҳо ғамгин шуда, ашки мотам рехтанд.

**Ташкилёбии ҳизбҳои сиёсӣ.** Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти ИМА мақоми хосса доранд. Дар ибтидои асри XIX дар мамлакат гурӯҳҳои сиёсӣ ба вуҷуд омаданд. Онҳо дар вақти интихоботи президентӣ ҳаракат мекарданд, ки барои соҳиб шудан ба ин мансаб ғолиб оянд.

Дар интихоботи президентии соли 1828 плантаторҳо ва фермерҳои сершумору ҳунармандон ва як қисми коргарон барои президент интихоб шудани генерал Эндрю Ҷексон муттаҳид шуданд. Ҷонибдорони Ҷексон худро узви Ҳизби демократӣ меномиданд. Санаи таъсисёбии ин ҳизб соли 1828 ҳисобида мешавад.

Соли 1848 як қисми фермерҳо, ҳунармандон ва буржуазияи Шимол дар шаҳри Буффало ҳизби нав – фрисойлерҳоро (замини озод) ташкил карданд. Ба он зангиҳо ҳам дохил мешуданд. Аъзоёни Ҳизби фрисойлерҳо талаб мекарданд, ки дар заминҳои нав ғуломдорӣ паҳн карда нашавад, заминҳои Ғарбро бепул тақсим карда, фурӯхтани онҳо ба заминҷаллобони калон манъ карда шавад.

Қисми аъзои Ҳизби демократӣ, ки бо ғуломдорӣ оштинопазир буд, инчунин муқобилони паҳн гардидиани ғуломдорӣ дар заминҳои нав ва як қисми аъзои Ҳизби фрисойлерҳо соли 1854 Ҳизби ҷумҳуриятхоҳонро ташкил намуданд. Ин ҳизб маркази нерӯҳое гардид, ки дар ИМА ба муқобили ғуломдорӣ собитқадамона мубориза мебурданд.

**Ҷанги мулкӣ дар Канзас.** Соли 1850 ғуломдорон хостанд, ки ғуломдориро дар тамоми ИМА қонунӣ гардонанд. Барои ин ҳама заминҳои навро ба даст даровaрда, онҳо имконияти ба Шимол гурехта рафтани ғуломонро барҳам доданӣ буданд.



Ҷанги мулкӣ дар ИМА солҳои 1861-1865.

Дар Конститутсияи соли 1787-и ИМА мушаххасан нисбати ғуломоне, ки аз дасти ғуломдорон гурехта озод мешаванд, чизе гуфта нашудааст. Баъди қабули Конститутсияи ИМА чандин даҳсолаҳо гузаштанд. Акнун гурехтани зангиҳои ғулом хусусияти оммавӣ пайдо намуд. Барои ҳамин, 1850 плантаторҳо тавассути Конгресс қонунеро қабул карданд, ки мувофиқи он аҳолӣ ва ҳукуматдорон вазифадор буданд, ғуломони гурезаро дастгир кунанд.

Худи ҳамон сол Конгресс ба баъзе иёлот ҳуқуқ дод, ки масъалаи ғуломдориро худи онҳо ҳал кунанд. Яке аз ҳамин қонунҳо–билл, яъне қонуни "Канзас – Небраска" буд. Мувофиқи он ғуломдорӣ дар самти шимолтар аз мадори 36 то 30 – дар заминҳои ғарбтари Миссисипӣ воқеъбуда манъ карда мешуд. Ин қонун сабабгори дар Канзас ба амал омадани ҷанги мулкӣ гардид.

Ғуломдорон дастаҳои мусаллаҳи зархарид ташкил намуда, ба Канзас ҳуҷум карда, дар он ҷо сохти ғуломдориро ҷорӣ мекарданд. Ҷавобан ба ин, ҳазорон фермеру ҳунармандон ба ҷониби Канзас ҳаракат карданд, то ки заминҳои холии онро ба даст доранд ва нагузоранд, ки ғуломдорон ин иёлотро ба иёлоти ғуломдорӣ табдил диҳанд.

Ҳангоми интихоботи президентӣ дастаҳои каллабур, ки онҳоро плантаторҳо созмон дода буданд, аҳолиро тарсонда, маҷбур мекарданд, ки ба тарафдории номзади ғуломдорон овоз диҳанд.

Аксарияти аҳолии Канзас зидди ғуломдорӣ буданд. Онҳо "Кумитаи амнияти ҷамъиятӣ" ташкил карда, дар шаҳри Лоуренс мустаҳкам ҷойгир шуданд. Вале дере нагузашта, дастаҳои хуб мусаллаҳбудаи ғуломдорон, ки аз иёлати Миссурӣ ба Канзас зада даромада буданд, шаҳри Лоуренсро ба хок яксон ва муҳофизони онро қир карданд.

Ҳукумати марказӣ Канзасро баъди ин воқеа ҳамчун иёлоти ғуломдорӣ шинохт. Ҷанги мулкӣ дар Канзас аз соли 1854 то соли 1856 давом кард. Он дар бораи оғози ҷанги мулкӣ дар тамоми ИМА дарак медод.

**Президент интихоб шудани Авраам Линколн.** Дар Канзас ҷазо додани иштирокчиёни муқовимат бар зидди паҳн кардани ғуломдорӣ ва қатли Ҷон Браун бухрони инқилобиро паст накард.

Соли 1860 Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон номзад ба президентии ИМА, шахси дар байни халқ бо ақидаҳои демократии худ машҳур, адвокат ва узви Конгресс Авраам Линколнро (1809 – 1865) пешбарӣ намуд. Дар ин давра дар Ҳизби демократӣ ҷудоӣ ба амал омада буд. Барои ҳамин, он якбора ду номзадашро ба президентӣ пешниҳод кард. Ин кор дар интихобот мавкеи Ҳизби демократиро хеле суст кард. Ҳамин тариқ, моҳи ноябри соли 1860 ба мансаби Президенти ИМА номзади Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон гузашт. Бори аввал буд, ки соҳибкорону корчаллонҳо бо ҳамроҳии фермерҳою коргарон муттаҳид шуда, дар интихоботи президентӣ ғолиб баромаданд. Дар амал, дар ин интихобот муқобилони ғуломдорӣ бар ҷонибдорони он ғолиб омаданд.

Авраам Линколн дар оилаи сафедпӯсти иёлоти Кентукки таваллуд шудааст. Оилаи Линколнҳо баъди чанде аз иёлоти Кентукки ба иёлоти Индиана кӯчидааст. Дар овони наврасӣ ва ҷавонӣ Авраам ба кишоварзӣ ва чӯббурӣ шуғл варзидааст. Ӯ дар ҳама ҷо даҳшати ғуломдориро бо чашмони худ медид. Авраам худомӯз буд. Қобилияти фавқулодда дошт. Кори адвокатӣ ва дар ин кор адолатпеша буданаш ӯро дар байни фермерҳо, коргарон ва буржуазия зуд машҳур гардонд.



Президенти ИМА Авраам Линколн.

**Ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА.** Баъди аз даст рафтани мансаби президентӣ, ғуломдорони Ҷануб аз нав ба муборизa бархостанд. Авраам Линколн бояд 4 марти соли 1861 ба иҷрои вазифаи президентӣ шурӯъ мекард. Вале 20 декабри соли 1860 иёлоти Королинаи Ҷанубӣ аллакай дар бораи аз иттифоқ баромадани худ эълон кард. Ба он боз 7 иёлоти дигар-Флорида, Ҷорҷия, Алабама, Луизиана, Техас, Миссисипи ва Теннеси пайравӣ карданд. Онҳо муттаҳид гашта, Конфедератсияи Ҷанубро ташкил намуданд. Пойтахти он шаҳри Ричмонд интихоб шуд. Конфедератсия Ж.Девисро Президенти худ эълон кард. Конфедератсияи Ҷануб мехост, ки ғуломдориро дар қаламрави худ абадӣ гардонад.

12 – 13 апрели соли 1861 артиши Конфедератсияи Ҷануб истеҳкоми Сантарро, ки дар наздикии Чарлстон воқеъ гардида буд, баъди гулӯлаборонкунии шадид ишғол намуд. Ин воқеа оғози ҷанг мулкӣ дар ИМА шуд. Баъди ин А. Линколн ҷанубиҳоро исёнгар номида, сафарбаркунии ихтиёриёнро эълон кард. Дере нагузашта, дар сафҳои ихтиёриён зиёда аз 75 ҳазор нафар одамон ҷамъ омаданд. Умуман, нерӯҳои Шимол нисбат ба Конфедератсия зиёдтар буданд. Аҳолии Шимол 19,2 миллион ва иёлоти ғуломдори Ҷануб 12,2 миллионро ташкил мекард. Бинобар ин, Шимол сипоҳи зиёдтар ғун карда метавонист. Дар масъалаи сипоҳро аз яроқу аслиҳа ва маводи дигар таъмин намудан низ Шимол имконияти зиёдтар дошт. Вале дар иёлоти Ҷануб захираи зиёди яроқу аслиҳа мавҷуд буд. Ин захира ба дасти Конфедератсия даромад. Ғайр аз ин, аксарияти афсару генералҳои артиши ИМА Конфедератсияро дастгирӣ мекарданд. Инчунин, доираҳои ҳукмрони Англия, Фаронса ва Испания ҳам ҷонибдори Конфедератсия буданд. Ин давлатҳо ба ду давлати камқуввати мустақил шудани ИМА манфиатдор буданд.

То тобистони соли 1861 Конфедератсия артиши 120 ҳазорнафара ташкил кард. Ҷануб мехост, ки дар ҷанги рӯ ба рӯ нерӯҳои Шимолро торумор карда, шаҳри Вашингтонро ишғол намояд. 21 июли соли 1861 дар наздикии шаҳри Манассас, ки тақрибан 40 км дуртар аз Вашингтон воқеъ гардидааст, артиши 35 ҳазор нафараи Шимол аз тарафи артиши 30 ҳазорнафараи исёнгарони Ҷануб шикаст хӯрд. Дар

ин ҳолат ҳукумати Шимол ба лашкари худ аз нав сафарбаркунӣ гузаронида, аввал онро ба 500 ҳазор ва то охири ҳамон сол ба 660 ҳазор нафар расонид.

Моҳи январи соли 1862 сипоҳиёни Шимол ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштанд. Генерал Грант, ки дар Ғарб амал мекард, супориш гирифт, ки ҳавзаи дарёи Миссисипиро ишгол намояд. Ӯ аз уҳдаи ин кор баромада тавонист. Дар Батлер моҳи апрели соли 1862 бо дастгирии флот Ордеани Навро ба даст даровард. Ба ин нигоҳ накарда, дар ҷойи муҳорибаи асосӣ, наздикии дарёи Потомак, вазъияти артиши Шимол хуб набуд. Дар Ричмонд Мак-Кеплан пурра шикаст хӯрд. Лозим омад, ки аз ҷойҳои дигари ҷанг ба тарафи Вашингтон лашкар равон карда шавад.

Дар зери таъсири оммаи халқ ҳукумати Авраам Линколн маҷбур шуд, ки ба чораҳои инқилобӣ гузарад. Онҳо ба Конститутсия мухолиф бошанд ҳам, дар айни замон ин корро заурурати ҳарбӣ тақозо мекард. Аз ҳамин вақт сар карда, ҷанги мулкӣ ба инқилоб табдил ёфт ва ҳукумати А.Линколн ба амалӣ кардани чораҳои инқилобӣ шурӯъ намуд.

**Барҳам дода шудани ғуломдорӣ дар ИМА.** Соли 1862 ба сарватмандон андозҳои нав бор карда шуданд. Инчунин, барои мусодираи моликияти исёнгарон қонун бароварда шуд. 20 майи соли 1862 қонун дар бораи ҳомстедҳо эълон гардид. Мувофиқи ин қонун ҳар як шаҳрванди ИМА ҳамагӣ 10 доллар пардохта, метавонист дар Ғарб қитъаи Замини 160-акро бигирад. Баъди 5 сол ӯ соҳиби пурраи Замин мегардид. Лашкар ҳам тоза карда шуд. Вале зарбаи аз ҳама вазнинтарин ба гуломдорон фармони А.Линколн дар бораи аз 1 январи соли 1863 дар ИМА барҳам додани ғуломдорӣ буд.

Ҳамаи ин чорабиниҳо аз чорабиниҳои дигари инқилобӣ барои галаба бар Конфедератсия кӯмак расониданд. Гузаштан ба ҷанги инқилобӣ мавҷи нави ташаббускории оммаи мардумро ба вуҷуд овард ва галабаро бар Ҷануб наздик кард.

**Ғалабаи Шимол бар Конфедератсияи Ҷануб.** Баъд аз он ки Шимол ба ҷанги инқилобӣ гузашт, Конфедератсия дар муҳорибаҳо паси ҳам шикаст мехӯрд. Ғалабаи охирини нисбатан калони ҷанубиҳо дар муҳорибаи назди Чанслорсвилл моҳи апрели соли 1863 доир гардида буд. Тобистони ҳамон сол дар ҷанги мулкӣ гардиши куллӣ ба амал омад. 1-3 июли соли 1863 дар ҷанги 3-рӯзаи назди Геттисберг артиши ҷану-

биҳо шикаст хӯрда, ба ақибнишинӣ сар кард. Баъди як рӯз генерал Грант дар муҳорибаи калоне голиб баромад ва нуқтаи муҳимтаринеро дар Миссисипӣ, ки Виксберг ном дорад, ишгол намуд. Дар ин муҳориба то 10 ҳазор нафар аскару афсарҳои Конфедератсия ҳалок шуданд, 29,5 ҳазор нафари дигарашон асир афтоданд. Ғайр аз ин, артиши Генерал Грант 170 тӯпи лашкари Ҷанубро ганимат гирифт.

Соли 1864 артиши Шимол дар зери роҳбарии умумии генерал Грант барои пурра торумор кардани Ҷануб шурӯъ кард. Артиши генерал Ли дар наздикии Алпоматтокс муҳосира карда шуд. Ӯ 9 апрели соли 1965 маҷбур шуд, ки таслим шавад. Дере нагузашта, қисмҳои дигари артиши Конфедератсия низ таслим шуданд. Бо ҳамин, ҷанги мулкии ба инқилоб табдилёфтаи ИМА ба охир расид.

Баъд аз галаба ҳукумати Линколн барои бесилоҳ гардонидани исёнгарон ягон чораи таъсирбахш наандешид. Аксарияти афсарони артиши Ҷануб, ки асир афтода буданд, дар баробари савганд ёд кардан, озод мешуданд. Президент Линколн ҳам хуб муҳофизат карда намешуд. Натиҷаи ҳамин беэҳтиётиҳо буд, ки 14 апрели соли 1865 дар театр, ҳангоми тамошои спектакл, ҷонибдори ашадии ғуломдорон актёр Буст Авраам Линколнро парронд.



Генерали “Шимол” Грант.



Генерали “Ҷануб” Ли.

Баъди ғалабаи Шимол бар Конфедератсияи Ҷануб марҳалаи таҷдиди иёлоти ҷанубӣ огоз ёфт, ки он аз соли 1865 то соли 1877 тӯл кашид. Ин вақт ҳам собиқ ғуломдорон мавқеи худро бе муқобилият аз даст намедоданд.

**Аҳамияти ғалабаи Шимол бар Ҷануб.** Дар натиҷаи ғалабаи Шимол ягонагии миллии ИМА нигоҳ дошта шуд. Ҳокимият ба дасти буржуазия даромад. Акнун мансабҳои президентӣ, Сенат ва Додгоҳи Олӣ ҳам дар ихтиёри вай буданд. Плантаторҳои Ҷануб ҳокимияти сиёсиро аз даст доданд. Аз ҳама музаффариятҳои муҳими инқилобии ҷанги мулкӣ барҳам дода шудани гуломдорӣ ва қонун дар бораи ҳомстед (замин)-ҳо мебошанд. Дар натиҷаи ғалабаи Шимол дар мамлакат роҳи фермерӣ-америкоии ривоҷи кишоварзӣ галаба кард. Ин ҷанги мулкӣ аҳамияти дигари иқтисодӣ ҳам дошт. Он барои болоравии минбаъдаи муносибатҳои бозоргонию соҳибкорӣ роҳи васеъ кушод. Нигоҳ доштани ягонагии миллӣ имконият дод, ки ИМА минбаъд ҳам сиёсати истилогаронаи хориҷиашро давом диҳад.

Моҳи декабри соли 1865 Конгресси ИМА ислоҳи 13-умро ба Конститутсия қабул кард, ки мувофиқи он дар ИМА ғуломдорӣ барҳам дода шуд. Ин яке аз музаффариятҳои муҳимтарини ҷанги мулкии солҳои 1861 – 1865 буд.

### МАЪХАЗҲО ВА САНАДҲО

#### 1. ПОРАИ ПАРТОФТАШУДАИ БАРОМАДИ ҶОН БРАУН

Инҷил таълим медиҳад, ки ҳар кореро, ки ба худ раво намебинӣ, ба дигарон низ раво мабин. Инчунин, он ба ман таълим медиҳад, ки «онҳоеро дар хотир нигоҳ дорам, ки дар завлонанд, гӯё ки ту ҳам бо ҳамроҳии онҳо завлонабанд ҳастӣ». Ман ҷидду ҷаҳд кардам, ки мувофиқи ин таълимот амал кунам. Шояд барои фаҳмидани он ки Худованд нисбати одамон ғараз надорад, ҳанӯз ниҳоят ҷавон ҳастам. Ман боварӣ дорам, ки амали ман барои ҳифзи бечорагони нафратзада равона карда шуда буд. Аз ҳамин сабаб он дуруст аст.

#### 2. НУТҚИ ОХИРИНИ ҶОН БРАУН 2 НОЯБРИ СОЛИ 1859

Ман бояд якчанд калима бигӯям. Якум, ман ҳамаашро рад мекунам, ғайр аз он чизе, ки ба гардан гирифтаам, яъне мақсади ман озод кардани ғуломон буд. Ман ин корро ба таври осоишта кардани будам, чӣ тавре ки зимистони гузашта кардам. Ба Миссурӣ рафта, аз он ҷо ғуломонро бе ягон силоҳ аз байни тамоми мамлакат гузаронида, ба Канада бурдам. Ман мехостам боз ҳамин корро кунам, вале ин дафъа хеле зиёдтар. Ин аст ҳамаи он чӣ ки ман мехостам. Ҳеҷ вақт мақсади одамкушӣ, хиёнат ва нест кардани молу мулкро надоштам…

Акнун, агар лозим бошад, ки барои дастгирӣ кардани адолати додгоҳӣ ҷон бахшам, бо ҳамроҳии кӯдаконам ва бо ҳамроҳии ғуломони ин мамлакат, ки

ҳуқуқҳои онро бо фармонҳои бадном, нолозим ва беадолат поймол карда мешаванд, хунамро резам. Бигузор ҳамин хел шавад!...

*Хрестоматия по новой истории. Под ред. А. А. Губера, А. В. Ефимова в-3-х тт. М., 1965, Т. 2, с. 355*

### 3 . ҚОНУН ДАР БОРАИ ҒУЛОМОНИ ГУРЕЗА АЗ 18 НОЯБРИ СОЛИ 1850

**6.** Агар шахсе дар ягон иёлот ва қаламрави ИМА вазифадор аст, ки хизмат ва ё кор кунад, вале ба иёлот ва қаламрави дигари ИМА гурехтааст ва ё ки гурехтанист, пас шахс ва шахсҳое, ки гурезаҳои вазифадоранд, барои онҳо хизмат ва ё кор кунанд, метавонанд гурезаро дунболагирӣ кунанд ва пас гардонидани ӯро талаб намоянд, ё ки барои ҳабси ӯ аз ягон муассисаи адолати додгоҳӣ, додгоҳ ва ё комиссар ордер бигиранд. Аз рӯйи ордер гурезаи мазкурро аз кор ва хизмат холӣ, ё ки бевосита ҳабс кардан мумкин аст. Ин кор бе баррасии додгоҳӣ иҷро карда мешавад, ё ки дастгир намуда, ӯро ҳамон лаҳза ба додгоҳ, додхоҳ ва ё ба комиссар пешниҳод кардан мумкин аст. Онҳо вазифадоранд, ки ин парвандаро дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин дида баромада, ҳаллу фасл кунанд.

**9.** Минбаъд... амалдоре, ки ҳабс кардааст, чунин гурезаро... ба он иёлоте фиристонад, ки ӯ аз он ҷо гурехтааст ва ё дар он ҷо даъвогари мазкур ва ё ба гумошта супорида шавад.

### 4 . АЗ МАКТУБИ А. ЛИНКОЛН БА НОШИРИ «НИЮ-ЁРК ТРБЮН» Г. ГРИЛИ 12.08 СОЛИ 1862

Ман мехоҳам Иттиҳодро наҷот диҳам. Ман мехоҳам, ки онро бо роҳи хеле осон ва дар доираи Конститутсия наҷот диҳам. Агар ҳокимияти миллӣ тезтар барқарор карда шавад, Иттиҳод низ тезтар ба ҳамон Иттиҳоди қаблӣ табдил меёбад. Агар ҳамин хел одамоне ёфт шаванд, ки Иттиҳодро бе барҳам додани ғуломдорӣ наҷот доданӣ бошанд, ман бо онҳо розӣ нестам. Агар одамоне ёфт шаванд, ки Иттиҳодро танҳо дар баробари барҳам задани ғуломдорӣ наҷот доданӣ бошанд, бо онҳо ҳам розӣ нестам.

Дар ин мубориза мақсади муҳимтарини ман наҷоти Иттиҳод ва нигоҳ доштан ва ё барҳам додани ғуломдорӣ аст. Агар ман Иттиҳодро бе озод кардани ягон ғулом ҳам наҷот дода метавонистам, ин корро иҷро менамудам. Агар ман Иттиҳодро наҷот дода, дар баробари ин ғуломонро озод мекардам, пас бо ин роҳ мерафтам. Агар ман Иттиҳодро наҷот дода, дар баробари ин танҳо нисфи ғуломонро озод карда, боқимондаашро дар ғуломӣ нигоҳ медоштам, пас ин корро мекардам. Ҳар он чӣ, ки нисбати ғуломдорӣ ва рангинпӯстон мекунам, онро иҷро менамоям, зеро бовар дорам, ки вай барои наҷот додани Иттиҳод кӯмак мерасонад. Дар мавриде, ки ман аз иҷрои ин ва ё он чора худдорӣ мекунам, сабабаш он аст, ки ба андешаи ман ин чораҳо барои наҷоти Иттиҳод кӯмак расонида наметавонанд.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1831 – шӯриши ғуломон дар зери роҳбарии Ната Тернер
1832 – аз тарафи Горрисон ташкил карда шудани «Ҷамъияти нави Англия барои мубориза бар зидди ғуломдорӣ»

17.X.1859 – оғози шӯриши ғуломон дар Вирҷиния дар зери роҳбарии Ҷон Браун
1828 – ташкил ёфтани Ҳизби демократии ИМА
1854 – ташкил ёфтани Ҳизби ҷумҳуриятхоҳонаи ИМА
1850 – аз тарафи Конгресс қонуне қабул карда шуд, ки мувофиқи он ғуломони гурезаро ба соҳибонашон баргардонидан мумкин буд.
1850 – аз тарафи Конгерсс қабул карда шудани қонуни «Канзас-Небраска» дар барои манъ карда шудани ғуломдорӣ аз мадори 36 то 30°
1854-1856 – ҷангӣ мулкӣ дар Канзас
XI.1860 – президенти ИМА интихоб шудани Авраам Линколн
20.XII.1860 – аз Иттифоқ баромадани Королинаи Ҷанубӣ ва баъдтар аз он баромадани боз 7 иёлот: Флорида Ҷорҷия, Алабама, Луизиана, Техас, Миссисипи ва Теннеси
20.V.1862 – қабули қонун дар бораи ҳомстедҳо
1.I.1863 – бо амри А. Линколн барҳам дода шудани ғуломдорӣ дар ИМА
1-3.VII.1863 – таҳти роҳбарии генерал Грант дар наздикии Геттисберг бар Ҷануб ғалаба кардани артиши Шимол
14.IV.1865 – аз тарафи актёр Бутс парронда шудани А. Линколн
XII.1865 – аз тарафи Конгресс қабул карда шудани ислоҳи 13-ум ба Конститутсияи ИМА оид ба барҳам дода шудани ғуломдорӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар ИМА иқтисодиёт бо кадом роҳҳо тараққӣ мекард? **2.** Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии сармоядориро дар ИМА номбар карда, онҳоро шарҳ диҳед. **3.** Дар бораи шӯришҳои ғуломон дар ИМА нақл кунед. **4.** «Абалисионистҳо» киҳо буданд? **5.** Дар ИМА Ҳизби демократӣ ва Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон кай ва чӣ тавр ташкил ёфтаанд? Дар Иёлоти Канзас кай ва бо кадом сабабҳо ҷанги мулкӣ ба амал омад? Авраам Линколн кай ва чӣ тавр президенти ИМА интихоб шуд? **6.** Ҷанги мулкии соҳои 1861 – 1865 чӣ тавр оғоз ёфт? **7.** Кадом иёлот барои чӣ аз Иттиҳод баромада, Конфедератсия ташкил наму-

данд? **8.** Дар бораи таносуби қувваҳои Шимол ва Ҷануб маълумот диҳед. **9.** Чаро дар соли аввали ҷанг Шимол бо шикаст дучор шуд? **10.** Кай ва чаро Шимол бо роҳи инқилобии ҷанг шурӯъ кард? Моҳияти ин усулро муайян кунед. **11.** Дар ИМА кай аз тарафи А. Линколн ғуломдорӣ барҳам дода шуд? **12.** Қонун дар бораи ҳомстедҳо дар рафти ҷанги мулкӣ чӣ аҳамият дошт? **13.** Кай ва чӣ тавр неруҳои Шимол бар Ҷануб ба пирӯзӣ ноил шуданд? **14.** Санадҳоро дар мавриди нақли мавзӯъ истифода баред. **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 13. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

**Тараққиёти иқтисодӣ.** Баъд аз ҷанги мулкӣ иқтисодиёти ИМА босуръат тараққӣ кард. Ин чанд сабаб дошт. Якум, сохти ғуломдорӣ дар ҷануби мамлакат барҳам хӯрд. Дуюм, муносибатҳои демократӣ дар ҷомеа бештар амри воқеӣ мегардиданд. Сеюм, умумимиллӣ ташаккул ёфт. Чорум, қонун дар бораи ҳомстедҳо, ки соли 1862 қабул шуда буд, имконият дод, ки кишоварзии ИМА бо роҳи фермерӣ пеш равад ва ин роҳ комилан ғалаба кард. Панҷум, дар саноату кишоварзӣ ва нақлиёту алоқа, техника ва технологияи пешқадами амрикоиву аврупоӣ васеъ ба кор бурда мешуд.

Дар тараққиёти иқтисодии охири асри XIX – аввали асри XX ИМА афзоиши истеҳсоли чӯяну пӯлод ва ангишту нафт ёрии калон расониданд. Истеҳсоли чӯян аз 7,7 миллион тоннаи соли 1870 дар соли 1913 ба 517 млн тонна, ангишт аз 33 миллион тоннаи соли 1870 дар соли 1913 ба 270 миллион тонна расид.

Сифатан тағйирёбии коркарди маъдан барои пешравии соҳаҳои дигари саноат заминаи



Автомобили «Форд» дар ибтидои асри XX. Соли 1913

боэътимод гузошт. Дар солҳои 70-ум ва 80-ум мошинасозӣ барои заводҳо афзуд. Дар ин давра телефони Белл ба кор бурда мешуд, истгоҳи барқии бо буғ коркунандаи Эдисон ба кор даромад, тормози ихтироъкардаи Вестингауз дар техника ва нақлиёт босамар кор мекард. Соли 1882 трамвайи аввалин ҳам ба роҳ даромад. Дар аввали асри XX заводҳои Форд автомобилҳои бисёр истеҳсол мекарданд.

Ба тараққиёти пуравҷи иқтисодӣ, аз он ҷумла, саноат ва кишоварзӣ роҳҳои оҳан ёрии калон мерасониданд. То солҳои 90-ум 4 роҳи оҳани дароз сохта шуд, ки он аз соҳилҳои Уқёнуси Ором сар шуда, то ба соҳилҳои Уқёнуси Атлантика рафта мерасид. Чунин роҳи оҳани дарози дигар то ба Канада сохта, ба истифода дода шуд. Баъди ин дарозии умумии роҳҳои оҳани ИМА ба 190 ҳазор мил расид. Ин аз дарозии роҳҳои оҳани ҳамаи мамлакатҳои Аврупо зиёдтар буд.

Дар 30 соли охир ба мамлакат 3 млрд доллар сармояи хориҷӣ ворид шуд. Дар ҳамин муҳлат ба ИМА барои зиндагонии муқимӣ 14 млн нафар муҳоҷирон омаданд. Ин ҳам барои пешравии иқтисодиёти мамлакат сабаб шуд.

**Фаъолияти тресту бонкҳо.** Дар охири асри XIX бойигарии ИМА торафт бештар ба дасти трестҳо медаромад. Инҳисор гардидани нақлиёту роҳи оҳани мамлакат нисбат ба дигар соҳаҳо барвақттар доир гардид. Дар ин соҳа «Иттифоқҳои роҳи оҳан»-и Вандербилт, Гулда, Хатигтон ба вуҷуд омаданд. Дар солҳои 80-ум истеҳсоли пахта, равғани загир, шароб, сурб, найшакар, гӯгирд ва тамоку инҳисорӣ карда шуданд. Дар истеҳсоли мис яке аз аввалин ширкатҳои инҳисорӣ Гутенхейм дар кӯҳҳои Бют ва Монтанаи Аризона ташкил карда шуд. Ин трест дар зарфи 30 сол аз он ҷойҳо ба маблағи 2 млрд доллар мис истеҳсол кардааст.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрикаи ҳамонвақтаро мамлакат трестҳо меномиданд, зеро шакли маъмултарини инҳисорҳои сармоядорони ин мамлакат трестҳо буданд. Асосгузори трести аввалини ИМА Давид Рокфеллер мебошад. Ӯ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ аз ҳисоби фурӯши аслиҳа бой шуда, аз болои корхонаҳои нафтистеҳсолкунӣ ва тиҷорат ҳам назорат ҷорӣ намуд. То саршавии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ трести Рокфеллер «Стандарт ойл» ба яке аз корхонаҳои калонтарини нефтистеҳсолкунии ҷаҳон табдил ёфт. Он то 90 фоизи маҳсулоти нафтии мамлакатро истеҳсол мекард. Рокфеллерро

«Ҷаноби миллиардер» меномиданд. Ин ном ба сарватмандии ӯ мувофиқ буд. Аз ин лақаб Рокфеллер ҳатто меранчид. Дар ибтидои асри XX аз чор се ҳиссаи истеҳсолоти саноатии ИМА-ро трестҳо назорат мекарданд.

Инҳисори дигари калонтарини ИМА трест Д. Морган «Юнайтед стил Корпорейшн» ба шумор мерафт. Маҳсулоти асосии истеҳсолоти вай чӯяну пӯлод буд. Сармояи ин саноат ба 1,5 млрд доллар рост меомад. Инҳисорҳои хурду миёна ба трести Морган рақобат карда натавониста, муфлис мешуданд. Аз ин сабаб, онҳо маҷбур мешуданд, ки ба ин трест ҳамроҳ шаванд, яъне марказонидани онҳо ба амал меомад. Трести Морган то 150 корхонаро аз худ карда буд. Дар байни онҳо корхонаҳои маъдану ангишт, нафту заводҳои маъданкоркунӣ ва роҳҳои оҳан бисёр буданд.

Бонкҳои калонтарини ИМА ба трестҳо пул қарз медоданд. Ин бонкҳо бештар дар кӯчаи Уолл-Стрити Ню-Йорк дар биноҳои боҳашамату сарбафалаккашида ҷой гирифта буданд. Ин кӯча ба маркази аҳли тиҷорату саноатии мамлакат табдил ёфт.

Сармояи бонкӣ ва сармояи саноатӣ ҳам бо тезӣ марказонида мешуданд. Соли 1903 ду бонки бузургтарине, ки ба Морган ва Рокфеллер тааллуқ доштанд, ба 112 бонкҳои роҳҳои оҳан, ширкатҳои сугурта ва соҳаҳои дигар назорат мекарданд. Ҳар ду банк дар бунёди бонкҳои нав ва корхонаҳои саноатӣ фаъолона ширкат меварзиданд.

Аъзоёни ҳукумат ва амалдорону додхоҳҳо, трестҳо ва бонкҳоро барои қонеъ кунонидани мақсадҳои худ бо пул харида, аз ин кор фоидаи калон ба даст медароварданд, номзадҳои худро ба мансабҳои гуногуни давлатӣ мегузарониданд. Як қисми саҳмияҳоро ба одамони мансаби баланддор тухфа мекарданд. Ин одамон дар идораи трестҳо ва бонкҳо мансабҳои калонро ишгол мекарданд. Ҳамин тариқ, дар ИМА олигархияи молиявӣ ба дастгоҳи давлатӣ омезиш ёфта, ба ҳукмрони мамлакат табдил мегардид.

**Ислоҳоти аввали асри XX.** Ҳаракати ислоҳотхоҳӣ дар ИМА дар натиҷаи норозигии доираҳои васеи аҳолии мамлакат аз фаъолияти инҳисорҳо огоз ёфт. Қисми пешқадами буржуазия ба сиёсати ислоҳотхоҳӣ гузашт. Бо ин роҳ номзади Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон Т. Рузвелт дар интихоботи президен-

тии соли 1904 голиб баромад. Ӯ баъди интихоботислоҳот гузаронд. Ин ислоҳот на ба гурӯҳҳои алоҳида, балки ба нафъи ҳамаи аъзоёни ҷомеаи Америка нигаронида шуда буд.

Конгресс дар бораи захираҳои табиии мамлакат якчанд қонун қабул кард. То ин вақт захираҳои табиӣ, аз он ҷумла. Заминро инҳисорҳо бераҳмона ғорат мекарданд. Мувофиқи қонунҳои нав 235 млн акр Замин фонди дахлнопазири давлатӣ эълон карда шуд. Қонуни дигар дар бораи аз болои тайёр кардани маҳсулоти хӯрокворӣ ва доруворӣ ташкил кардани назорати давлатӣ буд. Бо ин роҳҳо пеши роҳи корҳои ғайриқонунии ширкатҳои инҳисорӣ гирифта мешуданд.

Вале, вақте ки соли 1909 номзади дигари Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон Уилям Тафт дар интихоботи президентӣ ғолиб баромад, ислоҳоти саркардаи Т. Рузвелтро давом надод. Тафт имконият дод, ки ин инҳисорҳо даромади калон ба даст даророанд. Ин кор норозигии як қисми мардумро ба вуҷуд овард.

Ҳаракати ислоҳотхоҳии ибтидои асри XX-и ИМА мураккаб буд. Қисми пешқадами буржуазияи дар ин ҳаракат иштироккарда зидди сӯйистеъмол кардани фаъолияти трестҳо буд. Қисми дигараш, баръакс, ҷонибдори озодии комили инҳисорҳо буд. Вале аксарияти ислоҳотхоҳони ин давра арзишҳои иқтисоди бозоргониро ҳимоя мекарданд. Умуман, ислоҳоти ибтидои асри XX имконият дод, ки ИМА аз рақибони асосии худ пеш гузашта, ба мамлакати пуриқтидори ҷаҳон табдил ёбад.



Ку-клукс-кланҳои сафедпӯсти нажодпарасти ИМА

**Системаи бисёрҳизбии ИМА.** Дар ибтидои асри XX дар ИМА, асоосан, 3 ҳизб барои дар мамлакат ҳукмрон шудан дар байни худ рақобат мекарданд: демократӣ, ҷумҳуриятхоҳон ва сотсиалистӣ. Фаъолияти онҳо махсусан дар давраи интихобот баланд мешуд.

Системаи бисёрҳизбӣ ба интихобкунандагони ИМА имконият медод, ки номзади сазоворро президенти мамлакат интихоб кунанд, ба Конгресс ва мақомоти қонунгузории дигари марказию иёлот низ ашхоси сазоворро интихоб намоянд. Ҳамин хел ҳам мешуд, ки номзади ба мансаби президентӣ соҳибшуда ба ваъдаҳои пеш аз интихобот додааш вафо намекард. Бо ҳамин сабаб, аз ҷумҳуриятхоҳ Умиям Тафт, ки соли 1909 ба иҷрои вазифаи президентӣ шурӯъ карда буд, интихобкунандагон норозӣ буданд. Ин ҳолати ҷумҳуриятхоҳон ба оппозитсияи демократӣ имконият медод, ки дар интихоботи дар пешистода дастболо шавад, ё ки ба ин мақом намояндаи ҳизби сотсиалистӣ соҳиб мешуд, яъне онҳо метавонистанд номзади худро ба мансаби президентӣ гузаронанд. «Мусобиқа» барои мансаби президентӣ дар Қасри Сафед, асосан, дар байни ҳизбҳои ҷумҳуриятхоҳон ва демократӣ сурат мегирифт.

Дар интихоботи соли 1912 ҳар се ҳизб ҳам номзадҳои худро ба мансаби президентӣ пешниҳод карданд. Ҳизби сотсиалистӣ Юҷин Дебстро пешниҳод кард. Ҳизби демократӣ ба ин



Ба тарафи худ ҷалб кардани интихобкунандагон. Ҳаҷвия (Фил-рамзи Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон, маркаб-рамзи Ҳизби демократӣ)

мансаб Вудро Вилсонро лоиқ донист. Ин вақт дар Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон ҷудоӣ ба амал омад. Барои ҳамин, ин ҳизб номзади ягонаро пешниҳод карда натавонист. Аз ин рӯ, ду номзад пешниҳод шуд: У. Тафт ва Т. Рузвелт. Дар натиҷа, овозҳои интихобкунандагони ҷумҳуриятхоҳон дар байни ду номзад тақсим шуданд. Умуман, овозҳои интихобкунандагон чунин тақсим шуданд: В. Вилсон-6.286.214 овоз, Т. Рузвелт-4.126.020 овоз, У. Тафт-3.483.922 овоз ва Ю. Дебс – наздики 1 млн овоз. Ҳамин тариқ, номзади Ҳизби демократӣ профессори таърихи ҳуқуқи Донишгоҳи Принстон Вудро Вилсон ба мухлати 4 сол Президенти ИМА интихоб гардид.

Вале мумкин буд, ки номзади Ҳизби ҷумҳуриятхоҳон ғолиб барояд. Сабаби асосии шикасти ин ҳизб дар ду номзад пешниҳод кардани он буд. Ҷамъи овозҳои ба даст даровардаи ҳар дуи онҳо 7609942 нафарро ташкил кард. Ин аз шумораи овозҳои гирифтаи номзади демократҳо, ки ғолиб баромад, қариб 1,5 млн нафар зиёд аст. Ҳамин тариқ, соли 1912 намояндаи Ҳизби демократӣ ба мухлати 4 соли оянда соҳиби Қасри Сафед гардид.

**Сиёсати таҷовузкоронаи хориҷии ИМА.** Сармоядорони Англия, Фаронса ва Олмон дар охири асри XIX ба хориҷа қариб 35 млрд доллар сармоя бароварданд, вале ИМА бошад, дар ҳамин давра ба хориҷа ҳамагӣ 500 млн доллар сармоя баровард халос. Сабаб он буд, ки ҳанӯз дар худи ИМА барои фурӯхтани мол имконияти калон мавҷуд буданд. Аз ҳамин лиҳоз, сармояро дар дохили худи мамлакат ҳам гузоштан мумкин буд. Ҳоҷати ба хориҷи кишвар баровардани он набуд. Вале оҳиста- оҳиста барои сармоядорони ИМА бозори дохилӣ тангӣ кардан гирифт. Дар аввал ИМА ба забти мустамликаҳо майл надошт. Акнун бошад, аз рақибони асосии худ ақиб монданӣ набуд. Вай ҳам барои забткунии мустамликаҳо сар кард. ИМА, асосан, ҳавзаи Уқёнуси Атлантика ва дар он ҷо хусусан Кубаро ба даст даровардани буд, аз он ҷумла, маҳз барои ин ҷазира соли 1898 бар зидди Испания ҷанг ҳам кард.

Аз рӯйи ақидаи Президенти ИМА Монро бояд хусусиятҳои географии қитъаи Америка ва пеш аз ҳама, Америкаи Лотиниро ба ҳисоб гирифта, таъсири худро дар мамлакатҳои он пурзӯр кунад. Ин ақида ба сиёсатмадорони Америка маъқул



Самтҳои забткориҳои асосии ИМА дар охири асри XIX-ибтидои асри XX

шуд. Соли 1889 бо ташаббуси котиби давлатии ИМА Д. Блейн дар шаҳри Вашингтон конференсияи аввалини давлатҳои қитъаи Америка баргузор гардид. Конференсияи Вашингтон иттифоқи байналхалқии давлатҳои Америкаро таъсис дод. Ин иттифокро ИМА дар оянда барои сиёсати хориҷии истилогаронаи худ истифода бурд. Аз ҳамин вақт сар карда, Америкаи Лотинӣ ба минтақаи манфиатҳои доимии ИМА табдил ёфт. Он ҳуқуқи маънавии дахолат кардан ба корҳои дохилии ҳамаи мамлакатҳои қитъаи Америкаро аз худ кард.



**Бозгашти аскари ихтиёрӣ. Зангии ҷавон дар бораи ҷангҳои гузашта нақл мекунад.**

Минтақаи дигари истилогариҳои империализми ИМА Шарқи Дур буд. Дар ин ҷо ба вай лозим омад, ки бо Англия ва Олмон рақобат кунад. Соли 1899 ҳар се давлат протекторатаи худро бар ҷазираҳои Самоа ҷорӣ намуданд. Соли 1893 ИМА ҷазираҳои Гавайро пурра ба зери дасти худ даровард. Ба империализми Америка муяссар гардид, ки мавқеи худро дар Корея ва Чин ҳам мустаҳкам кунад.

Соли 1901 ИМА бо Англия созишномае баст, ки мувофиқи он ҳуқуқи сохтмону истифодаи Канали Панамаро ба даст даровард. Ҳарчанд ҳукумати Колумбия ин созишномаро рад кард, аз дасташ коре наомад. ИМА зидди ин давлат исён ташкил намуда, ба ёрии исёнгарон сипоҳ фиристонд. Колумбия маҷбур шуд, ки ба тақдир тан диҳад. Аз ҳамин вақт сар карда, империализми ИМА бар зидди рақибони камқуввати худ сиёсати "дарраи калон"-ро ба кор мебурдагӣ шуд. Бо ҳамин роҳ, ба гардани як қатор мамлакатҳо шартномаҳои асоратоварро бор мекард. Масалан, соли 1907 нисбат ба Санто- Доминго ҳамин хел рафтор карда буд.

**Ҳаракати ҷамъиятӣ.** Вазъи зиндагии заҳматкашон дар ИМА нисбат ба дигар мамлакатҳои тараққикарда беҳтар буд. Вале гузариш ба сармоядории инҳисорӣ истисмори аҳли меҳнатро дар ин мамлакат зиёдтар кард. Ба ин кори инҳисорҳо мардуми меҳнаткаш эътироз баён менамуд. Бо мақсади талаб кардани риояи қонунҳо корпартоӣ мекарданд. Ҳаракати корпартоӣ хусусан дар миёнаи солҳои 80-уми асри XIX вусъат ёфт. Дар корпартоии 1 майи соли 1886 зиёда аз 350 ҳазор нафар мардуми табақаҳои гуногуни меҳнаткашон иштирок карданд. Корпартоӣ алалхусус дар яке аз шаҳрҳои саноатии калони ИМА - Чикаго вазъи тезу тундро гирифт. 3 май, ҳангоми гирдиҳамоии осоишта, политсия бар зидди корпартофтагони бесилоҳ оташ кушод. Дар натиҷаи ин 5 нафар ҳалок ва чандин нафари дигар захмдор шуданд. Рӯзи дигар, ҳангоми гирдиҳамоии оммавии осоиштаи эътирозӣ, дар гулгашти Хаймаркет игвогаре ба тарафи политсия гулӯла партофт. Барои ин амал ҳукуматдорон пешвоёни ҳаракати корпартоӣ Персон, Фишер, Энгел ва Шпейсро муттаҳам карда, ба дор овехтанд.

Солҳои 90-ум ҳаракати корпартоӣ кам нашуд. Соли 1892 корпартоии оммавӣ коргарону муҳандисони заводҳои маъданкоркунии Корнеги ва Гомстедро фаро гирифт.

Соли 1881 иттифоқҳои касаба (тред-юнионҳои ИМА) - "Федератсияи америкоии меҳнат" ташкил ёфт. Асосгузори ФАМ Гомперс буд. Ӯ дар зарфи 42 сол бетанаффус ба ин ҳаракат роҳбарӣ кардааст.

Фермерҳо созмонҳои худро бо номи "грейчерҳо" ("мулк", "ферма") ва "гринбекерҳо" ("пушти сабз" - пушти когази пули доллар дар назар дошта шудааст) ташкил карданд. Ин созмонҳо муҳофизаткунандагони боэътимоди сохти фермерии кишоварзии ИМА гардиданд.

Соли 1897 Ҳизби сотсиалистӣ ташкил ёфт. Он дар байни як қисми заҳматкашон ва баъзе табақаҳои дигари аҳолӣ обрӯй пайдо кард. Ҳизби сотсиалистӣ 13 рӯзнома ва даҳҳо маҷаллаҳоро чоп мекард. Номзади ин ҳизб дар интихоботи соли 1912 қариб 1 млн овоз гирифт. Соли 1901 як қисми аъзоёни Ҳизби сотсиалистӣ аз ҳизби худ баромада, бо ҳамроҳии сотсиалистони дигар ҳизби нави сотсиалистӣ ташкил карданд. Ғайр аз ин, созмонҳои дигари сотсиалистию коргарӣ, ба монанди "Коргарони индустриалии ҷаҳон", "Лигаи зиддиимпериалистӣ", "Иттифоқи фермерҳо", "Ҷамъияти америкоии адолат " ва гайра ба вуҷуд омаданд. Ҳамаи онҳо дар ҳифзи ҳуқуқҳои заҳматкашон ва демократикунонии ҷомеаи ИМА саҳми худро мегузоштанд.

### 1. СИЁСАТИ ТАҶОВУЗКОРОНАИ ХОРИҶИИ ИМА
### А) ИШҒОЛИ ҶАЗИРАҲОИ ГАВАЙ

#### ИОРАЕ АЗ НОМАИ САФИРИ ИМА ДАР ГОНОЛУЛУ СТИВЕН БА КОТИБИ ДАВЛАТИИ ИМА БЛЕЙН АЗ 21 НОЯБРИ СОЛИ 1892

Яке аз ду роҳе, ки ба фикри ман ниҳоят зарур аст: ё ки барои vimron чораҳои қотеона заруранд, ё ки "иттиҳоди гумрукӣ" ва кабели океан аз соҳилҳои Калифорния то ба Гонолулу, дар баробари ин Пёря-Ҳарбор бояд бебозгашт ба Америка дода шавад... вале шарт нест, ки аз болои ҷазираҳо расман протекторат эълон карда шавад. Фикри ман он аст, ки роҳи аввал барои ҷазираҳо аз ҳама беҳтарин ва барои Америка беташвиштарин аст...

## Б) ПРЕЗИДЕНТИ ИМА МАК-КЕНЛИ ДАР БОРАИ ИШҒОЛИ ФИЛИППИН

Ман ҳар бегоҳ то нисфишабӣ, дар Қасри Сафед қадам мезадам ва аз ҷентелменҳо шарм намекунам, иброз дорам, ки на як бору ду бор ба зону зада, аз Парвардигор ақлу фаросат ва роҳнамоӣ талаб мекардам. Яке аз шабҳо ба сари ман намедонам чӣ тавр, чунин фикре омад:

**1)** мо ҷазираҳои Филиппинро ба Испания баргардонида наметавонем, зеро ин амал боиси тарсончакӣ ва шармандагии мо хоҳад буд;

**2)** мо Филиппинро ба Фаронса ва Олмон - рақибони тиҷоратии худ дар Шарқ дода наметавонем, зеро ин чиз ҳам барои мо сиёсати иқтисодии бад ва бефоида хоҳад буд;

**3)** мо Филиппиниҳоро ба ҳоли худ гузошта наметавонем, чунки барои худидоракунӣ тайёр нестанд ва мустақилияти Филиппин фаврӣ ба бетартибие оварда мерасонад, ки он бадтар аз ҷанги испанӣ аст;

**4)** барои мо ғайр аз ба даст даровардани ҳамаи ҷазираҳои Филиппин, тарбия намудан, ба камол расонидан, мутамаддин сохтани Филиппиниҳо ва дар ин ҷо ҷорӣ намудани идеалҳои насронӣ роҳи дигаре нест, чунки онҳо бародарони инсонии моанд, ки барояшон Масеҳ қурбон шуда буд.

Баъди ин ман дар ҷойхобам дароз кашида, ба хоби сахт рафтам.

## 2. АЗ КИТОБИ СЕНАТОР ПЕТТИГРУ "ПЛУТОКРАТИЯИ ТАНТАНАКУНАНДА"

Соли 1903 президента ИМА Теодор Рузвелт ба ҳукумати Колумбия барои ба Иёлоти Муттаҳида вогузор кардани минтақаи дарозрӯяе, ки баробари 10 мид аст... 10 мллион доллар пешниҳод намуд. Ин иҷора бояд ба Иёлоти Муттаҳидаи Америка барои идораи Канали Панама ҳуқуқи котеъ медод. Колумбия аз он ки мо бо як пойи худ дар Панама истода, тамоми мамлакатро забт мекунем, аз гуфтушунид бо мо тарсид ва барои ҳамин аз фурӯхтани минтақаи канал даст кашид.

Баъди ин Рузвелт флотро ба Колон фиристод ва он бандарест дар халиҷи гарданаи Панама ва ба ҳукумати иёлоти Панама пинҳонӣ фаҳмонд, ки агар мамлакати худро ҷумҳурӣ эълон карда, бар зидди Колумбия бархезанд, пас ӯ ба онҳо барои заминҳои минтақаи канал 10 миллион доллар медиҳад ва ҳам ба пахш кардани шӯриши аз тарафи лашкари Колумбия монеъ мешавад.

Панама бо ин аҳду паймон розӣ шуд ва дар мавриди қулай шӯриш бардошт...

Ҷумҳурии Колумбия барои пахши шӯриш қувваи кифоя фиристод, лекин Рузвелт ба қумондонҳои киштиҳои Америкаӣ дастур дод, ки нагузоранд сипоҳиёни Колумбия фаромада, ба воқеаҳои дар он ҷо ба амаломада дахолат кунанд.

Мувофиқи дастурҳои худ, афсарони мо нагузоштанд, ки сарбозони колумбиявӣ ба Панама раванд, онҳоро маҷбур карданд, ки ба Колумбия баргарданд.

2 ноябри соли 1903 Вазорати корҳои хориҷӣ дар Вашингтон ба фармондеҳи нерӯҳои ҳарбӣ чунин барқия фиристод...

"а) роҳро озод ва бемонеа гардонед... бо нерӯи ҳарбӣ хати роҳи оҳанро ишгол намоед; нагузоред, ки нерӯҳои ҳарбӣ бо мақсадҳои душманона фароянд..."

6 ноябр вазири корҳои хориҷӣ дар Вашингтон ба ноиби консули дар Панамабуда бо чунин мазмун барқияе фиристод: "Халқи Панама бо якдилии комил робитаҳои сиёсии худро аз Ҷумҳурии Колумбия канд ва истиқлолияти худро эълон кард. Ҳамин ки боварӣ ҳосил намудед, ки халқ нисбати ҳукумати мавҷудаи аз ҷиҳати сохти худ ҷумҳуриявӣ он қадар зид нест,... бо онҳо ҳамчун бо ҳукумати масъул робитаҳои дахлдор муқаррар намоед".

### 3. СИЁСАТИ "ДАРҲОИ КУШОД" ДАР ЧИН

***(Аз нотаи котиби давлатии ИМА Хэй ба ҳукуматҳои Русия, Англия, Фаронса, Олмон, Италия ва Ҷопон аз 6 сентябри соли 1899)***

Ҳукумати мо, махсусан мехоҳад... ба давлатҳои бузурге, ки дар Чин манфиатҳои худро доранд, принсипҳоеро эълон намоянд, ки барои манфиатҳои тиҷоратии тамоми ҷаҳон муҳиманд. Ин принсипҳо чунинанд:

**Якум.** Эътирофи он, ки ягон давлат дар ягон шакл ба ягон бандари шартномавӣ даст намезанад ё ки ягон хел манфиатҳои қонунии давлатҳои дигарро дар ҳудудҳои қаламрави идоравӣ бо номи "соҳаи манфиатҳо"-е, ки вай дар Чин дошта метавонад, вайрон намекунад.

**Дуюм.** Нархномаи гумрукии мавҷудаи Чин нисбати на ҳамаи молҳое, ки фароварда ва ё ба ҳамаи бандарҳои дар ҳудудҳои чунин "соҳаи манфиатҳо" (гайр аз "бандарҳои озод") оварда шудаанд, ба кор бурда мешавад, сарфи назар аз он ки онҳо ба кадом миллат тааллуқ доранд ва боқӣ... дар ҳамин асос муайянкардашударо ҳукумати Чин мерӯёнад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1909 — Президенти ИМА интихоб шудани У. Тафт
1912 — Президенти ИМА интихоб шудани В. Вилсон
1889 — конференсияи байналхалқии давлатҳои қитъаи Америка дар шаҳри Вашингтон
1898 — ҷанги ИМА бар зидди Испания
1893 — ҷазираҳои Гавайро аз худ кардани ИМА
1897 — ташкил ёфтани Ҳизби сотсиалистии ИМА
1899 — муқаррар карда шудани протекторатаи ИМА, Англия ва Олмон бар ҷазираҳои Самоа
[illegible] — аз тарафи ИМА ба даст даровардани ҳуқуқи сохтани Канали Панама

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1.Чаро дар ИМА дар охири асри XIX - аввали асри XX иқтисодиёт босуръат тараққӣ кард? **2.** Сармояи саноатӣ бо сармояи бонкӣ чӣ тавр омезиш ёфт? Дар ИМА он чӣ натиҷа дод? **3.** Моҳияти системаи бисёрҳизбии ИМА-ро шарҳ диҳед. **4.** Дар ИМА интихоботи президентии соли 1912 чӣ тавр доир гардид? **5.** Дар бораи сиёсати таҷовузкоронаи империализми Америка маълумот диҳед. **6.** Аз рӯйи нуктаҳои "а", "б", "в", "г" ва "д"-и ҳуҷҷати 1-ум оид ба пешрафти иқтисодиёти ИМА дар охири асри XIX-аввали асри XX далелҳо биёред. **7.** Аз ҳуҷҷати 2-юм - "Сиёсати таҷовузкоронаи хориҷии ИМА" кадом хулосаҳо бармеоянд? **8.** Ҳуҷҷатҳои 3 ва 4 дар бораи чӣ нақл мекунанд? 9. Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 14. МАМЛАКАТҲОИ АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ

**Ақибмонии иқтисодӣ ва сиёсӣ.** Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, ки халқҳои онҳо дар муддати чандин асрҳо дар асорати мустамликадорони Испания ва Португалия буданд, аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодию сиёсӣ аз Аврупо ва Америкаи Шимолӣ хеле ақиб монданд. Дар ин мамлакатҳо сармоядорӣ суст тараққӣ карда буд. Муносибатҳои феодалӣ мақоми калон доштанд. Дар чандин минтақаи Америкаи Лотинӣ ҷамоаи қабилавии ҳиндуҳо низ вуҷуд доштанд. Дар баъзе мамлакатҳо сохти ғуломдорӣ ва боқимондаҳои он маҳфуз буданд.

Дар кишоварзии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ муносибатҳои нимфеодалӣ ҳукмрон буданд. Мулкҳои ниҳоят калон ба помешикони калон тааллуқ доштанд. Калисои католикӣ низ дар ихтиёри худ заминҳои зиёд дошт. Кишоварзони камзамин, иҷоракорон ва мардикорон, ки гирифтори муҳтоҷӣ ва қашшоқии сахт буданд, дар киштзорҳои заминдорони калон ва калисоҳо кор мекарданд.

Вазъияти сиёсии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ як хел набуд. Масалан, Куба ва Пуэрто-Рико то соли 1898 мустамликаҳои Испания буданд. Баъди ҷанги Испанияю Америкаи соли 1898, Куба ниммустамликаи ИМА шуд, Пуэрто-Рико бошад, ба мустамликаи ИМА табдил ёфт. Дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсии Аргентина, Чили ва Уругвай аз дараҷаи тараққиёти Эквадор, Перу, Боливия, Парагвай ва ҷумҳури-

ятҳои Америкаи Марказӣ барин мамлакатҳои хеле қафомонда як дараҷа баландтар ба назар мерасид.

Дар аксарияти мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ диктаторҳои ҳокимияти мутлақдошта ҳукмронӣ мекарданд. Онҳо аз байни заминдорон ва чорвопарварони калони ин мамлакатҳо баромада буданд.

**Ҳукмронии сармояи хориҷӣ дар Америкаи Лотинӣ.** Аввал Англия, ИМА ва баъд Олмон аз ақибмонии иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ моҳирона истифода бурданд. Сармоядорони хориҷӣ ва заминдорони калони маҳаллӣ ба калисои католикӣ, ки дар байни мардум таъсири калон дошт, такя карда, дар асри XIX ба иқтисодиёти Америкаи Лотинӣ сар даровარда, онро ҳатто ба худ тобеъ намуданд.

Ба Америкаи Лотинӣ сар даровардани сармояи хориҷӣ ба пешравии нерӯҳои истеҳсолкунандаи ин минтақаи Америка монеа эҷод менамуд. Империалистон ва балегӯёни маҳаллии онҳо барои дар ин мамлакатҳо бунёд кардани саноат манфиатдор набуданд. Онҳо иқтисодиёти мамлакатро ба эҳтиёҷоти халқҳои Америкаи Лотинӣ нею барои эҳтиёҷоти худ мутобиқ мекарданд. Барои ҳамин кишоварзии мамлакатҳои Америкаи Лотиниро ба ду-се зироати барои содир-




Хосе Марти (1853-1895)-шоир, публитсист ва педагог, сардори барҷастаи муборизаи озодихоҳонаи халқи Куба. Дар ҷанги зидди мустамликадорони Испания халок гардидааст.

муқарраргардида махсус мегардониданд. Масалан, дар Бразилия қаҳваю пахта парвариш карда мешуданд, дар Куба - найшакар, дар мамлакатҳои Америкаи Марказӣ - банан ва қаҳва.

Ҳамин тариқ, мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба манбаи ашёи хоми мамлакатҳои Аврупо ва ИМА табдил меёфтанд.

Тараққиёти яктарафаи иқтисодиёт аксарият мамлакатҳои Америкаи Лотиниро ба молҳои содиротии ҳаётан зарури мамлакатҳои хориҷӣ вобаста менамуд, аз он ҷумла, ба хӯрокворӣ. Тобеияти мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба сармояи хориҷӣ дар нимаи дуюми асри XIX боз ҳам афзуд.

Ширкатҳои инҳисории хориҷӣ аз мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ даромадҳои фаровон ба даст медаровarданд. Онҳо муттасил ба корҳои дохилии ин мамлакатҳо дахолат мекарданд.

Дар асри XIX мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба доми сармояи англис афтида буданд, лекин аз оғози асри XX сар карда, онҳо беш аз пеш ба империализми ИМА тобеъ шудан мегирифтанд. Дар як вақт ба Америкаи Лотинӣ даромадани сармояи Олмон ҳам пурзӯр мегардид.

Иёлоти Муттаҳидаи Америка нисбат ба аврупоиён, ба корҳои дохилии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ бештар дахолат мекард. Дар оғози асри XX ширкатҳои инҳисории ИМА қариб дар ҳамаи давлатҳои ҳавзаи Баҳри Қариб ҳукмрон буданд. Империализми Америка ҳокимияти диктаторҳои Америкаи Лотиниро дастгирӣ намуда, ба озодии халқҳои он монеъ мешуд.

ИМА ҳанӯз дар оғози асри XX Канали Панамаро ба даст даровард. Ҷумҳурии Панама ба муддати дуру дароз ба мус-



Канали Панама солҳои 1906-1914 сохта шудааст. Дар тарафи чап ... Уйёурн ... дар тарафи ... си Орам

тамликаи ИМА табдил ёфт. Ҳангоми соли 1914 дар гарданаи Панама кушода шудании канал ҳукмронии ИМА дар мамлакатҳои ҳавзаи Бахри Кариб боз ҳам мустаҳкамтар шуд.

Соли 1907 ИМА аз мушкилоти молиявии Ҷумҳурии Доминикан истифода бурда, бар болои он протекторат ва вомбаргҳои асоратовари худро бор мекунад. Чун дар Куба ИМА дар Ҷумҳурии Доминикан ба ташкили ҳамон ҳукуматҳое роҳ медод, ки гапдаро бошанд. Баромадҳои оммаи халқ бар зидди зӯроварии хориҷиён бераҳмона пахш карда мешуд. Соли 1916 ИМА ба Ҷумҳурии Доминикан лашкар фиристода, дар ин ҷо диктатураи ҳарбиёро ташкил кард, ки ба сарнайзаҳои америкавӣ такя мекард.

ИМА на як бору ду бор ба корҳои дохилии Ҷумҳурии зангиёни Гаити даxолат карда, истиқлолияти онро поймол мекард. Соли 1915 сипоҳиёни баҳринизоми ИМА Гаитиро ишғол намуданд. ИМА бо Гаити Созишномаи нобаробар баста, дар амал дар ин мамлакат режими ҳарбию ишғолиро муқаррар кард. Сарватмандони Америкаӣ бойигарии Гаитиро ба зери дасти худ дароварданд. Аҳолии маҳаллӣ маҷбур буд, ки дар зери истисмори хориҷиён умр ба сар барад.

Дар натиҷаи бор кардани вомбаргҳои асоратовар ва бастани шартномаҳои нобаробар, бонкҳои америкоӣ назорат аз болои ҳаёти иқтисодии Никарагуаро ба даст оварданд. Дар амал, ҳукумати ин давлат дар ихтиёри ҳарбиёни ИМА буд. Тамоми Америкаи Марказӣ оҳиста-оҳиста ба мулки империализми Америка табдил меёбад.

Машғулияти асосии аҳолии Америкаи Марказӣ парвариши банан, афлесун ва қаҳва буд. Плантатори нисбатан калонтарини инҳисори истеҳсоли меваҷӣ "Юнайтед Фрут Компани" мешавад. Аз ин рӯ, дар мамлакатҳои Америкаи Марказӣ "Юнайтед Фрут Компани"-ро маъмулан империяи банан меномиданд.

Зӯроварии ширкатҳои инҳисории империалистӣ ва мавҷудияти мулкҳои бузурги Замин дар кишоварзӣ ҳамчун асоси муносибатҳои феодалӣ ба пешрафти соҳибкорӣ дар Америкаи Лотинӣ халал мерасонд, вале пурра пеши роҳи тараққиёти онро гирифта натавонист.

**Вазъи зиндагонии ҳиндуён.** Болоравии соҳибкорӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба ғорат ва қиркунии ҳиндуёни Америкаи

Ҷанубӣ ва Марказӣ вобаста буд. Заминдорони маҳаллӣ ва ширкатҳои англисию америкоӣ барои васеъ намудани мулкҳои худ бар зидди ҳиндуён экспедитсияҳои ҳарбӣ ташкил намуда, онҳоро аз заминҳои аҷдодӣ пеш ва ё ба таври оммавӣ қир мекарданд. Ҳиндуёни бо камону найза мусаллаҳ дар муқобили сарбозони бо артиллерия ва сипоҳи дигари замонавӣ мусаллаҳгардида истодагарӣ карда наметавонистанд. Сарфи назар аз ин, онҳо бар зидди истилогароиии хориҷӣ муборизаи шадид мебурданд. Масалан, солҳои 70-ум ва 80-ум дар қаламрави Аргентина иттифоқи ҳарбии қабилаҳои ҳинду ба истилогарон муқовимати сахт нишон доданд. Дастаҳои мусаллаҳи ҳиндуён шабонгоҳ душманонро дар хоби ғафлат мононда, ҳамла карда, на як бору ду бор бар онҳо дастболо шудаанд. Истилогарон бо бераҳмии фавқулодда қабилаҳои томро нобуд мекарданд.

**Муборизаи кишоварзон.** Зӯроварии заминдорон, калисои католикӣ ва ширкатҳои хориҷӣ ба он оварда расонд, ки аксарияти аҳолии деҳоти Америкаи Лотинӣ ба пеонҳо - кишоварзони камзамин, батракҳо ва мардикороне, ки як умр аз насл ба насл ба соҳибони Замин тобеъ буда, дар қашшоқии мудҳиши доимӣ зиндагонӣ мекарданд, табдил меёфтанд.

Дар Боливия, Перу ва Эквадор дар охирҳои асри XIX-аввали асри XX дайрҳои зиёде мавҷуд буданд, ки дар ихтиёрашон заминҳои нопайдоканор доштанд. Пеонҳо ва кишоварзоне, ки дар "заминҳои муқаддас" меҳнат мекарданд, ба ҷазоҳои ҷисмонӣ гирифтор мешуданд. Масалан, чунин одат паҳн шуда буд: агар хӯҷаин ё ки нозир пеонро занад, пас пеон бояд дар назди хӯҷаин дузону зада, барои муносибати "меҳрубонона" ташаккур изҳор кунад. Дар он ҷое, ки гуломдорӣ боқӣ монда буд, хӯҷаин метавонист ҳатто ғуломи худро қатл кунад.

Дар аксари мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ тез-тез шӯришҳои кишоварзон ба амал меомаданд. Дар солҳои 80-ум ин шӯришҳо махсусан дар Бразилия аз ҳама шадидтар буданд. Дар ин ҷо шӯришҳои кишоварзон бо шӯришҳои зангиён пайваста нерӯи бузургеро ташкил менамуданд.

Бразилия, ки дар ибтидои асри XIX аз зулми мустамликавии Португалия озод шуда буд, мисли мамлакатҳои дигари Америкаи Лотинӣ, ҷумҳурӣ нею давлати мутлақ шуд. Кишоварзон ва ғуломони занғии шӯришбардошта соли 1889 буржуазияи Бразилияро маҷбур карданд, ки мутлақиятро барҳам зада,

мамлакатро ҷумҳурӣ эълон кунад. Вале аз эълон карда шудани ҷумҳурӣ вазъи зиндагонии кишоварзон беҳтар нашуд. Бинобар ин, ошӯбҳои кишоварзони Бразилия идома ёфтанд.

Дар огози асри XX шӯришҳои калони кишоварзон инчунин Аргентинаро ҳам фаро гирифтанд. Онҳо ислоҳоти Замин, паст кардани ҳаҷми пардохти андоз ва иҷорапулии Заминро тақозо мекарданд.

**Инқилоби буржуазӣ-демократӣ дар Мексика** (Солҳои 1910-1917). Аз соли 1876 то соли 1911 дар Мексика ҳокимияти диктаторӣ дар дасти Президент, генерал Порфирио Диас буд. Вай мамлакатро ба давлати ҳарбию политсиягӣ ва ниммустамликаи империализми Америка табдил дод. Сиёсати доир ба Замин, ки Диас ба амал мебаровард, барои халқ ниҳоят ҳалокатовар буд. Ӯ зӯран деҳқонони ҳиндуро аз Замин маҳрум карда, заминҳои ҷамоавиро кашида мегирифт. Миллионҳо кишоварзони ҳиндуи хонавайроншуда маҷбур буданд, ки дар конҳо, корхонаҳои нафткоркунӣ, заминҳои ширкатҳои инҳисории хориҷӣ ва дар заминҳои заминдорони маҳаллӣ кор кунанд. Замин, ҷангал ва дороии дигари кишоварзонро ширкатҳои инҳисории хориҷӣ ва руҳониёни Мексика кашида гирифта, аз худ мекарданд.

Аз солҳои аввали асри XX ҳаракатҳои инқилобии аҳолии мамлакат ба муқобили диктатураи Диас огоз ёфтанд. Дар



Иштирокчиёни инқилоби буржуазӣ дар Мексика.

шаҳрҳо ва минтақаҳои саноати кӯҳии Мексика аҳди меҳнат ва табақаҳои гуногуни буржуазия корпартоӣ ва намоишҳои зиддиҳукуматӣ ташкил менамуданд. Дар ҷануби мамлакат дастаҳои чирикии кишоварзон бо сардории Эмилиано Сапата (1877- 1919) ва дар шимол бо сардории Франсиско Виля (1877- 1923) амал мекарданд.Ҷаллод Порфирио Диас баромадҳои мардумро бо зарбаи тиру шамшер фурӯ менишонд. Дар солҳои 1910-1911 ҳаракатҳои парокандаю бенизоми нерӯҳои пешқадами мамлакат ба наҳзати пурзӯри инқилобии мунтазами зидди тартиботи пӯсидаи диктатории Диас табдил ёфтанд ва дар Мексика инқилоби буржуазию демократӣ ғалаба кард. Диктатор Порфирио Диас маҷбур шуд, ки аз мамлакат фирор кунад. Дар Мексика хокимият ба дасти буржуазияи миллӣ гузашт.

Оммаи кишоварзони безамин ва камзамин барои ба даст даровардани Замин мубориза мебурданд. Онҳо ба дастаҳои инқилобӣ дохил мешуданд ва шиорҳои Сапата "Замин ва озодӣ" ва "Бо сарбаландӣ мурдан беҳ аз зистан бо сари хам"-ро сармашқи муборизаи худ карда буданд. Буржуазияи дар сари ҳокимиятбуда зуд ба кишоварзон Замин дода натавонист. Ин ҳолат авҷи ҳаракати инқилобиро боз ҳам баландтар кард. Дастаҳои чирикӣ дар зери роҳбарии Сапата ва Виля ба артишҳои мунтазами кишоварзон табдил ёфта буданд.



Эмилиано Сапата (1880-1919)-фарзанди деҳқони камбағал, аз синни наврасӣ ба муқобили беодгариҳои заминдорон мубориза мебурд.

Империализми ИМА аз бенизомии дар натиҷаи инқилоби буржуазию демократии Мексика баамаломада истифода бурда, солҳои 1914 ва 1916 ду маротиба бар зидди инқилоби Мексика таҷовузи мусаллаҳона ташкил намуд. Лекин муқовимати қаҳрамононаи оммаи мардум ИМА-ро маҷбур намуд, ки сарбозонашро аз Мексика барорад.

Муборизаи ҷасуронаи мардуми Мексика ба муқобили иртиҷои дохила ва империализми хориҷӣ ба он оварда расонд, ки соли 1917 Конститутсияи демократии Мексика қабул карда шуд. Ин Конститутсия Мексикаро ҷумҳурӣ эълон намуда, ба мардуми он озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқи интихоботӣ дод. Ҳуқуқҳои хориҷиён дар мавриди истифодаи сарватҳои зеризаминии мамлакат маҳдуд карда шуданд.

Дар Конститутсия тақсимоти мулкҳои калон, ба заминдорони хурд ёрӣ расонидан, ҷорӣ кардани рӯзи кории 8-соата, ҳуқуқи корпартоӣ ва барпо намудани иттифоқҳои касаба дар назар дошта мешуд.

Вале Конститутсияи соли 1917-и Мексика пурра дар ҳаёт татбиқ нагардид. Ашхоси иртиҷоӣ ба муқобили он баромада, борҳо даст ба табаддулоти аксулинқилобӣ заданд. Ҳатто қатли пешвоёни ҳаракати инқилоби - Сапата ва Виляро ташкил намуданд.

Аз ҳаракатҳои инқилобии  ибтидои асри XX-и Америкаи Лотинӣ калонтаринашон инқилоби буржуазию демократии Мексика буд.



Ҷанги чирикҳои Мексика бо амрикоиҳо дар Веракрус

Ин инқилоб ҳарчанд, ки мардуми Мексикаро аз истисмори феодалӣ ва мамлакатро аз асорати империализми хориҷӣ озод карда натавонист, қариб дар тамоми Америкаи Лотинӣ нерӯҳои миллию озодихоҳро ба ҷунбиш даровард. Бедории инқилобии мардуми ин қисмати қитъаи Америка маҳз аз инқилоби буржуазию демократии солҳои 1910-1917-и Мексика оғоз ёфтааст.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. КӮШИШИ ИМА БАРОИ ТОБЕЪ КУНОНИДАНИ АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ

*(Аз рӯзномаи "Балтимор сан" (ИМА) аз 19 майи соли 1889)*

Мо мехоҳем тиҷоратро дар Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ на тавассути молҳои арзону баландсифат, балки бо нархҳои муҳофизат аз худ кунем. Мо мехоҳем, ки бандарҳои давлатҳои бо мо аҳду паймонкарда барои мо дастрас бошанд дар ҳоле, ки ба ин бандарҳо даромадани давлатҳои бо мо рақобаткунандаи аврупоӣ манъ карда шуда бошад.

### 2. ПАНАМАРО ТОБЕЪ КУНОНДАНИ ИМПЕРИАЛИЗМИ ИМА

*(Ноиби президенти ИМА Т. Рузвелт дар бораи аҳамияти сохтани Канали Панама барои ИМА)*

Мо дар ҳудуди сарҳадҳои худ хотирҷамъона нишаста, рӯйирост худро тоҷирони комроне эълон карда наметавонем, ки онҳо ба рӯйдодҳои ҷаҳон аҳамият намедиҳанд. Дар мубориза барои афзалият дар баҳр ва тиҷорат мо бояд нерӯҳои худро берун аз сарҳадҳоямон пурзӯр кунем. Мо бояд канали байниуқёнусӣ созем ва тамоми афзалиятҳоеро дошта бошем, ки ҳангоми ҳалли тақдири уқёнусҳои Шарқ ва Ғарб онҳо имконият медиҳад сухани худро иброз дорем.

### 3. РӮЗНОМАИ "ТАЙМС" АЗ 8 ДЕКАБРИ СОЛИ 1913 ДАР БОРАИ ПЕОНҲО

Ҳазорон кишоварзон дар ғуломии кироякунандагони худ - асендадоси (соҳибони асенда - мулки калони нимфеодалию нимсармоядорӣ. Шарҳи Т. 3.) калон мебошанд. Онҳо вазифадоранд, ки аз дӯкони асенда харид кунанд. Қарз ба осонӣ дода мешавад. Бо мурури замон кирокунандагон қарзеро пешниҳод мекунанд, ки кишоварзон ба ягон вақт пардохта тавонистани он умед баста наметавонанд. Ё ки онҳо барои тӯйи арусӣ қарз мегиранд...

Ё ки пул барои дафн кардан ҳам зарур мешавад. Ба ҳар навъ пеон ба тобеияти кирокунандаи худ медарояд... То он вақте ки ӯ қарздор аст, ба ҷое рафта наметавонад. Беш аз ин, қарз меросӣ буда, ба фарзандони қарздор мегузарад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1898 — ба ниммустамликаи ИМА табдил ёфтани Куба ва ба мустамликаи ИМА табдил ёфтани Пуэрто-Рико
1907 — дар Ҷумҳурии Доминикан ҷорӣ намудани протекторатаи ИМА.
1914 — ифтитоҳи Канали Панама
1916 — дар Ҷумҳурии Доминикан бо ёрии ИМА ҷорӣ шудани диктатураи ҳарбӣ
1915 — Гаитиро ишғол кардани лашкари баҳринизоми ИМА
1889 — шӯриши кишоварзон ва ғуломони зангӣ дар Бразилия
1910-1917 — инқилоби буржуазию демократӣ дар Мексика
1914-1916 — таҷовузи ИМА бар зидди инқилоби буржуазию демократии Мексика
1917— қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Мексика

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чаро мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар тараққиёти иқтисодию сиёсии худ аз мамлакатҳои пешқадами Аврупо ва Америкаи Шимолӣ ақиб монданд? **2.** Дар бораи ба иқтисодиёти мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ сар даровардани сармояи мамлакатҳои империалистӣ ва дар он ҷо ҳукмрон шудани онҳо нақл кунед. **3.** Мушаххасан бигӯед, ки тобеияти баъзе мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба мамлакатҳои империалистӣ, аз он ҷумла ба ИМА чӣ тавр сурат мегирифт? **4.** Вазъи зиндагии ҳиндуёнро шарҳ диҳед. **5.** Дар Мексика кай инқилоби буржуазию демократӣ ба амал омад? Он чӣ натиҷа дод? **6.** Эмилиано Сапата ва Франсиско Виля кистанд? **7.** Инқилоби буржуазию демократии Мексика кай ғалаба кард? **8.** Кай ду маротиба ИМА ба муқобили Мексика таҷовузи мусаллаҳона ташкил намуд ва онҳо чӣ натиҷа доданд? **9.** Кай дар Мексика Конститутсия қабул карда шуд? Нуктаҳои асосии ин Конститутсияро шарҳ диҳед. **10.** Ҳуҷҷатҳои мавзӯъро хонда, дар мавриди ҷавобдиҳӣ ба саволҳо ҳар кадоми онҳоро бамавқеъ истифода баред. **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## БОБИ III
## МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИҚО

Тараққиёти пуравҷи саноат дар мамлакатҳои пешқадами Аврупо ва ИМА аз корчаллонҳо майдони васеи фаъолиятро тақозо мекард. Молҳои истеҳсол кардаи онҳо дар дохили мамлакат ба фурӯш намерафтанд. Ҳукуматҳои ин мамлакатҳои ба сармоядорони бузурги миллӣ тобеъшуда, манфиатҳои онҳоро ифода мекарданд. Ширкатҳои пуриқтидор аз ҳукуматҳои худ талаб мекарданд, ки ба мустамликазабткунӣ даст зананд. Ҳарчанд мамлакатҳои пурқувваттарини Аврупо кайҳо боз ба забти мустамликаҳо шурӯъ карда, аксари давлатҳои Осиё ва Африқоро ё мустамлика ва ё ниммустамликаи худ гардонида буданд, лекин ин кор то ҳол анҷом наёфта буд.

Португалия, Испания, Ҳоландия ва Туркия мустамликазабткунии худро ҳанӯз дар асрҳои XV-XVI огоз карда буданд. Аз паси онҳо ба ин кор Фаронса ва Англия даст заданд. Баъдтар Австрия, Италия, Русия ва ИМА ба мустамликазабткунӣ шурӯъ карданд. Дар нимаи дуюми асри XIX Олмон ва Ҷопон ҳам ба ин қатор дохил гардиданд. Аз ҳама охир ба ин кор Белгия сар кард.

Дар нимаи дуюми асри XIX аксарияти мамлакатҳои Осиё ва Африқо ҳанӯз ҳам дар ҳолати асримиёнагӣ қарор доштанд. Ба иқтисодиёти онҳо саноати мошинӣ бо мушкилиҳои зиёде ворид мегардид. Артиши ин мамлакатҳо бо сипоҳи кӯҳнаи пастсифат мусаллаҳ буд. Мамлакатҳои истилогари аврупоӣ, ИМА ва Ҷопон артиши худро аллакай бо техникаи ҳарбии ҳозиразамони оташфишон мусаллаҳ карда буданд. Онҳо флоти буғии пурқувват ҳам доштанд. Аз ҳамин сабаб, мамлакатҳои Осиё ва Африқо худро аз таҷовузи мамлакатҳои Ғарб ва Ҷопон муҳофизат карда наметавонистанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX мамлакатҳои пешқадами Аврупо, ИМА ва Ҷопон ба давраи империалистии тараққиёти худ дохил гардиданд. Ин ҳолат барои забти мустамликаҳо рақобати тезу тунди байниҳамдигарии онҳоро ба миён овард.

Нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX мамлакатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, мамлакатҳои Осиё ва Африқоро дар ҳамин ҳолат дарёфт.

## § 11. ЧИН

**Вазъи иқтисодии Чин.** Дар огози нимаи дуюми асри XIX дар Чин истеҳсолоти мошинӣ пайдо шудан мегирад. Вале муносибатҳои истеҳсолии он мисли пештара феодалӣ буданд. Ин ҳолат ба давраи сармоядорӣ гузаштани ин давлатро мушкил мегардонд.

Пайдошавии корхонаҳои саноатии аввалин дар Чин ба солҳои 60-ум-80-уми асри XIX рост меояд. Онҳоро намояндагони табақаҳои болоии ҷомеа, ки ҷонибдори принсипи "худмустаҳкамкунӣ"-и Чин буданд, месохтанд. Ин ашхос ҷонибдори роҳи гарбии тараққиёти мамлакат ба шумор мерафтанд. Дар байни онҳо Тзен Го-фан, Ли Хун-Чжан, Чжан Чжи-Дун, Тзо Тзун-Тан ва дигарон буданд. Корхонаҳои аввалини саноатии Чин, асосан, давлатӣ буданд. Лекин аз солҳои 80-ум сар карда, сохтани корхонаҳои хусусӣ низ оғоз ёфтанд. Ин корхонаҳоро дар аввал танҳо тоҷирони калон, амалдорони баландмақоми давлатӣ ва заминдорони бой месохтанд. Лекин баъдтар корхонаҳои саноатии бо сармояи якҷояи давлатию хусусӣ сохташуда низ пайдо мешаванд.

Бештари корхонаҳои нав ба кор даровардашуда заводҳои мошинасозӣ, коркарди оҳан, фабрикаҳои бофандагӣ ва абрешим буданд. Соли 1861 Тзен Го-фан дар Антсин ва солҳои 1862 - 1865 Ли Хун-Чжан бо ёрии англисҳо дар Сучжоу ва Шанхай заводҳои калонтарини силоҳбарорӣ ва киштисозиро бунёд кард. Соли 1881 дар Чини Шимолӣ роҳи оҳани аввалин ҳам ба кор медарояд. Соли 1891 аз тарафи генерал-губернатори Ханян Чжан Чжи-Дун дар музофот комбинати маъданкоркунӣ сохта мешавад.

Дар баробари пешрафти соҳибкории миллии Чин, рақобати сармояи хориҷӣ бо сармояи ин давлат ба амал меояд. Қариб дар ҳамаи шаҳрҳои калони мамлакат сармоядорони хориҷӣ фаъолият мекарданд. Дар солҳои 70-ум барои хориҷиён 26 бандари Чин кушода буданд. Хориҷиён дар ин бандарҳо озодона ба тиҷорату корчаллонӣ машғул буданд. Соли 1865 Англия бонки Гонконг - Шанхайро ташкил мекунад. Ин бонк дар Чин воситаи муҳими таҷовузи иқтисодии Англия мешавад. Соли 1885 дар Шанхай аллакай 15 корхонаи саноатии хориҷиён мавҷуд буд. Ҳукумати Чин саноати ҷавони худиро аз рақобат бо сармояи хориҷӣ муҳофизат карда наметавонист, чунки дасту пойи он

тавассути созишномаҳои асоратовар бо давлатҳои абарқудрати хориҷӣ баста шуда буданд. Дар Чин ҳаҷми тиҷорати аврупоиён сол то сол бемайлон боло мерафт. Чин оҳиста-оҳиста ба манбаи ашёи хоми сармояи хориҷӣ табдил меёфт.

**Вазъияти байналхалқии Чин.** Фишори мамлакатҳои бузурги Ғарб ба Чин дар солҳои 60-ум ва 70-ум низ давом меёфт. Хориҷиён мехостанд, ки барои онҳо ҳамаи дарҳои Чин боз бошанд, то ки молҳои худро ба ин давлат, аз он ҷумла, ба музофотҳои Сичуан, Юнъан ва Гуйчжоу озодона дароварда фурӯшанд. Ҳукумати императории Чин ба фишори хориҷиён тоб наоварда, маҷбур шуд, ки соли 1876 дар Чифу ба конвенсияе имзо гузорад. Он дар назар дошт, ки Чин барои хориҷиён дар дарёи Янтсзи бандари асосии худро мекушояд.

Солҳои 70-ум фаронсавиён мавқеи худро дар ҷануби Ветнам, ки он Кохинхин ном гирифтааст, мустаҳкам намуда, баъд Ҳукумати Ветнамро маҷбур карданд, ки протекторати Фаронсаро қабул намояд. Дар солҳои 80-ум бо сабаби даъвоҳои Фаронса ба Ветнам муносибатҳои байни Фаронса ва Чин муташанниҷ мешаванд. Моҳи августи соли 1884 зскадраи Фаронса ба гурӯҳи киштиҳои Чин, ки дар Фучжоу ҷойгир буд, ҳуҷум намуда, 22-тои онро ғарқ мекунад. Бо ҳамин, ҷанги Фаронсаю Чин солҳои 1884-1885 оғоз ёфта, он 9 июни соли 1885 бо имзо шудани Созишномаи сулҳ дар Тянсзин байни Чин ва Фаронса ба охир мерасад. Мувофиқи он Чин протекторати Фаронсаро бар Аннам эътироф мекунад. Аз рӯйи созишномаи тиҷоратӣ, тоҷирони Фаронса ҳуқуқ пайдо карданд, ки дар Юнъан озодона савдогарӣ кунанд. Ҳамин тавр, фаронсавиҳо барои ба даруntари Чин сар даровардан дар Аннам такягоҳ пайдо намуданд.

Аз лаҳзаи муносиб истифода бурда, Англия соли 1885 Бирмаро ба мустамликаи худ табдил дод. Баъди ин забткорӣ мулкҳои Англия ба сарҳадҳои Чин хеле наздик шуданд.

Соли 1872 Ҷопон ба ҷазираҳои Ликей, ки дар тобеияти якҷояи Ҷопон ва Чин буданд, ҳуҷум кард ва соли 1879 онҳоро ба даст даровард. Соли 1874 Ҷопон хост, ки ҷазираи дигари Чин-Тайванро низ забт кунад. Барои расидан ба ҳамин мақсад, Ҷопон бар зидди Чин ҷанг кард, лекин аз натиҷаҳои он ИМА баҳравар шуд. ИМА ҳуқуқ пайдо кард, ки тиҷорати худро дар Тайван вусъат диҳад. Дар солҳои 90-ум ташаббуси давлатҳои абарқудрат

барои ба итоати худ даровардани Чин ба ихтиёри Ҷопон гузашт. Ҷопон бар зидди Чин аз воқеаҳои ғарқ шудани киштии чиноии "Таошэн" 25 июли соли 1894 оғоз ёфт. Амалиётҳои ҳарбӣ аввал дар қаламрави Корея сурат гирифтанд. Дар муҳорибаи назди Пхенян 16 сентябри соли 1894 артиши 20 ҳазорнафараи Чин шикаст хӯрда, ба тарафи дарёи Ялу ақибнишинӣ мекунад. Дар як вақт, лашкари Ҷопон ба нимҷазираи Ляодун фаромада, 6 ноябр Далянро ишғол кард. Баъд он 21 ноябр қалъаи навсохти Люйшун (Порт-Артур)-ро ба даст даровард. Моҳи сентябри соли 1894 Ҷопон флоти Чинро торумор кард.

Баъди таслим шудани Люйшуи, моҳи ноябри соли 1894, ҳукумати Чин ба мамлакатҳои бузург муроҷиат кард, то ки онҳо дар байни Чин ва Ҷопон миёнарав шаванд, вале ин кор натиҷаи дилхоҳ надод. Биноан, ҳукумати Чин маҷбур шуд, ки бо Ҷопон дар бораи сулҳ гуфтушунид кунад. Ҳамин тариқ, 17 феврали соли 1895 дар Симоносеки шартномаи сулҳи Ҷопон ва Чин ба имзо расид. Мувофиқи он Чин истиқлолияти Кореяро эътироф намуд, ҷазираи Тайван ва нимҷазираи Ляодунро ба Ҷопон гузашт карда, ба маблағи 200 млн лян товони ҷанг дод. Баъди эътирози Русия ва онро дастгирӣ кардани Фаронса ва Олмон, Ҷопон аз нимҷазираи Ляодун даст кашид.

**Вазъи дохилии Чин.** Дар солҳои 90-уми асри XIX халқи Чин бар зидди император ба мубориза оғоз кард. Сиёсати таслимкоронаи хориҷии Тси Си ба мардуми мамлакат маъқул набуд.



Юан Ши-Кай.
У ҷонибдори дар Чин аз нав барқарор кардани ҳокимияти диктаторӣ буд.

Арбобони илму фарҳанг дар мамлакат гузаронидани ислоҳотро тақозо мекарданд. Моҳи апрели соли 1898 дар Пекин бо номи "Баого хузӣ" ("Иттифоқи дифои мамлакат") иттиҳоди ҷонибдорони ислоҳот таъсис меёбад. Император ҳам маҷбур мешавад, ки дар ин масъала ба садои мардум гӯш диҳад. 11 июни соли 1898 амри нахустини император Тси Си дар бораи ислоҳот эълон мешавад. Бо ҳамин, давраи "100 рӯзи ислоҳот" аз 11 то 21 сентябри соли 1898 фаро мерасад. Барои оғоз ёфтани ин ислоҳот мақоми Кан Ю-вей ном ватандӯст калон буд. Ӯ моҳи декабри соли 1897 ба номи император маърӯзаи панҷуми худро фиристода, иброз медорад, ки ҳарчанд Чин зоҳиран мамлакати соҳибистиқлол менамояд, вале дар амал тамоми тиҷорат, роҳҳои оҳан ва бонкҳо дар дасти душманони он аст. Кан Ю-вей императорро огоҳ кард, ки агар ислоҳот амалӣ нашавад, тақдири Аннам ва Бирма Чинро ҳам интизор аст. Император фармуд, ки маърӯзаи Кан Ю-вейро амалдорони баландмартабаи мамлакат омӯзанд.

Ҷонибдорони Кан Ю-вей Тан Си-тун, Лян Тси-чао, Кан- Гуанжен ва дигарон аз император мансабҳои масъулро гирифтанд. Худи Кан Ю-вей мансаб нагирифта бошад ҳам, илҳомбахши ҳамаи чорабиниҳои "100 рӯзи ислоҳот" буд. Ислоҳоти мазкур дар мамлакат барҳам задани тартиботи куҳна ва ҷорӣ намудани тартиботи навро дар назар дошт. Ин ислоҳот моҳияти ватандӯстона дошта, татбиқи он бояд Чинро бо роҳи сармоядорӣ мебурд. Муқобилони ислоҳот дар атрофи малика Тси Си муттаҳид шуда буданд. Ислоҳотхоҳон бошанд, ба ёрии генерал Юан Ши-кай умед мебастанд. Вале Юан Ши-кай ислоҳотхоҳонро дастгирӣ накард, чунки қувваҳои онҳо кам буданд.

21 сентябри соли 1898 дар Чин табаддулоти иртиҷоӣ ба амал омад. Он рӯз мувофиқи фармони малика Тси Си шавҳари ӯ - император Гуансюй ҳабс карда шуд. Роҳбарони ислоҳот Кан Ю- вей ва Лян Тси-чао фирор карданд. Як қисми онҳо зиндонӣ ва як қисмашон қатл карда шуданд. Иттиҳоди ислоҳотхоҳон - "Иттифоқи дифои мамлакат" барҳам хӯрд.

Дар охири солҳои 90 -ум дар Чин "Ихэтуан"-ҳо, яъне "Мушти барои сулҳ ва адолат бардошташуда" сар мебардоранд. Соли 1899 ҳаракати "ихэтуан"-ҳо ба шӯриш табдил ёфта, ба лашкари император тез-тез зарба мезаданд. Моҳи июни соли 1900 ихэтуанҳо ба Пе-

кин лашкар кашида, дар муҳорибаи наздикии Лэйшуяни ҷанубу ғарбтари Пекин сипоҳиёни императорро торумор намуда, 13-14 июн ба Пекин даромада, онро ишғол карданд. Мамлакатҳои империалистӣ шӯриши "ихэтуанҳо"-ро барои таҷовуз ба Чин ҳамчун баҳона истифода бурданӣ шуданд.

17 июн лашкари онҳо истеҳкоми Дагуро забт кард. Дар ин ҳолат "ихэтуан"-ҳо аз император талаб карданд, ки бар зидди мамлакатҳои хориҷӣ ҷанг эълон кунад. 21 июни соли 1900 Тси Си маҷбур мешавад, ки ба фармони эълони ҷанги зидди давлатҳои хориҷӣ имзо гузорад.

Шаҳри Пекин дар дасти "ихэтуан"-ҳо буд. Онҳо кӯчаеро, ки дар он дипломатҳои хориҷӣ зиндагонӣ мекарданд, муҳосира карда, сафири олмонӣ Кеттелер ва мушовири сафоратхонаи Ҷопон Суғиямаро қатл карданд. Баъди ин давлатҳои империалистӣ иброз доштанд, ки дипломатҳои дар Пекин муҳосирабударо озод карданианд. Дар ин таҷовузи зидди Чин Олмон, Ҷопон, Италия, Англия, ИМА, Фаронса, Русия ва Австро-Венгрия иштирок карданд.

Таҷовузи муштараки давлатҳои империалистӣ ба Чин дар миёнаҳои соли 1900 оғоз ёфт. 14 июл онҳо қисмати чинии Тянсзин ва 14-15 август Пекинро ҳам ишғол карданд. Ҳукумати Чин ба Сиаи



**Сун Ятсен (1866-1925) инқилобчи-демократи Чин**

фирор кард. Шӯриши "ихэтуан'-ҳо шикаст хӯрд ва 7 сентябри соли 1901 дар байни мамлакатҳои хориҷӣ ва Чин "Протоколи хотимавӣ" ба имзо расонида шуд. Мувофиқи он дар мамлакат фаъолияти созмонҳои зиддихориҷӣ манъ карда мешавад. Аз рӯйи протоколи мазкур Чин то соли 1940 бояд 450 млн лян товони ҷанг медод. "Протоколи хотимавӣ" дар ба зери асорати давлатҳои империалистӣ гирифтор шудани Чин марҳилаи нав гардид.

**Ҳаракатҳои инқилобӣ**. Дар баробари ҳаракати ислоҳотхоҳӣ дар Чин ҳаракати инқилобӣ-демократӣ низ огоз мeёбад. Ин ҳаракат бо номи инқилобчии демократи бузурги Чин Сун Ятсен алоқаманд аст. Ӯ 12 ноябри соли 1866 дар деҳкадае воқеъ дар наздикии Гуанчжоу дар оилаи кишоварз таваллуд ёфтааст. Сун Ятсен солҳои 1879-1883 бо ҳамроҳии бародараш дар шаҳри Гонолулуи ҷазираҳои Гавай зиндагонӣ карда, баъди хатми мактаби миёна ба Ватан баргашта, соли 1892 Донишгоҳи англисии тиббии Гонконгро хатм мекунад. Сун Ятсен соли 1894 дар ҷазираҳои Гавай бо номи «Синчжунхуэй» ("Ҷамъияти эҳёи Чин") ҷамъияти инқилобӣ - демократиро ташкил мекунад. Ин ҷамъият дар назди худ вазифа гузошт, ки манҷурҳоро аз Чин ронда, обрӯю эътибори байналхалқии мамлакатро аз нав барқарор менамояд.

"Ҷамъияти эҳёи Чин" мақсад дошт, ки соли 1895 бо ёрии аъзоёни ҷамъиятҳои пинҳонкор дар Гуанчжоу шӯриш бардорад. Лекин тайёрӣ ба он аз тарафи ҳукуматдорон ошкор гардида, 9 сентябри соли 1895 иштирокчиёни шӯриши баамалнаомада ҳабс карда шуданд. Сун Ятсен маҷбур мешавад, ки аввал ба Гонконг ва баъд аз он ҷо ба Америка фирор кунад.

Моҳи августи соли 1905 Сун Ятсен дар Ҷопон созмони нави инқилоби "Чжунго гэмин тунмэнхуэй" ("Лигаи муттаҳидаи инқилобӣ")-ро ташкил кард, ки он бо номи "Лигаи иттифоқӣ" машҳур аст. Он дар асоси аз нав ташкил кардани "Ҷамъяти эҳёи Чин" ба вуҷуд омад. Ба "Лигаи иттифоқӣ" аввал тахминан 60 - 70 нафар дохил буданд, вале то соли 1906 шумораи онҳо ба 10 ҳазор нафар мерасад. Президенти "Лига" Сун Ятсен интихоб мешавад. Аз моҳи сентябри соли 1905 органи чопии "Лига" "Мин бао" ("Халқ") интишор мешавад. Вай дар тарғиби ғояҳои ин созмон мақоми калон пайдо мекунад. "Лигаи иттифоқӣ" нашрияҳои дигар ҳам дошт.

Ташкилёбии "Лигаи иттифоқӣ" дар сафарбар кардани нерӯҳо бар зидди мутлақияти манҷурӣ қадами муҳиме гардид.

"Лигаи иттифоқӣ" барномаи худро дошт. Дар он се принсипи Сун Ятсен инъикос ёфта буд: миллӣ, демократӣ ва некӯаҳволии халқ. Онҳо се мақсади асосии ватандӯстони Чинро ифода мекарданд: аз мамлакат пеш кардани манҷурҳо, барқарор кардани истиқлолияти Чин, эълон кардани ҷумҳурӣ ва истифодаи баробари Замин.

Дар солҳои 1906-1908 дар мамлакат ҳаракати инқилобӣ-демократӣ авҷ мегирад. Дар як қатор музофотҳои Чин, аз он ҷумла, дар Хунан, Тсзяной, Гуандун, Гуанси, Юнъан ҳаракатҳои инқилобӣ ба амал омаданд, ки онҳоро аъзои "Лигаи иттифоқӣ" тайёр карда буданд.

Дар баробари ҳаракати инқилобӣ дар зери таъсири он ҳаракати конститутсионӣ - мутлақиятхоҳӣ огоз меёбад. Иштирокчиёни ин ҳаракат тақозо доштанд, ки Император ба қабули Конститутсияи Чин розӣ шавад. Ин талаби конститутсиячиён - мутлақиятхоҳони онҳоро дар муқобили "Лигаи иттифоқӣ" гузошт. Ҳаракати нав органи чопии худ "Синъмин Тсунбао" ("Халқи ҷадид")-ро нашр мекард. Иштирокчиёни ҳаракати конститутсиячиён - мутлақиятхоҳон Ҳукумати манҷуриро бовар мекунониданд, ки татбиқи ислоҳотро тезтар ба амал баровардан лозим аст, вагарна мисли Русия дар Чин ҳам инқилоб ба амал меояд, яъне онҳо ислоҳотро ҳамчун роҳи ягонаи пешгирии инқилоб медонистанд.

**Инқилоби Синхай.** 9 майи соли 1911 дарбори Теин дар бораи сохтмони роҳҳои оҳани нав фармон баровард. Баъди якчанд рӯз-20 майи соли 1911 байни ҳукумати Чин ва консорсиуми байналхалқӣ, ки ба он бонкҳои Англия, Фаронса, Олмон ва ИМА дохил буданд, барои сохтани роҳи оҳани Ханкоу - Гуанчжоу ва Ханкоу - Сичуан ба маблаги зиёда аз 6 млн ф.-ст. вомбарг созишнома ба имзо расид, ки он сабабгори асосии тобистони ҳамон сол дар Чин вусъат ёфтани ҳаракати инқилобӣ мегардад. Соли 1911 ин инқилоб ба худ номи "Синхай"-ро гирифтааст.

6 сентябри соли 1911 дар Чэнду, воқеъ дар музофоти Сичуан сипоҳиёни манҷурӣ ба сӯйи мардуми ҷамъшуда оташ кушоданд. Ин воқеа косаи сабри мардумро лабрез кард.

Бегоҳии 10 октябри соли 1911 дар зери роҳбарии узви созмони инқилобӣ сержант Сюн Бинкун аскарони баталиони сайёрҳо дар Учан шӯриш бардоштанд. Ба онҳо полкҳои дигари гарнизони ин шаҳр низ ҳамроҳ шуданд. Шабона сипоҳиёни аскарони исёнбардоштаи шаҳри Учан ситоди императорро ишғол карданд. Амалдорони манчурӣ аз шаҳр фирор карда, дар соҳили Янтсзи пинҳон шуданд. Рӯзи дигар аъзои созмонҳои инқилобӣ бо ҳамроҳии Кумитаи маслиҳатии музофот қарор карданд, ки ба Ҳукумати инқилобии Хубэй фармондеҳи артиши омехтаи Учан Ли Юанъхун таъин карда шавад.

Дар маҷлиси инқилобчиён ва аъзои ассамблеяи маслиҳатии музофот қарор қабул карда шуд, ки минбаъд мамлакат Ҷумҳурии Чини панҷ миллат - чиноиҳо, манҷурҳо, муғулҳо, дунганҳо ва тибетиҳо номида шавад. Ҳукумати нав қарор кард, ки оид ба ҳамаи ҷиноятҳои содиркадаи сулолаи Теин эъломия нашр кунад. Дар ин эъломия гуфта мешуд, ки ҳамаи музофотҳои Чин ва аскарони сипоҳи император ба тарафи инқилоб гузаранд. Дар нотаи аз номи ҳукумати инқилобӣ ба консулҳои давлатҳои хориҷии дар Ханкоубуда фиристодашуда зикр шудааст, ки шартҳои созишномаҳои бо давлатҳои хориҷӣ бастаи ҳукумати Теин эътибор доранд. Иштирокчиёни инқилоб бо нияти аз зери зулми манҷурҳо озод шудан, кокулҳои худро тарошиданд.

Баъди ғалабаи инқилоб бар Учан ва эълони истиқлолияти Чин дар давоми моҳҳои октябр - ноябри соли 1911 боз 14 музофоти империяи Теин ҳокимияти манчурҳоро барҳам заданд. То охири соли 1911 аз 18 музофот танҳо 3 музофот (Чжили, Хэнан ва Ганъсу) бо ном ҳукумати Тсинро эътироф мекарданду халос.

29 декабри соли 1911 вакилони аз музофотҳо омада, дар Нанкин Сун Ятсенро, ки якчанд рӯз пештар аз муҳоҷирати дуру дароз баргашта буд, Президенти муваққатии Чин интихоб карданд.

Дар ин давра нерӯҳои аксулинқилоб фаъол шуданд. Роҳбари онҳо Юан Ши-Кай буд. Дарбори император 3 ноябри соли 1911 барои наҷоти мутлақият Конститутсияро эълон ва ҳукумати манҷуриро пароканда карда, ба Юан Ши-Кай супориш медиҳад, ки ҳукумати наврo ташкил кунад.

Юан Ши-Кай дар вазифаи нахуствазир тамоми нерӯҳои ҳарбӣ ва ҷонибдорони худро муттаҳид намуда, аз ҷониби император бар зидди инқилоб ба ҳуҷум мегузарад. 27 ноябр

нерӯҳои зиддиинқилобӣ дар зери роҳбарии Юан Ши-Кай Ханъянро мегиранд. Қисме аз роҳбарони ҷумҳуриятхоҳон таклиф карданд, ки бо Юан Ши-Кай сулҳ баста шавад. 17 декабри соли 1911 дар шаҳри Шанхай байни онҳо гуфтушунид сар шуд. Ба ин гуфтушунид мамлакатҳои империалистӣ - Англия, Фаронса, Олмон. Ҷопон, Русия ва ИМА дахолат карданд. Онҳо аз тарафҳо ба ҳамдигар гузашт карданро тақозо карданд, то ки инқилоби Синхай шикаст дода шавад.

1 январи соли 1912 Сун Ятсен ба иҷрои вазифаи президенти муваққатии Ҷумҳурии Чин шурӯъ кард. Ӯ дар эъломияи президентии худ гуфт, ки бо барҳам хӯрдани мутлақияти Теин, ӯ ҳам аз вазифаи президентии муваққатии Чин даст мекашад.

Юан Ши-Кай ба дарбори Теин фишор меовард, то ки сулолаи Теин аз ҳокимияти Чин даст кашад. Дар ин сурат, ҳокимияти Чин ба дасти ӯ мегузашт. Император Тси Си дигар дар байни халқ ягон такягоҳе надошт. Барои ҳамин, 12 феврали соли 1912 ба "Манифест дар бораи дасткашӣ аз ҳокимият" имзо гузошт. Бо ҳамин мутлақияти Теин аз байн рафт.

Баъди ин, 1 апрели соли 1912 Сун Ятсен расман эълон кард, ки ба истеъфо меравад. Вазифаи президент ба дасти Юан Ши-Кай гузашт. Ҳамин тавр, инқилоби Синхай шикаст хӯрд. Юан Ши-Кай дар Чин диктатураи худро барпо намуд.

Сарфи назар аз камбудию нокомиҳояш, инқилоби Синхай аҳамияти калони таърихӣ дошт. Якум, он ба ҳукмронии сулолаи манчҷурҳо дар Чин хотима гузошт. Дуюм, Синхай оммаҳои васеи аҳолии Чинро ба мубориза барои ҷомеаи демократӣ бедор кард. Сеюм, гояҳои истиқлолиятхоҳонро дар байни халқ паҳн намуд.

**ТАЛАБҲОИ "ЛИГАИ ИТТИФОҚӢ"**

*А. Аз китобчаи "Лигаи Иттифоқӣ" Чжэн Тян-Хуа (1906)*

Ҷанобон! Бигӯед, ки ҳоло мо чӣ хел ҳукумат дорем? Чиноӣ? Манчҷурӣ? На.Он аллакай ба хизматгори ҳамаи мамлакатҳо табдил ёфта, хукм аз болои молия, роҳҳои оҳан ва ҳуқуқи истифодаи мардуми моро бо ду дасти адаб ба аҷнабиён супоридааст. Барои ин кор ба аҷнабиён ҷидду ҷаҳде ҳам лозим набуд. Фармоне кифоя аст, ки ҳамон лаҳза манчҷурҳо ба иҷрояш расонанд.

Бигӯед. ки кадом кори дар вақтҳои охир ба иҷро расонидаи ҳукумати Тсин бе фармони аҷнабиён амалӣ гардидааст? Мо бо забони фаҳмо мегӯем: "Дафъ шавед, аҷнабиён!". Вале мутлақият моро на душмани аҷнабиён, балки душмани мутлақияти мавҷуда мешуморад ва ният дорад, ки моро ҳамчун исёнгарони

хиёнаткор ба қатл расонад. Ҷанобон! Мо бояд барои ин ҳақиқатро возеҳу равшан намоем: дар ҳама кор ба ҳукумат такя карда наметавонем, зеро мо ҳар қадар халқи ғулом будан намехоҳем гӯем ҳам. кайҳост, ки ба ғулом табдил ёфтаем, ҳарчанд ба ин бовар намекунем.

*Б. Аз манифести "Лигаи Иттифоқӣ" (С. 1905)*

Дар зарфи 260 сол мо, чиноиҳо, мардуми давлати худро гумкарда ҳастем. Акнун, вақте ки сатҳи ҷинояткорӣ ва ваҳшонияти ҳукумати манҷурӣ ба ҳадди интиҳои худ расид, мо бояд қувваҳои адолатхоҳи худро ба по хезонда, истиқлолияти худамонро аз нав барқарор кунем....Чин давлати худи чиноиҳост. Аз ин рӯ, Чинро бояд худи чиноиҳо идора кунанд. Баъд аз сарнагун кардани ҳукмронии манҷурӣ бояд давлати миллии Чин аз нав барқарор карда шавад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

| | |
|---|---|
| 1861 – | дар Чини Шимолӣ роҳи оҳани аввалин ба кор даромад |
| 1865 – | Англия бонки Гонконг-Шанхайро кушод. |
| 1884-1885 – | ҷанги Фаронсаю Чин |
| VI.1885 – | баста шудани Созишномаи Тянсзин дар байни Фаронса ва Чин |
| 1885 – | ба мустамликаи Англия табдил ёфтани Бирма. |
| 1879– | ҷазираҳои Ликейро забт кардани Ҷопон |
| 17.II.1895 – | Дар Симоносэки баста шудани Созишномаи сулҳи Чин ва Ҷопон |
| 21.IX.1898 – | Дар Чин ба амал омадани табаддулоти давлатӣ |
| 1899 – | Шӯриши «ихэтуан»-ҳо дар Чин |
| 7.IX. 1901– | ба имзо расидани «Протоколи хотимавӣ» бо Чин аз тарафи мамлакатҳои ба Чин таҷовузкарда |
| 1911– | Инқилоби Синхай дар Чин |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Кадом далелҳо дар бораи дар Чини нимаи дуюми асри XIX ба вуҷуд омадани муносибатҳои сармоядорӣ шаҳодат медиҳанд? **2.** Оё барои дар Чин пайдо шудани саноат, роҳҳои оҳан ва бонкҳо давлатҳои хориҷӣ саҳм доштанд? Дар ин бора мисолҳо биёред. **3.** Дар бораи вазъи байналхалқии Чини солҳои 60-ум ва 70-уми асри XIX маълумот диҳед. **4.** Дар бораи ҷанги Ҷопон бар зидди Чини солҳои 1894-1895 нақл кунед. **5.** Дар бораи вазъи дохилии Чини ни-

маи дуюми асри XIX маълумот диҳед. **6.** "Сад рӯзи ислоҳот" чӣ дод? **7.** Шӯриши "ихэтуан"-ҳо чӣ тавр сурат гирифт ва чӣ тавр анҷом ёфт? **8.** Се принсипи Сун-Ятсенро номбар карда, шарҳу эзоҳ диҳед. **9.** Дар бораи "Лигаи иттифоқӣ" нақл кунед. **10.** Дар таҷовузи муштараки мамлакатҳои империалистӣ бар зидди Чин кадом давлатҳо иштирок карданд? **11.** Дар бораи инқилоби Синхай чиҳо медонед? **12.** Мақоми Тси Си, императори Чин, Юан Ши-Кай ва давлатҳои империалистиро дар шикаст хӯрдани инқилоби Синхай муайян кунед. **13.** Инқилоби Синхай дар таърихи Чин чӣ аҳамият дошт? **14.** Дар бораи ҳуҷҷатҳои мавзӯъ алоҳида-алоҳида хулоса бароред. **15.** Мавзӯъ ба шумо чӣ таассурот бахшид?

## § 16. КОРЕЯ

**Ба Корея сар даровардани мамлакатҳои империалистӣ.** Дар нимаи дуюми асри XIX дар Корея бухрони сиёсӣ боз ҳам тезу тундтар мешавад. Он ба замони огози ба Корея сар даровардани мамлакатҳои бузурги сармоядорӣ рост омад. Агар то миёнаҳои ин аср ба Корея бештар мамлакатҳои Аврупо сар даровардани мешуданд, пас дар нимаи дуюми он ба қатори ин давлатҳо Ҷопон, ИМА ва Олмон ҳам ҳамроҳ мешаванд. Дар ин кор махсусан Ҷопон фаъол буд. Олмон аврупоӣ бошад ҳам, сиёсати империалистии худро дертар оғоз карда буд. Ба Корея сар даровардани он ба аввали фаъолияти истилогаронаи хориҷии ин давлат рост омад.

Нисбат ба дигар давлатҳои номбурда, Ҷопон барои ба худ тобеъ кардани Корея бештар талош мекард. Соли 1875 дар ҷазираи Канхва дар байни Корея ва Ҷопон бархӯрди ҳарбӣ ба амал омад. Баъди рӯй додани ин воқеа, ҳукумати Ҷопон ба Корея сафир фиристода, талаб кард, ки он бо Ҷопон шартномаи "дӯстӣ" бандад. Азбаски Корея муқобилияти бояду шояди ҳарбӣ нишон дода наметавонист, маҷбур шуд, ки ба Ҷопон итоат карда, 26 феврали соли 1876 дар ҷазираи Канхва ба зери "шартнома дар бораи сулҳ ва дӯстӣ"-и пешниҳодкардаи ин давлат имзо гузорад. Мувофиқи ин шартнома, Корея бандарҳои Пусан, Чемулпо (Инчхон) ва Венсанро барои тиҷорату соҳибкории ҷопониҳо кушод. Ҷопон дар Корея барои шаҳрвандони худ ҳуқуқи дахлнопазирӣ ба даст даровард. Инчунин, тоҷирони ҷопонӣ метавонистанд молҳои худро бе пардохти боҷ ба Корея даро-

варда фурӯшанд ва дар бозорҳои он пули ҷопониро ба муомилот бароранд. Ба шартнома такя карда, ҷопониҳо рӯйирост ба корҳои дохилии Корея дахолат мекарданд.

Мамлакатҳои дигари сармоядор низ аз Ҷопон ақиб монданӣ набуданд. Онҳо ҳам ба гардани Корея шартномаҳои асоратоварро бор мекарданд. Мувофиқи шартномаи ИМА ва Корея аз 22 майи соли 1882 шаҳрвандони амрикоӣ дар бандарҳои Пусан, Вонсан ва Инчхон ҳуқуқи тиҷорати озодона, дар қаламрави мамлакат харидани Замин ва сохтмони корхонаҳои саноатиро пайдо намуданд. Дар солҳои 1883-1884 чунин шартномаҳоро бо Корея Англия, Олмон, Италия, Русия ва чанде баъдтар Фаронса ҳам мебанданд.

**Вазъи дохилии Корея.** Ба давлатҳои сармоядори хориҷӣ бастани шартномаҳои нобаробар норозигии ватандӯстони Кореяро ба вуҷуд овард. Ин норозигӣ ба ҳаракати миллию озодихоҳии халқ бар зидди истилогарони хориҷӣ табдил ёфт. Яке аз ҳамин шӯришҳо соли 1882 дар Сеул ба амал омад. Дар ин шаҳр аввалин шуда, аскарон ба шӯриш огоз карданд. Ба аскарони шӯришбардошта деҳотиёни гирду атрофи шаҳр ҳам ҳамроҳ шуданд. Шӯриши аскарон дар Сеул ба шӯриши зидди ҳукумат ва истилогарони хориҷӣ табдил ёфт. Онҳо бо қатъияти том амал карда, мушовири ҳарбии ҷопониро кушта, бинои намояндагии ин давлатро сӯзониданд. Ҳайати он аз Сеул фирор кард. Шӯришгарон хонаҳои амалдорони давлатиро ба хок яксон ва молу мулки онҳоро намоишкорона оташ заданд.

Аз музаффариятҳои шӯриш тэвонгуни Корея истифода бурда, бо ёрии аскарони шӯришбардошта ба каср баргашта, ба ҳукумат роҳбарӣ кард. Лекин ин кор дер давом накард. Ҳукумати Чин ба Корея лашкар фиристода, ин шӯришро пахш кард ва Минҳо аз нав ба сари ҳокимият омаданд. Тэвонгун ба Чин бадарга карда шуд. Ҷопон ба ҳукумати нави Корея фишор меовард. Мувофиқи шартномаи нав Корея уҳдадор шуд, ки ба Ҷопон товони ҷанг бидиҳад. Дар пойтахт сарбозони Ҷопонро аз маводи зарурӣ таъмин намуда, ба роҳбарони шӯриш ҷазо медиҳад.

Дахолати Чин ва Ҷопон вазъи бе ин ҳам мураккаби дохилии Кореяро мураккабтар кард. Дар дохили мамлакат гурӯҳбандиҳои тамоюли чинӣ ва ҷопонӣ бар зидди ҳамдигар мубориза мебурданд. Ба гурӯҳи ҷонибдорони Чин муяссар шуд, ки соли 1882 "Қарордод дар бораи тиҷорати байни Чин ва Корея"-ро

ба имзо расонад. Ин қарордод ба Чин чунин имтиёзҳоеро медод, ки як қатор давлатҳои империалистӣ дар ин мамлакат онҳоро аллакай ба даст дароварда буданд.

Дар ҳамин давра, дар Сеул Ҳизби истиқлолиятхоҳии Корея ташкил меёбад. Он таклиф пешниҳод менамояд, ки дар Корея ислоҳоти сохтори давлатӣ ба амал бароварда шавад. Ин ҳизб ҷонибдори дар мамлакат татбиқ кардани комёбиҳои техникию фарҳангии аврупоӣ ва аз ҳокимият дур сохтани минҳои бо роҳи чинӣ мерафтагӣ буд.

Ба ислоҳотхоҳони Корея ҳукумати Ҷопон ёрӣ мерасонд. Барои ба мақсади худ расидан, ҳукумати Ҷопон аз ягон восита рӯй намегардонд. Намояндагони расмии он охири соли 1884 дар Сеул табаддулоти давлатӣ тайёр карданд. Табаддулотчиёни ҷопонӣ дар зери роҳбарии Ким Оккюн ва бо ёрии дастаи аскарони Ҷопон қасри шоҳро ишғол карда, худи шоҳро асир гирифта, аз ҳисоби ҷонибдорони Ким Оккюн ҳукумати нав ташкил карданд. Ин ҳукумат лоиҳаи ислоҳоти давлатиро пешниҳод намуд. Мувофиқи ин ислоҳот корҳои давлатӣ аз корҳои дарбор ҷудо карда шуда, ба зиммаи кабинети вазирон гузошта шуданд. Дар назар дошта шуда буд, ки муассисаҳои давлатӣ, артиш ва политсияро ба тарзи аврупоӣ аз нав сохта, имтиҳонҳои давлатӣ ва аз рӯйи ашрофзода будан таъин кардани амалдорон бекор карда шавад. Дар барномаи ҳукумат баробарҳуқуқии табақаҳо эълон карда мешуд. Дар ислоҳоти давлатии ҳукумат баъзе чораҳои дигари пешқадам низ пешбинӣ шуда буданд. Лекин ин ҳукумат ҳамагӣ 48 соат умр дид. Аз ин рӯ, ислоҳоти худро ба амал бароварда натавонист. Дар баробари торумор карда шудани дастаҳои аскарони ҷопонӣ, ки ҳукумати ислоҳотхоҳон ба онҳо такя мекард, халқи шӯришбардошта ин ҳукуматро низ торумор ва чанд вазири онро қатл кард. Қисме аз ҳайати ҳукумат бо ҳамроҳии ҷопониҳо ба Инчхон ва аз он ҷо ба Ҷопон фирор кард.

Барбод рафтани сӯйиқасд бар зидди ҳукумати Корея, Ҷопонро маҷбур сохт, ки усули дигарро пеш гирад. Соли 1885 дар Тянтзин дар байни Ҷопон ва Чин шартнома баста шуд, ки мувофиқи он аз хоки Корея бояд ҳам лашкари Чин ва ҳам сарбозони Ҷопон бароварда мешуданд. Инчунин, ҳар ду давлат бояд ба Корея мушовирони ҳарбиро равон накунанд.

Вале дар баробари ин, дар сурати ба амал омадани "бетартибони ҷиддӣ" Чин ва Ҷопон метавонистанд сарбозони худро аз нав ба Корея бифиристонанд.

Ҷопон Кореяро ҳамоно ба даст даровардanӣ буд. Бо ҳамин мақсад, баъди қариб даҳ сол - солҳои 1894-1895 бар зидди Чин ҷанг кард. Амалиётҳои ҳарбии байни онҳо, асосан, дар хоки Корея сурат гирифтанд. Дар ин ҷанг Ҷопон дастболо шуд. 17 апрели соли 1895 дар байни Чин ва Ҷопон Созишномаи сулҳи Симоносэки баста мешавад. Мувофиқи он Чин истиқлолияти Кореяро эътироф кард. Акнун Ҷопон метавонист дар ин мамлакат озодона амал кунад.

**Баландшавии мавқеи Ҷопон дар Корея.** Дар нимаи дуюми солҳои 90-ум ва ибтидои асри XX ҳам рақобати байни мамолики империалистӣ барои ба худ тобеъ кардани Корея идома ёфт. Ба Ҷопон барои Кореяро ба зери итоати худ даровардан, мамлакатҳои империалистии Аврупо, аз он ҷумла Русия, Фаронса ва Олмон халал мерасониданд. Онҳо аз Ҷопон талаб карданд, ки нимҷазираи Ляодунро ба Чин баргардонад. Барои ҳамин, Ҷопон маҷбур шуд, ки аз ин нимҷазира даст кашад.

Ба малика Мин муяссар шуд, ки ҷонибдорони Ҷопонро аз ҳукумат пеш кунад. Ҷавобан ба ин, ҷопониҳо боз ба табаддулоти ҳукумати Корея даст заданд. Субҳидами 8 октябри соли 1895 онҳо бо сардории генерал Миуру гӯё барои ёрӣ ба Тэвонгун ба қаср зада даромада, куштор-ташкил мекунанд. Малика Мин ва баъзе наздикони ӯ қатл карда шуданд. Ин сӯйиқасд қаҳру газаби мардуми Кореяро ба вуҷуд овард. Эътирози халқ чунон пурзӯр буд, ки ҳукумати Ҷопон маҷбур шуд Миуруро ба Ҷопон хонда, кори ӯ ва аҳли намояндагии Ҷопонро дар Корея ба додгоҳ диҳад. Лекин ҳамаи гумонбаршудагон бо сабаби "исбот нашудани гуноҳ" сафед карда шуданд. Генерал Миуру бошад, дар Ҷопон қаҳрамони миллӣ шуд. Баъди ин сӯйиқасд, дар Корея ҷанги чирикӣ суръат гирифт. Моҳи феврали соли 1896 шоҳи дар каср ҳабсбудаи Корея фирор кард. Бо даъвати ӯ аҳолии Сеули шӯришбардошта кабинети вазирони ҷопонимаобро торумор кард. Ду вазири ин кабинет кушта шуданд, боқимонда ба Ҷопон гурехтанд. Ба ҷойи ин ҳукумат ҳукумати зиддиҷопонӣ ташкил ёфт.

Мамлакатҳои дигари империалистӣ ҳам мехостанд, ки ба Корея сар дароранд. Яке аз онҳо Русия буд. Моҳҳои май - июни соли 1896 барои доираи нуфуз дар Корея байни Ҷопон ва Русия ду қарордоди Сеул ва қарордоди Маскав ба имзо расонда шуданд.

Аз рӯйи ин қарордодҳо, ҳам Русия ва ҳам Ҷопон ҳуқуқ ба даст даровsecurities ки ба ҳукумати Корея ёрӣ расонида, дар ин мамлакат миқдори муайяни аскарони худро дошта бошанд.

Рақобати Русияю Ҷопон барои ба даст даровардани мавқеъ дар Шарқи Дур ва забти мустамликаҳо дар байни ин ду давлат ҷанги солҳои 1904-1905-ро ба амал овард. Он аввали соли 1904 бо ҳуҷуми эскадраи Ҷопон ба Порт-Артур ва дар Чемулпо Ғарқ карда шудани киштиҳои ҳарбии русии "Варяг" ва "Кореетс" оғоз меёбад. Дар ин ҷанг Русия аз Ҷопон шикаст мехӯрад. Мувофиқи созишномаи сулҳи Портсмут (ИМА) аз 5 сентябри соли 1905 ҳукумати подшоҳии Русия манфиатҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодии Ҷопонро дар Корея эътироф кард ва қисми қаламрави худро аз даст дод. Мувофиқи шартномаи байни Ҷопон ва Корея аз 17 ноябри соли 1905, аз болои Корея протекторати Ҷопон муқаррар карда шуд. Минбаъд Корея ҳуқуқи ба мамлакатҳои хориҷӣ мустақилона робита карданро аз даст дод.

Баъди моҳи феврали соли 1906 таъсис додани намояндагии кулли Ҷопон дар Корея, ҳукумати лухтакмонанди Корея бо сардории Ли Ванён ташкил карда шуд. Шартномаи соли 1907-и дар байни Корея ва Ҷопон басташуда ҳукумати Кореяро ба намояндаи кулли Ҷопон тобеъ кунонд.

**Муборизаи миллӣ озодихоҳии халқи Корея.** Дар Корея ҳукмрон шудани истилогарони Ҷопон маорифпарварони ин мамлакатро бетафовут гузошта наметавонист. Онҳо мардумро даъват мекарданд, ки илму техника ва маорифи Ғарбро эҷодкорона аз худ кунанд, аз системаи Конфуссий ва маорифи бесамари он даст кашанд. Маорифпарварони ватандӯст бо ҳамин роҳ ҳисси миллии халқи худро бедор карданӣ буданд. Созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии дар зери таъсири онҳо ташкилёфта низ дар ин кор ҳиссаи сазовор мегузоштанд.

Соли 1905 дар Корея ҷамъиятҳои зиёди маорифпарварӣ пайдо мешаванд ва чопи рӯзномаю маҷаллаҳо оғоз мегардад.

Моҳи майи соли 1905 дар Сеул Ҷамъияти омӯзиши сохти конститутсионӣ, моҳи ноябри ҳамон сол Клуби Корея ва моҳи апрели соли 1906 Ҷамъияти пурзӯр гардонидани Корея ташкил меёбанд. Нашрияи "Рӯзномаи Халқи Корея", "Дӯсти Ғарбӣ" ва "Барқи шабонгоҳ" дурӯғи варақаҳои ҷопониро нотарсона фош карда, мардумро ба муборизаи зидди истилогарон даъват мекарданд. Дар натиҷаи ҳамаи ин муборизаи миллию озодихоҳона, халқи Корея рӯз то рӯз болотар мерафт ва дар солҳои 1905-1906 он ба ҷанги чирикӣ табдил ёфт. Дар марказ ва гӯшаю канорҳои мамлакат шӯришҳо ба амал меомаданд. Ҳисси ватандӯстӣ артишро низ фаро гирифта буд. Аз ҳамин сабаб, соли 1907 ҳукумати Ҷопон қарор дод, ки артиши Кореяро пароканда кунад. Ин қарордод шӯриши аскарони полкҳои Сеулро ба амал овард. То охири соли 1907 ҳаракати ҳарбиён қариб ҳамаи музофотҳои ҷануби мамлакатро фаро гирифт. Қисми аскарон баъди ҷангҳои шадиди зидди сипоҳиёни Ҷопон ба кӯҳҳо ақибнишинӣ карда, ба дастаҳои чирикҳо ҳамроҳ мешуданд ва алайҳи ҷопонҳо муборизаро давом медоданд.

**Ба мустамликаи Ҷопон табдил ёфтани Корея**. 22 августи соли 1910 намояндаи кулли Ҷопон Тэраути ва роҳбари ҳукумати лухтакмонанди Корея Ли Ванён шартномае тайёр карданд, ки мувофиқи он императори Корея аз ҳокимияти худ даст кашида, онро "пурраю абадӣ" ба императори Ҷопон месупорад. Шартномаи мазкур ба аъзои хонадони император ва ҳамаи онҳое, ки ба Кореяро ишғол кардани Ҷопон мусоидат кардаанд, унвонҳои фахрии дворянини ҷопонӣ ва нафақаҳои калони пулии ин давлат кафолат медод.

Дар Корея ҳокимият пурра дар дасти генерал-губернатор буд, ки он аз ҷумлаи ҳарбиёни баландмақоми Ҷопон таъин карда мешуд. Ӯ, бевосита, ба императори Ҷопон итоат карда, дар Корея ҳокимияти қонунгузор, маъмурӣ, додгоҳӣ ва сарфармондеҳии қувваҳои мусаллаҳро ихтиёрдорӣ мекард.

Барои мустаҳкам кардани ҳокимияти худ империалистони Ҷопон ба Корея се дивизияи мунтазам дароварданд, муассисаҳои жандарму политсия созмон доданд ва маҳбасҳои консентратсионӣ сохтанд.

Истилогарони Ҷопон бо мақсади ғулом гардонидани халқи Корея фаъолияти ҳама гуна калисоҳо, ибодатхонаҳо,

ташкилотҳои динӣ ва ғайраро, ки итоат ба истилогаронро ташвиқу тарғиб мекарданд, ҳавасманд менамуданд. Бо забони кореягӣ нашр намудани китобҳо ва рӯзномаю маҷаллаҳо манъ карда шуда буд. Адабиёти ватандӯстона сӯхта мешуд. Дар назди системаи маорифи ҷопонии Корея вазифа гузошта шуда буд, ки раияти ба ҷопониҳо итоаткор тарбия карда шавад.

Империализми Ҷопон бойигарии миллии Кореяро горат мекард ва бойигарии маънавии ӯро хароб месохт. Маблаггузории Ҷопон ба иқтисодиёти Корея бемайлон меафзуд. Аз ин кор сармоядорони Ҷопон ва Корея даромади калон ба даст медароварданд.

### ҲУҶҶАТ

### АЗ ШАРТНОМА ДАР БОРАИ ҒАСБИ КОРЕЯ, КИ 22 АВГУСТИ СОЛИ 1910 БА ИМЗО РАСИДААСТ

Аълоҳазрат Императори Ҷопон ва Аълоҳазрат Императори Корея бо назардошти муносибатҳои махсус ва наздик дар байни давлатҳои мухтарами онҳо хоҳиши барои ин ва ё он миллат некрузӣ ба даст овардан ва ҳифзи дарозмуддати сулҳ дар Шарқи Дур, тасдиқ мекунанд, ки бо ин мақсад аз ҳама беҳтар бо роҳи ба Ҷопон ҳамроҳ кардани Корея муваффақ шудан мумкин аст, мехоҳанд дар бораи ҳамроҳкунӣ шартнома ба имзо расонанд...

***Моддаи 1.*** Аълоҳазрат Императори Корея ҳуқуқи идораи Кореяро ба таври пурра ва абадӣ ба Аълоҳазрат Императори Ҷопон месупорад.

***Моддаи 2.*** Аълоҳазрат Императори Ҷопон ҳуқуқи гирифтанро, ки дар моддаи якум омадааст, қабул мекунад ва барои аз тарафи империяи Ҷопон ғасб кардани Корея розӣ аст...

***Моддаи 5.*** Аълоҳазрат Императори Ҷопон ният дорад, ки ҳамаи он шаҳрвандони собиқи Кореяро, ки хуб хизмат мекунанду ба мукофот сазоворанд, бо унвони пэр ва мукофоти пулӣ мушарраф гардонад.

***Моддаи 7.*** Ҳукумати Ҷопон чӣ тавре ки вазъият имконият медиҳад, мехоҳад барои дар Корея хизмат кардан, ҳамон шаҳрвандони собиқи кореягиёро даъват намояд, ки ба режими нав пурра бовар мекунанд, онро қабул доранд ва барои иҷрои чунин хизмат тайёранд.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**22.V.1882** – баста шудани шарномаи байни Корея ва ИМА.

**1882** – бастани "Қарордод дар бораи тиҷорат дар байни Чин ва Корея"

| | |
|---|---|
| **1883-1884** – | бо Корея шартномаҳои нобарор бастани Англия, Олмон, Италия, Русия ва баъдтар - Фаронса |
| **Ох.1884** – | бар зидди императори Корея табаддулот ба амал баровардани Ҷопон |
| **1884-1885** – | ҷанги Ҷопон бар зидди Корея |
| **17.ТV.1895** – | дар байни Чин ва Ҷопон баста шудани Созишномаи сулҳи Симоносэки |
| **8.Х 1895** – | аз тарафи генерали ҷопонӣ Миуру дар сӯйиқасд барои табаддулот қатл карда шудани малика Мин |
| **V-VI. 1896** – | дар Сеул ва Москва, барои доираи нуфуз дар Корея, байни Русия ва Ҷопон бастани қарордод. |
| **1904-1905** – | ҷанги Русия ва Ҷопон |
| **I7.XI.1905** – | аз болои Корея ҷорӣ карда шудани протекторати Ҷопон. Дар Корея таъсис дода шудани намояндагии кулли Ҷопон |
| **22.VII 1.1910** – | ба Ҷопон ҳамроҳ карда шудани Корея |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар бораи ба Корея сар даровардани мамлакатҳои хориҷӣ нақл кунед. Кадом шартномаҳо бо давлатҳои хориҷӣ дар ин бора шаҳодат медиҳанд? **2.** Шартномаҳое, ки давлатҳои хориҷӣ бо ҳукумати Корея бастанд, чӣ натиҷа доданд? **3.** Дар солҳои 80-ум муносибатҳои байни Ҷопон ва Корея, Чин ва Корея, Ҷопон ва Чин чӣ тавр буданд? **4.** Кай Созишномаи сулҳи Симоносэк баста шуд? Моҳияти он аз чӣ иборат буд? **5.** Дар солҳои 90-уми асри XIX рақобат дар байни мамлакатҳои империалистӣ барои ба даст даровардани Корея чӣ тавр сурат гирифт? **6.** Дар бораи ҷанги Русияю Ҷопон дар солҳои 1904-1905 чиҳо медонед? Он ба Корея чӣ дахл дорад? **7.** Мубориза миллию озодихоҳонаи халқи Корея бар зидди истилогарони Ҷопон чӣ натиҷа овард? **8.** Мавқеи ҳарбиёни Корея нисбат ба истилогарони Ҷопон чӣ тавр буд? Мавқеи аҳли илму фарҳанги Корея-чӣ? **9.** Кай Корея пурра ба Ҷопон ҳамроҳ карда шуд? 10. Ҳуҷҷат дар бораи чӣ шаҳодат медиҳад?

## § 17. МУҒУЛИСТОН

**Вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ.** Дар нимаи дуюми асри XIX ҳукумати Чин дар Муғулистон баъзе дигаргуниҳои иқтисодию сиёсиро ба амал овард, ки мақсади онҳо дар ин ҷо мустаҳкам кардани ҳукмронии Теин буд. Масалан, соли 1878 теинҳо дар Муғулистон ҳамаи маҳдудиятҳоро оид ба сармоядории тиҷоратию судхӯрии Чин бекор карданд. Акнун тоҷирону корчаллонҳои Чин дар Муғулистон озодона фаъолият доштанд. Солҳои 60-уми асри XIX дар он ҷо 20 - 30 корхонаи калон ва миёнаи тиҷоратию судхӯрӣ мавҷуд буданд. Дар оғози асри XX бошад, шумораи онҳо хеле зиёд шуд. Ба Муғулистон ИМА, Англия ва баъзе давлатҳои дигар ҳам роҳ ёфтанд. Дар натиҷа ширкатҳои чиноии Муғулистон ба тобеияти ширкатҳои ин давлатҳо медаромаданд. Фаъолияти сармояи хориҷӣ дар Муғулистон аз рӯйи арзиши худ мубодилаи нобаробари ашёи хоми ин мамлакатро ба вуҷуд овард. Хориҷиён аз ин ҷо молҳоро бо нархи арзон мехаридаид ва бо ҳамин ба иқтисодиёти Муғулистон зарари калон мерасониданд. Дар баробари дар Муғулистон авҷ гирифтани муносибатҳои пулию молӣ, дар он 40 мавқеи истеҳсолоти натуралӣ сол то сол танг мешуд.

Шаҳрҳои Муғулистон дар атрофи дайрҳои калон, нуқтаҳои тиҷоратӣ ва дастгоҳи ҳарбию амалдорони тсинӣ бунёд мешуданд. Дар оғози асри XX дар Муғулистон 20 бошишгоҳи типи шаҳрӣ, аз он ҷумла Урга, Кобдо ва Улятсутай мавҷуд буданд. Шаҳри аз ҳама калони Муғулистон Урга буд. Дар охирҳои асри XIX-аввали асри XX он ба маркази асосии тиҷорати мамлакат табдил меёбад. Шаҳрҳои Муғулистон бозорҳои калон доштанд. Онҳо ба растаҳои махсусгардонидашудаи фурӯши чорво, гӯшт, беда, ҳезум, асбобҳои маданӣ ва юрта тақсим мешуданд. Ҷойи аз ҳама серодами бозор растаи гӯштфурӯшӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар аввалҳои асри XX дар Муғулистон зулми сулолаи манҷурӣ боз ҳам пурзӯртар мешавад. Он ҳокимияти худро торафт мустаҳкам мекард. Посбонони сарҳадии Муғулистон бо аскарони манҷурӣ иваз карда шуданд. Ширкатҳои тиҷоратию судхӯрии Чин ба ивази пардохти қарзи ҳокимони маҳаллии муғулҳо заминҳои онҳоро кашида гирифта, ба майдони кишту

кор ва чарогоҳ табдил медоданд. Амалдорони чиноӣ чорво ва заминҳои аратҳоро бо зурӣ кашида мегирифтанд.

Ҳукмронии зиёда аз 200-солаи империяи Теин ва горатгарии мамлакатҳои империалистӣ Муғулистонро аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ аз ҳад зиёд заиф гардониданд.

**Муборизаи миллию озодихоҳии халқи муғул.** Охирҳои асри XIX-аввали асри XX даврае буд, ки ҳаракати миллию озодихоҳӣ мамлакатҳои зиёди Шарқро фаро гирифта буд, аз он ҷумла, Мугулистонро ҳам. Баромадҳои номуташаккили аратҳо бар зидди манчурҳо ва феодалони худӣ, ки дар тамоми тӯли асри XIX ҷой доштанд, дар огози асри XX оммаҳои васеи аҳолиро фаро гирифтанд.

Соли 1900 бо сардории арат Энх-Тайван шӯриши аскарҳои гарнизони Улятсутай ба амал омад. Ин аскарон аз ҳисоби аҳолии мугул ба хизмат сафарбар карда шуда буданд, то ки тавассути онҳо шӯриши "ихэтуан"-ҳои Чин пахш карда шавад. Лекин аскарони муғул аз пахш кардани шӯриши "'ихэтуан"-ҳо рӯй тофта, худашон ба шӯриши зидди зулми чиноиҳо бархостанд.

Шӯриши аратҳои аймаки Дзасактухан, ки дар гарбии Халха воқеъ гардидааст, хеле овозадор буд. Ба он Аюша ном арат роҳбарӣ мекард. Барои фаъолияти озодихоҳӣ манчурҳо ӯро борҳо ба маҳбас партофтаанд. Соли 1911 вақте ки баромадҳои зиддитсинӣ тамоми Муғулистонро фаро гирифта буданд, дар зери роҳбарии Аюша дар хошуни ӯ мақомоти худидоракунӣ (дугуйлан)-и аратҳоро ташкил намуд, ки он ҳокимият хошун ва амалдорони манчуриро эътироф намекард.

Яке аз муборизони машҳури дигари ҳаракати миллию озодихоҳонаи зидди Чин дар Муғулистон Тогтоҳо буд. Ӯ дастаи фидоиёнро ташкил карда, дар аймаки Сетсенхай (шарқии Муғулистон) амал мекард. Соли 1909 дастаи ҷазодиҳандагони ба ин ҷо фиристодаи Чин фидоиёни Тогтоҳоро шикаст медиҳад. Ӯ бо ҳамроҳии як гурӯҳи начандон калони фидоиён, бо иҷозати ҳукуматдорони Русия, аз сарҳад гузашта, дар Забайкале сокин мешавад. Қисми дигари ин фидоиён то аз хоки Муғулистон пеш карда шудани манчурҳо, яъне то соли 1911 аз мубориза даст накашид.

Аввалҳои соли 1911 баромадҳои зиддитсинӣ қариб тамоми мамлакатро фаро мегиранд. Ба ҳаракати миллию

озодихоҳӣ акнун кулли табақаҳои аҳолии Муғулистон ҳамроҳ шуда буданд. Моҳи июли соли 1911 дар маҷлиси махфии ашрофони дунявию динӣ бо сардории *богдо-гэгэн* барғузорғардида, қарор қабул карда шуд, ки ҳукмронии сулолаи Теин сарнагун ва давлати соҳибистиқлоли Муғулистон эълон карда шавад. Маҷлиси мазкур инчунин қарор қабул кард, ки ба Русия ҳайати вакилони Муғулистон равон карда шавад, то ки он истиқлолияти Мугулистонро дастгирӣ кунад. Ба ҳайати вакилони ба Петербург раҳсипоршуда сарфармондеҳи артиши аймаки Тешетухан Ханддорж роҳбарӣ мекард. Вакилони Муғулистон ба ин шаҳр моҳи августи ҳамон сол омада расиданд. Онҳоро дар он ҷо вазири корҳои хориҷии Русия С. Д. Сазонов қабул кард. Ханддорж ба ӯ мактуби ба номи императори Русия имзокардаи *богдо-гэгэн* ва хонҳои 4 аймаки Муғулистонро супорид. Гуфтушуниди ҳайати вакилони Муғулистон бо шахсони расмии Русия бомуваффақият анҷом ёфт.

**Истиқлолияти Муғулистон.** Тобистони соли 1911 ҳаракати зиддиманҷурӣ боз ҳам пурзӯртар мешавад. Дастгирии Русия барои эълон карда шудани истиқлолияти Муғулистон шароити мусоид фароҳам овард. Ин буд, ки 1 декабри соли 1911 Кумитаи ҳокимон ва ламаҳои олимартаба истиқлолияти давлатии Муғулистонро эълон кард. Рӯҳонии калисои ламаи Муғулистон богдо-гэгэн Ҷебзун-Дамба-Хутухтаи III сардори давлат таъин гардид.

Эълони истиқлолияти Муғулистон дар вазъияти мураккаби байналхалқӣ, дар шароити тезу тунд шудани зиддиятҳои байни мамлакатҳои империалистӣ ба амал омад.

Баъди эълони истиқлолияти давлатӣ, асоси сиёсати хориҷии Муғулистон мубориза барои ба расмият шинохтани истиқлолияти давлатии он гардид. Доираҳои ҳукмрони муғул кӯшиш ба харҷ медоданд, давлатеро бунёд кунанд, ки он Халха, Муғулистони Ғарбӣ, Муғулистони Дохилиро дар бар гирад. Вале ин кор хеле мушкил буд, чунки мувофиқи Созишномаи байни Русия ва Ҷопон, ки солҳои 1910 ва 1912 ба имзо расид, Муғулистони Берунӣ ба доираи манфиатҳои Русия ва Муғулистони Дохилию Корея ба доираҳои манфиатҳои Ҷопон тааллуқ доштанд. Барои ҳамин ҳам, Русия танҳо Муғулистони Беруниро дастгирӣ карда метавонист.

Истиқлолияти давлатии соли 1911 эълонкардаи Муғулистон то соли 1915 давом кард. Мувофиқи эъломияи русию чиноии 20 июни соли 1915 ва Созишномаи сетарафаи Муғулистон, Русия ва Чини моҳи майи соли 1915 дар Кяхта баимзорасида, Муғулистон дар ҳайати Чин худмухтор эълон карда шуд. Он дар ҳамин ҳолати сиёсӣ то соли 1919 монд.

**Ҳаёти мадании Муғулистон.** Баъди эълони истиқлолияти Муғулистон дар Урга, мактабҳои ибтидоӣ ва миёна кушода шуданд. Онҳо барои савод баровардани насли навраси муғул ваояндаи мамлакат хизмати босазо кардаанд.

Ҳукумати *богдо-гэгэн* барои омӯзиши аҳолӣ ва захираҳои табиии Муғулистон чораҳои зарурӣ меандешид. Барои самаранок сурат гирифтани ин кор он бо ёрии мушовирони рус "Кумитаи пажӯҳиши Муғулистон"-ро ташкил намуд.

Барои ташаккули шуури миллии мардуми муғул ва боло-равии ҳаракати озодихоҳонаи вай омӯзиши таърихи ин давлат аҳамияти калон дошт. Бо фармони ***богдо-гэгэн*** муаррихони муғул ба таълифи таърихи мамлакат оғоз намуданд. Солҳои 1918-1919 ин асар бо номи "Таърихи аз тарафи Аълоҳазрат тасдиқшудаи Муғулистон" ба анҷом расид. Дар он андеша дар бораи ҳуқуқи муғулҳо барои ташкил кардани давлати соҳибистиқлоли миллии худ инъикос ғардидааст. Худи ҳамин фикр ғояи асосии асарҳои яке аз муаррихони бузургтарини Муғулистони охири асри XIX – аввали асри XX Ш. Дамдин (1967 - 1937) мебошад. Ӯ дар асари асосии худ "Китоби тиллоӣ" гуфтааст, ки тараққиёти сиёсӣ ва фарҳанги Муғулистон аз замони қадим сарчашма мегирад ва он хусусияти ба худ хос дорад.

Яке аз нишонаҳои пешрафти ҳамонвақтаи халқи муғул ташаккули зиёиёни он мебошад. Зиёиёни муғул созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии худро надоштанд. Онҳо дар атрофи нашрияҳои даврӣ муттаҳид мешуданд.

Маҷаллаи "Оинаи нав" аз моҳи марти соли 1913 то моҳи августи соли 1914 ва рӯзномаи "Ахбороти пойтахт" аз моҳи сентябри соли 1915 то моҳи сентябри соли 1920 нашр шудаанд. Аз рӯйи мазмуни мадраки дар ин нашрияҳо чопшуда, хулоса баровардан мумкин аст, ки ақидаҳои зиёиёни муғул он вақт тамоюли зиддифеодалӣ доштанд. Онҳо дар байни халқ

гояҳои маорифпарвариро ташвиқу тарғиб мекарданд. Намояндагони машҳури зиёиёни мугул Ж. Тсэвэн, Тс. Жамтсарано, Б. Жорж, Бадрахбатор ва дигарон боварӣ доштанд, ки сатҳи тараққиёти иқтисодӣ ва мадании ҷомеаро тавассути васеъ паҳн кардани маорифи муосир, қабули таҷрибаи хоҷагӣ ва сиёсии мамлакатҳои Ғарб ба даст овардан мумкин аст.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1900** – шӯриши аскарони гарнизони Улятсутай бо сардории арат Энх-Тайван

**1911** – аз тарафи Аюша ташкил карда шудани мақомоти худидоракунии аратҳо-дугӯйлан

**1909** – аз тарафи дастаи ҷазодиҳандагони Теин торумор карда шудани фидоиёни аймаки Сетсенхан (шарқии Муғулистон)

**VII. 1911** – қарори ашрофони дунявию динӣ дар бораи сарнагун карда шудани ҳукмронии сулолаи Теин ва эълони истиқлолияти Муғулистон

**1.XII.1911** – аз тарафи Кумитаи ҳокимон эълон карда шудани истиқлолияти давлатии Муғулистон

**20.VI.1915-1919** – дар ҳайати Чин худмухтор будани Муғулистон

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Барои дар Муғулистон дароз кардани мӯҳлати ҳукмронии худ ҳукумати Теин чӣ чораҳо андешид? **2.** Кадом шаҳрҳои Муғулистонро медонед? Муғулистони онвақта аз кадом қисматҳо иборат буд? **3.** Дар бозорҳои Муғулистон чиҳо мефурӯхтанд? **4.** Бо кадом роҳҳо Чин Муғулистонро ба мустамликаи худ табдил медод? **5.** Дар бораи муборизаи миллию озодихоҳии халқи муғул кадом далелҳоро мисол оварда метавонед? **6.** Дар бораи рафти ба даст даровардани истиқлолияти Муғулистон маълумот диҳед. **7.** Муғулистон кадом солҳо соҳибистиқлол буд? **8.** Муғулистон дар ҳайати Чин кадом солҳо худмухтор шуд? **9.** Муносибатҳои Муғулистон бо Русияю Чин чӣ хел сурат мегирифтанд? Онҳо Муғулистони Дохилӣ ва Муғулистони Берунӣро чӣ тавр ба доираи нуфузи худ табдил дода буданд? **10.** Кадом симоҳои фарҳангии Муғулистони нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX-ро медонед? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 18. ҶОПОН

**Инқилоби буржуазии солҳои 1867 - 1868.** Сиёсати "дарҳои кушод" имконият фароҳам овард, ки дар Ҷопон муносибатҳои сармоядорӣ ташаккул ёбанд. Вале сохти сиёсии ҷомеа ба пешравии иқтисодиёти бозоргонӣ ва муассисаҳои демократӣ монеъ мешуданд. Хонадони Токугава танҳо манфиатҳои табақаи феодалиро ифода мекард. Барои пешрафти Ҷопон зарурати дигар кардани ҳокимияти давлатӣ ба миён омад.

Шартномаҳое, ки Ҷопон солҳои 50-уми асри XIX бо давлатҳои империалистии Ғарб баст, вобастагии онро бо ин давлатҳо пурзӯртар карданд. Аз ҳамин сабаб, ҷомеаи Ҷопон аз ҳукумати Токугава норозӣ буд.

Солҳои 60-уми асри XIX Англия, Фаронса ва Ҳолландия фишороварииро ба Ҷопон бас накарданд. Ҳукумати сёгун ва Дарбори император ба ин фишор тоб наоварда, моҳи ноябри соли 1865 ҳамаи шартномаҳоеро, ки Ҷопон бо давлатҳои хориҷӣ баста буд, тасдиқ намуданд. Баҳори соли 1866 бо Англия, Фаронса, Ҳолландия ва баъзе давлатҳои дигари абарқудрат дар бораи нархномаҳои воридотӣ созишномаҳои нав ба имзо расонида шуданд, ки онҷо вазъи иқтисодии Ҷопонро аз пештара ҳам бадтар карданд.

Дар чунин шароит барои ҳокимият дар байни нерӯҳои сиёсии мамлакат мубориза авҷ мегирад. Моҳи октябри соли 1867 роҳбари музофоти Тёсю Яманоути аз номи гурӯҳи зиддитокугавагӣ ба сёгун Кэйки огоҳнома супорид. Дар он тақозо карда мешуд, ки дар мамлакат дуҳокимиятӣ (ҳокимияти сёгун ва ҳокимияти император) барҳам зада, ҳокимияти олӣ ба император дода шавад. Барои муқобилияти ҳарбӣ нишон дода тавонистан ба Кэйки вақт лозим буд. Бо ҳамин хотир, ӯ 9 ноябри соли 1867 "ихтиёрӣ" таклифро дар бораи истеъфо қабул кард. 3 январи соли 1868 императори 15-сола Мутсухито ҳукумати навро бо роҳбарии шоҳзода Арисугава эълон кард. Император Кэйкиро ба ин ҳукумат дохил накард. Барои ҳамин Кэйки қарор дод, ки алайҳи режими нав ба муборизаи мусаллаҳона даст занад. Ӯ бо ҳамин мақсад аскарони ба худ вафодорро аз шаҳри Осака ба Киото равон кард. Вале онҳо дар муҳорибаи назди Фусима ва Тоба шикаст хӯрданд. Кэйки ба Эдо фирор кард. Баъди ин шаҳри Киото пурра ба ихтиёри

император гузашт. Мамлакат ба ду урду тақсим шуд. Музофотҳои ҷанубу ғарбӣ аз ҷониби император ҷанг мекарданд ва музофотҳои шимолу шарқӣ - аз ҷониби сёгун Кэйки. Кӯшиши музофотҳои ҷонибдори Кэйки ва ташкил намудани муқовимат барои ӯ натиҷаи дилхоҳ надод. Нерӯҳои ҳарбии ин музофотҳо моҳи ноябри соли 1868 шикаст хӯрданд. Як қисми флоти ҳарбӣ ҳам ҷонибдори Кэйки буд. Моҳи июни соли 1869 он дар таҳти роҳбарии адмирал Эномото кӯшиш кард, ки бар зидди режими нав муқобилиятро давом диҳад. Бо ҳамин мақсад, ӯ бо киштиҳои худ ба ҷазираи Эдзю (Хокайдо) омад, лекин дар ин ҷо пурра шикаст хӯрд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи инқилоби солҳои 1867- 1868 вазифаи асосӣ - барҳам задани системаи ҳарбию феодалии сёгун, ки ба он хонадони Токугава роҳбарӣ мекард, иҷро гардид. Хокимият ба дасти император гузашт.

**Ислоҳоти солҳои 1868 – 1873.** Ҳукумати дар натиҷаи галабаи инқилоб ба сари қудратомадаро зоҳиран император Мугсухито роҳбарӣ мекард. Режими сиёсие, ки хонадони Токугаваро иваз намуд, манфиатҳои гурӯҳи буржуазию помешикии дар рафти муборизаи зидди сёгун ташаккулёфтаро инъикос мекард. Ҳарчанд дар ҳукумат мансабҳои олиро намояндагони ашрофони дарборӣ ишғол намуда буданд, ҳайати асосии дастгоҳи ҳокимият нав аз табақаи поёнии самурайҳои вилоятҳои ҷанубу гарбӣ, яъне аз Сатсума, Тёсю ва Хидзэн буданд. Ба ташаккули сиёсати ҳукумат пешвоёни гурӯҳи зиддисёгун Окубо Тосимити ва Кидо Такамаса таъсири калон мерасониданд.

Барномаи ҳукумати нав ба системаи маъмурӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат дигаргуниҳои муҳимро дохил намуд. Унсурҳои буржуазии ҳукмрон вазъияти ҷориро хуб дарк мекарданд. Онҳо барои мустаҳкам кардани мавқеи худ таклиф пешниҳод намуданд, ки дар мамлакат ислоҳот гузаронида шавад, то ки ба тартиботи феодалии ҷомеа хотима дода шавад.

Мувофиқи ислоҳоти маъмурӣ, князҳои феодалиро, ки аслан ҷудоихоҳ буданд, барҳам дода, ба ҷойи онҳо префектураҳо таъсис дода шуданд, аз он ҷумла дар қаламрави ҳар се пойтахт ҳам - Токио, Киото ва Осака. Ташкил додани системаи нави маъмурӣ мувофиқи тақозои манфиатҳои таҳкими иқтисоди бозоргонӣ ба амал бароварда шуд.

Мувофиқи ислоҳоти иҷтимоӣ, моҳи марти соли 1872 се табақаи ҷомеа таъсис меёбад: дворянҳои олимақом, ки ба он собиқ даймё ва кугэ дохил буданд, дворянҳои самурай ва халқи одӣ. Дар амал самурайҳо вазъи имтиёзноки худро аз даст доданд. Дар натиҷа, анъанае ба вуҷуд омад, ки мувофиқи он ба мансабҳои олии давлатӣ, роҳбарӣ ба артиш ва флот шахсоне пешниҳод карда мешуданд, ки аслан ба дворянҳои оппозитсионии ду князь - Сатсума ва Тёсю тааллуқ доштанд.

Соли 1872 уҳдадории умумии ҳарбӣ эълон карда шуд, ки он дар ин соҳа ба инҳисори самурайҳо зарба зад. Бо мақсади тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ, соли 1873 дар Токио академияи ҳарбӣ кушода мешавад. Дар ин академия мутахассисони ҳарбии Фаронса ва дар академияю омӯзишгоҳи ҳарбии баҳрӣ мутахассисони ҳарбии Англия дарс медоданд.

Ислоҳоти аграрӣ аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳимтарини ҳукумати нав буд. Он дар солҳои 1872 - 1873 ба амал бароварда шуд. Мақсади ислоҳоти аграрӣ дар деҳот ҷорӣ намудани муносибатҳои сармоядорӣ буд. Бо ин роҳ ҳукумат ҷидду ҷаҳд мекард, ки дар ин ҷо мавқеи помешикҳои навро мустаҳкам кунад. Бо ҳамин мақсад, соли 1872 харидуфурӯши Замин расман иҷозат дода шуд. Ин кор инҳисори табақаи феодалҳоро ба Замин бекор ва моликияти буржуазиро бар он ҷорӣ кард.

Сарфи назар аз баъзе маҳдудиятҳо, ислоҳоти аграрӣ дар татбиқи муносибатҳои истеҳсолии бозоргонии Ҷопон марҳилаи ҳалкунанда гардид. Ашрофони баландмақоми феодалӣ минбаъд дар деҳоти Ҷопон такягоҳи иҷтимоии ҳукумат набуданд. Акнун ин вазифаро дворянҳои нав ва буржуазия иҷро мекарданд.

**Тараққиёти иқтисодии Ҷопон.** Пешрафти иқтисодии баъдиинқилобии Ҷопон, асосан, дар солҳои 80-ум огоз шуд. Дар зарфи 2 - 3 даҳсола дар Ҷопон қариб 500 корхонаи нави саноатӣ сохта мешавад. Аксарияти онҳо давлатӣ буданд. Вале иқтисодиёти Ҷопон бе корхонаҳои хусусӣ пеш рафта наметавонист. Барои ҳамин, аз тирамоҳи соли 1880 сар карда, ҳукумат ба фурӯхтани "корхонаҳои намунавӣ" ва ё ба иҷора додани онҳо огоз намуд. Ин корхонаҳо, асосан, ба ихтиёри табақаҳои имтиёзноки буржуазия, дворянҳо ва амалдорони давлатӣ мегузаштанд. Дар байни онҳо ширкатҳои машҳури Митсуи, Митсубиси, Фурукава, Ясуда, Асано, Кавасаки ва

дигарон буданд. Масалан, ҳукумат конҳои миси Асиоро ба ширкати Фурукава, корхонаи калонтарини киштисозии мамлакат дар Нагасаки, конҳои нуқраи Икуно ва конҳои ангиштсанги Хокайдоро ба ширкати Митсубиси мефурӯшад.

Ҳукумат дар иқтисодиёт сиёсати пуштибониро истифода мебурд. Он сиёсати худро дар саноат, асосан, тавассути маблағҳои аз андоз ғуншуда ба амал мебаровард. Сиёсати пуштибонӣ як ҷиҳати манфӣ дошт. Он истеҳсолотро яктарафа густариш медод, чунки танҳо баъзе соҳаҳои онро фаро мегирифт. Буржуазияи саноатӣ, ки "корхонаҳои намунавӣ"-ро ба даст даровард, минбаъд хоҳони он буд, ки давлат ба вай дарислоҳи камбудиҳои истеҳсолиаш ёрӣ расонад. Ин кор иттифоқи байни доираҳои буржуазӣ ва мутлақиятро ба вуҷуд меовард.

Ҳукумат ба корхонаҳое маблаггузорӣ мекард, ки пеш аз ҳама, барои артиш, флот, нақлиёт ва алоқа кор мекарданд. Масалан, роҳи оҳан қариб пурра аз ҳисоби маблагҳои давлатӣ сохта мешуд. Соли 1872 роҳи оҳани аввалини мамлакат - Токио - Иокогама сохта шуд. Аз соли 1882 то соли 1890 дарозии роҳҳои оҳани Ҷопон ба 2190 км расид.

Сарфи назар аз суръати тези ташаккул ёфтани базаи саноат, дар чоряки охирини асри XIX сатҳи умумии пешрафти Ҷопон аз мамлакатҳои бузурги сармоядорӣ ақиб мемонд. Саноати Ҷопон, асосан, аз корхонаҳои хурд иборат буд. Ақибмонии иқтисодии Ҷопонро тиҷорати хориҷӣ низ инъикос мекард, ки он аз 60 содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва ба воридоти маҳсулоти тайёри давлатҳои хориҷӣ вобаста буд.

Дар оғози асри XX Ҷопон ба давраи империализм қадам ниҳод. Буҳрони молиявии соли 1897 ин равандро тезонид. Дар натиҷа, корхонаҳои хурд ба корхонаҳои калон муттаҳид шуданд, яъне марказонидани истеҳсолот ва сармоя ба амал омад. Ба давраи империализм гузаштани мамлакатҳои пешқадами сармоядории ҷаҳон ба пешрафти иқтисодии Ҷопон низ таъсири мусбат расонид. Натиҷаи бевоситаи ин раванд дар Ҷопон ба вуҷуд омадани инҳисорҳо ва табаддулоти саноатӣ мебошанд.

**Ҳаракати ҷамъиятию сиёсӣ.** Мустаҳкамшавии мавқеи иқтисодии буржуазия ба болоравии фаъолияти сиёсии он мусоидат

кард. Ҳаракати оппозитсионӣ барои қабули Конститутсия бо номи "дзию минкэн ундо" - "ҳаракат барои озодӣ ва ҳуқуқҳои халқ" авҷ мегирад. Дар ин ҳаракат дворянҳои буржуазияшуда, ки даъвати парламент ва бекор карда шудани шартномаҳои нобаробарро тақозо мекарданд, мавқеи фаъолонаро ишғол намуда буданд.

Дар ҳамин шароит, дар мамлакат ҳизбҳои сиёсӣ ташкил меёбанд. Соли 1881 Ҳизби Конститутсионии Либералӣ ташкил ёфт, ки он манфиатҳои помешикҳо ва соҳибкорони деҳотро ифода мекард.

Соли 1882 Ҳизби Кайсинто (Ҳизби ислоҳотхоҳон) ташкил меёбад. Барномаи он ба мустаҳкам шудани мақоми буржуазия нигаронида шуда буд. Рушди тиҷорати хориҷӣ, бе таъхир аз нав дида баромадани шартномаҳои нобаробар, ислоҳоти пулӣ ва ба бозорҳои хориҷӣ баровардани сармояи Ҷопон аз ҷумлаи ормонҳои ин ҳизб буданд. Ҳизби Кайсинто, ки ба ширкати Митсубиси алоқа дошт, манфиатҳои буржуазияи калони тиҷоратию молиявиро ифода мекард. Идеологи ин ҳизб Фукидзава Юкити таргиботгари намоёни либерализми ғарбӣ буд.

Аз ҷумлаи ин ҳизбҳои сиёсӣ дар байни халқ мавқеи "минкен ундо" хеле мустаҳкам буд, чунки ҷонибдори бисёр дошт. Он ҳамоно қабули Конститутсияро тақозо мекард. Аз ин рӯ, ҳукумат маҷбур шуд, ки княз Иторо ба мамлакатҳои Аврупо ва ИМА фиристонад, то ки ӯ сохти ҷамъиятӣ ва конститутсияҳои давлатҳои ғарбро хуб омӯзад. Ба Ито парламент ва сохти сиёсии Олмон маъқул шуд. Соли 1889 Конститутсияи Ҷопон қабул карда шуд, ки он аз бисёр ҷиҳат ба Конститутсияи Отто Бисмарк монандӣ дошт. Ин Конститутсия сохти истибдоии Ҷопонро мустаҳкам кард. Конститутсияи нахустини Ҷопон шахсияти императорро дахлнопазир ва ба ӯ ҳамчун сардори давлат ҳуқуқҳои номаҳдуд дод. Император метавонист ҷанг эълон кунад, сулҳ ва шартномаҳо бандад, қонунҳо барорад, парламентро даъват кунад ва ё онро пароканда созад. Таъин кардан ва ба истеъфо гуселонидани ҳамаи ашхоси мансабдори баландмақоми идорӣ, ҳарбӣ ва фармондеҳии олии артиш ва флот низ ба салоҳияти ӯ дохил мешуданд.

Дар охирҳои асри XIX дар Ҷопон ҳаракати коргарӣ ва иттифоқи касаба ҷоннок мешавад. Аввали соли 1900 дар бораи

дифои тартибот аз тарафи кабинети Ямагата қонуне қабул карда шуд, ки мувофиқи он корпартоӣ манъ ва фаъолияти иттифоқҳои касаба маҳдуд карда шуд. Дар чунин шароит сотсиалистони Ҷопон дар назди худ вазифа гузоштанд, ки маҳфилҳои парокандаи худро муттаҳид намуда, ҳизби ягонаи сотсиалистӣ ташкил кунанд. Онҳо моҳи майи соли 1901 дар зери роҳбарии Катаяма ва Котоку Ҳизби сотсиалистиро (Сякай минсюто) ташкил намуданд. Барномаи ин ҳизб усулҳои ошкори мубориза ва татбиқи ислоҳотро дар мамлакат дар назар дошт.

Соли 1906 ҳизби дигари сотсиалистии Ҷопон - Ниҳон Сякайто ташкил карда шуд. Вале дере нагузашта, дар байни роҳбарони он мухолифат ба амал омад. Котоку ва ҳамсафони ӯ ҷонибдори "амали рӯйирост" ва муқобилони Котоку ҷонибдори шаклҳои парламентии мубориза ва ислоҳот буданд.

**Сиёсати хориҷии Ҷопон.** Сохтмони корхонаҳои ҳарбӣ, мусаллаҳшавии артиши Ҷопон ва бунёди флоти пурзӯри ҳарбии баҳрӣ дар бораи он шаҳодат медоданд, ки баъди инқилоби солҳои 1867-1868 ин давлат ба ҷангҳои истилогарона шурӯъ мекунад. Объекти аз ҳама наздиктарини истилокунии Ҷопон Корея буд. Дар мавриди инъикоси мзвзӯъҳои "Чин" ва "Корея", дар бораи ҷанги Ҷопон бар зидди Чин барои забти Корея нақл карда будем. Ин ҷо такроран мегӯем, ки соли 1877 дар байни Русия ва Ҷопон созишномае ба имзо расид, ки мувофиқи он Ҷануби Сахалин, ки онро Русия ва Ҷопон якҷоя идора мекарданд, ба Русия дода шуд ва ба ивази он Ҷопон галлаҷазираҳои Курилро гирифт. Муқовимати Чин ва Ҷопон барои ҳукмронӣ дар Корея давом намуд. Оқибат, онҳо соли 1885 барои ба Корея надаровардани артшии худ созишнома бастанд. Бо вуҷуди ин, Ҷопон дахолатро ба корҳои дохилии Корея бас накард. Соли 1894 бо ёрии Ҷопон Корея истиқлолияти давлати худро аз Чин эълон кард. Ҳукумати Кореяи "соҳибистиқлол" ҳамон замон барои "ёрӣ" ба ҳукумати Ҷопон муроҷиат намуд. Ҳамин тариқ, байни Чин ва Ҷопон ҷанги солҳои 1894-1895 ба амал омад, ки он 17 апрели соли 1895 бо бастани Созишномаи сулҳи Симоносэк анҷом ёфт. Мувофиқи он Чин истиқлолияти Кореяро эътироф кард. Ҷазираи Тайван, галаҷазираҳои Пескадор ва нимҷазираи Ляодунро ба Ҷопон

дод ва уҳдадор шуд, ки ба Ҷопон 300 млн иен товони ҷанг медиҳад, барои киштигардӣ якчанд бандарҳои худро мекушояд, ба ишголи муваққатии Вайҳайвэй иҷозат медиҳад ва ба Ҷопон Созишномаи таслимкоронаи тиҷоратие мебандад, ки қаблан ба мамлакатҳои Ғарб баста буд.

Ҷанги солҳои 1894-1895 дар пешрафти Ҷопон марҳилаи муҳиме гардид. Даромади Ҷопон аз хориҷи кишвар афзуд. Аз соли 1894 то соли 1899 маблаггузорӣ ба саноати миллӣ ду баробар зиёд шуд. Тиҷорати хориҷӣ ҳам рӯ ба болоравӣ буд. Давлати ақибмондаи феодалии Ҷопон, ки худ объекти истилои мамлакатҳои империалистӣ буд, ба истисморгари халқҳои дигар ва ба рақиби бузурги давлатҳои империалистӣ табдил ёфт. Муваффақияти ҷанги горатгаронаи солҳои 1894-1895 бар зидди Чинро ҳукумати Ҷопон барои қабули барномаи ҳарбии тараққиёти хоҷагӣ истифода бурд. Иҷрои он барнома ба муҳлати 10 сол - аз соли 1896 то соли 1905 муқаррар гардида буд. Мувофиқи ин барнома, нерӯҳои ҳарбии Ҷопон аз нав созмон дода шуда, бо сипоҳи ҳозиразамон мусаллаҳ гардиданд. Дар натиҷаи татбиқи ин барнома, флоти ҳарбӣ-баҳрии Ҷопон ба яке аз флотҳои пурзӯртарини ҳарбию баҳрии ҷаҳон мубаддал гардид.

Баъди ҷанги зидди Чин, Ҷопон дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун нерӯи фаъоли империалистӣ баромад мекардагӣ шуд. Он ба қатори давлатҳои бузургтарини империалистӣ дохил гардид. Баъди чанде Ҷопон аз бори гарони шартномаҳои нобаробар бо давлатҳои империалистӣ халос мешавад.

Дар солҳои 1904 - 1905 дар байни Ҷопон ва Русия ҷанги калон ба амал омад, ки дар ин ҷанг ҳам Ҷопон дастболо шуд ва мавқеи худро дар ҳавзаи Уқёнуси Ором боз ҳам мустаҳкамтар кард.

**Ҳаёти маданӣ.** Баъди воқеаҳои инқилобии солҳои 1867 – 1868, ҳукумати нав дар мамлакат ба татбиқи васеи музаффариятҳои фарҳангии аврупоӣ ва амрикоӣ шурӯъ кард. Чопи матбуоти даврӣ огоз ёфт. Дар Нагасаки матбааи аввалин кушода шуд. Рӯзномаҳои "Токио нити-нити", "Иоимурӣ" ва "Хаймин симбун" нашр шудан гирифтанд.

Яке аз вазифаҳои дигаргунсозиҳои буржуазӣ азнавсозии маориф буд. Соли 1872 дар Ҷопон системаи намунавии маориф ҷорӣ карда шуд. Мамлакат ба 8 ҳавзаи маориф тақсим гардид. Дар онҳо донишгоҳҳо кушода шуданд. Ин ҳавзаҳо ба

32 ноҳияи ҳар кадоми онҳо дорои мактабҳои миёна тақсим шуданд. Соли 1877 Донишгоҳи Токио кушода шуд, соли 1872 дар Ҷопон ба ҷойи тақвими моҳтобӣ тақвими аврупоӣ ҷорӣ гардид. Амалдорони идораҳои давлатӣ ба пӯшидани сару либос ва тарзи аврупоии оройиши мӯйи сар гузаштанд. Баъдтар ин навгониҳои тарзи зиндагиро мардуми одӣ низ қабул кард.

Ормонҳои зиёиёни тараққихоҳ дар адабиёти романтизми солҳои 90-уми Ҷопон инъикос ёфтаанд. Симои нисбатан машҳури ин равияи адабӣ Исикава Такубоку (1886 - 1912) мебошад. Назми нави Ҷопон бо номи Китемура Тококу (1868-1894) алоқаманд аст.

Даҳсолаҳои охирини асри XIX ва аввали асри XX ба фаъолияти нависандагони машҳури ҳамонвақтаи Ҷопон рост меояд. Дар байни онҳо Симадзаки Тессон (1872-1943), Куникила Деппо (1881-1908) Фатабатэй Хасагава (1864 - 1909), Токутоми Рока (1868-1927) ва Нутсума Сосаки (1867 - 1916) буданд.

Инъикос гардидани баъзе унсурҳои озодиҳои демократӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва иҷтимоӣ ба ташаккули малакаҳои истеҳсолӣ, зеҳнӣ ва маънавии ҷопониҳо ва пешрафти умумии мардуми Ҷопон таъсири мусбат расониданд.

**КОНСТИТУТСИЯИ ИМПЕРИЯИ ҶОПОН**

**БОБИ 1. ДАР БОРАИ ИМПЕРАТОР**

***Моддаи 1.*** Империяи Ҷопон бетанаффус ва абадӣ аз тарафи сулолаи император идора карда мешавад.

***Моддаи 3.*** Шахсияти император муқаддас ва дахлнопазир аст.

***Моддаи 4.*** Император сардори давлат ва дорои ҳокимияти олӣ аст ва ӯ ин ҳокимиятро мувофиқи нишондодҳои Конститутсияи мазкур амалӣ мекунад.

***Моддаи 5.*** Император ҳокимияти қонунгузорро бо парламенти империявӣ ба амал мебарорад.

***Моддаи 6.*** Император қонунҳоро тасдиқ менамояд, дар бораи эълон ва иҷрои онҳо амр медиҳад.

***Моддаи 7.*** Император парламентро даъват мекунад, мекушояд ва мепӯшад, маҷлисҳои онро мавқуф мегузорад ва палатаи вакилонро пароканда менамояд.

***Моддаи 11.*** Император сарфармондеҳи олии артиш ва флот мебошад.

***Моддаи 13.*** Император вазъи муҳосира эълон мекунад.

***Моддаи 14.*** Император ҷанг эълон мекунад... сулҳ мебандад.

***Моддаи 16.*** Император ҳуқуқ дорад авф кунад, ҷазоро сабук ва ҳуқуқҳоро аз нав барқарор кунад.

**БОБИ 3. ДАР БОРАИ ПАРЛАМЕНТИ ИМПЕРИЯ**

*Моддаи 33.* Парламенти империя аз ду палата иборат аст: палатаи пэрҳо ва палатаи вакилон.

*Моддаи 34.* Палатаи пэрҳо мувофиқи амр дар бораи палатаи пэрҳо 33 ҳисоби аъзоёни хонадони император, онҳое, ки унвонҳои дворянӣ доранд ва 33 шахсоне, ки император таъин кардааст, иборат мебошад.

*Моддаи 35.* Палатаи вакилон аз узвҳое иборат аст, ки халқ мувофиқи қонуни интихобот интихоб кардааст.

*Моддаи 37.* Ягон қонун бе тасдиқи парламенти империявӣ интишор карда намешавад.

*Моддаи 38.* Ҳар ду палата бо лоиҳаи қонуни пешниҳодкардаи ҳукумат овоз медиҳанд. Ҳар кадоми онҳо хуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.

*Моддаи 41.* Парламенти империявӣ ҳар сол интихоб карда мешавад.

*Моддаи 42.* Иҷлосияи парламенти империявӣ се моҳ идома меёбад. Дар сурати зарурӣ иҷлосия аз тариқи фармони император тамдид карда мешавад.

**БОБИ 6. ДАР БОРАИ МОЛИЯ**

*Моддаи 64.* Даромад ва ҳароҷоти давлатӣ бояд аз тарафи Парламенти империявӣ дар шакли буҷаи давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

*Моддаи 71.* Агар парламенти империявӣ буҷаро қабул накунад ва ё буҷа мураттаб нашуда бошад, пас ҳукумат буҷаи соли гузаштаро ба кор мебарад.

**3. АЗ ҚОНУН ДАР БОРАИ ПАЛАТАҲО**

*Моддаи 3.* Раис ва муовини раиси Палатаи вакилон аз тарафи император аз ҷумлаи се номзаде, ки Палата барои ин мансабҳо интихоб кардааст, таъин карда мешавад.

**4. АЗ АМР ДАР БОРАИ ПАЛАТАИ ПЭРҲО**

*Моддаи 11.* Раис ва ноиби раисро император аз ҳисоби аъзоён ба мухлати 7 сол таъин мекунад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1865** – сёгун ва император ҳамаи шартномаҳои аз тарафи давлатҳои хориҷӣ ба гардани Ҷопон боркардашударо тасдиқ мекунанд

**1867- 1868** – инқилоби буржуазии Ҷопон

**1868-1873** – ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷопон

**1872** – ҷорӣ карда шудани тақвими аврупоӣ

**1894** – бо ёрии Ҷопон "истиқлолият" ба даст даровардани Корея

**1894-1895** – ҷанги байни Ҷопон ва Чин

17.IV.1895 – баста шудани Созишномаи сулҳи Симоносэки
1904-1905 – ҷанги Русияю Ҷопон

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

**1.** Сабабҳои инқилоби буржуазии солҳои 1867 - 1868-и Ҷопонро муайян кунед. **2.** Инқилоби буржуазии Ҷопон чӣ хел суръат гирифт? Чаро Кэйки ба истеъфо рафт? **3.** Самтҳои ислоҳоти солҳои 1868 - 1873-и Ҷопонро муайян намуда, онҳоро шарҳ диҳед. **4.** Моҳияти ислоҳоти маорифро шарҳу эзоҳ диҳед. **5.** Ба қабули Конститутсия кадом табақаҳои ҷомеаи Ҷопон манфиатдор буданд? **6.** Конститутсияи Ҷопон кай ва чӣ хел қабул карда шуд? **7.** Дар Ҷопон, баъди қабули Конститутсияи соли 1889, чӣ хел сохти сиёсӣ барпо гардид? **8.** Ҳуҷҷатро оид ба Конститутсияи Ҷонон мутолиа карда, мақоми император ва парламенти онро муайян кунед. **9.** Дар бораи ҳизбҳои сиёсии Ҷопон маълумоти мухтасар диҳед. **10.** Дар бораи сиёсати хориҷии Ҷопон дар нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX чиҳо гуфта метавонед? **11.** Дар бораи ҷанги солҳои 1894 - 1895 бар зидди Чин ва солҳои 1904 - 1905 бар зидди Русия маълумоти мухтасар диҳед. **12.** Корея дар охирҳои асри XIX- аввали асри XX дар кадом ҳолати сиёсӣ буд? 20. Пешрафти мадании Ҷопони охирҳои асри XIX -ибтидои асри XX-ро шарҳ диҳед. **13.** Ҷопон кай аз шартномаҳои асоратовари давлатҳои империалистӣ халос шуд? **14.** Аз мавзӯъ хулосаҳо бароред.

## § 19. ФИЛИППИН

Қисми зиёди Филиппинро Испания ҳанӯз дар охирҳои асри XVI ишғол карда буд. Испаниҳо дар Филиппин режими мустамликавиро ташкил карданд. Дар ин кор калисои католикӣ мақоми калонро иҷро мекард. Он аҳолии ин кишварро зӯран насронӣ намуда, ба ҳукмронии мустамликадорони испанӣ ёрии бузург мерасонид.

Халқи Филиппин ба тақдир тан намедод. Он бе муқобилият сар намефаровард. Ба муқобили юғи мустамликавии испаниҳо мубориза мебурд. Охирҳои асри XVIII - аввали асри XIX дар Филиппин муборизаи миллию озодихоҳӣ вусъат меёбад. Дар ин бора шӯришҳои сершумор шаҳодат медиҳанд. Метавон шӯриши соли 1814-ро дар Илокос (ҷазираи Лусон) ва шӯриши солҳои 1841 - 1842-и ҷамоаи динии Хосеи Муқаддасро дар зери роҳбарии Аполинарио Де Ла Крус мисол овард.

Инқилоби Испании солҳои 1808-1812 ба вазъи ҷазираҳои Филиппин бетаъсир намонд. Ислоҳоте, ки дар Испания гузаронида шуд, қисман Филиппинро ҳам дар бар гирифт.

**Ҳаракат барои ислоҳот.** Нимаи дуюми асри XIX дар таърихи Филиппин ба ҳаракати ислоҳотхоҳӣ дар ин ҷо рост омад. Генерал-губернатор Искиэрдо, ки дар ин вазифа аз соли 1871 буд, бар зидди мардуми маҳаллӣ ҷазоҳои сахтро раво медид. Садҳо озодандешони филиппинӣ зиндонӣ ва ё аз мамлакат ба ҷойҳои дурдаст бадарға карда мешуданд. Косаи сабри мардуми Филиппин лабрез шуд. Ин ҳолат ҳатто аскаронро ҳам фаро гирифт. 2 январи соли 1872 коргарони силоҳхонаи артиллерии баҳрии Кавит ва аскарони полки аз аҳолии маҳаллӣ иборатбуда шӯриш бардоштанд. Ин шӯришро ҳукуматдорони испанӣ пахш карданд. Онҳо 17 феврали соли 1872 роҳбарони ҳаракати озодихоҳӣ Бургос, Гомес ва Самораро қатл намуданд. Испаниҳо дар рафти пахши шӯриш террори худро бар зидди роҳбарони буржуазияю помешикии Филиппин низ раво на карда, бо ҳамин дар байни халқи он 40 такягоҳи охирини худро аз даст доданд. Филиппиниҳои зиёд барои аз ҷазо халос шудан ба хориҷа ва хусусан ба Испания фирор карданд. Дар ин ҷо гурезаҳои филиппиниро озодандешон ва ҷумҳурихоҳон ба зери ҳимояи худ мегирифтанд.

Яке аз намояндагони барҷастаи ҳаракати ислоҳотхоҳони Филиппин Хосе Рисал тавассути асарҳои публитсистии "Филиппин баъди 100 сол" ва "Дар бораи беҳудагии Филиппиниҳо" ва хусусан романи машҳури "Ба ман даст нарасон!" мехоҳад, ки вазъи ғуломонаи мардуми Филиппинро ба ҳукуматдорони испанӣ нишон диҳад. Романи Рисал мардумро ба муқобили зулми мустамликавии испанӣ даъват мекард. Он дар тайёр кардани инқилоби Филиппин мақоми арзанда дорад.

Дар солҳои 80-уми асри XIX ҳаракати таблиғотӣ барои ислоҳот ба марҳалаи нави худ қадам ниҳод. Соли 1889 дар Испания "Созмони Испанияю Филиппин" ташкил меёбад, ки он дар сафҳои худ муҳоҷирони филиппинӣ ва намояндагони буржуазияи озодихоҳи испаниро муттаҳид кард. Созмон дар назди худ вазифа гузошт, ки: 1) барои Филиппин истиқлолият талаб накарда, он ба музофоти Испания табдил дода шавад; 2) ислоҳот бо роҳи осоишта ба амал бароварда шавад; 3)

роҳибони испанӣ аз ибодатхонаҳо пеш карда шуда, ба ҷойи онҳо рӯҳониёни маҳаллӣ таъин карда шаванд; 4) намояндагони филиппиниҳо дар кортесҳо аз нав барқарор карда шаванд; 5) филиппиниҳо дар идораи давлат иштирок кунанд; 6) ҳама дар назди қонун баробар бошанд; 7) ба филиппиниҳо озодиҳои демократӣ, аз он ҷумла, озодии сухан, маҷлисҳо ва матбуот кафолат дода шавад.

Аз моҳи феврали соли 1889 чопи рӯзномаи созмони Испанию Филиппин "Ла Солидаридад" шурӯъ гардид. Он дар бедории ҳисси миллии филиппиниҳо саҳми калон гузошт.

Фаъолияти ислоҳотхоҳӣ дар Филиппини солҳои 30-ум натиҷаи дилхоҳ надод. Соли 1892 муаллифи романи "Ба ман даст нарасон!" Рисал ба Филиппин баргашт ва моҳи июни ҳамон сол бо номи "Лигаи Филиппин" созмони ислоҳотхоҳонро ташкил намуд. Лига дар сафҳои худ намояндагони табақаҳои гуногуни Филиппин - аз зиёиёни буржуазию помешикӣ сар карда, то намояндагони буржуазияи майда ва табақаҳои поёни аҳолиро муттаҳид сохт. Вале ба "Лигаи Филиппин" муяссар нашуд, ки ба созмони оммавию сиёсӣ табдил ёбад. Ин ҷо ду сабаб буд: сабаби якум, ҳабси Рисал ва ба ҷазираи Минданао бадарга карда шудани ӯ буд. Сабаби дуюм он буд, ки ин вақт чӣ дар Испания ва чӣ дар Филиппин давраи ислоҳотхоҳӣ рӯ ба таназзул ниҳод. Фаъолияти "Лига", асосан, ба ҷамъоварии маблағ маҳдуд шуда буд. Маблаги ҷамъовардашуда барои нашри адабиёти таблиғотӣ истифода бурда мешуд. "Лигаи Филиппин" охирҳои соли 1893 пароканда шуд.

Дар байни асосгузорони "Лигаи Филиппин" Андреас Бонифасио низ буд. Ӯ моҳи июли соли 1892 ҷамъияти инқилобии "Катипунан" ("Иттиҳоди олии писарони барӯманди халқ)-ро ташкил мекунад. Шумораи аъзои ҷамъият аз 300 нафари моҳи июл дар моҳи августи ҳамон сол то 30 ҳазор нафар афзуд. Ин созмон бар он ақида буд, ки мардум бояд барои истиқлолияти давлатии Филиппин мубориза барад. Принсипҳои идеологии "Катипунан" дар "10 васияти писарони Ватан"-и Бонифасио ва "Таълимоти асосӣ"-и Эмилио Хасинто инъикос гардида буданд.

Соли 1895 "Катипунан" ба тайёрии бевоситаи Шӯриши мусаллаҳ мегузарад. Дар огози соли 1896 пинҳонӣ рақами аввали рӯзномаи он -"Калайян" ("Озодӣ") аз чоп мебарояд. Ин рӯзно-

ма дар паҳн намудани таблиғоти инқилобӣ дар Филиппин мақоми муҳим дошт.

**Инқилоби Филиппин.** То моҳи августи соли 1896 тайёрӣ ба шӯриши мусаллаҳ ҳанӯз ба охир нарасида буд. "Катипунан" ба миқдори зарурӣ силоҳ ҳам надошт. Ҳамин вақт дар бораи нақшаи шӯриши "Катипунан" хоине ба ҳукуматдорони мустамликавӣ хабар медиҳад. Аз ҳамин сабаб, зарурат ба миён омад, ки шӯриши яроқнок таъҷилан огоз карда шавад.

23 августи соли 1896 Бонифасио аз деҳкадаи дурдасти хурди Балинтавак ба халқ мурочиат кард, ки ба шӯриши мусаллаҳ бархезад. Ин мурочиат дар таърихи Филиппин бо номи - "Даъвати Балинтавак" машҳур аст. Қариб ҳамаи созмонҳои маҳаллии "Катипунан", аз он ҷумла дар Лусони Марказӣ ва Ҷанубӣ ва ҳатто дар ҷазираҳои дурдасти Минданас ва Суду ба шӯриш бархостанд.

Ҳукуматдорони испанӣ бар зидди иштирокчиёни инқилоб террори ваҳшиёнаро огоз намуданд. Бисёр аъзоёни "Катипунан" дастгир ва ба қатл расонида шуданд. 30 декабри соли 1896 Рисал ҳам қатл карда шуд.

Дар масъалаи усули мубориза дар "Катипунан" ду ҷараён пайдо мешавад. Бонифасио ва Агиналдо роҳбарони ин ду ҷараёни ба ҳам муқобил буданд. Ба Агиналдо муяссар шуд, ки дар байни шӯришчиён тавассути ҳилаю найранг обрӯйи калон пайдо намуда, "Катипунан"-ро барҳам занад. Бо фармони Агиналдо 10 майи соли 1897 Бонифасио парронда мешавад. Баъди ин, роҳбарии инқилоби Филиппин ба дасти Агиналдо мегузарад.

Мубориза дар байни инқилобчиён пахш кардани инқилобро осон кард. Дар баробари пахши шӯриш ва террори иштирокчиёни он испаниҳо нағз мефаҳмиданд, ки ин шӯришро танҳо тавассути силоҳ шикаст додан мушкил аст. Барои гуфтушунид яке аз иштирокчиёни собиқи ислоҳотхоҳон Педро Патерно дар байни Агиналдо ва генерал-губернатор Примо Де Ривера миёнарав шуд. Ҳамин тариқ, гуфтушуниди ду тараф огоз ёфт. 18 ноябри соли 1897 дар қароргоҳи ҳукумати инқилобии Биакна-Бато Конститутсияи аввали Ҷумҳурии Филиппин эълон карда шуд. Дар ин ҷо дар бораи қатъи муборизаи яроқноки филиппиниҳо низ созишнома ба имзо расид. Аз тарафи худ ҳукуматдорони испанӣ уҳдадор шуданд, ки зарари ба филип-

пиниҳо расидаро чуброн мекунанд. Агиналдо ва ҳамсафони ӯ мамлакатро тарк намуданд. Ҳамин тавр, роҳбарони инқилоб ба халқи Филиппин хиёнат карданд. Вале хиёнати Агиналдо ва ҳамсафони ӯ ба муборизаи инқилобии халқи Филиппин нуқта нагузошт. Аллакай моҳи феврали соли 1898 муқовимати мусаллаҳонаи зидди Испания дар якчанд ноҳияи мамлакат аз нав огоз ёфт.

**Ҷанги ИМА бар зидди Испания.** Моҳи апрели соли 1898 ҷанги Испанияю ИМА оғоз гардид, ки он дар тақдири Филиппин мақоми ҳалкунанда бозид. Амрико барои ҳокимияти худро дар Филиппин барпо намудан, аз муборизаи миллию озодихоҳии филиппиниҳо истифода бурд. Бо ин мақсад, дипломатҳои Америка ва намояндагони артиши ҳарбии баҳрии он ҳанӯз то оғози амалиёти ҷангии зидди Испания бо Агиналдо гуфтушунид карда, ваъда доданд, ки баъди озодшавии ҷазираҳои Филиппин ба ин давлат истиқлолият медиҳанд. Ҳамин тариқ, амалиёти ҳарбии эскадраи ИМА дар Филиппин бар зидди флоти Испания оғоз ёфт. 2 майи соли 1898 дар халиҷи Манила флоти Испания аз тарафи флоти ИМА торумор карда шуд. Флоти Америка охири моҳи май Агиналдоро дар киштии худ ба Манила овард. 12 июн Агиналдо дар Кавита истиқлолияти Филиппинро эълон кард. Баъди ин шӯриш бо қувваи дучанд аз нав авҷ мегирад ва дар як муддати кӯтоҳ қариб тамоми Филиппин ба ҳокимияти инқилобӣ тобеъ мегардад. Ҳамин тавр, халқи Филиппин ба зулми 300-солаи мустамликадорони испанӣ хотима гузошт.

Моҳи сентябри соли 1898 дар шаҳри Малолос (музофоти Булакан) маросими кушодашавии Конгресси инқилобии Филиппин доир гардид. Он Конститутсияи Ҷумҳурии Филиппинро қабул кард. Ин Конститутсия дар он замон яке аз конститутсияҳои демократитарини ҷаҳон буд.

**Ҷанги ИМА ва Филиппини солҳои 1899-1901.** Ба халқи Филиппин муяссар нашуд, ки маҳсули истиқлолияти ватани худро чашад. 10 декабри соли 1898 дар шаҳри Париж дар байни ИМА ва Испания Созишномаи сулҳ ба имзо расид. Мувофиқи он Испания Филиппинро ба империализми ИМА во гузошт. Ҳамин тариқ, тақдири халқи Филиппин бе ширкати он ҳал карда шуд. Моҳи феврали соли 1899 ИМА бар зидди Филиппин амалиёти ҳарбиро оғоз кард. Бо ҳамин, ҷанги

ИМА ва Филиппин сар шуд. ИМА то моҳи ноябри соли 1899 муқовимати муташаккили артиши Филиппинро барҳам дод. Баҳори соли 1901 Агиналдо, ки аз тарафи америкоиҳо асир гирифта шуда буд, бори дуюм ба инқилоб хиёнат кард. Ӯ ба филиппиниҳо муроҷиат кард, ки муқобилиятро алайҳи ИМА қатъ кунанд.

Доираҳои ҳукмрони ИМА нағз мефаҳмиданд, ки онҳо наметавонанд Филиппинро мисли испаниҳо идора кунанд. Барои ҳамин ба роҳбарияти буржуазию помешикии ҷазираҳои Филиппин гузашт карданд. Соли 1902 дар ИМА барои муайян намудани мақоми мустамликавии Филиппин қонуне қабул карда шуд. Мувофиқи қонун намояндагони халқи маҳаллӣ ба идораи Филиппин роҳ дода шуданд. Ассамблеяи интихобии Филиппин ташкил гардид. Он гӯё палатаи поёнии парламенти Филиппин буд. Аъзоёни палатаи болоӣ аз тарафи маъмурияти мустамликавӣ-ИМА таъин мегардиданд. Ин Палата "комиссияи Филиппин» ном дошт. Ҳокимияти иҷроия дар дасти генерал-губернатори амрикоӣ буд. Ӯ ҳуқуқи "вето", яъне "рад мекунам"-ро дошт.

Соли 1907 ба Ассамблеяи Филиппин интихоботи нахустин доир гардид. Дар он Ҳизби Миллӣ, ки навташкил буд, ғалаба кард. Ин ҳизб эълон дошт, ки истиқлолияти давлатии Филиппин тавассути мубориза осоиштаи парламентӣ ба даст дароварда мешавад.

Ҳамин тариқ, Филиппин аз зери зулми Испания озод шуда, ба манбаи ашёи хом ва бозори фурӯши молҳои саноатии ИМА табдил ёфт.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1871** – дар Филиппин ба вазифаи Генерал-губернатор шурӯъ кардани Искиэрдо

**17.11.1872** – аз тарафи мустамликадорони испанӣ қатл карда шудани Бургос, Гомес ва Самора - роҳбарони ҳаракати озодихоҳии халқи Филиппин

**11.1889** – огози чоп шудани рӯзномаи Созмони Испанияю Филиппин "Ла Солидаридад"

**VI.1892** – аз тарафи муаллифи романи «Ба ман даст нарасон!» Рисал ташкил карда шудани "Лигаи Филиппин"

| | |
|---|---|
| Охири 1893 – | пароканда шудани "Лигаи Филиппин" |
| 10.V.1897 – | бо фармони Агиналдо парронда шудани роҳбари "Лигаи Филиппин" Бонифасио |
| 18.XI.1897– | қабул карда шудани Конститутсияи аввалини Ҷумҳурии Филиппин |
| II.1898 – | муқовимати мусаллаҳонаи филиппниҳо бар зидди Испания |
| IV.1898 – | огози ҷанги ИМА ва Испания |
| 2.V.1898 – | дар халиҷи Манила аз тарафи флоти ИМА торумор карда шудани флоти Испания |
| 12.VI.1898 – | дар Кавита аз тарафи Агиналдо эълон карда шудани истиқлолияти Филиппин |
| IX.1898 – | дар шаҳри Малолос - музофоти Булакан – кушода шудани Конгресси инқилобии Филиппин. Аз тарафи он қабул карда шудани Конститутсияи дуюми Ҷумҳурии Филиппин |
| 1899-1901 – | ҷанги ИМА ва Филиппин |
| 1902 – | дар ИМА қабул карда шудани қонуни марбут ба мақоми Филиппин |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Филиппинро Испания кай ба мустамликаи худ табдил дода буд? **2.** Оё инқилоби испании солҳои 1808-1812 ба вазъи сиёсию иҷтимоии Филиппин таъсир расонид? **3.** Ҳаракати ислоҳотхоҳӣ дар Филиппин кай оғоз ёфт? **4.** Ҳукумати мустамликавии Испания ба шӯришчиён чӣ хел ҷазо дод? **5.** Дар бораи Хосе Рисал ва асарҳои ӯ чиҳо медонед? **6.** Дар бораи фаъолияти Созмони Испанию Филиппин нақл кунед. **7.** Инқилоби Филиппин чӣ тавр оғоз ёфт? Оё дар шикаст хӯрдани он Агиналдо "саҳм" гузошта буд? **8.** Филиппин кай ва чӣ тавр ба ихтиёри ИМА гузашт? **9.** Ҷанги солҳои 1899-1901-и ИМА ва Филиппинро маънидод кунед. **10.** ИМА Филиппинро чӣ тавр идора мекард? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 20. ВЕТНАМ

**Ҷаиуби Ветнамро ишғол кардани Фаронса.** Моҳи августи соли 1858 эскадраи киштиҳои Фаронсаю Испания бо баҳонаи дифои воизони насронӣ ба бандари Дананг даромада, хостанд, ки пойтахти империя - шаҳри Хюеро забт кунанд. Императори Ветнам ба муқобили истилогарон зиёда аз 4000 нафар аскарони яккачини худро фиристод. Вале дар ин ҷо дар байни тарафҳо

задухӯрд ба амал наомад. Фармондеҳи фаронсавиҳо эскадраи киштиҳои худро ба поёноби дарёи Меконг равон кард. Дар ин ҷо сипоҳиёни Фаронса шаҳри Сайгонро ишғол карда, худашон дар муҳосира монданд.

Дар шароити мушкил сипоҳиёни Ветнам тавонистанд, ки мубориаи муташаккилонаро бар зидди истилогарони Фаронса ташкил кунанд. Дар Дананг зуд якчанд истеҳком сохта шуданд. Сарфармондеҳи артиш дар Куангнам Нгуен Чи Фионги ботаҷриба таъин карда шуд.

Моҳи марти соли 1860 сипоҳиёни Фаронса шикасти худро эътироф карда, Данангро тарк карданд. Қувваҳои асосии Фаронса ба Чин равон карда шуданд, чунки ин вақт Фаронса бо ҳамроҳии Англия бар зидди ин давлат меҷангиданд. Баъди ғалаба бар Чин ва бо он бастани созишномаҳои нобаробар Фаронса қувваҳои асосии худро аз нав бар зидди Ветнам равон кард. Моҳи феврали соли 1861 амалиёти ҷангии артиши Фаронса бар зидди Ветнам аз нав огоз ёфта, то моҳи марти соли 1862 он се музофоти Ветнами Ҷанубӣ - Зя-Дин, Динътионг (Митҳо) ва Бенхоаро ишғол намуд.

Сарбозони ветнамӣ алайҳи фаронсавиҳо муқобилияти сахт нишон дода, ба душман талафоти калон медоданд. Вале оқибат лашкари Фаронса ба сипоҳиёни Ветнам шикаст доданд ва 5 июни соли 1862 дар Сайгон байни онҳо Созишномаи сулҳ ба имзо расид. Мувофиқи ин Созишнома, Фаронса музофотҳои ҷанубии Зя-Дин, Дин-Туонг, Биен-Хоа ва ҷазираҳои Кандаоро ба даст даровард. Ветнам ба Фаронса 20 млн франк товони ҷанг дод, тоҷирони Фаронса ҳуқуқ пайдо карданд, ки дар бандарҳои Дананг, Балак, Куангин ва соҳили Меконг - то сарҳади Камбоҷа молҳои худро фурӯшанд.

Ҳиндучин барои Фаронса аҳамияти калони стратегӣ дошт. Он дар мубориза барои ишғоли ҷануби Чин такягоҳи боэътимод шуда метавонист. Барои ҳамин, он дар назди худ вазифа гузошт, ки Камбоҷаро низ забт кунад. Соли 1863 флоти бо тиру тӯп хуб мусаллаҳбудаи Фаронса ба хоки Камбоҷа ҳуҷум кард. Шоҳи Камбоҷа аз тарс бе муқобилият тобеияти давлати худро ба Фаронса эълон кард. Ба мустамликаи Фаронса табдил ёфтани Ветнами Ҷанубӣ соли 1867 сурат гирифт. Ин вақт фаронсавиҳо 60 баҳонаи пахш кардани нуқтаҳои муқовимати сипоҳиёни худро

ба се музофоти боқимондаи Ҷануб - Вин-Лонг, Ан-Зянг ва Ха-Тиен дохил карданд, ки ин икдом рӯйирост вайрон карда шудани Созишномаи соли 1862 буд.

**Ветнамро пурра ишғол кардани Фаронса.** Баъди ба охир расидани ҷанги Фаронса ва Пруссия (солҳои 1870-1871), Фаронса барои Ветнами Шимолиро ҳам ба мустамликаи худ табдил додан тайёрӣ дид. Соли 1873 бо сардории Гарние 2 киштии ҳарбии Фаронса аз тарафи резишгоҳи дарёи Сурх то Ханой омада расиданд. Субҳидами 20 ноябр фаронсавиҳо ба қалъаи Ханой ҳуҷум карда, баъди фатҳи он шаҳрро ҳам ба даст даровrouted. Баъди як моҳ онҳо поёноби дарёи Сурхро ишғол намуданд. Вале халқи Ветнам бар зидди истилогарони Фаронса муқобилияти сахт нишон медод. Дар яке аз ҷангҳои назди Ханой фаронсавиҳо шикаст хӯрданд. Гарние дар он ҷо ҳалок гардид. Тарафи Фаронса дар зери фишори муборизаи миллию озодихоҳии халқи Ветнам ва иштирокчиёни шӯриши Тайпинҳои Чин (дастаи калони онҳо баъди шикастхӯрӣ бо номи "Байрақҳои сиёҳ" барои ёрӣ ба Ветнам омада буданд) маҷбур шуданд, ки бо Хюе гуфтушунид кунанд. Намояндагони Фаронса ва Ветнам 15 марти соли 1874 дар Сайгон ба Созишномае имзо гузоштанд, ки мувофиқи он Ветнам уҳдадор шуд, ки сиёсати хориҷии худро бо Фаронса "ҳамоҳанг" кунад. Бе розигии Фаронса ягон қисми Ветнам ба давлати дигар водор карда намешавад. Ҳуқуқҳои Фаронса оид ба ҷануби Ветнам тасдиқ гардид. Ба шаҳрвандони Фаронса дар Ветнам ҳуқуқи дахлнопазирӣ дода шуд. Барои хориҷиён киштигардӣ дар дарёи Сурх, бандари шаҳри Ханой ва бандарҳои соҳилҳои Шимоли Ветнам озод эълон карда шуд.

Давраи дуюми аз тарафи Фаронса забт карда шудани Ветнами Шимолӣ ба солҳои 80-уми асри XIX рост омад. Моҳи апрели соли 1882 сипоҳиёни Фаронса дар зери роҳбарии Ривъера Ханойро ишгол карданд. Амалиётҳои ҳарбӣ поёноби дарёи Сурхро фаро гирифтанд. Доираҳои ҳукмрони Ветнам сару калобаи худро гум карда, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Император Ти Дик Чун соли 1874 Чинро ба ёрӣ даъват карда буд. Он вакт ҳукумати Чин ба Ветнам ёрӣ нарасонд. Ин дафъа Ҳукумати Чин дид, ки бо ин ҷанги худ Фаронса ба ҷануби Чин ҳам таҳдид мекунад, қарор дод, ки артиши худро ба Ветнами Шимолӣ даро-

рад. Артиши Чин дар Ветнам тобистони соли 1883 қариб 25 ҳазор нафарро ташкил намояд ҳам, соли 1882 ва аввалҳои соли 1883 бар зидди артиши Фаронса амалиёти фаъолонаи ҷангӣ набурд. Моҳи марти соли 1883 артиши Фаронса Ханой ва шаҳри Намдинро ишгол намуд. Баъди моҳи июли соли 1883 вафот кардани император Ти Дик, муборизаи гурӯҳҳои гуногуни дарбор барои ҳокимият тезу тунд мешавад. Ин ҳолат ба фоидаи истилогарони Фаронса буд. Моҳи июли соли 1883 эскадраи Фаронса дар зери фармондеҳии адмирал Курбе бандар ва истеҳкоми наздисоҳилии Тхуананро, ки воқеан дарвозаи пойтахти мамлакат - шаҳри Хюе буд, гулӯлаборон кард. Ҳукумати Ветнам ба гулӯлаборонкунии киштиҳои Фаронса тоб наоварда, таслим шуд ва 25 августи соли 1883 ба Созишномаи сулҳ имзо кард. Моддаи аввали ин Созишнома протекторати Фаронсаро бар Ветнам эълон мекард.

Баъди ин, артиши Фаронса ба сарҳадҳои ҷанубии Чин наздик шуд. Фаронса бо роҳи дипломатӣ ҳукумати Чинро маҷбур кард, ки 11 майи соли 1884 дар Тянсзин дар бораи "дӯстӣ ва ҳамсоягии нек" қарордод имзо кунад. Қарордоди мазкур Фаронсаро уҳдадор кард, ки дахлнопазирии сарҳадҳои ҷанубии Чинро эътироф кунад. Чин бошад, эътибор доштани созишномаҳои Фаронсаро бо Ветнам тасдиқ намуд. Инчунин Чин уҳдадор шуд, ки артиши худро аз Ветнам мебарорад ва сарҳадҳои Чину Ветнамро тиҷорати Фаронса мекушояд.

Ба имзо расидани қарордоди мазкур ба Фаронса имконият дод, ки 6 июни соли 1884 бо дарбори императори Ветнам шартномаи ниҳоиро ба имзо расонад. Матни он дар Париж тайёр карда шуда буд. Ин шартномаи нави асоратовар маънии онро дошт, ки истиқлолияти Ветнам ба охир расид ва он пурра ба мустамликаи Фаронса табдил ёфт.

Фаронса Ветнамро ба зери дасти худ дароварда, онро чанд пора кард. Акнун Ветнами муттаҳид вуҷуд надошт. Он аз Бакки (Ветнами Шимолӣ), Чунгки (Ветнами Марказӣ ) ва Намки (Ветнами Ҷанубӣ) иборат шуд. Импернализми Фаронса ба ин се пора мувофиқ номҳои Тонкин (Ветнами Шимолӣ), Аннам (Ветнами Марказӣ ) ва Кохинхинро (Ветнами Ҷанубӣ) дод.

Баъди дар Ветнам мустаҳкам кардани мавқеи худ, империализми Фаронса хост, ки ба музофотҳои ҷанубии Чин сар дарорад. Баъди ба имзо расонидани Созишномаи 6 июни соли

1884 намояндагони Фаронса барои резонидани обрӯйи Чин дар Хюе муҳреро намоишкорона сӯзониданд, ки онро императори Чин ҳамчун нишонаи пуштибон ба императори Ветнам дода буд, ки ӯ Ветнамро идора кунад. Ба ин хотир, 17 августи соли 1854 Пекин ба Фаронса эътироз баён кард. Барои он ки Чин ҳокимияти Фаронсаро бар Ветнам пурра эътироф кунад, Фаронса бар зидди Чин амалиёти ҳарбиро огоз намуд. Ба эскадраи адмирал Курбе фармон дода шуд, ки соҳилҳои Чинро гулӯлаборон кунад. Ҳамин тариқ, ҷанги Фаронсаю Чин оғоз ёфт. Ҳукумати Чин ба Тонкин артиши мунтазами худро равон кард. Ҷангҳо дар самти Лангшон сурат гирифтанд. Артиши ветнамӣ бар зидди фаронсавиҳо муқобилияти шадид нишон медод. Моҳи марти соли 1885 онҳо ҳатто Лангшонро аз душман бозпас гирифтанд.

Вале ҷанг кашол ёфт ва кабинети Ж. Ферри бе иҷозати парламенти Фаронса наметавонист, ки барои идома ёфтани ин ҷанг қарзҳои нав бигирад. Аз тарафи дигар, ҳукумати Чин ба ҷанги дуру дароз тоб наоварда, тарафи Фаронсаро ба гуфтушунид даъват кард. Моҳи июни соли 1885 дар Тянсзин Созишномаи нав ба имзо расид, ки мувофиқи он Чин протекторати Фаронсаро бар Ветнам эътироф кард.

**Ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Ветнам.** Дар Ветнам режими мустамликавии Фаронса ба муборизаи миллию озодихоҳии Ветнам рӯ ба рӯ шуд. Дар солҳои 80-90-уми асри XIX ҳаракати зидди Фаронса бо номи "кон вионг" ("ҳифзи император"), ё ки "ветхан" ("ҳаракати олимон") машҳур аст. Ба он ватандӯсти матин Фан-дин-Фунг роҳбарӣ мекард.

3 июни соли 1885 ба Хюге сарфармондеҳи нерӯҳои экспедитсионии Фаронса де Курси омада, талаб мекунад, ки ҳукуматдорони Ветнам пурра ба маъмурияти Фаронса итоат кунанд. Барои муҳокимаи ин талаб Шӯрои давлатӣ ҷамъ омад. Қисми иштирокчиёни ҷаласа бар он ақида буданд, ки ба истило шудани мамлакат тан дода, ба фаронсавиҳо итоат кардан лозим аст. Қисми дигари онҳо бар зидди мустамликадорон муборизаи мусаллаҳона бурданро тақозо карданд. Ба ин гурӯҳ ёвари император Тон-Гхат-Тхуат ҳам дохил буд. Ӯ тавонист император Хам Нгиро бовар кунонад, ки бар зидди Фаронса ба мубориза бархостан лозим аст. Шаби 3-юми июн артиши Ветнам ба қалъаи Хюе



Ҷанги чирикҳои Ветнам ба муқобили мустамликадорони Фаронса

ҳуҷум карданд, вале ба фаронсавиҳо муяссар шуд, ки ин ҳуҷумро зада гардонанд ва шӯришро дар Хюе пахш кунанд. Император Хам Нги бо аҳли рикоби худ маҷбур шуд, ки ба яке аз музофотҳои Марказӣ - ба Куангчи фирор кунад. Аз он Но Хам Нги бо сипоҳаш ба Шимол рафта, музофоти Тханхоаро ишғол кард. Вале моҳи ноябри соли 1888 ӯро фаронсавиҳо дастгир карда ба Алҷазоир бадарга намуданд. Тон-тхат-Тхуат ба ёрии император мешитобад, вале дар роҳ ҳалок мешавад.

Ватандӯстони Ветнами Марказӣ ва Шимолӣ бар зидди истилогарони Фаронса муборизаи қаҳрамонона мебурданд. Дар байни онҳо Де Тҳам машҳур буд. Ӯ истеъдоди фавқулоддаи ҳарбию ташкилотчигӣ дошт. Де Тхам дастаҳои деҳқонон, "Байрақ ои сиёҳ" ва қабилаҳои кӯҳистониро муттаҳид карда, бар зидди фаронсавиҳо то дами вопасин мубориза бурд.

Огози асри XX дар ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Ветнам ду ҷараён мушоҳида карда шуд - ҷараёни ҷумҳурихоҳон ва ҷараёни ислоҳотхоҳон. Ба ҷараёни якум Фан-бой-Тяу роҳбарӣ мекард. Ин ҷараён бар он ақида буд, ки мустамликадорони Фаронсаро пеш карда, дар Ветнам низоми шоҳии конститутсионӣ ташкил кардан лозим аст. Ҷонибдорони ҷумҳурӣ ба ҷамъияти пинҳонкори "Донг-зу" ("Мурочиат ба Шарқ") дохил шуданд. Онҳо муборизаи мусаллаҳонаро ҳамчун воситаи амалӣ гардидани ормонҳои худ рад мекарданд. Роҳбари ҷараёни ислоҳотхоҳон Фан-тю-Чин буд. Ин ҷараён ҷонибдори дар асоси ислоҳот дигаргун сохтани мамлакат буд. Ҷараёни ислоҳотхоҳон дар дигаргунсозиҳои Ветнам ҳамкориро бо Фаронса рад намекард. Пайравони Фан-тю-Чин дар ҷамъияти "Зуй-тан" ("Дигаргунсозӣ") муттаҳид шуда буданд.

Соли 1908 ҷамъияти "Зуй-тан" барои дастгирии мутлақият ва аз нав барқарор кардани ҳокимияти император Тхан Тхай намоиш ташкил намуд, ки он ба шӯриш табдил ёфт. Империалистони Фаронса ин шӯришро пахш карданд. Фан-тю-Чин бадарға карда шуд.

Фан-бой-Тяу ин вақт дар муҳоҷират буд. Бо иштироки ӯ дар Ҷопон ва ҷойҳои дигар созмонҳои ватандӯстонаи "Ҷамъияти тиҷоратии Ветнам", "Лигаи Осиёи Шарқӣ" ва "Ҷамъияти эҳёи Ветнам" ташкил карда шуданд. Соли 1912 дар Гонконг (Сянган) ҳукумати муваққатии Ветнам ташкил карда шуд, ки дар он Фан-бой-Тяу мансабҳои ноиби нахуствазир ва вазири корҳои хориҷиро ба уҳда дошт. Соли 1914 бо талаби генерал-губернатори Фаронса ҳукуматдорони Гонконг Фан-бой-Тяуро ба маҳбас партофтанд.

**Ташкил додани Иттифоқи Ҳиндучин.** Соли 1887 мустамликадорони Фаронса Кохинхин, Аннам ва Тонкинро бо ҳамроҳии Камбоҷа дар Иттифоқи Ҳиндучин муттаҳид намуданд. Соли 1889 ба ин иттифоқ Лаосро низ ҳамроҳ карданд.

Сарвари идораи марказиятноки Иттифоқи Ҳиндучин генерал-губернатор ба ҳисоб мерафт. Қароргоҳи ӯ дар Сайгон буд. Дар ҳузури генерал-губернатор Шӯрои Олии Ҳиндучин амал мекард. Он мақоми маслиҳатӣ дошт. Ҳайати ин Шӯро, асосан, аз амалдорони фаронсавие, ки дар маъмурияти мустамликавӣ вазифаҳои калонро ишғол мекарданд (губернатори Кохинхин, ҳокимони олимақоми фаронсавии Аннам, Тонкин ва ғайра), иборат буд. Ғайр аз ин, ба ҳайати Шӯро ду намояндаи баландмартабаи ветнамӣ, ки онҳоро генерал-губернатор Тимин сарварӣ мекард, дохил буданд. Дар идораи ҳокимони Аннам, Камбоҷа ва Луангпробанга (Лаос) намояндагони баландмақоми фаронсавӣ низ ҳузур доштанд. Тамоми ҳокимият ғайрирасмӣ дар дасти онҳо буд. Тонкинро низ фаронсавӣ сарварӣ мекард. Кохинхин бошад, дар зери идораи губернатори Фаронса буд.

Фаронса чорабиниҳои маъмурию сиёсии худро дар Ветнам барои дар ин ҷо мустаҳкам кардани мавқеи иқтисодии худ ба амал мебаровард. Дар натиҷаи ин, сармояи Фаронса бе ягон мамоният ба Ҳиндучин ворид мегардид. Тоҷирони Фаронса аз харидани ашёи хоми арзон ва савдои молҳои саноатии худ даромади калон ба даст медароварданд.

## ҲУҶҶАТ

## СОЛИ 1862 ДАР САЙГОН БАСТА ШУДАНИ ШАРТНОМА ДАР БАЙНИ ФАРОНСА ВА ВЕТНАМ

Ин шартнома Созишномаи нахустине буд, ки қувваи воқеӣ дошт. Он натиҷаи таҷовузи мустамликавии Фаронсаю Испания буда, ба ҷанги солҳои 1858 - 1852 мубаддал гашт. Аз ҳамон вақт сар карда, Ветнам ба мустамликаи Фаронса табдил ёфтан мегирад.

***Моддаи 1.*** Минбаъд дар байни императори Фаронса ва маликаи Испания, аз як тараф ва шоҳи Аннам, аз тарафи дигар, сулҳи абадӣ ҳукмрон мегардад.

***Моддаи 2.*** Раияти Фаронса ва Испания метавонанд дар шоҳигарии Аннам пайрави таълимоти насронӣ бошанд, раияти Аннам метавонанд дини насрониро озодона қабул кунанд; зӯран насронӣ гардонидани онҳое, ки инро намехоҳанд, манъ карда мешавад.

***Моддаи 3.*** Се музофот - Биен-Хоа, Зя-Дин ва Дин-Туонг, инчунин, ҷазираи Пуло-Кондор тавассути шартномаи мазкур пурра ба идораи императории Фаронса дода мешаванд.

Ғайр аз ин, тоҷирони Фаронса метавонанд дар дарёи бузурги Камбоҷа дар ҳар гуна киштӣ шино карда, ба тиҷорат машғул шаванд: ин дарё, аз ҷумла, барои он киштиҳои ҳарбии Фаронса, ки ба он ҷо барои таъмини амният фиристода мешаванд, низ кушода аст.

***Моддаи 4.*** Агар аз рӯзи пойдор гардидани сулҳ, ягон давлати хориҷа хоҳад, ки қисми қаламрави Аннамро ба даст дарорад, (барои ин) аз иғво ва ё бастанӣ шартнома истифода барад, пас шоҳи Аннам (дар ян бора) ба императори Фаронса иттилоъ дода, ба ӯ дар ҳалли кори ёрӣ ба шоҳи Аннам озодии пурра медиҳад. Агар дар шартномае, ки шоҳ (Аннам) бо давлати хориҷа бастааст, дар бораи (ба ин давлат) вогузории қаламрав сухан рафта бошад, пас барои ин кор амри императори Фаронса тақозо карда мешавад.

***Моддаи 5.*** Раияти империяи Фаронса ва шоҳигарии Испания дар се бандар озодона тиҷорат карда метавонанд: Туран, Балат ва Куан-Ан.

Раияти Аннам метавонанд мувофиқи қоидаҳои муқаррааргардида дар бандарҳои Фаронса ва Испания озодона тиҷорат кунанд.

Агар ягон давлати хориҷӣ бо шоҳигарии Аннам тиҷорат кунад, пас раияти ин давлат он ҳуқуқи мусоидро гирифта намставонанд, ки раияти Фаронса ва Испания дар Аннам дар ихтиёри худ доранд.

***Моддаи 8.*** Шоҳигарии Аннам дар давоми се сол вазифадор аст, ки ба маблаги 4 млн доллар зарари расонидаашро ҷуброн кунад.

Аз сабаби он ки дар Аннам доллар дар муомилот нест, арзиши як доллар ба 0,72 тазл мувофиқ дониста мешавад.

***Моддаи 9.*** Агар ягон ҷинояткори ветиамӣ, роҳзан ва ё исёнгар горатгарӣ кунад ва ё дар қаламрави ба Фаронса тааллуқдошта исён бардорад ва ё аврупоии дар ягон ҷиноят олуда дар қаламрави Аннам пинҳон шуда бошад, пас дар баробари аз тарафи ҳукуматдорони Фаронса дар ин бора ба ҳокимияти Аннам хабар додан, номбурдаи охирӣ бояд ҷидду ҷаҳди худро барои боздошт ва додани ҷинояткор равон кунад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**VIII. 1858** – ба Ветнам ҳамла кардани эскадраи киштиҳои Фаронса ва Испания

**25. VIII.1883** – бастани Созишномаи сулҳ дар байни Фаронса ва Ветнам, ки он протекторати Фаронсаро бар Ветнам муқаррар намуд

**VI.1884** – ба Созишномаи ниҳоӣ имзо гузоштани Ветнам ва Фаронса, ки он пурра ба мустамликаи Фаронса табдил ёфтани Ветнамро тасдиқ намуд

**III.1885** – дар Тянсзин ба имзо расидани Созишнома дар байни Чин ва Фаронса, ки мувофиқи он Чин протекторати Фаронсаро бар Ветнам эътироф кард

**XI.1888** – императори Ветнам Хам Нгиро дастгир намуда, ба Алҷазоир бадарга кардани фаронсавиён

**1812** – дар Гонконг(Сянган) ташкил карда шудани Ҳукумати Муваққатии Ветнам

**1887** – Кохинхин, Аннам ва Тонкинро бо ҳамроҳии Камбоҷа дар Иттифоқи Ҳиндучин муттаҳид кардани мустамликадорони Фаронса

**1889** – ба Иттифоқи Ҳиндучин ҳамроҳ карда шудани Лаос

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ҷанги Фаронса барои ишғоли Ветнами Ҷанубӣ кай оғоз ёфтааст? **2.** Дар бораи Созишномаи сулҳи 5 июни соли 1862 Фаронса ва Ветнам маълумот диҳед. **3.** Ҳиндучин барои Фаронса чӣ аҳамият дошт? **4.** Камбоҷа кай ва чӣ тавр ба Фаронса тобеъ карда шуд? **5.** Дар бораи ҷанги Фаронса бар зидди Ветнами солҳои 1873 - 1874 чиҳо медонед? **6.** Моҳияти Созишномаи сулҳи Фаронса ва Ветнамро аз 15 марти соли 1874 шарҳ диҳед. Оё ин шартнома ба истиқлолияти Ветнам хотима гузошт? **7.** Дар бораи ҷанги Фаронсаи солҳои 1882-1883 бар зидди Ветнам нақл кунед. Он бо чӣ натиҷа анҷом ёфт? **8.** Чин ба воқеаҳои ҷанги Фаронса дар Ветнам чӣ дахл дошт? **9.** Моҳияти Созишномаи байни Чин ва Фаронсаи моҳи июни соли 1885-ро шарҳ диҳед. **10.** Далелҳое биёред, ки дар бораи ҳаракати миллию озоди-

хоҳии халқи Ветнам шаҳодат диҳанд. **11.** Мустамликадорон чӣ тавр шӯриши зидди Фаронсаро пахш карданд? Роҳбарони шӯриш ва императори Ветнам куҷо шуданд? **12.** Иттифоқи Ҳиндучин кай ва чӣ тавр ташкил дода шуд? Ба он кадом сарзаминҳои Ҳиндучин дохил карда шуданд? **13.** Ҳуҷҷатро хонда аз он хулоса бароред.

## § 21. ИНДОНЕЗИЯ

**Сиёсати иқтисодии Ҳолландия дар Индонезия.** Солҳои 50 ва 60-уми асри XIX дар Индонезия муносибатҳои сармоядорӣ ба вуҷуд омаданд. Бо шарофати ҳамин дар зарфи солҳои 1850 - 1880 даромади Ҳолландия аз Индонезия хеле афзуда, сеяки буҷаи мамлакатро ташкил кард. Дар ин солҳо Ҳолландия аз Индонезия зиёда аз 850 млн гулден даромади холис гирифтааст.

Буржуазияи саноатӣ оҳиста-оҳиста пурқувват шуда, бар зидди буржуазияи тиҷоратию молиявӣ ба мубориза бархост ва аз ҳукумати Ҳолландия талаб кард, ки монеаҳои ба ӯ халал расонанда аз байн бардошта шаванд. Оқибат ин гурӯҳи буржуазияи Ҳолландия ба мақсад расид. Соли 1864 парламенти мамлакат "Қонун дар бораи ҳисобот"-ро қабул кард, ки мувофиқи он идораи Индонезия аз зери ҳокимияти яккаю танҳои шоҳ бароварда шуд. Акнун буҷаи ширкати Ост-Индро парламенти Ҳолландия тасдиқ мекард.

Барои фаъолияти озодонаи буржуазияи саноатӣ ва молияи Ҳолландия дар Индонезия системаи "зироатҳои маҷбурӣ" халал мерасонид. "Қонуни қанд"-и соли 1870-и Ҳолландия ба даст кашидан аз "зироатҳои маҷбурӣ" ибтидо гузошт. Соли 1891 ин қонун бо пуррагӣ ба кор даромад. Соли 1870 "Қонуни Замин" қабул карда шуд. Мувофиқи ин қонун давлат, яъне Ҳолландия, соҳиби олии ҳамаи заминҳои Индонезия муқаррар гардид ва"заминҳои хусусӣ", ки ҳукумат ба ашхоси алоҳида туҳфа карда ва ё фурӯхтааст, истисно буданд. Аввал ин қонун, асосан, ба заминҳои Ява ва Мадура дахл дошт. Баъдтар – соли 1875 он нисбат ба мулкҳои боқимонда ҳам татбиқ карда шуд.

Барои ҳолландиҳо моликияти хусусӣ эълон карда шудани Замин оқибат ба он оварда расонд, ки дар ин сарзамин хоҳнохоҳ давлатҳои дигари империалистӣ ҳам соҳиби Замин

шуда, ҳукмронии Нидерландияро дар Индонезия ба зери хатар мегузоштанд. Барои ҳамин, соли 1875 ҳукумат фурӯхтани Заминро ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ қатъиян манъ кард.

Ҳамин тариқ, солҳои 70-и асри XIX дар Индонезия инҳисори давлатӣ бар Замин бекор карда шуд. Баъди ин сармояи хусусӣ ба Индонезия ба таври васеъ ворид гардид. Акнун ҷойи инҳисорҳои тосармоядории Ост-Индия ва давлатию крепостнойии шоҳи Нидерландияро инҳисорҳои молиявӣ гирифтанд. Дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри XIX барои ба корчаллонҳои хусусӣ қарз додани бонкҳо баҳри истифодаи самараноки бойигарии табиии Индонезия дар ин ҷо ширкатҳои роҳи оҳан, трамвай, киштигардӣ, саҳҳомӣ ва ғайра ташкил карда шуданд.

Агар системаи "зироатҳои маҷбурӣ"-и дар соли 1830 ҷоригардида фаъолияти сармоядорон ва соҳибкоронро маҳдуд карда бошад, пас ислоҳоти солҳои 70-ум барои сармоягузорӣ ва корчаллонию тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ин ислоҳот, пеш аз ҳама, ба мустамликадорони Нидерландия нафъовар буд.

**Ба Ҳолландия пурратар тобеъ карда шудани Индонезия.** Дар баробари Ҳолландия ба Индонезия сармояи давлатҳои дигари империалистӣ ҳам ворид мегардид. Ин раванд ҳукуматдорони Ҳолландияро ба ташвиш овард. Вале он ба фишори Англия тоб оварда натавонист. Ин буд, ки соли 1871 Ҳолландия ва Англия Созишномаи Суматраро ба имзо расониданд. Мувофиқи он, Ҳолландия ба ивази ба Англия вогузор кардани мустамликаи дар соҳили Африқои Ғарбӣ воқеъбудаи худ (дар Аче - Суматраи шимолӣ, ки дар наздикии Малай ва Сингапур воқеъ аст), ҳуқуқи озодона амал карданро ба даст даровард. Ҳолландия ба Англия дар Суматра шароити хуби тиҷоратӣ муҳайё сохт.

Ҳукумати Ҳолландия аз султони Аче талаб кард, ки ӯ ба зери Созишномаи тобеияти худ ба Ҳолландия имзо гузорад. Лекин султон ҷавоби рад дод. Ҷавобан ба ин, 26 марти соли 1873 Ҳолландия бар зидди Аче амалиёти ҷангиро сар кард. Баъди ҷангҳои шадид, моҳи декабри ҳамон сол Ҳолландия лашкари Ачеро торумор намуд. Ҳукумат саросемавор ба мулкҳои Ҳолландия ҳамроҳ карда шудани Ачеро эълон кард. Вале ҷанги мазкур бо ҳамин хотима наёфт. Дере нагузашта, "ҷанги муқаддас" бар

зидди "кофирон" қариб тамоми Индонезияро фаро гирифт. Ҳолландия якчанд маротиба паси ҳам ба Аче сарбоз фиристонд. Ба артиши Ҳолландия танҳо соли 1879 муяссар шуд, ки ноҳияҳои наздисоҳилии султонии Ачеро ба даст дароранд.

Дар байни роҳбарони шӯриши озодихоҳонаи султонии Аче Тенгку Чик ди Тиро, Имом Лонгбата, Теуку Умар ва ҳамсари Умар - Чут Ния Дин буданд. Дастаҳои ҷанговари онҳо борҳо бар неруҳои душман дастболо шудаанд. Ҳолландиҳо диданд, ки Ачеро бо роҳи зӯрӣ истило карда наметавонанд, амалдорони мансабпараст ва молу сарватҳои маҳаллиро тавассути ришваю туҳфа, имтиёзҳо ва вазифаҳои сердаромад ба тарафи худ кашиданд. Сарфи назар аз ин, ин мубориза ба таври муташаккил то соли 1904 ва номуташаккил то соли 1913 давом кардааст.

Солҳои 70-ум ва 80-уми асри XIX ҳолландиҳо дар Индонезия князиҳои зиёди дигарро низ ба итоати худ даровардананд. Бо вуҷуди ин, то соли 1900 дар ин ҷо боз қариб 350 князии феодалӣ, ё худ "свапрача" ("мулкҳои худидорашаванда") мавҷуд буданд, ки онҳоро ашрофони феодалӣ, ё ки пешвоёни авлоду қабилаҳо идора мекарданд. Лекин ин князиҳо қудрат надоштанд, ки истиқлолияти худро ҳимоя кунанд. Соли 1898 ҳукумати Ҳолландия бо номи "Изҳороти мухтасар" санадеро мураттаб сохт. Дар он гуфта мешуд, ки ҳокимони давлатчаҳои то ҳол "худидорашаванда" ҳуқуқ надоранд, мустақиман бо ягон давлати хориҷӣ робита кунанд. Онҳо вазифадоранд, ҳамаи он фармонҳои ҳукуматиро, ки ба корҳои дохилиашон марбутанд, бечуну чаро иҷро намоянд. Дар зарфи 10 сол ҳамаи ҳокимони Индонезия маҷбур шуданд, ки ба зери ин санади асоратовар имзо гузоранд. Бо вуҷуди ин, на дар ҳама ҷо халқи махаллӣ ба ҳолландиҳо итоат мекард. Дар ҷанубу ғарбии Сулавеси, дар Ҷамби, Банҷармасии, Аче, ҷазираи Ломбок ва баъзе ҷойҳои дигар имзогузории маҷбурӣ ба "изҳорот" шӯришҳоро ба амал овард. Сарфи назар аз ин, ба Ҳолландия муяссар шуд, ки аксарияти князиҳо ва султониҳои Индонезияро ба итоати худ дарорад. Танҳо як қисми ками онҳо насиби Англия шуд.

**Ба Индонезия сар даровардани сармояи хориҷӣ**. Дар оғози асри XX тақсими Индонезия дар байни мамлакатҳои империалистӣ асосан, анҷом ёфт. Қисми бештари он ба Нидерландия

(Ҳолландия) насиб гардид. Қисми шимолии Калимантанро Англия соҳибӣ кард. Португалия бошад, қисми шарқии Тиморро дар дасти худ нигоҳ медошт. Ҳолландия аз мухолифатҳои байни давлатҳои империалистӣ истифода бурда, ҳаракат мекард, ки ҳокимияти худро дар ин мустамликаи бой боз ҳам мустаҳкамтар кунад. Лекин ба ин ҷо талоши ширкатҳои давлатҳои дигари империалистиро ба хисоб нагирифта наметавонист. Агар Ҳоллания бар зидди онҳо муқовимат мекард, ҳокимият он дар Индонезия ба зери хавф гузошта мешуд. Аз ҳамин сабаб, соли 1905 ҳукумати Ҳолландия маҳдудиятҳоеро, ки дар Индонезия ба ширкатҳои хориҷӣ халал мерасониданд, бекор кард. Баъди ин дар Индонезия шумораи корхонаҳои хориҷӣ зуд зиёд мешуд. Дар ин ҷо майдонҳои нави парвариши қаҳва, найшакар, чой, тамоку ва ғайра васеъ мешаванд.
Саноати истеҳсоли қалъагӣ ва нафт бо тезӣ тараққӣ мекунад. Соли 1890 ширкати шоҳигарии Ҳолландия "Роял Датч" созмон ёфт. Соли 1907 он бо ширкати англисии "Шелл" муттаҳид шуд. Дар натиҷа, бо номи "Роял Датч-Шелл" яке аз трестҳои инҳисории бузургтарини нафтии ҷаҳон ба вуҷуд омад. Барои ба Индонезия ворид гардидани сармояи хориҷӣ бонкҳо мақоми калон доштанд, хусусан, бонки Ява, ки он аз соли 1827 арзи вуҷуд дошт. Солҳои 50-ум ва 60-ум ҳам дар Индонезия чандин бонки дигар кушода шуданд.

Давлатҳои хориҷӣ халқи Индонезияро сахт истисмор мекарданд. Дар солҳои 70-уми асри XIX - аввали асри XX дар истисморшавии Индонезия ҳиссаи мулкҳои берун аз Ява ва Мадура ва махсусан Суматраи Шарқӣ меафзояд. Ҳиссаи онҳо соли 1873 то 19 фоиз ва соли 1914 қариб то 50 фоизи содироти Индонезияро ташкил кард.

Аз солҳои 70-ум номгӯйи маҳсулоти барои содирот истеҳсолмекардагии Индонезияи мустамлика зиёд шуд. Муносибатҳои пулию молии он ҳам васеъ гардиданд. Иқтисодиёти Индонезия воқеан моҳияти мустамликавӣ пайдо намуд.

**Истисмори халқи Индонезия.** Болоравии ҳаҷми андозҳои пулӣ, вайрон шудани хоҷагиҳои натуралӣ, мавҷудияти баъзе шаклҳои меҳнати маҷбурӣ бори гароне буданд, ба дӯши аҳолии Индонезия. Заминҳои беҳтаринро сармоядорони хориҷӣ ба муҳлатҳои дуру дароз ҳамчун иҷора кашида мегирифтанд. Кишоварзон аз сабаби барои пардохти андоз пул надоштан, маҷбур мешуданд, ки қарз гиранд ва барои адои он ҳосили зироати ҷамънаоварда ва ҳатто

ҳанӯз киштнашударо якчанд сол пешакӣ фурӯшанд. Ҳуқуқи хариду фурӯши Замин, ки он тибқи қонуни соли 1870 ҷорӣ карда шуда буд, ба кишоварзон ва зиёдшавии Замини помешикон ва заминдории кулакон оварда расонид.

Деҳқонони Индонезия ба истисмори ҳолландиҳо ва мустамликадорони дигар бо шӯришҳо ҷавоб мегардониданд. Оғози соли 1888 чунин шӯриш дар маҳалли Серанги музофоти Яваи Ғарбӣ ба амал омад. Деҳқонони ин ҷо маҷбур шуданд, ки аслиҳа ба даст гиранд. Онҳо ҳатто шаҳри Чилегонро ба даст даровrouted. Ин шӯришро ҳукуматдорони мустамликавӣ бераҳмона пахш карданд. Баъди шӯриши мазкур дар солҳои 90-ум бо сардории Самин ном ватандӯст деҳқонони Яваи Марказӣ шӯриш бардоштанд. Роҳбари ин шӯриш мардумро даъват кард, ки ба ҳолландиҳо бойкот эълон карда шавад, мардум ба онҳо андоз ҳам насупорад. Оқибат ҳолландиҳо ин шӯришро пахш карданд. Самин соли 1914 дар бадарға вафот мекунад.

Соли 1889 К. Фан Дефентер ном озодандеш дар рӯзномае мақолаи "Қарзи шаъну шараф"-ро чоп кард. Дар он гуфта мешуд, ки буржуазияи Ҳолландия аз истисмори Индонезия даромади фаровон ба даст медарорад. Биноан, ӯ бояд нисбати халқи он "Қарзи шаъну шараф"-и худро адо намояд. Яъне дар бораи некӯаҳволии халқи ин мустамлика ғамхорӣ кунад. Баъди ин дар доираҳои ҳукмрони Ҳолландия нисбат ба Индонезия бо номи "сиёсати ахлоқӣ" андешае ба миён омад. Соли 1902 маликаи Нидерландия "Комиссия оид ба тадқиқи сабабҳои пастшавии некӯаҳволии халқи Ява ва Мадура"-ро созмон дод. Вале чорабиниҳои ин комиссия аҳволи халқи Индонезияро беҳтар накард, баръакс, онҳо даромади ширкатҳои Ҳолландияро зиёд карданд. Масалан, аз соли 1900 то соли 1914 истеҳсоли қанд аз 700 ҳазор тонна то 1 млн 400 ҳазор тонна, чой 2 баробар, тамоку 1,5 баробар ва нафт аз 360 ҳазор тонна то 1 млн 540 ҳазор тонна зиёд шуд. «Сиёсати ахлоқӣ»-и Ҳолландия истисмори халқи Индонезияро боз ҳам зиёдтар кард.

**Болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ.** Ба Индонезия сар даровардани аврупоиён, дар ин ҷо ба вуҷуд омадани муносибатҳои сармоядорӣ ва аз тарафи сармоядорону корчаллонҳои аҷнабӣ истисмор карда шудани мардум ҳисси миллӣ ва истиқлолиятхоҳии оммаро ба вуҷуд овард.

Сабаби дар Индонезия дер оғоз ёфтани муборизаи миллию озодихоҳӣ он аст, ки то охирҳои асри XIX миллатҳои Индонезия ҳанӯз хуб ташаккул наёфта буданд. Вале дар огози асри XX марказҳои ташаккули миллат дар Ява (явагиҳо ва сундҳо) ва баъд дар ноҳияҳои дигар (минангкабауҳо, ачеҳо, батакҳо ва гайра) пайдо мешаванд. Дар як вақт ягонагии умумииндонезиягии миллӣ ҳам ташаккул ёфтан мегирад. Забони индонезӣ - забони малайҳои Суматра ва Малай буд. Ин забон нисбат ба забонҳои дигар дар ҳамаи ҷазираҳои Индонезия бештар паҳн гардида, оҳиста-оҳиста ба забони умумидавлатӣ табдил меёфт. Дар ягонагии умумидавлатӣ халқҳои Индонезия забони малайи нақши босазо гузоштааст.

Ташаббускорони ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Индонезия зиёиён буданд. 20 майи соли 1908 бо ташаббуси доктор Вахилин Сулирохусодо, донишҷӯён Сутомб ва Гунаван Магункусумо ва бародари ӯ – Чипто Магункусумо созмони аввалини "Буди утомо" ("Мақсади олӣ") ташкил меёбад (дар Индонезияи муосир ҳар сол 20-уми май ҳамчун рӯзи бедоршавии миллии индонезиягиҳо ҷашн гирифта мешавад). Ба "Буди утомо" дар як муддати кӯтоҳ зиёда аз 10 ҳазор нафар одамон аъзо шуданд. Ин созмони ҷонибдорони роҳҳои осоиштаи муборизаи озодихоҳӣ буд. Худи ҳамон сол донишҷӯёни индонезиягии дар Ҳолландия таҳсилмекарда "Иттиҳоди Индонезия"-ро ташкил намуданд, ки он дар мавқеи миллатчигии умумииндонезиягӣ меистод.

Солҳои 1905–1907 дар мамлакат иттифоқҳои касабаи коркунони трамвай, роҳҳои оҳан, почта, телеграф, киштзорҳо ва коргарони заводҳои қанд ташкил карда шуданд. Аввал ба он, асосан, мардуми Аврупо дохил буд, вале аз солҳои 20-ум сар карда, аксарияти аъзои ин иттифоқҳои касабаро индонезиягиҳои муқимӣ ташкил мекардагӣ шуданд. Ҳаракати исломӣ ҳам васеъ мешуд. Соли 1912 созмони "Муҳаммадиён" ташкил карда мешавад. Созмонҳои этникӣ ва минтақавии амбонҳо, манангҳо, минахасҳо, ачеҳо, батакҳои масеҳӣ ва гайра пайдо мешаванд. Ҳаракати сиёсии ҷиноиҳои бумӣ низ пурзӯр мешавад. Ба онҳо муяссар мегардад, ки дар Индонезия ҳуқуқҳои корию тиҷоратии худро васеъ кунанд.

Моҳи сентябри соли 1912 дар зери роҳбарии Эрнест Дауэс-Деккер, Ки Хаҷар Девантара ва Чипто Магункусимо дар Семаранг Ҳизби Индонезия ташкил карда мешавад. Ин ҳизби зиёиёни демократӣ манфиати ҳамаи индонезиягиҳоро ҳимоя мекард. Ҳукуматдорони мустамликавӣ Ҳизби Индонезияро эътироф накарданд. Бинобар ин, 31 марти соли 1913 яке аз роҳбарони он Дауэс-Деккер ин ҳизбро пароканда эълон кард. Ҳукумати мустамликавӣ роҳбарон ва аъзои Ҳизби Индонезияро таъқиб мекард. Моҳи июни ҳамон сол се сарвари он ба Нидерландия бадарга карда шуданд.

Соли 1907 Ҳизби Инсулинде ташкил ёфт. Соли 1919 он Ҳизби Миллии Индонезия ном гирифт. Аксари аъзои Ҳизби Индонезияи парокандашуда ба ин ҳизб дохил шуданд.

Дар Индонезия созмонҳои дигари миллӣ низ ба вуҷуд омаданд. Аз он ҷумла, соли 1912 "Саракат ислом" ("Иттифоқи ислом") созмон ёфт. Он созмони оммавитарини озодихоҳии Индонезия ба ҳисоб мерафт. "Саракат ислом" то моҳи январи соли 1913 80 ҳазор нафар аъзо дошт. Он барои алайҳи зулми мустамликавии Ҳолландия муттаҳид кардани халқҳои Индонезия саҳми бузург гузоштааст.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1830 – дар Индонезия ҷорӣ карда шудани системаи "зироатҳои маҷбурӣ"

1864 – "Қонун дар бораи ҳисобот»-ро қабул кардани парламенти Ҳолландия. Мувофиқи он Индонезия аз зери ҳокимияти яккаю танҳои шоҳи Нидерландия бароварда шуд

1870 – қабул карда шудани "Қонуни қанд" ва "Қонуни Замин" барои Индонезия

1889 – мақолаи К. Фан Дефентер "Қарзи шаъну шараф" чоп шуд

1890 – ташкил ёфтани ширкати шоҳигарии Ҳолландия "Роял Датч" .

1907– бо номи "Роял Датч-Шелл" бо ҳам муттаҳид шудани "Роял Датч" ва "Шелл"

**20.V.1908** – аз тарафи доктор Вахилин Сулирохусодо ва чанд донишҷӯ ташкил намудани созмони аввалини Индонезия бо номи "Будо утомо" ("Мақсади олӣ")
**1912** – ташкил ёфтани созмони "Муҳаммадиён" ва Ҳизби Индонезия
**31.111.1913** – пароканда шудани Ҳизби Индонезия

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.**Сиёсати иқтисодии Ҳолландияро дар Индонезия шарҳ диҳед. Он ба манфиати кӣ равона карда шуда буд? **2.** Моҳияти «Қонуни Замин»-и соли 1870-ро муайян кунед. **3.**Чаро қонуни системаи "зироатҳои маҷбурӣ" бекор карда шуд? **4.** Аҷеро Ҳолландияро чӣ тавр ба худ тобеъ кард? **5.** Дар "Изҳороти мухтасар" чӣ ифода ёфта буд ва он чӣ тавр амалӣ шуд? **6.** Аз рӯйи кадом далелҳо исбот карда метавонед, ки дар охирҳои асри XIX - аввали асри XX ба Индонезия сармояи хориҷӣ дохил шудааст? Чаро Ҳолландия барои ин кор шароити зарурӣ муҳайё кард? **7.** Номи ду ширкати Аврупоиёнро номбар кунед. **8.** Бонкҳои ҳолландӣ дар Индонезия кадом вазифаҳоро иҷро мекарданд? **9.** Дар бораи халқи Индонезияро истисмор кардани мустамликадорони Ҳолландия нақл кунед. **10.** Мақолаи "Қарзи шаъну шараф" чиро дар назар дошт? **11.** Аз "Комиссия"-и ташкилкардаи маликаи Нидерландия кӣ бештар фоида дид? **12.** Дар бораи ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Индонезия мисолҳо оред. **13.** Ташкилёбии кадом созмону ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ аз болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Индонезия шаҳодат медиҳанд? Мақсади асосии онҳо аз чӣ иборат буд? **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 22. ҲИНДУСТОН

**"Шӯриши сипоҳиён" ва тағйири идораи мустамликавии Ҳиндустон.** Солҳои 1857-1859 дар Ҳиндустон ба муқобили мустамликадорони англис шӯриши калоне ба амал омад, ки он бо номи "Шӯриши сипоҳиён" машҳур аст. Ҳарчанд дар ин шӯриш, асосан, аскарони англисии баромадашон аз Ҳиндустон ширкат варзиданд, вале он дар байни халқи ин мустамликаи Британия ҳамовозии калон пайдо намуд. Англисҳо тавассути аскарони Ҳиндустон ба муқобили халқи ин мамлакат мубориза мебурданд ва онҳоро дар забт намудани мустамликаҳои нав

истифода мекарданд. Ба маъмурияти мустамликадории англис муяссар гардид, ки бо мушкилии зиёд шӯриши сипоҳиёнро пахш кунад. Сиёсати пештараи мустамликадории англис дар Ҳиндустон баъди ин шӯриш дер давом карда наметавонист, зеро он ҳуқуқҳои халқҳои Ҳиндустонро ҳаматарафа поймол менамуд.

Шӯриши халқии солҳои 1857-1859 англисҳоро маҷбур кард, ки ба системаи мустамликадории худ баъзе тағйирот дохил намоянд. 2 августи соли 1858 парламенти Англия дар бораи идораи Ҳиндустон қонуни махсус қабул кард, ки мувофиқи он идораи ин давлат аз ширкати Ост-Индия ба ихтиёри шоҳи Англия гузашт. Моликияти ширкат аз ҳукумати Англия шуд. Соҳибони саҳмияҳои ширкати Ост-Индия аз ҳисоби андоздиҳандагони ҳиндӣ ҷуброн карда шуданд. Оид ба Ҳиндустон вазорати алоҳида ташкил дода шуд, ки дар назди он бо ваколатҳои маслиҳатӣ аз ҷумлаи мансабдорони мустамликавӣ Шӯрои Ҳиндустон таъсис ёфт. Генерал-губернатори англис унвони ноиби шоҳи Англияро гирифт.

Таҷрибаи талхи шӯриши халқиро ба назар гирифта, солҳои 1860-1861 англисҳо дар Ҳиндустон артиши мустамликавиро аз нав сохтанд. Дар он шумораи ҳайати ҷузъу томҳои англисиро нисбат ба ҳайати шахсии ҷузъу томҳои сипоҳиён зиёдтар карданд. Дар кори аз ҳисоби халқҳои маҳаллӣ ташкил кардани дастаҳои алоҳидаи артиш онҳо принсипи бо ҳамдигар муқобил гузоштани гурӯҳҳои этникӣ, кастаҳо ва дину мазҳабро истифода бурданд. Дар баробари ин, бо мақсади дар байни халқи маҳаллӣ такягоҳ пайдо намудан, имконият фароҳам оварда шуд, ки ашрофзодагони маҳаллӣ дар вазифаҳои афсарҳои артиши мустамликавӣ хизмат кунанд.

Англисҳо аз сиёсати радкунии табақаҳои болоии феодалии Ҳиндустон даст кашида, ба онҳо ҳуқуқҳои муайян доданд. Масалан, князҳо ҳуқуқ пайдо намуданд, ки меросхӯри худро пешакӣ эълон кунанд. Он аъзои табақаи болоие, ки ҳангоми шӯриши сипоҳиён англисҳоро дастгирӣ карда буданд, аз тарафи мустамликадорон заминҳои зиёд тухфа гирифтанд. Тавре ки мебинем, иттифоқи феодалҳои ҳиндӣ бо

режими мустамликавӣ дар хиёнат ба манфиатҳои миллии Ҳиндустон асос ёфта буд. Назорат аз болои фаъолияти князҳои тобеъ тавассути "департаменти асосӣ"-и назди ноиби шоҳ ва намояндагони дар пойтахтҳои князҳобудаи ӯ ба амал бароварда мешуд. Ба ин амалдорон ҷузъу томҳои артиши англисию ҳиндӣ такягоҳи боэътимод буданд.

Интихоби роҳи бастани иттифоқ бо князҳо ва заминдорони феодалӣ қисми таркибии васеъ ва мустаҳкам кардани базаи иҷтимоии режими мустамликавӣ буд. Бо ҳамин мақсад, соли 1861 дар назди ноиби шоҳ ва губернаторҳои музофотҳо шӯроҳои қонунгузори салоҳияти маслиҳатидошта ташкил карда шуданд. Ҳайати онҳо аз намояндагони табақаҳои дорои Ҳиндустони Британияи Кабир иборат буд. Мустамликадорон системаи додгоҳи Ҳиндустонро низ аз нав сохта, онро ба системаи додгоҳи англисӣ як қадар наздик кунонданд.

Тағйирот дар идораи мустамликавии мамлакат ҳам ба мустаҳкам кардани дастгоҳи давлатии идораи Ҳиндустон ва ҳам барои ташкил намудани такягоҳи мустаҳками иҷтимоии режими мустамликавӣ равона карда шуда буд. Дар нимаи дуюми асри XIX ташаккули дастгоҳи давлатии идораи Ҳиндустон, асосан, ба охир расид.

**Сиёсати иктисодии Англия дар Ҳиндустон.** Сиёсати иқтисодии Британияи Кабир дар Ҳиндустони нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX ба нафъи империализми англис нигаронида шуда буд. Ин сиёсат ҳам кишоварзӣ, ҳам саноат, ҳам нақлиёт ва ҳам алоқаро дар бар мегирифт.

Англисҳо дар Ҳиндустон захираи Заминро аз нав ба ҳисоб гирифта, пардохти андоз аз Замин ва ҳуқуқи Замин доштанро ба низом даровcovered. Мустамликадорон доир ба Замин барои музофоти Бангола, музофотҳои Шимолу Ғарбӣ, Панҷоб ва музофотҳои Марказӣ қонунҳо қабул карданд. Ин чора зоҳирӣ ҳам бошад, аз тарафи заминдорон (феодалҳо) истисмор карда шудани кишоварзонро маҳдуд мекард.

Қонунҳои марбут ба Замин қабулшудаи англисӣ дар Ҳиндустон хариду фурӯши Заминро ба вуҷуд оварданд. За-

минҳои зиёд ба ихтиёри судхӯрон мегузаштанд. Ин раванд дар Маҳараштра ва Панҷоб бештар мушоҳида карда мешуд.

Дар нимаи дуюми асри XIX инҳисорҳои мустамликавию ашрофони феодалии маҳаллӣ аксарияти заминҳои Ҳиндустон-ро аз худ карданд. Кишоварзони Ҳиндустон акнун се бори гаронро ба дӯши худ гирифта буданд: андозҳо, рентаи Замин (рента – даромад аз Замин) ва қарзи судхӯрӣ.

Дар нимаи дуюми асри XIX ба манбаи ашёи хоми аграрӣ табдил ёфтани Ҳиндустон ба охир мерасад. Ин сабаби худро дошт. Дар ин давра Англия мақоми "устохонаи ҷаҳон"-ро аз даст дод. Истилогариҳои Олмон ва Фаронса дар Африқо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Океания мавқеи Англияро ҳамчун империяи бузургтарини мустамликавӣ сусттар карданд. Ин ҳолат аҳамияти Ҳиндустонро барои иқтисодиёти Англия баланд бардошт. Тараққиёти тиҷорат дар байни Ҳиндустон ва Англия рафти минбаъдаи тақсимоти меҳнатро дар байни саноати коркарди аввалияи Англия ва кишоварзию саноати кӯҳкании Ҳиндустон ва дар байни шаҳрҳои Англия, аз як тараф ва деҳоти Ҳиндустонро, аз тарафи дигар, инъикос мекард.

Моли асосии содироти ҳиндӣ пахта, пашм, ҷут, нахи нахл, биринҷ, гандум, индиго, гиёҳҳои шифобахш ва афюн ба ҳисоб мерафтанд. 80 фоизи пахтаи Ҳиндустон ба Англия фиристода мешуд. Арзиши умумии молҳои содироти Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX се баробар афзуд. Ҳиндустон дар ин давра беш аз пеш ба бозори молфурӯшии Англия табдил меёфт. Ба Ҳиндустон ворид кардани молҳои англисӣ 5 баробар афзуд. Аз Англия ба ин ҷо, асосан, газвор, зарфҳои филизӣ, маводи зебу зинат ва молҳои дигари истеъмолӣ оварда фурӯхта мешуданд. Англия аз Ҳиндустон тавассути андоз ҳам даромади калон мегирифт. Маблаги даромади метрополия аз ин манбаъ бемайлон зиёд мешуд. Соли 1859 он 361 млн рупия ва соли 1890 қариб 851 млн рупияро ташкил намудааст.

Дар давраи империализми Британияи Кабир усулҳои истисмори Ҳиндустон тағйир ёфт. Он, асосан, ҷойи маблаггузории сармоядорони англис шуд. Соҳаи калонтарини маблаггузорӣ дар Ҳиндустон роҳҳои оҳан буданд. Ин

соҳа ба мустамликадорон даромади аз ҳад зиёд медод. Афзоиши дарозии роҳҳои оҳани Ҳиндустон бо ҳамин сабаб ба амал меомад. Дар Ҳиндустон солҳои 60-ум 1300 км ва то солҳои 90-ум 25600 км роҳҳои оҳан сохта шуданд. Дар Ҳиндустон соҳаи дигари сердаромади маблаггузории англисҳо иншоотҳои обёрикунӣ буданд. Онҳо дар ҷойҳое бунёд мегардиданд, ки зироатҳои содиротӣ парвариш карда мешуданд. Махсусан, дар Синд ва Панҷоб музофотҳо барои парвариши пахта махсус гардонида шуда буданд.

Сармояи англисӣ ба сохтани корхонаҳои саноатӣ низ гузошта мешуд. То охирҳои солҳои 90-ум дар Ҳиндустон 177 фабрикаи бофандагӣ ва 33 фабрикаи ҷут ба кор даромаданд. Аз он ҷумла, дар Калкутта фабрикаҳои ҷут ва комбинати металлургӣ ва дар Канпур фабрикаҳои калони бофандагӣ сохта шуданд.

**Оғози ҳаракати миллию озодихоҳӣ.** Англия Ҳиндустонро дар парокандагӣ нигоҳ медошт. Дар ин ҷо қариб 600 княз мавҷуд буд ва ҷудоии онҳоро метрополия муҳофизат мекард. Ин ҳолат имконият намедод, ки миллатҳои Ҳиндустон хуб ташаккул ёбанд. Халқиятҳои дар гузашта пешқадам, масалан, андхра, малаялӣ ва ғайра қаламрави умумии худро надоштанд. Заминҳои аҷдодии онҳо ба князиҳои алоҳида, ки "музофотҳои Британӣ" ном доштанд, тақсим карда шуда буданд. Боқимондаҳои сохти кастагӣ ва ҳокимияти динӣ ваҳдати сиёсии халқҳо ва ташаккули шуури миллии онҳоро мушкил мегардонданд. Ташаккули миллии банголавиҳо, маратхҳо, гуҷаротиҳо, тамилҳо ва баъзе халқиятҳои дигаре, ки дар навоҳии аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи мамлакат сокин буданд, тезтар ба амал меомад.

Пурзӯршавии истисмори мустамликавӣ дар шароити гузариш ба империализм вазифаи мубориза бар зидди онро ба мадди аввал гузошт. Зиёиёни Ҳиндустон камшумор бошанд ҳам, дар байни халқ таъсири калон доштанд. Онҳо ҳамчун идеологи ҳаракати миллию озодихоҳии навоғозёфтаи Ҳиндустон баромад мекарданд.

Солҳои 70-ум дар Бангола, Бомбай ва баъзе шаҳру музофотҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда, созмонҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсии зиддианглисӣ ба вуҷуд меомаданд. Дар Бангола "Созмони Ҳиндустони Британия" ва "Созмони Британия" тавлид ёфтанд. Ин

созмонҳо зидди ҳаракати оммавии миллию озодихоҳӣ буда, танҳо барои ишғоли вазифаҳои давлатӣ, васеъ кардани мардуми Ҳиндустон ва бар зидди аз назари нажодӣ поймолкунии ҳуқуқҳои мардуми маҳаллӣ мубориза мебурданду бас.

Соли 1870 дар Махарад арбобони озодихоҳии муътадили ҳаракати миллӣ созмони "Пуни Сарвачаник сабҳа"-ро ташкил карданд. Ба вуҷуд омадани ҳаракати "свадеши" (маънояш - "истеҳсолоти худӣ") бахри бунёди истеҳсолоти ватанӣ ба ҳамин созмон алоқаманд буд.

Мутаассифона, тараққиёти сармоядорӣ вилоятҳои шимолӣ ва шимолу гарбии мамлакатро фаро нагирифт. Биноан, ҳаракати миллии дар ин ҷойҳо бавуҷудомада шакли маорифпарварӣ ва моҳияти динӣ дошт.

Дар солҳои 70-ум созмонҳои куҳна ва нави динию ислоҳотхоҳӣ ва мазҳабии ҳиндуия, исломӣ ва сикхӣ фаъолияти худро васеъ карданд. Баъзеи онҳо таълимоти диниро ба шароити ҳамонвақтаи Ҳиндустон мувофиқ карда, дар кори болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ саҳм мегузоштанд.

Шӯришҳои дар солҳои 70-ум бaамаломада аз болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон шаҳодат медиҳанд. Шӯриши солҳои 1859 - 1862 бо номи "Шӯриши индиго" дар Банголаи Шарқӣ, соли 1872 дар Панҷоб, соли 1875 дар князии Барод, шӯриши маратаҳо дар Пун ва Аҳмаднагар аз қабили ин шӯришҳо мебошанд.

Солҳои 1876 - 1878 ҳаракати озодихоҳӣ дар музофоти Бомбай хеле пурзӯр буд. Солҳои 1870-1880 ҳаракати кишоварзон дар Махараштра вусъат меёбад. Ин ҳаракат инқилобчии демократ Васудева Балванте Пхадке (1845 –1883) -ро тайёр кард. Ӯ аз оилаи бараҳман буда, маълумоти хуб дошт. Аз санскрит бохабар буд ва забони англисиро медонист. Пхадке ҳамчун ватанпарвар мустамликадоронро бад медид. Аввал ӯ ташвиқоти зиддианглисиро дар байни ҷавонони маратҳо мебурд. Баъд дар назди худ ва ҳамақидаҳояш вазифа гузошт, ки тавассути шӯриш дар Ҳиндустон режими мустамликавии Британияро барҳам мезанад. Соли 1879 Пхадке дастаи мусаллаҳи худро ташкил карда, бо сарварони деҳқонони шӯришбардошта робита барқарор намуд. Баҳори соли 1879 ба Пхадке муяссар

шуд, ки якчанд маротиба бар зидди мустамликадорон амалиёти ҳарбии бобарор кунад. Бо вуҷуди ин, то миёнаҳои тобистони ҳамон сол ба маъмурияти мустамликавӣ муяссар мешавад, ки ба дастаҳои Пхадке шикаст диҳад. Худи Пхадке ба даст афтид. Ӯро суди Пун ба бадарғаи якумра маҳкум кард.

Ғайр аз ин, боз даҳҳо шӯришҳои дигарро мисол овардан мумкин аст. Сарфи назар аз ин, онҳо ҳанӯз моҳияти умумиҳиндӣ надоштанд. Ҳаракати муташаккили умумимиллии озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон дар пеш буд.

Дар нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX дар Ҳиндустон, асосан, ду маркази калонтарини ҳаракати миллию озодихоҳӣ ба вуҷуд меояд - Махараштра ва Бангола. Баъди фаъолияти инқилобию демократии Пхадке дар Махараштра ҳаракати миллии радикалии чап бо сардории инқилобчии бузурги Ҳиндустон Бал Гангадхар Тилак (1856 - 1920) оғоз ёфт. Тилак аз оилаи маратхҳои бараҳман буда, ҳанӯз аз овони ҷавонӣ анъанаҳои озодихоҳии маратхҳоро қабул мекунад. Соли 1880 бо ҷадду ҷаҳди Тилак дар Пун барои фарзандони ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас мактаби нави англисӣ кушода мешавад. Соли дигар ӯ ба чопи рӯзномаи "Шер" ба забони маратхӣ ва "Махратта" ба забони англисӣ шурӯъ мекунад. Тавассути мактаб, нашрияҳо ва воситаҳои дигар Тилак ва ҳамфикрони ӯ ҳамчун муҳофизатгарони манфиатҳои буржуазияи миллӣ баромад мекарданд. Тилак шакли асосии муборизаро бар зидди мустамликадорон - бойкот кардани молҳои англисӣ меҳисобид.

**Оғози ҳаракати умумиҳиндустонии миллию озодихоҳӣ.** Ба рафти болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар мамлакат режими мустамликавӣ тавассути ҷазодиҳиҳо ҷавоб мегардонид. Соли 1878 ноиби шоҳ Литтон (1876 - 1880) дар бораи силоҳ қонуне баровард, ки аз рӯйи он ба ҳиндуҳо соҳиби силоҳи оташфишон будан манъ карда шуд. Худи ҳамон сол қонуни ниҳоят бераҳмонае оид ба матбуот ҳам қабул гардид, ки мувофиқи он ҳамаи мадракҳои ба забонҳои ҳиндӣ нашршаванда аз сензураи пешакӣ мегузаштанд. Вале ин чораҳо барои режими мустамликавии англис натиҷаи дилхоҳ надоданд.

Соли 1880 дар Англия Ҳизби либералҳо ба сари қудрат омада, дар Ҳиндустон зулми мустамликавиро каме сабуктар кунонид. Аз он ҷумла, баъзе қонунҳои зиддихалқиро бекор кард.

Соли 1882 ва минбаъд аксари аъзои мунисипалитетҳои шаҳрҳои калон аз тарафи табақаҳои болоии аҳолӣ интихоб карда мешуданд. Додгоҳҳо поймол карда шудани хуқуқҳои мардуми маҳаллиро аз назари нажодӣ бартараф карданд. Мубориза барои ҳалли ҳамин масъала миллатдӯстони ҳиндро водор намуд, ки сафҳои худро дар тамоми мамлакат мустаҳкам кунанд. Онҳо солҳои 1883 – 1884 барои ташкили созмони умумиҳиндӣ кӯшиши аввалине ба харҷ доданд. Вале он вақт ин кор ба онҳо муяссар нашуд.

Соли 1885 дар шаҳри Бомбай анҷумани якум (муассисони)-и Конгресси Миллии Ҳиндустон баргузор гардид. Юм котиби Генералии Конгресс интихоб шуд. Мустамликадорон солҳои аввал ба мавҷудияти КМҲ хайрхоҳона назар мекарданд. Ноиби шоҳ Лорд Дафферин (1884 - 1888) эълон дошт, ки "Конгресс аз инқилоб арзонтар аст". Доираҳои озодандеши метрополий бар он ақида буданд, ки ҳизби озодона амал мекардагӣ ба онҳо дар кори бо ҳукуматдорони мустамликавӣ ҳамдаст кардани фаъолияти нерӯҳои оппозитсионӣ ёрӣ хоҳад расонд.

Дар Конгресс намояндагони қаноти озодандеши ҳаракати миллӣ ҳукмрон буданд. Барномаи онҳо дар соҳаи иқтисодӣ, асосан, масъалаҳои зеринро дар бар гирифта буд: ҳимоя ва тараққиёти саноати миллӣ, кам кардани андозҳо, барпо кардани системаи муназзами қарзи сармоя. Конгресс ба поймолкунии қадру қимати саноати Ҳиндустон ва сиёсати нархгузории мус-тамликадорон эътирози қатъӣ баён кард.

Баъди ташкил ёфтани КМҲ мубориза дар байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии ҳаракати миллию озодихоҳӣ пурзӯр мешавад. Дар миёнаи солҳои 90-ум ба Тилак ва ҳамфикрони ӯ муяссар мешавад, ки дар Конгресс аксариятро ба тарафи худ кашанд.

Дар мамлакат бо ташаббуси Конгресс ва махсусан Тилак чорабиниҳои гуногуни миллӣ гузаронида мешуданд. Барои ҳавасмандкунии саноати миллии Ҳиндустон конференсияҳои саноатӣ ва намоишгоҳҳо ташкил карда мешуданд. Соли 1895 ба шарафи Худо Ганеша ва қаҳрамони маратҳҳо Шивами идҳои оммавӣ гузаронида шуданд, ки онҳо ба чорабиниҳои таблиғотии сиёсии КМҲ табдил ёфтанд. Чунин чорабиниҳо

дар Бангола низ доир гардиданд. Ҳукумати мустамликавӣ аз хатари ин чорабиниҳо ба ташвиш омада, соли 1897 Тилакро ба муҳлати 18 моҳ бадарга кард.

Солҳои 80-ум дар муқобили миллатдӯстии буржуазии ҳиндуӣ созмонҳои маорифпарварии исломӣ низ ба фаъолият шурӯъ карданд. Созмонҳои исломӣ дар муборизаи миллию озодихоҳонаи халқҳои Ҳиндустон унсури фарқияти ҳинду ва мусулмонро ворид сохтанд. Пешвои ҳаракати исломии Ҳиндустон Сайид Аҳмадхон (1817- 1898) буд. Ӯ дар байни мусулмонон созмони маорифпарварӣ ташкил кард ва дар Алигарх коллеҷ кушод. Сайид Аҳмадхон ҷонибдори режими мустамликадории Англия буд. Ба фикри ӯ, танҳо Англия метавонад ҳуқуқи мусулмонҳои Ҳиндустонро ҳимоя кунад. Гуногунии барномаи фаъолият дар кори муборизаи миллию озодихоҳии Ҳиндустон оқибат ин ду созмонро зидди ҳамдигар гардонид.

**Вазъи мустамликавии Ҳиндустон дар аввали асри** XX. Соли 1899 ноиби шоҳ Кёрзон (1899 -1905) таъин карда мешавад. Ӯ дар Ҳиндустон сиёсати рӯйирости нажодпарастиро пеш мебурд. Маъмурияти Кёрзон корчаллонҳои англисро пуштибонӣ карда, ба саноатчиёни Ҳиндустон монеаҳо эҷод мекард. Соли 1901 Кёрзон ба зери қонуни махсусе имзо гузошт, ки он дар ҷустуҷӯ ва азхудкунии бойигариҳои минералии Ҳиндустон ба инҳисорҳои англисӣ имкониятҳои калон фароҳам овард. Кёрзон зиёиёни ҳиндуро бад медид. Дар замони ҳукмронии ӯ ҳади ақалли андоз-ситонӣ аз даромади солона аз 500 рупия ба 100 рупия поён фароварда шуд, ки он, пеш аз ҳама, ба буҷаи зиёиён зарба зад. Солҳои 1898 ва 1905 ду маротиба амали қонуни сирри давлатӣ васеъ карда шуд, ки он бар зидди зиёиён истифода шуд. Нисбати КМҲ Кёрзон гуфтааст: "Дар назди ман вазифа истодааст, ки ба марги осоиштаи он мусоидат кунам". Бо вуҷуди ҳамаи ин, зулми Кёрзон рӯҳияи зиддимустамликавии мардуми Ҳиндустонро зиёдтар кард. Баъди аз ҳабс озод шудан, Тилак муборизаро бар зидди мустамликадорони англис давом дод. Бо шарофати ӯ дар Махараштра фаъолияти қаноти чапи ҳаракати миллатдӯстон ҷоннок мешавад. Дар музофоту

шаҳрҳои дигари Ҳиндустон ҳам ҳаракати миллию озодихоҳӣ аз нав авҷ мегирад.

Маъмурияти англисӣ хост, ки ба ҳаракати инқилобии Ҳиндустон зарба занад. Барои ҳамин, ноиби шоҳ Кёрзон соли 1905 Банголаро ду тақсим кард - Банголаи Ғарбӣ (ба он Биҳор ва Орсу ҳам дохил буданд) ва Банголаи Шарқӣ (бо ҳамроҳии Ассам). Банголагиҳо миллати нисбатан ташаккулёфтаи Ҳиндустон ба шумор мерафтанд. Қисми зиёди аҳолии он мусулмонҳо буд. Мувофиқи нақшаи мустамликадорон, тақсимоти Бангола бояд ба пастшавии ҳаракати миллию озодихоҳии Ҳиндустон оварда мерасонд. Лекин ин кор натиҷаи баръакс дод. Бар зидди тақсимкунии музофот ҳамаи табақаҳои ҷомеаи Бангола бархостанд. Моҳи июли соли 1905 дар Калкутта гирдиҳамоиҳои бузург ба амал омаданд. 15 октябри соли 1905 қонун дар бораи тақсимоти Бангола эълон карда шуд. Мардуми музофот он рӯзро рӯзи мотами миллӣ эълон кард. Дар Калкутта иштирокчиёни намоиши бузурги халқӣ суруди миллии "Банде матарам!" ("Салом Модар - Ватан!")-ро хонда истода, ба сӯйи дарёи Ганги барои ҳиндуҳо муқаддас мерафтанд, то ки дар соҳили он барои аз нав муттаҳид кардани кишвар савганд хӯранд.

Ҷугрофияи ҳаракати "свадеши" (истеҳсоли худӣ) дар Ҳиндустон рӯз то рӯз васеъ мешуд. Онро КМҲ ҳарҷониба дастгирӣ мекард. Ин буд, ки ҷаласаи навбатӣ дар охири соли 1905 баргузоргардидаи КМҲ бойкоти молҳои англисиро эълон намуд.

Соли 1906 ҷаласаи навбатии КМҲ пешниҳод намуд, ки «сварачи», яъне худидоракунии Ҳиндустон дар ҳайати Британияи Кабир эълон карда шавад. Ин вақт дар Конгресс дар масъалаи истиқлолияти Ҳиндустон ягонагии ғоявӣ вуҷуд надошт. Бо ҳамин сабаб, тобистони соли 1907 дар КМҲ ҷудоӣ ба амал омад. Сарфи назар аз ин, дар Ҳиндустон ҳаракати зиддианглисӣ рӯз то рӯз бештар ба назар мерасид. Маъмурияти мустамликавӣ қонуни матбуотро истифода бурда, Тилакро аз нав ҳабс кард. Мурофиаи сохтакоронаи додгоҳи мустамликавӣ 13-22 июли соли 1908 баргузор гардида, намоиш ва гирдиҳамоиҳои оммавиро ба вуҷуд овард. 23 июл дар Бомбай

корпартоии оммавӣ оғоз ёфт. Дар ҳама ҷо шиорҳои сиёсии зиддианглисӣ ва суратҳои Тилак дида мешуданд. Мустамликадорон ин дафъа қудрати пахш кардани намоишу гирдиҳамоӣ ва корпартоиҳоро надоштанд.

Маъмурияти мустамликавии Британия дар Ҳиндустон маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ кунад. Он тирамоҳи соли 1909 дар бораи "Шӯроҳои қонунгузор" қонун қабул кард. Дар як вақт бо назардошти меъёри қавмию мазҳабӣ дар Ҳиндустон системаи интихоботии нав ҷорӣ карда шуд. Ин система ҳиндуҳо ва мусулмонҳоро дар муқобили ҳамдигар нигоҳ медошт. Он ба талаботи Лигаи исломии соли 1907 ташкилёфта мувофиқ буд.

Соли 1911 ноиби навтаъиншудаи шоҳ Хардинг тақсимоти Банголаро бекор кард ва пойтахти Ҳиндустонро аз Калкуттаи инқилобӣ ба Деҳлии нисбатан ором кӯчонид.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1.АЗ ШАРҲИ РАСМИИ ОМОРИИ МУЗОФОТҲОИ ШИМОЛУ ҒАРБИИ ҲИНДУСТОН, КИ АМАЛДОРОНИ АНГЛИС СОЛИ 1876 МУРАТТАБ СОХТААНД

Коркун (ҳинду) чун қоида, ҳар рӯз танҳо як бор хӯрок мехӯрад, аниқтараш ҳангоми нисфирӯзӣ...

Бисёриҳо аз ҷумлаи табақаи қашшоқтарин дар як рӯз танҳо як маротиба хӯрок мехӯрад, як соат ва ё се соат баъд аз зуҳр. Дар айни замон, аз ҷумлаи сокинони бой хеле одамони кам дар як рӯз се маротиба хӯрок мехӯранд.

### 2. МУШОҲИДАИ САЙЁҲИ РУС Е.Н. СНЕСАРЁВ

Таъсири бади режими англисӣ ба муттасилии касалии вабо асар кардааст. Ҳангоме ки ман соли 1899 дар Ҳиндустон саёҳат мекардам, дар баъзе бемории вабо ва дар баъзе ҷойҳо ба муҳити касалии мараз дучор омадам ... 10 сол пай дар ҳам мараз халқро маҳв мекард. Дар ин масъала нуқтаи назари англисӣ ва маҳаллӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад: якумаш мардуми маҳаллиро ба хурофот ва ифлосӣ гунаҳгор мекунад, дуюмаш ба решаи масъала назар карда, ҳамон фикри асосиро мисол меорад, ки бадани хароб ва нимгуруснаи мардуми маҳаллӣ ба касалӣ хеҷ гуна муқовимат карда наметавонад...

Аз қашшоқӣ лоғаршавии бадан ва камшавии афзоиши аҳолии мамлакат боз ҳам дар натиҷаи ҳамон системаи сиёсии Англия ба амал омадааст. Мувофиқи барӯйихатгирии соли 1891 аҳолии тамоми Ҳиндустон 287.223.431 нафар буд. Соли 1900 мувофиқи меъёре, ки ҳукумати Хиндустон эътироф мекунад, шумораи табиии аҳолии он бояд 330.306.945 нафар мешуд. Вале мувофиқи барӯйихатгирии соли 1901 ҳамагӣ 294.000.000 нафарро ташкил намудааст, яъне аз назардошт 36.306.945 нафар камтар.

Ҳисоби миёнаи умри одам дар Ҳиндустон ба 23 сол, лекин дар Англия бошад, қариб ба 40 сол баробар аст, яъне дар Англия нисбат ба Ҳиндустон қариб ду баробар зиёдтар умр мебинанд.

### 3. АЗ КИТОБИ ҶАВОҲИРЛАЪЛ НЕҲРУ "КАШФИ ҲИНДУСТОН"

Дар Ҳиндустон пайдо шудани роҳҳои оҳан бартарии тараққиёти саноатиро нишон дод. То ин вақт дар шакли молҳои саноатии аз Англия овардашуда тарафи манфии ин тараққиёт аён шуда буд. Соли 1860 боҷ ба мошинҳои ворид мешудагӣ бекор карда шуд. Он барои ба индустрикунонии Ҳиндустон монеъ шудан ҷорӣ карда шуда буд... Аввалин шуда саноати ҷут дар Бангола пайдо шуд, ки он, асосан, барои шаҳри Дандии Шотландия кор мекард; баъдтар фабрикаҳои бофандагӣ дар Аҳмадобод ва Бомбай, ба фаъолият пардохтанд... сонӣ саноати кӯҳӣ арзи вуҷуд кард. Ҳукумати Англия дар Ҳиндустон бунёд кардани монеаро идома медод. Бо ҳамин мақсад, ба молҳои бофандагии ҳиндӣ боҷ ҷорӣ намуд... Сиёсати давлатии политсиягие, ки ҳукумати Ҳиндустон ба амал мебаровард, аз ҳама бараълотар дар он ифода меёфт, ки дар Ҳиндустон то асри XX на департаменти кишоварзӣ мавҷуд буду на департаменти тиҷоратӣ ва на саноатӣ. Департаменти кишоварзӣ танҳо ба шарофати хайрияи як амрикоии барои Ҳиндустонро дидан кардан омада, ки баҳри беҳдошти кишоварзии Ҳиндустон дода буд, дар системаи ҳукумати марказӣ ташкил карда мешавад. Дере нагузашта, соли 1905 департаментҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ ташкил карда шуданд. Вале он вақт фаъолияти ин департаментҳо хеле заиф буд. Болоравии саноат ба таври сунъӣ маҳдуд гашт ва тараққиёти табиии Ҳиндустон боз дошта мешуд.

### 4. ИСТИСМОРИ БЕМИСЛУ МОНАНДИ ҲИНДУЁН

Даромади миёнаи ҳар як ҳиндӣ зиёдтар аз 10 рубл муайян карда шудааст, вале агар аз шумораи умумии аҳолии Ҳиндустони Британия 231.085.132 085.132 нафар одамони бойро, ки қисми бузурги даромад ба онҳо тааллуқ дорад, тарҳ кунем, пас ба ҳар сари аҳолии боқимонда ё ки 230 миллион танҳо 12- шиллингӣ, яъне камтар аз 6 рубл рост меояд. Ана, ҳамин каси бадбахте, ки қариб 6 рубл даромад мегирад, бояд 1 р. 56 коп.; яъне чоряки даромади худро пардозад. Шояд дар ҷаҳон чунин андози золимонае мавҷуд набошад.

Агар ду шаҳрванди худи як Британия-шотландӣ ва ҳиндиро муқоиса кунем, пас мебинем, ки якум аз 17 як ҳиссаи даромадашро мепардозад, ҳиндӣ бошад, аз 4 як ҳиссашро, яъне ҳиндӣ нисбат ба шотландӣ - 4 баробар зиёдтар...

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1837-1898** – солҳои ҳаёти роҳбари ҳаракати исломӣ дар Ҳиндустон Сайид Аҳмадхон

**1857- 1859** – шӯриши сипоҳиён дар Ҳиндустон

**2.VIII.1858** – аз тарафи парламенти Англия қабул карда шудани қонун дар бораи идораи Ҳиндустон

1861 – дар назди губернаторҳои музофотҳои Ҳиндустон ташкил кардани шӯроҳои қонунгузории салоҳияти маслиҳатидиҳанда
1872 – шӯриш дар Панҷоб
1875 – шӯриш дар Барод
1885 – дар шаҳри Бомбай баргузор гардидани анҷумани муассисони Конгресси Миллии Ҳиндустон
1905 – аз тарафи англисҳо ду тақсим карда шуд(ани) Бангола
16.X.1905 – ба ҳукми қонун даромадани тақсимоти Бангола
1906 – "сварачи" эълон кардани ҷаласаи Конгресси Миллии Ҳиндустон
13-22.VII.1908 – мурофиаи додгоҳии мустамликавӣ аз болои Тилак
1909 – қабул карда шудани қонун дар бораи "Шӯроҳои қонунгузор"-и Ҳиндустон
1907 – ташкилёбии "Лигаи мусулмонӣ"-и Ҳиндустон
1911 – бекор карда шудани тақсимоти Бангола, аз Калкутта ба Деҳлӣ кучонидани пойтахти Ҳиндустон

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чаро ва чӣ тавр идораи мустамликавии Англия дар Ҳиндустон тағйир дода шуд? Он чӣ мақсад дошт? **2.** Дар бораи сиёсати иқтисодии Британияи Кабир дар Ҳиндустон маълумот диҳед. **3.** Чаро ва чӣ тавр сипоҳиёни мустамликавӣ дар Ҳиндустон аз нав ташкил карда шуданд? **4.** Ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **5.** Кадом созмонҳои ҳаракати миллию озодихоҳии солҳои 70-уми Ҳиндустонро медонед? **6.** Кадом шӯришҳои солҳои 60-ум ва 70-ум дар бораи оғози ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон шаҳодат медиҳанд? **7.** Дар бораи Пхадке чиҳо медонед? **8.** Дар бораи фаъолияти инқилобию демократии Тилак нақл кунед. Конгресси Миллии Ҳиндустон кай ва чӣ тавр ташкил ёфт? Чаро мустамликадорони англис ба фаъолияти он монеъ нашуданд? **9.** Ҳаракати исломии оғозкардаи Сайид Аҳмадхон аз ормонҳои КМҲ бо чӣ фарқ мекард? **10.** Англия кай ва чаро Банголаро

ба ду музофот тақсим кард? Оё он ба мақсади худ расид? **11.** Тақсимоти Бангола ба ҳаракати миллию озодихоҳии мардуми Бангола ва умуман ба Ҳиндустон чӣ таъсир расонд? **12.** Пойтахти Ҳиндустон кай аз Калкутта ба Деҳлӣ кӯчонида шуд? **13.** Ҳуҷҷатҳоро хонда, аз рӯйи мазмуни онҳо хулосаҳои мушаххас бароред.

## § 23. АФҒОНИСТОН

**Ислоҳоти Шералихон.** Соли 1863 Дӯстмуҳаммадхон вафот кард ва барои тоҷу тахти Афғонистон дар байни писарони ӯ муборизаи мусаллаҳона сурат гирифт. Оқибат соли 1868 дар ин мубориза Шералихон ғолиб баромада, амири Афғонистон шуд.

Шералихон ба Ҳиндустон сафар карда, ба навгониҳои аз Англия ба он ҷо роҳёфтаи буржуазӣ шиносоӣ пайдо намуда, баъди ба ватан баргаштан ба ислоҳоти давлатӣ даст зад. Ислоҳоти андози Шералихон мадди назар дошт, ки аз андози натуралӣ ба андози пулӣ бояд гузашт. Ислоҳоти ҳарбӣ азнавсозии артиш ва таъсиси сипоҳи муназзами муосирро дар назар дошт. Ба Шералихон муяссар гардид, ки артиши Афғонистонро пурқувват карда, шумораи онро то ба 50 ҳазор нафар расонад, ҳокимияти марказиро мустаҳкам кунад, мақомоти махсуси машваратӣ ва политсияи давлатиро ташкил намояд. Ғайр аз ин, ӯ ба ислоҳоти тиҷорат ва фарҳанг ҳам шурӯъ кард. Дар мамлакат шабакаи алоқаи почтаро ташкил кард, барои беҳтар кардани роҳҳо чораҳои зарурӣ андешид. Соли 1873 рӯзномаи аввалини Афғонистон "Шамс-ун-наҳор" ба чоп расид. Вале ба татбиқи пурраи ислоҳоти Шералихон таҷовузи нави ҳарбии Англия халал расонд.

**Оғози ҷанги Англияву Афғонистон.** Дар ишғол кардани Афғонистон бо Англия Русия рақобат мекард. Соли 1873 ҳукумати Русия Англияро бовар кунонид, ки "Афғонистонро минтақаи манфиатҳои худ намешуморад". Баъди ин Англия сипоҳи худро ба наздикии сарҳади Афғонистону Ҳиндустон оварда, ҷо ба ҷо кард ва ба ҷанги зидди Афғонистон омодагӣ гирифт. Аз ин кор Шералихон ба ташвиш афтода, сафирони худро ба Русия фиристод, то ки он ба Англия таъсир расонад. Ғайр аз ин, Русия дастаи начандон калони аскарони худро ба сарҳади

Афғонистон равон кард. Баҳори соли 1878 намояндагони дипломатии Русия бо сардории Столетов ба Кобул омаданд. Онҳоро дар ин ҷо ботантана пешвоз гирифтанд. Вале ин вақт дар Конгресси байналхалқии Берлин (с. 1878) дар масъалаи сиёсати байни Русия ва Англия ҳусни тафоҳум ба даст омад. Барои ҳамин, лоиҳаи Созишномаи Русияю Афгонистон, ки Столетов ба Петербург оварда буд, тасдиқ нашуд. Аз тарафи дигар, Англия аз Шералихон талаб кард, ки намояндаи онро бо сардории Н. Чемберлен (ӯро дастаи ҳарбиён ҳамроҳӣ мекарданд) қабул намояд. Дар назди дипломати англис вазифае меистод, ки мутобиқи он Афгонистон бояд муносибатҳои худро бо Русия қатъ кунад ва ба кушодани намояндагии англисӣ дар Кобул, Балх ва Ҳирот иҷозат бидиҳад. Вале фиристодагони Англия ба мамлакат роҳ дода нашуданд. Гуфтушуниди амир бо Столетов ва рад карда шудани қабули намояндагони англисӣ ба Англия барои сар кардани ҷанги зидди Афғонистон баҳона шуд. Нахуствазир Лорд Биконефилд дар палатаи (маҷлиси) ҷамоаҳои парламенти Англия баромад карда, иброз дошт, ки сарҳади шимолу гарби Ҳиндустон "тасодуфӣ ва ғайриилмӣ" аст. Дар баробари ин, ба Афгонистон талаби қатъӣ фиристода шуд, ки ҳамаи талабҳои Англия бетаъхир қонеъ гардонида шаванд. Ба ҷавоби талаб интизор нашуда, моҳи ноябри соли 1878 артиши 35-ҳазорнафараи Британия ба Афғонистон зада даромад.

Сарҳадчиёни афгон аввалин шуда, бо артиши англисӣ дар гузаргоҳи Хайбар вохӯрданд. Ба он генерал Броун роҳбарӣ мекард. Гарнизони қалъаи Алӣ Масҷид зидди англисҳо муқобилияти сахт нишон дода бошад ҳам, маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ кунад. Дар миёнаҳои моҳи январи соли 1879 Броун Ҷалолободро ишгол кард. Баъди ин артиши Британӣ ба даруни мамлакат ворид гардид. Ҷузъу томҳои артиши Афгонистон алайҳи душман ба таври бояду шояд муқовимат карда натавонистанд. Англисҳо аз зиддиятҳои дохилӣ низ истифода бурда, дар Кобул ва вилоятҳои алоҳидаи Афгонистон мухолифатҳо ташкил карданд. Ин ҳолат Шералихонро маҷбур намуд, ки дар Кобул ба ҷойи худ писараш Яъқубхонро монда, ба Мазори Шариф фирор кунад. Шералихон ба Мазори Шариф омадан замон бемор шуда, 20 февра-

ли соли 1879 вафот мекунад. Амири ҷавон Яъқубхон нисбат ба Англия ҳусни таваҷҷуҳ дошт. Ӯ тавассути нома ду маротиба ба ҳукумати Англия муроҷиат кард, ки таҷовузи зидди Афғонистонро бас кунад. Сафири Русия дар Лондон Шувалов низ ба ҳукумати Англия чандин номаи эътирозӣ равон кард. Вале ин номаҳо бе ҷавоб монданд.

Яъқубхон ба сипоҳиёнаш фармуд, ки муқобилиятро бо англисҳо бас кунанд. Ӯ 26 майи соли 1879 дар маҳаллаи Гандумак бо ҳамроҳии намояндаи масъули ҳукумати англоҳиндӣ Луи Каваньярӣ ба зери Созишномаи барои Афғонистон асоратовар имзо гузошт. Аз рӯйи он Афғонистон минбаъд бо давлатҳои хориҷӣ мустақилона робита карданро аз даст дод. Ноҳияҳои Сибӣ, Пишми ва Куррам таҳти идораи англисҳо даромаданд ва назорат ба гузаргоҳҳо аз болои агбаҳо низ ба ихтиёри англисҳо гузашт. Амири Афғонистон акнун ба резиденти дар Кобулбудаи англисӣ итоат мекард.

Вале халқи Афғонистон ба тақдир тан надод. Дар мамлакат ҷанги чирикӣ вусъат ёфт. Дастаҳои зиёди фидоиён ба сӯйи пойтахти мамлакат - Кобул меомаданд. Соли 1879 дар Кобул аскарҳо ва фидоиён шӯриш бардоштанд. Дар ин ҷо онҳо бинои намояндагии Англияро ба даст дароварда, англисҳои дар он будаcolumns қатл карданд. Яъқубхон ба ҷойи он, ки ба ҳаракати муқовимати халқ бар зидди истилогарони англис роҳбарӣ кунад, баръакс, ба тобеони худ фармуд, ки фармонҳои намояндагони англисиро бечуну чаро иҷро кунанд.

Ҳукумати Англия қарор дод, ки дар зери роҳбарии генерал Робертс ба Афғонистон дастаи ҷазодиҳандағонро равон кунад. Ба ин даста супориш дода шуда буд, ки Кобулро ишгол намуда, эълон кунад, ки артиши англисӣ аз Афғонистон баромада намеравад. Робертс ваъда дод, ки ҳар касе дар ин кор ба англисҳо дасти ёрӣ дароз кунад, дастгирии ӯро қадр хоҳем кард. Яъқубхон ба пешвози Робертс баромада, садоқати худро ба англисҳо нишон дод.

Бар хилофи хиёнати Яъқубхон ва баъзе ҳокимони маҳалҳо, дастаҳои чирикӣ ва деҳқонон бар зидди ҷазодиҳандагони англис муқобилияти сахт нишон медоданд. Артиши амири собиқ Шералихон, ки ба он Муҳаммадхон роҳбарӣ мекард, низ омодаи

мубориза бар зидди англисҳо буд. Ӯ сарбозонашро ба наздикии Кобул овард. Баъди ҷангҳои шадид, ба англисҳо муяссар шуд, ки ба фидоиёни хеле бад мусаллаҳшуда шикаст диҳанд. Артиши шикастхӯрдаи афгонҳо ба ҷониби Ғазна ақиб нишаст. Ба сарбозони Робертс муяссар шуд, ки Болоҳисорро ишғол намуда, ба шаҳри Кобул дароянд. Дар ин шаҳр ҳокимият ба дасти англисҳо гузашт. Истилогарон Яъқубхонро барои бар зидди шӯришгарон муқовимат нишон дода натавонистан, аз тахту тоҷ маҳрум намуда, ба Ҳиндустон бадарға карданд.

Маркази муборизаи озодихоҳонаи зиддианглисӣ акнун вилояти Ғазна шуд. Аз тамоми гӯшаю канори мамлакат ба ин ҷо дастаҳои фидоиён ҷамъ меомаданд. Яке аз дастаҳои пурқувваттарини фидоиён бо сардории Муҳаммадҷонхони Вардак (собиқ афсари қисми артиллерии амир Шералихон) буд. Ба ӯ қабилаи Вардак ҳамроҳ шуд. Муҳаммадҷонхон тавонист, ки баъзе ҷузъу томҳои артиши мунтазами аз Туркистони Афғонистон омадаро ҳам ба артиши худ муттаҳид кунад. Алайҳи англисҳо уламои исломӣ, аз он ҷумла Динмуҳаммад, таблиғот мебурданд. Динмуҳаммадро аввалин шуда, қабилаҳои Гилзай ва Муманд дастгирӣ карданд.

Охирҳои соли 1879 дастаҳои аскарони ватандӯст аз Ғазна, Кӯҳистон ва ноҳияю вилоятҳои диғар аз нав ба сӯйи Кобул ҳаракат карданд. Робертс ба муқобили онҳо сипоҳиёни худро равон кард. Дар наздикии Кобул муҳорибаҳои шадид ба амал омаданд. Қариб буд, ки англисҳо шикаст хӯранд. Ин вақт артиши англисҳо аз Ҳиндустон ба ин ҷо, ба ёрии сарбозони Робертси шикастхӯрдаистода омаданд ва Муҳаммадҷонхон маҷбур шуд, ки бо ҳамроҳии артишаш Кобулро тарк кунад.

Ҳамин тариқ, Кобул ва Қандаҳор ба дасти англисҳо гузаштанд. Онҳо тавонистанд, ки баҳори соли 1880 Ғазнаро ҳам ба даст даророанд ва баъд бар зидди шӯришгарон экспедитсияи калони ҷазодиҳӣ ташкил намоянд. Робертс аз Англия супориши махфӣ гирифт, ки ҷудоихоҳони маҳаллиро дастгирӣ ва муҳофизат кунад, то ки Афғонистон аз вилоятҳои алоҳидаи ба Англия тобеъ иборат бошад. Дар баробари ин, англисҳо барои Афғонистон ҳокимеро ҷустуҷӯ мекарданд, ки вазъро дар марказ ба эътидол оварда тавонад.

**Ба сари қудрат омадани Абдураҳмонхон**. Дар дохили Афғонистон чунин шахсият набуд. Ҳам истилогарони англис, ҳам русҳо ва ҳам афғонҳои истиқлолиятхоҳ дар ин вазифа набераи Дӯстмуҳаммад ва ҷияни Шералихон - Абдураҳмонхонро дидан мехостанд. Русҳо ба Абдураҳмонхон шароит фароҳам оварданд, ки аз Туркистон фирор кунад. Ӯ аввал ба Бадахшон омад. Дар он ҷо ҳокимияти ӯро эътироф карданд. Ҳар се тарафи мухолифат ҳаракат мекарданд, ки Абдураҳмонхонро барои манфиатҳои худ истифода баранд. Ӯ бошад, аз мухолифатҳои рақибон истифода бурда, мехост, ки ҳокими мутлақи Афғонистон шавад.

Соли 1880 дар Кобул ва Қандаҳор ошӯбҳои зиддианглисӣ катъ нагардиданд. Ҳокими Ҳирот Муҳаммадаюбхон нисбати англисҳо мавқеи оштинопазир дошт. Ӯ зидди Қандаҳор тайёрӣ медид. Дар Ғазна бошад, фидоиён аз нав ҷамъ омада, ба Кобул ҳуҷум карданӣ буданд. Барои англисҳо вазъи номусоид фаро расид. Барои ҳамин, онҳо лозим донистанд, ки Абдураҳмонхонро ҳамчун амири Кобул эътироф кунанд. Онҳо ҳатто ба ӯ ваъда ҳам доданд, ки бо маблагу силоҳ ёрӣ мерасонанд, Созишномаи Гандумак (дар Кобул доштани резидент ва дастаи ҳарбӣ) бекор карда шуд ва аз дахолат ба корҳои дохилии Афғонистон даст мекашанд. Ҷавобан ба ин Абдураҳмонхон ваъда дод, ки Афғонистон Созишномаи Гандумакро дар бобати маъвҷудияти истиқлолияти Афғонистон оид ба сиёсати хориҷии он эътироф мекунад, яъне Афғонистон ҳуқуқ надошт, ки мустақилона ба давлатҳои хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ дошта бошад. Абдураҳмонхон инчунин маҷбур шуд, ки аз Афғонистон ҷудо карда, ба зери итоати Англия дароварда шудани баъзе навоҳии ба Ҳиндустон ҳамсарҳадро эътироф кунад.

Вале Англия нисбати Афғонистон аз сиёсати истилогаронаи худ даст накашид. Он мехост, ки Қандаҳорро аз Афғонистон ҷудо карда, ба музофоти алоҳидаи ба Англия тобеъ табдил диҳад. Лекин ҳокими Ҳирот барои ишголи Қандаҳор бар зидди Англия муборизаи беамон мебурд. Соли 1880 артиши Аюбхон дар наздикии деҳаи Майванд ба нерӯҳои муттаҳидаи англисҳо ва хиёнаткорони Қандаҳор шикаст доданд. Аскарону афсарони душман аз майдони ҷанг рӯ ба фирор ниҳоданд.

Соли 1958 ба хотири ғалаба дар Майванд ҳамчун нишонаи чидду ҷаҳди бомуваффақият барои истиқлолияти Афғонистон дар шаҳри Кобул муҷассамаи ёдгорие гузошта шуд.

Аюбхон Қандаҳорро муҳосира кард. Дар ин шароит фармондеҳии англисӣ аз баҳри ҷудо кардани Қандаҳор гузашта, онро ба Абдураҳмонхон супорид. Соли 1881 Аюбхон хост, ки Қандаҳорро аз нав ба даст дарорад. Лекин аз тарафи артиши амир шикаст хӯрд. Дере нагузашта, артиши Абдураҳмонхон Ҳиротро ҳам ишғол намуд. Аюбхон маҷбур шуд, ки ба Эрон фирор кунад. Баъди ин Абдураҳмонхон ба ҳокими ягонаи Афғонистон табдил меёбад. Мулло Динмуҳаммад фатво дод, ки Абдураҳмонхон ҳокими тамоми Афғонистон аст. Акнун ӯ муборизаро бар зидди англисҳо давом медиҳад. То миёнаҳои соли 1881 ҳокимияти Абдураҳмонхон дар тамоми Афғонистон паҳн гардид. Сипоҳиёни англисӣ аз Афғонистон пурра баровварда шуданд.

Бо ҳамин, ҷанги дуюми Англия бар зидди Афғонистон ба шикаст дучор шуд.

Ба Абдураҳмонхон муяссар шуд, ки ба фаъолияти ҷудоихоҳии ашрофон, хонҳо ва қабилаҳои алоҳида хотима гузорад, дар мамлакат ислоҳоти иқтисодӣ, маъмурӣ, ҳарбӣ ва ҳуқуқӣ гузаронад. Ислоҳот имконият дод, ки ҳокимияти марказии Афғонистон аз нав барқарор карда шавад. Сарфи назар аз ин, ба Абдураҳмонхон муяссар нашуд, ки ҳамаи қаламрави сукунати паштуҳо, аз он ҷумла кӯҳҳои Сулаймон ва тарафи рости дарёи Ҳиндро ба Афғонистон ҳамроҳ кунад.

Дар солҳои 80-уми асри XIX Русия мехост, ки қаламрави мустамликаҳои худро аз ҳисоби Афғонистон васеъ кунад. Вале ин кор барояш муяссар нашуд. Соли 1887 дар байни Русия ва Афғонистон дар бораи сарҳадҳои онҳо, ки аз дарёи Ҳарирӯд то Амударёро дарбар гирифтаанд, протоколи хотимавӣ ба имзо расид.

Абдураҳмонхон истиқлолияти Афғонистонро чун гавҳараки чашм муҳофизат мекард. Барои ҳамин ӯ ҳатто ба англисҳо иҷозат надод, ки аз Ҳиндустон ба Афғонистон роҳи оҳан созанд.

Абдураҳмонхон охири солҳои 80-ум ва солҳои 90-ум дар масъалаи сиёсати дохилӣ ҷидду ҷаҳди худро бештар ба муқовимат

бар зидди забткориҳои Англия дар шимол ва шарқи Афғонистон ва муқовимати паштуҳои ҷудоихоҳ сарф кард. Ба ин нигоҳ накарда, ба ӯ муяссар нашуд, ки истиқлолияти пурраи Афғонистонро аз Англия таъмин намояд.

**Дигаргуниҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии Афғонистон.** Истеҳсолоти ҳамин давраи Афғонистон моҳияти натуралӣ дошт. Асоси ҳаёти иқтисодии мамлакатро мисли пештара кишоварзӣ ташкил мекард. Он ба меҳнати дастӣ асос ёфта буд. Дар оғози асри XX пешрафти пахтапарварӣ мушоҳида карда мешавад. Афғонистон онро ба Ҳиндустон ва Русия мебаровард. Дар ин давра марказҳои нисбатан калони тиҷоратию косибии мамлакат - Кобул ва Қандаҳор ба ҳисоб мерафтанд. Кобул маркази маъмурии Афғонистон буд.

Тарзи сармоядории иқисодиёт ба Афғонистон хеле дер ворид шуд.

Амир барои ин кор шароит муҳайё кард; мавқеи тоҷиронро мустаҳкам намуд, тиҷорати хориҷиро васеъ кард, мактабҳои аввалини замонавӣ ва матбаа сохт. Сарфи назар аз ин, Афғонистон мисли пештара ҳамчун давлати ақибмондаи феодалӣ мондан гирифт.

Баъди вафот кардани Абдураҳмонхон соли 1901 ба тахти амирии Афғонистон Ҳабибуллохон менишинад. Ӯ барои пешрафти фарҳангии мамлакат чораҷӯиҳои зиёд кард. Аз он ҷумла литсейи аввалин - Ҳабибияро кушод, ба дарбориён фармуд, ки либоси аврупоӣ ба бар кунанд.

Аз давлатҳои ҳамсоя, алалхусус аз Ҳиндустон ба Афғонистон ғояҳои маорифпарварии буржуазӣ ворид мешуданд. Дар ин мамлакат ташаккули ғояҳои буржуазӣ нисбат ба худи буржуазияи миллӣ тезтар ба амал меомад.

Ташаббускор ва роҳбари ҳаракат барои Конститутсия ва ислоҳот директори литсейи Ҳабибия Абдулғанӣ буд. Дар атрофи ӯ намояндагони ҷавони зиёиёни афғон, асосан, омӯзгорон ва тарбиягирандагони литсей муттаҳид шуданд. Ин ҳаракат дар таърих бо номи "ҷавонафғонҳо" маълум аст. Идеологи ҷавонафғонҳо Маҳмудбек Тарзӣ буд. Ӯ муддати зиёде дар Ироқ ва Сурия дар ҳиҷрат зиндагонӣ карда, дар ин мамлакатҳо маълумоти хуб гирифта, ба адабиёти туркӣ ва аврупоӣ шинос шуда, ғояҳои

пешқадами он замонро қабул намуда, ҳаёти худро, баъди ба ватан баргаштан, барои дар Афғонистон татбиқ кардани онҳо сарфа намуд. Маҳмудбек Тарзӣ бо иҷозати Ҳабибуллохон ба Афғонистон баргашта, ба фаъолияти сиёсӣ машғул шуда, сохти ҷомеаи ояндаи Афғонистонро асоснок мекунад.

Тарафи пурқуввати таълимоти Тарзиро тамоюли зиддимустамликавии ӯ ташкил мекард. Ӯ мустамликадориро маҳкум карда, мардумро даъват мекунад, ки барои истиқлолияти ватани худ бархезанд. Даъвати зидди сиёсати мустамликадории Тарзӣ дар бедории миллии афғонҳо ба мақоми баланд соҳиб аст. М. Тарзӣ дар зери таъсири ғояҳои Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ буд. Ӯ ҳам чун Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ мехост, ки дар ислом асоси муборизаи зиддиимпериалистиро ёбад. Шакли динии идеологияи миллии Тарзӣ замина ва асоси таърихӣ дошт. Он афғонҳоро барои муборизаи зиддианглисӣ муттаҳид месохт.

Ҷавонафғонҳо дар татбиқи ғояҳои худ ба ҳокимони Афғонистон умед мебастанд. Онҳо ғайр аз амир нерӯи дигареро намедиданд, ки дар мамлакат дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба амал бароварда тавонад. Мутлақияти маорифпарвар - чунин буд идеали иҷтимоии ҷавонафғонҳо.

Вақте ҷавонафғонҳо диданд, ки Ҳабибуллохон ба татбиқи ислоҳоти конститутсионӣ қодир нест, ба бародари хурдии амир, шогирди Маҳмуди Тарзӣ - Амонуллохон умед бастанд.

Дар баробари ҷавонафғонҳо "пирафғонҳо" ҳам буданд. Ин ҷараёнро хонҳо, ашрофони калони афғон ва муҳофизони тартиботи куҳна ҷонибдорӣ мекарданд. Онҳо ба муқобили ҳама гуна навгониҳое мебаромаданд, ки ҳуқуқ ва имтиёзҳои онҳоро халалдор мекарданд. "Пирафғонҳо" дар шахси Англия таҳдид ба тартиботи феодалии мамлакатро дида, мехостанд, ки дарҳои Афғонистон барои хориҷиён "пӯшида" бошанд. Маданияти аврупоиро дар Афғонистон сӯиқасд ба ислом ҳисоб мекарданд. Аз ҳамин сабаб, мухолифи ҳама гуна ислоҳоти буржуазӣ буданд. Ин нерӯҳои куҳнагаро (консервативӣ) дар атрофи Насруллохон муттаҳид шуда буданд.

Дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ "пирафғонҳо" ба доираҳои ҳукмрони Олмон ва Туркия наздик шуданд. Бо феодалҳои Тур-

кия онҳоро мавқеи ғоявӣ наздик мекард. Агар ғояҳои Маҳмуди Тарзӣ ба мубориза зидди империализм равона шуда бошад, пас "ҷавонафғонҳо" мисли султони Туркия дар ҷойи аввал ғояи дар атрофи Туркия муттаҳид кардани мусулмонҳоро ғузошта буданд. Бо Олмон бошад, "пирафғонҳо"-ро тиҷорат наздик мекард. Аз тиҷорат бо ин давлат хонҳои қабилаҳои афғон паштуҳо даромади калон ба даст медароварданд.

## ҲУҶҶАТҲО

### 1. АЗ ЁДДОШТҲОИ АМИРИ АФҒОНИСТОН АБДУРАҲМОНХОН

Дар ёддоштҳои худ амир Абдураҳмонхон мақоми ҳукумати Англияро дар низои соли 1885-и байни Афғонистон ва Русия баамаломада (бархӯрди ҳарбӣ дар Кӯшки Панҷдеҳ) ба таври боэътимод нишон медиҳад.

... Ин вақт артиши русҳо зуд ба пеш ҳаракат мекард ва 13 марти соли 1885 дар Қизилтеппа ҷамъ омада, онро мустаҳкам кард. Артиши афғон дар Оқтеппа, дар самти соҳили чапи дарёи Аму ҷойгир шуда буд... 30 март артиши рус ва афғон аз ҳамдигар дар масофаи як мил ҷойгир буданд: русҳо - дар Қизилтеппа ва афғонҳо - дар Пули Киштӣ. 29 март генерал Комаров ба генерали афғон маълум намуд, ки ӯ артиши худро аз самти соҳили рости дарё ба ақиб барад, вагарна задухӯрд ба амал меояд ва русҳо ба артиши афғонҳо ҳамла меоранд. То лаҳзаи охирин афсарони англисии ҳайати хати марзикашанда ва аскарҳои онҳо ҳарчанд афсарони артиши маро бовар мекунониданд, ки русҳо бар зидди онҳо то он вақте ки дар мавқеъҳояшон меистанд ҳамла намекунанд ва агар русҳо бар зидди аскарони ман дар мавқеи мустаҳкамшудаашон ҳамла кунанд, пас ин вайрон кардани Созишномаи байни Русия ва Англия аст ва он вақт русҳо барои ин кор ба ҷазо гирифтор карда мешаванд. Ба генералам... ҷиддан фармуда будам, ки бар зидди шӯрои афсарони ҳайати англисӣ иқдоме макунад. Ӯ ба ваъдаҳои афсарони англисӣ бовар карда, дар мавқеи худ монда буд.

Рӯзи дигар, 30 март, бригадаи комили артиши русҳо ба дастаи начандон калони афғон ҳамла кард. Ин хабарро фаҳмида, афсарони англис ҳамон лаҳза бо ҳамроҳии сарбозон ва ҳатто риқобашон ба Ҳирот фирор карданд... Англисҳо ягон лаҳза сабр накарда, ба ҷониби Ҳирот гурехтанд... Сипоҳиён ва афсарони англис то ҳамон дараҷа тарсидаю асабонӣ шуда буданд, ки сару калобаи худро гум карда, бетартибона мегурехтанд ва дар ин ҳолат дӯстро аз душман фарқ карда наметавонистанд; бар асари сармои сахт мардуми бисёри маҳаллии "ҳамроҳи" ҳайати англисибуда, ҳангоми гурехтан, аз аспҳо афтида, ҷонҳои худро аз даст доданд.

Ин воқеа... ба мардуми афғон чунон таъсири сахт расонид, ки обрӯи Англия дар назди онҳо абадӣ рехт.

**2. АЗ СОЗИШНОМА ДАР БАЙНИ РУСИЯ ВА АНГЛИЯ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ФОРС, АФҒОНИСТОН ВА ТИБЕТ, КИ ДАР С. ПЕТЕРБУРГ 18 (31) АВГУСТИ СОЛИ 1907 БА ИМЗО РАСИДААСТ**

**Б. Созишномае, ки марбути Афғонистон аст.**

*Маддаи 1.* Ҳукумати Аълоҳазрати Британия эълон мекунад, ки нияти тағйир додани ҳолати сиёсии Афғонистонро надорад.

Ҳукумати Аълоҳазрати Британия уҳдадор мешавад, ки ғайр аз ин таъсири худро дар Афғонистон бо маънии сулҳхоҳона чорӣ менамояд ва вай дар Афғонистон ягон чорае намечӯяд, ки барои Русия хатарнок бошад ва Афғонистонро дар чунин кор дастгирӣ намекунад.

Аз ҷониби худ, ҳукумати императории Русия эълон мекунад, ки берун аз доираи манфиатҳои рус будани Афғонистонро эътироф менамояд; вай уҳдадор мешавад, ки дар ҳамаи муносибатҳои худ бо Афғонистон аз миёнаравии ҳукумати Аълоҳазрати Британия истифода мебарад; вай инчунин уҳдадор мешавад, ки ба Афғонистон ягон хел ҷосусро равон намекунад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1858** – ба шарафи ғалабаи афғонҳо дар Майванд гузошта шудани муҷассамаи ёдгорӣ

**1868** – дубора ба тахти амирии Афғонистон нишастани Шералихон

**1873** – чоп шудани рӯзномаи нахустини Афғонистон "Шамс-ун-наҳор"

**1878** – ба Кобул омадани намояндаҳои дипломатии Русия бо сардории Столетов

**1878** – ба Афғонистон зада даромадани артиши 35 ҳазорнафараи Англия

**1879** – Ҷалолободро ишғол кардани артиши Англия бо сардории Броун

**20.II.1879** – дар Мазори Шариф вафот кардани амири Афғонистон Шералихон ва ба сари қудрат омадани Яъқубхон

**26.V.1879** – баста шудани Созишномаи Гандумак

**1879** – шӯриши фидоиён ва аскарон дар Кобул. Аз Ғазна, Кӯҳистон ва маҳалҳои дигар ба сӯйи Кобул ҳаракат кардани дастаҳои аскарони ватандӯст

1881 – қариб дар тамоми қаламрави Афғонистон муқаррар гардидани ҳокимияти Абдураҳмонхон
Аз мамлакат пурра бароварда шудани артиши Англия

1887 – дар байни Русия ва Афғонистон баста шудани протоколи хотимавӣ дар бораи сарҳадҳои байни онҳо

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Шералихон дар Афғонистон кай ба сари қудрат омад? **2.** Моҳияти ислоҳоти Шералихонро шарҳ диҳед. Ҷанги дуюми Англияю Афғонистон кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **3.** Соли 1878 ва аввали соли 1879 амалиётҳои ҷангӣ чӣ тавр сурат гирифтанд? **4.** Шералихон куҷо шуд? **5.** Яъқубхон ба ҷойи падари худ ба тахти амирӣ нишаста, кадом сиёсатро пеш мебурд? **6.** Аюбхон чӣ тавр ва барои чӣ бар зидди англисҳо мубориза мебурд? Кадом ғалабаи ӯ барои мардуми Афғонистон муқаддас аст. **7.** Муносибатҳои Англия ва Афғонистон дар давраи ҳукмронии Абдураҳмонхон чӣ тавр сурат гирифтанд? **8.** Ҷанги дуюми Англия бар зидди Афғонистон чӣ тавр анҷом ёфт? **9.** Вазъи афкори ҷамъиятии Афғонистони ибтидои асри XX-ро маънидод кунед. "Ҷавонафғонҳо" ва "пирафғонҳо" киҳо буданд ва мавқеи сиёсии онҳо чӣ тавр буд? **10.** Хотираи амири Афғонистон Абдураҳмонхонро шарҳ диҳед. **11.** Ҳуҷҷати 2-юми мавзӯъ дар бораи чӣ шаҳодат медиҳад? **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## §24. ЭРОН

**Ҳолати ниммустамликавии Эрон.** Баъди ҷанги солҳои 1856 - 1857 Эрон ба ниммустамлика табдил меёбад. То солҳои 70-уми асри XIX Эрон аллакай ба Англияю Русия вобаста буд. Вобастагии Эрон баъди ба ширкатҳои хориҷӣ додани иҷора (консессия) ва карордодҳо дар бораи вомбарг (заём)-и хориҷӣ боз ҳам зиёдтар мешавад. Солҳои 1862-1874 англисҳо оид ба дар Эрон сохтани хатҳои телеграф, барои таъмини алоқаи Лондон бо Ҳиндустон, бо ин давлат Созишнома ба имзо расониданд. Истифода ва идораи онҳо дар ихтиёри англисҳо буд. Шоҳроҳҳои ҷанубу ғарбии Эрон низ аз тарафи мустамликадорони англис сохта ва назорат карда мешуданд. Дар шимоли мамлакат бошад, сохтмон ва истифодаи шоҳроҳҳо дар ихтиё-

ри Русия буданд. Англия ва Русия Эронро вазифадор карданд, ки дар қаламрави худ ба сохтмони роҳҳои оҳан роҳ надиҳад.

Соли 1872 соҳибкори англис Ю. Рейтер аз шоҳи Эрон барои истифодаи ҳамаи захираҳои ашёи саноатии мамлакат ба муҳлати 70 сол иҷораи инҳисорӣ гирифт. Норозигии халқи Эрон ва дипломатияи Русия аз ин қарордод чунон пурзӯр буд, ки шоҳ маҷбур шуд онро бекор кунад. Ба ҳар ҳол, Рейтер бо розигии Русия барои ташкили бонки Шоҳаншоҳӣ иҷозатнома гирифт. Ин бонк барои баровардани коғазҳои қиматнок, аз он ҷумла-пул ҳуқуқи инҳисорӣ ба даст даровард. Соли 1890 соҳибкори рус Поляков дар Теҳрон бонки қарздиҳии Форсро кушод, ки он иқтисоди Эрони Шимолиро ба зери назорати худ гирифт. Ин шахс соли 1891 барои ташкили кори сугурта ва нақлиёт ҳам соҳиби иҷозатнома шуд. Ба давлатҳои хориҷӣ инчунин як қатор иҷораҳои дигар низ дода шуданд: иҷораи сармоядори англис-Линч барои киштигардӣ дар дарёи ягонаи Эрон-Корун; иҷораи саноатчии рус-Лианозов барои моҳигирӣ дар баҳри Хазар; иҷораи Ширкати англисии Талбот барои хариду фурӯш ва коркарди тамоку аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Соли 1901 шаҳрванди Англия дар Арси барои истифодаи ҳамаи сарчашмаҳои нефт, ғайр аз шимоли Эрон, иҷораи инҳисорӣ гирифт. Баъдтар он номи ширкати "Иҷораи ШАЭН-АИНК" (ширкати нефти Англия ва Форс)-ро мегирад.

Иқтисоди Эрон бе ёрии молиявии хориҷӣ пеш рафта наметавонист. Аз ҳамин сабаб, Носируддиншоҳ (1848 - 1896) соли 1892 аз бонки англисӣ ба маблаги 500 ҳазор ф.-ст. вомбарги аввалини хориҷиро гирифт. Солҳои 1900-1902 Русия ҳам ба Эрон ба маблаги 32,5 млн. рубл вомбарг дод. Вомбаргҳои хориҷӣ Эронро ба асорати молиявӣ гирифтор карданд.

Дар даҳсолаҳои охирини асри XX ба Эрон ворид сохтани молҳои саноатии хориҷӣ зиёд шуд. Молҳои саноатии нисбатан арзони хориҷиён соҳибони молҳои косибӣ, саноати хонагӣ ва корхонаҳои саноатии фабрикавию заводии дар охирҳои асри XIX-аввали асри XX сохташудаи Эронро муфлис гардонданд. Содироти молҳои кишоварзӣ ва ашёи хоми Эрон сол то сол меафзуд. Кишоварзӣ ба талаботи бозори хориҷӣ (парвариши тамоку, пахта ва зироатҳои дигари техникӣ) мувофиқ карда

мешуд. Эрон ба манбаи ашёи хоми саноатии мамлакатҳои империалистӣ табдил меёфт.

Дар ин давра на танҳо иқтисодиёт. балки идораи давлатии Эрон низ ба зери назорати аҷнабиён медароянд. Соли 1879 дар зери роҳбарии афсарони рус аз ҳисоби эрониҳо бо номи "полки казакҳо" артиш ташкил карда шуд, ки баъдтар он ба бригада ва дивизияи алоҳида табдил меёбад. Соли 1898 сарвари гумруки Эрон Наус ном белгиягӣ таъин мегардад, ки ӯ баъдтар вазири почта, сарвари хазина ва узви Шӯрои олии давлатӣ таъин мешавад.

Дар шимоли мамлакат онҳое ба вазифаҳои баланд гузошта мешуданд, ки ба ҳукумати подшоҳии Русия маъқул бошанд. Ҷануби Эрон дар ихтиёри англисҳо буд. Онҳо дар ин ҷо фаъолияти ҷудоихоҳии ашрофони маҳаллиро ҳарҷониба дастгирӣ менамуданд. Дар натиҷаи ин, англисҳо қисми Сиистон ва Балуҷистонро аз Эрон ҷудо карда, дар он ҷойҳо ҳукмронӣ мекарданд. Нерӯҳои ҳарбии баҳрии Англия дар амал халиҷи Форсро ишғол карда буданд. Мувофиқи гуфтаи нахуствазири Англия Кёрзон "резиденти англисии дар Бушир-буда, шоҳи тоҷутахтнадоштаи халиҷи Форс мебошад".

Ҳамин тариқ, то оғози асри XX рафти ба ниммустамлика табдил ёфтани Эрон ба охир расид. Дар натиҷаи истисмори якҷояи халқи Эрон, иттифоқи табақаи болоии мардуми Эрону империалистони хориҷӣ ба вуҷуд омад. Шоҳ, вазирони вай ва аъёну ашрофи Эрон ба ҷосусони мамлакатҳои империалистӣ табдил ёфтанд.

**Ҳаракати миллӣ.** Дар охирҳои асри XIX дар Эрон ғояҳои миллатдӯстии буржуазӣ пайдо мешаванд. Бедории миллии эрониён дар фаъолияти зиёиёни он ифода меёфт. Қисми зиёиёни ҷонибдори ислоҳот аз таъқиботи шоҳ ба хориҷа фирор карда буданд. Муҳоҷирони эронӣ дар Туркия, Миср, Ҳиндустон ва баъзе давлатҳои дигар рӯзномаҳои "Ахтар", "Ҳикмат", "Қонун" ва ғайраро нашр мекарданд. Дар ин рӯзномаҳо ва дар асарҳои ватандӯстони маъруф Мирзо Малкумхон, Абдураҳим Толипов ва Зайнулобиддини Марогаӣ тартиботи мавҷудаи Эрон ба зери танқид гирифта мешуд. Дар Табрез ва Теҳрон мактабҳои нави замонавӣ кушода шуданд ва китобхонаҳои миллӣ ба фаъолият огоз карданд.

Дар охирҳои асри XIX - аввали асри XX дар Эрон якчанд созмонҳои ватанпарварӣ, аз он ҷумла, соли 1901 «Ҷамъияти махфии зиддиҳукуматӣ» ва соли 1905 "Анҷумани махфӣ" ташкил меёбанд. Онҳо бар зидди мансабдорони иртиҷоии шоҳ ва зӯроварии хориҷиён баромада, талаб мекарданд, ки дар мамлакат ислоҳоти сиёсии демократӣ гузаронида шавад.

Эътирози мардуми Эрон бар зидди аҷнабиён ва нерӯҳои иртиҷоии дохилӣ ҳар сари чанд вакт ба шӯришҳои халқӣ табдил меёфт. Чунин шӯришҳо солҳои 1896-1898 дар ҷануби Эрон ва соли 1897 дар Шуштар ба амал омаданд. Баромади калони дигари мардуми Эрон аз сабаби соли 1896 аз тарафи Ризои Кирмонӣ кушта шудани Насириддиншоҳ ба амал омад.

**Инқилоби Эрон. Ҳаракати демократӣ.** Тезутундшавии мухолифатҳои дохилии иҷтимоӣ, зиддиятҳо дар байни империалистони хориҷӣ ва нерӯҳои миллии Эрон ва инқилоби буржуазию демократии Русия ба рушди ҳаракати инқилобӣ дар Эрон сабабгор шуданд.

Моҳи декабри соли 1905 дар Теҳрон бар зидди сӯистеъмолкунии ҳукумати шоҳ намойиши оммавӣ рӯй дод ва дар масҷиди Шоҳ Абдулазим ***бест*** ба амал омад. Намоишчиён истеъфои нахуствазири иртиҷоӣ Айнуддавла, Науси белгиягӣ ва ташкили "адолатхона"-ро талаб мекарданд. Шоҳ ваъда дод, ки ин талабҳоро қонеъ хоҳад кард. Дар баробари ваъда, ӯ ба таъқиботи намоишчиён роҳ дод. Мардум ҷавобан ба ин риёкории шоҳ корпартоии умумӣ эълон кард. Бозорҳо ва дӯконҳо баста шуданд. Якчанд ҳазор нафар одамон дар боғи намояндагии англисӣ ***бест*** эълон карданд. Гурӯҳи калони рӯҳониён аз Теҳрон ба шаҳри Қум рафта, аз шоҳ талаб карданд, ки Айнуддавларо ба истеъфо гусел намояд, Конститутсияро ҷорӣ кунад ва дар Маҷлис (парламенти Эрон) интихобот гузаронад. Ҳаракати инқлобӣ Табрез, Исфаҳон, Шероз ва шаҳрҳои дигари мамлакатро ҳам фаро гирифт. Дар шароити баамаломада Музаффариддиншоҳ маҷбур шуд, ки гузашт кунад. 29 июли соли 1906 Айнуддавла ба истеъфо рафт, ба ҷойи ӯ шахси нисбатан озодандештар Насруллохон Мушируддавла нахуствазир таъин гардид. 5 август дар бораи ҷорӣ карда шудани Қонуни асосии Эрон фармони шоҳ эълон гардид. Баъди ин корпартоию намоишҳо қатъ гардиданд.

Вале бо вуҷуди ин, нерӯҳои иртиҷоӣ ба ҷорӣ карда шудани Конститутсияи ваъдакардаи шоҳ халал мерасониданд. Аз ҳамин сабаб, шоҳ низомномаи интихоботро тасдиқ накард. Ин рафтори иртиҷопарастон ва шоҳ мавҷи нави қаҳру ғазаби халқро ба вуҷуд овард. Дар зери фишори оммаи халқ Музаффариддиншоҳ оқибат маҷбур шуд, ки низомномаи интихобот ба Маҷлисро тасдиқ намояд. Он аз рӯйи системаи табақавӣ (6 табақа - шоҳзодагон ва коҷорҳо, рӯҳониён, ашрофони феодалӣ, тоҷирон, заминдорон ва кишоварзон, косибон) интихоботи дузинагиро дар назар дошт.

7 октябри соли 1906 ҷаласаи нахустини Маҷлиси аввал баргузор гардид. Моҳҳои октябр - декабр Маҷлис қарорҳои қобили таваҷҷуҳи оммаро қабул кард. Аз он ҷумла, оид ба муқаррар намудани нархҳои ниҳоӣ ба нон, раддияи қарордод дар бораи вомбарги нави хориҷӣ ва ташкили Бонки миллии Эрон қарорҳо қабул кард. Дар як вакт Маҷлис ба таҳияи қонуни асосӣ машғул шуд. 30 декабри соли 1906 Музаффариддиншоҳ қонуни асосиро тасдиқ намуд, ки он қисми аввали Қонуни асосии Эронро ташкил мекард. Дар он ҳуқуқ ва ваколатҳои Маҷлис ифода ёфта буданд. Мувофиқи Қонуни асосӣ ҳокимияти шоҳ тавассути Маҷлис маҳдуд карда мешуд. Дар назар дошта шуда буд, ки дар баробари палатаи поёнӣ - Маҷлис, палатаи болоӣ - Сенат низ ташкил карда шавад. Вале ин фикр танҳо дар болои қоғаз монд.

7 январи соли 1907 Музаффариддиншоҳ вафот мекунад ва ба ҷойи ӯ ба тахти подшоҳии Эрон писари рӯҳияи ифротидоштааш - Муҳаммадалишоҳ менишинад. Шоҳи нав душманиии худро нисбати ҳаракати демократӣ ва Маҷлис ошкоро ифода намуда, нерӯҳои ҳарбиро бар зидди музаффариятҳои инқилоб ҷамъ кард. Ин кори Муҳаммадалишоҳ дар Теҳрон, Рашт, Исфаҳон ва шаҳрҳои дигари Эрон ҳаракати оммавии эътирозиро ба вуҷуд овард. Дар ин шароит иртиҷопешагон ва шоҳ маҷбур шуданд, ки ақибнишинӣ карда, талаботи Маҷлис дар бораи истеъфои Наус ва Примаи белгиягиро қабул кунанд ва тавассути амри махсуси шоҳ бори дигар ризоияти худро дар бобати дар Эрон ҷорӣ карда шудани Конститутсия тасдиқ намоянд.

Бо қабули Қонуни асосӣ ва воқеаҳои январ - феврали соли 1907, давраи аввали инқилоби Эрон ба охир расид. Давраи дуюми он ба болоравии эътирози омма бар зидди зулм ва

сӯистеъмолкунии ҳукуматдорони иртиҷоӣ огоз меёбад. Дар натиҷаи ин шоҳ маҷбур мешавад, ки генерал-губернатори иртиҷопешаи Исфаҳон, амаки худ - Зиллассултонро аз вазифааш сабукдӯш кунад. Моҳи апрели соли 1907 аз Табрез сарвари рӯҳониёни муҷоҳид Мирзо Ҳасан, ки ба тарафи иртиҷопешагон гузашта буд, ронда шуд. Инчунин, бойкоти молҳои хориҷӣ низ оғоз ёфт. Ҳаракати зиддианглисӣ хусусан дар ҷануби мамлакат, аз он ҷумла, дар Исфаҳон, Шероз, Бушир ва баъзе шаҳрҳои дигар ба амал омада, ба задухӯрд мубаддал гашт.

Дар ҳама ҷо анҷуманҳо созмон меёфтанд. Дар баъзе шаҳрҳо анҷуманҳо ба ҳукуматҳои маҳаллии шоҳӣ назорат ҷорӣ намуда, вазифаҳои додгоҳро низ адо мекарданд, ба нон нарх мегузоштанд ва қироатхонаю мактабҳо мекушоданд. Дар шимол ва минтақаҳои дигари мамлакат созмонҳои пинҳонкории муҷоҳидон ташкил меёфтанд, ки ба онҳо косибон, тоҷирон, заминдорони хурд, коргарон ва кишоварзон дохил мешуданд. Барномаҳои онҳо ҷорӣ карда шудани ҳуқуқи интихоботи умумии бевосита, баробар ва махфӣ, озодии сухан, ҷамъиятҳо, корпартоиҳо, мусодираи заминҳои шоҳ, харида гирифтани заминҳои хонҳо ва тақсими онҳо дар байни кишоварзон, рӯзи кории 8-соата ва таълими умумии ҳатмии бепулро дар назар доштанд.

Соли 1907 дар зери таъсири ҷамоатчигии демократӣ Маҷлис қарор кард, ки нафақаи феодалӣ кам ва унвонҳои феодалӣ бекор карда шаванд. Маҷлис инчунин қонуни мубориза бар зидди ришвахӯрию ҳаннотӣ, қонун дар бораи анҷуманҳои музофотҳо ва вилоятҳо ва баъзе қонуну қарорҳои моҳияти демократидоштаи дигарро низ қабул кард.

Шоҳ умед дошт, ки дар ҳайати ҷонибдорони Конститутсия ҷудоӣ ба амал хоҳад омад. Ҳаминро ба ҳисоб гирифта, соли 1907 нерӯҳои худро ба ҳуҷуми зидди Маҷлис тайёр кард. Барои ин кор ӯ аз хориҷа Аминуссултон ном иртиҷопешаро даъват карда, ба ҷойи Мушируддавла нахуствазир таъин намуд. Баҳор ва тобистони соли 1907 дар Арак (Султонобод), Қум, Қарадоғ, Теҳрон ва Шероз бар зидди ҳаракати демократӣ баромадҳои феодалҳои иртиҷоӣ ба амал омаданд. Моҳи майи соли 1907 шоҳ аз имзо гузоштан ба иловаҳо ба Қонуни асосӣ саркашӣ кард. Ин рафтори шоҳ дар Теҳрон намоиши оммавӣ ва дар Табрез

корпартоии умумиро ба вуҷуд овард. Баъди ин дар зери фишори ҳаракати халқӣ 7 октябри соли 1907 шоҳ иловаҳоро ба Конститутсия, ки қисми нисбатан муҳими Конститутсияи Эрон буданд, имзо кард. Иловаҳо ба Конститутсия озодиҳо ва дигаргуниҳои дигари демократиро дар Эрон дар назар доштанд. Баробарии мардум дар назди қонун, дахлнопазирии шахсӣ ба моликият, озодии сухан, матбуот, ҷамъомадҳо, маҷлисҳо, принсипи тақсимоти ҳокимият дар байни мақомоти иҷроия, қонунгузор ва додгоҳ аз ҷумлаи онҳоанд. Конститутсия ба шоҳ ҳуқуқҳои васеъ дод: озодӣ ва ҷавобгарӣ, сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ, эълони ҷанг ва бастани сулҳ, таъин ва ба истеъфо гуселонидани вазирон ва ғайра. Конститутсия исломро ҳамчун дини давлатӣ муқаррар намуд. Аз ҳисоби рӯҳониёни олимартабаи исломӣ иборат аз 5 нафар ҳайати махсус ташкил карда шуд. Он ҳуқуқ дошт, ки ба ислом мувофиқ будан ва ё набудани қонуну қарорҳоеро, ки ба Маҷлис пешниҳод мешаванд, муайян кунад.

Баъди қабули иловаҳо ба Конститутсия аз инқилоб дуршавии як қисми озодандешон ва бо иртиҷопешагон наздикшавии онҳо сар шуд. Мувофиқи фаҳмиши ин ашхос акнун мақсадҳои инқилоб иҷро шуданд. Барои ҳамин, аз идомаи он даст кашидан лозим аст.

**Тезу тундшавии мубориза дар байни нерӯҳои сиёсӣ.** Доираҳои ҳукмрони Англия, Русия ва Олмон ба ҳаракати инқилобии Эрон душманона назар мекарданд, чунки он мавқеи ин давлатҳоро дар Эрон паст мекард. Англисҳо ва русҳо ҳаракат мекарданд, ки тобеияти Эронро ба Англия ва Русия пурзӯр кунанд, дар он ҷо сохти мутлақият ва ҳукмронии феодалҳоро нигоҳ доранд.

Дар солҳои инқилоб ҷидду ҷаҳди Олмон барои ба Эрон роҳ ёфтан пурзӯр мешавад. Аз соли 1906 сар карда, киштиҳои он, мунтазам аз Гамбург ба халиҷи Форс омадурафт мекарданд. Олмонҳо мехостанд, ки дар ин халиҷ бандареро ба иҷора бигиранд. Ба Эрон ва Шарқи Наздик сар даровардани Олмон, инқилоби Эрон ва муборизаи миллию озодихоҳӣ дар Ҳиндустон зиддиятхои Англияю Русияро ба ҷойи дуюм гузоштанд, Англияро барои созиш бо Русия майл доданд. Дар чунин шароит 31 августи соли 1907 дар байни Англия ва Русия Созишнома доир ба

нуфуз дар Эрон, Афгонистон ва Тибет, ки ташкилёбии паймони Антантаро анҷом дод, ба имзо расид...

Гурӯҳи иртиҷоӣ, тахти роҳбарии шоҳ, бар он ақида буд, ки Созишномаи номбурда, аз инқилоб дур шудани як қисми либералҳо ва рӯҳониёни шиа мавқеи шоҳ ва ҷонибдорони ӯро мустаҳкам кардаанд. Бинобар ин, охири соли 1907 даст ба табаддулот зад. 15 декабр шоҳ лашкар ва дастаҳои аскарони иртиҷоиро ба наздикии Теҳрон оварда, ба онҳо амр кард, ки Ҳукумат, Маҷлис ва анҷуманҳоро пароканда кунанд. Барои дифои Маҷлис зиёда аз 20 ҳазор нафар фидоиён, муҷоҳидон ва аъзои анҷуманҳои инқилобӣ бархостанд. Дар шаҳрҳои зиёди дигар ҳам корпартоиҳо ба амал омада, дастаҳои фидоии инқилобӣ ташкил меёфтанд. Шоҳ маҷбур шуд, ки аз пароканда кардани Маҷлис, Ҳукумат ва анҷуманҳо даст кашад. Маҷлис ҳам ба некии шоҳ бо некӣ ҷавоб гардонда, ваъда дод, ки ҳуқуқҳои конститутсионии ӯро ҳимоя хоҳад кард. Ҳамин тариқ, шоҳ ва Маҷлис бо ҳамдигар забон як карданд.

Дар нимаи аввали соли 1908 шиддати муборизаи байни неруҳои сиёсии Эрон боз ҳам вусъат меёбад. Ҳаракати зиддиимпериалистӣ бар зидди сохтмони бандари Энзели, ширкати Линч дар Қум ва хати киштигарди англисӣ дар халиҷи Форс ба амал омаданд. Натиҷаи ҳамин муборизаҳо буд, ки дар ҳама ҷо анҷуманҳо ташкил ёфтанд. То моҳи июни соли 1908 дар Теҳрон то 200 анҷуман фаъолият мекард.

15 феврали соли 1908 бар зидди Муҳаммадалишоҳ, сӯйиқасди бебарор ташкил карда шуд. Ҷавобан ба ин сӯйиқасд, шоҳ лашкарро ба Теҳрон даъват карда, 22 июн дар шаҳр вазъи фавқулодда эълон намуда, ба фармондеҳи бригадаи казакҳои форсӣ полковник Ляхов амр кард, ки бинои Маҷлис ва Масҷиди Сипаҳсолори дар ҳамсоягии он воқеъбударо ишғол намояд. 23 июн бригадаи казакҳо Маҷлис ва масҷидро гулӯлаборон карда, табаддулоти иртиҷоии давлатӣ ба амал овард. Муқобилияти дифоъкунандагони Маҷлис ва анҷуманҳо зуд пахш карда шуда, аксари вакилони Маҷлис ва анҷуманҳо ба зиндон партофта шуда, баъзеи онҳо қатл гардиданд. Маҷлис ва анҷуманҳо пароканда ва рӯзномаҳои демократӣ баста шуданд. Дар шаҳрҳои дигари Эрон низ тартиботи иртиҷоӣ муқаррар гардид.

**Шӯриши солҳои 1908 - 1909 дар Табрез.** Баъди дар Теҳрон ба амал омадани табаддулот, маркази муборизаи инқилобии Эрон ба Табрез кӯчид. Нерӯҳои шоҳ хостанд, ки ин шаҳрро ишғол кунанд, вале аҳолии он бо шӯриш ҷавоб гардонд. Ба шӯриши Табрез иштирокчии ҳаракати чирикӣ Саттор ва бинокор Боғир роҳбарӣ менамуданд. Шӯришчиёни Табрез талаб карданд, ки Конститутсия аз нав барқарор ва маҷлиси нав даъват карда шавад. Баъди ҷангҳои шадиди чормоҳа ба табрезиҳо муяссар шуд, ки сарбозони шоҳ ва иттифоқчиёни ӯро аз шаҳр ронанд.

Шӯриши табрезиҳо ҳамаи нерӯҳои аксулинқилобро ба худ ҷалб кард. Он воситаи муҳими дар мамлакат вусъат ёфтани ҳаракати инқилобӣ гардид. Моҳи январи соли 1909 дар Исфаҳон ҳокимиятро ҷонибдорони Конститутсия гирифтанд. Ба онҳо дастаҳои мусаллаҳи хонҳои Бахтиёрия низ ҳамроҳ шуданд. Дар ҷануби мамлакат шӯриш бо роҳбарии Абдулҳусейн ном ҷонибдори Конститутсия оғоз ёфт. 26 январи ҳамон сол дар Рашт шӯриш ба амал омад ва ҳокимият ба дасти ҷонибдорони Конститутсия гузашт. Моҳи март ҷонибдорони Конститутсия дар Бушир ва Бандари Аббос ҳам ҳокимиятро ба даст медоранд. Муборизаи қаҳрамононаи табрезиён ва баромадҳои ҷонибдорони Конститутсия дар шаҳрҳои дигари Эрон ҳокимият ва қувваҳои шоҳро суст карданд. Ин буд, ки сарбозони ӯ муқобилияти Табрези муҳосирашударо шикаста натавонистанд.

Аз вазъияти муносиб истифода бурда, империалистони англис ва рус ба таҷовузи зидди Эрон даст заданд. Англисҳо дар ҷануби Эрон, дар Бушир, Бандари Аббос ва Линг десант фаровардa, анҷуманҳоро пароканда ва ҳаракати инқилобиро пахш карданд. Ҳукумати подшоҳии Русия бошад, дар пахш кардани шӯриш дар Табрез ба шоҳи Эрон дасти ёрӣ дароз кард.

**Сарнагун шудани Муҳаммадалишоҳ.** Шӯриши Табрез ва ҳаракати зидди шоҳ дар қаламрави дигари мамлакат ба Муҳаммадалишоҳи иртиҷопеша зарбаи қатъӣ зад. Моҳи июли соли 1909 дар натиҷаи лашкаркашии фидоиёни Гелон - аз Шимол, дастаҳои Бахтиёрия - аз Ҷануб ва гирифта шудани Теҳрон Муҳаммадалишоҳ сарнагун шуд. Писари хурдсоли Муҳаммадалишоҳ - Аҳмадшоҳ подшоҳ эълон гардида, аз ҳайати феодалҳои озодандеш ва хонҳои Бахтиёрия бо роҳбарии Сипаҳдор ҳукумати муваққатӣ ташкил дода шуд.

Хонҳои Бахтиёр ба ҷонибдории аз нав барқарор кардани Конститутсия баромад карда, бо ҳамин роҳ мехостанд, ки ҳокимияти худро дар Бахтиёрия мустаҳкамтар кунанд. Англисҳо бошанд, мехостанд, ки дар Эрон ба воситаи хонҳои Бахтиёрия мавқеи худро мустаҳкам ва мавқеи Русияро суст кунанд.

Нерӯҳои озодандеши буржуазию феодалӣ ғалабаи халқро ба фоидаи худ истифода бурда, кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ба болоравии минбаъдаи инқилоб роҳ надиҳанд. Бо ҳамин сабаб, сохти мутлақ ва сулолаи Коҷорҳо дахлнопазир монданд. Имтиёзҳо ва корхонаҳои хориҷӣ зарар надиданд. Танҳо якчанд нафар иртиҷопешаи дуюмдараҷа қатл карда шуданду халос. Ба Муҳаммадалишоҳ ба маблағи 100 ҳазор туман нафақаи ҳармоҳаи якумра таъин карда шуд.

Моҳи ноябри соли 1909 Маҷлиси дуюм даъват карда шуд. Интихобот ба он дар асоси қонуни нави интихоботӣ гузашт. Ин қонун системаи табақавии интихоботро бекор карда, интихоботи дузинагиро муқаррар намуд. Барои иштирок дар интихобот ҳадди ақалли молу мулк муқаррар гардид. Занон аз ҳуқуқи интихоботӣ маҳрум буданд.

Ҳукумати Сипаҳдор Эронро аз буҳрони шадиди иқтисодӣ ва сиёсӣ бароварда натавонист. Бо ҳамин сабаб, он моҳи июли соли 1910 бо ҳукумати Муставфӣ Алмамолик иваз карда шуд.

Ҳукумати Муставфӣ Алмамолик рӯ ба Олмон ва ИМА ва ҳукумати Сипаҳдор бошад, рӯ ба Англия ва Русия оварда буд. Муставфӣ Алмамолик аз ИМА мушовирони молиявиро бо сардории М. Шустер даъват кард. Ин сарвазир ҳам аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада натавонист. Барои ҳамин дар огози соли 1911 ба истеъфо рафт. Нахуствазири Эрон аз нав Сипаҳдор таъин гардид. Ӯ боз ҳамон сиёсати пештараи худро давом дод. Баҳори соли 1911 Эрон аз Англия ба маблағи 1 млн 250 ҳазор ф.-ст. вомбарги нав гирифт. Моҳи майи соли 1911 ба Эрон бо сардории М. Шустер аз нав мушовирони молиявии ИМА омаданд. Онҳо дар масъалаи молияи мамлакат аз ҳукумати Эрон ваколатҳои васеъ гирифтанд. М. Шустер барои ба Эрон воридшавии сармояи ИМА замина тайёр намуд.

Моҳи июли соли 1911 шоҳи собиқ Муҳаммадалишоҳ бо ҳамроҳии пешвоёни қабилаҳои туркман ва дастаҳои зархариди

иборат аз якчанд ҳазор нафар ба тарафи Теҳрон ҳаракат кард. Тирамоҳи ҳамон сол ӯ аз тарафи қувваҳои муттаҳидаи ҳарбии ҳукуматӣ ва фидоиён торумор карда шуд.

## ҲУҶҶАТҲО

### АЗ СОЗИШНОМА ДАР БАЙНИ РУСИЯ ВА АНГЛИЯ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ФОРС, АФҒОНИСТОН ВА ТИБЕТ. КИ ДАР С.ПЕТЕРБУРГ 18 (31) АВГУСТИ СОЛИ 1907 БА ИМЗО РАСИДААСТ

### А. СОЗИШНОМАЕ, КИ МАРБУТ БА ФОРС АСТ

Ҳукумати Русия ва Британияи Кабир дар назди ҳамдигар уҳдадор мешаванд. ки якпорчагӣ ва истиқлолияти Форсро эҳтиром менамоянд ва бо самимияти том мехоҳанд, ки дар тамоми қаламрави ин давлат сулҳу субот устувор бошад... бо назардошти манфиатҳои пойдор гардидани сулҳу субот дар баъзе музофотҳои форсии омехта ва ё бо сарҳадҳои руси ҳамсоя, аз як тараф ва бо сарҳадҳои Афғонистону Балуҷистон, аз тарафи дигар ва хоҳиши пешгирӣ кардани ҳар гуна баҳонаи бархӯрди байниҳамдигарии манфиатҳо дар музофотҳои форсӣ... бо нишондоди зерин розӣ шуданд:

Г. Британияи Кабир аз ҷониби худ уҳдадор мешавад... дар он тарафи хате, ки аз Қасри Ширин ба воситаи Исфаҳон, Язд ва Ҳақ гузашта, то сарҳади форсии дар ҷойи буриши сарҳадҳои русу афғон рафта хотима меёбад, даъвогари ягон хел иҷораи моҳияти сиёсию тиҷоратидошта нест, фоидаи раияти Британияро дастгирӣ намекунад, инчунин фоидаи раияти давлатҳои сеюмро ҳам. На бавосита, на бевосита ба талаботи чунин иҷораҳои дар ин вилоятҳо аз ҷониби ҳукумати Русия дастгирӣ карда мешудагӣ мухолиф нест.

II. Русия аз ҷониби худ уҳдадор мешавад... дар он тарафи хате, ки аз сарҳади афғон ба воситаи Газик, Бирчанд, Кирмон гузашта, дар Бандари Аббос хотима меёбад, даъвогари ягон хел иҷораи моҳияти сиёсию тиҷорати дошта нест, фоидаи раияти Русияро дастгирӣ намекунад, инчунин фоидаи раияти давдатҳои сеюмро ҳам. На бавосита, на бевосита ба талаботи чунин иҷораҳои дар ин вилоятҳо аз ҷониби ҳукумати Британия дастгирӣ карда мешудагӣ мухолиф нест.

III. Русия аз ҷониби худ уҳдадор мешавад, ки дар кори ба раияти Британия дар вилоятҳои форсии дар байни хатҳои дар моддаҳои I ва II номбаршуда бе маслиҳати пешакӣ бо Англия додани ягон хел иҷора зид нест.

Британияи Кабир марбут ба иҷораҳое, ки ба раияти рус дар худи ҳамон вилоятҳои Форс дода мешаванд, уҳдадории якхела қабул мекунад.

## САНАДҲОИ МУҲИМ

1856-1837 – ҷанги Англия бо Эрон ва ба ниммустамлика. табдил ёфтани он

1872 – аз тарафи соҳибкори англис Ю. Рейтер бо шоҳи Эрон дар бораи истифодаи ҳамаи

захираҳои ашёи саноатии Эрон ба муҳлати 70 сол бастани қарордод

1890 – аз тарафи соҳибкори рус Поляков дар Теҳрон кушода шудани Бонки қарздиҳии Форс

1848 -1898 – солҳои ҳаёти Носируддиншоҳ, шоҳи Эрон

1896 -1898 – ба амал омадани шӯришҳо дар ҷануби Эрон

1896 – аз тарафи Ризои Кирмонӣ кушта шудани Носируддиншоҳ - шоҳи Эрон

5.VIII.1906 – ҷорӣ карда шудани Конститутсияи Эрон

31.VIII.1907 – дар байни Англия ва Русия доир ба нуфуз дар Форс, Афғонистон ва Тибет баста шудани Созишнома

23.VI.1908 – Табаддулоти давлатӣ дар Теҳрон аз тарафи бригадаи казакҳо. Дар натиҷа, аксарияти аъзои Маҷлис ва анҷуманҳо ё ҳабс гардиданд ва ё парронда шуданд. Баста шудани рӯзномаҳои демократӣ

1908-1909 – шӯриш дар Табрез

I. 1908 – дар Исфаҳон ҳокимиятро ба даст гирифтани ҷонибдорони Конститутсия

VI. 1909 – сарнагун шудани Муҳаммадалишоҳ–шоҳи Эрон ва ба сари ҳокимият омадани писари ӯ-Аҳмадшоҳ

VII. 1910 – ба ҳукумати Муставфӣ Алмамолик иваз карда шудани ҳукумати Сипаҳдор

XI.1909 – даъват карда шудани Маҷлиси дуюми Эрон

Оғози 1911 – ба истеъфо гусел кардани ҳукумати Муставфӣ Алмамолик ва бо сардории Сипаҳдор аз нав ташкил карда шудани ҳукумат

VII. 1912 – ҷидду ҷаҳди мусаллаҳонаи шоҳи собиқ Муҳаммадалишоҳ барои аз нав ба қудрати шоҳии Эрон соҳиб шудан ва бенатиҷа анҷом ёфтани он

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Исбот кунед, ки дар нимаи дуюми асри XIX Эрон ба давлати ниммустамлика табдил ёфтааст. 2. Эрон ба кадом давлатҳои империалистӣ тобеъ шуд? 3.Давлатҳои империалистӣ, пеш аз ҳама, Англия ва Русия ба Эрон чӣ хел

«ёрӣ» мерасонданд? **4.**Кадом далелҳо дар бораи болоравии ҳаракати миллии халқи Эрон шаҳодат медиҳанд? **5.** Сабабҳои инқилоби Эронро муайян кунед. **6.**Ҳаракати ҷамъиятӣ дар Эрон чӣ мақсад дошт? **7.** Дар бораи Конститутсия ва Маҷлиси аввали Эрон нақл кунед. **8.** Инқилоби Эрон чӣ музаффариятҳо овард? **9.** Иловаҳо ба Конститутсияи Эрон чиҳоро дар назар доштанд? **10.** Дар байни нерӯҳои иртиҷоӣ ва демократӣ мубориза чӣ тавр сурат гирифта буд? **11.**Дар бораи шӯриши солҳои 1908-1909-и Табрез нақл кунед. **12.** Муҳаммадалишоҳ чӣ тавр сарнагун карда шуд? **12.**Маҷлиси дуюми Эрон кай даъват карда шуд? **15.** Қонунҳои интихоботии маҷлисҳои аввал ва дуюмро маънидод кунед. Оё онҳо аз ҳамдигар фарқ доштанд? **13.**Ҷидду ҷаҳди собиқ шоҳи Эрон Муҳаммадалишоҳ барои аз нав ба тоҷу тахт соҳиб шудан чӣ тавр анҷом ёфт? **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 25. МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ: АМОРАТИ БУХОРО, ХОНИГАРИҲОИ ҚӮҚАНД ВА ХЕВА

Чӣ тавре ки ба шумо маълум гардид, дар асри XVIII дар Осиёи Марказӣ се давлати мустақил – Аморати Бухоро ва хонигариҳои Қӯқанду Хева ташкил ёфтанд. Аз нимаи дуюми асри XVIII то солҳои 60 асри XIX барои ишғоли мулкҳои ҳамдигар дар байни онҳо ҷангҳои сершумор ба амал омаданд. Ин ҷангҳо ба пурқувват шудани Бухоро, Қӯқанд ва Хева халали ҷиддӣ расонданд. Аз тарафи дигар, ҷангҳои байниҳамдигарӣ давлатҳои ин минтақаи Осиёро дар муқобили ҳамдигар нигоҳ медоштанд. Дар шароите, ки давлатҳои империалистӣ барои зиёд кардани мустамликаҳои худ мубориза мебурданд, Бухоро, Қӯқанд ва Хева дар алоҳидагӣ ба онҳо муқобилият нишон дода наметавонистанд.

Барои ишғоли Осиёи Марказӣ дар байни Англия ва Русия рақобат вуҷуд дошт. Ҳар кадоми онҳо ҳаракат мекарданд, ки ин минтақаи муносибро аз худ кунанд. Ба Русия бо роҳи дипломатӣ муяссар шуд, ки Англияро розӣ кунонад, то аз баҳри ишғоли Осиёи Марказӣ бареояд. Акнун Русия бе рақобати ҷиддӣ бо ягон давлати империалистӣ давлатҳои ин минтақаро ишғол менамояд.

**Оғози Осиёи Марказиро ишғол кардани Русия**. Барои Русия нияти ишгол кардани Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар аҳди Пётри 1 ба вуҷуд омада бошад ҳам, ин марҳала танҳо дар миёнаҳои асри XIX фаро расид. Соли 1847 артиши Русия аз Оренбург то ба соҳилҳои баҳри Арал омада, дар ин ҷо бо номи Раим истеҳкоми ҳарбие бунёд кард. Баъдтар ин истеҳком номи қалъаи Аралро мегирад. Қалъаи Арал ва истеҳкому қалъаҳои дигари ҳарбии Русия дар сарҳадҳои Осиёи Марказӣ барои он сохта шуданд, ки ҳаракати бемамониати корвонҳои тиҷоратии Русияро ба дарунтари Осиёи Марказӣ таъмин намояд.

Соли 1853 дастаҳои артиши Русия ба Осиёи Марказӣ аз тарафи Сибир ҳам ҳаракат карда, ба Ҳафтрӯд омада расиданд. Нерӯҳои ҳарбии русҳо ба Осиёи Марказӣ аз ду самт ба роҳ баромаданд: аз Оренбург ва аз Омск. Дар назди онҳо вазифаи аввалиндараҷа ишғоли заминҳои айлоқи қазоқ ва қиргизнишин меистод. Русҳо ин корро иҷро намуда, ба хонигарии Қӯқанд наздик шуданд.

Соли 1853 артиши Русия дар зери роҳбарии генерал-губернатори Оренбург В.А. Перовский қалъаи Оқ-Масҷиди Қӯқандро ишғол кард. Он аввал номи истеҳкоми Перовский ва баъд Қизил Ӯрдаро мегирад. Ишголи Оқ-Масҷид дар роҳи ҳаракати минбаъдаи артиши Русия ба Осиёи Марказӣ иқдоми муҳим гардид. Худи ҳамон сол роҳи обии Русия ба Осиёи Марказӣ кушода шуд. Киштиҳои Русия дар баҳри Арал ва дарёҳои ба он резандаи Аму ва Сир шино мекардагӣ шуданд. Русҳо бо мақсади забти ояндаи Осиёи Марказӣ дар қад-қади ин дарёҳо нуқтаҳои такягоҳи артиши худро бунёд менамуданд.

Ҷанги Қрим муҳлатҳои ишголи Осиёи Марказиро муваққатан мавқуф гузошт. Баъди анҷоми ин ҷанг ҳукумати Русия кӯшиш намуд, ки ба давлатҳои ин ҷо бо роҳи дипломатӣ сар дарорад. Ин буд, ки соли 1858 Русия бо сардории полковник Н.П.Игнатев ба аморати Бухоро ва хонигарии Хева намояндагони дипломатии худро фиристод. Музокироти онҳо бо Хева бенатиҷа баромаданд. Ин вақт Бухоро бо Қӯқанд дар ҳолати ҷанг буд. Бо нияти он, ки дар ин ҷанг Русия ба Аморати Бухоро ёрӣ мерасонад, ҳайати сафорати

Русияро дар Бухоро бо хушӣ пазируфтанд. Сарфи назар аз муваффақияти ночизи сафорати Н.П.Игнатев, империализми Русия ба хулоса омад, ки барои ба мақсадҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ расидан, ҳатман ба Осиёи Марказӣ лашкар кашидан лозим аст.

Ҷанги Қрим нишон дод, ки Русия мамлакати заиф аст ва барои саноати вай манбаҳои бойи ашёи хоми Осиёи Марказӣ зарур мебошанд. Баъди ислоҳоти крепостнойии соли 1861, ки он Русияро ба роҳи сармоядорӣ ворид сохт, ин зарурат боз ҳам бараълотар аён гардид. Сабаби дигар дар шароите, ки дар ИМА ҷанги мулкӣ (1861-1865) идома дошт, Русия аз ин давлат нахи пахта харида наметавонист, чунки истеҳсоли он дар ИМА кам шуд. Аз ин рӯ, ба бозорҳои аврупоӣ воридшавии пахтаи Амрико муваққатан қатъ гардид. Ин ҳолат Русияро маҷбур сохт, ки истилои Осиёи Марказиро тезонад.

**Ҳуҷуми артиши Русия ба Осиёи Марказӣ.** Бо сабабҳои дар боло нишон додашуда, соли 1864 ҳуҷуми густурдаи артиши Русия ба давлатҳои Осиёи Марказӣ огоз ёфт. Моҳи сентябри соли 1864 Чимкент ба ғосибон таслим шуд. Баъди ин артиши истилогарони Русия ба сӯйи Тошкент раҳсипор шуд. Дар охирҳои моҳи апрели соли 1865 муҳофизони қалъаи Ниёзбек аз русҳо шикаст хӯрданд. 15 июни соли 1865 артиши Русия яке аз шаҳрҳои калонтарини Осиёи Марказӣ–Тошкентро ҳам ба даст даровард. Ин шаҳр тирамоҳи соли 1868 ба ҳайати Русия дохил карда шуд.

Дар миёнаҳои соли 1865 амири Бухоро-Музаффар ба водии Фарғона лашкар кашид. Лашкари Қӯқанд алайҳи дастаҳои артиши аморати Бухоро ба таври бояду шояд муқовимат карда натавонист. Бо ҳамин сабаб, амир Музаффар Қӯқандро бо осонӣ забт карда, ҳокими собиқи он Худоёрхони барои золимиаш аз тарафи шӯришгарон аз ҳокимият дур кардашударо дубора ба тахти хонии ин давлат шинонд.

Амир Музаффар аз муваффақияти худ илҳом гирифта, сафиронашро ба Тошкент мефиристонад, то ки ба намояндагони Русия расонанд, ки ин шаҳрро фавран монда раванд. Лекин талаби амир беҷавоб мемонад.

Нерӯҳои ҳарбии русҳо дар Осиёи Марказӣ ҳамоно

истилогарии худро идома медоданд. Губернатори ҳарбии Туркистон М.Г.Черняев моҳҳои январу феврали соли 1866 чандин маротиба ба ҳуҷум гузашта, қалъаи Ҷиззахро фатҳ карданӣ шуд, вале аз уҳдаи ин кор набаромад. Аз ин рӯ, ба ҷойи М.Г.Черняев губернатори ҳарбии Туркистон Д.И. Романовский таъин мегардад. 8 майи соли 1866 губернатори нави ҳарбии Туркистон дар муҳорибаи Эрҷар ба сипоҳиёни амир шикаст медиҳад. Баъди ин Д.И.Романовский муваққатан аз ишголи аморати Бухоро даст кашида, ба тарафи Хуҷанд ҳаракат кард ва 24 майи соли 1866 ин шаҳр, 2 октябри ҳамон сол қалъаи Нов ва аз паси он истеҳкоми Ӯротеппаро низ ишгол мекунад. Д.И.Романовский танҳо баъди ин музаффариятҳо нерӯҳои ҳарбии худро ба сӯйи Бухоро равон кард.

Амир Музаффар бошад, ба ҷанги зидди Русия қодир набуд. 18 октябри соли 1866 артиши Русия Ҷиззахро ишгол намуда, мавқеи худро дар хоки Бухоро мустаҳкам карда, ба ҳуҷуми зидди Самарқанд омодагӣ мегирифт.

Ҳукумати Русия барои музофотҳои истилокардаи Осиёи Марказӣ системаи идоракунии мустамликавии худро ташкил кард. Соли 1867 он генерал-губернатории Туркистонро таъсис намуд. Генерал-губернатори аввалини ин мустамликаи Русия К.П.Кауфман таъин гардид.

Аввалҳои соли 1868 Худоёрхон ба қарордод дар бораи ба империяи Русия тобеъ будани хонигарии Қӯқанд имзо гузошт. Худи ҳамон сол артиши русҳо, таҳти роҳбарии К.П.Кауфман, дуюмбора ба тарафи Бухоро раҳсипор шуданд. Аскарони К.П.Кауфман баъди ишголи Ҷиззах, 2 майи соли 1868 шаҳри Самарқандро низ ишғол карданд. Акнун навбат ба Бухоро расид. Дар сари роҳи он Каттақӯргон меистод. Амир Музаффар тамоми нерӯҳои ҳарбии худро дар ин ҷо ба муқобили артиши Русия гузошт, вале он дар наздикии Зирабулоқ шикаст хӯрд. Баъди ин шикасти шармандавор, амир Музаффар аввал хост, ки аз амирӣ даст кашад, вале баъдтар аз ин андешаи худ даст кашида, ба назди генерал К.П.Кауфман элчӣ (сафир, намоянда) фиристод. Худаш бошад, ба Бухоро рафта, ба ҷавоби К.П.Кауфман интизор шуд.

Генерал-губернатори Туркистон К.П.Кауфман пешниҳоди

амир Музаффарро оиди сулҳ қабул кард. Мувофиқи Созишномаи сулҳи Зирабулоқ аз 23 июни соли 1868 қисми қаламрави Бухорои аз тарафи аскарони Русия ишғолкарда ба Русия гузашт. Бухоро ҳуқуқи бо давлатҳои хориҷӣ мустақилона муносибат карданро аз даст дод. Ҳамин тариқ, амири Бухоро ба вассали ҳалқабаргӯши империяи Русия табдил ёфт. Агенти кулли сиёсии Русия аз Когон истода, ба фаъолияти амири Бухоро назорат мекард.

**Забткориҳои Русия дар Осиёи Марказӣ дар солҳои 70**. Англия аз бомуваффақият истило карда шудани Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия ба ташвиш афтода, соли 1869 роҷеъ ба таъсиси давлати «мобайнӣ»-и бетарафи байни минтақаҳои зери тасарруфи Англия ва Русия масъала ба миён ғузошт. Мувофиқи нақшаи англисҳо мебоист Афғонистон чунин давлат мешуд. Дар ин нақша ба Афгонистон ҳамроҳ карда шудани Бадахшон низ дар назар дошта шуда буд. Дарёи Аму бояд сарҳади қаламрави зери нуфузи Англия ва Русия муқаррар карда мешуд. Мақсади асосии Англия он буд, ки Афгонистонро ба зери тасарруфи худ дарорад. Дар аввали соли 1873 роҳбарони Англия ва Русия ба чунин мувофиқаи пинҳоние омаданд, ки Русия бар хонигарии Хева пуштибон будани худро эълон мекунад ва пуштибонии Англия бошад, бар Афгонистон муқаррар карда мешавад. Баъди қабули ин қарордод, К.П.Кауфман ба Хева лашкар кашид. Охири моҳи майи соли 1873 артиши русии Туркистон ва Оренбург ба шаҳри Хева ҳуҷум кард. Хони Хева Муҳаммадраҳими II аз ин ҳуҷуми русҳо бохабар шуда, қароргоҳи худро тарк карда, ба айлоқи Хазовоти туркманӣ рафт. Ба ҷойи Муҳаммадраҳими II муқобилонаш бародари ӯ Атоҷонтӯраро ба тахти хонигарии Хева мешинонанд. Вале К.П.Кауфман хони наврo эътироф накарда, ба назди хони собиқ Муҳаммадраҳими 11 қосид фиристода, талаб мекунад, ки ба қароргоҳаш баргашта, иҷрои вазифаи худро давом диҳад.

Муҳаммадраҳими 11 ба Хева баргашт ва 12 августи соли 1873 ба қарордоди байни Русия ва Хева, ки онро худи русҳо таҳия карда буданд ва аз 18 модда иборат буд, имзо гузошт. Дар моддаи аввали он навишта шуда буд, ки хони Хева ба Русия итоат

мекунад ва бе иҷозати ҳукумати Русия бо ягон давлати ҳамҷавор муоҳида намебандад ва ё ҷанг эълон намекунад. Русия заминҳои соҳили рости дарёи Амуро аз Хева кашида гирифта, як қисми онро ба ивази дар давраи ҷанги зидди Хева ба артиши рус кӯмак расонидани амир ба аморати Бухоро медиҳад.

Соли 1876 дар хонигарии Қӯқанд барои ҳукумати мустамликавии генерал-губернатории Туркистон вазъи ташвишомез ба амал омад. Мардуми он ба муборизаи озодихоҳона бархоста буд. Ҳукумати подшоҳии Русия аз ин баҳона истифода бурда, 19 феврали ҳамон сол хонигарии Қӯқандро барҳам зада, онро бо номи вилояти Фаргона ба ҳайати губернияи Туркистон ҳамроҳ кард.

**Заминҳои туркманнишинро ишғол кардани Русия**. Дар нимаи дуюми солҳои 70 ва аввали солҳои 80-ум артиши Русия амалиёти ҳарбии худро дар қисмати ҷанубу ғарбии Осиёи Марказӣ, сарзамини туркманҳо мегузаронд. Моҳи марти соли 1876 ҳукумати Русия «Низомномаи муваққатии идораи ҳарбии кишвари Закаспий»-ро тасдиқ намуда, мувофиқи он дар сарзамини туркманҳо шуъбаи Закаспийро таъсис дод, ки марказаш Красноводск буд. Шуъбаи мазкур ба зери идораи волии Қафқоз дода шуд.

Ҳукумати Русия қарор дод, ки ба маҳаллаи Ахалтегин сарбозон равон кунад. Он аввали соли 1977 Қизиларватро ишгол кард. Сардори шуъбаи Закаспий Н. Ломакин бо сабаби дурии қароргоҳи асосӣ - шаҳри Красноводск амр кард, ки аскарҳо ва кормандони маъмурияти шуъба онро тарк кунанд. Тирамоҳи соли 1878 генерал Н. Ломакин дар Атрек истеҳкоми Чатро бунёд карда, моҳи августи соли 1879 бори дуюм Қизиларватро ишгол менамояд. Ӯ дар қарибиҳои Кӯктеппа ба муқовимати шадиди ватанпарварони туркман дучор мегардад. Дар муҳорибаҳои 28-29 августи соли 1879 бемуваффақият шикаст хӯрда, маҷбур мешавад, ки ба ҷойи бехатар ақибнишинӣ кунад. Баъди ин шикасти Н.Ломакин, русҳо дар Петербургу Тифлис ба ташвиш афтода, ӯро бо генерал М.Д.Скобелев иваз намуданд. Ин генерал ҳанӯз дар ҷанги солҳои 1977-1878 бар зидди Туркия ном бароварда буд. Ӯ барои забти Кӯктеппа омодагии ҷиддӣ гирифта, пас аз ҷангҳои серӯза 12 январи соли 1881 қалъаи Данглитеппа ва

баъди он Кӯктеппаро ба даст медарорад. 18 январи соли 1881 аскарони Русия Ашқободро ҳам таслим кунонданд. Моҳи майи ҳамон сол шуъбаи ҳарбии Закаспий ба вилояти Закаспий дода мешавад.

Солҳои 1881-1885 аскарони Русия тамоми заминҳои туркманҳоро ишғол намуданд, ҳарчанд Британияи Кабир барои маҳалҳои баҳсноки он сарбозони Афғонистонро ба муборизаи зидди Русия машқ медод. Моҳи марти соли 1885 дастаҳои ҳарбии Русия дар зери роҳбарии сардори Закаспий А.В.Комаров артиши Афғонистонро аз минтақаи панҷдеҳи туркманнишини Пандин фишор дода баровარданд.

**Ҳалли «Масъалаи Помир».** Кӯҳистони Помир ба ду қисмати асосӣ ҷудо мешуд, ки яке Помири Ғарбӣ (мулкҳои тоҷикнишини Вахон, Ғорон, Шуғнон ва Рӯшон) ва дигаре Помири Шарқӣ (дар он ҷо қавмҳои кӯчманчии қирғизҳо сукунат доштанд) буд. Масъалаи охирини барои Русия ва Англия баҳснок ҳамин минтақаи Осиёи Марказӣ буд. Ҳангоми забти заминҳои туркманҳо, Русия Помирро сарфи назар накарда, «аз худ» кардани онро танҳо ба вақти дигар мавқуф гузошта буд.

Дар «Масъалаи Помир» Афғонистон ва Чин ҳам даъвогар буданд. Баъд аз ҷанги солҳои 1878-1880-и зидди Афғонистон Англия пуштибони ин давлат эълон гардид. Бо ҳамин сабаб, сиёсати хориҷии Афғонистон ба манфиатҳои Англия мувофиқ кунонда мешуд. Бо тавсияи ҳукумати Британияи Кабир амири Афғонистон ба Помири Ғарбӣ лашкар кашида. Вахон, Ғорон, Шугнон ва Рӯшонро ишғол намуд.

Рақобати Русия, Афғонистон ва Англия барои Помир қариб даҳ сол – аз соли 1883 то соли 1893 идома ёфт. Соли 1891 Англия вилояти кӯҳистонии Комчутро, ки ба мулкҳои Хунза ва Наҳор тааллуқ дошт, ишғол менамояд. Аз чунин сурат гирифтани рафти воқеа Русия саросема шуда, дар Помир ба амалиёти фаъолона шурӯъ кард. Моҳи июн дастаи 120-нафараи казакҳо ва аскарони рус бо сардории полковник М.Ионов ба Помир меравад. Генерал-губернатори Туркистон А.В.Бревский тавассути мулозимони худ ба мардуми маҳаллӣ ва даъвогарони Англияю Афғонистон расонд, ки Помир аз Русия аст. Сафари М. Ионов «Масъалаи Помир»-ро рӯзмарра

кард. Моҳи апрели соли 1892 арбобони давлатии Русия ба машварати махсуси ба ин масъала бахшидашуда ҷамъ омада, қарор қабул карданд, ки ба Помир аскар фиристода, ҳокимият ва соҳибияти Русияро дар ин минтақаи Осиёи Марказӣ мустаҳкам кунанд. Моҳи июни соли 1892 М. Ионов боз ба ҳамон роҳи ба ӯ шинос ва ин дафъа бо дастаи аскарони зиёдтар ба Помир раҳсипор шуд. Ба ин ҷо расида, вай дар соҳили дарёи Оқсу постгоҳи Помирро сохта, дар маҳаллаи Шоҷон 250 нафар аскарро барои зимистонгузаронӣ мустақар мекунонад.

Дере нагузашта «Масъалаи Помир» ба маҷрои корҳои дипломатии Русия ва Англия ворид мешавад ва оқибат англисҳо Помирро ба Русия вогузор мекунанд. Гап дар сари он аст, ки солҳои 1869-1873 дар бораи минтақаи зери манофеи Русия будани Помир қарордодҳои русию англисӣ ба имзо расонида шуда буданд. Барои ҳалли ниҳоии «Масъалаи Помир» соли 1893 котиби идораи мустамликавии Англия дар Ҳиндустон оид ба корҳои хориҷӣ Мортимер Дюранд бо ташрифи махсус ба Кобул меояд ва ба Абдураҳмон пешниҳод менамояд, ки ӯ аз даъвои Шуғнон, Ғорон, Вахон ва Рӯшон гузарад.

Мувофиқи Созишномаи нави соли 1893-и байни Англия, Русия ва Афгонистон, қисми шарқии Вахону Ғорон ба Афгонистон гузашт, заминҳои дар тарафи чапи дарёи Аму воқеъбудаи Дарвози Бухоро низ ба Афғонистон дода шуданд. Афғонистон лашкари худро аз Вахон, Ғорон, Шуғнон, Рӯшон ва Чин бошад, аз Помири Шарқ бароварданд. Созишномаи мазкур 27 феврали (11 марти) соли 1894 ба расмият даромад. Баҳори соли 1895 сарҳадҳои байни Русияю Афғонистон аз тарафи комиссияи муштараки англисию русӣ қатъиян муайян карда шуданд. Ҳамин тариқ, Помири Шарқӣ ва Помири Ғарбӣ ба ҳайати генерал-губернаторӣи Туркистон дохил мегарданд.

**Сиёсати мустамликадории Русия дар Осиёи Марказӣ**. Сиёсати мустамликадории Русия дар Осиёи Марказӣ ду марҳаларо дар бар мегирад. Марҳалаи аввал аз ибтидои истилои Осиёи Марказӣ то анҷоми он, яъне аз солҳои 50-ум то солҳои 90-уми асри XIX ва марҳалаи дуюм аз солҳои 90-уми асри XIX то соли 1917 (минбаъд Осиёи Марказӣ дар ҳайати давлати дигар буд, ки

он ИҶШС ном дошт). Дар марҳалаи аввал сармояи Русия ҳанӯз дар ин ҷо фаъолона амал намекард. Фаъолияти иқтисодии индавраинаи Русия, асосан, бо амалиёти тиҷоратӣ маҳдуд шуда буд. Дар марҳалаи дуюм дар Осиёи Марказӣ дахолати фаъолонаи сармояи Русия сурат мегирад.

Дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ ба ҷойи навъҳои маҳаллии пахта, парвариши навъҳои нисбатан сермаҳсулу қиматбаҳои он огоз меёбад. Осиёи Марказӣ барои саноати Русия ва пеш аз ҳама, барои саноати бофандагии он ба манбаи ашёи хом ва бозори фурӯши молҳои саноатӣ табдил меёбад. Молҳои косибони маҳаллӣ дигар бо молҳои саноатии аз Русия воридшуда рақобат карда наметавонистанд.

Русия бе роҳи оҳан наметавонист, ки аҳамияти Осиёи Марказиро барои иқтисодиёти худ баланд бардорад. Барои ҳамин, солҳои 70-ум сохтмони роҳи оҳани ин ҷоро бо Русия мепайвастагӣ ба миён омад. Соли 1885 аз соҳили баҳри Каспий-Красноводск то Ашқобод, соли 1888 то ба Самарқанд ва соли 1898 то Тошкент роҳи оҳан сохта ба истифода дода шуд. Вале таъмини эҳтиёҷоти Русия дар Осиёи Марказӣ танҳо бо сохта шудани роҳи оҳан иҷро намегардид. Ин роҳи оҳани ба истифода додашуда Осиёи Марказиро бо ноҳияҳои маркази Русия намепайваст. Ба воситаи ин роҳи оҳан чандин маротиба фаровардану бор кардани мусофирону бор ноқулай буд. Аз ин рӯ, дар ибтидои асри XX сохтмони роҳи нави оҳан сар шуд, ки он бояд Осиёи Марказиро аз Тошкент бо Оренбург мепайваст. Ин роҳи оҳани Каспий ба хати роҳи оҳани Оренбург пайваста шуд. Сохтмони ин роҳи оҳан имконият дод, ки дар байни Русия ва Осиёи Марказӣ мубодилаи мол бештар аз 10 маротиба афзояд.

Аз солҳои 70-ум сар карда, ҳукумати Русия ба хотири ба вуҷуд овардани такягоҳи иҷтимоӣ, дар ҷойҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ба микёси васеъ муҳоҷирони русро сокин кунонд.

Дар кишвари Туркистон таъсис намудани системаи маъмурии «Идораи ҳарбии халқӣ» ба мақсади мустамликадорони ҳукумати подшоҳии Русия хизмат мекард. Кишвари Туркистон ба панҷ вилоят тақсим карда шуда буд:

Сирдарё, Фаргона, Самарқанд, Ҳафтрӯд (Семиречье) ва Закаспий. Ҳар як вилояти номбурдаро, ба истиснои Закаспий, ки дар он ҷо сардори вилоят ҳукм меронд, губернатори ҳарбӣ идора мекард. Вилоятҳо ба уездҳо, уездҳо ба волостҳо ва волостҳо ба приставҳо тақсим карда шуда буданд.

Баъди ба Русия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Марказӣ бераҳмона ғорат кардани бойигарии миллии халқҳои ин ҷо огоз ёфт. Барои ин кор мустамликадорон корхонаҳои зиёде сохтанд. Конҳои ангишти Сулукта, Қизилкиик, Шӯроб, Андиҷон, конҳои нафти Санто ва Чимиён дар водии Фаргона ва кони нафти ҷазираи Чалакони аз қабили ҳамин корхонаҳоянд. Ҳукумати Русия ба парвариши пахта ва коркарди аввалияи он диққати махсус медод. Беҳуда нест, ки дар Туркистон дар аввалҳои асри XX 230 корхонаи пахтатозакунӣ кор мекард, ки бисёрии онҳо дар водии Фарғона буданд. Дар иқтисодиёти Осиёи Марказӣ заводҳои чармгарӣ ва маъданкоркунӣ ҳам мақоми махсус доштанд. Онҳо асосан, аз ширкати немисии «Дюршмидт» буданд.

Дар аксарияти шаҳрҳои Осиёи Марказӣ шуъбаҳои бонкҳои Русия кушода мешаванд, аз он ҷумла дар Тошкент, Самарқанд, Андиҷон, Қӯқанд, Бухорои Нав (Когон) ва шаҳрҳои дигар. «Бонки русии тиҷорати хориҷӣ» ба савдои пӯсти қароқулӣ маблаггузорӣ мекард. «Бонки Русу Азов» сохтмони роҳи оҳани Бухороро бо пул таъмин менамуд. «Бонки Азову Дон», ки аз соҳибони саноати бофандагии Петербург буд, тамоми харид ва коркарди аввалияи пахтаро ба даст даровард. «Бонки ҳисобию қарздиҳии Москва» низ дар ин мустамликаи дурдасти Русия фаъолият мекард. Кам ҳам бошад, ба иқтисодиёти Осиёи Марказӣ сармояи Англия, Амрико, Олмон ва Белгия низ ворид мешавад.

Сиёсати мустамликадории Русия дар кишвари Туркистон аҳволи халқи муҳаллиро рӯз то рӯз вазнин мекард. Мардуми ин ҷо норозигии худро тавассути шӯришҳо изҳор мекарданд. Калонтарини онҳо солҳои 1885-1886 дар Яхсу, соли 1885 бо сардории Восеъ дар Балҷувон ва Кӯлоб, соли 1887 дар Ромит ва даҳҳо шӯришҳои дигар буданд.

Шӯришҳои халқиро маъмурияти маҳаллӣ ва мустамликавии Русия бераҳмона пахш мекарданд. Дар баъзе

шӯришҳои мардуми маҳаллӣ рӯҳияи истиқлолиятхоҳӣ низ мушоҳида карда мешуд.

Ҳамин тариқ, хонигариҳои Қӯқанд ва Хева ба мустамликаи империяи Русия табдил дода шуданд. Ҳарчанд Аморати Бухоро расман ба ҳайати империяи Русия надаромада бошад ҳам, пурра тобеи он буд.

## ҲУҶҶАТҲО

### 1.СИЁСАТИ МУСТАМЛИКАДОРИИ РУСИЯ ДАР ОСИЁИ МИЁНА

Баъди ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна, дар ин ноҳия муносибатҳои сармоядорӣ рӯ ба инкишоф ниҳода бошанд ҳам, на танҳо боиси тавлиди саноати вазнин нагардиданд, балки ҳатто саноати бофандагӣ барин соҳаҳои нави саноат ба вуҷуд наомаданд. Иттиҳоди соҳибкории саноати бофандагии Русияи подшоҳӣ бо тамоми ҷидду ҷаҳд намемонад, ки дар ноҳияҳои пахтакор саноати бофандагӣ пайдо шавад. Баъзе кӯшишҳои кушодани муассисаҳои бофандагӣ, ки аз тарафи баъзе соҳибкорони маҳаллӣ карда шуд, дучори муқобилияти сахти соҳибони корхонаҳои бофандагии Петербург, Иваново-Вознесенск ва г. гардиданд. Дар дигар соҳаҳои саноат ҳам аҳвол чунин буд.

Пас аз ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна саноатдорони рус дар ин ҷо ба ташкили плантасиятҳои пахта сар карданд. Ба мисли плантатсияи «Хутори Андреев», ки дар Фаргона ташкил карда шуда буд. Дар вилоятҳои Тошкент ва Самарқанд низ плантатсияҳо ба вуҷуд омаданд...

Осиёи Миёна барои саноати Русия ва қабл аз ҳама барои саноати бофандагии он манбаи моли хом ва бозори фурӯш гардид. Косибон ва ҳунармандони майдаи маҳаллӣ ба молҳои саноатие, ки аз Русия кашонда мешуданд, рақобат карда натавониста, шикаст мехӯрданд...

### 2.ДАР ОСИЁИ МИЁНА ВУСЪАТ ЁФТАНИ ҲАРАКАТИ ПАНТУРКӢ

Робитаи миллатчиёни буржуазии Туркистону Туркия ҳанӯз дар охири асри XIX сар шуда буд (дар ин кор миллатчиёни тотор ҳам саҳм гузоштаанд), яъне дар ҳамон даврае сар шуда буд, ки панисломия ва пантуркия идеологияи расмии империяи Усмониён гардид ва ин робитаҳо пас аз инқилоби соли 1908-уми ҷавонтуркон ниҳоят вусъат ёфт. Пешвои ҷавонтуркон Анварпошшо, Талъатпошшо, Ҷамол ва дигарон ақидаҳои пантуркиро бо ҷидду ҷаҳд тарғибу ташвиқ менамуданд, тамоми халқҳои «мусулмон», аз он ҷумла халқҳои Поволжя, Қафқоз, Закавказия, Осиёи Миёнаро даъват менамуданд, ки дар як давлати «усмонӣ» муттаҳид шаванд. Ходими намоёни пантуркия Зиё Гукалп нияту мақоми асосии онҳоро ба як шакли муайян оварда гуфта буд, ки «ватани туркон – на Туркияю Туркистон, балки кишвари абадзиндаву бекарони Турон

аст». Пешвои аслии ҷавонтуркон Анварпошшо ҳам бо нияти таъсиси «Тӯрони Кабир» аҳамияти калон медод. Вале кор фақат бо ният анҷом намеёфт. Аз Туркия ба Осиёи Миёна ҷосусони пантуркӣ меомаданд, кору бори пайравони худро тафтиш мекарданд, роҳу равиши кору амалиёти минбаъдаро нишон медоданд, бо адабиёти лозима таъмин менамуданд.

Ҳарчанд ҳукумати подшоҳӣ ба интишори шиорҳои пантуркия дар Туркистон бо хавф менигарист ва ҷосусони онро сахт ба назорат мегирифт, ба ҳар ҳол, бисёр ҷосусон аз доираи назорат берун мемонданд.

«Яке аз сарварони намоён ва роҳбарони ғоявии ҷадидони Осиёи Миёна Мунавварқорӣ Абдурашидовро сардори ҷавонтуркони ҷосусони партияи «Иттиҳод ва тараққӣ» дар Тошкент гуфтан мумкин аст. Мунавварқорӣ мудири яке аз мактабҳои ҷадид буд, ки дар нашрияҳои панисломӣ фаъолона иштирок мекард, журналу китобҳои туркиро тарҷума менамуду пулашро ба Истамбул, ба фоидаи «Ҷамъияти имдоди миллат ба флоти Усмонӣ» мефиристод. Дар ҳавлии Мунавварқорӣ мунтазам маҷлисҳои пӯшидаи ҷадидон, ки зоҳиран ба зиёфат мемонд, баргузор мешуд ва дар ин ҷамъомадҳо оид ба усулҳои таблиғоти пантуркӣ мубодилаи таҷриба мекарданд, нозирони аз Туркия омада дастурҳо медоданд.

Худи Мунавварқорӣ борҳо ба Фарғонаву дигар вилоятҳои Туркистон рафта, кору бори ҷадидонро тафтиш карда меомад. Фаъолияти Мунавварқорӣ чунон вусъат гирифт, ки Шуъбаи ҳимояи ноҳиявии Туркистон ӯро ба зери назорати худ қарор дод...»

***Ғафуров Б.Ғ. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Қ.2., Душанбе: Ирфон, 1985, Саҳ.- 257-259.***

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1847** – то ба Арал омада расидани империяи Русия

**1853** – то ба Ҳафтрӯд омада расидани сарбозони империяи Русия. Ба хонигарии Қӯқанд наздик шудани онҳо. Ишғол кардани Оқ-Масҷид

**1864** – оғози ҳуҷуми густурдаи истилогаронаи Русия ба Осиёи Марказӣ

**1867** – таъсиси генерал-губернатории Туркистон

**1868** – ба Русия тобеъ шудани хонигарии Қӯқанд

**23.VI.1868** – дар байни Русия ва аморати Бухоро баста шудани Созишномаи сулҳи Зирабулоқ, ки дар натиҷаи он аморати Бухоро ба Русия тобеъ шуд

**12.VIII.1873** – дар байни Русия ва Хева ба имзо расидани қарордод дар бораи тобеияти хонигарии Хева ба империяи Русия

19.II.1876 – аз тарафи Русия барҳам дода шудани хонигарии Қӯқанд

1898 – то Тошкент сохта ба итмом расонидани роҳи оҳани Каспий

1905 – бо роҳи оҳани Каспий пайваст шудани роҳи оҳани Оренбург

VI.1891 – ба Помир омадани дастаи аскарони 120-нафараи Русия бо сардории полковник М.Ионов

1893 – мувофиқи Созишномаи байни Англия, Афғонистон ва Русия ба Афғонистон гузаштани қисмати шарқии Вахон ва тарафи чапи дарёи Аму бо номи «Дарвозаи Бухоро»

1895 – Дар Осиёи Марказӣ муқаррар карда шудани сарҳадҳои байни Русия ва Афғонистон

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** То оғози ба Осиёи Марказӣ сар даровардани Русия, дар ин ҷо кадом давлатҳои соҳибистиқлол вуҷуд доштанд? **2.**Оғози ба Осиёи Марказӣ сар даровардани империяи Русия кай сурат гирифт? **3.**Чаро солҳои 50-уми асри XIX истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия қатъ гардид? **4.** Оё ҷанги Қрими солҳои 1853-1856 ба истилогариҳои Русия дар Осиёи Марказӣ халал нарасонд? **5.** Кай ва ба кучои Осиёи Марказӣ ҳуҷумҳои нахустини артиши Русия сурат гирифтанд? **6.** Кай ва чӣ тавр ҳуҷуми густурдаи артиши Русия ба Осиёи Марказӣ аз нав оғоз ёфт? **7.** Дар бораи рафти истилогариҳои артиши Русия дар Осиёи Марказӣ дар солҳои 1864-1867 нақл кунед? **8.** Кай генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт? **9.** Хонигарии Қӯқанд кай барҳам дода шуд? **10.** Аморати Бухоро аз артиши Русия кай ва дар куҷо шикаст хӯрд? Созишномаи Зирабулокро дар байни аморати Бухоро ва империяи Русия маънидод кунед. **11.** Хева кай ва чӣ тавр ба Русия тобеъ шуд? **12.** Артиши Русия сарзамини туркманнишинро кай ва чӣ тавр ишғол кард? **13.** Барои ишғоли Помир дар байни кадом давлатҳо рақобат вуҷуд дошт? **14.** Барои Хева, Афғонистон ва Помир дар байни Англия ва Русия чӣ қарордод қабул карда шуда буд? **15.** Забткунии Осиёи Марказиро Русия кай ба анҷом расонид? **16.** Кай дар байни Русия ва Афғонистон сарҳадҳо муайян карда шуданд? **17.** Ҳуҷҷатҳоро хонда, маънидод кунед. **18.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 26. ИМПЕРИЯИ ТУРКИЯ

**Ба ниммустамлика табдил ёфтани империяи Усмониён.** Ба давраи империализм сабзида расидани ҷаҳони сармоядорӣ рафти ба ниммустамлика табдил ёфтани империяи Усмониёнро тезонид. Барои тезу тундшавии муборизаи мамлакатҳои абарқудрат барои дар Шарқи Наздик ба таври инҳисорӣ аз худ кардани манбаҳои зиёдшавии сармоя низ ба ин сабаб шуд.

Баъди Ҷанги Қрим (солҳои 1853-1856) аз аҳволи вазнини иқтисодии Туркия истифода бурда, бонкдорони Аврупо тавонистанд, ки ин мамлакатро ба доми тобеияти молиявии худ дароранд. Далелҳои фаровоне дар ин бора шаҳодат медиҳанд.

Соли 1854 аз 3.3 млн лираи туркия, ки бонки Англия ваъда карда буд, хазинаи Усмониён танҳо 2.5 млн лира гирифт. То соли 1875 ҷамъи маблағи вомбарги хориҷии Туркия то ба 242 млн лира расид, вале Истамбул танҳо 175 миллиони онро истифода бурда тавонисту халос. Маблағи боқимонда дар хазинаи қарздиҳандагон монд. Қарзи хориҷии Усмониён чунон зиёд буд, ки барои пардохти он қариб нисфи ҳамаи маблағи ҳарсолаи хароҷоти давлатӣ сарф карда мешуд. Соли 1879 вазъияти молиявии Туркия боз ҳам вазнинтар шуд. Ин дафъа ҳукумат шикасти пурраи молиявии империяи Усмониёнро эълон кард ва аз давлатҳои хориҷӣ мадад пурсид. Соли 1881 дар байни ҳукумати Туркия ва қарздиҳандагон аз ҳисоби намояндагони бонкҳои калонтарини Аврупо «Идораи қарзҳои Оттоман» ташкил дода шуд, ки он аз болои манбаъҳои муҳимтарини даромади давлатии Туркия назорат ҷорӣ намуд. Барои ба хазина интиқол ёфтани маблаг ҳукумати Туркия маҷбур шуд, ки боз ба вомбарг рӯ оварад. Солҳои 1890-1914 маблағи аз ин ҳисоб ҷамъомада ба 166 млн лираи туркӣ расид, ки қисми зиёди он барои пардохти қарзи хориҷӣ ва фоизи он сарф мешуд.

Оҳиста-оҳиста сармояи хориҷӣ ба молияи мамлакат назорати пурра муқаррар кард. Баъди кушода шудани бонки Оттоман (соли 1856) шуъбаҳои маҳаллии бонки фаронсавии қарздиҳии Лион, бонкҳои Немисӣ ва Вена, бонки Салоникаи Фаронсаю Австрия ва Венгрия кушода шуданд. Дар оғози асри XX дар Туркия 15 шуъбаи бонкҳои аврупоӣ фаъолият мекарданд. Туркия бошад, танҳо соли 1888 як бонки миллии кишоварзӣ кушоду халос.

Вобастагии молиявии империяи Усмониёнро мамлакатҳои империалистӣ барои гирифтани иҷораҳои фоиданок истифода мебурданд. Таваҷҷуҳи онҳоро махсусан сохтмони роҳҳои оҳан ба худ ҷалб менамуд. Ҳуқуқи сохтани роҳҳои оҳани Туркияро Англия ҳанӯз дар солҳои 50-ум ба даст даровара буд. Вале муборизаи асосӣ барои иҷораҳои роҳи оҳан дар даҳсолаҳои охири асри Х1Х шиддат гирифт, ҳамон вақте ки маблаггузории фаъолонаи Олмон ба хоҷагии халқи Туркия сурат гирифт. Ширкатҳои Олмон аввал барои сохтмони роҳи оҳани Анатолия – аз бандари Измир то Анқараро иҷора гирифтанд. Сохтмони ин роҳ соли 1892 анҷом ёфт. Соли 1898 ҳукумати султон сохтмони қитъаи аввали роҳи оҳани Багдодро ба бонки Олмон супурд. Сохтмони роҳҳои Туркия бо суръат пеш мерафт. Аз соли 1855 то соли 1908 дарозии онҳо ба 4 ҳазор км расид.

Дар баробари роҳҳои оҳан нақлиёти баҳрӣ ва бандарҳои калонтарин низ ба зери назорати инҳисории давлатҳои Аврупо дохил шуданд. Онҳо барои истеҳсоли ангиштсанг, канданиҳои дигари фоиданок, истифодаи корхонаҳои коммуналии Истамбул ва Анқара, сохтмони хати телеграф ва намудҳои дигари алоқаро иҷора гирифтанд.

Ҳамин тариқ, империяи Усмониён ба ниммустамлика табдил ёфт.

**Ба роҳи сармоядорӣ дохил шудани Туркия.** Ба Туркия воридшавии сармояи хориҷӣ маънои онро дошт, ки ин давлат ба хоҷагии ҷаҳонии сармоядорӣ кашида мешавад. Дар даҳсолаҳои охири асри Х1Х сохтмони фабрикаю заводҳо, шахтаҳо, депоҳо, устохонаҳои роҳи оҳан ва иншооти бандарҳо огоз ёфтанд. Маблаггузорӣ ба саноати миллӣ дар ҳамон соҳаҳое сурат мегирифт, ки бо саноати давлатҳои Аврупо рақобат намекарданд ё ки ба коркарди аввалияи зироатҳои содиротӣ, аз он ҷумла, коркарди пахта, тамоку, мавиз ва амсоли ин машғул буданд. Аз 1587 корхонаҳое, ки дар Туркия соли 1900 ба ҳисоб гирифта шуда буданд, аксарияташон устохонаҳои хурди

косибӣ буданд. Танҳо наздики 200-тои онҳоро ба қатори фабрика ва заводҳо гузоштан мумкин буд. Дар баробари саноати хӯрокворӣ, истеҳсолоти бофандагӣ, собунпазӣ. абрешимбофӣ ва қолинбофӣ то як дараҷа пеш рафт. Ин вақт саноати Туркия, асосан, дар дасти ширкатҳои Аврупо буд. Онҳо ашёи хоми ин саҳаҳоро бештар ба хориҷа мебаровардaнд.

Ба шарофати роҳҳои оҳан ва ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд шудани талабот барои бозор, кор кардани зироатпарварӣ меафзояд ва махсусан барои бозорҳои ҷаҳонӣ. Оҳиста-оҳиста кишоварзии Туркия ба роҳи сармоядорӣ ворид мешуд. Хоҷагиҳои кишоварзие, ки меҳнати кирояро истифода мебурданд, сол то сол зиёд мешуданд. Соҳибкорони деҳотӣ барои зиёд шудани рента аз тамоми воситаҳои зарурӣ истифода мебурданд. Дар Анатолия мулкҳои заминдороне пайдо шуданд, ки музаффариятҳои илми агрономӣ ва мошинҳои кишоварзиро ҳам ба кор мебурданд.

Болоравии тиҷорат ва пайдошавии саноати фабрикаю заводӣ ба табақаҳо тақсимшавии аҳолиро тезонид. Ин раванд ба ташаккули табақаи нав – буржуазия сабаб шуд. Сарфи назар аз ин, муносибатҳои сармоядорӣ дар Туркия суст сурат мегирифтанд. Ақибмонии деҳот ба тараққиёти умумии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонд. Маҳдудияти бозори дохилӣ, аз як тараф ва зӯроварии сармояи хориҷӣ, аз тарафи дигар, ба ташкили саноати миллӣ халал мерасонданд. Таҷҳизоти техникии корхонаҳои мавҷуда хеле пастсифат буданд. Мувофиқи ба рӯйхатгирии саноатии соли 1915 дар мамлакат 264 корхонаи дорои ҳаракатдиҳандаҳои механикӣ кор мекарданд. Яъне он вақт ба корхонаҳои саноатии Туркия ҳанӯз мошинҳо роҳ наёфта буданд.

Буржуазияи дар султонии Туркия ташаккулёфта, асосан, тиҷоратӣ буд. Қисми нисбатан обрӯмандтарини он ба корҳои воридоту содироти мол машғул буд. Дар охирҳои асри X1X–аввали асри XX табақаи зиёиёни Туркия афзуд. Шумораи табибон, ҳуқуқшиносон, хизматчиёни ширкатҳои гуногун,

навиcандагон, хабарнигорон, амалдорон ва афсарон зиёд шуд. Зиёиёни индавраинаи Туркия аз ашрофони миёнаи асри Х1Х-и ин давлат бо он фарқ мекарданд, ки одамони касбу кори гуногун буданд. Бисёрии афсарон, амалдорон ва ашхоси касбу кори озоди ин давра аз муҳити ашрофӣ ва ё оилаҳои майдабуржуазӣ баромада, дар муассисаҳои навташкили ҳарбӣ ва таълимгоҳҳои махсус маълумот гирифта буданд. Биноан, дар ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти ҷамъиятии онҳо он арзишҳое инъикос ёфта буданд, ки феълан ҷомеаи Туркия ба онҳо ниёз дошт.

**Конститутсияи соли 1876**. Дар оғози солҳои 70-уми асри Х1Х империяи Усмониён ба марҳалаи буҳрони дарозмуддати худ дохил шуд. Карахтӣ дар истеҳсолоти маҳаллӣ афзоиши андозҳо ва зиёдшавии нархи наво нисбат ба сиёсати султон Абдул Азиз (1861-1876) норозигии доираҳои васеи аҳолиро ба вуҷуд овард. Болоравии нави ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Балкан ин буҳронро боз ҳам вазнинтар намуд, чунки ислоҳот аҳволи халқҳои ин минтақаи империяро беҳтар накард.

Вазъи сиёсии баамаломада барои фаъолияти «Усмонҳои нав» шароит фароҳам меовард. Аз авф истифода бурда, роҳбарони ин ҳаракат дар аввали солҳои 70-ум ба Истамбул баргаштанд. Соли 1872 яке аз роҳбарони «Усмонҳои нав» Нотиқ Камол ба чопи рӯзномаи «Ибрат» шурӯъ намуд. Дар ин нашрия мақолаҳое чоп мешуданд, ки ғояҳои озодӣ ва зарурати конститутсияро ташвиқу тарғиб карда, фаъолияти ҳукумати султонро ба зери танқиди шадид гирифта буданд. Асоси барномаи «Усмонҳои нав» ғояи истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат буд. Дар роҳи амалӣ шудани ин ғоя онҳо мутлақияти феодалиро монеаи асосӣ мешумориданд. Аз ин рӯ, талаби асосии сиёсии онҳо ташкил кардани режими шоҳии конститутсионӣ буд. Барои рушди саноат, кишоварзӣ ва тиҷорат онҳо талаб мекарданд, ки системаи ухдадории коркардадиҳӣ ва зулми маъмурӣ барҳам ва маориф тараққӣ дода шавад. Оид ба сиёсати хориҷӣ «Усмонҳои нав» талаб мекарданд, ки системаи шартномаҳои таслимкорона ва шартномаҳои нобаробар бекор карда шаванд.

Соли 1873 ҳукумати султон «Усмонҳои нав»-ро таъқиб кард. Рӯзномаҳои онҳоро баста, Нотиқ Камол ва роҳбарони дигари ҳаракати озодихоҳӣ - конститутсиониро бадарға кард. Лекин ин чораҳои султон пеши роҳи паҳншавии ғояҳои демократиро гирифта натавонистанд.

Дар байни иштирокчиёни ҳаракати «Усмонҳои нав» яке аз арбобони калони давлатӣ Мидҳатпошшо низ буд. Аз 9 то 11 майи соли 1876 дар Истамбул намоиши тезу тунди зидди ҳукумат баргузор гардид, ки ба он ҷонибдорони Мидҳатпошшо ва рӯҳониён роҳбарӣ мекарданд. Ин намоиш ҳукумати Надимпошшоро маҷбур кард, ки ба истеъфо равад. Шӯришчиён шаби 30 майи соли 1876 султон Абдул Азизро аз ҳокимият маҳрум карданд. Мидҳатпошшо умед дошт, ки ба ҷойи Абдул Азиз ба тахти султонӣ Муроди V, ки эълони Конститутсия ва ташкили парламентро ваъда карда буд, менишинад. Ҳамин тавр ҳам шуд, лекин Муроди V бо сабаби маризӣ вазифаҳои султониро иҷро карда натавонист ва дере нагузашта, 31 августи соли 1876 аз тахт фароварда шуд. Ба тахти султонии Туркия бародари ӯ Абдулҳамиди II (1876-1909) нишаст.

Ин вақт дар Босния ва Ҳерсоговина муборизаи мусаллаҳонаи озодихоҳӣ оғоз ёфт. Сербия ва Черногория шӯришгаронро дастгирӣ намуда, бар зидди Туркия ҷанг сар карданд. Баъди он ки Туркия сербҳоро торумор намуд, Русия ба бухрони Босния ва Ҳерсоговина дахолат кард. Давлатҳои дигар ҳам барои бо роҳи сиёсӣ ҳал кардани ин бухрон чораҷӯиҳо карданд. Қарор дода шуд, ки дар Истамбул конференсияи намояндагони давлатҳои Аврупо ҷамъ ояд. Вақте маълум гардид, ки барои конференсия лоиҳаи автономияи Босния, Ҳерсоговина ва Булгория тайёр карда шудааст, Мидҳатпошшои навакак вазири бузург таъингардида талаб кард, ки барои пешгирии дахолати хориҷӣ бетаъхир Конститутсияи Туркия, ки онро ӯ бо ҳамроҳии Нотиқ Камол тайёр карда буд, эълон карда шавад. Абдулҳамиди II аз ноилоҷӣ гузашт кард ва 23 декабри соли 1876, дар рӯзи оғози ботантанаи кори конференсия, дар бораи ҷорӣ карда шудани Конститутсия фармони султон қироат карда шуд.

Конститутсияи мазкур ташкил кардани парламенти дупалатагиро дар назар дошт. Он баробарии ҳамаи шаҳрвандонро дар назди қонун сарфи назар аз дину мазҳаб, дахлнопазирии шахс ва моликият, манзил ва андози боадолат, манъи уҳдадории коркардадиҳӣ ва ҷарима, мусодиракунӣ ва

озодии шуғл ба тиҷорат, саноат ва кишоварзӣ, озодии матбуот ва мурофиаи ошкорои додгоҳро бо тантана эълон кард.

Ба баъзе маҳдудиятҳои худ нигоҳ накарда, Конститутсияи соли 1876-и Туркия дар таърихи ин давлат воқеаи пешқадам буд. Эълони озодиҳои демократӣ ва ташкили парламент ба сохти феодалию мутлақият зарбаи ҷиддӣ зад. Моҳи марти соли 1877 конференсияи Истамбул бе ягон натиҷа кори худро қатъ намуд. Султон Мидҳатпошшоро бадарға кард. Баъди ин «Усмонҳои нав»-и дигар низ таъқиб карда шуданд.

Абдулҳамид ҷонибдорони Мидҳатпошшоро торумор карда бошад ҳам, ба бекор кардани Конститутсия ҷуръат накард. Моҳи марти соли 1877 ҷаласаи аввали парламент кушода шуд. Он аз 119 вакил – 71 мусулмон ва 49 ғайримусулмон иборат буд. Азбаски парламент ғапдаро набуд, Абдул Азиз онро пароканда кард ва тирамоҳи соли 1877 интихоботи нави парламентро доир гардонид. Моҳи феврали соли 1878, баъди дар ҷанги зидди Русия шикаст хӯрдани Туркия, султон фаъолияти парламенти наврo ба муҳлати номуайян манъ кард. Дар амал ин кирдори Абдулҳамид маънои манъи Конститутсияи соли 1876-ро дошт.

Баъди пароканда кардани парламент ва торумори «Усмонҳои нав» султон Абдулҳамид дар империя режими мутлақияти истибдодро ташкил намуд. Дар давраи ҳукмронии ин султон Туркия аз нав ба ақиб, яъне ба сӯйи тартиботи феодалӣ баргашт.

**Тавлиди ҳаракати буржуазию инқилобӣ.** Ҳукмронии иртиҷоъ ба пешрафти нерӯҳои пешқадами мамлакат халал расонида натавонист. Мубориза барои Конститутсияи соли 1876 ва иштирок дар парламенти аввал барои онҳо мактаби ҳақиқии муборизаи сиёсӣ гардид. Ғояҳои «Усмонҳои нав»-ро вобаста ба шароит иштирокчиёни ҳаракати ҷавонтуркҳо қабул карда, ривоҷ доданд. Режими зулму истибдод онҳоро алайҳи мутлақияти султон ба ҷустуҷӯи усулҳои инқилобии мубориза тела дод.

Соли 1899 гурӯҳи хонандагони таълимгоҳи ҳарбию тиббии шаҳри Истамбул бо ташаббуси донишҷӯ Иброҳим Темо созмонҳои аввалини ҷамъияти махфии «Иттиҳод ва тараққӣ»-ро ташкил намуданд, то ки бар зидди зулми Абдулҳамид мубориза баранд. Худи ҳамон вақт бо роҳбарии Аҳмад

Ризобей маркази оппозитсияи муҳоҷирин ташкил меёбад. Иштирокчиёни ин созмонро дар Аврупо «ҷавонтуркҳо» меномиданд.

Ҷавонтуркҳо аз нав барқарор кардани режими конститутсионӣ ва ба амал баровардани ислоҳоти демократии аврупоиро мақсади асосии худ мешумориданд. Дар Конгресси якуми ҷавонтуркҳо, ки соли 1902 дар Париж баргузор гардид, барои муттаҳид кардани ҷидду ҷаҳди ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо ва маҳфилҳое, ки бар зидди режими истибдод мубориза мебурданд, кӯшиш ба харҷ дода шуд. Вале оид ба роҳу усулҳои тағйири сохти мавҷудаи Туркия дар байни иштирокчиёни ин Конгресс мухолифат ва ҷудоӣ ба амал омада, ба ташкил ёфтани ду созмони мустақил оварда расонид. Асоси яке аз онҳоро гурӯҳи Аҳмад Ризо ташкил кард. Ғояҳои ӯ, ки қаблан дар саҳифаҳои рӯзномаи «Машварат» чоп шуда буданд, асоси барномаи ин иттиҳодияи сиёсиро ташкил медоданд. Гурӯҳи Сабоҳиддин дар «Ҷамъияти ташаббуси хусусӣ ва ғайримарказонӣ» муттаҳид шуд. Он ба ҷонибдории федератсияи Усмониён баромад мекард. Мувофиқи диди гурӯҳи Сабоҳиддин дар ин федератсия бояд ҳамаи халқиятҳо ҳуқуқи автономӣ дошта бошанд. Ин созмон ҷонибдори бо давлатҳои хориҷӣ барпо намудани ҳамкории фаъолона буд, ҳамкорие, ки ба мамлакат сармоя дохил намуда, «ташаббуси шахсӣ»-ро ривоҷ медиҳад. Фикрҳои ҳар ду гурӯҳи ҷавонтуркҳо, асосан, пешқадам буданд. Аз тарафи дигар, рақобати байниҳамдигарии ду маркази ҷавонтуркҳо муборизаи онҳоро бар зидди истибдоди Абдулҳамид як қадар суст мекард.

Болоравии вазъияти инқилобӣ дар империя солҳои 1906-1907 ба болоравии нави ҳаракати ҷавонтуркҳо мусоидат кард. Дар ин марҳалаи мубориза дар стратегия ва тактикаи фаъолияти ҷавонтуркҳо тағйироти куллӣ ба амал омад. Онҳо хуб фаҳмиданд, ки бар зидди режими Абдулҳамид муттаҳидкунии нерӯҳои демократию ватанпарвар ва ваҳдати ҳамаи қувваҳои инқилобӣ зарур аст. Соли 1907 бо ташаббуси ҷавонтуркҳо дар Париж анҷумане барпо гардид, ки дар он ғайр аз ҷавонтуркҳо созмонҳои дигари буржуазию инқилобӣ ва ватанпарвару озодихоҳи империяи Усмониён иштирок карданд. Анҷуман

барномаи барҳам додани режими истибдод ва аз нав барқарор кардани идораи конститутсиониро қабул кард.

**Инқилоби соли 1908-и ҷавонтуркҳо.** Иштирокчиёни Конгресси Париж оғози баромади инқилобиро ба 33-солагии ба тахти султонӣ нишастани Абдулҳамид мувофиқ кунонданд. Вале рафти воқеаҳо онҳоро водор намуд, ки шӯришро барвақттар оғоз кунанд. Моҳи июни соли 1908 ҳангоми вохӯрӣ дар Таллин шоҳи Англия Эдуарди VII ва императори Русия Николайи II оиди чораҳои зидди Австро-Венгрия ва баъзе масъалаҳои дигар ба тафоҳум омаданд. Англия ва Русия ба ҷонибдории «аз олмоникунӣ» наҷот додани Македония баромад карда, ба ҳукумати султон нақшаиислоҳотро пешниҳод намуданд. Ин нақша ба Македония даровардани артиши 10-12 ҳазорнафараи мамлакатҳои империалистиро низ дар назар дошт. Мақсади ин нақша аз Туркия ҷудо кардани Македония ва дар он ҷо барҳам додани маркази асосии ҷавонтуркҳо буд. Барои ҳамин, Кумитаи «Иттиҳод ва тараққӣ»-и ҷавонтуркҳо, ки қароргоҳаш дар Салоника буд, маҷбур шуд, ки дар бораи оғози бетаъхири шӯриш қарор қабул кунад…

3 июли соли 1908 коменданти гарнизони шаҳрчаи Македонии Ресна афсари ҷавон Аҳмад Ниёзбей дастаи инқилобии иборат аз 200 нафараро ташкил намуда, бар зидди режими султон байрақи мубориза ро баланд бардошт. Ташаббуси ӯро созмонҳои дигари ҷавонтуркҳо дастгирӣ карданд. Дере нагузашта, гарнизонҳои дар Салоника, Монастир, Скопр ва шаҳрҳои дигари калон мустақарбуда ҳам ба тарафи шӯришчиён гузаштанд ва дар як муддати кӯтоҳ қисми зиёди мулкҳои мустамликавии аврупоии Туркияро ҳаракати инқилобӣ фаро гирифт. Аҳмад Ниёзбейро дастаҳои чирикии дар Македония ва Албания амалкунанда ва аҳолии маҳаллӣ дастгирӣ карданд. 23 июл Кумитаи «Иттиҳод ва тараққӣ» ба султон талаби қатъӣ пешниҳод кард, ки ӯ аз нав ҷорӣ карда шудани Конститутсияро эълон кунад, вагарна тавассути артиши инқилобӣ ба Истамбул лашкар мекашад. Вақте маълум гардид, ки шӯришгаронро ҷузъу томҳои дар наздикии Истамбул, Измир, Афъон ва Қараҳисорбуда ва ҳайати шахсии флоти ҳарбӣ дастгирӣ мекунад, Абдулҳамид маҷбур шуд, ки шаби 24 июл аз нав барқарор карда шудани Конститутсия ва интихобот ба парламентро эълон кунад. Бо шунидани ин хабар дар шаҳрҳои

калонтарини империя намоишҳои серодами муҳташам баргузор гардиданд. Рӯҳияи инқилобии халқ султонро ба гузашткуниҳои нав маҷбур сохт. Ӯ авфи иштирокчиёни ҳаракати инқилобиро эълон кард, ки он 40 ҳазор нафар маҳбусони сиёсӣ ва муҳоҷирони иҷбориро дар бар гирифт. Сензура бекор карда шуд. Рӯзномаҳои махфӣ ба фаъолияти ошкоро баромаданд.

Инқилоби ҷавонтуркҳо бе хун ғалаба кард. Вале онҳо бар хилофи қарорҳои Конгресси Париж Абдулҳамидро аз тахти султонӣ нафаровbooарданд. Ба ҳайати ҳукумати ӯ дохил ҳам нашуданд.

Лекин аз вазъияти муносиби сиёсӣ истифода бурда, кумитаи «Иттиҳод ва тараққӣ» дар палатаи вакилон барои худ аксариятро таъмин намуд. Раиси палата намояндаи ҷавонтуркҳо Аҳмад Ризобей интихоб гардид. Вале дере нагузашта, таъсири ҷавонтуркҳо дар артиш суст шуд. Ғайр аз артиши 3-юми дар Македония мустақарбуда, ягон қисми ҳарбӣ онҳоро дастгирӣ намекард. Дар масъалаҳои гуногун дар байни худи ҷавонтуркҳо ҷудоӣ ба амал омад. Бо ҳамин сабаб, то моҳи апрели соли 1909 парламенти Туркия ягон қарор ва ё қонуни чашмрасро қабул карда натавонист. Ин бошад, ба пастшавии обрӯй ва эътибори он сабаб шуд. Ин ҳолати парламент базаи иҷтимоии ҷавонтуркҳоро заиф гардонид. Дар сиёсати хориҷии Туркия низ нокомиҳо мушоҳида шуданд. Султон ҳамаи ин камбудиҳоро ба гардани ҷавонтуркҳо бор карда, ба ҳуҷум гузашт. 13 апрели соли 1909 бо ризоияти Абдулҳамиди II ва бо дастгирии рӯҳониёну сарварони ҳизби «Аҳрор» бар зидди ҳукумат ва парламент баромади қисмҳои гарнизони Истамбул доир гардид. Ҳарбиён талаб карданд, ки палатаи қонунгузорро барҳам дода, шариат ва ҳокимияти султон аз нав барқарор карда шавад. Аз ҳамин лаҳза дар пойтахт таъқиботи ҷавонтуркҳо ва ҷонибдорони онҳо оғоз ёфт.

Дар як муддати кӯтоҳ Абдулҳамиди II сохти мутлақро аз нав барқарор кард. Вале ҷавонтуркҳо тавонистанд, ки исёни аксулинқилобиро зуд пахш кунанд. Бо ёрии қисмҳои артиши 3-юм ва дастаҳои мусаллаҳи инқилобӣ, ки дар «артиши амал» муттаҳид шуда буданд, 26 апрел назорати худро дар пойтахт



Намоиш дар Истамбул моҳи июли соли 1908

аз нав барқарор намуданд. Рӯзи дигар парламент қарор қабул кард, ки султон Абдулҳамиди II аз тахту тоҷ ва мартабаи халифаи Туркия маҳрум карда шавад. Ба тахти султонии Туркия Маҳмади V Рашид (1909-1918)-и беирода шинонида мешавад. Ба ҳайати ҳукумати нав якчанд арбоби ҷавонтуркҳо низ дохил шуданд. Ғайр аз ин, ҷавонтуркҳо мансабҳои губернаторҳо, сафирон, вазифаҳои зиёдро дар артиш ва дарбор ишғол намуданд. Комитети «Иттиҳод ва тараққӣ» дар идораи мамлакат мақоми ҳалкунанда дошт.

Ҳамин тариқ, дар Туркия ҳокимият ба дасти ҷавонтуркҳо мегузарад. Онҳо дар сиёсати дохилӣ дар мамлакат ҷорӣ намудани арзишҳои демократӣ ва дар сиёсати хориҷӣ барои аз тобеияти давлатҳои хориҷӣ баромадани Туркияро барномаи амалиёт интихоб намуданд. Натиҷаи фаъолияти онҳо буд, ки Туркия ба роҳи аврупоии тараққиёт дохил гардид, ҳарчанд ҷавонтуркҳо дар идораи давлат, яъне демократикунонии ҷомеа бо қатъият амал намекарданд. Аз ин рӯ, дар байни халқ обрӯйи онҳо паст мешуд, ки инро рақибони сиёсиашон истифода мебурданд. Ба ҳар ҳол, инқилоби ҷавонтуркҳо пешқадам буд. Он Туркияро ба давраи нави таърихӣ ворид сохт.

**Оғози барҳам хӯрдани империяи Усмониён**. Ҷавонтуркҳо то соли 1918 дар сари ҳокимият буданд. Онҳо Туркияро бо роҳи сармоядорӣ ва демократияи Ғарб бурданд, вале халқҳои ғайритурки империяро аз зери юғи истисмори мустамликавӣ озод накарданд, ҳарчанд қабл аз инқилоб дар ин бора ҳарф мезаданд.

Системаи сиёсие, ки ҷавонтуркҳо ташкил намуданд, имконият дод, ки созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ташкил ёбанд. Ҳизби Сотсиалистии Усмониён (1910) ва Ҳизби Ҳуррият ва Ваҳдат (1911)

аз ҷумлаи онҳост. Аз ин пештар Ҳизби Иттиҳод ва Тараққӣ ташкил ёфта буд. Соли 1912 ба ҳизби ваҳдатчиён муяссар гардид, ки парламентро пароканда сохта, ҳукуматеро ба сари ҳокимият биёранд, ки нисбат ба Ҳизби Иттиҳод ва Тараққии Туркия дар оппозитсия буд. Ҷавонтуркҳо аз тарси он ки ҳокимият аз дасташон наравад, моҳи январи соли 1913 табаддулоти давлатӣ ба амал баровcovered. Гурӯҳи афсарҳо бо сардории иштирокчии инқилоби соли 1908 Анварбей қароргоҳи ҳукуматро иҳота карда, рақибони ҷавонтуркҳоро торумор карданд. Баъди табаддулот ҷавонтуркҳо дар мамлакат режими диктаториро аз нав барқарор карданд, ки он аз истибдоди Абдулҳамид ҳеҷ фарқе надошт.

Дар оғози асри XX давлатҳои абарқудрати Аврупо сиёсати хориҷии худро ба мустамликаҳои балкании империяи Туркия равон карданд. Онҳо ният доштанд, ки мустамликаҳои империяи Усмониёнро дар байни худ тақсим кунанд. Ба ин мубориза Италия низ ҳамроҳ шуд. Тирамоҳи соли 1911 бо розигии давлатҳои абарқудрат Италия барои забти ду музофоти африқоии Туркия – Триполитания ва Киренаика бар зидди империяи Усмониён ба ҷанг даромад. Дар ин ҷанг туркҳо шикаст хӯрданд. Мувофиқи Созишномаи сулҳи Уши-Лозанна, ин ду музофот ба номи Либия ба Италия гузаштанд.

Ҷанги Триполитания нишон дод, ки империяи Усмониён хеле заиф гардидааст. Ин ҳолат ба муқобили Туркия ба ҷанг даромадани иттифоқи давлатҳои балкании Булғория, Сербия, Юнон ва Черногорияро тезонд. Ин ҷанг, ки Ҷанги якуми Балкан ном гирифтааст, моҳи октябри соли 1912 оғоз ёфта, то баҳори соли 1913 давом кардааст. Дар он Туркия шикаст хӯрд. Мувофиқи Созишномаи сулҳи 30 майи соли 1913 дар Лондон ба имзорасида мустамликаҳои аврупоии Туркия аз қаламрави гирду атрофи Истамбул ва минтақаи гулӯгоҳҳои наздикии онҳо иборат шуд. Албания князии мустақил эълон гардид.

Мухолифати иттифоқчиён дар масъалаи тақсимоти музофотҳое, ки аз Туркия ба даст даровarда буданд, сабабгори Ҷанги дуюми Балкан (моҳҳои июн-августи соли 1913) шуд. Дар Ҷанги дуюми Балкан Булғория шикаст хӯрд. Мувофиқи Созишномаи сулҳи Бухарест, Туркия Фракияи Шарқӣ ва Эдирнро пас баргардонид.

**Панисломия ва пантуркия.** Ҷанги триполитанӣ ва ҷангҳои балканӣ тахайюлоти ҷавонтуркҳоро низ шикаст дод ва онҳо

маҷбур шуданд, ки дар масъалаи миллӣ сиёсати худро аз нав дида бароянд. Бархамхӯрии ҳукмронии туркҳо дар Балкан ба муборизаи миллию озодихоҳии халқҳое, ки ҳанӯз дар ҳайати ин империя буданд, таъсир расонид ва махсусан ба халқҳои араб. Ҷавонтуркҳо дар чунин шароит барои дар яғонагӣ нигоҳ доштани империя ба мақоми дини ислом диққати калон медодагӣ шуданд. Барои ҳамин, онҳо ғояи панисломии Абдулҳамидро фаъолона тарғиб мекарданд.

Асоси дигари идеологии сиёсати миллии ҷавонтуркҳо пантуркия гардид. Ин ғоя дар асоси миллатгароии ҷавони туркӣ тавлид ёфтааст. Яке аз асосгузорон ва ифодакунандагони асосии ин ғоя файласуф Зиё Гиёкалп (1876-19240 буд. Бар хилофи панисломия ӯ зарурати тақсими ҳокимиятро ба дунявӣ ва рӯҳонӣ ва дар асоси тамаддуни аврупоӣ тараққӣ додани миллати туркро асоснок кард. Ӯ мегуфт, ки яке аз чораҳои асосии дар ин роҳ ба муваффақият ноил шудан, дар як давлат муттаҳид кардани туркзабонҳо мебошад. Ин ғояҳо махсусан дар байни ҷавонтуркҳо обрӯйи баланд пайдо намуданд. Қисми нисбатан миллатгарони намояндагони онҳо ғояҳои Гиёкалпро ривоҷ дода, ба таълимоти пантуркӣ табдил доданд. Ин ҷавонтуркҳо талаб мекарданд, ки ҳамаи туркзабонҳо таҳти ҳокимияти султони Туркия муттаҳид карда шаванд ва бо роҳи зӯрӣ турк кунонидани ақаллиятҳои миллӣ ва бо ҳамин роҳ нест кардани онҳоро даъват менамуданд.

**Ҳокимияти «Сегона»-и олмонимаобҳо.** Олмон мехост, ки Туркияро бар зидди Англия ва Русия истифода барад. Барои ҳамин, сиёсати пешгирифтаи ҷавонтуркҳоро дастгирӣ мекард. Аз ҳамин сабаб, дар доираҳои ҳукмрони Туркия гурӯҳи олмонимаоб пурзӯр шудан мегирад. Мақоми ин гурӯҳ махсусан баъди охири соли 1913 дар Туркия ба дасти «сеғона»-и ҷавонтуркҳо гузаштани ҳокимият-вазири ҳарбӣ-Анварпошшо, вазири умури дохила ва раиси Кумитаи Марказии «Иттиҳод ва Тараққӣ» Талъатпошо ва вазири бахр ва губернатори Истамбул Ҷамолпошшои хурд боз ҳам пурзӯртар мешавад. Ду нафари аввали «сегона» -Талъатпошшо ва махсусан Анварпошшо ҷонибдори бо роҳи Олмон рафтани Туркия буданд. Онҳо мегуфтанд, ки Туркия бо ёрии Олмон метавонад аз режими таслимкорона халос шуда, баъд нақшаҳои пантуркии худро татбиқ кунад. Бо ҷидду ҷаҳди Анварпошшо соли 1913 генерали немис Лиман фон Сандерс бо супориши

махсус ба Туркия ташриф овард. Аз ҳамин вақт сар карда, артиши Туркия ба зери назорати Олмон дохил шуд.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. ОҚИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҶАНГИ РУСИЯЮ ТУРКИЯИ СОЛҲОИ 1877-1878

Болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои славян дар солҳои 70-ум дар Балкан (дар Ҳерсоговина, Босния ва Булғория) ба шӯриши зидди Туркия оварда расонд. Ҳукумати подшоҳӣ вазъи ба амаломадаро барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Балкан ва... аз флоти англис бехатар гардонидани соҳилҳои Баҳри Сиёҳ... қулай донист.

Ҷанги русу туркҳои солҳои 1877-1878 барои аз зери зулми Туркия озод карда шудани халқҳои славянии нимҷазираи Балкан мақоми ҳалкунандаро иҷро намуд. Дар маҳаллаи Сан-Стефано (наздикии Константинопол) ба Созишномаи сулҳ имзо гузошта шуд, ки он истиқлолияти Черногория, Сербия ва Руминияро муқаррар кард. Аз ҷониби халқи рус озод карда шудани Булғория баъди садсолаҳо бори аввал ба ин давлат истиқлолият овард. Англия ва Австро-Венгрия аз Созишномаи сулҳи Сан-Стефано норозӣ буданд ва бар зидди он эътирози ҷиддӣ баён намуданд. Дар зери фишори ин давлатҳои абарқудрат ва бо дастгирии фаъолонаи Бисмарк масъалаи Балкан ба муҳокимаи Конгресси байналхалқие, ки с. 1878 дар шаҳри Берлин баргузор гардид, пешниҳод карда шуд. Русия дар ин конгресс аз ҷиҳати дипломатӣ ба шикаст дучор шуд ва ҳимоятгарони якпорачагии Туркия ҷазираи Кипр (Англия) ва Боснияю Ҳерсоговинаро (Австрия) аз худ карданд.

### 2.СОЗИШНОМАИ ПЕШАКИИ РУСИЯЮ ТУРКИЯ, КИ ДАР САН-СТЕФАНО 19 ФЕВРАЛ (3 МАРТ)-И СОЛИ 1878 БА ИМЗО РАСИДААСТ

***Моддаи 2.*** Порта (русҳо ҳукумати Туркияро он вақт ҳамин тавр меномиданд)-и Дурахшон истиқлолияти князии черногорияро қотеъона эътироф менамояд...

***Моддаи 3.*** Сербия соҳибистиқлол эътироф карда мешавад...

***Моддаи 5.*** Портаи Дурахшон истиқлолияти Руминияро эътироф мекунад...

***Моддаи 6.*** Булғория князии худидорашаванда ва андозпардозандаеро ташкил мекунад, ки он дорои ҳукумати насронӣ ва артиши худ мебошад.

Марзҳои Булгорияро ҳайати махсуси Русияю Туркия муқаррар мекунанд...

***Моддаи 7.*** Князии Булгорияро халқ озодона интихоб мекунад ва онро бо розигии мамлакатҳо...(мамлакатҳои абарқудрати иштирокчии конгресс дар назар дошта шудааст) Портаи Дурахшон тасдиқ менамояд.

Маҷлиси ашхоси муътабари Булғория, ки дар Филиппол (яъне Пловдив) ва ё Трнов (яъне Тирнов) даъват карда мешавад, то интихоб карда шудани княз, дар зери назорати комиссари императорони Русия ва дар ҳузури комиссари Оттоман (яъне Туркия) оинномаи идораи ояндаро таҳия месозад...

***Моддаи 8.*** Артиши Оттоман минбаъд дар Булғория намемонад ва ҳамаи истеҳкомҳои собиқ аз ҳисоби ҳукуматҳои маҳаллӣ нест карда мешаванд...

*Моддаи 19.* Барои пирӯзӣ дар ҷанг ва инчунин барои зараре, ки ба Русия расонда шудааст... Портаи Дурахшон уҳдадор аст, ки онро ҷуброн созад. Ин ҷуброн дар шакли зайл ифода ёфтааст:

а) нуҳсад миллион сӯм пул барои хароҷоти ҳарбӣ...; б) чорсад миллион сӯм пул барои расидани зарар ба соҳилҳои ҷанубии мамлакат...; в) сад миллион сӯм барои зараре, ки ҳангоми ба Қафқоз зада даромадан расонида шудааст...;г) даҳ миллион сӯм барои хисороте, ки ба раият ва муассисаҳои русии дар Туркиябуда ба бор оварда шудааст...

*Моддаи 24.* Босфор ва Дарданел ҳам дар давраи ҷанг ва ҳам дар давраи осоишта барои киштиҳои тиҷоратии ҳамаи мамлакатҳои бетараф ба ҷониби бандарҳои Русия мерафтагӣ ва ё аз он ҷо меомадагӣ кушода мебошанд. Аз ин рӯ, Портаи Дурахшон уҳдадор мешавад, ки дар оянда бандарҳои баҳрҳои Сиёҳ ва Азовро ҳамчун номувофиқ ба тақозои эъломияи дар Париж 4 (16) апрели соли 1856 баимзорасида муҳосира накунад.

## 3.ҶАЗИРАИ КИПРРО ҒАСБ КАРДАНИ АНГЛИЯ

Дар байни Британияи Кабир ва Туркия 4 июни соли 1878, яъне дар арафаи Конгресси Берлин Созишномаи Кипр ба имзо расид. Дар асоси ин Созишнома Англия ҷазираи Кипр -базаи муҳимтарини стратегиро дар қисми шарқии Баҳри Миёназамин ба даст даровард.

*Моддаи 1.* Дар ҳолате ки агар Русия Батум, Ардаган ё Карс, ё яке аз ҳамин ҷойҳоро дар дасти худ нигоҳ дорад, ё ки агар Русия ягон вақт кӯшиш намояд, ки қисми қаламравии дигари Аълоҳазрат султонро дар Осиё забт намояд... пас Англия уҳдадор мешавад, ки барои ба воситаи силоҳ ҳифз кардани қаламрави мазкур бо Аълоҳазрат султон ҳамроҳ шавад. Ба ивази ин ёрӣ Аълоҳазрат султон ба Англия ваъда медиҳад, ки ислоҳоти заруриро ба амал мебарорад, ки баъдтар аз ҷониби ҳар ду давлат муайян карда мешавад ва он ба идораи қобили қабул ва ҳифозати насрониёну раияти дигари Портаи Дурахшон, ки дар қаламрави мазкур сокинанд, дахл дорад; ба Англия барои иҷрои уҳдадориҳои худ маблағи зарурӣ пайдо намудан, Аълоҳазрат султон инчунин, розӣ аст, ки забт ва идораи ҷазираи Кипр ба ихтиёри Англия дода шавад...

## 4.ҶАНГИ ИТАЛИЯЮ ТУРКИЯИ СОЛҲОИ 1911-1912

Тобистони соли 1911 тезутундшавии мухолифатҳои байналхалқиро оид ба буҳрони Агадир истифода бурда, Италия қарор дод, ки мустамликаҳои Африқои Шимолиро забт намояд. Баъд аз талаби беҳаёёнаи Италия ба Туркия дар бораи додани розигӣ ба забти Триполитания ва Киренаика, 29 сентябр Италия бар зидди Туркия ҷанг оғоз кард. Дар натиҷаи шикасти ҳарбии Туркия 18 октябри соли 1912 дар Лозанна шартномаи Италияю Туркия ба имзо расид, ки мувофиқи он Туркия аз тарафи Италия забт карда шудани Триполитания ва Киренаикаро эътироф намуд.

## САНАҲОИ МУҲИМ

1853 - 1856 – Ҷанги Қрим дар байни Туркия ва Русия
1856 – кушода шудани бонки Оттоман

1876 – эълон шудани Конститутсияи Туркия

3.VII.1908 – аз тарафи коменданти шаҳрчаи Ресна Аҳмад Ниёзбей ташкил карда шудани дастаи аскарони инқилобии иборат аз 200 нафара

23.VII.1908 – ба султон пешниҳод кардани талаби «Иттиҳод ва тараққӣ» марбут ба абадӣ ҷорӣ карда шудани Конститутсия

24.VII.1908 – аз тарафи султон эълон гардидани аз нав ҷорӣ карда шудани Конститутсия ва гузаронидани интихоб ба парламент

13.IV.1909 – шикасти муваққатии ҷавонтуркҳо ва ба таъқиби онҳо огоз кардани султон Абдулҳамиди II Аз тахт фаровардани Абдулҳамиди II.

1911 – Триполитания ва Киренаикаро аз Туркия гирифтани Италия

X.1912 – Ҷанги якуми Балкан

VI-VIII.1913 – Ҷанги дуюми Балкан

Охири 1913 – дар Туркия ба «сегона»-и ҷавонтуркҳо гузаштани ҳокимият

1913 – бо супориши махсус ба Туркия ташриф овардани генерали немис Лиман фон Сандерс

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Кадом ҷанг аҳволи иқтисодии Туркияро вазнин кард? **2.** Вазъи молиявии Туркия дар солҳои 60-ум ва 70-уми асри XIX чӣ тавр буд? **3.** Дар бораи ба иқтисоди Туркия ворид шудани сармояи хориҷӣ далелҳо биёред. **4.** Исбот кунед, ки Туркия дар даҳсолаҳои охирини асри XIX бо роҳи сармоядорӣ қадам ниҳодааст. **5.** Дар нимаи дуюми асри XIX дар Туркия кадом табақаҳои нави иҷтимоӣ ташаккул ёфтанд? **6.** Дар бораи фаъолияти зиддисултонии Мидҳатпошшо ва ҳамфикрони ӯ барои дар Туркия ҷорӣ намудани Конститутсия чиҳо медонед? **7.** Моҳияти Конститутсияи соли 1876-и Туркияро баён кунед. **8.** Дар бораи ташкилёбӣ ва фаъолияти созмони Иттиҳод ва тараққӣ нақл кунед. **9.** Ҷавонтуркҳо киҳо буданд ва чӣ мехостанд? **10.** Ҷавонтуркҳо кай ва дар куҷо анҷумани нахустини худро гузарониданд? **11.** Дар бораи инқилоби соли 1908-и ҷавонтуркҳо нақл кунед. Он бо кадом натиҷа анҷом ёфт? **12.** Чаро соли 1909 нерӯҳои иртиҷоӣ муваққатан ба ҷавонтуркҳо шикаст доданд? 13. Дар бораи аҳамияти инқилоби ҷавонтуркҳо чиҳо гуфта метавонед? **14.**

**Парокандашавии империяи Усмониён чӣ тавр сурат гирифт. 15. Ҷанги Италия барои ба даст даровардани Триполитания ва Киренаикаро шарҳ диҳед. 16. Дар бораи панисломия ва пантуркия маълумот диҳад. 17. Ҳуҷҷатҳои мавзӯъро дар ҷавобҳоятон истифода баред.**

## §27. МАМЛАКАТҲОИ АРАБ

Дар оғози нимаи дуюми асри XIX аксарияти давлатҳои араб мисли пештара мустамликаи империяи Усмониён буданд. Дар баробари ин, як қатор мамлакатҳои Аврупо барои ба даст даровардани мустамликаҳои арабии Туркия мубориза мебурданд. Вазъи асримиёнагӣ ба давлатҳои араб имконият намедод, ки ба муқобили таҷовузи хориҷӣ истодагарӣ карда тавонанд.

Азбаски дар ин давра империяи Усмониён ба бӯҳрони шадиди феодалӣ гирифтор шуда буд, ба дастдарозкунии мамлакатҳои империалистӣ ба таври бояду шояд муқовимат карда наметавонист. Барои ҳамин, баъди муқовимати начандон зиёде маҷбур мешуд, ки мулкҳои арабии худро паси ҳам ба онҳо вогузор кунад.

Ба мамлакатҳои араб воридшавии сармояи мамлакатҳои абарқудрати Аврупо кайҳо сурат гирифта буд. Дар нимаи дуюми асри XIX–аввали асри XX бошад, ба ниммустамлика ва ё мустамликаи давлатҳои империалистӣ табдил ёфтани ин мамлакатҳо анҷом меёбад.

### МИСР

**Мисрро истило кардани Англия.** Дар ҷанги якуми (солҳои 1831-1833) зидди Туркия ҳарчанд Муҳаммад Алӣ галаба карда, истиқлолияти мамлакат ва чандин мулки арабии Туркияро ба даст даровардa бошад ҳам, дар Ҷанги дуюми (солҳои 1839-1841) мамлакатҳои Аврупо, бо сардории Англия, аз ҷониби Туркия ба ҷанг даромада, ба он шикаст доданд. Дар натиҷаи ин, Муҳаммад Алӣ аз тамоми мулкҳои забткардааш маҳрум шуд. Баъди ин ҷанг, тобеияти Миср ба Туркия бо ном вуҷуд дошт.

Соли 1849 баъди вафоти Муҳаммад Алӣ наберан ӯ Аббоси I (1849-1854) ба сари қудрат меояд. Хидеви нав садоқати худро ба империяи Туркия иброз дошта, соли 1851 барои сохтмони роҳи оҳани Қоҳира-Искандария ба англисҳо иҷозатнома дод, ки ин дар Миср иҷораи аввалини хориҷиён буд.

Баъди шикасти ҳарбии соли 1840, хидеви Миср маҷбур шуд, ки ба мамлакатҳои Аврупо доиман гузашт кунад. Гузашткуниҳои Мисрро мамлакатҳои Аврупо акнун ба тавассути дипломатия ба даст медаровcovered. Ин кор ба уҳдаи консулҳо вогузор карда шуда буд. Беҳуда нест, ки таърихи давраи солҳои 1841-1876-и Мисрро «давраи консул» меноманд.

Дар давраи ҳукмронии Саид (солҳои 1854-1863) ва Исмоил (солҳои 1863-1879) вазъи мустамликавии Миср тағйир наёфт. Барои ба асорат гирифтор кардани Миср сохтмони Канали Суэтс мақоми муҳим дошт. Соли 1854 соҳибкори фаронсавӣ Фердинанд Лесспес барои сохтмони канал ва истифодаи он аз хидеви Миср барои иҷора иҷозатнома гирифт. 17 ноябри соли 1869 Канали Суэтс ба истифода дода шуд. Ҳарчанд вазни асосии молиявию меҳнатии сохтмони канал ба дӯши Миср афтода буд, лекин аз он бештар аврупоиҳо фоида диданд. Танҳо 15 фоизи даромади Канали Суэтс ба хазинаи Миср медаромаду халос. Аз сабаби вазнинии аҳволи молиявии мамлакат, Исмоил маҷбур шуд, ки ҳамон 15 фоизи ҳиссаи Мисрро бо нархи ниҳоят арзон – 22 млн франк ба ширкати Фаронса фурӯшад. Баъди ин Миср аз истифодаи Канали Суэтс ягон тин ҳам даромад намегирифт, яъне он пурра аз хориҷиён шуд.

Соли 1876 вобастагии Миср ба давлатҳои хориҷӣ ба марҳалаи нави худ дохил мешавад. Давлатҳои Аврупо ба корҳои дохилии Миср рӯйирост дахолат мекарданд. Миср аз ноилоҷӣ аз давлатҳои хориҷӣ пули зиёд қарз мегирифт ва онро сари вақт пардохта наметавонист. Барои ҳамин, бо талаби қарздиҳандагони хориҷӣ, 2 майи соли 1876 Исмоил маҷбур шуд, ки ба қонун дар бораи ташкили Хазинаи ошкорои қарзи Миср имзо гузорад. Баъди ин фаъолияти молиявии Миср пурра ба ихтиёри мамлакатҳои абарқудрати Аврупо гузашт, чунки ба ҳайати ин комиссия намояндагони қарздиҳандагон дохил шуданд. Маҳз бо ҳамин сабаб, моҳи августи соли 1878 кабинети вазирони Миср ба истеъфо рафта, кабинети нави вазирон ташкил гардид, ки ба он

Нубарпошшо ном армании ба бонкҳои хориҷӣ алоқадор роҳбарӣ кард. Вазири корҳои дохилӣ шахси иртиҷоъпеша Риёзпошшои хизматгори вафодори англисҳо, Риверс Вилсон (ҷонишини Фердинанд), вазири молия, намояндаи Фаронса – вазири корҳои ҷамъиятӣ, намояндаи Австрия – нозири кулл ва намояндаи Италия-рафиқи вазир таъин карда шуданд. Худи ҳамин далелҳо шаҳодати онанд, ки Миср тобеи хориҷиён шудааст.

**Ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Миср.** Ба молияи Миср назорати аврупоиҳоро ҷорӣ намудан, зада гирифтани мансабҳои муҳимтарини давлатӣ нисбати хориҷиён, аз он ҷумла, дар артиши Миср оппозитсияи ҷиддиеро ба вуҷуд овард.

Моҳи майи соли 1880 гурӯҳи афсарон бо роҳбарии Аҳмад Арабӣ (минбаъд ӯро Аҳмад Арабпошшо ном мебарем) ба номи вазири ҳарбӣ бо эътирозномае муроҷиат карданд. Ҳарчанд вазорати ҳарбӣ шикояти ин гурӯҳро дуруст ҳисобид, лекин бо вуҷуди ин, таъқиботи афсарони шикояткарда огоз ёфт. Моҳи январи соли 1881 Аҳмад Арабпошшо ва гурӯҳи ӯ аз нав, ин дафъа бо талабнома, ба шӯрои вазирон муроҷиат карданд. Дар он истеъфои вазири ҳарбӣ ва тафтиши ҷиддии тартиби ба афсарон додани рутбаи ҳарбӣ талаб карда мешуд. Ҳукумат қарор кард, ки Аҳмад Арабпошшо ва ҷонибдорони ӯро бо роҳи фиреб ба дом афтонда, ба додгоҳи ҳарбӣ диҳад. Вале полкҳои Қоҳира биноеро, ки Арабпошшо ва ҳамсафони ӯ дар он ҷо боздошт шуда буданд, муҳосира намуда, дастгиршудагонро озод карданд. Баъд полкҳои шӯришбардошта ба қасри хидев рафта, аз нав истеъфои вазири ҳарбиро тақозо карданд. Шӯришгарон ба халқ ҳам муроҷиат карданд, ки онҳо чӣ мехоҳанд.

**Канали Суэтс. Иншооти калони гидротехникии асри XIX. Солҳои 1859-1869 сохта шудааст. Тамоми кор дастӣ иҷро мешуд. Ҳангоми сохтмон қариб 120 ҳазор кас ҳалок шудааст. Аввал 53 фоизи саҳмияҳои ширкати канал ба Фаронса, 44 фоиз ба Миср тааллуқ доштанд, ки соли 1875 онҳоро ба Англия фурӯхт.**

Вазири ҳарбӣ аз вазифааш сабукдӯш карда шуда, ба ҷойи ӯ Маҳмуд Самеъ Албарӯдӣ таъин гардид. Ғайр аз ин, дар зери роҳбарии Арабпошшо барои тафтиши тартиби дар артиш

додани рутбаҳои ҳарбӣ комиссияи махсус ташкил карда шуд. Бо ин роҳ хидев Тавфиқ хост, ки шӯришгаронро фиреб диҳад.

Ин вақт Арабпошшо бо роҳбарони зиёди сиёсӣ ва намояндагони зиёиёни миллӣ вомехӯрад. Дар ин вохӯриҳо масъалаи истиқлолияти Миср ҳам баррасӣ шуд. Ҳарчанд ҳукумат барои бо роҳи осоишта барҳам додани мунокиша чораҳо меандешид (масалан, ба афсарон сари вақт моҳона ва рутбаҳоро боадолатона медодагӣ шуд), бо вуҷуди ин, бо маслиҳати мушовирони аврупоӣ қарор карда шуд, ки ба ҳар роҳе бошад, аз Арабпошшо халос шавад. Барои ҳамин, фармон дода шуд, ки полкҳои исёнгар аз пойтахт ба ҷойи дуртар – ба Искандария ва Диаметта равон карда шаванд. Вазири ҳарбӣ иҷрои ин қарорро рад намуд. Барои саркашӣ хидев ӯро аз вазифа сабукдӯш карда, ба ҷойи ӯ шахси иртиҷоиеро вазири ҳарбӣ таъин намуд.

Моҳи сентябри ҳамон сол аз нав фармон дода шуд, ки полкҳои исёнгар ба ҷойи муайяншуда раванд, вале Арабпошшо ба ин фармон итоат накард. Полкҳои гарнизони Қоҳира боз ба сӯйи қасри хидев раҳсипор шуданд. Ин дафъа Арабпошшо талаб кард, ки ҳукумати иртиҷоӣ ба истеъфо равад ва дар мамлакат Конститутсия ҷорӣ намуда, парламент даъват карда шавад. Зиёд кардани артиш низ ба рӯйихати талабҳои шӯришгарон дохил буд. Хидев ин талабҳоро қабул кард, чунки илоҷи дигар надошт.

Табаддулоти Арабпошшо ба аврупоиҳо маъқул нашуд. Барои ҳамин роҳҳои гуногунро ба кор мебурданд, то ки Миср аз тобеияти онҳо халос нашавад. Аз он ҷумла, бо роҳи ҳарбӣ низ.

Дар ҷанги зидди Англия ба қувваҳои мусаллаҳи Миср Арабпошшо сарварӣ мекард. Соли 1882, баъди муҳорибаҳои шадид, англисҳо аввал Искандарияю Канали Суэтс ва баъд шаҳри Қоҳираро ба даст даровfarданд. Баъди ин хидеви Миср Тавфиқи ҷонибдори Англия, ки ба Искандария фирор карда буд, аз нав ба Қоҳира баргашта, Арабпошшоро аз вазифааш сабукдӯш кард. Арабпошшо ба англисҳо таслим шуд. Ҳукуматдорон ва англисҳо таъқиботи иштирокчиёни ҳаракати озодихоҳиро сар карданд. Арабпошшо ва ҳамсафони наздики ӯро додгоҳи Англияи Миср ба қатл ҳукм кард. Баъд ҳукми қатли Арабпошшо, ӯ ба бадарғаи якумра ба Сейлон иваз карда шуд. Ватандӯстони зиёде ба хориҷи кишвар фирор карданд. Англисҳо ба Миср ба маблағи 9 млн ф-ст. товони ҷанг бор карданд. Баъди шикасти Арабпошшо,

Миср дар амал ба мустамликаи Англия табдил ёфт, ҳарчанд ҳуқуқи байналхалқии он мисли пештара мондан гирифт, яъне Миср мустамликаи империяи Туркия буд.

## ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҚТИСОДИИ СУРИЯ, ЛУБНОН, ФАЛАСТИН ВА ИРОҚ

Дар нимаи дуюми асри XIX-то солҳои 90-ум дар иқтисодиёти Сурия, Лубнон ва Фаластин сармояи хориҷӣ, алалхусус сармояи Фаронса мавқеи ҳукмронро ишғол мекард. Давлатҳои империалистӣ муттасил ин музофотҳои империяи Усмониёнро ба манбаи ашёи хоми кишоварзии саноатӣ, соҳаи маблағгузорӣ ва бозори фурӯши молҳои худ табдил медоданд. Сурия ва Лубнон маҳсулоти мевагӣ, қанди найшакар, загирпоя, тамоку, пахта ва барои саноати бофандагии Англия ва Фаронса калобаи абрешим истеҳсол мекарданд.

Системаи бонкии ин давлатҳо низ аз тарафи сармояи хориҷӣ назорат карда мешуд. Дар Сурия, Лубнон ва Фаластин шуъбаҳои сершумори бонки Оттоман ва бонкҳои Англия ва Олмон кор карда, даромади калон мегирифтанд, аз он ҷумла, бонки Англия–Фаластин, бонки тиҷоратии Фаластин, бонки Салоника, бонки қарздиҳии Лион, бонки олмонии Шарқ, бонки фаластинии Олмон. Корҳои марбут ба суғурта аз тарафи австриягиҳо назорат карда мешуданд. Ширкатҳои хориҷӣ киштигардии баҳрии ин давлатҳоро низ ба даст дароварда буданд.

Зулми шадиди Туркияи султонӣ ва асорати хориҷӣ ба он оварда расонд, ки Сурия, Лубнон ва Фаластин ягон хел саноати пешқадам надоштанд. Устохонаҳои мавҷудаи хурд, асосан, ба коркарди аввалияи ашёи хоми кишоварзӣ машғул буданд.

Дар ноҳияи аз ҷиҳати стратегӣ муҳими Фаластин, ки ба мавзеи Канали Суэтс ҳамҷавор буд, манфиатҳои мамлакатҳои пуриқтидори империалистӣ бо ҳам бархӯрда буданд. Ҳар яки онҳо кӯшиш мекарданд, ки вазъи фарқияти динии маҳалро дар ин ноҳия барои мустаҳкам кардани мавқеи худ истифода баранд. Ғайр аз ин, ширкатҳои гуногуни хориҷӣ ва мақомоти молиявии сионистӣ ба харидани заминҳои помешикҳо ва кишоварзони араб шурӯъ карда буданд. Дар охирҳои асри XIX дар ин заминҳо бошишгоҳҳои зиёди муҳоҷирони яҳудии олмонӣ сохта шуданд. Ин кор оғози

мустамликагардонии сионистӣ ва олмонии заминҳои Фаластин буд. Марказҳои муҳоҷирони мустамликачиёни олмонӣ дар Фаластин ҳамчун роҳи муҳими дар ин минтақа паҳн кардани таъсири Олмон истифода бурда мешуданд.

Дар чоряки охирини асри XIX ва оғози асри XX ба Ироқ воридшавии ширкатҳои инҳисории хориҷӣ сурат мегирад. Нақлиёти баҳру дарёгардӣ, кори бонкӣ, тиҷорати хориҷӣ ва саноати коркарди аввалияи ашёи хом ба зери назорати сармоядорони аврупоӣ ва пеш аз ҳама, ба зери назорати сармояи англисӣ медаромаданд. Киштигардии дарё тавассути Даҷла ва Фурот ва Шатт-ул-Арабро аз соли 1861 ширкати англисии Линч ба даст даровард. Он соли оянда алоқаи баҳрии байни Ҳиндустон ва бандарҳои халиҷи Форсро барқарор кард. Дар солҳои 90-ум дар ин мамлакат наздики 10 ширкати нақлиёти хориҷӣ фаъолият дошт. Дар огози асри XX ширкати англисӣ киштигардиро дар Даҷла пурра инҳисори худ кард. Англисҳо дар Ироқ хати телеграф ҳам сохтанд. Дар асоси сармояи англисӣ дар Багдод ва Басра шуъбаҳои бонки Оттоман кушода шуданд.

Англисҳо дар Ироқ хӯҷаини ягона набуданд. Ба онҳо лозим меомад, ки барои манфиатҳои худ бар зидди сармоядорони Фаронса, Белгия ва Италия мубориза баранд. Вале дар ин мубориза рақиби асосии англисҳо империализми Олмон буд. Юнкерҳо ва сармоядорони немис нақшаи мустамликагардонии музофотҳои осиёии империяи Усмониёнро мекашиданд ва орзу доштанд, ки Ироқро ба макони ғалла ва киштзорҳои пахтапарварии худ табдил диҳанд.

Ба доираи тиҷорати ҷаҳонӣ кашида шудани Ироқ ва афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсолоти кишоварзии онро то як дараҷа ба пеш ҳаракат доданд. Вале Ироқ мисли пештара мамлакати кишоварзии дорои техникаи ақибмонда ва усулҳои каммаҳсули хоҷагидорӣ мондан гирифт. То огози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ин давлат ниммустамликаи империализми англис шуд.

## МАМЛАКАТҲОИ НИМҶАЗИРАИ АРАБИСТОН

Дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX барои дар Арабистон ҳукмрон шудан, Туркия ва Англия дар байни худ мубориза мебурданд. Империяи Усмониён бошад, Яманро истило карда, дар Ҳиҷоз гарнизонҳояшро мустақар намуд. Солҳои 1900-1908 дар ин ҷо роҳи оҳане сохта шуд, ки Мадинаро бо Димишқ пайваст. Ин роҳ дар шимолу шарқии Арабистон воситаи асосии робитаи гарнизонҳои туркӣ гардид.

Англия соли 1871 ба шайхҳои нимҷазираи Қатар пуштибонӣ (протекторат)-и худро эълон кард. Ҷавобан ба ин, Мидҳатпошшо, ки ин вақт губернатори Ироқ буд, артиши Туркияро ба Қатар, Алхоса ва Қувайт равон кард. Ин вилоятҳо, ки қад-қади соҳилҳои халиҷи Форс воқеъ буданд, округи нави империяи Усмониён–санҷаки Наҷдро ташкил намуданд. Ба номи давлати Ваххобиён рост омадани номи ин санҷак шаҳодати он аст, ки Туркия мехост навоҳии дохилии Арабистонро ба мулкҳои худ ҳамроҳ кунад. Соли 1872 туркҳо ба Яман экспедитсияи ҳарбӣ ташкил намуда, онро ба яке аз вилоятҳои империяи Усмониён табдил доданд.

Солҳои 80-ум Англия кӯшиш мекард, ки мавқеи худро дар ҷануби Арабистон ҳам мустаҳкам кунад. Ба вай муяссар гардид, ки султону шайхҳои Хадрамаутро паси ҳам маҷбур созад, ки пуштибонии англисҳоро қабул кунанд. Дар миёнаҳои солҳои 90-ум англисҳо ҷазираи Сокотораро забт намуданд, инчунин дар халиҷи Форс минтақаи зери таъсири худро васеъ карданд. Соли 1873 онҳо ба султонҳо ва шайхҳои Уммон шартномаҳои нави асоратоварро бор карда, соли 1880 бошад, бо шайхи Баҳрайн қарордод ба имзо расониданд. Ин қарордод бар зидди даъвои Туркияи Усмониён ва Эрон ба Баҳрайн буд. Созишномаи мазкур Баҳрайнро пурра ба Англия тобеъ кунонд.

Солҳои 90-уми асри XIX – аввали асри XX барои забти давлатҳои нимҷазираи Арабистон дар байни Туркия, Англия, Фаронса, Олмон ва Русия рақобат аз нав қувват мегирад. Аз ин рақобат бештар Англия фоида дид.

## СУДОНРО ИСТИЛО КАРДАНИ АНГЛИЯ

Ба Судон сар даровардани тоҷирони аврупоӣ ба солҳои 30-юми асри XIX рост меояд. Онҳо ба ин ҷо молҳои саноатии англисӣ оварда мефурӯхтанд ва аз ин ҷо ғуломонро харида, дар киштиҳо бор карда, барои фурӯхтан тавассути Нил аз Хартум ба Қоҳира мефиристоданд. Соли 1857 ҳукумати Миср ғуломфурӯширо мамнӯъ эълон кард, аммо гуломфурӯшон роҳи ғайриқонунии ғуломфурӯширо ёфта, ин машғулияти тиҷоратии худро давом медоданд. Вале аз охирҳои солҳои 60-ум муносибати Англия нисбат ба Судон тағйир ёфт. Он аз тиҷорат ба забти ин давлат гузашт. Акнун ғуломҷаллобони аврупоӣ ба даромад аз ғуломфурӯшӣ қонеъ нашуда, мехостанд, ки Судонро пурра забт кунанд. Захираҳои ашёи хоми ин мамлакат, имконияти горат кардани аҳолии он, аз ҳама муҳимаш аҳамияти стратегии Судон Англияро ба оғоз намудани ин кор ҳавасманд менамуд. Судон дар ҳавзаи дарёи Нил ва дар сари роҳи Африқои Марказӣ воқеъ буд. Инчунин, болооби дарёи Нилро ишгол карда, Англия ба Миср фишор оварда метавонист.

Соли 1869 Англия дар зери парчами Миср ба Судон экспедитсияи ҳарбӣ ташкил намуд. Роҳбари экспедитсия англис Бейкер губернатори вилоятҳои забткардашуда таъин гардид. Ин вилоятҳо якҷоя Экватория ном гирифтанд. Соли 1874 полковники англис Гордон Бейкерро дар ин вазифа иваз намуд. Ин шахс иштирокчии пахш кардани шӯриши Тайпинҳо буд. Ба Гордон муяссар гардид, ки заминҳои зиёдро аз сарчашмаи Нил сар карда, то кӯли Виктория забт намуда, инчунин, пуштибонии Англияро бар шоҳигарии Уганда муқаррар намояд. Вақте ки соли 1877 мамлакатҳои Аврупо Мисрро ба зери назорати молиявии худ даров252анд, Гордон генерал-губернатори тамоми Судон таъин карда мешавад. Афсарҳои ситоди ӯ низ губернатори музофотҳои гуногуни Судон таъин ғардиданд. Баъди истилои Судон горати ҳаматарафаи ин давлат огоз ёфт. Дар натиҷа, аз сиёсати мустамликадорон норозигии аҳолии маҳаллӣ рӯз то рӯз афзуда, ба шӯриш мубаддал гардид. Соли 1879 Гордон шӯришҳои дар вилоятҳои Баҳр, Алгазал ва Дарфур баамаломадаро пахш намуда, баъд Судонро тарк кард. Ба ҷойи ӯ генерал-губернатори Судон шахси мисрие таъин мегардад. Вале дар музофотҳои Судон

мисли пештара аврупоиён губернатор буданд. Соли 1881 тамоми Судонро шӯриш фаро гирифт. Ба ҳаракати озодихоҳии зиддианглисӣ ва золимони маҳаллӣ Муҳаммад Аҳмад ном дарвеше, ки тирамоҳи соли 1881 худро Маҳдӣ номида буд, роҳбарӣ мекард. Ӯ мардумро бар зидди хориҷиён ва кофирон (ҳокимияти хидеврο кофир меномид) ба ҷиҳод даъват намуд.

Қароргоҳи Маҳдӣ аввал дар яке аз ҷазираҳои Нил – ҷанубтари Хартум воқеъ буд. Аз ин ҷо ӯ ба воситаи воизон таълимоти худро ба тамоми гӯшаю канори мамлакат паҳн менамуд. Барои дар марҳалаи тавлид пахш кардани ин ҳаракат, охирҳои соли 1881, ҳокимони Хартум ба он ҷо дастаи ҷазодиҳандаи худро фиристоданд. Ин даста аз тарафи ҷонибдорони Муҳаммад Аҳмад пурра торумор карда шуд. Баъди ин Муҳаммад Аҳмад қароргоҳи худро ба ҷанубу шарқии мамлакат кӯчонд. Аз ин ҷо ва аз ҷойҳои дигари мамлакат даҳҳо ҳазор кишоварзон ва кӯчманчиён омада, ба дастаҳои фидоиёни Маҳдӣ дохил мешуданд. Онҳо дастаҳои маҳдичиёни ба муқобилашон равонкардаро торумор мекарданд. То оғози соли 1883 онҳо Кордофанро озод карда, охирҳои соли 1883 артиши хидевро, ки ба он генерали англис Хикс роҳбарӣ мекард, торумор ва вилояти Дарфурро пурра ишгол карда, баъд дар соҳилҳои Баҳри Сурх ҷанги чирикиро вусъат доданд.

Дар ин шароит Англия дар Судон усули забткунии худро тағйир дод. Огози соли 1884 Гордон аз нав ба Хартум, ин дафъа ба сифати генерал-губернатор ва намояндаи расмии ҳукумати Британия омад. Ба вай супориш дода шуда буд, ки ҷудошавии Судонро аз Миср эълон карда, артиши хидевро аз Судон барорад ва ҳукумати пурқувватеро ташкил намуда, баъд ба феодалҳои маҳаллӣ такя карда, шӯриши Маҳдиро пахш кунад. Мувофиқи нақша, Гордон мебоист султонҳоро, ки то аз тарафи Муҳаммад Алӣ забт кардани Судон дар ин мамлакат ҳукмронӣ мекарданд, аз нав ба сари қудрат оварда, Судонро тавассути фидоиёни онҳо идора мекард. Лекин ин нақша пурра шикаст хӯрд.

Барои барҳам додани шӯриши маҳдичиён, Гордон ҳилаю найранги зиёди дигарро низ ба кор бурд, вале ҳамаи онҳо бенатиҷа баромаданд.

Аввалҳои соли 1885, баъди муҳосираи дуру дароз, шӯришгарон Хартумро ба даст даровардa, Гордонро қатл

карданд. Ғайр аз баъзе маҳалҳо, Судон ба дасти маҳдичиён гузашт. Дар ин ҷо давлати динӣ ташкил ёфт. Дар мамлакат ба сари қудрат омада, маҳдичиён муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибат ба моликият, сохти системаи сиёсӣ ва сиёсати хориҷии худро ба манфиатҳои миллии мамлакат ва ислом тағйир доданд.

Англия ва Миср аз қасди ҷадидан истило кардани Судон даст накашида буданд. Дар охири асри XIX мубориза барои ба даст даровардани Судон ва болооби Нил ба марҳалаи нав дохил гардид. Фаронса забти Судони Шарқиро оғоз кард. Артиши Англия ва Миср тавассути Нил ба боло ҳаракат карда, соли 1898 пойтахти Судон – шаҳри Омдурманро ишғол карда, тавассути пулемётҳои навакак ихтироъ ва истеҳсолкардаи англисӣ даҳҳо ҳазор маҳдичиёнро қир карданд. Давлати ташкилкардаи Маҳдӣ маҳв шуд. Англисҳо мақбараи ӯро ба хок яксон карданд. Фаронса бошад, аз забти Судон бенасиб монд. Аз соли 1899 сар карда, Судон ба зери ҳокимияти якҷояи Англия ва Миср даровarда шуд. Вале иштироки Миср дар идораи Судон бо ном вуҷуд дошт. Тамоми ҳокимият дар дасти англисҳо буд. Ҳамин тариқ, Судон ба ниммустамликаи Англия табдил меёбад.

## ЛИБИЯ, ТУНИС, АЛҶАЗОИР ВА МАРОКАШ

**Либия.** Дар нимаи дуюми асри XIX хавфи ба мустамлика табдил ёфтани Либия меафзояд. Даъвогарони асосии забти Либия Фаронса ва Италия буданд. Ин вилояти биёбони Шимолии Африқо дорои захираҳои табиии кам буда, барои идомаи сиёсати истилогаронаи Италия дар Африқо мавқеи стратегӣ дошт. Либия барои ин кор ҳамчун такягоҳи муносиби ҷангҳои минбаъдаи истилогаронаи ин давлат шуда, хизмат карда метавонист. Италия барои ба даст даровардани Либия ва умуман сиёсати истилогаронаи худ, дар ҳавзаи Баҳри Миёназамин фаъолтар шуда, соли 1871 барои ба Тунис ҳуҷум кардан, экспедитсияи ҳарбии баҳрӣ тайёр кард. Вале дар лаҳзаи охирини пеш аз ҳуҷум, аз ин мақсад даст кашид. Баъди ин, Италия дар ҷанги зидди Ҳабашистон жандарми он шуд. Баъди дар ҷанги солҳои 1894-1896-и зидди Ҳабашистон шикаст хӯрдан,

империалистони Италия аз нав ба нақшаи забти Триполитания баргаштанд. Ин лашкаркаширо ҳукумати Италия аз тайёрии дипломатӣ сар кард. Натиҷаи ҳамин буд, ки соли 1907 Австро-Венгрия уҳдадор шуд, ки дар мубориза барои забти Либия Италияро аз ҷиҳати дипломатӣ дастгирӣ хоҳад кард. Соли 1909 оид ба ин масъала розигии Русия ҳам гирифта шуд. Англия ҳам барои забти Либия розигӣ дод. Дар муқобили Италия акнун танҳо Туркия меистод.

Соли 1911 барои Либия дар байни Туркия ва Италия ҷанг сар шуд. Десанти ҳарбии Италия шаҳрҳои Триполи, Дерна, Бенгози ва Хомсро ба даст даровард. То баҳори соли 1912 Италия қисми зиёди Либияро забт кард ва моҳи октябри соли 1912 намояндагони Туркияю Италия дар зери Созишномаи Лозанна имзо гузоштанд. Туркия ҳукмронии Италияро бар Либия эътироф кард. Мувофиқи Созишномаи мазкур, Туркия артишу амалдорони худро аз он ҷо пас хонд. Фаронса, Австро-Венгрия, Англия ва Олмон расман ба таваҷҷуҳи ҳукумати Италия расониданд, ки аз тарафи Италия забт карда шудани Либияро эътироф мекунанд. Лекин либиягиҳо шартҳои Созишномаи сулҳи Лозаннаро рад карда, силоҳи худро ба Замин нагузоштанд. Артиши Италия ҷанги худро бар зидди халқи Либия давом дод, то ки ноҳияҳои дохилии ин давлатро забт кунад. Вале баъди оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ онҳоро ватандӯстони Либия аз мамлакат пеш мекарданд. Италиявиҳо танҳо дар баъзе ноҳияҳои наздисоҳилии Либия истода тавонистанду халос.

**Тунис.** Тунис давлати аввалини араб буд, ки дар давраи империализм ба мустамлика табдил ёфтааст. Барои ишғоли ин давлат Фаронса ва Англия бо ҳамдигар рақобат мекарданд. Дар солҳои 70-уми асри XIX ба ин рақобат Италия низ ҳамроҳ мешавад. Соли 1871 кӯшиши Италия барои бо роҳи осоишта ба даст даровардани иҷозатномаи иҷора бенатиҷа баромад.

Сармоядорони Фаронса, ки кайҳо боз ба иқтисоди Тунис сармояи худро ворид сохта, заминҳои зиёдро кашида гирифта ва иҷораҳои фоиданок ба даст дароварда буданд, боисрор ҷидду ҷаҳд мекарданд, ки ин мамлакатро ба ниммустамликаи Фаронса табдил диҳанд. Масъалаи Тунис дар Конгресси байналхалқии Берлин гузошта шуд. Дар ин Конгресс дар амал тақсими

империяи Усмониён сурат гирифт. Ба Фаронса, бо таклифи Олмон, ғайрирасмӣ иҷозат дода шуд, ки Тунисро забт намояд. Бо ин кор Олмон рақиби аврупоии худ - Фаронсаро то дараҷае дар муқобили Италия гузошт. Аз тарафи дигар, гузашткунии Тунис ба Фаронса барои Англия фоиданок буд. Дар арафаи ишғоли Миср Англия намехост, ки Фаронса бо вай рақобат кунад. Рақибони Фаронса дар ишғоли Тунис империяи Усмониён ва Италия буданд. Лекин Фаронса, ки ба зӯрии худ боварӣ дошт, ба мавқеи ин ду давлат аҳамияте ҳам намедод.

Ҳамин тариқ, соли 1881 Фаронса Тунисро ишғол мекунад. Моҳи майи соли 1881 бей аз хавфи маҳрум шудан аз тоҷу тахт маҷбур шуд, ки ба матни шартномаи пешакӣ тайёр кардашудаи фаронсавиҳо имзо гузорад. Ҳарчанд дар ин шартнома ибораи «пуштибонӣ» истифода шуда бошад ҳам, санади мазкур шартномаи ба мустамликаи Фаронса табдил ёфтани Тунисро ифода мекард. Тунис ҳуқуқи сиёсати мустақилонаи байналхалқиро аз даст дод. Бейи Тунис уҳдадор шуд, ки бе розигии Фаронса ба ягон созишномае, ки моҳияти байналхалқӣ дорад, имзо намегузорад.

Моҳи июни соли 1881 бей дар бораи он, ки Фаронса дар муносибати Тунис бо давлатҳои дигар «миёнарави ягона аст», амри худро интишор кард.

Таслимшавии бейи Тунис дар мамлакат қаҳру ғазаби оммаро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа, шӯриши калоне ба амал омад, ки он тамоми Тунисро фаро гирифт. Аксарияти аскару афсарҳо бе ҷанг ба тарафи шӯришчиён мегузаштанд. Дар ин шӯриш намояндагони ҷамоаи динии марбутаҳо, ки шиори «ҷанги муқаддас»-и зидди Фаронсаро эълон карда буданд, саҳми калон гирифтанд. Муборизаи артиши Фаронса бар зидди шӯришчиён якчанд моҳ давом кард. Баъди он ки маркази шӯриш - Қайравон гирифта шуд, нуқтаҳои муқовимат дар иимол ва маркази Тунис шикаст хӯрданд. Бо вуҷуди ин, дар ҷануби Тунис мубориза бар зидди фаронсавиҳо то охири ҳамон сол давом кард.

Баъди пахши шӯриш, фаронсавиҳо ба ташкил намудани сохтори давлатии мустамликавие шурӯъ карданд, ки дар Тунис ҳукмронии сармояи Фаронсаро таъмин намояд. Моҳи июни соли 1883 Созишномаи нави Фаронсаю Тунис ба имзо расид, ки дар он бори аввал дар муносибати Фаронса бо ин

давлат калимаҳои «Фаронса ҳокимиятро дар Тунис пурра ба ихтиёри худ мегирад» истифода бурда шуданд. Соли 1884 Комиссияи байналхалқии молия барҳам дода шуда, корҳои марбут ба молияи Тунис ба ихтиёри резиденти кулли Фаронса дода шуд. Бо ҳамин, дар амал дар Тунис тамоми ҳокимият ба ихтиёри намояндаи кулли Фаронса гузашт.

**Алҷазоир.** Моҳи марти соли 1871 эълон карда шудани Коммунаи Париж дар Алҷазоир ҳаракати нави инқилобиро ба вуҷуд овард. Худи ҳамон моҳ ин мустамликаи Фаронсаро шӯриши калони озодихоҳона фаро гирифт. Майдони Шарқии Алҷазоирро шӯриши қабилаҳои арабҳо ва барбарҳо фаро гирифт. Ба он ҳокими яке аз вилоятҳои ин ҷо Муҳаммад Мукронӣ роҳбарӣ мекард. Қариб 30 қабила дар зери итоати ӯ буд. Биноан, Мукронӣ метавонист бар зидди артиши Фаронса то 25 ҳазор нафар аскар гун кунад. Моҳи апрел артиши фидоиён аллакай қисми зиёди мамлакатро ба даст даровварда, гарнизонҳои калони фаронсавиҳоро муҳосира карданд. Истилогарони аврупоӣ ба таври оммавӣ аз шаҳру деҳоти мамлакат фирор мекарданд. Шӯришгаронро ҷамоаи исломии Раҳмония дастгирӣ мекард.

Баъди дар огози моҳи майи соли 1871 ҳалок гардидани Муҳаммад Мукронӣ, фармондеҳи артиши фидоиён ва роҳбарии шӯриш ба ихтиёри бародари Мукронӣ–Аҳмад бу Мизраг мегузарад. Пешвоёни Раҳмония ба душман таслим шуданд. Фаронса қувваҳои худро якчанд маротиба зиёд карда, ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, моҳи июл нерӯҳои асосии шӯришгаронро торумор кард. Соли 1872 Аҳмад бу Мизраг силоҳи мубориизаро ба Замин гузошт.

Дар оғози асри XX режими мустамликавии Фаронса дар Алҷазоир боз ҳам мустаҳкамтар карда шуд.

**Марокаш.** Ҳанӯз дар асри XVIII Фаронса ва Испания бо султони Марокаш Созишнома баста, ҳуқуқҳои тоҷирон ва намояндагони ин давлатҳоро васеъ карданд. Дар қаламрави Марокаш Австро-Венгрия, Англия, ИМА, Нидерландия, Белгия ва баъзе давлатҳои дигар низ ҳуқуқҳои таслимкорӣ гирифтанд. Лекин дар ишғол кардани Марокаш Фаронса фаъолтар буд. Вай аз соли 1870 сар карда, минтақаҳои ба Алҷазоир ҳамсарҳади

Марокашро паси ҳам забт мекард. Вале ба амалӣ шудани нақшаи Марокашро забт кардани Фаронса давлатҳои абарқудрати дигари Аврупо муқобилият нишон медоданд. Барои ҳамин, оид ба масъалаи Марокаш соли 1880 дар Мадрид конференсияи байналхалқӣ баргузор гардид. Иштирокчиёни он «истиқлолият»-и Марокашро кафолат доданд. Дар баробари ин, қарор карда шуд, ки дар идораи ин давлат бе иҷозати тарафҳои манфиатдор ягон тағйироте даровардан мумкин нест. Ин конференсия қарордоди умумиеро кор карда баромад, ки он режими таслимкуниро нисбат ба Марокаш васеъ кард. Бо ин қарордод ҳуқуқи ба даст даровардани Замин дар Марокаш ва дар ин мамлакат доштани моликияти ғайриманқулро ҳамроҳ карданд. Ҳамин қисмати қарордод нисбати ҳамаи иштирокчиёни конференсия паҳн карда шуд, аз он ҷумла нисбати Олмон, Португалия ва Русия ҳам. Конференсияи соли 1880-и Мадрид дар амал мақоми ниммустамликавии Марокашро тасдиқ намуд.

Соли 1887 Англия, Италия, Австро-Венгрия, Испания ва Олмон Созишномаи дигареро ба имзо расониданд, ки бар зидди даъвоҳои Фаронса нисбати Марокаш равон карда шуда буд. Дар навбати худ, Фаронса ишғоли Марокашро вазифаи наздиктарини худ ҳисобида, охирҳои асри XIX – оғози асри XX барои амалӣ шудани ин мақсад тайёрии фаъолонаи дипломатиро оғоз намуд.

Муборизаи Фаронса барои ба пуштибонии худ даровардани Марокаш то соли 1912 идома ёфт. Ҳамон сол султони Марокаш Мулаӣ Ҳафид маҷбур шуд ба шартномае имзо гузорад, ки он пуштибонии Фаронсаро бар Марокаш муқаррар менамуд.

Муқаррар намудани пуштибонии Фаронса Марокашро на танҳо аз истиқлолият маҳрум кард, балки якпорчагии онро низ аз байн бурд. Мувофиқи Созишномаи соли 1912-и Фаронса ва Испания, минтақаи шимолии Марокаш таҳти пуштибонии Испания қарор гирифт.

Вале халқи Марокаш ба режими мустамликавии ватани худ тан надода, муборизаи озодихоҳонаро давом медод.

Ба империалистони Фаронса лозим омад, ки бар зидди халқи Марокаш муддати дуру дароз ҷанги хунхорона баранд, то ки ин давлатро ба худ тобеъ намоянд.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. БОНКИ ХОРИҶИИ МИСР

...Дар мамлакат бонкҳои бузургтарини хориҷӣ шуъбаҳои худро мекушоданд. Ҳамин тариқ, соли 1856 «Бонки Миср» (англисӣ) ташкил меёбад. Баъд соли 1860 «Бонки гаравмонӣ» (сармояи Фаронса) кушода мешавад. Сипас, соли 1864 «Бонки Англияю Миср» ва соли 1865 бонки «Оттоман» яке аз шуъбаҳои худро дар Миср мекушоянд.

### 2. ШИРКАТҲОИ ВОРИДОТӢ

«Ҷ.Планета ва К.» соли 1853 ташкил ёфтааст. Ин ширкат дар Магата ва Мансур марказҳои пахтатозакунӣ сохта, дар ноҳияҳои Мисри Боло ва Мисри Поён пахтапарварӣ, агентиҳои харидкунӣ ва дар ҳамаи мамлакатҳое, ки пахта истеҳсол менамоянд, намояндагӣ мекушояд.

«В.Торнел ва писарон» соли 1860 ташкил ёфтааст.

«Хуррами Вепаши ва К.» соли 1862 дар Искандария ташкил ёфтааст. Он дар Ливерпул, Манчестер, Бостон, Женева ва ҳамаи мамлакатҳое, ки пахта истеъмол мекунанд, намояндагӣ кушодааст.

Ширкати «Линдеманн» соли 1864 ташкил ёфтааст.

«Мор ва Фендерл» соли 1869 ташкил ёфтааст. Дар Шабин-эл-Канатир завод ва дар ҳамаи марказҳои бофандагӣ намояндагӣ дошт.

### 3.ҚАРЗИ ДАВЛАТИИ МИСР (БА ҲИСОБИ ҲАЗ.Ф.-СТ)

| НОМИ БОНК | МАБЛАҒИ НАСИЯИ ВОМБАРГ | МАБЛАҒИ НАҚД ГИРИФТАИ ҲУКУМАТ |
|---|---|---|
| 1861 «Фрюлинг ва Гошен» | 3293 | 2640 |
| 1864 «Рюлинг ва Гошен» | 5704 | 4864 |
| 1865 «Англисию мисрӣ» | 3388 | 2750 |
| 1866 «Рюлинг ва Гошен» | 3000 | 2640 |
| 1867 «Оттоман» | 2080 | 1793 |
| 1868 «Оппенгейм» | 11890 | 7913 |
| 1870 «Бишофсхайм» | 7143 | 5000 |

## 4.ҚОНУН ДАР БОРАИ ТАЪСИСИ ВОРИСИИ ТАХТИ ТУНИС АЗ 15 ШАВВОЛИ СОЛИ 1277 (28 АПРЕЛИ СОЛИ 1861)

***Қонуни мазкурро ҳамчун Конститутсияи аввалини Тунис шуморидан мумкин аст.***

### БОБИ I. ДАР БОРАИ ШОҲЗОДА ВА ХОНАДОНИ ҲУСАЙНИҲО

***Моддаи 1.*** Ҳокимияти шоҳзодаҳои хонадони Ҳусайниҳо бо назардошти анъаноти синусолии дар шоҳӣ қабулгардида мерос гузошта мешавад. Танҳо дар сурате ки агар меросхӯр аз ҳокимият даст кашад, меросхӯри дуюмин ин ҳуқуқро ба даст медарорад.

***Моддаи 3.*** Сардори давлат дар як вақт сардори хонадони шоҳ буда, аз болои шоҳзодагон ва шоҳдухтароне, ки ба ҳайати хонадон дохиланд, ҳукм дорад ва ягон нафари онҳо бе розигии ӯ соҳибихтиёр ва соҳиби моликият нестанд…

***Моддаи 4.*** Сардори давлат, ҳамчун сардори хонадони подшоҳ, вазифаҳои аъзоёни онро муқаррар мекунад…Дар навбати худ, онҳо ба ӯ ҳамчун фарзандон ба падар итоат мекунанд.

***Моддаи 5.*** Шоҳзодагон ва шоҳдухтарони хонадони подшоҳ бе иҷозати сардори давлат ақди никоҳ баста наметавонанд.

### БОБИ II. ДАР БОРАИ САРДОРИ ДАВЛАТ

***Моддаи 12.*** Сардори давлат бо ёрии вазирон идораи сиёсии шоҳиро иҷро менамояд.

***Моддаи 13.*** Ӯ ба қисмҳои ҳарбии баҳрӣ ва пиёданизом роҳбарӣ мекунад, сулҳ мебандад, дар бораи иттифоқ ва тиҷорат шартнома ба имзо мерасонад.

***Моддаи 14.*** Ӯ ашхоси ваколатдорро хоста гирифта, таъин мекунад ва агар зарур шуморад, аз вазифа сабукдӯш менамояд.

***Моддаи 15.*** Ӯ ҳуқуқи авф карданро дорад, ба шарте ки ин кор ҳуқуқи ҳеҷ касро поймол накунад.

### БОБИ IV. ВАРАҚАИ АЪЗОЁНИ ОИЛАИ ПОДШОҲ

***Моддаи 29.*** Аз даромади давлатӣ ба маблағи 1.200 ҳазор пиастр барои сардори давлат ҷудо карда мешавад.

***Моддаи 30.*** 66 ҳазор пиастр барои ҳар як шоҳзодаи хонадор, 6 ҳазор пиастрӣ барои ҳар як шоҳзодаи муҷарраде, ки дар тарбияи волидонашон мебошанд, 12 ҳазор пиастрӣ барои ҳар як шоҳзодае, ки то хонадоршавӣ аз падар ятим мондааст, 20 ҳазор пиастрӣ барои ҳамаи шоҳдухтарҳои шавҳардор ва бевамонда, 3 ҳазор пиастрӣ барои шоҳдухтарҳои муҷарради падардор, 8 ҳазор пиастрӣ барои ҳар як беваи шоҳзодаи фавтида муқаррар карда мешавад.

Ғайр аз ин, як маротиба ба маблағи 15 ҳазор пиастр барои тӯйи ҳар як шоҳзода ва 50 ҳазор пиастр барои тӯйи ҳар як шоҳдухтар ҷудо карда мешавад.

## БОБИ XIII. ДАР БОРАИ ХОРИҶИЁНЕ, КИ ДАР ШОҲИГАРИИ ТУНИС СУКУНАТ ДОРАНД

***Моддаи 105***. Барои иҷрои анъанаҳо ба ҳама хориҷиёне, ки дар Тунис сукунат доранд, озодиҳои пурра ваколат дода мешаванд.

***Моддаи 106***. Ягон нафари онҳо барои эътиқодҳои динӣ таъқиб карда намешаванд, дар пайравӣ ба дини худ ва ё ихтиёрӣ қабул кардани дини дигар озод мебошад.

Тағйири дин, миллат ва ҳуқуқҳои онҳоро тағйир намедиҳад.

***Моддаи 110***. Ба хориҷиёне, ки дар Тунис сукунат доранд, дар масъалаи истеҳсол ҳамон ҳуқуқҳо ва шароитҳое дода мешаванд, ки ба тунисиён дода шудаанд.

***Моддаи 112***. Хориҷиёне, ки дар Тунис сукунат доранд, мисли раияти Тунис ба тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ машғул шуда метавонанд.

## 5.БА МИСР ЗАДА ДАРОМАДАНИ АНГЛИЯ

3 июни соли 1882 флоти Англия ба гулӯлаборонкунии қалъаю истеҳкомҳои Искандария шурӯъ кард. Флоти англис 8 киштии зиреҳпӯш, 2 киштии артиллерӣ, 3 киштии разведкачӣ, 81 киштии торпедозани дорои 69 тӯпи андозаи милашон калон, 88 тӯпи андозаи милашон миёнаю хурд ва 70 тӯпҳои думила дошт. Ҳайати флоти душман аз 5700 нафар одам иборат буд. Гарнизони Искандария 7500 нафар аскарони бадтаълимгирифтаро ташкил мекард. Баъди якчанд соати тирборонкунӣ артиллерияи англисҳо ҳамаро ба хок яксон кард. Дар шаҳр сӯхтор ба амал омад. Ин ҳолат мисриёнро маҷбур сохт, ки аз оташкушоии ҷавобӣ даст кашанд.

Мувофиқи суханҳои мухбири «Дейли Телеграф», ки маълумотро аз як араби аз Искандария гурехта гирифтааст...талафоти мисриён бузург аст. Аскарон ва сокинони фавтида на камтар аз 2000 нафар мебошанд. Аҳолӣ дар бораи фирор намудан фикр ҳам карда буд. Фармондеҳи англис Сеймур эълон дошт, ки танҳо қалъаҳо гулӯлаборон карда мешаванд. Вале бар хилофи ин ваъда, то наздикии соати 10 гранатаҳое, ки ба истеҳкомҳо партофта шуда буданд, ба ҳар ҷо-ҳар ҷойи шаҳр афтида, роҳгузарҳоро куштаю хонаҳоро валангор карданд...

## 6.БУҲРОНИ ЯКУМИ МАРОКАШ (1905-1906)

***(Аз нутқи Вилгелми II дар Танҷер 31 марти с. 1905)***

«Ман имрӯз ба назди султони соҳибихтиёр меравам. Боварӣ изҳор менамоям, ки Марокаш дар зери ҳокимияти мустақили султон бе ягон инҳисор ва ғасбкунӣ дар асосҳои баробарии пурра барои рақобати осоиштаи ҳамаи давлатҳо озод мемонад. Сафари ман ба Танҷер мақсад дорад ва ман мехоҳам аз тамоми қувваҳои дар ихтиёрбуда бо қатъияти том истифода бурда, манфиатҳои Олмонро дар Марокаш бомуваффақият дифоъ намоям. Султонро қатъиян шоҳи мустақил шуморида, дар бораи усулҳои таъмини ин манфиатҳо танҳо бо худи ӯ маслиҳат мекунам».

## 7.КОНФЕРЕНСИЯИ АЛХЕСИРАСИ СОЛИ 1906

*(Аз санади кулли Конференсияи байналхалқии Алхесирас, ки 25 март (7 апрел)-и соли 1906 ба имзо расидааст)*

Баъди дар Танҷер баромад кардани Вилгелми II, ҳукумати Олмон дар бораи эътироф накардани Созишномаи Англияю Фаронсаро оид ба Марокаш расман эълон намуда, даъвати конференсияи байналхалқиро тақозо кард. Таҳдид аз ҷониби Олмон ҳукумати Фаронсаро маҷбур сохт, ки ба даъвати чунин конференсия розӣ шавад. Конференсияи Алхесирас аз 15 январ то 7 апрели соли 1906 баргузор гардид. 11 давлати Аврупо, ИМА ва Марокаш иштироккунандагони ин конференсия буданд. Дар масъалаи политсияи Марокаш дар конференсия муборизаи тезу тунд ба амал омад. Олмон аз тарафи давлатҳои дигар дастгирӣ наёфта, аз ҷиҳати дипломатӣ сахт шикаст хӯрд. Фаронса ба дастгирии Англия ва Русия такя карда, ғолиб баромад. Ҳарчанд Созишномаи бо Марокаш ба имзорасида ба соҳибистиқлолии султони ин мамлакат оварда расонид, лекин Фаронса (бо ҳамроҳии Испания) дар амал дар кори аз болои политсияи Марокаш ҷорӣ намудани назорат ба муваффақият ноил гардид.

### БОБИ I. ЭЪЛОМИЯ ДАР БОРАИ ПОЛИТСИЯИ МАРОКАШ

***Моддаи 1.*** Политсия таҳти ҳокимияти олии Аълоҳазрат султон мемонад. Вай аз ҳисоби мусулмонҳои Марокаш ташкил карда мешавад...

***Моддаи 3.*** Барои ташкил намудани ин кор ва ёрӣ ба султон аз тарафи ҳукуматҳо...афсарҳо ва унтер-афсарҳои испанӣ ва фаронсавӣ ба ихтиёри ӯ (яъне султон) политсия фиристода мешавад.

## САНАҲОИ МУҲИМ

### МИСР

**1831-1833** – ҷанги якуми Миср ва Туркия
**1839-1841** – ҷанги дуюми Миср ва Туркия
**1854** – аз тарафи соҳибкори фаронсавӣ Фердинанд Лессепс барои сохтани Канали Суэтс гирифта шудани иҷозатнома
**17.X.1869** – ба истифода дода шудани Канали Суэтс
**1882** – шикасти шӯриши Арабпошшо ва ба мустамликаи Англия табдил ёфтани Миср

## МАМЛАКАТҲОИ НИМҶАЗИРАИ АРАБИСТОН

1871 – пуштибони нимҷазираи Қатар эълон гардидани Англия
1871 – ба мустамликаи Туркия табдил ёфтани Яман
1873 – ба султонҳо ва шайххои Уммонӣ шартномаҳои нави асоратовар бастани Англия
1880 – ба Англия тобеъ шудани Бахрайн

## СУДОН

1857 – ғуломфурӯширо манъ кардани хукумати Миср
1869 – дар зери парчами Миср ба Судон ташкил намудани экспедитсияи ҳарбии Англия
1881 – таҳти роҳбарии Маъданӣ тамоми Судонро фаро гирифтани шӯриш
Охири 1883 – артиши хидеви Мисрро торумор карда, вилояти Дарфурро ишғол кардани маҳдичиён
1899 – ба зери ҳокимияти якҷояи Англия ва Миср даромадани Судон

## ЛУБНОН

1909 – розигӣ додани Русия ба забти Либия аз ҷониби Италия
1911 – дар байни Туркия ва Италия сар задани ҷанг аз барои Либия
X.1912 – дар байни Италия ва Туркия баста шудани Созишномаи Лозанна

## ТУНИС

V.1881 – Тунисро ишгол кардани Фаронса
VI.1883 – ба мустамликаи Фаронса табдил ёфтани Тунис

## АЛҶАЗОИР

III.1871 – ташкилёбии Коммунаи Париж, дар Алҷазоир дар зери роҳбарии Муҳаммад Мукронӣ ба амал омадани шӯриш
VII.1871 – торумор гардидани шӯришгарон

**МАРОКАШ**

1870 – огози аз тарафи Фаронса ишғол карда шудани минтақаҳои Марокаши бо Алҷазоир ҳамсарҳад

1880 – конференсияи байналхалқии Мадрид оид ба Марокаш

1880 – ба давлати ниммусталика табдил ёфтани Марокаш

1887 – аз ҷониби Англия, Италия, Австро-Венгрия, Испания ва Олмон бо Марокаш бастани шартномае, ки хилофи даъвохои Фаронса буд

1912 – тахти пуштибонии Фаронса ва Испания қарор гирифтани Марокаши Шимолӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Англия Мисрро кай ва чӣ тавр ишгол кард? **2.** Дар бораи ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Миср нақл кунед. **3.** Нисбати сохтмони Канали Суэтс чиҳо медонед? **4.**Дар бораи шӯриши халқи Миср таҳти роҳбарии Аҳмад Арабӣ (Арабпошшо) маълумот диҳед. **5.** Англия Мисрро кай ба ниммустамликаи худ табдил дод? **6.** Сурия, Лубнон, Фаластин ва Ироқ кай ва чӣ тавр ба ниммустамликаи давлатҳои империалистии Аврупо табдил ёфтанд? **7.** Ба мустамликаҳои давлатҳои империалистӣ табдилёбии давлатҳои нимҷазираи Арабистон кай ва чӣ тавр сурат гирифт? **8.** Ба ниммустамликаи Англия табдилёбии Судон чӣ хел оғоз ёфт? **9.** Барои ба мустамликаи худ табдил додани Судон Англия кадом ҳилаю найрангҳоро истифода бурд? Гордон кӣ буд? **10.** Дар бораи ҳаракати муқовиматнишондиҳии озодихоҳонаи халқи Судон дар зери роҳбарии Муҳаммад Аҳмад (Маҳдӣ) чиҳо медонед? **11.** Кай Судон ба ниммустамликаи Англия табдил ёфт? **12.** Дар бораи рафти ба тобеияти давлатҳои абарқудрати Аврупо гирифтор шудани Либия, Тунис ва Алҷазоир маълумот диҳед. **13.** Давлатҳои империалистӣ барои ба зери итоати худ даровардани Марокаш дар байни худ чӣ тавр рақобат мекарданд? **14.** Аз ҳуҷҷатҳои марбут ба Миср чӣ хулоса баровардан мумкин аст? **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 28. ҲАБАШИСТОН

**Рақобат барои ҳукмронӣ дар Ҳабашистон**. Мубориза барои дар Ҳабашистон ҳукмронӣ кардан дар байни ҳокимони се вилоят сурат гирифт. Яке аз онҳо ҳокими Вага ва Ласта Гобазие буд. Вақте ки артиши англисӣ ба Магдала ҳуҷум мекард, ин ҳоким аз вазъияти қулай истифода бурда, аввал музофоти Бегамдор ва баъд музофоти Дембейяро ишгол намуда, мавқеи худро дар Ҳабашистони Марказӣ мустаҳкам карда, барои тоҷу тахти негуси негестӣ довталаби асосӣ мешавад.

Довталаби дигари тоҷу тахти Ҳабашистон Касаи ном дошт. Ӯ барои бар зидди негус Фёдор мубориза бурдан ба англисҳо дасти ёрӣ дароз мекунад. Ба ивази ин ёрӣ, экспедитсияи англисӣ ҳангоми Ҳабашистонро тарк намудан, ба Касаи 850 милтиқ, 40 ҳазор тир, 28 бочка борут ва якчанд тӯпхона тақдим кард. Ин туҳфа бартарии Касаиро бар рақибонаш таъмин намуд.

Ҳокими сеюми довталаби тоҷу тахти мамлакат Менелик ба шумор мерафт. Ӯ шоҳи Шоа буд. Дар аввал мубориза, асосан, дар байни Касаи ва Гобазие сурат гирифт. Баъди он ки ин ҳокимони аз тарафи негус Фёдор аз мулкҳояшон маҳрум ва ба ҳабс партофташуда озод шуданд, мубориза барои тоҷу тахти мамлакат тезу тунд мешавад. Барои ба мақсади худ ноил шудан, ҳокимон ба зери парчами яке аз ҳамин се ҳокими бонуфуз дохил мешуданд. Аксарияти ҳокимони Ҳабашистони Марказӣ ба тарафи Гобазие гузаштанд. Ӯ 60 ҳазор нафар аскар дошт. Гобазие тавонист, ки тавассути ин лашкар вилоятҳои Амхара, Ласта, Ваг ва музофоти калони Гоҷамро ба даст дарорад. Моҳи апрели соли 1868 вай худро бо номи Такла Георгия-негуси Ҳабашистон эълон намуд. Соли 1872 бар зидди Касаи ба мубориза шурӯъ намуда, ният дошт, ки шаҳри Адуаро аз рақиби худ кашида гирад. Вале азбаски Касаи дар ихтиёри худ лашкари 12-ҳазорнафараи нисбат ба лашкари Гобазие хуб мусаллаҳшуда дошт, дар ин задухӯрд голиб баромад. Гобазие асир афтод. Баъди ин Касаи ба Аксум меравад ва бо номи Иоҳаннеси IV негуси Ҳабашистон (солҳои 1872-1889) тоҷгузорӣ мешавад. Менелик бошад, то ин вақт аллакай негуси негестӣ, яъне унвони императори Ҳабашистонро қабул карда буд. Иоҳаннеси IV хост, ки бар зидди ин рақиби пурзӯри худ ҳам ба ҷанг дароянд, вале ба Ҳабашистон зада даромадани артиши Миср

ба амалӣ шудани ин ният халалдор шуд. Баъди торумори таҷовузкорони мисрӣ, Иоҳаннеси IV артиши худро ба муқобили Менелик равон кард. Менелик аз ӯ шикаст хӯрда, маҷбур шуд, ки Иоҳаннесро негуси Ҳабашистон эътироф карда, аз унвони неғуси негестӣ даст кашад. Ҷавобан ба ин, Иоҳаннеси IV бо нишони ризоият ва аз байн бурдани душманӣ Меneликро ҳамчун шоҳи Шоа шинохт ва бо ӯ дар Ҳабашистони Ҷанубии то ҳол забтношуда доираи нуфузро тақсим кард.

**Муборизаи давлатҳои империалистии Аврупо барои забти Ҳабашистон**. Баҳори соли 1884 ҳукумати Англия бо мақсади нерӯҳои маҳдичиёни Судонро ба Ҳабашистон ҷалб намудан ва артиши англисии дар муҳосираи шӯришгаронбударо халос кардан чораҳои зарурӣ андешид. Англия намояндагони худро ба назди Иоҳаннеси IV равон мекунад. Дар ин ҷо англисҳо Созишномаеро ба имзо расониданд, ки мувофиқи он Иоҳаннеси IV ухдадор шуд, ки барои дифои истеҳкомҳои дар қад-қади сарҳадҳои шимолӣ ва шимолу шарқии Ҳабашистонбудаи англисҳо дасти ёрӣ дароз мекунад. Лашкари Ҳабашистон маҳдичиёнро аз ин истеҳкомҳо зада гардонида, гарнизонҳои Англияро озод карданд. Ана, ҳамин тавр Ҳабашистон ба ҷанги нолозими зидди маҳдичиёни Судон кашида шуд.

Дар айни замон, англисҳо розӣ шуданд, ки бандари ягонаи баҳрии Ҳабашистон–Массауа ба Италия супорида шавад. Баъди ин италиявиҳо ба дарунтари мамлакат даромада, аз шимол ба мулкҳои негус Иоҳаннеси IV таҳдид менамуданд. Италиявиҳо дар мубориза бар зидди Иоҳаннеси IV пинҳонӣ бо Менелик забон як карданд. Мулкҳои Иоҳаннес дар муҳосира монданд: аз шимол Италия ҳуҷум кард, аз ғарб–маҳдичиён, аз тарафи ҷанубу ғарбӣ–қабилаҳои данакил, ки онҳоро италиявиҳо ба ин ҳуҷум рӯҳбаланд мекарданд. Лашкари Менелик бошад, дар наздикии сарҳадҳои ҷанубии мамлакат мустақар буд. Маҳдичиён ба дарунтари Ҳабашистон даромада, соли 1887 Гондарро ишғол намуда, қисми зиёди музофоти Дамбейяро хароб карданд. Соли оянда онҳо ҳуҷуми худро аз нав такрор карданд, лекин ин дафъа аз тарафи ҳокимони маҳаллӣ – Микаэл, Мангаши ва Алула торумор карда шуданд. Дар яке аз муҳорибаҳо Иоҳаннеси IV захми марговар бардошт. Дар чунин шароити мушкил дар байни ҳокимони Ҳабашистон ягонагию ваҳдат вуҷуд надошт.

Аввали соли 1887 италиявиҳо аз нав ба Ҳабашистон ҳуҷум карданд, вале дар муҳорибаи назди Догали шикаст хӯрда, маҷбур шуданд, ки ба ҷониби бандари Массауа ақибнишинӣ кунанд. Баъди ин шикаст италиявиҳо артиши худро ба Эритрея равон карданд. Акнун артиши Италия бо ҳамроҳии гарнизони пешакӣ дар сарҳадҳои ҳамонҷоии Ҳабашистон ҷой дошта, ба 25 ҳазор нафар расид. Дар баробари ин, ҳукумати Италия соли 1888 намояндаи худ Антонеллиро ба назди ҳокими Шоа–Менелик равон карда, иброз дошт, ки ӯро ҳамчун негуси Ҳабашистон эътироф мекунад ва тайёр аст, ки ба ӯ барои мубориза бар зидди Иоҳаннеси IV ёрии ҳарбию пулӣ фиристонад. Ба ивази ин ёрӣ Менелики II бояд мулкҳои Асмара ва Керенаро вогузор мекард. Менелик таклифи италиявиҳоро қабул кард, вале ба муқобили Иоҳаннеси IV барнахост. Аз ҷониби Иоҳаннеси IV ҳам бар зидди Италия ҷанг накард. Яъне мавқеи бетарафиро ихтиёр кард.

Соли 1889 Менелики II бо Италия дар бораи дӯстӣ ва тиҷорат шартнома баст. Мувофиқи ин санад, ӯ аз тарафи англисҳо истило карда шудани Эритреяро эътироф намуд. Барои гузашткунии Эритрея Ҳабашистон аз Англия 38 ҳазор милтиқ ва 20 тӯпхона туҳфа гирифт ва мувофиқи қарордоди иловагӣ Англия ба Менелики II ба маблағи 4 млн.ф-ст. вомбарг дод.

Баъди дар ҷанги зидди маҳдичиён ҳалок гардидани Иоҳаннеси IV, ба тахту тоҷи негуси негестии Ҳабашистон Менелики II соҳиб шуд. Ба ӯ муяссар гардид, ки муттаҳидкунии Ҳабашистонро, ки Фёдори II оғоз карда буд, давом дода, қаламрави зери итоати худро боз ҳам васеътар кунад. Оҳиста-оҳиста аксарияти вилоятҳо ва қабилаҳои Ҳабашистон ҳокимияти Менелики II-ро эътироф карданд. Вале солҳои 90-ум Италия ба муқобили Ҳабашистон аз нав ҳуҷуми густурдаи худро огоз намуда, ба ин раванд халал расонид. Дар муҳорибаҳои сершумори ин ҷанг гоҳ як тараф ва гоҳ тарафи дигар дастболо мешуд ва ниҳоят соли 1896 дар Адуа артиши Ҳабашистон сипоҳи Италияро торумор кард. Худи ҳамон сол ҳайати вакилони Италия ба пойтахти нави Ҳабашистон ш. Аддис-Абеба (он соли 1887 асос ёфтааст) омада, ба Созишномаи сулҳ имзо гузошт. Аз рӯйи ин Созишнома Ҳабашистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол эътироф карда шуд. Сарҳади Ҳабашистон муваққатан (то муайянкунии ниҳоии он) аз тариқи хати

демаркатсионӣ қад-қади дарёи Мареб муқаррар карда шуд. Аз Ҳабашистон шикаст хӯрдан барои Италия вазнин афтод. Он маҷбур шуд, ки ба ин давлат 10 млн лир товони ҷанг ҳам бидиҳад.

Дар мубориза бар зидди Италия Ҳабашистон пинҳонӣ аз Фаронса ёрӣ мегирифт. Ба ивази ин некӣ, Фаронса аз Менелики II барои сохтмони роҳи оҳан иҷозатнома гирифт. Додани ин иҷозатнома маънои онро дошт, ки дар сиёсати хориҷии худ Ҳабашистон бештар ба сӯйи Фаронса майл мекунад.

Баъди шикаст хӯрдани Италия, муттаҳидкунии Ҳабашистон ба охир расид.

Дар баробари ба Ҳабашистон сар даровардани сармояи Фаронса, Менелики II барои пасттар кардани мавқеи он ба Англия низ гузашт мекард. Барои ҳамин, ӯ аз сохтани иншооти гидротехникии Фаронса дар кӯли Тана даст кашид. Мувофиқи Созишномаи байни Ҳабашистон ва Судон аз 15 майи соли 1902 чунин иншоотро минбаъд танҳо бо розигии генерал-губернатори Судон сохтан мумкин буд. Ин Созишнома сарҳади байни Ҳабашистон ва Судонро низ муайян намуд. Ҳабашистон ба англисҳо иҷозат дод, ки дар мамлакат роҳи оҳани Судонро бо Уганда пайвасткунанда созанд. Фишори минбаъдаи англисҳо ба он оварда расонд, ки моҳи апрели соли 1905 Менелики II иҷозатномаи сохтмони роҳи оҳани ширкати фаронсавиро бекор кард.

То оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Ҳабашистон объекти талоши Англия, Фаронса, Италия ва Олмон мешавад. Дар ин мамлакат давлатҳои империалистии Аврупо минтақаи муайянеро ба даст медароварданд. Инчунин, барои дар Ҳабашистон мавқеи бештар пайдо намудан дар байни худ рақобат ҳам мекарданд. Аз соли 1908 сар карда, муносибатҳои Ҳабашистон бо Фаронса нисбат ба давлатҳои дигари номбурда беҳтар мешавад. Маҳз барои ҳамин Ҳабашистон барои сохтмони роҳи оҳан ба ин давлат иҷозатнома медиҳад.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### ШИКАСТИ ИТАЛИЯ ДАР ҶАНГИ ЗИДДИ АБИССИНИЯ (ҲАБАШИСТОН) СОЛИ 1896

Соли 1896 кӯшиши Абиссинияро забт кардани Италия бебарор анҷом ёфт. Дар задухӯрди назди Адуа корпуси италявии генерал Баратери пурра торумор карда шуд. Италиявиҳо дар ин задухӯрд то 11 ҳазор, аз он ҷумла, ду генерал ва қариб 250 афсар, бо ҳамроҳии ба асоратафтодагон тахминан 14.500 аскару 300 афсар, яъне 75 фоизи ҳайати корпусро талаф доданд. Ин шикаст ба нақшаҳои мустамликавӣ ва обрӯю эътибори ҳарбии Италия зарбаи марговар зад. Ҳукумати Италия маҷбур шуд ба шартномае имзо гузорад, ки он истиқлолияти Абиссинияро эътироф мекард. Моддаи 4 ин шартнома сарҳади нави байни Абиссиния ва Эритреяи Италияро муқаррар кард. Баъди як сол аҳдномае ба имзо расонда шуд, ки мувофиқи он якчанд округи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим бояд ба ихтиёри Абиссиния мегузаштанд. Вале ҳукумати Италия ин аҳдномаро тасдиқ накард.

Дар поён матни мухтасари Созишномаи сулҳи байни Италия ва Ҳабашистон (Абиссиния)-ро мисол меорем, ки он 26 октябри соли 1906 ба имзо расидааст.

***Моддаи 1.*** Қатъи ҳолати ҷангӣ, «яъне сулҳ ва дӯстии абадӣ» дар байни тарафҳо...

***Моддаи 3.*** ...Италия истиқлолияти қотеона ва бегуфтугӯи империяи Ҳабашистон, ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва мустақилро эътироф мекунад.

***Моддаи 4.*** ...Аз ҳамин рӯз сар карда, дар зарфи як сол вакилони ваколатдор...(тарафҳо) тавассути карордоди дӯстона сарҳадҳои ниҳоиро муқаррар мекунанд. То он вақте ки ин сарҳадҳо ҳамин тариқ муқаррар карда мешаванд, ҳар ду тараф розианд, ки ҳолати қаблан вуҷуддошта (статус-квоанте)-ро риоя кунанд.

***Моддаи 5.*** То он замоне, ки ҳукуматҳои Италия ва Ҳабашистон сарҳадҳои ниҳоии худро мувофиқи ризоияти байниҳамдигарӣ муқаррар мекунанд, ҳукумати Италия уҳдадор мешавад, ки заминҳоро ба ягон давлати сеюм вогузор намекунад. Дар сурате ки агар Италия бо хоҳиши худ аз ягон қисми қаламрави ба вай тааллуқдошта даст кашад, пас онро ба Ҳабашистон медиҳад...

## САНАҲОИ МУҲИМ

**IV.1868** – худро бо номи «Такла Герогис» негуси Ҳабашистон эълон кардани Гобазие

**1884** – ба назди Иоҳаннеси IV барои ба имзо расонидани Созишнома омадани намояндагони Англия

**1884** – ба Ҳабашистон ҳуҷум кардани артиши Италия ва бебарор анҷом ёфтани он

**1887** – ба Ҳабашистон бори дуюм ҳуҷум кардани артиши Италия

1887 – Гондари Ҳабашистонро ишғол кардани маҳдичиён

1889 – бо Италия шартномаи дӯстӣ бастани Менелики II

1896 – дар наздикии Адуа артиши Италияро торумор кардани қӯшунҳои Ҳабашистон.

IV.1905 – аз тарафи Менелики II бекор карда шудани иҷозатномаи сохтмони роҳи оҳани ба ширкати Фаронса додашуда

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Рақобат барои ҳукмронӣ дар Ҳабашистон дар байни киҳо сурат гирифт? **2.**Оё дар оғози ин рақобат Англия иштирок дошт? **3.** Дар бораи Такла Георгис ва Иоҳаннеси IV чиҳо медонед? **4.** Дар бораи муборизаи давлатҳои империалистии Аврупо барои забт кардани Ҳабашистон нақл кунед. **5.** Маҳдичиён кистанд? Кадом давлат онҳоро бар зидди Ҳабашистон истифода мекард? **6.** Италия ба муқобили Иоҳаннеси IV чӣ тавр мубориза мебурд? **7.** Чаро ҳокимони Ҳабашистон дар аввали мубориза аз хориҷиён ва алалхусус аз Италия шикаст мехӯрданд? **8.** Дар бораи ғалабаи Менелики II бар Италия нақл кунед. **9.** Дар рафти мубориза бар зидди истилогарони Италия ва баъди шикасти онҳо муносибатҳо дар байни Ҳабашистон ва Фаронса чӣ хел сурат гирифтанд? **10.**Оё давлатҳои империалистии Аврупо ба Ҳабашистон сар даровarda тавонистанд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 29. МАМЛАКАТҲОИ ҶАНУБТАРИ САҲРОИ КАБИР ВА АФРИҚОИ ҶАНУБӢ

**Забткориҳои мамлакатҳои империалистӣ.** Африқои ҷанубтари Саҳрои Кабирро, одатан, ба се хати аз Уқёнуси Атлантик ва Уқёнуси Ҳинд тӯлкашида тақсим мекунанд: Судон (Ғарбӣ ва Шарқӣ), Африқои Тропикӣ (Ғарбӣ ва Шарқӣ), Африқои Ҷанубӣ ва ҷазираи Мадагаскар.

Дар нимаи дуюми асри XIX ва махсусан дар чоряки охирини ин аср дар байни мамлакатҳои абарқудрати аврупоӣ тақсимоти мустамликавии ин минтақаҳо хеле муташанниҷ сурат мегирад. Дар зери замини ҷанубтари Саҳрои Кабир ва

Ҷануби Африқо захираҳои бешумори ашёи хоми қиматбаҳо, аз он ҷумла, алмос ва тилло хобида буданд. Ғайр аз ин, саноати сармоядорони Аврупо ба бозорҳои нав эҳтиёҷ дошт. Барои дар муддати кӯтоҳ ва харҷи ками маблағ ворид намудани ашёи хоми африқоӣ ва молҳои аврупоиро ба ҷойҳои дурдасттарин бурда расонидан зарур буд, ки дар ин ҷо роҳҳои оҳану шоҳроҳҳо, бандарҳою анборҳо сохта шаванд. Ҳамаи ин ба соҳибони заводҳои маъдангудозӣ ва мошинсозии давлатҳои абарқудрати Аврупо барои бо тезӣ афзудани даромад дурнамои умедбахш мекушоданд.

Дар мубориза барои тақсимоти Африқо, Англия ва Фаронса рақибони ҳамдигар буданд. Баъди чанде ба қатори ин давлатҳо Олмон, Белгия, Италия ва ИМА низ дохил гардиданд.

Дар солҳои 60-уми асри XIX ширкатҳои аврупоӣ дар наздикии ҷойи бо ҳам якшавии дарёҳои Ваал ва Норинҷӣ конҳои алмос ва тилло ёфтанд. Аз Аврупо одамоне ба ин ҷо меомаданд, ки орзу доштанд сангҳои қиматбаҳо ва пораҳои тиллоро ёфта, зуд бой шаванд. Бо ҳамин сабаб, тиллокобону заршӯйҳои аврупоӣ дар ҷойҳои ноободи Африқои Ҷанубӣ сокин шуда, шаҳру бошишгоҳҳои аз он хурдтари муҳоҷирони аврупоиро бунёд мекарданд. Камберли ва Иоҳаннесбург аз қабили ҳамин шаҳрҳо буданд.

Империалистони англис барои он ҷидду ҷаҳд мекарданд, ки аз Кейптаун то Қоҳира мустамликаҳои бисёр ишғол кунанд. Дар ин роҳ рақибони асосии Англия Португалия ва ҷумҳуриҳои бурҳо буданд. Англия мустамликазабткунии худро ҳам дар самти шимолӣ (дар мамлакати зулусҳо) ва ҳам дар шимолу ғарбӣ (дар Бечуаналенд) амалӣ карда, мехост, ки тавассути мулкҳои худ Норинҷӣ ва Ҷумҳурии Африқаи Ҷанубӣ (Трансваал)-ро муҳосира кунад. Охири солҳои 70-ум Англия ба забти Зулуленд шурӯъ кард. Пешвои олии зулусҳо Кетчайво ба дифои мамлакат тайёрии хуб дида, артишро бо сипоҳи оташфишон мусаллаҳ намуд. Соли 1878 англисҳо ба Кетчайво талабнома пешниҳод карданд, ки иҷрои он интиҳои истиқлолияти Зулулендро дар назар дошт. Шӯрои пешвоёни зулусҳо қарор кард, ки ин талабномаи англисҳо рад карда шавад. Баъди ин артиши британӣ ба мамлакати зулусҳо зада даромад. Зулусҳо ватани худро қаҳрамонона дифоъ мекарданд. Ин ҷанг шаш моҳ давом кард ва дар он Англия ғолиб баромада, даҳҳо ҳазор зулусҳоро қир карда, Зулулендро

асир гирифта, ба Лондон фиристоданд. Соли 1887 Англия Зулулендро расман ба ҳайати мустамликаи Натали худ ҳамроҳ кард. Дере нагузашта, англисҳо тамоми қаламрави соҳилҳои Уқёнуси Атлантикаро то Мозамбики Португалия ишғол карда, бурҳоро аз баҳр маҳрум сохтанд.

Империализми Олмон низ аз рақибони худ ақиб монданӣ набуд. Ба истилогарони олмонӣ сармоядорон роҳ мекушоданд. Соли 1883 тоҷири тамокуфурӯши Бремен Людеритс тавассути маблағи ночиз ва 260 милтиқи кӯҳна аз пешвоёни маҳаллӣ қаламрави наздисоҳилии Африқои Ҷанубу Ғарбиро аз резишгоҳи дарёи Норинҷӣ то бандари Ангре-Пекенаро харида гирифта, дар он ҷо корхонаю дӯконҳои худро бунёд мекунад. Дере нагузашта, ҳамаи ин минтақа маҳалли таҳти пуштибонии Олмон эълон карда шуд. Ашхоси аз тарафи ҳукумати Олмон ваколатдошта бо усули англисӣ амал карда, бо пешвоёни готтентотҳо ва гереро дар бораи пуштибони онҳо эътироф карда шудани Олмон созишномаҳо ба имзо мерасонанд.

Немисҳо Африқои Ҷанубу Ғарбиро ишғол карда, аҳолии маҳаллиро бераҳмона истисмор мекарданд. Ҷавобан ба ин, қабилаҳои готтентотҳо ва гереро ба муборизаи озодихоҳӣ даст



Ҷанги туарегҳо бо дастаҳои Фаронса

заданд, ки он зиёда аз 20 сол давом кард. Ин шӯриш дар солҳои 1904-1907 ниҳоят шадид буд. Моҳи январи соли 1904 готтентотҳо тахти роҳбарии пешвои худ Хендрик Витбой шӯриш бардоштанд. Дар ин шӯриш қабилаҳои гереро низ фаъолона ширкат варзиданд.

Ҷанги нобаробари готтентотҳою гереро бар зидди Олмон то соли 1908 давом кард. Дар ин ҷанг артиши Олмон ғалаба кард. Баъди ин ғалаба империализми Олмон дар Ҷанубу Ғарбии Африқо режими мустамликавии шадиди худро ташкил намуд.

Англия қаламрави бузурги Бучуаналендро саросемавор забт кард, то ки ҷумҳуриятҳои бурҳоро аз мустамликаҳои олмонӣ ҷудо созад. Калахарӣ барои мустамликадорони англис он қадар аҳамияти калон надошта бошад ҳам, пуштибон будани худро эълон намуда, баъд заминҳои нисбатан ҳосилхези дар ҷануби он бударо ба мустамликаи Кап ҳамроҳ кард. Дар ишголи байни дарёҳои Замбези ва Лимпопо ширкати британии Африқои Ҷанубӣ, ки соли 1889 ташкил карда шуда буд, саҳми калон гузоштааст ва махсусан роҳбари вай Сасил Родс. Намояндагони Родс ба гардани пешвои олии қабилаи матабелла Лобенгул шартномаеро бор карданд, ки он ба англисҳо дар тақсими қаламрави мамлакати ин қабила ва истеҳсоли маъданҳои қиматбаҳои вай ҳуқуқҳои васеъ медод. Англисҳо тавассути ин Созишномаи мушкилфаҳм дидаю диониста Лобенгулро фиреб доданд. Дар ин бора ӯ борҳо ба маликаи Британияи Кабир Виктория арз намудааст. Соли 1893 англисҳо бар зидди қабилаи матабела ба ҷанг даромаданд. Артиши матабела бар зидди артиши душмани бо силоҳи замонавии оташфишон хуб мусаллаҳбуда истодагарӣ карда натавониста, шикаст хӯрд.



**Хендрик Витбой (1824-1905)**
**Ӯ шахси босавод ва сиёсатмадор буд. Витбой ягонагии ҳабашҳоро шарти муваффақиятноки муборизаи зидди мустамликадорон медонист.**

Ҳазорон нафар ҷанговарони ин қабила аз тарафи англисҳо қир карда шуданд. Англисҳо моҳи январи соли 1894 Лобенгулро ҳам қатл карданд. Онҳо мамлакати ғораткарда ва ғарқихуншудаи халқиятҳои машон ва матабеларо бо номи англисӣ «Родезия» номгузорӣ карданд.

**Ташкил намудани иттифоқи Африқои Ҷанубӣ**. Кӯшиши аввалин забти ҷумҳуриятҳои бурҳо ва Трансваал дар соли 1877 ба вуқӯъ пайвастааст. Баъди ҷанги Англия ва Зулусҳо соли 1879 бурҳо шӯриш бардошта, муқовимати гарни-зонҳои начандон калони англисҳоро зуд шикаста, соли 1880 аз нав барқарор кардани истиқлолияти давлати худро эълон карданд. Мувофиқи созишномаҳои солҳои 1881 ва 1884, Англия истиқлолияти Ҷумҳурии Африқои Ҷанубиро дар амал эътироф кард, лекин баъди ин ҳам мисли пештара фаъолияти хориҷии мамлакатҳои бурҳо зери назорати англисҳо мондан гирифт.

Магнатҳои молиявии англисҳо дар ҶАҶ истеҳсоли тиллоро инҳисорӣ карданд ва беш аз пеш ба дастгирии сиёсии ҳукумати Британия ноил мешуданд.

Империализми Олмон робитаи худро бо бурҳо торафт мустаҳкамтар мекард. Ин ҳолат империалистони англисро ба



Мустамликадорони Олмон сарзамини қабилаҳои Гереро ишғол карданд.

ташвиш овард. Барои ҳамин, охири моҳи декабри соли 1895 иборат аз 800 нафар дастаи мусаллаҳи зархаридони ширкати англисӣ сарҳади Трансваалро гузашта, ба даруни мамлакат даромаданд. Англисҳо умед доштанд, ки шаҳри Иоҳаннесбург ва шаҳрҳои дигари ҶАҶ-ро забт мекунанд. Мебоист ба онҳо дар ин кор муҳоҷирони англис–уитлендерҳо ёрӣ мерасониданд. Вале уитлендерҳо барои ба англисҳо ёрӣ расонидан ҷуръат накарданд. Бурҳо дастаи англисҳои ба ёрӣ омадаро зуд торумор карданд. Императори Олмон Вилгелми 1 аз вазъи қулайи баамаломада истифода бурда, ба Президенти ҶАҶ Крюгер барқияи табрикӣ фиристода, ишора кард, ки Олмон бурҳоро дар муборизаашон бар зидди Англия дастгирӣ хоҳад кард. Вале ин ваъдаи императори Олмон дурӯғ баромад. Империалистони англис бошанд, ҳамоно барои барҳам додани истиқлолияти бурҳо мубориза мебурданд.

Соли 1899 Англия бо Фаронса оид ба доираи нуфуз дар Африқо ва бо Олмон дар бораи мусолиматомез тақсим кардани мустамликаҳои Португалия Созишнома ба имзо расонд. Англия баъди ин ба наздикии сарҳади бурҳо нерӯҳои ҳарбии иловагӣ фиристод. Ба ин кирдори Англия Президенти ҶАҶ Крюгер эътироз баён кард, вале он фоида набахшид, чунки ба Англия ҷанги зидди бурҳо лозим буд. Инро бурҳо дарк карда, худашон бар зидди нерӯҳои дар назди сарҳадбудаи англисҳо




**Ҷанги Англияю Бурҳо.**

аввалин шуда ба ҷанг даромаданд. Моҳи октябри соли 1899 бурҳо ба қаламрави мулкҳои Англия ҳуҷум карда, дар Натал, Бечуаналенд ва Кап ғалаба ба даст оварданд. Баъди тайёрии ҷиддӣ, англисҳо ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, то тобистони соли 1900 марказҳои асосии мамлакати бурҳоро истило карданд. Сарфи назар аз ин, ҷанг боз қариб ду соли дигар давом кард. Бурҳо оқибат шикаст хӯрда, маҷбур шуданд, ки муқобилиятро бар зидди Англия бас кунанд.

Солҳои 1906-1907 Англия бо ду мустамликаи худ – Норинҷӣ ва Трансваал ҳуқуқи худидоракунӣ дод. Соли 1910 ҳамаи мустамликаҳои англисии Ҷануби Африқо дар Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ муттаҳид карда шуданд. Британияи Кабир ба ИАҶ ҳуқуқи доминионро дод.

Дар Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ англисҳо ва бурҳо ҳуқуқи шаҳрвандӣ гирифтанд. Африқоиҳо, ки аз чор се ҳиссаи аҳолии муқимии онро ташкил мекарданд, аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрум буданд ва аз тарафи англисҳою бурҳо бераҳмона истисмор карда мешуданд.

**Давлатҳои дигари Африқои ҷанубтари Саҳрои Кабир ва Африқои Ҷанубӣ.** Қаблан дар бораи таърихи давлатҳои сершумори Африқои нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX ниҳоят кам маълумот дода будем. Тақдири ин давлатҳо низ ба тақдири давлатҳои дигари Африқои ҳамин давра хеле монанд аст. Онҳоро низ давлатҳои империалистӣ ба мустамликаҳои худ табдил медоданд. Инҳо давлатҳои Африқои Ҷанубӣ-Натал, Кап, дар Африқои ҷанубтари Саҳрои Кабир–Сенегал, Гвинея, Соҳили Оҷ, Дагомея, давлатҳои Африқои Ғарбӣ–Ғамбия, Съера-Леоне, Соҳили тиллоӣ ва қаламрави Нигери кунунӣ, давлати Ашантӣ, дар Африқои Марказӣ–Конго, давлатҳои Африқои Шарқӣ–Сомалӣ, Кения, Уганда, Бурундӣ, Руанда, Занзибар, Танганика, Мадагаскар ва давлатҳои дигари хурду калони ин минтақаҳо мебошанд, ки дар зинаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъиятӣ қарор доштанд. Дар давраҳои гуногуни таърихи нав дар тақсимоти мустамликавии ин давлатҳо Португалия,

Англия, Фаронса, Олмон, Италия, Белгия, ИМА ва Испания иштирок кардаанд. Вале дар огози асри XX дар байни мамлакатҳои империалистӣ таносуби қувваҳо тағйир меёбад. Аз ҳамин сабаб, баъзеи онҳо аз тақсимот норозӣ буданд, аз он ҷумла Олмон.

Яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги дар пешистодаи якуми ҷаҳон аз нав тақсим кардани мустамликаҳо, аз ҷумла мустамликаҳои африқоӣ буд.

## МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1. ВАҲШОНИЯТИ ҲАРБИЁНИ АНГЛИС ДАР ҶАНГИ ЗИДДИ БУРҲО

*(Аз ёддоштҳои генерали бурҳо Девет)*

Ароба ёфтан кори осон набуд, чунки англисҳо на танҳо ҳамаи он чизеро, ки аз фермаҳо горат карда буданд, бо худ гирифта мебурданд, балки чизҳои бисёреро бе мақсад оташ мезаданд. Дар фермаҳое, ки 2-3 ҷуфти гов мавҷуд буд, акнун ягонто ҳам боқӣ намонд... Занон аробаеро дар ҳолати гайёрбош нигоҳ медоштанд, то ки дар мавриди наздикшавии душман ба пинҳон шудан фурсат ёбанд ва ба лагерҳои консентратсионие, ки англисҳо дар он тараф хати истеҳкомҳо сохта, ба онҳо гарнизонҳоро вобаста карда буданд... наафтанд. Хонаҳо пурра сӯзонида ва ё тарконида мешуданд. Аз ҳама бадаш он аст, ки мебел, ҳар гуна ашёҳои хона, инчунин тухмии зироатҳою хӯрокаи чорворо ҳам оташ мезаданд. Чорворо бо худ мебурданд. Дере нагузашта, галлаҳои аспҳо пурра несг карда шуданд...Занонро чӣ?... оё дар натиҷаи ин онҳо аз шуҷоати худ маҳрум шуданд? Албатта не, зеро ҳангоме ки боздошт, аниқтараш шикори занон огоз ёфт, онҳо таваккалӣ ба ҳар сӯй мегурехтанд, то ки ба дасти душманон наафтанд...

Ин даҳшат аст! Оё ягон кас ва ягон вақт то ин ҷанг тасаввур карда метавонист, ки дар асри XX ин гуна ваҳшоният имконпазир аст? Албатта не! Ман ва ҳар яки мо медонем, ки дар ҳар гуна ҷанг куштορҳои ваҳшиёна рух медиҳанд. Вале дар ин ҷанг бавосита ё бевосита бошуурона куштани занону кӯдакони бедифоъ аз ҳар гуна эҳтимолоти бераҳмонатарин ҳам аз ҳад берун баромад. Шуморо бовар мекунонам, ки то огози ҷанг бо сарам қасам мехӯрам, ки миллати мутамаддини англис ҳатто дар замони ҷанг ҳам ба чунин ҳолат роҳ намедод. Урдугоҳҳоеро, ки дар он ҷо гайр аз занон, кӯдакон ва пиронсолон касе набуд, таваассути силоҳ ба хомӯшӣ маҷбур мекарданд!!!...

## 2.КЭМПБЕЛЛ-БАННЕРМАН ДАР БОРАИ «УСУЛҲОИ ВАҲШИЁНА»-И ҶАНГИ ЗИДДИ БУРҲО

Кэмпбелл-Баннерман (1836-1908) – яке аз пешвоёни Ҳизби «Озодихоҳ»-и либералии Англия, ҳангоми ҷанги англисҳою бурҳо усулҳои мустамликавии муҳофизакорон (консерваторон)-ро ба зери танқид гирифта, дар айни замон ба забти заминҳои ҷанубии Африқо зид набаромада буд. Дар поён порае аз нутқи ин шахс оварда мешавад, ки он соли 1901 дар палатаи намояндагони Англия эрод карда шудааст.

«Тамоми минтақаҳои ин ду давлати бурҳо истисноанд, танҳо шаҳрҳои саноати кӯҳидошта, ки биёбони ҳузнангезро мемонанд, фермаҳоро сӯзонида, мамлакатро пурра горат кардаанд. Подаҳои чорвои калону майда ё нест карда ва ё рабуда шудаанд, устохонаҳо вайрон, асбобҳои кишоварзию рӯзгор аз кор бароварда шудаанд. Ин усулест, ки ман онро ваҳшиёна меномам...»

## 3.АЗ СОЗИШНОМАИ БАЙНИ БРИТАНИЯИ КАБИР, АЗ ЯК ТАРАФ ВА ҶУМҲУРИИ АФРИҚОИ ҶАНУБӢ ВА ДАВЛАТИ ОЗОДИ НОРИНҶӢ, АЗ ТАРАФИ ДИГАР, КИ ДАР ПРЕТОРИЯ 31 МАЙИ СОЛИ 1902 БА ИМЗО РАСИДААСТ.

***Моддаи 1.*** Нерӯҳои саҳроии бурҳо бетаъхир силоҳҳои худро ба Замин мегузоранд, тӯпҳо, милтиқҳо ва ҳамаи лавозимоти ҳарбие, ки дар ихтиёри худ доранд ва ё онҳоро назорат мекунанд, месупоранд ва бар зидди ҳокимияти Аълоҳазрат Эдуарди VII, ки соҳибихтиёрии қонуни ӯро эътироф мекунанд, аз ҳар гуна муқовимат даст мекашанд.

***Моддаи 2.*** Бурҳои даштҳои берун ва ҳудудҳои Трансваал ва мустамликаи дарёи Норинҷӣ ва ҳамаи бурҳои асирони ҳарбибуда баъди изҳороти дахлдор дар бораи ҳолати шаҳрвандии худ ба Аълоҳазрат Эдуарти VII, оҳиста-оҳиста дар баробари пайдо намудани нақлиёт ба хонаҳояшон баргардонида ва бо маводи зиндагӣ таъмин карда мешаванд.

***Моддаи 3.*** Бурҳое, ки ҳамин тариқ таслим мешаванд ва ба хонаҳояшон бармегарданд, аз озодии шахсӣ ва ё моликият маҳрум карда намешаванд.

***Моддаи 7.*** Идораи ҳарбӣ дар Трансваал ва мустамликаи дарёи Норинҷӣ, агар имконпазир гардад, тезтар бо идораи намояндагие таъсис ёбад, ки он ба сӯйи худидоракунӣ мебарад...

## 4.РАҚОБАТИ АНГЛИЯЮ ФАРОНСА ДАР АФРИҚО

**(Даргириҳо дар Фашод, с. 1898)**

Бархӯрд дар Фашод натиҷаи сиёсати мустамликадоронаи ҳам Англия ва ҳам Фаронса буд, ки мехостанд мавқеи худро дар Судони Шарқӣ мустаҳкам кунанд.

Порчаеро аз дастур ба капитан Маршан, фармондеҳи дастаи сипоҳиёни Фаронса меорем, ки он 24 феврали соли 1896 гаҳия шудааст.

«Моҳи сентябри соли гузашта аз ҷониби шумо нақшаи экспедитсия

ба Убанги Боло бо мақсади паҳн намудани таъсири Фаронса ба минтақаи дарёи Нил пешниҳод шуда буд. Агар мо хоҳем, ки Англияро огоҳ кунем, бояд ба он ҷо аввалин шуда расида гирем...»

## 5. НИЯТҲОИ ФАРОНСАРО ФАҲМИДА... АНГЛИЯ БА ФАРОНСА ТАҲДИД МЕКУНАД

Дар охирҳои моҳи сентябри соли 1898 ҳукумати Англия Фаронсаро бо ҷанг таҳдид намуда, талаб кард, ки сарбозони худро аз Фашод барорад. Пораеро аз нутқи моҳи сентябри соли 1898 эродкардаи вазири молияи англис–Хикс Бич ҳамчун мисол меорем:

«...Бадбахтии бузурге мебуд, ки агар... муносибатҳои дӯстона вайрон карда мешуданд. Вале зиёда аз ҷанг магар бадбахтии дигаре вуҷуд дорад ва мо барои ҳамин аз бартараф кардани монеа худдорӣ намекунем...»

## 6. ШАРТНОМАИ ГУБЕРНАТОРИ СЕНЕГАЛ Л.ФЕДЕРБА БО ДОҲИЁНИ БАМБУК, КИ 18 АПРЕЛИ СОЛИ 1858 БА ИМЗО РАСИДААСТ

**1.**Дар ҳар ҷойи Бамбук танҳо фаронсавиҳо бошишгоҳҳои худро бино карда метавонанд.

**2**. Фаронсавиҳо дар бошишгоҳҳои худ хӯҷаини пурра мебошанд, ки дар баробари ин онҳо идораи мамлакатро ба ихтиёри доҳиёни маҳаллӣ месупоранд.

3. Фаронсавиҳо истеҳкомҳои худро барои аз душманони хориҷӣ муҳофизат кардани аҳолӣ медиҳанд.

4. Бо ҳамроҳии аҳолии маҳаллӣ ҳар кас ва бо ҳеҷ гуна пардохт тилло истеҳсол мекунад, ба зироатпарварӣ машғул мешавад, чорво мепарварад ва бино месозад.

## 7. ШАРТНОМА ДАР БАЙНИ ГУБЕРНАТОРИ СЕНЕГАЛ Л.ФИДЕРБА ВА МАДИОДИО АЗ 4-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 1863

**1.** Ҳукумати Фаронса Мадиодиоро шоҳи Кайора таъин мекунад.

**2.** Шоҳи Кайора ҳокимияти олии императори Фаронсаро эътироф мекунад ва таҳти пуштибонии Фаронса мебошад.

**3.**Музофотҳои Ндиамбур, Мбаур, Андал ва Саниохор аз Кайора ҷудо мешаванд ва бо хоҳиши онҳо ба мулкҳои Фаронсаи бо онҳо наздиктарин ҳамроҳ карда мешаванд.

**4.** Губернатор бо шоҳи Кайора ҷамъоварии андозро дар тамоми қаламрави мулкҳои ӯ таъмин мекунад...

**5.** Шоҳи Кайора бо ҳамин дар масъалаи фурӯши раияти озод ва бо мақсади ғорат ба деҳаҳо ҳамла кардан аз ҳуқуқҳои гузаштагони худ даст мекашад. Минбаъд хориҷиёнеро, ки дар қаламрави ӯ гаштугузор мекунанд, ба ғулом табдил намедиҳад.

**6.** То он вақте ки шоҳ вазифаҳои худро содиқона иҷро менамоянд, ҳукумати Фаронса дар мубориза бар зидди исёнҳои раият ва душманони хориҷӣ ба шоҳи Кайора дасти ёрӣ дароз мекунад. Бо ҳамин мақсад, таъҷилан дар пойтахти Кайора–Нгити истеҳкоме сохта мешавад, ки дар он мустақар гардидани гарнизони Фаронса муқаррар гардидааст.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1879** – шӯриши бурҳо бар зидди таҷовузкорони Англия

**1880** – истиқлолияти давлати худро аз нав барқарор кардани бурҳо

**1881-1884** – баста шудани шартномаи сулҳи Англия бо бурҳо, истиқлолияти онҳоро эътироф кардани англисҳо

**1887** – расман ба мустамликаи Англия табдил дода шудани Зулуленд

**1893** – ҷанги Англия бар зидди қабилаи Метабела

**Ох.XII.1895** – ба Трансваал зада даромадани нерӯҳои мусаллаҳи ширкати англисӣ

**1899** – барои доираи нуфуз дар Африқо баста шудани Созишнома дар байни Англия ва Фаронса

**1900-1902** – мамлакати бурҳоро истило кардани Англия

**1904-1908** – шӯриши қабилаҳои готтентотҳо ва гереро бар зидди истилогарони хориҷӣ бо сардории Хендрик Витбой

**1910** – Ба Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ муттаҳид карда шудани мустамликаҳои англисии Ҷануби Африқо

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1.Кадом мавзеъҳоро Африқои ҷанубтари Саҳрои Кабир ва Ҷануби Африқо меноманд? **2.** Барои ишғол кардани Африқои ҷанубтари Саҳрои Кабир кадом давлатҳои империалистӣ дар байни худ рақобат мекарданд? **3.**Мубориза англисҳо бар зидди зулусҳо кай ва чӣ тавр сурат гирифт? Он чӣ натиҷа дод? **4.**Мустамликаи англисии Натал кай ва чӣ тавр ташкил ёфтааст? **5.**Мустамликазабткунии

Олмон дар Африқои Ҷанубӣ кай ва чӣ тавр сурат гирифтааст? **6.** Дар бораи ҷанги озодихоҳонаи қабилаҳои готтентотҳо ва гереро бар зидди истилогарони англисӣ нақл кунед. **7.**Кай ва чӣ тавр Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ташкил ёфтааст? **8.** Дар бораи ташкил ёфтани Иттифоқи Африқои Ҷанубӣ маълумот диҳед. **9.**Дар бораи Родезия чиҳо медонед? **10.** Боз кадом давлатҳои ҷанубтари Саҳро ва Ҷануби Африқо аз тарафи давлатҳои империалистӣ забт карда шуданд? **11.**Оё Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба мустамликазабткуниҳои африқовии мамлакатҳои империалистии Аврупо алоқаманд аст? **12.**Дониши худро оид ба харитаи Африқои нимаи дуюми асри XIX–аввали асри XX санҷед. **13.**Ҳуҷҷатҳои мавзӯъро мутолиа карда, онҳоро дар алоқамандӣ ба матни мавзӯъ муҳокима кунед. **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ IV
# ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНӢ

## § 30-31. ОҒОЗИ ҶАНГ. АМАЛИЁТИ ҲАРБӢ ДАР СОЛҲОИ 1914-1916

**Оғози ҷанг.** Ҳамаи давлатҳои империалистӣ ба ҷанг тайёр буданд. Лекин барои сар кардани он баҳонае лозим буд. Дере нагузашта, он ҳам муҳайё гардид. 28 июни соли 1914 узви созмони миллии славянҳои ҷанубӣ «Млада Босна» Г. Принсип ворисн тахту тоҷи Австро-Венгрия Франс Фердинандро дар сӯйиқасд мекушад.

Австро-Венгрия худаш яккаю танҳо бар зидди Сербия ҷанг карда наметавонист, зеро дар ин сурат ба мудофиаи Сербия Русия бармехест. Бинобар ин, ҳукумати Австро-Венгрия ба иттифоқчии худ Олмон муроҷиат кард. Вилгелми 11 ба ҷанги Австро-Венгрия бар зидди Сербия розигӣ дод. Мувофиқи нақшаи Вилгелми 11, вақте ки Австро-Венгрия ба Сербия ҳуҷум мекунад, Русия бар зидди вай бармехезад. Баъди ин Олмон ба ҷанг дохил мешавад.

23 июл ҳукумати Австро-Венгрия бо шартҳои таҳқиромез ба ҳукумати Сербия ултиматум пешниҳод кард. Дар он аз ҷумла гуфта мешуд, ки Австро-Венгрия воқеаи кушта шудани Франс Фердинандро дар худи Сербия тафтиш хоҳад кард ва инчунин дар он ҷо бар зидди таблиғотчиёни зидди австровенгрӣ мубориза бурданӣ аст.

25 июл сарвазири Сербия Панич ба ултиматуми Австро-Венгрия ҷавоби мусбат дод. Ғайр аз дар Сербия гузаронидани тафтиши ҳодисаи кушта шудани Франс Фердинанд, чунки он соҳибихтиёрии Сербияро вайрон мекард, 28 июл Австро-Венгрия бо Сербия ҷанг эълон кард. Баъди ин ҳукумати Русия таъҷилан ба лашкар сафарбаркунии умумӣ эълон намуд. Вале рӯзи дигар ҳукумати Олмон ҳукумати Русияро огоҳ кард, ки агар вай ин корашро қатъ накунад, Олмон ҳам ба лашкараш сафарбарии умумӣ эълон хоҳад намуд. Ба Русия баъд дар ин бора ултиматум ҳам пешниҳод кард, лекин ҷавоби рад гирифт.

Фикри ҳукумати Олмон дар бобати бетараф мондани Англия ҳам хом баромад. Фаронса низ изҳор кард, ки Русияро дастгирӣ мекунад. Дар ҳамин вазъият 1 августи соли 1914



**Харитаи давлатҳои аъзои “Иттифоқи Сегона” ва “Антанта”.**

Олмон аввал бо Русия ва 3 август бо иттифоқчии вай Фаронса ҷанг эълон намуд.

Лашкари Олмон аввалин шуда, ба Белгия зада даромад. Бо баҳонаи муҳофизати давлати бетараф, Англия 4 август бо Олмон ҷанг эълон кард. Олмону Австро-Венгрия, аз як тараф ва Англия, Фаронса ва Русия, аз тарафи дигар, ба ҷанг дохил шуданд. Дере нагузашта, ба он Ҷопон ва Туркия ҳам аз тарафи Иттифоқи Сегона ба ҷанг даромаданд. Ҳамин тавр, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ огоз ёфт. Ба он 36 давлати ҷаҳонӣ ва лашкари зиёда аз 70 миллионнафараи онҳо кашида шуданд.

**Хусусияти империалистии ҷанги ҷаҳонӣ.** Ҳар як мамлакати ба ҷанг дохилшуда мақсадҳои истилогаронаи худро дошт. Империализми Олмон иқтидори бузурги баҳрии Англияро ба нестӣ расонида, бо ҳамин, рақобати вайро дар бозорҳои ҷаҳонӣ суст гардонда, нуқтаҳои асосии такягоҳро дар баҳру уқёнусҳо ба даст даровард а, мустамликаҳои Англия, Фаронса, Белгия ва Португалияро ба фоидаи худ аз нав тақсим карда, ноҳияҳои сарҳадии фаронсавии Лонгвӣ ва Брис ва минтақаҳои саноатии Белгияро зада гирифта, Наздибалтикаро аз Русия ҷудо карда, губернияи Шоҳии Полша ва Украинаро аз худ карданӣ буд. Олмон ва Австро-Венгрия бошанд, дар нимҷазираи Балкан мавқеашонро мустаҳкам карданӣ буданд.

Австро-Венгрия мақсад дошт, ки славянҳои ҷанубиро ба итоати худ дарорад ва дар Балкан ҳукмрон шавад. Вай Сербия

ва як қисми Шоҳии Полша, Подолия ва Волинро аз Русия кашида гирифтанӣ буд.

Туркия ният дошт, ки Қафқозро ба даст дарорад.

Англия мақсад дошт, ки аз Олмон мустамликаҳояшро кашида гирад ва онро ба давлати дуюмдараҷа табдил диҳад. Инчунин Туркия, Байнаннаҳрайн ва нимҷазираи Арабистони аз нефт бойро ба мустамликаи худ табдил диҳад.

Фаронса на танҳо барои баргардонидани Элзас ва Лотарингия, инчунин барои иқтидори Олмонро ба нестӣ расонидан, соҳилҳои чапи дарёи Рейну вилояти бойи Саари немисӣ ва Сурия, Фаластин ва мамлакатҳои дигари арабро ба даст даровардан ва мустамликаҳои Олмонро тақсим кардан мубориза мебурд.

Русия дар баробари дар Балкан ҳимоя кардани манфиатҳои худ, мехост, ки гулӯгоҳҳои Босфору Дарданел ва Галитсияю поёноби дарёи Неманро аз худ кунад.

Ҷопон бошад, мустамликаҳои Олмонро дар Уқёнуси Ором ба даст даровардани буд. Ғайр аз ин, вай мехост, ки ҳукмронии худро бар Чин мустаҳкам кунад. Дар ин ҷанг танҳо халқи Белгия ва баъзе мамлакатҳои нимҷазираи Балкан барои истиқлолияти миллии худ мубориза мебурданд.

**Амалиётҳои ҷангӣ дар соли 1914.** Давлатҳои ба ҷанг дохилшуда ҳар яке нақшаи ҷангии худро дошт. Олмон аз рӯйи «Нақшаи Шлиффен» амал мекард. Чунин номро ин нақша аз рӯйи номи сардори Ситоди қувваҳои мусаллаҳи Олмон Шлиффен, ки дар арафаи саршавии ҷанг вафот карда буд, гирифтааст. Мувофиқи ин нақша Олмон Белгияю Люксембургро, ки сарҳадҳояшон на он қадар мустаҳкам



Вердени харобгашта

буданд, рахна карда, ба қаламрави Фаронса зада даромада, онро маҷбур карданӣ буд, ки таслим шавад. Баъди ин навбат ба торумор кардани Русия фаро мерасид.

Дере нагузашта, лашкари Олмон артиши Белгияро торумор карда, ба Фаронса ҳуҷум меорад. Вай дар шимоли он бо гурӯҳи калони лашкари англисӣ вохӯрд. Немисҳо лашкари Англияро маҷбур карданд, ки ақиб нишинад. Баъд лашкари Олмон ба Париж ҳуҷум кард. Мувофиқи «ваъда»-и Вилгелми II Олмон Фаронсаро то тирамоҳ ба хок яксон карданӣ буд.

Вақте ки лашкари Олмон ба забти Фаронса машғул буд, лашкари Русия маҷбур шуд, ки ба иттифоқчии худ – Фаронса ёрӣ расонад. Барои ҳамин сарбозонаш ба Пруссияи Шарқӣ зада даромада, Фаронсаро аз торуморшавӣ наҷот доданд. Сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Олмон маҷбур шуд, ки як қисми лашкарро аз майдони ҳарбу зарби Фаронса бароварда, ба Пруссияи Шарқӣ равон кунад. Лашкари Олмон дар наздикии Мазур ба русҳо шикаст дода, онҳоро аз Пруссияи Шарқӣ пеш карданд. Дар ҷабҳаи ҷанубӣ бошад, қувваҳои ҳарбии Русия хати мудофиаи Австро-Венгрияро убур намуда, қалъаи Перемишлро муҳосира карда, қисми Полша ва Галитсия (Украинаи Ғарбӣ)-ро ишғол намуданд. Лашкари немисии ба ин ҷо омада ба иттифоқчии худ ёрӣ расониданӣ буд, вале онро лашкари русҳо фишор дода, ба ақиб партофт. Баъди ин лашкари русҳо боз ба Пруссияи Шарқӣ зада даромад. Фармондеҳи лашкари Олмон маҷбур шуд, ки боз 6 корпуси дигарро барои ёрӣ ба ҷабҳаи шарқӣ фиристонад. Ин иқдом аҳволи фаронсавиҳоро каме сабуктар кард.

Тирамоҳ маълум гардид, ки нақшаи «Ҷанги Барқосо»-и Олмон барбод рафтааст. Моҳи сентябри соли 1914 дар назди дарёи Марна задухӯрди калони лашкари Олмон бо лашкари Фаронса ва Англия ба амал омад. Аз ҳар ду тараф дар он зиёда аз 1,5 млн кас иштирок кард. Лашкари Фаронсаю Англия ба ҳуҷум гузашта, 9 сентябр бар лашкари Олмон дастболо шуд. Немисҳо маҷбур шуданд, ки ақибнишинӣ кунанд. Онҳо танҳо дар наздикии дарёи Эне ақибнишиниашонро бас карда, ба мудофиа гузаштанд.

Нақшаи немисҳо дар бораи он, ки аввал Фаронсаро торумор карда, баъд кори русҳоро тамом мекунанд, барбод рафт. Олмон маҷбур шуд, ки дар ду ҷабҳа ҷанг кунад.

**Амалиётҳои ҷангӣ дар соли 1915.** Ситоди қувваҳои мусаллаҳи Олмон нақшаи амалиёти ҳарбиро барои соли 1915 кор карда баромад. Мувофиқи он Олмон қувваҳои асосии худро бар зидди Русия равон карданӣ буд.

Моҳи феврал лашкари немисҳо дар Пруссияи Шарқӣ ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашт. Моҳи март ба лашкари немисҳо муяссар шуд, ки дар он ҷо ба лашкари русҳо зарба занад.

Қувваҳои муттаҳидаи немисҳою австровенгерҳо дар Горлитса хати мудофиаи фаронсавиҳоро рахна карданд. Ҷузъу томҳои лашкари немисӣ дар самти шимолтари Варшава ба ҳуҷуми зидди русҳо гузаштанд. Моҳи августи соли 1915 онҳо ин шаҳрро ишғол карда, русҳоро маҷбур карданд, ки ақибнишинӣ кунанд.

Лашкари Олмон ва Австро-Венгрия то тирамоҳ тамоми Полшаро аз сарбозони Русия озод ва қисмати Наздибалтикаро ишғол карданд. Иттифоқчиён мехостанд, ки Русияро ба сулҳи сепаратӣ маҷбур созанд, вале ин кор ба онҳо муяссар нашуд. Дар ҷабҳаи шарқӣ бар зидди русҳо нисфи қувваҳои мусаллаҳи Олмон ва Австро-Венгрия андармон шуд.

Дар ҷабҳаи ғарбӣ Олмон бар зидди киштиҳои Англия дар муҳорибаҳои баҳрӣ бори аввал киштиҳои зериобиро истифода бурда, ба онҳо қирон овард. Киштиҳои зериобии Олмон ба киштиҳои боркаш ва мусофиркашонии давлатҳои гуногун ҳам ҳамла карда, онҳоро ғарқ мекарданд. Ин кирдори Олмон эътирози ҳаққонии мамлакатҳои ҷаҳонро ба вуҷуд овард.




Танкҳои аввалини Англия, ки дар хоки олмон ба ҷанг даромадаанд.

Дар ҷабҳаи ғарбӣ Олмон бар зидди киштиҳои Англия дар муҳорибаҳои баҳрӣ бори аввал киштиҳои зериобиро истифода бурда, ба онҳо қирон овард. Киштиҳои зериобии Олмон ба киштиҳои боркаш ва мусофиркашонии давлатҳои гуногун ҳам ҳамла карда, онҳоро ғарқ мекарданд. Ин кирдори Олмон эътирози ҳаққонии мамлакатҳои ҷаҳонро ба вуҷуд овард.

Баҳори соли 1915 дар Ипр немисҳо аввалин маротиба бар зидди лашкари рақибони худ моддаи заҳрноки қатли омро истифода бурданд.

Ба Италия дар Иттифоқи Сегона будан ҳеҷ фоидае намеовард. Барои вай ваъдаҳои давлатҳои Антанта бештар маъқул буданд. Барои ҳамин, вай аз иттифоқи Олмон ва Австро-Венгрия баромада, моҳи майи соли 1915 алайҳи Олмон ва Австро-Венгрия ҷанг эълон кард. Италия бо ин интихоби худ ба Антанта даромаданашро исбот намуд. Олмон ва Австро-Венгрия маҷбур шуданд, ки қисми қувваҳои худро бар зидди Италия равон кунанд.

Тирамоҳи соли 1915 Булгория аз тарафи Иттифоқи Сегона ба ҷанг даромад ва ин иттифоқ номи «Иттифоқи Чоргона» (Олмон, Австро-Венгрия, Туркия ва Булгория)-ро гирифт. Лашкари муттаҳидаи Австро-Венгрия, Олмон ва Булгория ба муқобили Сербия ба ҳуҷум гузашт. Англия, Фаронса ва Русия ба ёрии Сербия лашкар фиристоданд. Бо ҳамроҳии артиши Сербия онҳо ҷабҳаи Балканро ташкил карданд.



**Истифодаи аввалини гази заҳрнок (химиявӣ) дар Белгия.**

**Амалиётҳои ҷангӣ дар соли 1916.** Ҳукуматдорони Олмон диданд, ки соли 1915 дар ҷабҳаи шарқӣ бар зидди русҳо ба нокомӣ дучор шуданд, қарор доданд, ки аввал қувваҳои Фаронсаро дар муҳориба беҳолу бемадор карда, баъд зада дур партоянд. Барои ҳамин, лашкари немисҳо 21 феврали соли 1916 аз самти Верден ба ҳуҷум гузашт. Дар ин ҷо ҳайати фармондеҳии лашкари Олмон ба пирӯзӣ бовар дошт. Вале, тавре ки баъдтар маълум гардид, ин кор басо мушкил будааст.

Пиёдааскарони лашкари немисӣ дар ин ҷо ба муқобилияти сахти ҷавобии сипоҳиёни фаронсавӣ дучор шуданд. Дар зарфи шаш моҳ ба лашкари Олмон муяссар нашуд, ки ба муваффақияти чашмрасе ноил шаванд.

Русҳо барои ба фаронсавиҳою англисҳо ёрӣ расонидан боз ба ҳуҷум гузаштанд. Моҳи июн сарбозони ҷабҳаи ҷанубу ғарбӣ, ки сарфармондеҳи он генерал А.А. Брусилов буд, хати мудофиаи Олмону Австро-Венгрияиро рахна карда, қувваҳои душманро то 80-100 км ба ақиб партофтанд. Фармондеҳии артиши Олмон маҷбур шуд, ки аз майдони ҳарбу зарби ҷабҳаи ғарбӣ як қисми лашкарашро ба ҷабҳаи ҷанубу ғарбӣ бар зидди сарбозони генерал А.А.Брусилов равон кунад. Ба ин нигоҳ накарда, лашкари русҳо қисми Галитсия ва Буковинаро ба даст даровард. Дар ин самт қисми лашкари немисҳо ба муқобили Руминияи аз тарафи Антанта баҷангдаромада ҳуҷум кард. Русия маҷбур шуд, ки ҷабҳаи худро дар ин минтақаи ҷанг ба масофаи қариб 500 км дарозтар кунад, то ки ҳуҷуми иттифоқчии нави худ Руминияро дастгирӣ намояд.



**Қабристони аскарҳои Фаронса**

Англияю Фаронса дар ҷабҳаи ғарбӣ аз сустшавии Олмон истифода бурда, моҳи июл дар самти Сом ба ҳуҷум гузашт. Дар ин ҷо муҳорибаҳои шадиди дуру дароз то тирамоҳ давом карданд. Немисҳо моҳи декабр дар наздикии Верден ба мудофиа гузаштанд. Дар ин ҷо яке аз муҳорибаҳои калонтарини Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба амал омадааст. Муҳорибаи дар назди Верден баамаломадаро «Гӯштқимакунии Верден» номидаанд. Он аз ду тараф қариб як миллион нафар одамонро ба коми худ фурӯ бурдааст.

Акнун ҳукуматдорони Олмон дигар ба ғалаба бовар надоштанд. Минбаъд онҳо дар ғами аз шикаст наҷот додани мамлакати худ буданд.

## ҲУҶҶАТҲО

### 1. ТАЛАБИ ҚАТЪИИ АВСТРО-ВЕНГРИЯ БАР ЗИДДИ СЕРБИЯ АЗ 23 ИЮЛИ СОЛИ 1914

28 июни соли 1914 аъзои созмони миллатгароии Сербия «Народна Одобрана» дар ш. Сараево (Босня) вориси тоҷу тахти Австрия эрсгерсог Франсро қатл карданд. Қатли Франс-Фердинандро Австро-Венгрия ва Олмон барои оғоз кардани ҷанги ҷаҳонӣ истифода бурданд. Ҳукумати Австро-Венгрия аз ҳукумати Олмон хоҳиш намуд, ки онро дар ҷанги зидди Сербия дастгирӣ кунад, ба шарте ки ин ҷанг ба ҷанги аврупоӣ табдил ёбад. Ҳукумати Олмон ваъда дод, ки «дар ҳар ҳолат» Австро-Венгрияро дастгирӣ мекунад. Олмон Австро-Венгрияро саросема мекунонд, ки фурсати қулайро аз даст надиҳад. 29 июл ҳукумати Австро-Венгрия ба ҳукумати Сербия талабномаи қатъӣ пешниҳод намуд.

Дар поён чанд лаҳзаи ин талабномаро мисол меорем.

**1.** Ҳамаи нашрияхое, ки нисбати мутлақият кинаю адоватро бедор мекунанд ва гамоюли умумии онҳо зидди якпорчагии вай мебошад, манъ карда шаванд.

**2.** Ҷамъияте, ки «Народна Одобрена» ном дорад, таъҷилан пароканда ва ҳамаи воситаҳои таблиғотии он мусодира карда шаванд... Ҳукумати шоҳӣ тамоми чораҳои заруриро меандешад, ки созмонҳои парокандашуда фаъолияти худро бо номи дигар ва дар намуди дигар давом дода натавонанд.

**10.** Дар бораи иҷрои чораҳои дар моддаҳои болоӣ пешбинишуда таъҷилан ба ҳукуматҳои императорӣ ва шоҳӣ хабар дода шавад.

### 2. ШАРҲИ ЭЙР КРОУ, ЯКЕ АЗ МУШОВИРОНИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ ЭДУАРД ГРЕЙ БА БАРҚИЯИ САФИРИ АНГЛИЯ ДАР ПЕТЕРБУРГ БЮКЕНЕН

*Лондон, 25 июли с. 1914*

Фаҳмост, ки Фаронса ва Русия ба мушти бардошта ҷавоб гардониданианд. Мо оид ба тарафи ҳуқуқии муттаҳамкунии Сербия чӣ хел ақидае, ки дошта

бошем. Фаронса ва Русия ин ҳамаро баҳона меҳисобанд ва ба таври ниҳоӣ масъалаи нисбатан калон – муборизаи Иттифоқи Сегона бар зидди Ризоияти Сегона (Антанта-шарҳи Т.З.) ба миён омадааст...

Муҳимаш он аст, ки оё Олмон дар пеш бурдани ин ҷанг ба қарори қатъӣ омадааст, ё не?

Ҳоло имконият ҳаст, ки пеши роҳи нияти Олмон гирифта шавад. Ба он фаҳмондан зарур аст, ки дар сурати сар задани ҷанг Англия дар ҷониби Фаронса ва Русия хоҳад буд...

...Агар ҷанг сар занад ва Англия дар он ширкат наварзад, пас чунин ҳолат рӯй хоҳад дод:

а) агар Олмон ва Австрия ғалаба кунанд, пас онҳо Фаронсаро пахш ва Русияро таҳқир мекунанд. Флоти Фаронса нест мешавад, Олмон дар натиҷаи ҳамкории ихтиёрӣ ва ё зӯракӣ бо Ҳолландия ва Белгия каналро аз они худ мекунанд. Дар он сурат ҳолати аз дӯстон маҳрумшудаи Англия чӣ тавр хоҳад шуд?

**Қайдҳои ёрдамчии Грей Артур Николсон**

Моддаҳое, ки сэр Э.Кроу пешниҳод кардааст, ҷолиби диққатанд ва бегуфтугӯ кабинет вазъиятро таҳлил мекунад. Русия ба мавқеи мо дар ин буҳрон ҳамчун санҷиши аввалин баҳо медиҳад ва мо бояд ниҳоят эҳтиёткор бошем, ки онро аз худ дур накунем.

**Қайдҳои Эдуард Грей**

Имрӯз Черчилл ба ман изҳор кард, ки флотро дар зарфи 24 соат сафарбар кардан мумкин аст. Вале ба фикри ман ҳоло дар ин бора ба Русия ва Фаронса хабар додан барвақт аст...

## 3. АЗ ХАБАРИ РАСМИИ ФАРОНСА АЗ 12 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1914

24 август задухӯрд дар ҷабҳаи Париж-Верден сурат гирифт. Аз ибтидо сар карда, паҳлӯи рости лашкари немисҳо таҳти роҳбарии фон Клук, ки 24 август то пули Провен ба пеш рафта буд, аз хавфи он, ки мо онҳоро печонида мегирем, ақибнишинӣ кард; ба ӯ муяссар гардид, ки ин хавфро паси сар карда, дар самти шимолу ғарбӣ аз тарафи Урка давр зада, ба паҳлӯи артиши мо ҳамла орад.

Вале ба лашкари фаронсаю англисӣ муяссар гардид, ки ба душман талафоти калон диҳад ва ӯро дар ҳамон қадар масофае боздорад, ки дар ҷойҳои дигар барои муваффақияти пешравии мо зарур аст.

Феълан душман ба ҷониби дарёҳои Эн ва Уаза ақиб менишинад. Ба таври дигар гӯем, ӯ дар зарфи чор рӯз то 60-70 километр ақибнишинӣ кард...

Ҳамин тариқ, оғози бархӯрд дар Марна бо бартарияти иттифоқчиён сурат мегирад, чунки паҳлӯи рост ва маркази немисҳо ҳоло ақибнишинӣ мекунад.

## 4. АЗ ЁДДОШТҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ФАРОНСА ПАУНКАРЕ

«...Дар Шарқии Аврупо бошад, ҳамоно рӯшноии шуълаи заифе чашмак мезанад: генерал де Лагиш барқия мефиристонад, ки муваффақиятҳои охирини русҳо Пруссияи Шарқиро ба дасти онҳо дод. «Тавассути сипоҳи ками мунтазам ва эҳтиётӣ дар назди қалъаҳо монеа гузошта, қисми асосии артиш саросемавор ба пеш ҳаракат кард... Дар Галитсия задухӯрди калоне, ки якчанд рӯз пештар оғоз ёфта буд, давом мекунад. Натиҷаҳои беҳамто дар шарқ ба даст оварда шудаанд, вале дар ғарб ҳоло натиҷаҳои ниҳоӣ маълум нестанд». Ба ҳар ҳол, ин

бароради артиши русҳо аҳволи моро дар ҷабҳаи шаркӣ беҳтар мекунад ва генерал Жоффр (сарфармондеҳи артиши Фаронса) барои ин ... ба князи бузург Николай Николаевич миннатдории бепоён изҳор менамояд».

### 5. АЗ МАКТУБИ САФИРИ ИМА ДАР АНГЛИЯ УОЛТЕР ПЕЙҶ БА МУШОВИРИ ПРЕЗИДЕНТ ВИЛСОН ПОЛКОВНИК ХАУЗ АЗ 11 МАЙИ СОЛИ 1914

Қариб ҳамаи ҳукуматҳои Аврупо муфлис мешаванд. Олмон аз баҳр нест мешавад ва баъди даҳ сол ба хотир овардани даҳ соли қаблии Аврупо [illegible] мешавад. Ана, ҳамон вакт тамоми ояндаи ҷаҳон аз ҳарвақта дида бештар дар дасти мо хоҳад буд...

### 6. АЗ НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТИ ИМА ВИЛСОН 10 ИЮЛИ СОЛИ 1916 ДАР МАҶЛИСИ СОҲИБКОРОН ДАР ШАҲРИ ДЕТРОЙТ

«Мо бояд дар ҷаҳон ба мақоми калон соҳиб шавем...Оё шумо аҳамияти танҳо як далелро ба назар гирифта метавонед, ки дар як ва ё ду соли охир мо аз қарздор будан халос шуда, ба мамлакати қарздиҳанда табдил ёфтаем. Мо соҳиби захираи бузурги тиллои ҷаҳон ҳастем... Мо ягон вакт ин қадар тилло надоштем. Акнун аз ҳамин вакт сар карда, кори мо қарз додан, ба корхонаҳои бузурги байналхалқӣ ёрӣ расонидан ва ба пеш ҳаракат додани онҳо мебошад. Ба мо зарур меояд, ки ба қисми зиёди ҷаҳон маблағгузорӣ кунем. Онҳое, ки ба ҷаҳон маблағгузорӣ мекунанд, бояд онро донанду фаҳманд ва аз рӯйи донишу иродаи худ идора карда тавонанд».

## САНАҲОИ МУҲИМ

**28.VI.1914** – аз тарафи узви созмони славянҳои ҷанубии «Млада Босна» Г.Принсип кушта шудани вориси тахту тоҷи Австро-Венгрия Франс Фердинанд

**23.VII.1914** – ба ҳукумати Сербия ултиматум пешниҳод кардани ҳукумати Австро-Венгрия

**28.VII.1914** – бо Сербия ҷанг эълон кардани Австро-Венгрия

**1.VIII.1914** – бо Русия ҷанг эълон кардани Олмон ва оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ

**3.VIII.1914** – бо Фаронса ҷанг эълон кардани Олмон

**4.VIII.1914** – бо Олмон ҷанг эълон кардани Англия

**V.1915** – аз Иттифоқи Сегона баромада, бар зидди Олмон ва Австро-Венгрия ҷанг эълон кардани Италия

**XII.1916** – дар наздикии Верден ба амал омадани муҳорибаи калонтарини Ҷанги якуми ҷаҳонӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Кадом воқеа барои сар шудани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ баҳона шуд? **2.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кай ва чӣ тавр огоз ёфт? **3.**Хусусиятҳои империалистии Ҷанги якуми ҷаҳониро бо далелҳо муайян кунед. **4.** Лашкари Русия ба артиши Фаронса ва Англия чӣ тавр ёрӣ мерасонд ва баръакс? **5.**Дар наздикии дарёи Марна кай муҳориба ба амал омад? Дар он чӣ қадар қувва иштирок кард? **6.** Оё нақшаи ҷангии немисҳо иҷро гардид? **7.**Чаро Италия аз Иттифоқи Сегона баромада, бар зидди Олмон ва Австро-Венгрия ҷанг эълон кард? **8.** Ба ҳайати «Иттифоқи Чоргона» кадом давлатҳо дохил буданд? **9.**Немисҳо дар Ипр кадом силоҳи навро санҷиданд? **10.**Муҳорибаи дар Верден баамаломадаро чаро «Гӯштқимакунии Верден» номидаанд? **11.** Ҳар як ҳуҷҷаги мавзӯъро мавриди баҳсу мунозира қарор диҳед. **12.** Муайян кунед, ки кадом давлат дар арафаи ҷанг чӣ гуна тактикаи сиёсиро пеш гирифта буд?

## § 32-33. РАФТИ ҶАНГ ДАР СОЛҲОИ 1917-1918 ВА ХОТИМА ЁФТАНИ ОН

**Рафти ҷанг дар соли 1917.** Аз сабаби ба итмом расидани захираҳо ва ҳаракати пурзӯри зиддиҷангии халқ дар Олмон, Австро-Венгрия, Фаронса, Англия ва Русия вазъият тезу тунд шуд. Ҳукуматдорони ин мамлакатҳо умедашонро акнун аз ғалаба канда, роҳи аз ҷанг баромаданро мекофтанд. Роҳбарони Олмон дар бораи бас кардани ҷанг фикри хешро ба мамлакатҳои аъзои Антанта расонданд. Иттифоқчии он Австро-Венгрия бошад, ба Фаронса сулҳ таклиф кард. Империализми Олмон ба давлатҳои Антанта сулҳ бастанӣ буд, вале сулҳи баробар ба ғалаба. Вилгелми II гуфта буд, ки шартҳои сулҳ «бояд аз он иборат бошанд, ки мо аз душманон пул, ашёи хом, пахта, равған гирифта, ҳамаи онро аз кисаи онҳо ба кисаи худ гузорем». Давлатҳои Антанта ба ин ҳаргиз розӣ шуда наметавонистанд.

Дар солҳои ҷанг ИМА ба давлатҳои Антанта лавозимоти ҷангӣ ва озуқа фурӯхта, аз ин ҳисоб сарвати фаровон ғун кард. Акнун империализми ИМА бо ин бойгарию тавоноиаш мехост, ки ҳукмрони ҷаҳон шавад. Танҳо баъди се соли ҷанг–моҳи апрели соли 1917 бо ҳамин мақсад бо Олмон ҷанг эълон кард. Ин хабарро шунида, ҳукуматдорони Англия ва Фаронса саросема шуданд. Онҳо дар фикри он буданд, ки ИМА аз

музаффариятҳояшон истифода набарад. Барои ҳамин, ғалабаи худро бар давлатҳои гурӯҳи олмонӣ тезонданӣ буданд. Вале ба Англия ва Фаронса муяссар нашуд, ки то ба Аврупо расида омадани артиши ИМА Олмонро шикаст бидиҳанд. Ғайричашмдошт, моҳи октябри соли 1917 лашкари Олмон ва Австро-Венгрия дар Капоретто ба лашкари Италия зарбаи сахт зад ва қариб буд, ки онро торумор кунад. Артиши Фаронса ва Англия мошинсавор зуд ба он ҷо расида омаданд ва базӯр пеши роҳи артиши Олмон ва Австро-Венгрияро гирифтанд ва нагузоштанд, ки онҳо ба дарунтари Италия сар даророанд.

Муҳорибаҳо дар ин сол дар ҷабҳаҳои дигар ҳам давом карданд, вале онҳо бештар ба фоидаи Антанта анҷом меёфтанд.



Амалиёти ҳарбӣ дар ҷабҳаи Шаркӣ (солҳои 1914-1917)

**Бухрон дар мамлакатҳои Аврупо.** Дар давраи ҷанг ҳукуматҳои мамлакатҳои иштирокчии ҷанг озодиҳои демократӣ-озодии маҷлису гирдиҳамоиҳо, озодии сухан, фаъолияти мақомоти намояндагии халқ ва муассисаҳои дигари демократиро маҳдуд карданд. Онҳо давлатро тавассути силоҳ идора мекарданд. Чунин ҳукуматҳо танҳо ба манфиати сармоядорони калон ва олигархияи молиявӣ хизмат карда метавонистанд. Табақаҳои дигари аҳолӣ бе ҳимояи давлат монда буданд.

Иқтисодиёти мамлакатҳои иштирокчии ҷанг ба роҳи ҳарбӣ даровварда шуда буд. Зиёда аз 70 фоизи саноати калон ва нисфи саноати сабук ба нафъи ҷанг маҳсулот мебароварданд. Истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ниҳоят кам шуд. Аҳволи халқи заҳматкаш чи дар ҷабҳа ва чи дар ақибгоҳ хеле вазнин буд ва он рӯз то рӯз бадтар мешуд. Бо сабаби вазъияти вазнини таъминот ва бесару сомонии давраи ҷанг ҳаннотию порахӯрӣ ва дуздию ғоратгарӣ авҷ гирифт. Ба замми ин, қиматӣ аҳволи бе ин ҳам вазнини аҳли меҳнатро боз ҳам тоқатфарсотар кард. Эътирози мардум бар зидди ҷанг торафт меафзуд. Дар солҳои 1914-1917 дар мамлакатҳои иштирокчии ҷанг шумораи корпартофтагон бемайлон зиёд мешуд.

Корпартоиҳо дар Чехия, Австрия, Руминия, Русия ва мамлакатҳои дигар ба амал омаданд.

Моҳи январи соли 1918 як қисми сотсиал-демократҳои Олмон, ки худро гурӯҳи «Спартак» меномиданд ва зидди ҷанг буданд, ба ҳаракати зиддиҳукуматии халқ роҳбарӣ карданд. 28 январ таҳти роҳбарии онҳо дар Берлин корпартоии оммавии муқобилони ҷанг доир гардид, ки дар он қариб ним миллион кас иштирок кард. Корпартоиҳои сиёсӣ музофотҳои Саксония, Бавария, Рейн-Вестфалия ва баъзе музофоту шаҳрҳои дигари саноатии Олмонро ҳам фаро гирифтанд. Дар корпартоиҳои сиёсии моҳи январи соли 1918 зиёда аз як миллион нафар муқобилони ҷанг иштирок карданд. Онҳо бас кардани ҷанг, нон ва озодиҳои демократӣ талаб мекарданд.



Ғалабаи Инқилоби Феврал дар Русия.



Гвардиячиёни Сурх.

Дар охирҳои соли 1916 ва аввали соли 1917 дар Русия ҳам бухрони инқилобӣ ба амал омад. Вазифаҳои он аз сарнагун кардани ҳукумати подшоҳӣ, барпо намудани ҷумҳурии демократӣ, ба халқ додани озодии демократӣ ва аз ҷанг баровардани Русия иборат буданд.

23 феврали соли 1917 ин инқилоб дар Петербург оғоз ёфт. 3 март подшоҳи Русия Николайи II, аз ноилоҷӣ, аз баҳри тоҷу тахт даст кашид. Дар Русия инқилоби буржуазию демократии Феврал ғалаба кард. Моҳи августи соли 1917 Русия ҷумҳурӣ эълон карда шуд.

Вале ҳокимияти ҷумҳурӣ дар Русия дер давом накард. 25 октябри соли 1917 дар Петербург табаддулоти инқилобӣ ба амал омад, ки дар натиҷа дар Русия дар шакли шӯроҳо диктатураи пролетариатӣ РКП (б) барпо гардид. Баъди ғалаба, болшевикони Русия аз Олмон сулҳ талабиданд. 3 марти соли 1918 Русияи Шӯравӣ бо Олмон сулҳи алоҳида баста, бо ҳамин аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ баромад.

**Амалиётҳои ҷангӣ дар соли 1918.** Моҳҳои март-июли соли 1918 лашкари Олмон дар маҳаллаҳои Аррасу Лафар ва дар Фландрия бар зидди лашкари Англия дар Шампан ва дар водии дарёи Марна бар зидди лашкари Фаронса 4 маротиба ҳуҷум кард. Дар ин ҳуҷумҳо лашкари Олмон садҳо ҳазор нафар аскарҳои худро қурбон кард. Ба ин нигоҳ накарда, дар ин самт вай бар лашкари Англия ва Фаронса галабаи ҷиддие ба даст оварда натавонист. Маълум буд, ки дигар зӯри Олмон ва иттифоқчиёнаш ба давлатҳои Антанта намерасад.

Баҳори соли 1918 Антанта ҷабҳаи амалиёти ҷангии худро васеъ кард. Давлатҳои ин гурӯҳи ҳарбӣ бар зидди Русия таҷовузи ҳарбӣ ташкил карданд, ки он то соли 1920 давом кард. Ин давлатҳо мехостанд, ки ҳокимияти шӯроҳоро дар Русия барҳам зананд. Қувваҳои асосии зарбазанандаи ин таҷовузкоронро Англия, Фаронса, ИМА ва Ҷопон ташкил мекарданд. Лашкаркашии давлатҳои номбурда бар зидди Русияи Шӯравӣ барор нагирифт.

Лашкари беҳолу бемадори Олмон дигар қобилияти ғалаба карданро аз даст дода буд. 18 июли соли 1918 лашкари Англия ва Фаронса ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, он ҷойҳоеро, ки Олмон моҳи май ба даст дароварда буд, бозпас баргардонид.

Дар миёнаҳои моҳи сентябр дар назди Сен-Мишел давлатҳои Антанта ба ҳуҷуми умумии мавқеъҳои душман сар карданд. Лашкари Олмон талафоти калон медод ва дигар пеши роҳи рақибони пурзӯри худро гирифта наметавонист. Акнун шикасти Иттифоқи Чоргона яқин шуд.

15 сентябри соли 1918 қувваҳои ҳарбии Булғористон дар наздикии Добро-Поле аз лашкари Антанта шикаст хӯрданд. Гурӯҳи калони сарбозони булгор дар муҳосира монда асир афтоданд. 29 сентябр намояндаи Булгория ба Созишномаи сулҳи



**Аз тарафи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи иттифоқчиён (Антанта) маршал Фош ба имзо расонидани акти таслимшавӣ.**

таслимшавӣ имзо гузошта, аз ҷанг баромадани мамлакаташро тасдиқ намуд. Баъди Булғория, 31 октябр Туркия ҳам ба Созишномаи сулҳ имзо карда, аз ҷанг баромад.

Таслимшавии Булғория ва Туркия аҳволи Олмон ва Австро-Венгрияро боз ҳам вазнинтар кард. 3 ноябр боқимондаҳои лашкари Австро-Венгрия ба лашкари Италия таслим шуданд. Бо ҳамин Австро-Венгрия ҳам аз ҷанг баромад.

Шикастхӯрии Австро-Венгрия ба парокандашавии ин империя оварда расонд. Чехия ва Словакия аз он баромада, Чехословакияро ташкил карданд. Венгрия ҳам истиқлолияти худро эълон намуд. Давлату халқҳои дигари империяи Австро-Венгрия низ истиқлолият ба даст оварданд.

**Инқилоб дар Олмон**. 3 ноябри соли 1918 дар бандари Кил баҳрнавардон шӯриш бардоштанд. Ин воқеа оғози инқилоби Олмон буд. Рӯзи дигар шӯриш тамоми флотро дар бар гирифт. Дар зарфи якчанд рӯз инқилоб саросари мамлакатро фаро ґирифт. Вазъияти ҳукуматдорони Олмон хеле хавфнок шуд. Вилгелми II маҷбур шуд, ки ба Ҳолландия гурезад. 9 ноябр инқилоб пойтахти Олмон ш. Берлинро ҳам фаро гирифт. 10 ноябр дар шаҳр ҳокимият ба дасти ваколатдорони сотсиал-демократҳо (роҳбари онҳо Эберт) гузашт. Дар Олмон мутлақият барҳам хӯрд.

**Хотима ёфтани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ**. 11 ноябри соли 1918 сарфармондеҳи артиши Фаронса маршал Фош дар стансияи Ретонд, воқеъ дар ҷангали Компъен, дар вагони худ вакилони Олмонро қабул намуда, шартҳои Созишномаи сулҳро ба онҳо пешниҳод кард. Вакилони Олмон ба акти таслимшавӣ имзо гузоштанд. Соати 11 пагоҳии ҳамон рӯз дар ҳамаи ҷабҳаҳо оташбас эълон карда шуд. Бо ҳамин Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба охир расид.

Мувофиқи шартномаи сулҳ Олмон вазифадор карда шуд, ки дар зарфи 15 рӯз ҳамаи сипоҳиёни худро аз Фаронса, Белгия, Люксембург, Туркия, Руминия, Австро-Венгрия, аз соҳилҳои чапи дарёи Рейни Олмон ва мустамликаҳои африқоӣ барорад. Инчунин, Олмон бояд як қисми лавозимоти ҳарбӣ, 5 ҳазор паровоз, 150 ҳазор вагон, 5 ҳазор мошини боркаш ва ғайраро ба Антанта бидиҳад. Лашкари Антанта дар Олмон «ҳар қадар

зарур бошад, ҳамон қадар истад»,- чунин навишта шуда буд, дар шартҳои созишномаи сулҳ.

Сарфи назар аз он ки Олмон ба ҷанг тайёрии хуб дида буд, ҳамроҳи иттифоқчиёнаш шикаст хӯрд. Империяҳои Туркия, Австро-Венгрия ва Олмон аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шуданд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, ки империалистон тайёр карда буданд, ба сари мардуми ҷаҳон бадбахтиҳои зиёде овард. Шумораи ҳалокшудагон зиёда аз 10 миллион ва маъюбон қариб 20 миллион нафарро ташкил карданд. Ин ҷанг аз се як ҳиссаи бойигарии миллии давлатҳои асосии ҷангкунандаро нест кард. Хароҷоти умумии ҷанг тахминан 80 миллиард доллари Америкаиро ташкил намуд.

### МАЪХАЗ ВА САНАДҲО

### 1.ТОРУМОР КАРДА ШУДАНИ АРТИШИ ИТАЛИЯ ДАР МУҲОРИБАИ НАЗДИ КАПОРЕТТО МОҲИ ОКТЯБРИ СОЛИ 1917

Моҳи октябри соли 1917 оромиро дар ҷабҳаҳои шарқӣ ва ғарбӣ истифода бурда, фармондеҳи Австрия ва Олмон қарор дод, ки дар ҷабҳаи Италия ба ҳуҷуми калон гузарад, то ки онро таслим намуда, захираҳояшро аз худ кунад. Ҳамлаи артиши Австрияю Олмон бо торумори артиши Италия анҷом ёфт. Вайро аз пурра нобуд кардан танҳо ба он ҷо омадани ҷузъу томҳои артиши Англияю Фаронса наҷот дод.

Дар поён порчаҳоро аз хотироти Ллойд Ҷорҷ меорем, ки ӯ соли 1917 нахуствазири Англия буд.

«...Охирҳои моҳи октябр артиши Олмон дар Фаронса бо қаноти рости худ лашкари иттифоқчиёнро боздошта, бо қаноти чапаш дар Алпҳои Штирий ба артиши Италия зарба зад. Зарбаи тевтониҳо таъсири маҳвкунанда дошт. Артиши Италия пахш карда шуд ва он бетартибона ба ақиб баргашт. Вай дар понздаҳ рӯз то 70 мил ақиб нишаста, 600 ҳазор нафарашон куштаю захмӣ шуданд, ба асорат афтоданд ва бе ному нишон гум шуданд...Аз артиллерияи нокифояи италиявӣ 31952 адад сипоҳи вазнин ба дасти рақиб афтод. Қаламрави бузург низ аз даст рафт, лекин ин талафот аз ҷиҳати аҳамияти худ нисбат ба талафоти одамӣ, силоҳ ва лавозимоти ҳарбӣ ҳеҷ аст...

Ба Италия омада расидан замон ман ба шикоятҳои афсарони англис шинос шудам.

Дивизияҳои бутун ҳамчун заррачаҳо...пароканда шуданд. Чӣ қадар дивизияҳо нест гардиданд...Баъзе дивизияҳо бе артиллерия ва корвон дар байни ҳамдигар робитаи худро базӯр нигоҳ дошта тавонистаанд. Чӣ хел дивизияҳо? Кӣ инро гуфта метавонад? Ба ҳар ҳол ситоди кулли италиявӣ не...»

## 2. ОШӮБҲО ДАР АРТИШИ ФАРОНСА ТОБИСТОНИ СОЛИ 1917

*(Аз хотироти яке аз иштирокчиёни ошӯбҳо)*

Июни соли 1917 ман дар батареяи 137-ум будам ва дар Серши воқеъ дар наздикии Суассерини (Эне) аз даромадан ба окопҳо саркашӣ кардем.

Ёд дорам, ки чӣ тавр ман ба полки 132-юми пиёдагарди тамоман бетартиб омада будам. Полки 136-ум шӯриш бардошта, силоҳ дар даст дар баландии Гарн мавқеъ гирифт. Ин шӯриш бо ёрии аскарони савора пахш карда шуд.

Мо амри пешвоёнро интизор будем. Мо, артиши инқилобӣ, тайёр будем, ки ба Париж ҳамла орем.

Чӣ қадар рафиқон барои хиёнати «доҳиёни сотсиалистӣ»-и он замон ҷонҳои худро аз даст доданд...»

## 3. ҲУҶУМИ БЕБАРОРИ ФАРОНСАВИҲО ДАР ҶАБҲАИ ҒАРБӢ, МОҲИ АПРЕЛИ СОЛИ 1917

«...Имрӯз бо муҳорибаи даҳшатноки 16 апрел тамом шуд. Мо дар ҷойи истодаамон мондем. Орзуҳои пагоҳии мо чӣ тавр дастнорас буданд. Аз дур манораҳои Лион намудор буданд, ки ба мо бо тамасхур нигоҳ мекарданд. Охир мо дар бораи ҳуҷуми хушбахтона, бошуҷоат ва барқвор орзу мекардем. Тамоми артиш бояд дар он тарафи мавқеъҳои аз немисҳо ишғолкардаи мо мешуданд.

Аз ин изтироб, аз ин мотам, аз Замин бо дуди хуноғушта таассуфи бузурге бармеояд.

Ва ба суроғаи ҳамон касоне, ки бо як ишораи қалам аскарони беҳтарини моро ба марг маҳкум намуданд, суханҳои маломатомезу маҳкумкунанда баланд садо медиҳанд...»

Аз нутқи лейтенант Ибарнегаре дар маҷлиси пӯшидаи палатаи намояндагон, 29 июни с. 1917

## 4. ШАРТНОМА ДАР БАЙНИ ОЛМОН, АВСТРО-ВЕНГРИЯ, БУЛҒОРИСТОН ВА ТУРКИЯ, АЗ ЯК ТАРАФ ВА РУСИЯ АЗ ТАРАФИ ДИГАР, КИ ДАР БРЕСТ-ЛИТОВСК 3 МАРТИ СОЛИ 1918 БА ИМЗО РАСИДААСТ

***Моддаи 1.*** Русия аз як тараф ва Олмон, Австро-Венгрия, Булғористон ва Туркия аз тарафи дигар, эълон мекунанд, ки ҳолати ҷанг дар байни онҳо қатъ гардида, ба қарор омаданд, ки минбаъд бо ҳамдигар дӯстона зиндагӣ мекунанд...

***Моддаи 3.*** Вилоятҳое, ки дар тарафи ғарбӣ - аз гулӯгоҳе, ки ҷазираҳои Диго ва Эзелро аз қитъа ҷудо мекунанд, сар карда, ба воситаи халиҷи Рига, ба тарафи шарқтари Рига ба воситаи Фридрихштадт ва Двинск, Свентсяни дар шарқтари Лида, ба воситаи Волковск, Пружани, Каменетс-Литовск ва шимолтари Брест-Литовск воқеанд ва қаблан ба Русия тааллуқ доштанд, минбаъд дар зери ҳокимияти олии он намешаванд...

Русия аз ҳар гуна дахолат ба корҳои дохилии ин вилоятҳо даст мекашад. Олмон ва Австро-Венгрия ният доранд, ки дар оянда тақдири ин вилоятҳоро бо ҳамроҳии аҳолии онҳо ҳаллу фасл намоянд.

***Моддаи 4.*** Олмон тайёр аст, ҳамин ки сулҳи умумӣ баста шуд ва аз тарафи русҳо ҷавоб додани аскарҳо пурра анҷом ёфт, қаламрави дар шарқтари хати 3-юми дар сарҳати 1-ум нишондодаро тоза мекунад, чунки моддаи 6 муқаррароти

дигар надорад. Русия тамоми кори аз дасташ меомадагиро мекунад, то ки музофотҳои Анатолияи Шарқиро... тоза карда, бо тартиб ба Туркия баргардонад.

*Моддаи 9.* (Эълони тарафайн дар бораи даст кашидан аз ҷуброн кардани хароҷот ва зарари ҳарбӣ)

## 5.ТАСЛИМШАВИИ ОЛМОН

**Аз аҳднома дар бораи оштии иттифоқчиён бо Олмон, ки дар ҷангали Компъен 11 ноябри соли 1918 ба имзо расидааст.**

*Моддаи 1.* Дар хушкӣ ва дар ҳаво баъди 6 соати ба имзо расидани Созишномаи оштӣ бас кардани амалиёти ҳарбӣ.

*Моддаи 2.* Бетаъхир тарк кардани мамлакатҳои ишғолкардашуда: Белгия, Фаронса, Люксембург, ҳамчунин Элзас ва Лотарингия - дар зарфи 15 рӯз...

*Моддаи 4.* Аз ҷониби артиши Олмон монда рафтани лавозимоти ҳарбии зерин: 5 ҳазор тӯп, 25 ҳазор пулемёт, 3 ҳазор миномёт ва 1700-то самолёт, ба ин ҷумла ҳамаи Д-7 ва ҳамаи самолётҳои шабона бомбаборонкунанда дохиланд.

*Моддаи 5.* Кӯчидани артиши Олмон аз минтақаҳои соҳили чапи Рейн. Минтақаҳои соҳили чапи Рейн аз ҷониби ҳокимияти маҳаллӣ идора карда мешаванд, лекин зери назорати артиши ишғолии иттифоқчиён ва Иёлоти Муттаҳида...

...Дар соҳили рости дарёи Рейн, аз сарҳади Ҳолландия то сарҳади Швейтсария, дар байни дарё ва хати мувозӣ... ва аз он 10 км дуртар минтақаи бетараф ташкил карда мешавад...

*Моддаи 15.* Рад кардани шартномаҳои Бухарест, Брест-Литовск ва шартномаҳои иловагӣ.

*Моддаи 19.* Дар ҳеҷ чиз ҳуқуқи иттифоқчиён ва Иёлоти Муттаҳидаро вайрон накарда, дар оянда аз ҳар гуна талабот ва даъво даст кашидан.

Ҷуброн кардани зарари расонидашуда...

Таъҷилан баргардонидани маблағи нақди Бонки Миллии Белғия...

Баргардонидани тиллои рус ва румин, ки немисҳо гирифтаанд ва ё додаанд.

Ин тилло то бастани Созишномаи сулҳ барои нигоҳ доштан гирифта мешавад.

*Моддаи 26.* Вазъи муҳосира аз ҷониби иттифоқчиён ва давлатҳои ҳамроҳшуда мувофиқи шартҳои барои муҳосира амалкунанда боқӣ мемонад ва киштиҳои олмонии дар баҳрҳо дучоршуда дастгир карда мешаванд.

Иттифоқчиён ва Иёлоти Муттаҳида дар назар доранд, ки дар муҳлати оштӣ Олмон аз хӯрокворӣ ҳамон қадаре, ки зарур аст, таъмин карда мешавад.

Моддаи 33. Баъди ба имзо расидани аҳдномаи оштӣ дар зери парчами бетараф ба ягон хел гуселонидани киштиҳои тиҷоратии Олмон роҳ дода намешавад.

*Моддаи 34.* Муҳлати бастани аҳдномаи оштӣ 36 рӯз бо назардошти ҳуқуқи дароз кардани он муайян карда мешавад...

## САНАҲОИ МУҲИМ

IV.1917 – бо Олмон ҷанг эълон кардани ИМА

3.III.1917 – аз тоҷу тахти Русия даст кашидани император Николайи II

25.X.1917 – дар Русия ба амал омадани табаддулоти болшевикӣ ва дар он ҷо ҳукмрон гардидани диктатураи пролетариат

3.III.1918 – бо давлатҳои Иттифоқи Сегона Созишномаи алоҳидаи сулҳ баста, аз ҷанг баромадани Русияи Шӯравӣ

9.XI.1918 – сар задани инқилоб дар пойтахти Олмон - шаҳри Берлин

11.XI.1918 – ба охир расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ

1918-1920 – таҷовузи Антанта бар зидди Русияи Шӯравӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Кай ва чаро ИМА бо Олмон ҷанг эълон кард? **2.** Кай ва чӣ тавр дар Русия инқилоби буржуазию демократии Феврал ғалаба кард? **3.** Кай дар Русия табаддулоти болшевикӣ ба амал омад? **4.** Баҳори соли 1918 кадом давлатҳо бар зидди Русияи Шӯравӣ таҷовузи ҳарбӣ ташкил карданд? **5.** Кай ва чӣ тавр дар Олмон инқилоби демократӣ ғалаба кард? **6.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кай ва чӣ тавр ба охир расид? **7.** Чаро империяҳои Туркия, Австро-Венгрия ва Олмон пароканда шуданд? **8.** Ҳуҷҷатҳои мавзӯъро ҳангоми ба саволҳо ҷавоб додан дар ҷойи зарурӣ ба кор баред. **9.** Дар атрофи мазмуни ҳуҷҷатҳои мавзӯъ бо ҳамдарсон мубодилаи афкор доир намоед. **10.** Оё давлатҳои иштирокчии асосии ҷанг ба мақсадҳои худ ноил шуданд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ V

# МАДАНИЯТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА АВВАЛИ АСРИ XX

## § 34-35. МАОРИФ, ИЛМ ВА ТЕХНИКА

**Маориф.** Тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда дар охири асри XIX - аввали асри XX зарурати пешрафти маорифро тақозо мекард. Мамлакатҳои пешқадами демократӣ аз ҳамин сабаб барои маорифи халқ маблағҳои калон ҷудо мекарданд. Дар ин мамлакатҳо аксарияти кӯдакону наврасон имконият доштанд, ки дар мактабҳо бепул таҳсил кунанд.

Дар соҳаи маориф бештари мамлакатҳои Аврупо ва Америкаи Шимолӣ аз мамлакатҳои дигари ҷаҳон пеш меистоданд. Дар Англия, Фаронса, Швейтсария, Олмон, Италия, Белгия, Ҳолландия, ИМА, Русия, Канада ва баъзе мамлакатҳои дигар барои таҳсили насли наврас шароити беҳтар муҳайё карда шуда буд. Пешравии маорифи онҳо ба дараҷаи тараққиёти иқтисодиёт ва дастовардҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеа вобаста буд.

Дар аксари мамлакатҳои соҳибистиқлоли Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ маорифи халқ кам пеш рафт, чунки ин давлатҳо ҳанӯз имконияти зарурӣ надоштанд, ки аҳолиро саросар саводнок кунанд. Дар худи ҳамин қитъаҳо ва баъзе ҷойҳои дигари кураи Замин давлатҳое буданд, ки маорифи халқи онҳо дар зинаи хеле пасти тараққиёт меистод. Ба ин ду чиз халал мерасонд: дараҷаи пасти қувваҳои истеҳсолкунанда ва тобеияти мустамликавӣ. Бисёрии онҳо давраи феодалиро аз сар мегузарониданд. Баъзеашон ҳатто дар дараҷаи аз ин ҳам пасттари тараққиёт ҷой гирифта буданд.

Дар ин ва ё он обшинаи ҷамъиятӣ будан рафти табиии тараққиёти он давлатҳо буда, системаи мустамликадорӣ ҳам ба пешрафти иқтисодӣ ва ҳам ба маориф монеаи сунъӣ ба вуҷуд овард. Вай ин давлатҳоро, аз он ҷумла, дар соҳаи маориф ба муддати дуру дароз аз густариш

боздошт. Давлатҳои сармоядорӣ аз мустамликаҳо даромади калон гирифта, гами маърифати халкҳои онҳоро намехӯрданд.

**Илм.** Илм дар нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX бо ду роҳи асосӣ тараққӣ мекард - ба соҳаҳои майдатар тақсим шудани илмҳои алоҳида ва торафт мустаҳкамтар шудани робитаи байни илмҳо. Тадкиқи сохти модда, омӯзиши энергия ва сохти нави манзараи физикии олам самтҳои асосии тараққиёти илмҳо буданд.

Олимони мамолики гуногуни ҷаҳон ҳаракат мекарданд, ки бо ҳамдигар ҳамкорӣ карда, дар ин ва ё он соҳаи илм муваффақият ба даст дароранд. Барои ҳамин мақсад, соли 1875 Бюрои байналхалқии тарозу ва ченакҳо, соли 1896 Иттиҳоди байналхалқии заминченкунӣ, соли 1900 Иттиҳоди байналхалқии академикҳо ва соли 1912 дар шаҳри Париж Бюрои байналхалқии вакт таъсис дода шуданд.

## ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМҲОИ АЛОҲИДА

**Риёзӣ.** Инкишофи илмҳои табиатшиносӣ бе тараққиёти илми риёзӣ ғайриимкон буд ва на танҳо ин илм. Геометрияи ғайриэвлидӣ, ки асосгузори он Н.И.Лобачевский буд, дар охирҳои асри XIX - аввали асри XX боз ҳам инкишоф ёфт. Эстафетаи Н.И.Лобачевский ва ҳамсафони ӯ Я.Боляй ва К.Ф.Гаусро риёзишиноси немис Г.Риман қабул карда, назарияи геометрияи ғайриэвклидиро ба зинаи боз ҳам баландтари тараққиёт ва фаҳмиш баровард. Геометрияи фазоии дороии качии доимии мусбӣ ба ин олим тааллуқ дорад.

Кори олимони номбурдаро олими италиявӣ Э.Бертрани давом дода, геометрияро бо ғояҳои нави пешқадам ғанӣ гардонид. Соли 1868 ӯ бо номи «Тачрибаи шарҳи геометрияи ғайриэвклидӣ» рисолае чоп кунонд, ки он ба эътирофи аҳли илм сарфароз гардидани геометрияи гайриэвклидӣ кӯмак расонд.

**Ситорашиносӣ.** Асбобҳои нави тадқиқотӣ ба пешравии илми ситорашиносӣ кӯмак расонданд. Бо ёрии таҳлили спектралӣ, ки он ҳанӯз соли 1859 кашф карда шуда буд, ситорашиноси англис Ҷ. Локъер дар Офтоб хати спектреро ёфт, ки ба унсурҳои химиявии он вақт дар Замин маълум монанд буд. Ӯ ин унсурро гелиё (номи лотинии Офтоб) номид. Олими дигари англис У. Рамзай соли 1895 ин газро дар шароити лабораторӣ пайдо намуд.

Таҳлили спектралиро олимон барои омӯхтани ситораҳо ҳам истифода мебурдагӣ шуданд. Олими англис У. Хеггинс ба омӯзиши спектралии туманнокии берун аз Галактика ибтидо гузошт.

Дар Конгресси ситорашиносон, ки он соли 1887 дар ш. Париж баргузор гардид, қарор дода шуд, ки феҳрасти (каталог) ситораҳо тартиб дода шавад. Дар ин кор 18 расадхонаи ҷаҳон иштирок кард. Дар натиҷаи ин кор қариб 2 миллион ситораҳо дар ин феҳраст ба қайд гирифта шуданд.

**Физика**. Тараққиёти индавраинаи илми физика бо номи олими бузурги англис Ҷ.Максвелл алоқаманд аст. Ӯ назарияи умумии ҷараёнҳои электромагнитиро тартиб дод. Ҷ. Максвелл рӯшноиро ҳамчун як намуди ларзиши электромагнитӣ исбот намуд. Нишондодҳои Ҷ. Максвеллро Г.Гертс ва олимони дигар бо таҷрибаҳои худ тасдиқ ва инкишоф доданд. Самти тадқиқоти Ҷ. Максвелл ва Г.Гертсро давом дода, олими немис В.К.Рентген соли 1895 «шуои икс»-ро кашф кард, ки он имрӯз дар илми тиб ва соҳаҳои дигар ба таври васеъ ба кор бурда мешавад. Олими рус А.С. Попов усули нурафканӣ ва қабули мавҷҳои электромагнитиро барои алоқаи бесим кашф карда, баъд дар асоси онҳо радио сохт.

Ба илми физика олимони машҳури ҷаҳон - франсавиҳо А.Беккерел, Фредерик Жолио ва Мария Складовская-Кюри, Э.Рзерфорди англис, даниягӣ Нилс Бор ва олимони дигар саҳми сазовор гузоштаанд.

**Назарияи нисбияти Эйнштейн**. Назарияи олими бузурги немис А.Эйнштейн дар бораи нисбият яке аз кашфиётҳои муҳимтарини огози асри XX мебошад. Ӯ соли 1905 дар мақолаи худ «Оид ба электродинамикаи ҷисмҳои ҳаракаткунанда» дар бораи алоқамандӣ ва ба ҳамдигар вобаста будани фазо, вақт ва модда (материя) фикр баён карда, исбот намуд, ки дар ҷойи беҳаво (вакуум) суръати рушноӣ аз ҳар манбаъ ки бошад, ба самти суръати ҳаракати ин сарчашма ва мушоҳидачии он вобаста нест.

Дар физикаи классикӣ тасаввуроте ҳукмрон буд, ки мувофиқи он вақт ҳамчун як чизи устувори бетағйири мутлақи ба ҳеҷ гуна ҷараёнҳои моддӣ вобастанабуда ҳисобида мешуд. Вале назарияи нав фикри барои ҳамаи системаҳо ягона будани ҳисоби вақтро рад кард.

Пештар фазо ҳамчун ҷое ҳисоб карда мешуд, ки гӯё он «макони холӣ» ва мутлақ бетагйир бошад. Вале аз рӯйи назарияи нисбият маълум гардид, ки хосияти макон ва замон ба ҳаракати объектҳои моддӣ вобаста аст ва ҳар сеи онҳо бо ҳамдигар алоқаи ҷудонопазир доранд.

Ба ҷойи қонуни нютонии ҷозибаи ҷаҳонӣ, Эйнштейн ҳодисаи ҷозибаи байниҳамдигарии объектҳои моддиро пешниҳод кард. Ӯ исбот намуд, ки ҳамаи моддаҳо қувваи ҷозибаи ҳамдигарро ба тарафи худ кашидан доранд. Дар зери таъсири модда макон ва замон тагйир меёбанд. Масалан, самти рафти нур дар ҳамон сурате тагйир меёбад, ки дар наздикиҳои он объекти моддӣ мавҷуд бошад.



Алберт Эйнштейн.

**Химия.** Дар ин давра химия ҳам ба пеш қадами бузург гузошт. Соли 1869 олими рус Д.И.Менделеев системаи давраи унсурҳои химиявии худро чоп кард. Он вақт дар ҷадвали Менделеев ҳамагӣ 63 унсур мавҷуд буд, вале ӯ хосияти унсурҳои химиявиеро, ки ҳанӯз худи онҳо маълум набуданд, пешакӣ муайян карда, дар ҷадвал ҷойи онҳоро холӣ монд.

Дар солҳои 70-90-уми асри XIX муҳаққиқони химия унсурҳои нави химияро кашф карданд. Фаронсавӣ Лекок Буабодран галийро, швед Л.Ф.Нилсон скандийро, немис К.Винклер германийро, англис У.Рамзай дар таркиби ҳаво аргонро кашф кард. У. Рамзай соли 1898 бо ҳамроҳии Ҷ.Рэлей унсурҳои химиявии криптон, ксенон ва неонро кашф карданд.

Дар ин давра соҳаҳои нави химия ба вуҷуд омаданд. Алоқаи байниҳамдигарии химия ва физика имконият дод, ки физикаи химиявӣ ба вуҷудояд. Ҳисоби ҷараёнҳои химиявӣ ин илмро ба риёзӣ бештар алоқаманд кунонд. Электрохимия низ яке аз соҳаҳои химия гардид. Омӯзиши хосияти физикии кристаллҳо барои ба вуҷуд омадани стереохимия сабабгор шуд.

**Биология.** Дар ин илм инкишофи назарияи эволютсионӣ идома ёфт. Соли 1871 асари Чарлз Дарвин «Пайдоиши одам» аз чоп баромад. Аз ин пештар ӯ назарияи инкишофро кор карда баромада, дар ин бора асар навишт. Дарвин дар асоси таҳлили як қатор илмҳо дар бораи аз маймунҳои одамшакл пайдо шудани одам фикр баён кард.

Асосгузори услуби эволютсионӣ дар палеонтология В.А.Ковалевский ба шумор мерафт. Ӯ исбот намуд, ки ҷараёнҳои эволютсионии ширхӯрон ба ивазшавии муҳити зисти онҳо вобаста аст. Кори ӯро баъдтар олими белгиягӣ Л.Долло давом дод.

Олими чех Грегор Мендел қонунияти аз насл ба насл гузаштани нишонаҳои ирсиятро кор карда баромад. Ӯ исбот намуд, ки ирс аз чизҳои таркибие иборат аст, ки асоси моддии онро ташкил медиҳанд. Дар ибтидои асри XX олимони дигар пешгӯиҳои Г.Менделро исбот намуда, мақоми хромосомаҳоро дар ирсият муайян карданд. Онҳо ба хулоса омаданд, ки ҳар як хромосома аз воҳидҳои зиёди фоидаовар иборат аст.

Олими рус И.П.Павлов дар соҳаи системаи физиологияи дил ва рагҳои хунгард ва физиологияи ҳазм тадқиқот

гузаронид. Ӯ мақоми фаъолияти системаи асабро дар ҷараёнҳои физиологӣ санҷид. Бо ҳамин роҳ, И.П.Павлов назарияи рефлексҳои шартӣ ва ғайришартиро кор карда баромад.

Олими ҳолландӣ Г. ла Фрис ва олимони рус К.А. Тимирязев ва И.В.Мичурин ҳам дар инкишофи илми биологияи охири асри XIX - аввали асри XX саҳми калон гузоштаанд.

**Техника.** Дар ИМА солҳои 60-70-ум дар коркарди гӯшт, ордкунии ғалла ва маъданистеҳсолкунӣ конвейер истифода бурда шуд. Ин тарзи истеҳсол дар заводҳои Форд дар солҳои 1912-1913 такмил дода шуд. Конвейер сифати маҳсулотро беҳтар, миқдори онро зиёд ва ҷараёни истеҳсолотро қулай гардонид.

Нерӯи барқ сол то сол дар саноат ва нақлиёт бештар истифода бурда мешуд. Гузариши истеҳсолоти соҳибкорию корчаллонӣ ба автоматӣ ва хатҳои пайдарпай тақозо кард, ки генератор сохта шавад. Дар соҳаи барқ Э.Г.Грамм, Ф.Хефнер-Алтемек, М.Депре ва дигарон кор карданд. Дар асоси тадқиқоти онҳо барқгоҳи аввалин сохта шуд.

Дар миёнаи солҳои 80-ум ихтироъкорони немис Г.Даймлер ва К.Бентс типи нави ҳаракатдиҳандаи дарунсӯзро кор карда баромаданд, ки он бо бензин кор мекард. Ин ҳаракатдиҳанда дар нақлиёти берелс истифода бурда мешуд. Олими немис Р.Давал ҳаракатдиҳандаи нави дарунсӯзро сохт, ки он ба сӯзишвории вазнини моеъ кор мекард.



Трактори чархдор ва комбайн дар Калифорния.



Автомашинаи «Форд»

Саноати бо суръати тез тараққикунанда ва махсусан сохтмони роҳҳои оҳан маъдани зиёдро талаб мекарданд. Барои ҳамин. коркарди маъданро такмил додан лозим меомад. Дар баробари такмили истеҳсоли мартенӣ ва бессемерии маъдан, усули нави конвертории онро ихтироъкорони англис С.Ч.Томас ва П.Ч. Илкрис кор карда баромаданд. Маъдангудозон бо ин усул аз маъдан сулфур ва фосфорро ҷудо мекарданд. Ин кор имконият медод, ки маъдани зиёдтар истеҳсол карда шавад.

Дар даҳсолаҳои охири асри XIX олими рус И.Л.Кондаков бо роҳи махсус моддаи каучукро ба вуҷуд овард.

Дар ИМА дар нақлиёти роҳи оҳан «Системаи СБС» (сигнализатсия, блокировка, сентрализатсия - ба забони тоҷикӣ: хабардиҳӣ, марказонидан ва боздорӣ) сохта ба истифода дода шуд, ки он ҳаракати қатораҳоро бехавфтар гардонид. Дар нақлиёти роҳи оҳан ва кӯпруксозӣ пӯлод оҳанро танг карда баровард.

Соли 1891 дар Лондон радиуси аввалини метрои дар сатҳи чуқур сохташуда ба кор даромад. Ин намуди нави нақлиёт рӯз то рӯз зиёдтар мешуд.



Аэроплани Блерно, ки соли 1909 аз болои Ла-Манш парвоз карда буд.

Дар солҳои 90-ум дар ИМА, Швейтсария, Олмон, Италия, Англия роҳҳои оҳани барқии наздишаҳрӣ ва байнишаҳрӣ сохта ба истифода дода шуданд. Тепловози аввалине, ки бо сӯзишвории дизелӣ кор мекард ва суръати ҳаракаташ дар як соат 100 км буд, ба роҳ баромад.

Ба вуҷуд омадани нақлиёти автомобилӣ низ ба ҳамин давра рост омад. Дар солҳои 80-ум Г.Даймлер мотосикли дучарха ва К.Бенс автомобили сечарха сохтанд. Бо ҳамин, намуди нави нақлиёт тавлид ёфт.

Дар солҳои 90-ум падару писар Дамлонҳои швейтсарӣ дар автомобил чарххои резиниро истифода бурданд. Ба истеҳсоли оммавии автомобил бошад, саноатчии амрикоӣ Г.Форд асос гузоштааст. То огози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, дар зарфи 30 сол, дар ҷаҳон 2 миллион автомашина истеҳсол карда шуда буд.

Нақлиёти обӣ ва ҳавопаймо ҳам тараққӣ кард. Ба киштисозон муяссар гардид, киштиҳое созанд, ки ғунҷоишашон калон бошад ва бори зиёдеро аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонида тавонанд. Барои зарурати ҳарбӣ ҳам киштиҳои бузургҳаҷм сохта мешуданд. Дар соҳаи ҳавопаймоӣ тадқиқоти олимони рус К.Э.Сиолковский. Н.Е.Жуковский ва дигарон аҳамияти калон доштанд. Соли 1884 А.Ф.Можайский бо ҳавопаймое, ки ҳаракатдиҳандаи буғӣ дошт, парвоз кард. Ҳавопаймоеро, ки бо ҳаракатдиҳандаи бензинӣ кор мекард, бародарон Райтҳо сохтанд.



Манораи Эйфел дар Париж.

Аввали соли 1876 ду нафар ихтироъкори амрикоӣ А.Г. Белл ва И.Грей телефонро сохтанд. Баъд аз он ки соли 1878 аз тарафи Т.А.Эдисон микрофон ихтироъ карда шуд, телефон дар тамоми ҷаҳон паҳн гардид.

Радиоалоқа ба кор даромад. Ба сохтани асбобҳои аввалини барқӣ низ ибтидо гузошта шуд. Неруи барқ барои равшан кардани хонаҳо ҳам истифода бурда мешуд. Дастгоҳи фонографӣ ва кинематографӣ ихтироъ карда шуд. Дар кишоварзӣ истифодаи тракторҳо оғоз ёфт.

## САНАҲОИ МУҲИМ

**1859** – ихтироъ шудани таҳлили спектралии шуои Офтоб.

**1859** – аз тарафи Ч.Дарвин навишта шудани рисолаи «Пайдоиши намудҳо», ки дар он назарияи инкишоф пешниҳод гардидааст.

**1868** – аз тарафи олими италиявӣ З.Бертрани чоп кардани асари илмии «Таҷрибаи шарҳи геометрияи ғайриэвклидӣ».

**1869** – аз тарафи химики рус Д.И.Менделеев мураттаб шудани ҷадвали даврии унсурҳои химиявӣ.

**1871** – аз тарафи Ч.Дарвин навишта шудани рисолаи «Пайдоиши одам».

**1876** – аз тарафи ихтироъкорони амрикоӣ А.Г.Белл ва И.Грей ихтироъ шудани телефон.

**1873** – аз тарафи олими амрикоӣ Т.А.Эдисон ихтироъ шудани микрофон.

**1887** – дар шаҳри Париж барпо гардидани Конгресси байналхалқии ситорашиносон.

**189 1**– дар шаҳри Лондон ба кор даромадани хати аввалини метрополитен.

**1895** – аз тарафи олими англис У. Рамзай дар шароити лабораторӣ пайдо карда шудани газ.

**1895** – аз тарафи олими немис В.К. Рентген кашф шудани «шуои икс» - шуои рентген.

**1896** – ташкилёбии Иттиҳоди байналхалқии заминченкунӣ.
**1900** – ташкилёбии Иттиҳоди байналхалқии академияҳо.
**1905** – чоп шудани мақолаи А.Эйнштейн «Оид ба электродинамикаи ҷисмҳои ҳаракаткунанда», ки ба тавлиди назарияи нисбият ибтидо гузошт.
**1912** – дар шаҳри Париж ташкил ёфтани Бюрои байналхалқии вақт.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чаро дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон маориф нағз тараққӣ кард ва дар баъзе мамлакатҳои дигар он дар дараҷаи паст мондан гирифт? 2. Системаи мустамликадорӣ ба маорифи халқи мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ чӣ таъсир расонид? **3.** Дар бораи пешрафти илмҳои риёзӣ ва ситорашиносӣ маълумот диҳед. **4.** Тараққиёти илми физикаро бо мисолҳо исбот кунед. **5.** Дар бораи назарияи инкишофи Ч.Дарвин чиҳо медонед? **6.** Дар бораи назарияи нисбияти А. Эйнштейн фикри худро баён кунед. **7.** Оё системаи даврии унсурҳои химиявии Д.И.Менделеевро медонед? **8.** Олимон кадом унсурҳои химиявии навро кашф карданд? 9. Кадом иттиҳодияҳои байналхалқии илмӣ ташкил карда шуданд? **10.** Грегор Мендел ва И.П.Павлов дар илми табиатшиносӣ чӣ саҳм гузоштаанд? **11.** Дар бораи тараққиёти техника дар нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX нақл кунед. **12.** Чаро илм ва техника дар нимаи дуюми асри XIX-аввали асри XX маҳз дар мамлакатҳои Аврупо ва Америкаи Шимолӣ тараққӣ карданд? **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 36-37. АДАБИЁТ ВА САНЪАТ

**Адабиёт.** Рафти тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои сармоядорӣ, сиёсати истилогаронаи мамлакатҳои империалистӣ, норозигии аҳли тараққихоҳи демократии ҷаҳон аз ин сиёсат ба мазмуну мундариҷа ва самтҳои инкишофи адабиёт таъсир расонданд. Зарурат ба миён омад, ки дар шароити дигар ба ҳаёт ба тарзи нав нигариста, онро воқеъбинонатар инъикос намоянд. Адибон роҳҳои дар асарҳои худ дуруст инъикос кардани ҳаётро ҷустуҷӯ мекарданд.

Адабиёти реализми танқидӣ, ки дар асри XIX ба муваффақияти калон ноил гардида буд, дар охирҳои ин аср ва аввали ари XX боз ҳам густариш ёфт. Дар адабиёт ва санъат ҷараёнҳои нав ба майдон омаданд. Онҳо иллатҳои ҷомеаро ба зери танқиди сахт гирифта, роҳҳои халосиро аз бадбахтии ба сари мардум омада нишон доданӣ мешуданд.

**Натурализм**. Ин ҷараён аввал дар Фаронса ба вуҷуд омадааст ва он маънои «табиат»-ро дорад. Натурализм дар назар дошт, ки нависанда ва санъаткор бояд воқеаҳоро бо диққати том омӯхта, дар онҳо қонуниятҳои амиқро муайян кунанд, чи тавре ки қонунҳо дар физика, химия, табиатшиносӣ ва илмҳои дигар вуҷуд доранд. Натуралистон даъво доштанд, ки натурализм ягона фарҳанги аз ҷиҳати илмӣ асоснок аст. Вай ба адабиёту санъат хусусиятҳои ҳуҷҷатӣ медиҳад, яъне сурати воқеаро дақиқан муайян месозад. Дар асарҳои натуралистӣ образ, баҳодиҳӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф то дараҷае аз назар берун мемонданд. Аз сабаби он ки натуралистон ба асарҳои худ аз ҳад зиёд моҳияти биологӣ, физиологӣ, химиявӣ, физикӣ медоданд, қимати бадеии онҳо баланд набуд.

**Символизм**. Ин ҷараён дар Фаронса ҷавобан ба ҷараёни натурализм ба миён омадааст. Дар он ҷое, ки натурализм оҷизӣ мекард, ба ҷойи он символизм ба майдон мебаромад. Бар хилофи натурализм, символизм даъват мекард, ки воқеият ба ҳисоб гирифта нашавад. Реалистҳо мегуфтанд, ки воқеият ҳаматарафа ва эҷодкорона инъикос карда шавад, лекин символчиён боварии комил доштанд, ки аз «марзҳои воқеият» дур рафтан лозим аст. Муҳити зиндагӣ, ба ақидаи онҳо, ночиз буда, шоёни таваҷҷуҳи зиёд нест.

Ҳарчанд символизм ба муваффақияти калон ноил нашуд, вале он тавонист, ки дар адабиёт ва хусусан дар назм мартабаи суханро баланд бардорад. Аксарияти символчиён бесамар будани ҷустуҷӯҳои эҷодии худро дарк карда, оҳиста-оҳиста ба реализм гузаштанд.

**Футуризм**. Футуризм аз калимаи лотинии «футурус» - «оянда» гирифта шудааст. Ин ҷараёни адабӣ нисбат ба ҷараёнҳои дигари он дертар ба вуҷуд омадааст. Моҳияти ин ҷараён рад кардани

санъат мебошад. Аз назари футуристон санъат ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ бояд тамоман нест шуда, ба як қисми истеҳсолот, рӯзгор ва сиёсат табдил дода шавад. Хизмате, ки ин ҷараён кардааст, аз он иборат аст, ки ба санъат хусусияти «индустриалӣ» дод. Он барои зебо сохтани техникаи ҳозиразамон ва бинокорӣ кӯмак расонидааст.

**Декадентӣ.** Номи ин ҷараён аз калимаи фаронсавии «декаденс» - «таназзул» пайдо шудааст. Декадентӣ таъсири бевоситаи ғояҳои ифротӣ ба шуури адибон ва санъаткорон буд. Дар ин давраи мураккаб онҳо дар фаъолияти эҷодии худ мекалавиданд. Аз ҳамин сабаб, декадентиён мавқеи худро дар адабиёт ва санъат ба таври бояду шояд наёфтанд. Адибон ва санъаткорони ин равия бо қувваи одам ва пешравии минбаъдаи ҷомеа ба таври умедбахш боварӣ надоштанд.

**Идеологияи империализм.** Идеологҳои империализм аз гояҳои «озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ», ки як вақтҳо буржуазияи озодихоҳ эълон карда буд, даст кашиданд. Таърихшиносони ифротӣ гояҳои пешқадами инқилобҳои буржуазиро таҳриф карда, онҳоро хато ва арбобони намоёни онро шуҳратпарасту хоин меномиданд. Файласуфону иқтисодчиён ва олимони дигар барои «исбот» кардани қонунӣ будани сохти мавҷуда аз худ ҳар гуна назарияҳоро бофта мебароварданд ва сиёсати истилогаронаи хориҷии мамлакатҳои империалистиро ҳақ мебароварданд.

Файласуфи немис Фридрих Нитсше (1841-1900) яке аз машҳуртарин идеологҳои империализм буд. Ӯ таъкид мекард, ки одамон ба «ҷанобон» ва «ғуломон» тақсим шудаанд. «Ҷанобон - шахсони тавоно» ва «фавқулинсон» буда, барои онҳо «ҳама кор раво аст». «Ҷанобон» ҳаққу ҳуқуқ доранд, ки қонунҳои ахлоқро тамоман ба инобат нагиранд ва ҳар касеро, ки пеши роҳашонро мегирад, барои нафъи худ несту нобуд гардонанд.

Ин идеология «ҷангро маънии олии ҳаёт» номидааст. Беҳуда нест, ки баъдтар фашизм онро истифода бурд.

Барои ҳақ баровардани сиёсати истилогаронаи худ назариётчиёни империализм аз таълимоти олимони дигар, масалан, аз Чарлз Дарвин ҳам истифода мебурданд. Онҳо қонунҳои олами ҳайвонотро нисбат ба ҷомеаи инсонӣ татбиқ

карда, исбот мекарданд, ки мубориза барои ҳаёт ҷомеаро ба пеш ҳаракат медиҳад. Одамоне, ки аз гуруснагӣ мемиранд, сабаби танбалии онҳост. Ин назариётчиёнро дар таърих «сотсиал-дарвинчиён» номидаанд. Сотсиал-дарвинчиён беҳаёёна мегуфтанд, ки марги чунин одамон барои хушбахтии дигарон зарур аст.

**Адабиёти реалистӣ.** Адабиёти реалистии нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX камбудиҳои ҷомеаро нотарсона фош мекард. Яке аз машҳуртарин нависандаи реалисти он замон фаронсавӣ Эмил Золя буд. Ӯ дар романҳои бистҷилдаи худ, ки номи умумии «Ругон-Маккер» (Таърихи табиӣ ва иҷтимоии як оила дар солҳои Империяи дуюм)-ро гирифтаанд, ҳаёти ҳамаи табақаҳои ҷомеаи Фаронса - аз ашрофон сар карда, то табақаҳои коргару лашкарро инъикос кардааст. Вай дар ин асар зиддиятҳои иҷтимоии замони худро хеле хуб кушода тавонистааст.

Дар аввал Эмил Золя натуралист буд, вале баъд ба реализм ворид шуда, дар ин ҷараёни адабӣ машҳур гардид.

Эҷодиёти Ҷек Лондон аз эҷодиёти нависандагони дигар бо қатъият ва амиқии кушодани образҳои қаҳрамонҳо фарқ мекунад. Романи ӯ «Пойи оҳанин» аз азобу уқубати инсон дар охират пешгӯиҳо мекунад. Асари тарҷумаиҳолии Ҷ.Лондон «Мартин Иден» бо санъати баланди нависандагӣ иншо шудааст. Дар он муаллиф фоҷиаи ҳаёти эҷодкорро ба қалам додааст.

Дар ин давра адабиёти реалистии ИМА ба муваффақияти калон ноил гардид. Баъд аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861-1865 адабиёти ин мамлакат рӯ ба тараққӣ ниҳод. Инро дар эҷодиёти яке аз намояндагони машҳури адабиёти Амрико Марк Твен дидан мумкин аст. Ӯ ҳаҷвнигор бошад ҳам, тавассути ҳамин жанр воқеияти ҷомеаро хуб баён карда тавонистааст. «Аҷнабиҳо дар дарбори шоҳ», «Давродаври олам», «Саргузашти Том Сойер» ва «Саргузашти Геклберри Финн» исботи ин гуфтаҳо мебошанд.

Дар эҷодиёти нависандаи дигари машҳури ИМА Теодор Драйзер тарзи «зиндагии амрикоӣ»-ро мебинем. Ӯ дар асарҳои худ тарафи манфии «шукуфоии» Амрикоро ба хонандагон кушода додааст. Инро шумо аз романҳои «Хоҳар

Кёрри», «Ҷенни Герхардт», «Молиячӣ», «Титан» ва романҳои дигари ӯ дида метавонед. Дар онҳо Т.Драйзер ҷомеаи сармоядориро ба зери тозиёнаи шадиди танқид гирифтааст.

Ромен Роллан тавассути асари бисёрҷилдаи худ «Жан Кристоф» таназзули ахлоқии ҷомеаи буржуазии Фаронса ва Олмони замони худро ба қалам додааст. Қаҳрамони асари ӯ бастакор Кристоф ба разолат, риёкорӣ, фиребу найранг ва мансабпарастию ришвахӯрӣ тоқатнопазир аст. Асарҳои дигари Р.Роллан, аз он ҷумла, «Ярмарка дар майдон» низ фисқу фасоди ҷомеаи Фаронсаро фош кардааст.

Насли нави реалистон Ҷон Голсуорсӣ, Бернард Шоу, Герберт Уэлс ва дигарон ҳам бо асарҳои баландғояи худ обрӯи ҷаҳонӣ касб намудаанд. Онҳо мунофиқӣ, ғофилӣ ва маҳдудиятҳои табақаҳои болоии ҷомеаро бераҳмона танқид мекунанд.

Нависандаи машҳури немис Т.Ман дар асари машҳури худ «Империя» ҷиҳатҳои манфии ҷомеаи Олмонро фош намудааст. Дар саҳифаҳои он шумо бо шоҳону кайзерҳо, хоинону ашрофон, амалдорону императори Олмон Вилгелми II шинос мешавед ва мефаҳмед, ки онҳо чӣ хел инсонҳоянд. Ин нависанда дар пешрафти адабиёти ҳаҷвии ҷаҳон мақоми калон дорад.

Адабиёти реалистӣ на танҳо дар Аврупою Америка, инчунин дар баъзе мамлакатҳои қитъаҳои дигар ҳам пеш рафт, хусусан дар адабиёти Шарқ. Аз намояндагони он танҳо ду нафар А. Рюсскэи ҷопонӣ ва Р.Такури ҳиндиро ном мебарем. Яке тавассути новеллаҳо ғояҳои манфии замонро маҳкум мекунад, дигаре тавассути роману повестҳо ва ҳикояҳои худ бо мазмуни чуқури фалсафӣ ва завқи баланди бадеӣ мардумро даъват мекунад, ки барои истиқлолияти миллӣ мубориза баранд. Асарҳои Р.Такур ба проблемаҳои ҳаёти мардуми Ҳиндустон, ишқу муҳаббат ва зиддиятҳои иҷтимоии ҷомеа бахшида шудаанд. Романи «Завол»-и ӯ аз ҳамин қабил асарҳост.

**Реализми сотсиалистӣ.** Ин ҷараён ба ҳаракати коргарӣ ва пайдоиши идеологияи сотсиалистӣ алоқаманд аст. Он, асосан, аз Коммунаи Париж оғоз ёфтааст. Шоири коммунар Этен Потйе, ки шахсан дар баррикадаҳо бар зидди версалиён меҷангид, шеъри машҳури худ «Интернатсионал»-ро навишт, ки он баъдтар суруди коммунистон гардид. Дар қатори Э.

Потйе шоирони дигари Коммунаи Париж – Жан-Батиста, Луиза Мишел ва диғарон дар бораи мақсаду мароми синфи коргар ва мубориэаи он бар зидди буржуазия ва замони куҳна асарҳо эҷод кардаанд.

Дар солҳои 80-ум нависандаи коммунарҳо Жюл Валлес асари сегонаи «Жак-Ветра»-ро офарид, ки дар бораи ҳаёти вазнини қаҳрамони худ - аз бачагиаш сар карда, то ҷонбозиҳои ӯ дар сангарҳо накл мекунад.

Дар охирҳои асри XIX - аввали асри XX шоирону нависандагони дигари адабиёти реализми сотсиалистӣ ба воя расиданд ва на танҳо дар Фаронса.

Нависандаи маъруфи реализми сотсиалистии рус А.М.Горкий буд. Мо ғояҳои ин равияи реализмро дар «Таронаи мурғи тӯфон», «Таронаи мурги лочин», романи «Модар» ва асарҳои дигари ӯ баръало мебинем. А.М. Горкий ифодагари манфиатҳои синфи коргар ва деҳқон буд. Ӯ боварӣ дошт, ки синфи коргар бар буржуазия ғалаба мекунад.

Адабиёти реализми сотсиалистӣ дар мамлакатҳои дигар ҳам пайдо мешавад. Баъдтар он дар ИҶШС ва мамлакатҳои дигари сотсиалистӣ ба зинаи баланди тараққиёти худ расида, қисми таркибии идеологияи марксистиро ташкил намуд. Ин адабиёт хусусияти синфӣ дошт.

**Санъат.** Аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, санъат то соли 1918 дар Аврупои Ғарбӣ ва Америка роҳи бузурги тараққиётро тай кард. Дар ин давра дар байни ҷараёнҳои гуногуни он рақобат вуҷуд дошт. Оқибат санъати демократӣ ва реалистӣ арзи вуҷуд мекунад.

**Санъати рассомӣ.** Ба шарофати тараққиёти босуръати санъати реалистӣ дар баъзе мамлакатҳо санъати миллӣ хеле пеш рафт. Рассомон асарҳои реалистии шоёни тақозои замонро меофариданд. Инро мо дар мисоли Русия гуфта метавонем. Рассомони машҳури он замони ин мамлакат И.Е.Репин ва В.А.Серов обрӯйи ҷаҳонӣ пайдо намуданд.

Дар охири асри XIX - аввали асри XX санъати рассомии Фаронса дар Аврупо ва Америка мавқеи пешсафро ишгол мекард. Дар давоми қариб ним аср мактаби рассомии фаронсавӣ ба ҷаҳониён як гулдастаи рассомонро тухфа кард.

Дар ин гулдаста Эдуард Манэ, Эдгар Дега, Камилл Писарро. Огюст Ренуар, Клод Моне, Алфред Сислей ва Пикассои ҷавон мавқеи махсус доштанд.

Дар Олмон бошад, дар натиҷаи таъсири васвасаи миллатчигӣ ва ниқорталабии баъди галаба дар ҷанги солҳои 1870-1871 бар Фаронса, санъат рӯ ба таназзул ниҳод. Вале ба ҳар ҳол, дар ин мамлакат ҳам устодони забардасти санъати рассомӣ, ба монанди Вилгелм Лейбл ба воя расиданд.

**Театр.** Дар аксари мамлакатҳои Аврупо, Америкаи Шимолӣ ва баъзе мамлакатҳои дигар театрҳое, ки ба реализм рӯ оварда буданд, ба муваффақият ноил шуданд.

Тараққиёти театри Русия дар охирҳои асри XIX - аввали асри XX ба комёбиҳои санъати реалистӣ вобаста буд. Ҳунарманди машҳури рус М.Н.Ермолова, ки дар Театри хурд кор мекард, ба образҳои классикаи русу ҷаҳонӣ руҳи замонавӣ мебахшид. В.Ф.Комиссаржевская аз М.Н.Ермолова монданӣ надошт. Ӯ бо маҳорати баланди актёрӣ аз актёрони дигар фарқ мекард.

Аз тарафи К.С.Станиславский ва В.И.Немирович-Данченко ташкил карда шудани Театри бадеии Москва воқеаи муҳими мадании Русия буд.

Чунин мисолҳоро дар бораи ҳаёти театрии Фаронсаю Олмон, Италияву Англия, Амрикою Австрия ва мамлакатҳои дигари пешқадами ҳамонвақта ҳам овардан мумкин аст. Дар ин давра санъати саҳнавии ҷаҳон ба зинаи баландтари камолёбии худ қадам мегузошт. Бо вуҷуди ин, он дар аксар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, Осиё, Африқо ва баъзе давлатҳои Аврупо ҳанӯз тараққӣ накарда буд.

**Ҳайкалтарошӣ.** Ин навъи санъат бештар дар Фаронса ва ИМА тараққӣ кард. Асарҳои ҳайкалтарошони фаронсавӣ Огюст Роден "Шаҳрванди Кале", "Бӯса", "Мутафаккир" ва гайра аз рӯйи драматизм, услуби ифодаёбӣ ва санъати баланди худ, ки зебоӣ ва мардонагии инсонро тараннум кардаанд, касро мафтун мекунанд.

Ҳайкалтарошони дигари фаронсавӣ Аристид Майол ва Антуан Бурдел устодони бузурги санъати ҳайкалтарошии асри XX гардиданд. Эҷодиёти Бурдел, ки ба санъати монументалӣ тааллуқ дорад ва асарҳои Майол, ки бо зебоии рӯҳӣ ва

ҷисмонии инсон марбутанд ва аз санъати ҳайкалтарошии Юнони қадим дарак медиҳанд, ба ин намуди санъат рӯҳи тоза бахшидаанд.

Шарл Деспио, ки низ фаронсавӣ мебошад, ҳайкалтароши немис Георг Колбе ва амрикоӣ Огастес Сент-Годенсро ҳам бо Аристид Майол ва Антуан Бурдел дар як саф гузоштан мумкин аст. Онҳо санъати ҳайкалтароширо бо асарҳои баландмазмуни худ ганӣ гардонидаанд.

**Меъморӣ.** Дар санъати меъморӣ типи нави сохтусозҳои муҳандисӣ пайдо шуданд. Кӯпруки Брунклин, ки онро падару писар Рёблингҳо дар Ню-Йорк сохтаанд ва манораи баланди машҳури оҳанине, ки онро муҳандис А. Г. Эйфел барои Намоишгоҳи умумиҷаҳонии соли 1889 дар шаҳри Париж сохта буд, аз бузургтарин иншооти санъати меъмории он замон мебошанд.

Меъмори амрикоӣ Люис бо ёрии системаи болҳои оҳану бетонӣ ва лифтҳо ба сохтани биноҳои аввалини азими сарбафалаккашида сар кард. Дар баробари ин, меъморон бо зебову дилкаш сохтани биноҳои истиқоматию ҷамъиятӣ ва иншооти дигари меъморию муҳандисии боҳашамат диққати махсус медодагӣ мешаванд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1.Дар бораи хусусиятҳои адабиёт ва санъати нимаи дуюми асри XIX-аввали асри XX нақл кунед. 2. Моҳияти ҷараёнҳои натурализм ва символизмро дар адабиёт ва санъат шарҳ диҳед. 3.Футуризм ва декадентӣ чӣ хел ҷараёнҳои адабиёт ва санъат ҳастанд? Оё онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд? 4. Дар бораи моҳияти идеологияи империалистӣ маълумот диҳед. 5. Дар бораи гояҳои сиёсию иҷтимоии Фридрих Нитсше чӣ медонед? 6. Назарияи “сотсиал-дарвинизм” дар бораи чӣ баҳс мекунад? 7. Адабиёти реалистӣ чист? Реализм чанд хел мешавад? Дар бораи онҳо далелҳо биёред. 8. Реализми сотсиалистӣ чӣ хел ҷараён аст? 9. Дар бораи санъати рассомии охирҳои асри XIX - аввали асри XX-и ҷаҳон маълумот диҳед. 10. Дар

бораи муваффақиятҳои ҳайкалтарошии индавраинаи Ғарб чиҳо гуфта метавонед? 11. Кадом иншооти бузурги меъмории нимаи дуюми асри XIX-и ҷаҳонро медонед? Онҳоро киҳо сохтаанд?

## МУНДАРИЧА

Муқаддима............................................................................ 3

БОБИ I.
МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ
§ 1. Мамлакатҳои империалистӣ дар роҳи аз нав тақсим кардани ҷаҳон........................................................................... 5

БОБИ II.
МАМЛАКАТҲОИ АВРУПО ВА АМЕРИКА

§ 2. Англия дар солҳои 50-60-уми асри XX.................. 17
§ 3. Англия дар охири асри XIX - аввали асри XX......... 24
§ 4. Муттаҳидшавии Италия ........................................ 32
§ 5. Ҷанги Фаронса ва Пруссия..................................... 41
§ 6. Фаронса дар охири асри XIX - аввали асри XX....... 49
§ 7. Олмон дар охири асри XIX - аввали асри XX ......... 55
§ 8. Русия дар нимаи дуюми асри XIX ......................... 66
§ 9. Русия дар ибтидои асри XX.................................... 71
§ 10. Империяи Австро-Венгрия дар нимаи дуюми асри XIX - аввали асри XX...................... 82
§ 11. Испания дар асри XIX - аввали асри XX............. 92
§ 12. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз оғози асри XIX то анҷоми Ҷанги мулкӣ....................... 106

§ 13. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар охири
асри XIX - аввали асри XX.................................. 119
§ 14. Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ........................ 130

БОБИ III.
МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИҚО.................... 140

§ 15. Чин............................................................ 141
§ 16. Корея........................................................ 151
§ 17. Муғулистон.............................................. 159
§ 18. Ҷопон....................................................... 164
§ 19. Филиппин................................................. 173
§ 20. Ветнам..................................................... 179
§ 21. Индонезия................................................ 188
§ 22. Ҳиндустон................................................ 195
§ 23. Афғонистон............................................... 208
§ 24. Эрон.......................................................... 218
§ 25. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ: Аморати Бухоро,
хонигариҳои Қуқанд ва Хева.............................. 230
§ 26. Империяи Туркия...................................... 243
§ 27. Мамлакатҳои Араб.................................... 258
§ 28. Ҳабашистон.............................................. 278
§ 29. Мамлакатҳои ҷанубтари Саҳрои Кабир
ва Африқои Ҷанубӣ ............................................ 283

## БОБИ IV.
## ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

§ 30-31. Оғози ҷанг. Амалиёти ҳарбӣ дар солҳои 1914 – 1916........................................................ 295
§ 32-33. Рафти ҷанг дар солҳои 1917–1918 ва хотима ёфтани он.......................................... 305

## БОБИ V.
## МАДАНИЯТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

§ 34-35. Маориф, илм ва техника................................ 315
§ 36-37. Адабиёт ва санъат........................................ 324

Таварали Нозимпур Зиёзода

# Таърихи умумӣ

Китоби дарсӣ барои синфи 8-ум

**Муҳаррири масъул** Сайфуллоҳ МАҲКАМОВ
**Муҳаррири техникӣ** Иброҳим БОБОЕВ
**Мусаҳҳеҳ** Сайфуллоҳ МАҲКАМОВ
**Тарроҳ ва саҳифабанд** Фирӯза АБДУЛЛОЕВА

Ба чоп имзо шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет.
Андоза 60 x 90 1/16. Ҷузъи чопӣ 21.
Адади нашр 100 000
Супориши № 8

**КВД** «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе»
734063 Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126